# БОҒИ НАКӮКОРОН
## (РИЁЗУ-С-СОЛИҲИН)

***Маҷмуаи гиронмоя аз***
***аҳодиси Паёмбари бузурги ислом (с)***

* * *

Ин китоб баргузидаи асари маъруфи олими тавонои асри XII Абузакариё ибни Шарафи Наввавӣ «Риёзу-с-солиҳин» аст. Ин асар дар робита ба муҳимтарин мавзӯъҳои ҳаёти башарият аз ҳукми Худованди бузург дар Қуръони маҷид ва суннати Паёмбари Худо (с) оёт ва аҳодисро бо тавзеҳ гирд овардааст ва дар олами ислом пас аз «Сиҳоҳ»-и шашгона мақоми хос ба худ касб кардааст. Асар барои доираи васеи аҳли илм, ҷавонон ва махсусан толибилмон тавсия мешавад.

* * *


*Номи китоб:* **Боғи накӯкорон** (тарҷумаи тоҷикии «Риёзу-с-солиҳин»)

*Муаллиф:* **Абузакариё ибни Шарафи НАВВАВӢ**

*Тарҷума:* **Абдуллоҳ Хомӯши ҲИРАВӢ**

*Баргардон аз матни форсӣ:* **Абдулҳалим ОРИФӢ**

*Муҳаррири матни тоҷикӣ:* **Саидаҳмади ҚАЛАНДАР**

**Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим**

# МУҚАДДИМАИ НОШИР

Ҳамду ситоиш Худоеростк, ки Парвардигори оламиён мебошад ва дуруду салом бар бандаву паёмбараш Муҳаммад (с), ки ӯ беҳтарин ва охири паёмбарон аст ва бар хонадон ва ёронаш ва бар онҳое, ки эшонро то рӯзи қиёмат пайравии хуб карданд.

Аммо баъд: Дар ҳақиқат китоби «Риёзу-с-солиҳин» (Боғи накӯкорон)-и имом Абузакариё Яҳё ибни Шарафи Наввавӣ аз ҷумлаи муҳимтарин китобҳоест, ки дар боби тарғибу даъват ба аъмоли накӯ, ахлоқу одоби ҳамида ва барҳазар намудан аз маъсияту гуноҳ, кирдорҳои бад ва ахлоқи зишт таълиф шуданд.

Воқиан, китоби мазкур дар миёни тамоми мусалмонони дунё мавриди қабул ва истифода қарор гирифт, ки ба чандин забонҳо тарҷума гардида, хатибҳо ва уламо бар минбарҳо аз он хутба медиҳанд ва низ баъди адои намозҳои фарзӣ дар масҷидҳо аз ин китоби арзишманд ба мардум панду андарз ва дарсҳои ахлоқӣ медиҳанд, ки ҳама одамон аз он истифодаву баҳра мебаранд.

Идораи нашаротии «Дору-с-салом» қаблан ин китобро чоп карда буд. Вақте дид, ки баъзе калимаҳову ҷумлаҳои он ба эзоҳот ва шарҳ ниёз доранд, аз шайх Сафийюрраҳмон Муборакпурӣ дархост намуд, ки ба қадри имкон ва бо ихтисор онҳоро тавзиҳу шарҳ диҳад. Мавсуф тибқи хоставу пешниҳоди ношир ибораҳои душворфаҳми онро шарҳу эзоҳи кӯтоҳ навишт ва ҳамчунин шайх Салоҳуддини Юсуф аз Покистон бар

аҳодиси китоби ҳозир тахриҷ *(баёни сарчашмаи аҳодис)* навишт.

Дар оғози китоб тарҷимаи ҳоли имом Наввавиро аз китобҳои *«Тазкирату-л-ҳуффоз»*-и Заҳабӣ ва *«Табақоту-ш-шофиъити-л-кубро»*-и Ибни Сабкӣ ба таври ихтисор овардем. Аз шайх Сафийюрраҳмон Муборакпурӣ ва шайх Салоҳуддини Юсуф ва тамоми бародароне, ки дар таҳия ва тасҳеҳи ин китоб саҳм гузоштанд, изҳори сипос ва қадрдонӣ мекунем.

Дар фарҷоми сухан аз Худованди таъоло масъалат менамоем, ки тамоми мусалмононро дар гӯшаву канори дунё аз китоби ҳозир баҳраманд гардонад ва муаллифи он ва низ тамоми бародарони пажуҳишгари «Дору-с-салом»-ро аз ҷониби мо ва тамоми уммати Муҳаммад (с) подоши накӯ ато фармояд ва барояшон дар ин ҷода муваффақиятҳои бештар иноят фармояд. Дуруду саломҳои фаровон бар беҳтарини одамон ҳазрати Муҳаммад (с) ва бар хонадон ва ёронаш бод.

***Ходими Қуръон ва Суннат:***
**Абдулмолик Муҷоҳид ибни Муҳаммад Юнус**
***Мудири дафтари нашаротии «Дору-с-салом» дар Риёз***

# ЗИНДАГИНОМАИ МУАЛЛИФ

***Насаб, таваллуд ва огози илмомӯзӣ:***

Номи аслии ӯ Яҳё ибни Шараф ибни Муррӣ ибни Ҳасан ибни Ҳусайн ибни Муҳаммад ибни Ҷумъа ибни Ҳизом Абузакариё Наввавии Димашқӣ аст. Ӯ моҳи муҳаррами соли 631-и ҳиҷрии қамарӣ дар Наво ном мавзеъи тобеъи Ҳеврони Димашқ (Сурияи ҳозира) ба дунё омадааст. Тибқи мушоҳидаҳои ҳамасронаш ӯ соҳиби истеъдоди фавқулъодда ва фитрату зеҳни тавоно будааст, ки илова бар ҳифзи Қуръони карим чандин китобҳои илми шариатро дар муддати андак дар Димашқ азёд намуд.

Бо дарки истеъдоди баланди Абузакариё падараш таълимро барои вай дар Наво ғайриқонеъ дониста, ӯро соли 649-и ҳиҷрии қамарӣ ба Димашқ бурд. Имом назди бузургтарин уламои замони худ, аз қабили Шайх Абдулборӣ ибни Абдулмалик ар-Рубъӣ, Шайх Абдурраҳмон ибни Иброҳим ибни Фаркоҳ, Имоми фақиҳ Камолиддин Исҳоқ ибни Аҳмад, ибни Усмони Мағрибӣ, аллома Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Малик ал-Ҷийёнӣ, аллома Абулфатҳ Умар ибни Бандор ибни Алӣ ат-Тифлисӣ аш-Шофиъӣ дарс хонд ва дар замони зиндагӣ то ба имрӯз чун олими бузург ва камназир шӯҳрат ёфт. Яке аз ҳамасронаш шайх Абулҳасан ибни Аттор мегӯяд, ки шайх Муҳиддин Наввавӣ боре ба ман аз илмомӯзиаш чунин қисса намуд, ки ҳар рӯз дар назди устодонаш дувоздаҳ дарс дар илмҳои ҳадис, таърихи риҷол ва ровиёни ҳадис, усули дин ва тафсир, усули фиқҳ, қавоъиди забони Араб ва мантиқ меомӯхтам ва Худованд

чунон вақтҳои бобаракат ба ман дода буд, ки тамоми калимоту ҷумлаҳои душворфаҳми дарсҳои мазкурро шарҳу тавзеҳот навишта, аз худ мекардам.

***Ҷаҳду талош ва парҳезгории ӯ:***

Чунончи Ибни Аттор мегӯяд: Имом Наввавӣ дар овони кӯдакӣ, толибилмӣ ва замони устод буданаш ягон лаҳза вақти худро бекор намегузаронд, балки ҳамеша дар ҳифзу азбаркунии илмҳои тафсир ва ҳадис мекӯшид ва дар зуҳду порсоӣ, тарбияву тасфияи ботин саромади рӯзгори хеш гардида буд. Вай ҳар рӯз як бор вақти саҳар каме хӯрок тановул мекард, ҳамчунин аз хӯрдани меваҳо ва сабзаҷот худдорӣ карда мегуфт: «метарсам, ки ҷисмам рутубат гирифта, хоболуд гардам.»

Дар бораи зуҳду порсоии ӯ муаррихи бузурги Ислом имом Заҳабӣ мегӯяд: Имом Наввавӣ дар вақти омӯзиш ва тадрис дар Димашқ фақат ба пуле, ки падараш барои ӯ мефиристод, рӯзгузаронӣ мекард ва аз инъомот ва бахшишҳои Дору-л-ҳадис чизе намегирифт ва инчунин аз касе ҳам чизе намепазируфт ва фақат аз шахсоне, ки ба диёнат ва шахсияташон ошноии комил дошт, қабул мекард.

***Таълифоташ:***

Дар илми ҳадис *Шарҳи Саҳиҳи Муслим*, китоби *Риёзу-с-солиҳин, Ал-азкор, Арбаъини Наввавӣ, Ал-хулоса, Ал-иршод, Мухтасари Усду-л-гоба, Тақриби шарҳи Муқаддимаи Ибни Салоҳ* ва китоби *Ат-тибён*-ро навиштааст.

Дар илми фиқҳ: *Равзату-т-толибин*, ки аз 12 ҷилд иборат аст ва *Ал-минҳоҷ, Ал-изоҳ, Маҷмӯъ ва Фатово*-ро таълиф намуд.

Дар забони Араб ва шарҳи ҳоли *Таҳзибу-л-асмо ва-л-лугот, Табақоту-л-фуқаҳо* ва *Таҳрири алфози Ат-танбиҳ*-ро тасниф кард.

Имом Наввавӣ илова бар таълифот, таълим ва тадриси шогирдон ёздаҳ сол сарварии устодони Дору-л-ҳадиси Ашрафия-ро ба ӯҳда дошт.

***Мавқеъи ӯ бо подшоҳон ва ҳокимон:***

Вай ҳамеша мардум, бахусус ҳокимон ва подшоҳонро насиҳат карда, амалҳои бад ва зулму ситами онҳоро ошкоро маҳкум менамуд ва дар ин роҳ аз ҳеҷ кас ҳарос надошт. Боре мардуми Шом ба сабаби хушксолӣ ба қаҳтиву вазъи ногуворе мубтало шуданд, ки барои шафоати онҳо имом Наввавӣ ба подшоҳи Шом Бадриддин нома навишта, ӯро ба саховату карам ва кӯмаки мардум ташвиқу тарғиб намуд.

Номаҳои ҷасуронаи вай ба подшоҳи саркаш Малик Зоҳир, ки дар онҳо вайро амри ба маъруф ва наҳй аз мункар кардааст, хеле маъруфу машҳур ҳастанд.

Аз ин рӯ, шайх Ибни Фараҳ, ки имом Наввавиро ҳадис таълим медод, гуфт: ҳақиқатан, шайх Муҳиддин Наввавӣ ба се мартабаи илму камолот расидааст: илм, зуҳду порсоӣ, амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар (даъват).

***Вафоташ:***

Имом Наввавӣ баъди 28 соли иқомат, тадрис ва навиштани асарҳояш ба Наво назди падараш рафта, баъди беморӣ дар шаби 24 моҳи муборакии раҷаби соли 676-и ҳиҷрии қамарӣ олами фониро падруд гуфт ва ҷаҳонеро бо фуқдони хеш ғарқи ғаму андӯҳ кард.

***Ибни Сабкӣ*** дар китобаш *«Табақоту-ш-шофиъияти-л-кубро»* мегӯяд: шайх, аллома Муҳиддин Наввавӣ шайху-л-ислом, устоди мутаххирин, ҳуҷҷату-л-лоҳ ва даъваткунандаи роҳи салафи солиҳ ба ҳисоб меравад.

Ӯ дорои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва мақоми баланди илми дин буд. Аз зуҳду порсоӣ, пайравии салафи солиҳ ва сабру таҳаммул дар корҳои хайр чунон бархӯрдор буд, ки ба дунёву мазоҳири он ҳеҷ таваҷҷӯҳ надошт ва ҳамеша дар пайи ободӣ ва равнақи динаш кӯшиш ва талош менамуд.

Илова бар ин, вай дар илмҳои ҳадис, таърихи риҷоли он, фиқҳ, луғат, қавоъиди забони Араб, мантиқ ва усули фиқҳ дониши комил ва маҳорати вофир дошт.

Имом Наввавӣ аз овони кӯдакӣ баҳраи кофӣ аз тақво дошт. Шайх Юсуф ибни Ёсин Мирокашӣ мегӯяд: ман шайх

Наввавиро дар синни даҳсолагӣ дар Наво дидам, ки кӯдакон ӯро ба бозӣ маҷбур мекарданд, вале ӯ аз онҳо гурехта мегирист ва дар он ҳол машғули тиловати Қуръон буд. Аз ин рӯ меҳраш дар дилам ҷой гирифт. Падараш ӯро дар дӯконе шогирд карда буд ва ӯ ба ҷуз тиловати Қуръон ба хариду фурӯш намепардохт. Ман назди муаллимаш рафта гуфтам: Туро дар мавриди ин писар тавсия мекунам, умед аст, ки ин писар донотарину парҳезгортарини мардум шавад. Гуфт оё мунаҷҷимӣ? Гуфтам не, вале Худованд ин суханро бар забонам ҷорӣ сохт. Ин сухан ба падараш расид ва беш аз пеш дар тарбияташ ҳиммат гумошт, то Қуръонро аз бар намуд, ки дар он ҳангом ба синни булуғ наздик шуда буд.

# МУҚАДДИМАИ МУАЛЛИФ

Сано бод мар Худованди яктои чираву ғолиб ва омурзандаро, ки бар рӯз либоси шаб мегустуронад, то панде бошад мар соҳибони чашму дилро ва биноие бошад, мар ононеро, ки соҳиби хирад ва андешаанд ва аз ҳақоиқу ҳаводиси олам панду ибрат мегиранд.

Худованде, ки аз миёни бандагонаш иддаеро бедорӣ насиб фармуду эшонро баргузид ва дар ин дунё неъмати зуҳду порсоиро барояшон арзонӣ ва ононро ба тадовуми фикру андеша ва мулозимати зикру пандгирӣ ва муроқибати хеш машғул дошт ва инчунин ононро тавфиқ дод, ки бар тоъаташ пайвастагӣ кунанд ва барои сарои охират худро омода созанд ва аз он чи ӯро ба хашм оварда боиси ҳалокат мешавад, худро барҳазар дошта ва дар таҳти ҳар гуна шароиту аҳвол бар ин умур мувозибату пайвастагӣ намоянд.

Ситоиш мегӯям ва расотарину покизатарин ва шомилтарину бештарин саноҳоро ба ҳузураш тақдим мекунам ва гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳи некӯкору бахшояндаи меҳрубон нест ва Муҳаммад бандаву фиристода ва ҳабибу дӯсти Худост, он ки ба сӯи роҳи рост ва дини собиту барҳақ ҳидоятгар аст. Дуруду саломҳои Худо бар ӯ ва дигар паёмбарон ва ҳамаи фарзандонашон ва бар тамоми солиҳону некӯкорон бод!

Аммо баъд: Худованд дар Қуръони карим мефармояд: **Ва наофаридам инс ва ҷинро, магар ин ки маро бипарастанд. Ман аз онон рӯзӣ дархост накарда ва намехоҳам, ки маро таъом диҳанд.** *(Зориёт: 56-57).*

Ин оят ба сароҳат баён месозад, ки онон (*инсу ҷин*) барои ибодату ниёйиш офарида шудаанд, аз ин рӯ бар эшон ҳаққу сазовор аст, ки барои он чи офарида шудаанд, таваҷҷӯҳ ва эҳтимом варзида ва бо порсоӣ аз баҳраҳои дунё эъроз намоянд.

Зеро дунё сарои фаност, на сарои бақо ва маркаби убур аст, на манзили шодмонӣ ва сурур ва оғози гусастан аст, на сарои пайвастан.

Аз ин рӯ, мардуми бедори он фақат ибодатгарон ва ҳушёртарин мардуми он, порсоёнанд. Худованд мефармояд: **Ҳамоно сифати зиндагонии дунё монанди обест, ки аз осмон фурӯ фиристодем, то ба он барои анвоъи мухталифи гиёҳи замин аз он чи одамиён ва ҳайвонот ба он тағзия мекунанд, бирӯяд, то он ҳангом, ки замин аз хуррамиву сабзӣ ба худ зинат баставу ороиш карда ва мардум худро бар он қодиру мутасарриф пиндоранд, ки ногаҳон фармони мо рӯз, ё шаб даррасад ва он ҳамаро дур кунад ва чунон хушк шавад, ки гӯӣ дирӯз дар он ҳеҷ чиз набуда. Ин гуна оётамонро барои аҳли фикрат баён мекунем.** *(Юнус: 24).*

Оятҳои ворида дар ин маврид зиёд аст ва чи хуб гуфта шоири арабӣ:

إنّ لله عباداً فُطنا     طلّقوا الدُّنيا وخافوا الفتنا
نظروا فيها فلمّا علموا     أنّها ليست لحيٍّ وطنا
جعلوها لُجّةً واتّخذوا     صالح الأعمال فيها سُفنا

*Ҳамоно Худовандро бандагони зиракест,*
*ки дунёро талоқ дода*
*ва аз фитнаҳо тарсиданд,*
*Чун дар дунё нигаристанд,*
*донистанд ки он ҷойгоҳи зиндагон нест.*
*Онро дарёе ангошта, аъмоли солиҳро*
*дар он ба унвони завраҷи наҷот ба кор бурданд.*

Чун ҳоли дунё чунон аст, ки тавсифаш кардам ва ҳоли мо ҳам чунин ки гуфта шуд, пас бандаи мукаллафро лозиму воҷиб

аст, ки роҳи баргузидагон ва маслаки соҳибони хираду биноиро баргирад ва ба он чи гуфта шуд, аҳамият дода ва ба он чи ишора шуд, худро омода созад ва беҳтарин роҳ барои ин солик ин аст, ки ба суннати набавӣ ошно шавад ва унсу улфат пайдо кунад.

Худованд мефармояд: **Бо ҳамдигар ба некӯкорӣ ва тақво ҳамкорӣ кунед** *(Моида: 2)*

Дар ҳадиси саҳеҳ омада, ки Расули Худо (с) фармуд: ***Худованд бандаро ёриву мадад мекунад, то лаҳзае, ки ӯ дар садади ёриву кӯмаки бародараш бошад.***

Инчунин фармудааст: ***Ҳар касе ба кори хайре роҳнамоӣ кунад, барои вай мисли савоби амале дода мешавад, ки барои анҷомдиҳандаи он арзонӣ мегардад.***

Низ он ҳазрат (с) фармудааст: ***Ба он ки ба роҳи хайре даъват кунад, ҳамон подоши касоне, ки аз ӯ пайравӣ мекунанд, дода мешавад, бидуни ин ки ин кор чизе аз муздашон кам кунад.***

Паёмбари Худо (с) рӯзе барои Алӣ (р) фармуданд: ***"Пас савганд ба Худо, ки ҳар гоҳ Худованд ба воситаи ту як фардро ҳидоят кунад, бароят аз шутурҳои сурх беҳтар аст.***

Аз ин рӯ, муносиб дидам мухтасаре аз аҳодиси Расули акрам (с) – ро гирд оварам, ки он шомили умуре бошад, ки роҳнамои соҳибаш ба сӯи охират ва ҳосилкунандаи одоби зоҳирӣ ва ботинӣ буда, биму навид ва дигар анвоъи одоби соликони роҳи ҳақиқатро дарбар гирад ва он ахлоқу одоби соликон иборатанд аз аҳодиси зуҳд, риёзатҳои равонӣ ва таҳзиби ахлоқ ва покиву давои дилҳо ва ҳифзу истиқомати аъзо аз инҳироф, каҷӣ ва монанди инҳо аз мақосиду ғояҳои орифон.

Дар ин маврид бар худ лозим мебинам, ки фақат аҳодиси саҳеҳи возиҳро зикр кунам ва онро ба китобҳои *Сиҳоҳи* маъруф нисбат диҳам ва дар ибтидои абвоб оёти Қуръони каримро биёрам ва он чиро, ки ба забту шарҳи маънои хафӣ ниёз дошта бошад, бо ишороти зебо музайян созам ва ҳар гоҳ дар охири ҳадис бигӯям *муттафақун ъалайҳи* маъноят он аст, ки ҳадисро *имом Бухорӣ* ва *имом Муслим* ривоят кардаанд.

Умедворам, агар китоби мазкур тамом шавад, муаллифро ба сӯи умури хайр раҳнамоӣ намуда ва аз анвоъи бадиҳо ва муҳликот монеъаш гардад.

Ва ман аз бародаре, ки андак суде аз он бурд, хосторам, ки барои ман, волидайн, машоих ва дигар дӯстонам ва ҳамаи муслимин дуъо кунад.

Такя ба Худованди бахшанда дорам ва корҳоямро ба ӯ вомегузорам, ӯ басанда аст маро ва пуштибони хуб аст.

## БОБИ 1. Ихлос ва дуруст сохтани ният дар тамоми аъмол ва ақволу аҳволи ниҳон ва ошкоро

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿وَمَا أُمِروا إِلاَّ لِيَعْبُدُوْا اللهَ مُخْلِصِينَ لَه الدِّينَ حُنَفَاءَ(١) وَيُقِيْمُوا الصَّلَاةَ، وَيُؤْتُوا الزَّكَاةَ، وَذَلِكَ دِينُ الْقَيِّمَةِ﴾ [البينة: ٥]، وَقَالَ تَعَالَى: ﴿لَن يَنَالَ اللهَ لُحُومُهَا وَلا دِمَاؤُهَا وَلَكِن يَنَالُهُ التَّقْوَىٰ منكُمْ﴾(٢) [الحج: ٣٧]، وَقَالَ تَعَالَى: ﴿قُلْ إن تُخْفُوا مَا فِي صُدُورِكُمْ أَوْ تُبْدُوهُ يَعْلَمْهُ اللهُ﴾ [آل عمران: ٢٩].

Худованди Таъоло мефармояд:

**Ва ба эшон дастур дода нашуд, магар ин ки ибодат кунанд, Худоро пок ва холис сохта барои ӯ парастишро, мутадайиин ба Ҳаниф, (*ҳазрати Иброҳим*) ва барпо доранд намозро ва бидиҳанд закотро, ин аст аҳкоми миллати дуруст**

*(Байина: 5)*

**Ва ҳаргиз гӯшти ин қурбониҳо назди Худо ба дараҷаи қабул намерасад, лекин тақвои шумост, ки ба пешгоҳи қабули ӯ хоҳад расид.** (*Ҳаҷ:37)*

**Бигӯ эй пайғамбар, ҳар чиро дар дил пинҳон дошта ва ё ошкор кунед, ба ҳамаи онҳо Худо огоҳ аст.** *(Оли Имрон:29)*

1 - Аз ҳазрати Умар ибни Хаттоб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки фармуд: Ҳамоно савоби аъмол ба ният бастагӣ дорад ва ҳар кас натиҷаи нияти худро дармеёбад, пас касе, ки ҳиҷрати ӯ ба сӯи Худо ва Расули ӯст, (*савоби*) ҳиҷрат ба сӯи Худо ва расулашро дармеёбад ва касе, ки ҳиҷраташ ба сӯи дунё бошад, ба он мерасад ё ҳиҷрати ӯ

барои издивоҷ бо зане бошад, пас ҳиҷрати ӯ ба сӯи чизест, ки барои расидан ба он ҳиҷрат намудааст.

*Ин ҳадисро имом Бухорӣ ва имом Муслим дар китобҳояшон, ки саҳеҳтарин китобҳо ба шумор меравindependent, ривоят намудаанд.*

2 - Аз модари мӯъминон Оиша (р) ривоят аст, гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуд: Лашкаре барои тасаллут бар Каъба меҷангад ва чун ба замини саҳрои расад, аввал ва охирашон ба замин фурӯ бурда шаванд. Оиша гуфт: ба Расули Худо (с) гуфтам: Эй Расули Худо, чӣ гуна ҳамаашон ба замин фурӯ бурда мешаванд, дар ҳоле ки дар миёнашон бозориён ва касоне ҳастанд, ки дар ақида ва фикру амал ба эшон нестанд? Он ҳазрат фармуд: Ҳамаашон ба замин фурӯ бурда шуда, вале (*дар охират*) бар тибқи ниятҳояшон барангехта мешаванд.

3 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳиҷрате баъд аз фатҳ нест, вале ҷиҳод ва нияти ҷиҳод ба ҳоли худ боқист ва ҳар гоҳ ба ҷиҳод даъват шудед, онро лаббайк гуфта, ба сӯи он бишитобед.

4 - Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ ривоят аст, ки фармуд: мо дар ҷанге аз ҷангҳо бо паёмбари ислом (с) ширкат доштем. Он ҳазрат (с) фармуд: Ҳамоно дар Мадина мардоне ҳастанд, ки шумо масиреро тай накардед ва дар ҳеҷ водие сайр нанамудед, магар ин ки онон бо шумо буданд. Беморӣ онҳоро аз ҳамроҳӣ бо шумо боздоштааст. Ва дар ривояте омадааст: магар ин ки онҳо дар аҷр бо шумо шариканд. Бухорӣ (р) онро аз Анас (р) ривоят намуда, ки фармуд: Мо аз ҷанги Табук бо паёмбар (с) бозгаштем, он ҳазрат (с) фармуд: Ҳамоно дар Мадина касонеро тарк намудем, ки ҳеҷ роҳи кӯҳистоне ва ҳеҷ водиеро тай накардем, магар ин ки онон бо мо буданд ва ҷуз узр онҳоро чизе аз ҳамроҳӣ бо мо бознадошт.

5 - Аз Маън ибни Язиди Ахнас ривоят шуда, ки гуфт: падарам Язид ба мақсади садақа додан чанд динореро назди шахсе дар масҷид гузошт, то онро барои шахси мӯҳтоҷе садақа диҳад. Сипас ман омада он маблағро гирифтам ва назди падарам овардам, падарам гуфт: ба Худо ман нахостам, ки ин

барои ту дода шавад ва ман ба ҳузури паёмбар (с) омада, бо падарам дар ин маврид даъво кардам ва дар назди он ҳазрат (с) аз ӯ шикоят намудам. Паёмбари ислом (с) фармуд: Эй Язид, ту бар асоси нияти хеш аҷр дода мешавӣ ва ту эй Маън, соҳиби пуле ҳастӣ, ки гирифтаӣ.

6 - Аз Абуисҳоқи Саид ибни Абиваққос (р) ривоят аст, ки фармуд: Ба дунболи бемории сахте, ки дар ҳаҷҷатулвидоъ ба он мубтало шуда будам, паёмбар (с) ба аёдатам омаданд, хидматашон арз карда гуфтам: Эй Расули Худо! Худ мушоҳида мекунед, ки чӣ қадар беморӣ бар ман фишор оварда ва ман марди сарватманде ҳастам ва ба ҷуз як духтар ворисе надорам. Оё иҷоза мефармоед, ки дуяки моламро садақа диҳам? Фармуд: На. Гуфтам: Нисфи онро чӣ тавр? Фармуд: На. Гуфтам: Сеяки моламро чӣ тавр? Фармуд: Бале, сеяки молатро садақа бидеҳ, сеяк ҳам зиёд аст, ё фармуд: Зиёд аст. Ҳамоно агар ту варасаатро ғанӣ бигзорӣ, беҳтар аз он аст, ки онҳоро, фақир ва ниёзманд тарк кунӣ, ки дасташон ба сӯи мардум дароз бошад. Ту ҳеҷ масрафе ба манзури ризои илоҳӣ анҷом намедиҳӣ, магар ин ки савоби онро дармеёбӣ, ҳатто луқмаеро, ки дар даҳони ҳамсарат мегузорӣ. Гуфт: Арз кардам ё Расулаллоҳ, оё дар ҳоле ки дӯстонам ҳиҷрат кардаанд, ман дар Макка мемонам ё чӣ тавр? Фармуд, ки: Ту баъд аз ҳиҷрати эшон намемонӣ, дар ҳоле ки амале анҷом медиҳӣ, то ризои илоҳиро дарёбӣ, магар ин ки бар мақому манзалат афзуда мешавад ва шояд ту зинда бимонӣ, то бархе аз ту нафъ баранд ва бархе дигар, «куффор» аз ту зиён бубинанд ва сипас фармуд: Худоё, ҳиҷрати асҳобамро қабул бифармо ва ононро ба гузаштаашон боз магардон, вале бечора Саид ибни Хавла аст. Гӯё паёмбар (с) дар бораи ӯ изҳори андӯҳ менамоянд, зеро ӯ ба Макка вафот ёфта буд.

7 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: он ҳазрат (с) фармуд: Ҳамоно Худованд ба пайкарҳо ва чеҳраҳои шумо наменигарад, балки ба дилҳо ва аъмоли шумо менигарад.

8 - Аз Абумӯсои Абдуллоҳ ибни Қайси Ашъарӣ ривоят аст, ки гуфт: аз он ҳазрат (с) дар мавриди марде пурсиш ба амал

омад, ки ӯ барои изҳори шуҷоъату далерӣ, ё барои таъассуби қавмӣ, ё барои риё меразмад, ки кадоми аз инҳо дар роҳи Худо ба шумор меравад? Он ҳазрат (с) фармуд: Он ки ба хотири эълои калиматуллоҳ биҷангад, он дар роҳи Худо ба ҳисоб меравад.

9 - Аз Абубакра Нуфайъа ибни Ҳориси Сақафӣ (р) ривоят аст, ки он ҳазрат (с) фармуд: Ҳар гоҳ ду мусалмон бо шамшерҳояшон дар баробари ҳам қарор бигиранд, қотил ва мақтул дар оташанд. Гуфтам: Эй Расули Худо (с), ин шахс қотил ва кушандааст, ки ба дӯзах меравад, мақтул ва кушташуда чаро? Он ҳазрат (с) фармуд: зеро ки ӯ ҳарис буд, ки рақибашро ба қатл бирасонад.

10 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки он ҳазрат (с) фармуд: Намози шахс дар ҷамоъат бисту чанд дараҷа бар намозаш дар хона ва бозораш бартарӣ дорад. Зеро ҳар гоҳ яке аз шумо дуруст вузӯ намояд, сипас фақат барои адои намоз ба масҷид биёяд ва ҳеҷ амре аз намоз ӯро ба сӯи масҷид наронад, ҳеҷ қадаме намегузорад, магар ин ки дар баробари он як дараҷа мақомаш боло меравад ва як гуноҳаш кам мешавад, то ба масҷид бирасад.

Чун ба масҷид дарояд, то ҳангоме ки намоз монеъи баромаданаш шавад, гӯё дар намоз мебошад ва аҷри онро мебарад ва фариштагон, то замоне, ки яке аз шумо дар ҷои намоз хонданаш нишаста бошад, барои ӯ дуъо мекунанд ва мегӯянд: Худоё, бар вай раҳмат бифрист, Худоё, ӯро биёмурз, Худоё тавбаашро бипазир, то лаҳзае, ки касеро дар он азият накарда, ё бевузӯ нашавад.

11 - Аз Абдуллоҳ ибни Аббос аз Расули Худо (с) манқул аст, аз он чи ки аз Парвардигораш ривоят мекунад, ки фармуд:

**Худованд некиҳо ва бадиҳоро навишта, сипас онро баён дошт, пас касе ки қасди анҷоми амали некеро намояд ва онро анҷом надиҳад, Аллоҳ таъоло дар назди хеш барояш як некӣ ва ҳасанаи комил менависад.**

**Агар қасди анҷоми онро намуда ва онро амалӣ сохт, Худованд дар назди хеш даҳ ҳасана то ҳафтсад баробар ва**

**бештар аз он барои ӯ менависад. Ва агар шахсе қасди анҷоми амали бадеро намуд ва онро амалӣ насохт, Аллоҳ таъоло барои ӯ аз пешгоҳи худ як ҳасанаи комил менависад ва ҳар гоҳ онро қасд намуда, амалӣ сохт, Худованд онро як бадӣ ва саййиа менависад.**

## Боби 2. Тавба

*Уламо мегӯянд, ки: Тавба аз ҳар маъсият воҷиб аст. Аммо агар маъсият дар байни банда ва Худо бошад ва ба ҳуқуқи одамӣ иртиботе надошта бошад, се шарт дорад:*

*1. Ин ки худро аз маъсият ва гуноҳ боздорад.*

*2. Ин ки аз анҷом додани он пушаймон шавад.*

*3. Ин ки тасмим гирад, ки дубора онро анҷом надиҳад.*

*Агар яке аз ин шартҳо мавҷуд набошад, тавбааш мавриди қабул намеафтад ва агар маъсият ба ҳуқуқи инсонҳо таъаллуқ дошта бошад, чаҳор шарт дорад.*

*Илова бар шартҳои мазкур шарти зерин зам мешавад, яъне бояд аз соҳиби ҳақ бароат ва розигӣ талаб намояд. Агар ин ҳақ мол ва амсоли он бошад ба ӯ бозгардонад, агар ҳадди қазф ва амсоли он бошад, яъне ӯро бо тӯҳмат кардан мавриди дурра ва қамчин задан маҳкум карда бошад, ба ӯ низ қудрати ҷуброн ва қасос аз худ бидиҳад ва ё аз ӯ талаби авф намояд.*

*Агар ғайбат бошад, бахшиш талабад ва лозим аст, ки аз ҳамаи гуноҳон тавба кунад. Агар аз баъзе гуноҳон тавба намуд, тавбааш дар назди аҳли ҳақ аз ҳамон гуноҳ саҳеҳ ва дуруст мебошад ва гуноҳони боқӣ монда, бар зиммааш мемонад.*

*Далелҳои зиёде аз Қуръон ва аҳодиси паёмбар (с) барои воҷиб будани тавба омадааст, чунончи Худованди бузург мефармояд:*

قال الله تعالى: ﴿ وَتُوبُوا إِلَى اللهِ جَمِيعاً أَيُّهَ الْمُؤْمِنُونَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ ﴾ [النور: ٣١]، وقال تعالى: ﴿ اسْتَغْفِرُوا رَبَّكُمْ ثُمَّ تُوبُوا إِلَيْهِ ﴾ [هود: ٣]، وقال تعالى: ﴿ يَأَيُّهَا الَّذِين آمَنُوا تُوبُوا إِلَى اللهِ تَوْبَةً نَصُوحاً ﴾[(١)] [التحريم: ٨].

**Эй мӯъминон, ҳама ба даргоҳи Худо тавба кунед, бошад, ки растагор шавед.** *(Нур: 31)*

**Аз Парвардигори худ омӯрзиш талаб кунед ва сипас ба сӯяш бозгардед.** *(Ҳуд: 3)*

**Эй мусалмонон, ба сӯи Худо бозгашти пок ва ноб намоед.** *(Таҳрим: 8)*

12 - Аз Абдураҳмони Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки фармуд: Аз он ҳазрат (с) шунидам, ки мефармуд: Қабл аз шумо се тан буданд, ки ба сафар рафтанд ва барои сипарӣ кардани шаб вориди ғоре шуданд. Ногаҳон саҳрои бузурге аз кӯҳ сарозер гардид ва остонаи ғор баста шуд. Сипас онҳо гуфтанд: Ҳеҷ чизе шуморо аз ин сахра *(харсанг)* наҷот нахоҳад дод, магар ин ки аз Худо бихоҳед, ки ба баракати аъмоли некатон шуморо наҷот диҳад.

Марде аз миёнашон гуфт: Бор Худоё! Ман падар ва модаре доштам, ки пир ва фартут буданд ва қабл аз эшон ҳеҷ як аз аъзои хонавода ва хидматгоронро сероб намекардам. Рӯзе дар ҷустуҷӯи чарогоҳ пардохта, ба ҷои дуре рафтам ва замоне бозгаштам, ки он ду ба хоб рафта буданд. Ман ҳиссаи ширашонро дӯшидам ва чун дидам, ки онҳо ба хоб рафтаанд, раво надонистам, ки онҳоро аз хоб бедор кунам ва ё яке аз аъзои хонавода ва хидматгузоронамро шир бинӯшонам. Ман ҳамчунон сабр кардам, ки онҳо бедор шаванд ва қадаҳ ҳам дар дастам буд, то лаҳзае, ки субҳ дамид, дар ҳоле, ки кӯдаконам дар пеши поям аз гуруснагӣ доду бедод мекарданд. Пас онҳо аз хоб бедор шуда ва ҳиссаи шири худро нӯшиданд. Худоё! Агар ин корро бароят кардам, моро аз ин мушкилӣ «Мушкили сахра» наҷот деҳ. Пас сахра каме дур шуд, ба гунае, ки аз он баромада наметавонистанд.

Дигаре гуфт: Худоё, духтари амаке доштам, ки маҳбубтарини мардум дар наздам буд ва дар ривояте омада, ки: Ман ба болотарин дараҷа, ки мардон занонро дӯст медоранд, ӯро дӯст медоштам ва хостам бо вай ҳамбистар шавам, вале ӯ имтиноъ варзид, то ин ки соле фаро расид, ки қаҳтӣ буд. Ӯ худ наздам омад. Ман ба вай яксаду бист динор

додам, ки худро дар ихтиёрам бигзорад ва ӯ ин корро кард, чун бар вай тасаллут ёфтам ва дар ривояте омада, ки чун дар миёни ду пояш нишастам, гуфт: Аз Худо битарс ва ин муҳрро *(киноя аз пардаи бакорат аст)* ҷуз ба ҳаққаш *(издивоҷи шаръӣ)* дур манмо. Ман дар ҳоле, ки ӯро аз ҳама бештар дӯст медоштам, аз вай рӯй баргардондам ва аз тиллое, ки ба вай дода будам, ҳам гузаштам. Худоё! Агар ин корро бароят кардам, моро аз ин мушкилӣ наҷот деҳ. Сахра қадре онсӯтар рафт, вале онҳо ҳанӯз наметавонистанд берун биёянд.

Саввумӣ гуфт: Худоё, ман иддаеро муздур кардам ва муздашонро ҳам додам, ғайр аз як мард, ки муздашро гузошт ва рафт. Ман муздашро ба тиҷорат андохтам, ки аз он суди зиёде оид шуду моли фаровоне ба даст омад ва ӯ пас аз муддате наздам омада гуфт: Эй бандаи Худо, муздамро бидеҳ. Ман гуфтам: Ҳама шутурҳо, говҳо, гӯсфандҳо ва ғуломҳоеро, ки мебинӣ аз музди ту аст. Гуфт: Эй бандаи Худо, маро мавриди тамасхур қарор мадеҳ. Гуфтам: Ман туро масхара намекунам, он гоҳ вай ҳамаро гирифта бо худ бурд ва чизе боқӣ нагузошт. Худоё, агар ин корро барои ту намудаам, моро аз ин мушкилӣ наҷот деҳ! Он гоҳ сахра аз дами ғор ба канор рафт ва онҳо аз ғор берун омада ва ба роҳ афтоданд.

13 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки фармуд: Савганд ба Худо, ки ман ҳар рӯз беш аз ҳафтод бор аз Худо омӯрзиш талабида ва ба даргоҳи ӯ тавба мекунам.

14 - Аз Ағарр ибни Ясор Музанӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Он ҳазрат (с) фармуд: Эй мардум! Аз Худо омурзиш талабед, ба даргоҳи ӯ тавба кунед, зеро ман дар ҳар рӯз сад бор тавба мекунам.

15 - Аз Анас ибни Молики Ансорӣ ривоят аст, ки гуфт: он ҳазрат (с) фармуд: Ҳамоно Худованд шодтар мешавад ба тавбаи бандааш, ҳангоме ки ба даргоҳи ӯ тавба мекунад, аз яке аз шумо, ки дар биёбон бар шутураш савор буда, ногаҳон шутураш аз наздаш фирор карда, дар ҳоле ки таъому обаш бар болои он мебошад ва чун аз расидан ба шутураш маъюс

ва навмед шуда, ба дарахте омада дар сояи он ғалтидааст. Дар ин ҳангом ногаҳон мебинад, ки шутураш дар канораш истодааст ва ӯ зимомашро ба даст мегирад ва аз ниҳояти шодмонӣ мегӯяд: Худоё! Ту бандаи манӣ ва ман Худои туам ва аз ниҳояти хурсандӣ калимаҳоро нодуруст ва ғалат талаффуз мекунад.

16 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки он ҳазрат (с) фармуд: Худованд дасти хешро ба шаб мегустуронад, то тавбаи касеро, ки дар рӯз гуноҳ намуда, қабул намояд ва дасти хешро ба рӯз мегустуронад, то тавбаи гунаҳкори шабро бипазирад, то офтоб аз мағриб тулӯъ кунад. Гуфт: Бале, он ҳазрат (с) амр менамуданд, ки ҳар гоҳ дар сафар бошем, барои се шабонарӯз кафшҳои *(мӯзаҳо)*-ямонро берун наёварем, магар ин ки ҷунуб шавем, лекин аз ғоит ва бавл ва хоб рӯи онҳоро масҳ кунем *(яъне, онро аз поямон дарнаёварем)* гуфтам: Оё аз вай дар мавриди дӯстии чизе шунидаӣ? Гуфт: Бале, мо бо паёмбар (с) дар сафар будем, ки ногаҳон аъробие бо садои бисёр баланд садо зад: Эй Муҳаммад (с)! Паёмбар (с) ҳам бо садои баланд мисли ӯ гуфтанд: Бале. Гуфтам: Вой бар ту! Оҳиста садо зан, оё намедонӣ, ки ту дар канори паёмбар (с) қарор дорӣ ва аз садо баланд кардан ҳам манъ шудаӣ! Гуфт: Оҳиста садо намезанам. Аъробӣ гуфт: Касе қавмеро дӯст медорад, дар ҳоле, ки ҳанӯз ба онҳо напайвастааст? Он ҳазрат (с) фармуд: Ҳар шахс дар қиёмат ҳамроҳи касе маҳшур мешавад, ки ӯро дӯст медорад. Ҳамин гуна бо мо сӯҳбат намуд, то аз дарвозае сӯҳбат кард, ки ба самти ғарб вуҷуд дорад ва гузаштан аз паҳнои он *(ё савора паҳнои онро)* дар чиҳил ё ҳафтод сол тай мекунад. Суфён яке аз ривояткунандагони ҳадис мегӯяд: Ин дарвоза ба тарафи Шом қарор дорад ва Худованд дар рӯзи офариниши осмону замини онро низ офаридааст ва он дарвоза барои қабули тавба бозмемонад, то лаҳзае, ки офтоб аз он тулӯъ намояд.

17 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки он ҳазрат (с) фармуд: Он кас ки пеш аз тулӯъ намудани офтоб аз мағриб тавба кунад, Худованд тавбаашро мепазирад.

18 - Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Худованди бузург тавбаи бандаро мепазирад, то лаҳзае, ки рӯҳ ба ҳулқумаш нарасад.

20 - Аз Абусаъиди Саъд ибни Молики ибни Синони Худрӣ ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Дар замонҳои пеш аз шумо марде буд, ки наваду нӯҳ нафарро кушта буд. Аз мардум пурсид, ки донотаринашон кист? Ӯро ба роҳибе раҳнамоӣ карданд, боз назди роҳиб омада эътироф намуд, ки ӯ наваду нӯҳ нафарро кушта, оё тавбаи ӯ қабул мегардад? Роҳиб гуфт: на. Он шахс роҳибро ҳам кушт ва сад нафарро такмил кард.

Он гоҳ аз олимтарин мардум пурсид, ӯро ба олиме роҳнамоӣ карданд, назди олим омада эътироф кард, ки сад нафарро куштааст. Оё роҳе барои қабули тавбааш вуҷуд дорад? Олими мазкур гуфт: бале, чи касе метавонад, ки байни ӯ ва байни тавба монеъ шавад? Бирав ба сарзамини фалон ва фалон, дар он ҷо мардуме ҳастанд, ки Худоро мепарастанд, ту ҳам бо он мардум ибодат кун ва ба сарзамини хеш маё, зеро ин сарзамин ҷои бадест. Он мард рафт ва дар нимаи роҳ маргаш фаро расид. Фариштагони раҳмат ва азоб ихтилоф карданд. Малоикаи раҳмат гуфтанд: ин шахс тавба намуда ва аз тахти дил ба сӯи Худо рӯй овардааст ва малоикаи азоб гуфтанд: ки ҳаргиз ӯ кори хубе анҷом надода.

Фариштае ба сурати одамӣ аз роҳ даррасид ва ӯро дар миёни хеш ҳакам ва довар қарор доданд. Вай гуфт: ҳар ду заминро андоза бигиред, ба ҳар кадом, ки наздиктар буд, аз онаш ба ҳисоб оваред.

Онҳо ҳам ҳарду заминро андоза гирифтанд ва диданд, ки ба сарзамини (*матлубаш*), ки қасди онро дошта, наздиктар аст, пас малоикаи раҳмат рӯҳашро қабз карданд. Ва дар ривояте дар ҳадиси саҳеҳ омада: Худованд ба ин сарзамин (*деҳи бадкорон*) гуфт: ки дур шав ва ба дигаре (*деҳи некӯкорон*) гуфт, ки наздик шав ва гуфт: байни онро андоза бигиред. Чун онҳо андоза гирифтанд, як ваҷаб ба ин қаря наздиктар буд. Пас Худованд гуноҳонашро омурзида, ӯро мавриди раҳмати хеш қарор дод.

21 - Аз Абдуллоҳ ибни Каъб ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз падарам (р) шунидам, ки дар бораи бозмондани хеш аз сафар бо паёмбар (с) дар ғазваи Табук сӯҳбат менамуд. Каъб гуфт: Дар ҳеҷ ғазва аз паёмбар (с) бознамондам, ба ҷуз ғазваи Табук ва ҳам дар ғазваи Бадр тахаллуф намудам ва ҳеҷ кас аз касоне, ки аз он ғазва бозмонданд, мавриди итобу сарзаниш қарор нагирифтанд. Чун паёмбар (с) ва мусалмонҳо барои ба ғанимат гирифтани қофилаи Қурайш хориҷ шуданд ва Худованд бидуни ваъдаву миъод ононро бо душманонашон рӯ ба рӯ сохт ва ман бо паёмбар (с) дар шаби Ақаба, лаҳзае, ки Ислом бо ҳам аҳду паймон бастем, ҳузур ёфтам ва дӯст надорам, ки дар ивази он *(шаби Ақаба)* ба Бадр ҳузур ёбам, ҳарчанд Бадр беш аз он дар миёни мардум вирди забон аст. Достони бозмонданам аз паёмбар (с) чунин буд, ки дар ҳеҷ фурсате аз он вақт қавитару тавонмандтар набудам. Қабл аз он ҳаргиз ду боркаш таҳия накарда будам, дар ҳоле, ки дар ин ғазва ин корро анҷом додам ва ҳар ғазваеро, ки паёмбар (с) анҷом медод, ба номи дигаре онро пӯшида медошт, то ин ки ин ғазва фаро расид ва паёмбар (с) ин ғазваро дар гармии сахте анҷом дода, аз роҳи хушку тӯлонӣ ва камоб ба истиқболи сафари дуру дароз шитофтанд. Бо душмани зиёд рӯбарӯ гардиданд ва қаблан муслиминро дар ҷараён гузошта, масири сафаршонро муайян карданд, то барои сафарашон омодагии комил дошта бошанд. Теъдоди мусалмононе, ки дар ин сафар ҳамрикоби он ҳазрат (с) буданд, аз шумора берун буд ва номҳояшон дар кадом дафтаре ёддошт нагардида буд. Каъб гуфт: Иддаи каме, ки хостанд аз ин ғазва ғоиб бошанд, тасвир мекарданд, ки ғиёби эшон аз Расули Худо (с) пинҳон хоҳад монд, то модоме, ки аз тарафи Худованд дар ин маврид ваҳй нозил нашавад.

Замоне паёмбар (с) озими ин ҷанг шуданд, ки меваҳо ва сояҳои дарахтон бениҳоят некӯ менамуд ва ман ҳам бад-он сахт тамоюл доштам. Паёмбар (с) ва муслимин худро муҷаҳҳаз ва омодаи корзор сохтанд. Ман ҳам субҳ баромадам, то хештанро бо паёмбар (с) муҷаҳҳаз намоям. Ҳамин тавр,

бармегаштам ва кореро анҷом намедодам ва бо худ мегуфтам, ман метавонам ҳар вақт, ки хоста бошам, ин корро анҷом диҳам. Ҳамин тавр, даранг мекардам ва имрӯзу фардо мекардам, то ин ки мардум корашонро ба итмом расонанд. Паёмбар (с) равона гардиданд, дар ҳоле, ки ман созу барги худро омода насохта будам, боз ҳам субҳ баромадам ва бозгаштам дар ҳоле, ки коре анҷом надода будам. Ҳамин тавр, диранг мекардам, то ин ки онҳо барои ҷиҳод ва ҳузур дар ҷанг аз ман сабқат гирифтанд. Хостам кӯч кунам ва худро ба эшон бирасонам ва кош ин корро мекардам, вале вой, ки ин кор бароям муқаддар нашуд. Чун баъд аз баромадани паёмбар (с) дар миёни мардум зоҳир мешудам, эҳсоси ғаму андӯҳ бароям даст медод, зеро ман барои хеш намунаву улгӯеро намедидам, ҷуз касе, ки дар нифоқ ғӯтта мезад ва ё заъифоне, ки Худованд онҳоро маъзур дошта буд. Паёмбар (с) маро ёд накард, то ин ки ба Табук расид ва дар он ҷо дар миёни гурӯҳ пурсиданд, ки Каъб ибни Молик чӣ кард? Марде аз бани Салама гуфт: Ё Расулуллоҳ, ду або ва назар ба росту чап *(танпарварӣ ва роҳатталабӣ)* вайро аз ҳамроҳӣ бо шумо боздошт ва Муъоз ибни Ҷабал (р) барояш гуфт: чизи зиште гуфтӣ! Ба Худо савганд, эй Расули Худо (с), ҷуз хубӣ чизи дигаре дар мавриди вай суроғ надорем. Паёмбар (с) сукут намуданд. Дар ин ҳангом марди сафедпӯше аз дур намудор шуд, ки гоҳе пайкараш ҳувайдо мешуд ва гоҳе пинҳон. Паёмбар (с) фармуданд: Мумкин аст Абухайсама бошад. Ҳамон буд, ки Абухайсамаи Ансорӣ (с) расид ва ӯ касе буд, ки паймонаи хурмое дар роҳи Худо садақа дода буд ва мунофиқин дар ин маврид ӯро таъна зада буданд. Каъб гуфт: Чун ба ман хабар расид, ки он ҳазрат (с) аз Табук бозгашта ва ба ҷониби Мадина ташриф меоваранд, ниҳоят ғамгин гашта, ба фикри дурӯғбофӣ шудам ва бо худ мегуфтам: Чӣ гуна фардо аз бозпурсии Расули Худо (с) худро наҷот диҳам ва аз доноёни хонаводаам ёриву мадад меҷустам.

Чун ба ман гуфта шуд, ки он ҳазрат (с) дар ин наздикиҳо ташриф меоваранд, ботил аз ман дур шуд ва донистам, ки ба ҳеҷ шева аз сарзаниши паёмбар (с) наҷот намеёбам ва тасмим

гирифтам, ки ба ӯ рост бигӯям. Паёмбар (с) ташриф оварданд. Одати муборак чунон буд, ки аз сафаре бозмегашт, аз масҷид оғоз намуда, ду ракъат намоз мегузориду сипас барои дидор бо мардум менишаст. Чун эшон ин корро намуданд, бозмондагон ва такаллуфкунандагон, ки ҳастанд ва чанд мард буданд, хидматашон ҳузур ёфта, маъзарат хоставу савганд мехӯрданд. Паёмбар (с) зоҳири амрашонро қабул намуда, бо эшон байъат намуда, барояшон омурзиш талаб мекарданд ва асрори ниҳонашонро ба Худованди муттаъол вомегузоштанд, то ин ки ман омадам ва чун салом кардам, он ҳазрат (с) хандаи хашмолуде намуда фармуданд: Биё! Ман ҳам омадам, дар баробарашон нишастам. Пурсиданд: Чӣ сабаб шуд, ки тахаллуф намоӣ? Оё савории хешро харидорӣ накардӣ? Гуфтам: Эй Расули Худо (с), ман медонам, ки агар дар муқобили ғайри шумо аз мардуми рӯи замин қарор медоштам, бо фасоҳате, ки дорам, метавонистам бо узр аз қаҳраш наҷот ёбам, вале ба Худо, ки агар имрӯз барои шумо дурӯғе бигӯям, то аз ман розӣ шавед, зуд аст, ки Худованд шуморо бар ман хашмгин созад ва агар барояшон сухани рост бигӯям, ки шуморо бар ман хашмгин созад, ҳамоно умедворам, ки оқибати некро аз сӯи Худованд дарёбам. Ба Худо қасам, узре надоштам, ба Худо ҳаргиз чунин қавӣ ва тавонманд набудам, чунончи ин лаҳза, ки аз шумо тахаллуф кардам. Каъб гуфт: Паёмбар (с) фармуд, аммо ин рост гуфт. Бархез, то Худованд дар бораи ту ҳукм кунад.

Иддае аз мардони бани Салама бархостанду маро дунбол карда гуфтанд: Савганд ба Худо, дар гузашта надидем, ки муртакиби гуноҳе шуда бошӣ, оё оҷиз шудӣ, ки монанди тахаллуфкунандагон узре ба ҳузури Паёмбар (с) биёварӣ? Фақат кофӣ буд, ки истиғфори Расули Худо (с) сабаби маҳви гуноҳат шавад! Ба Худо савганд, сахт маломатам карданд ва кор ба ҷое кашид, ки наздик буд ба ҳузури Расули Худо (с) баргашта, худро дурӯғгӯ созам. Сипас барояшон гуфтам: Оё каси дигаре ҳам монанди ман рост гуфтааст? Гуфтанд: Бале, ду нафари дигар ҳам монанди ту рост гуфтаанд ва паёмбар (с)

суханеро, ки ба ту гуфт, барои онҳо низ фармуд. Гуфтам: Онон киёнанд? Гуфтанд: Мурора ибни Рабиъ Умарӣ ва Ҳилол ибни Умайяи Воқифианд. Каъб гуфт: Барои ман номи ду нафар солиҳеро тазаккур доданд, ки дар Бадр ҳузур ёфта буданд ва мешуд ба онҳо иқтидо карду онҳоро намуна қарор дод. Пас аз он равона шудам ва паёмбар (с) мардумро аз сӯҳбат кардан бо мо манъ карданд ва мардум ҳам аз мо дурӣ ихтиёр намуданд, ё ба иборате гуфтанд, ки равиши мардум ҳам дар баробари мо тағйир ёфт ва кор ба ҷое кашид, ки замин дар назарам зишт ҷилва менамуд ва замин замине набуд, ки ман қаблан онро мешинохтам. Панҷоҳ шаб бад-ин тартиб гузашт, рафиқонам ором гирифтаву дар хонаҳои хеш нишастанд ва дар ҳолати гиря ин муддатро ба сар бурданд, вале ман аз онҳо ҷавонтару чолоктар будам ва аз хона берун меомадам ва дар масҷид бо мусалмонҳо намоз мехондам ва дар бозорҳо гаштугузор мекардам, дар ҳоле, ки касе бо ман сӯҳбат намекард ва хидмати паёмбар (с) мерасидам, дар фурсате, ки баъд аз намоз менишастанд ва барояшон салом мекардам ва бо худ мегуфтам, ки: Оё лабҳои паёмбар (с) ба ҷавоби салом ҳаракат хоҳад намуд, ё хайр? Сипас дар наздикиашон намоз хонда ва дуздида ба эшон менигаристам. Чун ба намоз машғул мешудам, ба сӯям назар мекарданд ва чун ман мутаваҷҷеҳашон мешудам, рӯйи худро бармегардониданд.

Вақте идомаи ин кор аз тарафи муслимин бар ман бениҳоят сахт тамом шуд ва ин муддат ҳам тӯлонӣ гардид, рафтам ва аз девори боғи Абуқатода, ки ибни амакам аз дӯсттарини мардум дар наздам буд, боло шуда, бар вай салом кардам. Ба Худо қасам, ки ҷавоби саломро надод. Ба ӯ гуфтам: Эй Абуқатода! Туро ба Худо савганд, оё медонӣ, ки ман Худо ва расулаш (с)-ро дӯст медорам? Боз ҳам сукут кард. Суханамро такрор кардам ва савгандаш додам, вале боз ҳам сукут намуд, боз савгандаш додам вай гуфт: Худо ва расулаш донотар аст. Ашк аз чашмонам сарозер шуд. Бозгаштам ва аз девор гузаштам. Дар лаҳзаҳое, ки дар бозори шаҳр гаштугузор мекардам, деҳқоне аз деҳқонҳои Шомро дидам. Аз онҳое, ки

маводи ғизоӣ оварда, дар шаҳр мефурӯхтанд, ки мегуфт: Кадом кас Каъб ибни Моликро барояш нишон медиҳад? Ногоҳ мардум ба сӯям ишора намуда, маро ба ӯ нишон доданд. Он шахс наздам омада, номаи подшоҳи Ғассон бароям дод ва чун ман савод доштам, номаашро хондам, ки дар он навишта буд: «Аммо баъд: иттилоъ ёфтам, ки дӯстат бар ту ситам раво дошта ва Худованд туро ба сарзамини хориву забунӣ нагузошта, ба мо бипайванд, то бо ту ҳамдардӣ кунем». Баъд аз хондан гуфтам: Ин кор ҳам аз ҷумлаи ибтилооту озмоишҳо аст ва номаро дар танӯр андохтаму сӯзонидам.

То ин ки чиҳил рӯз аз панҷоҳ рӯз гузашт. Муддате ваҳй наомад ва фиристодаи Расули Худо (с) наздам омада гуфт, ки Расули Худо (с) ба ту фармон додааст, ки то аз ҳамсарат дурӣ ихтиёр кунӣ. Гуфтам: Талоқаш диҳам, ё кори дигаре кунам? Ӯ гуфт: На, аз ӯ дурӣ кун ва бо ӯ наздик машав ва ба ду рафиқам низ чунин дастур дода шуд. Ба ҳамсарам гуфтам: Ба хонаводаат бипайванд ва наздашон бош, то Худованд дар ин маврид ҳукме намояд. Сипас ҳамсари Ҳилол ибни Умайя назди Расули Худо (с) омада гуфт: Ё Расулуллоҳ! Ҳилол ибни Умайя марди солхӯрдаест ва ходиме ҳам надорад. Оё монеъе надорад, то хидматашро анҷом диҳам? Фармуд: На, вале ба ту наздик нашавад. Гуфт: Ба Худо савганд, ӯ асло ҳаракат ва тамоил ба чизе надорад, савганд ба Худо, аз лаҳзае, ки ин кор шуда, то ҳол мегиряд. Бархе аз афроди хонаводааш гуфтанд: Чӣ мешуд, ки ту ҳам дар мавриди занат аз паёмбар (с) иҷоза мегирифтӣ? Гуфтам: Дар мавриди вай аз паёмбар (с) иҷозат намегирам. Чун намедонам, ки паёмбар (с) чӣ хоҳад гуфт, дар ҳоле, ки марди ҷавонам! Бад-ин тартиб, даҳ шаби дигар сабр кардам, то ки панҷоҳ шаб аз рӯзе, ки аз сӯҳбат бо мо мамониат шуда буд, гузашт.

Намози субҳро дар ин рӯз дар пушти яке аз бомҳо хонда, нишаста будам, бар он ҳолате, ки Худованд моро тавсиф намуд, ки вуҷудам бар ман гарон омада ва замин бо вусъате, ки дорад, бар ман тангӣ намуд. Мунодиеро шунидам, ки бар кӯҳи Салъ баромада, бо садои баланд мегуфт: Мужда бод

бароят эй Каъб ибни Молик! Ман дар ҳоле ба саҷда афтодам ва донистам, ки кушоишу равшание ҳосил шудааст. Расули Худо (с) баъд аз намоз мардумро бохабар сохтанд, ки Худованд тавбаи моро пазируфтааст ва мардум барои мужда додани мо аз масҷид хориҷ шуданд. Иддае аз башоратдиҳандагон ба сӯи ду рафиқам рафтанд ва марде аспсавор босуръат ба сӯям равон шуд *(Зубайр ибни Аввом (р),* вале марде аз қабилаи Аслам *(Ҳамза ибни Аслам (с)* кӯшид ва дар баробарам бар кӯҳ боло шуду маро мужда дод. Садои ӯ аз асп тезтар буд. Чун ин шахси муждадиҳанда наздам омад, дар муқобили муждааш ҳарду либосамро кашида, вайро пӯшондам. Савганд ба Худо, дар он лаҳза чизе ба ҷуз аз он ду ҷома надоштам ва ду ҷомаи дигареро ба орият гирифта пӯшидам ва ба қасди дидори паёмбар (с) баромадам.

Мардум гурӯҳ-гурӯҳ аз ман истиқбол карданд ва ба ман ба воситаи қабули тавбаам муборакбодӣ дода мегуфтанд: Гуворо бод қабули тавба аз сӯи Худованд бар ту! То ба масҷид расидам, ки Расули Худо (с)-ро дидам нишаста ва мардум дар гирдогирдашон қарор доранд. Талҳа ибни Абуабдуллоҳ (р) ба суръат давида, бо ман мусофаҳа *(даст дода)* карда, муборакбод гуфт. Ба Худо ҳеҷ яке аз муҳоҷирин ба ҷуз ӯ аз ҷояш баланд нашуд ва Каъб ин кори Талҳа (р)-ро фаромӯш наменамуд. Каъб мегӯяд: Чун бар паёмбар (с) салом кардам, дар ҳоле, ки чеҳраи муборак аз шодӣ медурахшид, фармуд: Шод бош, ба беҳтарин рӯзе, ки аз торихи вилодат то имрӯз, чунин рӯзеро надидаӣ? Гуфтам: Оё ҳукм аз назди шумо аст, ё Расулуллоҳ, ё аз сӯи Худованд (ҷалла ҷалоллуҳу)? Фармуданд: Ҳукм аз сӯи Худои азза ва ҷалла аст ва чун Паёмбари Ислом (с) шод мешуданд, чеҳраашон медурахшид, чунонки гумон мекардӣ пораи моҳест ва ҳамаи мо аз ин амр огоҳ будем. Вақте дар баробаршон нишастам, гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Барои ин ки тавбаам комил шавад, лозим мебинам, ки ҳамаи моламро барои Худо ва расулаш (с) садақа диҳам. Расули Худо (с) фармуданд: Қисматеро нигаҳ дор, бароят беҳтар аст. Пас гуфтам: Ҳиссаамро, ки дар Хайбар дорам, нигаҳ медорам ва

гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Худованд маро ба воситаи рост гуфтан наҷот дод ва аз ҷумлаи камоли тавбаам ин аст, ки то зиндаам, ҷуз рост нагӯям. Ба Худо аз лаҳзае, ки ин суханро ба паёмбар (с) ёд кардам, ҳеҷ касро надидам ва намешиносам, ки Худованд ба воситаи рост гуфтан мисли ман вайро мавриди инъом ва марҳамати хеш қарор дода бошад ва ба Худо савганд аз лаҳзае, ки ин суханро ба паёмбар (с) ёд кардам, то имрӯз қасдан, ҳатто як дурӯғ ҳам нагуфтам ва аз Худованд мехоҳам, ки маро дар оянда ҳам ҳифз фармояд. Ҳамон буд, ки Худованд нозил фармуд: **ХУДОВАНД паёмбар ва асҳобаш аз муҳоҷир ва ансорро бахшид, ҳамон касоне ки дар мавқеъи сахтӣ аз вай пайравӣ карданд) то расид ба (ҳамоно Худованд бар онҳо раҳим ва меҳрубон аст ва низ бар се тан, ки тахаллуф варзиданд, то ин ки замин бо ҳамаи фарохӣ бар онҳо танг шуд, то расид ба** *(эй мӯъминон аз Худо битарсед ва қарини ростгӯён бошед) Тавба 117-119.*

Каъб гуфт: Ҳеҷ неъмат аз неъматҳое, ки Худованд арзонӣ фармуд, дар назарам болотар аз рост гуфтани ман ба Расули акрам (с) нест ва ин, ки ба эшон дурӯғ нагуфтам, то монанди дурӯғгӯён ҳалок шавам. Худованд дар ҳангоми нузули ваҳй бадтарин гуфторро дар мавриди онҳо гуфтааст. Худованд фармудааст: **Чун ба сӯи онҳо бозгардед, қасамҳои муаккад ба Худо барои шумо ёд кунанд, то аз тахаллуфи онҳо чашмпӯшӣ кунед ва аз онҳо иъроз кунед, пас иъроз кунед аз эшон, ки онҳо мардуми палиданд ва ҷойгоҳашон дӯзах аст, дар муқобили он чи касб кардаанд, савганд мехӯранд барои шумо, то аз онҳо розӣ шавед ва агар шумо аз онҳо розӣ шавед, ҳамоно Худованд аз гурӯҳи фосиқ розӣ намешавад** *(Тавба 95-96).*

Каъб гуфт, ки кори мо се нафар аз он марде, ки паёмбар (с) узрашонро баъд аз савгандашон пазируфт ва бо онон бийъат намуда, барояшон омурзиш хост, ҷудо қарор дода шуд. Паёмбар (с) мавзӯъи моро ба таъхир андохт, то ин ки Худованд дар ин маврид ҳукми хешро нозил фармуд. Худованд (бар он се нафар ки тахаллуф варзиданд) мафҳуми он чи ки гуфта шуда, аз ин ки тахаллуф намудем, ин нест, ки мо аз ҷанг

тахаллуф намуда бошем, балки мафҳумаш ин аст, ки паёмбар (с) моро яксӯ гузошт ва кори моро аз кори касоне, ки савгандашонро пазируфт, ҷудо қарор дод. Дар ривояте омадааст ки: Паёмбар (с) дар ҷанги Табук рӯзи панҷшанбе берун шаванд. Ва дар ривояти дигар омадааст, аз сафарҳо ҷуз дар нимаи рӯз ташриф намеоваранд ва чун ташриф меоваранд, ба масҷид шурӯъ намуда, ду ракаъат намоз гузорида, сипас дар он менишастанд.

22 - Аз Абунуҷайди Имрон ибни Ҳусайн Хузоъӣ (р) ривоят аст, ки: Зане аз Ҷуҳайна, ки аз зино ҳомила гашта буд, назди Расули Худо (с) омада гуфт: Ё Расулуллоҳ! Ҷурмеро муртакиб шудам, ҳукми онро бар ман ҷорӣ кун. Паёмбар (с) ӯро хоста фармуд: Ба ӯ некӣ кун ва чун вай ҳамлашро вазъ намояд, ӯро ба назди ман биёвар. Он шахс ҳам ин корро намуд. Паёмбар (с) дастур доданд, то либосҳояшро маҳкам бастанд ва боз амр намуданд, ки сангсор шавад ва сипас бар вай намоз гузоранд. Ҳазрати Умар (р) гуфт: Ё Расулуллоҳ бар зане, ки зино карда, намоз мегузорӣ? Он ҳазрат (с) фармуд: Ҳамоно ин зан тавбае карда, ки агар миёни ҳафтод нафар аз мардуми Мадина қисмат карда шавад, барои ҳама мерасад. Оё беҳтар аз ин ёфтаӣ, ки ҷонашро дар роҳи Худо фидо кард?

23 - Аз Абдуллоҳ ибни Аббос ва Анас ибни Молик ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ фарзанди одам водие аз тилло дошта бошад, дӯст медорад, ки ду водӣ дошта бошад ва даҳони фарзанди одамро ҷуз хок чизи дигаре ҳаргиз пур карда наметавонад ва Худованд мепазирад тавбаи ҳар касеро, ки бихоҳад.

24 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд механдад *(ба гунае, ки кайфияти онро намедонем)*. Ба ҳоли ду марде, ки яке дигареро мекушад ва ҳарду ба биҳишт дохил мегарданд. Яке аз он дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад ва шаҳид мешавад ва Худо тавбаи қотилро мепазирад, ки ӯ ҳам мусалмон мешавад ва дар роҳи Худо шаҳид мегардад.

## БОБИ 3. Сабр

Худованд мефармояд: **Эй касоне, ки имон овардаед, сабр кунед ва пойдорӣ ва истиқомат намоед.** *(Оли Имрон: 2)*

Инчунин мефармояд: **Ҳамоно шуморо ба чизе аз тарс ва гуруснагӣ ва камии молҳо ва ҷонҳо ва меваҳо озмоиш мекунем ва мужда бидеҳ сабркунандагонро.** *(Бақара: 155)*

Низ Аллоҳ таъоло мефармояд: **Ҳамоно музди сабркунандагон ба шумор дода мешавад.** *(Зумар: 1)*

**Ҳароина он, ки сабр кунад ва биёмурзад, ҳамоно ин кор аз зумраи корҳои мақсуд аст.** *(Шӯро: 34)*

Мефармояд: **Ёрӣ биҷӯед аз (Худованд) ба сабр ва намоз, ки ҳамоно Худованд бо собирон аст.** *(Бақара: 351)*

**Ҳароина шуморо озмоиш мекунем, то муҷоҳидин ва собирини шуморо бидонем, ба илми зуҳур.** *(Муҳаммад: 31)*

25 - Аз Абумолики Ҳорис ибни Осими Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки Расули акрам (с) фармуд: Покӣ нисфи имон аст. Алҳамдулиллоҳ тарозуро пур мекунад ва субҳоналлоҳ ва алҳамдулиллоҳ пур мекунад тарозуро ё пур мекунад байни осмонҳо ва заминро. Ва намоз нур ва рӯшноӣ аст ва садақа далел аст ва сабр рӯшанӣ аст ва Қуръон далел аст ба нафъи ту ё ба зарари ту. Ҳар инсон субҳ мекунад ва сипас хештанро мефурӯшад. Яке онро аз азоб озод мекунад, *(он кӣ бо Худо муомила мекунад)* ва дигаре баръакс онро ҳалок месозад.

26 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки иддае аз ансор аз паёмбар (с) чизе дархост карданд, паёмбар (с) ҳоҷати эшонро бароварданд, боз суол намуданд, боз ҳоҷати эшонро бароварданд, то ин ки ҳамаи он чи, ки наздашон буд, тамом шуд. Баъд аз он ки тамоми он чиро, ки дар дасташон буд, доданд, фармуданд: Агар моле дар дастам бошад, онро аз шумо дареғ намекунам ва касе, ки суол накунад, Худованд ӯро афиф нигаҳ медорад ва он кӣ бениёзӣ аз худ нишон диҳад, Худованд ӯро ғанӣ ва бениёз мегардонад ва он кӣ худро ба сабр водорад, Худованд ба вай тавфиқи сабр медиҳад ва барои ҳеҷ кас бахшиш ва атое беҳтар ва васеътар аз сабр дода нашудааст.

27 - Аз Суҳайб ибни Синон (р) ривоят аст, ки он ҳазрат (с) фармуд: Кори мусалмон инсонро ба шигифт ва таъаҷҷуб вомедорад, зеро ҳамаи кораш барои ӯ хайр аст ва ин амр барои ҳеҷ кас, ҷуз мусалмон мумкин нест. Агар ба вай фарохӣ ва осонӣ рӯй диҳад, шукр кунад ва ин барояш хайр аст ва агар ба ӯ сахтӣ бирасад, сабр кунад, ин ҳам барояш хайр аст.

28 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки чун паёмбар (с) бемор шуданд, шиддати сакарот барояш пайдо мешуд. Фотима (с) гуфт: Вой бар ин ранҷу сахтие, ки бар падарам аст. Он ҳазрат (с) фармуд: Баъд аз имрӯз бар падарат ранҷе нест, чун эшон вафот ёфтанд, ҳазрати Фотима (р) гуфт: Эй падарам, ки даъвати Парвардигорашро иҷобат намуд. Эй падарам, ки Ҷаннатулфирдавс ҷойгоҳи ӯст. Эй падарам, хабари вафоташро ба Ҷабраил (а) мерасонем ва чун дафн гардид,, гуфт: Оё бароятон хуш гузашт, ки бар паёмбар (с) хок рехтед?

29 - Аз Усома ибни Зайд ибни Ҳорис *(озодкарда ва дӯсту фарзанди дӯсти Расули Худо (с))* ривоят аст, ки гуфт: духтари паёмбар (с) касеро фиристод, ки писарам дар ҳолати назъ *(ҷон кандан)* қарор дорад, биёед. Он ҳазрат (с) касеро фиристод, то салом фиристад ва бигӯяд: Худо ихтиёр дорад, он чиро, ки дод ва ҳар чиз дар назди ӯ вақти муайяне дорад, бояд вай *(модараш)* сабр кунад ва аҷрашро аз Худо бихоҳад. Боз касеро фиристод, то ӯро қасам диҳад, ки наздаш биёяд. Он ҳазрат (с) бархостанд. Саъд ибни Убода, Муъоз ибни Ҷабал, Убай ибни Каъб, Зайд ибни Собит ва иддаи дигаре ҳам бо эшон бархостанд ва писарро ба ҳузури он ҳазрат (с) оварданд. эшон писарро дар бағали хеш гирифтанд, дар ҳоле ки ҷонаш музтариб буд ва бошиддат меларзид. Ногаҳон ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд. Саъд гуфт: Эй Расули Худо (с), ин чист? Он ҳазрат (с) фармуд: Ин раҳмат аст, ки Худованд дар дили бандагони худ ниҳодааст. Ва дар ривояте: дар дили касе, ки хоста, аз бандагонаш ниҳода ва ҳамоно Худованд фақат бандагони раҳмдилашро мавриди марҳамати хеш қарор медиҳад.

30 - Аз Суҳайб (р) ривоят аст, ки он ҳазрат (с) фармуд: Дар рӯзгори пеш аз шумо подшоҳе буд, ки соҳире дошт ва чун пир шуд, ба шоҳ гуфт, ки ман пир шудам, писареро бароям бифирист, то вайро таълими сеҳр диҳам. Шоҳ писареро наздаш фиристод, то вайро таълими сеҳр диҳад. Дар масири роҳ ин писар роҳибе вуҷуд дошт, ки ин писар наздаш менишаст ва аз суханонаш хушаш меомад. Ӯ ҳар мавқеъе, ки ба сӯи соҳир мерафт, дар роҳ бо роҳиб менишаст ва чун назди соҳир меомад, ӯро мезад. Вай ба роҳиб шикоят кард. Роҳиб гуфт: Имрӯз медонам, ки соҳир беҳтар аст, ё роҳиб? Сипас сангеро бардошта ва гуфт: Бор Худоё! Агар кори роҳиб аз кори соҳир дар наздат писандидатар аст, ин ҳайвонро бикуш, то мардум бираванд. Сипас сангро андохта, ҳайвонро кушт ва мардум рафтанд. Ӯ назди роҳиб омада, ҷараёнро барояш гуфт. Роҳиб барояш гуфт: Писаракам, ту имрӯз аз ман беҳтарӣ ва корат ба ҷое расида, ки ман мушоҳида мекунам, ҳатман Худованд туро озмоиш мекунад ва агар озмоиш шудӣ, маро ба касе муаррифӣ макун.

Ин писар кӯри модарзод ва песи модарзодро шифо дода ва мардумро аз дигар бемориҳо дармон менамуд. Марде аз ҳамнишинони шоҳ, ки муддате пештар кӯр шуда буд, бо тӯҳфаҳои зиёд наздаш омада гуфт: Агар маро шифо диҳӣ, ҳамаи ин амволро ба ту медиҳам. Писар гуфт: Ман касеро шифо намедиҳам, балки Худованд шифо медиҳад. Агар ту ба Худои таъоло имон оварӣ, аз Худо мехоҳам, то туро шифо диҳад. Он шахс ба Худои таъоло имон оварда, шифо ёфт ва назди шоҳ омад ва мисли собиқ дар ҳузураш нишаст. Шоҳ ба вай гуфт: Чӣ касе дубора биноиятро барои ту гардонд? Гуфт: Оё ту ғайр аз ман Худое дорӣ? Мард гуфт: Аллоҳ, Худои ман ва ту аст. Шоҳ вайро гирифта, шиканҷа намуд, то ин ки писаракро нишон дод. Писарро оварданд. Шоҳ ба вай гуфт: Писаракам, огоҳии ту дар сеҳр ба ҷое расида, ки кӯр ва песро шифо медиҳӣ ва чунину чунон мекунӣ? Писарак гуфт: Ман касеро шифо намедиҳам. Шифодиҳанда Аллоҳ аст. Шоҳ вайро гирифта шиканҷа намуд, то ин ки роҳибро муаррифӣ кард.

Роҳибро оварданд. Шоҳ ба роҳиб гуфт: Аз дини худ баргард, роҳиб напазируфт. Шоҳ арра хост. Арраро бар фарқи сараш гузошта, ӯро ду қисм намуданд, ки ҳар ду қисмаш афтод. Сипас ҳамнишини шоҳ оварда шуд ва ба вай гуфта шуд, ки аз динат баргард, вале ӯ имтиноъ варзид. Арраро бар фарқи сараш гузоштанд ва ӯро бо арра ду қисм карданд, ки ҳар ду қисмаш бар замин афтод. Сипас писаракро оварданд ва ба вай гуфтанд, ки аз динат баргард, вале напазируфт. Ӯро ба гурӯҳе аз ёронаш дод ва гуфт: Ӯро ба кӯҳи фалон ва фалон бурда, ба кӯҳ боло кунед ва чун ба қулла расидед, агар аз динаш баргашт, хуб, варна ӯро аз онҷо бияндозед.

Онҳо ӯро ба болои кӯҳ бурданд. Вай гуфт: Худоё, ба ҳар гунае, ки медонӣ, маро аз шаррашон нигаҳ дор. Кӯҳ ларзид ва онҳо афтоданду мурданд ва ӯ назди шоҳ омад. Шоҳ гуфт: Ҳамроҳонат чӣ шуданд? Писар гуфт: Худованд маро аз шаррашон ҳифз намуд. Шоҳ боз ӯро ба дасти чанд нафар аз ёронаш дода гуфт: Ӯро бурда, дар киштӣ савор карда, ба миёнаи дарё бибаред, агар аз динаш бозгашт, хуб, варна ӯро ба дарё андозед ва Ӯро бурданд, ӯ гуфт: Худоё, маро ҳар тавре, ки хоҳӣ, аз шаррашон дар амон бидор! Киштишон сарнагун шуд ва онон ҳама ғарқ гардиданд. Боз назди шоҳ омад. Шоҳ гуфт: Ҳамроҳонат чӣ шуданд? Писарак гуфт: Худованд маро аз шаррашон ҳифз кард ва барои шоҳ гуфт: Ту қотили ман нахоҳӣ шуд, то ба ончи мегӯям, амал кунӣ. Шоҳ гуфт: Он чист? Ӯ гуфт ҳамаи мардумро дар як замини ҳамвор ҷамъ кунӣ ва маро ба шохаи хурмо ба дор кашӣ. Сипас тире аз тирдонам кашида, онро дар миёни камон бигзор ва баъд бигӯ ба номи Аллоҳ, Парвардигори ин писар. Баъд онро ба сӯи ман биандоз. Агар ин корро анҷом диҳӣ, маро метавонӣ бикушӣ.

Вай мардумро дар замин ҷамъ намуда, ӯро бар шохаи дарахти хурмо ба дор кашида ва тире аз тирдонаш гирифта, дар васати камон гузошта гуфт: Ба номи Аллоҳ ва Худованди ин писар. Ва сипас тирро раҳо кард. Тир дар чаккаи сари писар расид ва ӯ дасташро бар чаккааш гузошта мурд. Мардум гуфтанд: Имон овардем ба Худои ин писар. Гумоштагони шоҳ

назди вай омаданд ва ба ӯ гуфтанд диди?Ончи метарсидӣ, ба сарат омад ва ҳамаи мардум имон оварданд. Шоҳ дастур дод, ки дар ибтидои кӯчаҳо гудолҳо *(чуқуриҳо)* дуруст кунанд. Ин кор амалӣ шуд ва дар он оташ афрӯхта шуд ва гуфт: Касе, ки аз динаш барнагардад, ӯро базӯр дар он биандозед ё ин ки ба вай мегуфтанд: Дарой? Ҳама ин корро карданд, то ин ки зане бо ибни *(писари)* кӯчакаш расид ва таваққуф кард аз ин ки ба он дарояд. Писар бароящ гуфт: Эй модар, собир бош, зеро ту барҳақӣ.

31 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: паёмбар (с) аз канори зане гузаштанд, ки дар баробари қабре мегирист.

Фармуданд: Эй зан, аз Худо битарсу сабр кун. Он зан гуфт: Аз ман дур шав, зеро ту ба мусибатам гирифтор нашудаӣ! Паёмбар (с)-ро нашинохт, ба ӯ гуфта шуд, ки ин шахс паёмбар (с) аст. Вай ба остонаи хонаи он ҳазрат (с) омада, дарбоне дар канори он наёфт ва гуфт: бибахшед, шуморо нашинохтам. Он ҳазрат (с) фармуд: Ҳамоно сабр дар баробари мусибати нахустин аст (*яъне сабр дар огози расидани мусибат мебошад).*

32 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд мефармояд: **Ҳар гоҳ дӯсти холис ва баргузидаи бандаи мӯъминамро аз аҳли дунё аз ӯ бигирам ва ӯ маҳз бароям сабр намояд, подоше дар наздам ҷуз биҳишт надорад.**

33 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки вай аз Расули Худо (с) дар бораи тоъун пурсид. Он ҳазрат (с) ӯро бохабар сохтанд, ки тоъун азобе буда, ки Худованд онро бар касе, ки мехост, нозил менамуд ва Худованд онро барои мӯъминон раҳмат қарор додааст. Пас ҳеҷ бандае нест, ки дар баробари тоъун қарор гирад ва дар шаҳри хеш сабр намуда, аз Худо музд биталабад ва бидонад, ки ба вай ҷуз он чи, ки Худованд бароящ навишта (*муқаддар намуда*) намерасад, магар ин, ки ба вай музди шаҳид арзонӣ мешавад.

34 - Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки фармуд: Худованд азза ва ҷалла мефармояд: **Ҳар гоҳ бандаамро ба фукдони ду ҳабибаш ибтило кунам** *(нури*

*ду чашмашро бигирам)* **ва ӯ сабр кунад, дар ивази он ду ба вай биҳиштро арзонӣ медорам.**

35 - Аз Атоъ ибни Абирабоҳ (р) ривоят аст, ки Ибни Аббос (р) ба ман гуфт: Оё зане аз аҳли биҳиштро бароят нишон бидиҳам? Ман гуфтам: Бале? Гуфт: Ин зани сиёҳ ба ҳузури паёмбар (с) омада гуфт: Ман ба моризи саръ *(беҳушшавӣ)* гирифтор мешавам ва баъзе аз баданам зоҳир мешавад, барои ман дуъо кун. Он ҳазрат (с) фармуд: Агар бихоҳӣ сабр кунӣ, бароят дар ивази он биҳишт аст ва агар мехоҳӣ аз Худованд бихоҳам, ки туро тандуруст намояд. Он зан гуфт: Сабр мекунам ва гуфт: бахше аз баданам зоҳир мешавад, аз Худованд бихоҳ, ки баданам зоҳир нашавад. Он ҳазрат (с) барояш дуъо кард.

36 - Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: гӯӣ акнун ба сӯи паёмбар (с) назар мекунам, дар ҳоле, ки ӯ аз паёмбарон (с) ҳикоят менамуд, ки қавмаш ӯро заданд ва оғӯшта ба хунаш карданд ва ӯ хунро аз чеҳрааш пок намуда ва мефармуд: Худовандо, қавмамро биёмурз, зеро онҳо намедонанд.

37 - Аз Абусаъид ва Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки он ҳазрат (с) фармуд: Ҳеҷ хастагӣ ва мараз *(беморӣ)* ва ғаму андӯҳ ва озору шиканҷае ба мусалмон намерасад, ҳатто хоре, ки ба пояш мехалад, магар ин ки Худованд дар баробари он бархе аз гуноҳонашро меомурзад.

38 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Бар паёмбар (с) ворид шудам дар ҳоле, ки эшон тавба карда буданд, гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Шумо сахт таб кардед. Фармуд: Бале. Ман баробари ду марди шумо таб мекунам. Гуфтам: Ин барои он аст, ки шумо ду аҷр дарёфт мекунед? Фармуд: Бале, ҳамин тавр аст, ҳеҷ мусалмоне нест, ки азияте ба вай бирасад, халидани хоре ё болотар аз он, магар ин ки Худованд дар баробари он гуноҳонашро бахшида, кам мекунад, ҳамон гуна, ки дарахт баргҳояшро мерезонад.

39 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки он ҳазрат (с) фармуд: Касе, ки Худованд ба ӯ иродаи хайр дошта бошад, ӯро ба мусибате гирифтор месозад.

40 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ кадоме аз шумо ба воситаи беморие, ки ба вай расида, маргро талаб накунад. Агар ҳатман ин корро мекунад, бояд бигӯяд: ***Худоё, маро зинда бидор, то замоне, ки зиндагӣ бароям беҳтар аст ва маро бимирон, замоне, ки марг бароям беҳтар аст.***

41 - Аз Хабоб ибни Арт ривоят шуда, ки гуфт ба паёмбар (с) шикоят кардам, дар ҳоле, ки эшон бурдеро болиш намуда ва дар сояи хонаи Каъба буданд. Гуфтам: чаро барои мо талаби нусрат намекунед? Чаро барои мо дуъо намекунед? Он ҳазрат (с) фармуданд: Дар гузашта марди *(мусалмон)* гирифта шуда ва дар хандақе, ки дар замин барои ӯ ҳафр карда буданд, ниҳода мешуд ва сипас арра бар сараш гузошта шуда, ду қисмат мегардид ва сихҳои доғшудаи оҳанӣ дар зери гӯшт ва устухонаш фурӯ мекарданд ва вуҷудашро бо он сихҳо шона мекарданд, бо вуҷуди он ҳам ӯро аз динаш бознамедошт. Ба Худо савганд, ҳароина Худованд ин динро ба камол хоҳад расонд, ба гунае, ки савора аз Санъо ба Ҳазрамавт биравад ва ҷуз хавфе аз Худо ва хатари гург бар гӯсфандонаш аз чизе наҳаросад, вале шумо шитоб мекунед.

Ва дар ривояте омада, ки эшон либоси хатдореро болиш намуда буданд ва мо ҳам аз мушрикин азият ва сахтӣ дида будем.

42 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфт: Дар рӯзи Ҳунайн паёмбар (с) иддаеро дар тақсим баргузиданд. Ба Ақраъ ибни Ҳобис ва Уяйна ибни Ҳисн ҳар кадом сад шутур доданд ва ҳам барои иддае аз ашрофи Қурайш. Ва дар он рӯз ононро дар тақсим саҳми бештар доданд. Марде гуфт: Ба Худо, ин қисматест, ки дар он адолат риоя нашуда ва ҳадаф аз он ризои Худо набудааст. Ман гуфтам: Ба Худо, ман Расули Худо (с)-ро бохабар мекунам. Ҳамон буд, ки хидматшон омада, эшонро

бохабар кардам, чеҳраи муборак тағйир ёфта, сурати муборак барафрӯхт ва гулгун шуду фармуд: Ҳар гоҳ Худо ва расулаш адолат накунанд, пас чӣ касе адолат мекунад? Ва боз гуфт: Худо бар Мӯсо (а) раҳмат кунад, ҳароина беш аз ин азият шуд ва сабр кард. Гуфтам: Албатта баъд аз ин ҳеҷ суханро ба эшон намерасонам.

43 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ Худованд ба бандааш иродаи хайр намояд, азоберо дар дунё бар вай мусаллат созад ва ҳар гоҳ Худованд бар бандааш иродаи шарр кунад, уқубати худро аз ӯ боздорад, то ин ки дар қиёмат ӯро ба азоби хеш гирифтор кунад. Он ҳазрат (с) фармуд: Ҳамоно подоши бузург дар баробари ибтилои *(гирифтори)* бузург аст ва чун Худованд гурӯҳеро дӯст бидорад, онҳоро озмоиш мекунад ва он ки розӣ шавад, ба ибтилои Худо, Худо аз ӯ розӣ мешавад ва ҳар кӣ нохушнуд шавад, Худованд аз ӯ нохушнуд мегардад.

44 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: ибни Абуталҳа мариз шуд ва Абуталҳа аз хона берун омад ва писараш вафот ёфт. Чун Абуталҳа омаду гуфт: писарам чӣ шуд? Умми Салим модари писар гуфт: ҳолаш оромтар аст ва ғизои шабро барои шавҳараш омода сохт ва ӯ ҳам ғэзоро тановул кард. Сипас бо ҳамсараш наздикӣ намуд ва чун фориғ шуд, ҳамсараш гуфт: Писарро ба хок супурданд.

Ҳангоми субҳ Абуталҳа хидмати Расули Худо (с) омада, эшонро аз ҷараёни кор бохабар сохт. Он ҳазрат (с) фармуд: Оё дишаб бо ҳам омезиш кардед? Гуфт: Бале. Фармуд: Худоё, барояшон баракат нозил фармо!

Муддате баъд ҳамсари Абуталҳа писаре таваллуд кард. Абуталҳа ба Анас гуфт: ӯро назди паёмбар (с) бибар ва чанд дона хурмо ҳам ҳамроҳаш фиристод. Паёмбар (с) фармуд: оё бо ӯ чизе ҳаст? Гуфтам: бале, чанд дона хурмо ҳаст. Он ҳазрат (с) онро хоида ва баъд онро гирифта, ба даҳони тифл ниҳода ва ба комаш молида ва номашро Абдуллоҳ гузоштанд. Ва дар ривояти Бухорӣ ба нақл Аз Ибни Уяйна омада, ки шахсе аз

ансор гуфт: ман нӯҳ фарзанд аз авлоди ҳамон Абдуллоҳро, ки таввалуд шуда буд, дидам, ки ҳама Қуръон хонда буданд.

Ва дар ривояти Муслим омада, ки фарзанде аз Абуталҳа, ки аз умми Салим вилодат шуд, вафот ёфт. Умми Салим ба хонаводааш гуфт: шумо дар робита бо ибни Абуталҳа сӯҳбат накунед, то ман бо ӯ сӯҳбат кунам. Абуталҳа омад ва ҳамсараш таъоми шабро зудтар омода сохт ва ӯ таъомро хӯрд ва об ошомид. Сипас умми Салим худашро барои шавҳари худ ба беҳтарин шакле, ки дар собиқ зинат медод, ороиш кард ва Абуталҳа бо ӯ ҳамбистар шуд. Чун фароғат ёфт, умми Салим дид, ки Абуталҳа сер шуда ва бо ӯ ҳамбистар гардида, гуфт: Эй Абуталҳа! Ҳар гоҳ қавме орияташонро назди хонавода гузоштанд ва сипас онро талаб карданд, оё ин хонавода ҳақ дорад, ки орияташонро надиҳад? Гуфт: сабркунанда бош ва аз Худованд ба хотири вафоти фарзандат савоб бихоҳ. Абуталҳа хашмгин гардид ва гуфт: Гузоштӣ, ки олуда шавам ва баъд маро аз писарам бохабар сохтӣ? Сипас назди паёмбар (с) омада, чараёнро барояш гуфт. Он ҳазрат (с) фармуданд: Худованд дар шаби шумо баракат диҳад.

Пас аз он умми Салим бордор шуд ва Расули Худо (с) ба сафар рафта буданд, ки умми Салим ҳам бо эшон буд. Чун Расули Худо (с) аз сафар ба Мадинаи мунаввара бозмегаштанд, вақти шаб ба Мадинаи мунаввара дохил намешуданд. Эшон ба Мадина наздик шуданд ва умми Салимро дарди вилодат гирифт ва Абуталҳа аз ҷиҳати бемории хонумаш бо вай монд ва Расули Худо (с) рафтанд.

Ровӣ (*ривояткунанда*) гӯяд: Абуталҳа гуфт: Худоё, Ту медонӣ, ки чӣ қадар бароям лаззатбахш аст, ки бо паёмбар (с) ҳангоми берун омаданаш берун шавам ва бо ӯ дар лаҳзаи вурудашон дохил гардам, вале аз ҷиҳати он чи ки медонӣ аз ҳамрикобии он ҳазрат (с) мондам. Умми Салим мегӯяд, гуфтам: Эй Абуталҳа, мисли аввал фишори бемориӣ бар ман нест, бирав. Рафтем ва чун расиданд, дарди вилодат вайро гирифт ва писаре таваллуд намуд. Модарам ба ман гуфт: Эй Анас! Касе ӯро

наметавонад шир бидиҳад, то ин ки субҳ ӯро назди Расули Худо (с) бибарӣ. Чун субҳ шуд, ӯро бардошта, хидмати Расули Худо (с) бурдам ва ровӣ тамоми ҳадисро зикр намуд.

45 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ин ки Расули Худо (с) фармуд: Нерӯманд касе нест, ки гӯшти зиёд бигирад ва дигаронро мағлуби худ созад, балки нерӯманд касест, ки дар ҳангоми хашм бар хеш тасаллут дошта бошад.

46 - Аз Сулаймон ибни Сурад (р) ривоят аст, ки гуфт: бо паёмбар (с) нишаста будам, дар ҳоле, ки ду мард ҳамдигарро дашном медоданд. Чеҳраи яке аз онҳо сурх гардида ва рагҳои гарданаш бод карда буд. Паёмбар (с) фармуданд: Ман калимаеро медонам, ки ҳар гоҳ онро мегуфт, хашмаш фурӯ менишаст. Ҳар гоҳ мегуфт: **Аъузу биллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим**, ғазаби ӯ мерафт. Ҳамон буд, ки ба ӯ гуфтанд: Расули Худо (с) фармуд: паноҳ биҷӯй ба Худованд аз шайтони рондашуда.

47 - Аз Муъоз ибни Анас ривоят аст, ки он ҳазрат (с) фармуд: касе, ки хашмашро фурӯ хӯрд, дар ҳоле, ки метавонад онро амалӣ созад, Худованд дар рӯзи қиёмат дар баробари мардум ӯро мехонад ва мухтораш месозад, то аз ҳурулъайн он чиро, ки мехоҳад, интихоб кунад.

48 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки марде бо паёмбар (с) гуфт: маро тавсия кун! Эшон фармуданд: Хашмгин машав. Он мард чанд бор суолашро такрор кард ва Расули Худо (с) дар ҳар бор фармуданд: Хашмгин машав!

49 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуданд: Мард ва зани мӯъмин ҳамеша дар ҷон, фарзанд ва моли хеш мавриди озмоиши Худованд қарор мегирад, то ба Худованд бипайвандад, дар ҳоле, ки гуноҳе надорад.

50 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Уяйна ибни Ҳисн омада ва дар хонаи бародарзодааш Ҳур ибни Қайс фуруд омад ва ӯ аз зумраи афроде буд, ки Умар (р) онҳоро ба худ наздик месохт. Чун қориёни пир ва ҷавон ҳамнишинон ва мушовирони Умар (р) буданд, Уяйна барои бародарзодааш

гуфт: Бародарзодаам, ту дар назди ин амир манзалате дорӣ, иҷоза бихоҳ, ки маро ба ҳузури худ бипазирад. Ӯ аз ҳазрати Умар (р) иҷоза талабид, вай ҳам ба ӯ иҷоза дод ва чун наздаш ҳузур ёфту гуфт: Ҳон! Эй Ибни Хаттоб! Ту барои мо дороии бисёр намедиҳӣ ва одилона дар мавриди мо ҳукм намекунӣ. Умар (р) хашмнок шуд ва наздик буд, ки вайро бизанад. Ҳур барояш гуфт: Эй амиралмӯъминин! Худованд ба паёмбар (с) мегӯяд, ки авф пеша кун ва ба кори писандида амр намо ва аз ҷоҳилон эъроз кун ва ин аз ҷумлаи ҷоҳилон аст. Ба Худо савганд, Умар (р) аз адл таҷовуз накард ва ба ҳаққе, ки сахт дар баробари китоби Худо таваққуф мекард.

51 - Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуданд: Бидуни шак баъд аз ман худхоҳӣ ва умуре, ки зишташ медоред, падид хоҳад омад. Гуфтанд: ё Расулаллоҳ, ба мо чӣ дастур медиҳӣ? Фармуд: Ҳақеро, ки бар шумост, адо кунед ва аз Худованд барои худ чизеро талаб кунед, ки аз они шумост.

52 - Аз Абу Яҳёи Усайд ибни Ҳузайр (р) ривоят аст, ки марде аз ансор гуфт: Ё расулуллоҳ! Оё ҳамон тавр, ки фалониро муваззаф сохтед, маро мувазаф намесозед? Эшон фармуданд: Ҳамоно зуд аст, ки баъд аз ман бо худ гузинӣ, дар ҳаққе, ки дигарон ҳам дар он шариканд, рӯбарӯ шавед, пас сабр кунед, то маро бар сари ҳавз мулоқот намоед.

53 - Аз Абдуллоҳ Ибни Абиавфо ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) дар яке аз рӯзҳое, ки бо душман рӯ ба рӯ шуданд, интэзор кашиданд, то ин ки офтоб моил шуд. Сипас дар миёнашон бархоста, чунин фармуд: Эй мардум, рӯ ба рӯ шудан бо душманро орзу макунед ва аз Худованд саломатӣ бихоҳед ва бидонед, ки биҳишт дар зери сояи шамшерҳост.

Пас аз он паёмбар (с) фармуданд: ***Эй Худованди фурӯфиристандаи китоб ва ҷорисозандаи абрҳо ва ҳазиматдиҳандаи аҳзоб ва гурӯҳҳо, онҳоро шикаст деҳ ва моро бар онҳо нусрату ёрӣ фармо.***

# БОБИ 4. Сидқу ростӣ

قال الله تعالى: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللهَ وَكُونُوا مَعَ الصَّادِقِينَ﴾ [التوبة: ١١٩]، وقال تعالى: ﴿وَالصَّادِقِينَ وَالصَّادِقَاتِ﴾ [الأحزاب: ٣٥]، وقال تعالى: ﴿فَلَوْ صَدَقُوا اللهَ لَكَانَ خَيْراً لَهُمْ﴾ [محمد: ٢١].

Худованд мефармояд:

**Эй мӯъминон, аз Худо битарсед ва бо ростон ёр бошед.** *(Тавба: 119)*

**Мардони ростгӯ ва занони ростгӯ.** *(Аҳзоб: 35)*

**Ҳамоно агар бо Худо ростӣ мекарданд, ҳаққо, ки барояшон беҳтар буд.** *(Муҳаммад: 2)*

54 - Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуданд: Ҳамоно ростӣ инсонро ба сӯи некӯкорӣ роҳнамоӣ мекунад ва некӯкорӣ инсонро ба биҳишт раҳнамун мегардонад ва ҳамоно банда рост мегӯяд, то ин ки дар назди Худованд бисёр ростгӯ ва сиддиқ навишта мешавад ва дурӯғ инсонро ба сӯи маъосӣ ва гуноҳон мекашад ва гуноҳон инсонро ба сӯи дӯзах мекашад ва шахс ҳамоно дурӯғ мегӯяд, то ки дар пешгоҳи Худованд каззоб ва бисёр дуруғгӯ навишта мешавад.

55 - Аз Абумуҳаммад Ҳасан ибни Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: ёд дорам аз Расули Худо (с), ки фармуд: Тарк кун он чиро, ки туро ба шак меандозад ва чанг зан ба чизе, ки туро ба шак намеандозад, чунки ростӣ итминону оромиши хотир аст ва дурӯғ шак аст.

56 - Аз Абусуфён Сахр бини Ҳарб (р) дар ҳадиси дарозаш дар қиссаи Ҳирақл (Гироклиюс) нақл шуда, ки Ҳирақл гуфт: Он ҳазрат (с) шуморо ба чӣ амр мекунад? Абусуфён мегӯяд: Гуфтам: Мегӯяд: Худои воҳидро бипарастед ва ба ӯ чизеро шарик маёваред ва тарк намоед он чиро, ки падарони шумо мегӯянд ва моро дастур медиҳад, ки намоз бигзорем ва рост бигӯем ва покдоманӣ варзем ва силаи раҳмро пайваста бидорем.

57 - Аз Абусобит ё Абусаид ё Абулвалид Саҳл ибни Ҳунайф ривоят аст, ки он ҳазрат (с) фармуданд: Касе, ки аз рӯи сидқу ростӣ аз Худованд шаҳодатро талаб кунад, Худованд ӯро аз дараҷоти шуҳадо баҳраманд месозад, ҳарчанд бар болинаш бимирад.

58 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуданд: Яке аз паёмбарон (а) ҷиҳод намуда ва барои қавмаш гуфт: Чанд кас ба дунболи ман наёяд: Марде, ки занеро ба никоҳ гирифта, то бо ӯ ҳамбистар шавад, дар ҳоле, ки ҳанӯз бо вай ҳамбистар нашуда ва на касе, ки хонаҳое сохта ва сақфи онҳоро баланд накардааст ва на касе, ки гӯсфанде ё шутури бордореро харида ва интэзори бачаҳои онро мекашад. Сипас ҷиҳод намуд ва намози аср ё наздики намози аср ба рустое наздик шуд, барои офтоб гуфт: Ту ҳам маъмурӣ ва ман ҳам маъмурам. Худоё, офтобро бар мо нигаҳ дор ва ҳабс кун! Офтоб банд шуд, то ин ки Аллоҳ таъоло русторо барояш кушуд. Баъд ғаниматҳоро ҷамъ намуд ва сипас оташ *(аз осмон)* омад, то ғаниматҳоро бисӯзонд, вале насӯхт, гуфт: Ҳамоно дар миёни шумо ба ғанимат хиёнат шудааст. Бояд аз ҳар қабила як нафар аз шумо бо ман байъат кунад, баъдан дасти марде ба дасташ часпид ва гуфт: Хиёнат дар ғанимат аз тарафи шумо сурат гирифта, бояд қабилаат бо ман бийъат намояд. Баъд дасти ду нафар ё се нафар ба дасташ расид ва гуфт: Хиёнат аз миёни шумо шуда. Баъдан сипари тиллоиеро, ки монанди сари гов буд, оварданд, сипас онро гузошт ва оташ омада, онро сӯзонд. Расули акрам (с) фармуд: ғаниматҳо барои ҳеҷ кас пеш аз мо ҳалол нашуд, вале баъдан Худованд, заъф ва нотавонии моро дида, онро барои мо ҳалол сохт.

59 - Аз Ҳаким ибни Ҳизом ривоят шуда, гуфт Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳарду муомилакунанда (*фурӯшанда ва харидор*) ихтиёр доранд, то замоне, ки аз ҳам ҷудо нашаванд. Агар рост гуфтанд ва баён намуданд, дар муомилаашон баракат дода мешавад ва агар пӯшиданд ва дурӯғ гуфтанд, баракати муомилаашон аз миён меравад.

# БОБИ 5. Муроқибат

*(Огоҳӣ ба таваҷҷӯҳ ва назорати Худованд бар аъмоли банда)*

قال الله تعالى: ﴿ الَّذِي يَرَاكَ حِينَ تَقُومُ وَتَقَلُّبَكَ فِي السَّاجِدِينَ ﴾ [الشعراء: ٢١٩، ٢٢٠]، وقال تعالى: ﴿ وَهُوَ مَعَكُمْ أَيْنَمَا كُنْتُمْ ﴾ [الحديد: ٤]، وقال تعالى: ﴿ إِنَّ اللهَ لا يَخْفَى عَلَيْهِ شَيْءٌ فِي الأَرْضِ وَلا فِي السَّمَاءِ ﴾ [آل عمران: ٦]، وقال تعالى: ﴿ إِنَّ رَبَّكَ لَبِالْمِرْصَادِ[١] ﴾ [الفجر: ١٤]، وقال تعالى: ﴿ يَعْلَمُ خَائِنَةَ الأَعْيُنِ وَمَا تُخْفِي الصُّدُورُ ﴾ [غافر: ١٩] والآيات في الباب كثيرة معلومة.

Худованд мефармояд: **Он Худое, ки вақте қиём мекунӣ туро мебинад ва хам гаштани туро дар миёни намозгузорон мушоҳида мекунад.** *(Шуъаро: 220).*

**Ӯ бо шумост, ҳар куҷое, ки бошед.** *(Ҳадид: 4)*

**Ҳамоно на дар замин ва на дар осмон чизе аз Худованд пӯшида намемонад.** *(Оли Имрон: 6)*

**Ҳамоно Парвардигори ту дар камингоҳ аст.** *(Фаҷр: 14)*

**Худованд медонад хиёнати чашмро ва он чӣ дилҳо пинҳон медоранд.** *(Ғофир: 19)*

60 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе дар асное, ки мо дар ҳузури паёмбар (с) нишаста будем, ногаҳон марде дар баробари мо падидор шуд, ки либосҳояш бисёр сафед ва мӯйҳояш бисёр сиёҳ буд, на асари сафар дар вай ҳувайдо буд ва на ҳам касе аз мо ӯро мешинохт, то ин ки хидмати паёмбар (с) нишаста, зонуҳояшро ба зонуи паёмбар (с) такя дода ва ҳар ду дасташро бар ронҳои паёмбар (с) гузошта, гуфт: Эй Муҳаммад! Маро аз ислом хабар деҳ. Расули Худо (с) фармуд: Ислом ин аст, ки шаҳодат диҳӣ, ин ки маъбуди барҳақе, ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад фиристодаи Худо аст ва намоз барпо дорӣ ва закот бидиҳӣ ва рамазонро рӯза бигирӣ ва агар тавоноӣ доштӣ, ба ҳаҷҷи Хонаи Худо биравӣ. Гуфт: Мо дар шигифт мондем, ки аз паёмбар (с) савол мекунад ва тасдиқаш менамояд. Гуфт: пас хабар деҳ маро аз имон. Фармуд:

Ин ки имон биёварӣ ба Худо ва фариштагон ва китобҳо ва паёмбаронаш ва рӯзи охират имон биёварӣ ва ба қадар, хайраш ва шарраш. Гуфт: рост гуфтӣ. Гуфт: пас хабар деҳ, маро аз иҳсон. Фармуд: Ин, ки Худоро чунон бипарастӣ, ки гӯё ӯро мебинӣ, агар ту ӯро намебинӣ, Ӯ туро мебинад. Гуфт: пас хабар деҳ, маро аз қиёмат. Фармуд: саволшуда аз саволкунанда донотар нест. Гуфт: пас хабар деҳ, маро аз нишонаҳои он. Фармуд: Ин, ки каниз молики худро вилодат намояд ва ин ки мушоҳида кунӣ, ки побараҳнаҳо ва танбараҳнаҳо ва гуруснаҳои гӯсфандчарон дар *(бунёди)* сохтмонҳо бар якдигар сабқат меҷӯянд.

Сипас он мард рафту муддате диранг намудам, он ҳазрат (с) фармуд: Эй Умар! Оё медонӣ, ки саволкунанда кӣ буд? Гуфтам: Худо ва Расулаш донотар аст. Фармуд: Ин Ҷабраил буд, ки барои таълими дин барои шумо омада буд.

61 - Аз Абузар ва Муъоз ибни Ҷабал ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: аз Худо битарс, ҳар куҷое, ки будӣ ва дар муқобили бадӣ некӣ кун, то онро маҳв намояд ва бо мардум ба шеваи некӯ ва ахлоқи ҳасана рафтор кун.

62 - Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: рӯзе дар пушти сари паёмбар (с) бар маркабашон савор будам, ки фармуд: Эй бача! Чанд сухани арҷмандро бароят таълим медиҳам; Худоро ҳифз кун, то туро ҳифз кунад. Ба ёди Худо бош, ӯро дар баробарат меёбӣ. Агар чизе мехоҳӣ, аз Худо бихоҳ ва агар ёрӣ меҷӯӣ, аз Худо биҷӯй ва бидон, ки агар тамоми мардум ҷамъ шаванд, то ба ту нафъе бирасонанд, нафъ расонда наметавонанд, магар он чиро, ки Худованд бароят навиштааст ва ҳама ҷамъ шаванд, то ба ту зараре бирасонанд, зараре расонда наметавонанд, магар он чиро ки Худованд бароят навишта ва муқаддар кардааст. Қаламҳо бардошта шуда ва саҳифаҳо хушк гардидааст. Ва дар ривояти ғайри Тирмизӣ омада: Ба ёди Худо бош, ӯро дар баробари худ меёбӣ. Дар ҳангоми осоиш Худоро бишнос, то дар сахтиҳо туро бишносад ва бидон, он чӣ, ки бояд ба ту нарасад, намерасад ва он чӣ, ки бояд ба ту бирасад, ҳатман расиданист ва бидон,

ки ёрӣ ва мадад бо сабру пойдорӣ ва кушодагӣ бо сахтӣ ва душворӣ бо осонӣ аст.

63 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Шумо муртакиби аъмоле мешавед, ки дар назари шумо бориктар аз муй аст, ба ин ки дар аҳди паёмбар (с) мо онро аз ҷумлаи ҳалоккунандаҳо мешумурдем.

64 - Аз Абуҳурайра (р) аз паёмбар (с) ривоят аст, ки фармуд: Худованди таъоло ғайрат мекунад *(хашмнок мешавад)* ва ғайрати Худовандӣ дар он вақт аст, ки шахс муҳаррамоти Худоро анҷом диҳад.

65 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки аз паёмбар (с) шунид,, ки мефармуд: Худованд хост, ки се тан аз бани Исроилро, ки яке песи модарзод, дигаре кали модарзод ва саввумӣ кӯри модарзод буд, биёзмояд. Пас фариштаеро фиристод, ки назди пес омада, ба ӯ гуфт: Чӣ чизро бештар дӯст медорад? Вай гуфт: Ранги некӯ, пӯсти некӯ ва ин ки ин беморие, ки сабаби нафрату дурии мардум аз ман шуда, аз миён биравад. Пас дасте бар вай кашид ва ранги песие, ки мӯҷиби нанги ӯ шуда буд, аз миён рафт ва ранги некӯ ба вай дода шуд. Баъд ба ӯ гуфт: Кадом молро дӯсттар медорӣ? Гуфт: Шутурро *(ё гуфт: говро)* ва Худованд ба вай модашутуре бордор дод ва гуфт: Худованд бароят дар он баракат диҳад. Баъд назди кал омада гуфт: Чӣ чизро дӯст медорӣ? Гуфт: Мӯйи некӯ ва ин ки ин беморие, ки сабаби дурии мардум аз ман шуда, аз миён биравад. Сипас сари ӯро масҳ намуд, калиаш аз байн рафт ва мӯйи некӯ ба ӯ дода шуд ва гуфт: Кадом молро бештар дӯст медорӣ? Гуфт: говро. Гови бордоре ба ӯ дода шуд ва гуфт: Худованд бароят дар он баракат диҳад. Баъд назди кӯр омада гуфт: Кадом чизро бештар дӯст медорӣ? Гуфт: Ин ки Худованд биноиямро боздиҳад, то мардумро бубинам. Ӯ ҳам дасташро бар вай кашид ва Худованд биноияшро ба вай дод. Гуфт: Кадом молро зиёдтар дӯст дорӣ? Гуфт: гӯсфандро. Гӯсфанди бордор ба ӯ дода шуд. Ва ҳар се ҳайвон *(шутур, гов, гӯсфанд)* бача зоданд. Он яке соҳиби як дашт шутур ва дигаре соҳиби як дашт гов ва

саввумӣ соҳиби як дашт гӯсфанд шуд. «Киноя аз теъдоди зиёди чорпо аст».

Сипас ин фаришта ба ҳамон шакл ва ҳайкали аввалӣ назди пес омада гуфт: Марде ҳастам мискин, ки аз сафар бозмонда ва наметавонам ба манзил бирасам, магар ба кӯмаки Худо ва баъд кӯмаки ту. Аз ту мехоҳам ба Зоте, ки барои ту ранги некӯ ва ҷилди (пӯсти) некӯ ва мол дода, ин ки бароям шутуре бидиҳӣ, ки дар сафарам ба василаи он ба манзилам бирасам. Мард гуфт: Қарзи зиёд дорам. Фаришта гуфт: Фикр мекунам, ман туро мешиносам. Оё ҳамон песи фақир нестӣ, ки мардум аз ту нафрат мекарданд ва акнун Худованд бароят ин ҳама неъмат додааст? Мард гуфт: Ман ин сарватро аз бузургонам ба мерос бурдаам. Вай гуфт: Агар чунон ки дурӯғ мегӯӣ, Худованд туро ба ҳолати аввалиат баргардонад. Баъд ба ҳамон шакл назди кал омад ва ӯ ҳам монанди пес ҷавоб дод. Ва фаришта ҳам ба вай ҳамон гуфт, ки ба пес гуфта буд ва гуфт: Агар чунон, ки дурӯғ мегӯӣ, Худованд туро ба ҳолати аввалиат бозгардонад. Баъд ба ҳамон шаклу қиёфа назди кӯр омада гуфт: Марди мискин ва мусофирам, ки васоили сафарам аз байн рафта ва имрӯз ба манзилам намерасам, магар ба кӯмаки Худо ва баъд ба кӯмаки ту. Аз ту мехоҳам, ба ҳаққи он, ки нури чашматро ба ту боздода, гӯсфанде деҳ, ки бад-он ба сафарам идома диҳам. Вай гуфт: Бале ба ростӣ, ки Худованд биноиямро боздод, ҳарчӣ мехоҳӣ бигир ва ҳар чӣ мехоҳӣ, бигзор ва савганд ба Худо, ки ҳаргиз дар он чӣ, ки барои ризои Худо, барои худ мегирӣ, бо ту сахтгирӣ намекунам. Фаришта гуфт: Молатро бо худ бидор! Шумо мавриди озмоиши Худо қарор гирифтед ва Худованд аз ту розӣ шуд ва бар ду рафиқат хашм намуд.

66 - Аз Абуяъло Шаддод ибни Авс ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Зирак касест, ки нафси худро муҳосаба намуда ва барои зиндагии пас аз марг кор мекунад ва нотавон касест, ки нафсашро ба дунболи орзуҳо ва ҳавои нафси хеш кашонад ва аз Худо умед дошта бошад.

67 - Аз Абуҳурайра ривоят аст, ки он ҳазрат (с) фармуданд: Аз ҳусну некӯии исломи шахс ин аст, ки ӯ корҳои бефоидаро тарк намояд.

68 - Аз Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Мард аз ин ки ҳамсарашро барои чӣ зада, мавриди пурсиш қарор намегирад.

## БОБИ 6. Тақво ва парҳезгорӣ

Худованд мефармояд: **Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед, ҳақи тарсидани аз Ӯ.** *(Оли Имрон: 102)*

**Аз Худо битарсед, ҳар андозае, ки метавонед.**

*(Тағобун: 16)*

Ин ояти сураи Тағобун баёнкунандаи мурод ва маъно ояти аввал мебошад ва низ Аллоҳ таъоло мефармояд: **Эй ононе, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва сухани ҳақ бигӯед.**

*(Аҳзоб: 70)*

**Касе, ки аз Худо битарсад, барояш гурезгоҳе аз ҳар коре муқаррар дошта ва аз ҷое ӯро рӯзӣ медиҳад, ки гумон намекунад.** *(Талоқ: 2-3)*

**Агар аз Худо битарсед, барои шумо кушоишеро пайдо кунад ва аз гуноҳатон даргузарад ва Худо шуморо биёмурзад ва Худо соҳиби фазли бузург аст.** *(Анфол: 29)*

69 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфта шуд, эй Расули Худо (с), гиромитарини мардум кист?

Фармуд: Парҳезгортаринашон. Гуфтанд: дар ин бора аз шумо намепурсем. Фармуд: Пас Юсуф, паёмбари Худо, фарзанди паёмбари Худо, фарзанди дӯсти Худо. Гуфтанд: аз ин савол намекунем. Фармуд: Оё аз сулолаи Араб мепурсед? Беҳтаринашон дар ҷоҳилият, беҳтаринашон дар ислом аст, замоне, ки дониш бияндӯзанд.

70 - Аз Абӯсаиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: Ҳамоно дунё ширин ва сабз аст *(зарқ ва барқ дорад)* ва Худованд шуморо дар он халифа сохтааст, то бубинад,

ки чӣ гуна амал мекунед, пас битарсед аз дунё ва аз занон, чаро ки аввалин озмоиши бани Исроил дар бораи занҳо буд.

71 - Аз Абдуллоҳи Масъуд ривоят аст, ки аз паёмбар (с) фармуд: ***Худовандо, аз ту ҳидоят, парҳезгорӣ, ифоф*** *(парҳез аз он чи номашрӯъ аст)* ***ва бениёзиро металабам.***

72 - Аз Абутариф Адй ибни Ҳотими Тойӣ ривоят аст, ки гуфт: аз он ҳазрат (с) шунидам, ки фармуд: Он ки ба чизе савганд хӯрад, сипас чизеро бубинад, ки аз он ба тақвои Илоҳӣ наздиктар аст, бояд роҳи тақворо баргузинад.

73 - Аз Абуумома Судай ибни Аҷлони Боҳилӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Шунидам, ки Расули Худо (с) дар Ҳаҷҷатулвидоъ хутбае эрод намуда ва фармуд: Аз Худо битарсед ва намозҳои панҷвақтаи худро бихонед ва моҳи Рамазонро рӯза бигиред ва закоти молҳои хешро бидиҳед ва аз амирони хеш итоъату фармонбардорӣ кунед, ба биҳишти Парвардигори хеш дохил шавед.

## БОБИ 7. Яқин ва таваккал

قال الله تعالى: ﴿وَلَمَّا رَأَى الْمُؤْمِنُونَ الأَحْزَابَ قَالُوا: هَذَا مَا وَعَدَنَا اللهُ وَرَسُولُهُ، وَصَدَقَ اللهُ وَرَسُولُهُ، وَمَا زَادَهُمْ إِلاَّ إِيمَاناً وَتَسْلِيماً﴾ [الأحزاب: ٢٢]، وقال تعالى: ﴿الَّذِينَ قَالَ لَهُمُ النَّاسُ إِنَّ النَّاسَ قَدْ جَمَعُوا لَكُمْ فَاخْشَوْهُمْ فَزَادَهُمْ إِيْمَاناً وَقَالُوا: حَسْبُنَا اللهُ وَنِعْمَ الْوَكِيلُ. فَانْقَلَبُوا بِنِعْمَةٍ مِنَ اللهِ وَفَضْلٍ لَمْ يَمْسَسْهُمْ سُوءٌ وَاتَّبَعُوا رِضْوَانَ اللهِ، وَاللهُ ذو فَضْلٍ عَظِيمٍ﴾ [آل عمران: ١٧٣، ١٧٤]، وقال تعالى: ﴿وَتَوَكَّلْ عَلَى الْحَيِّ الَّذِي لا يَمُوتُ﴾ [الفرقان: ٥٨]، وقال تعالى: ﴿وَعَلَى اللهِ فَلْيَتَوَكَّلِ الْمُؤْمِنُونَ﴾ [إبراهيم: ١١]، وقال تعالى: ﴿فَإِذَا عَزَمْتَ فَتَوَكَّلْ عَلَى اللهِ﴾ [آل عمران: ١٥٩]، وَالآيَات فِي الأَمْرِ بالتَّوَكُّلِ كَثِيرَةٌ مَعْلُومَةٌ. وقال تعالى: ﴿وَمَنْ يَتَوَكَّلْ عَلَى اللهِ فَهُوَ حَسْبُهُ﴾ [الطلاق: ٣] أيْ: كَافِيهِ، وَقال تعالى: ﴿إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ الَّذِينَ إِذَا ذُكِرَ اللهُ وَجِلَتْ(١) قُلُوبُهُمْ وَإِذَا تُلِيَتْ عَلَيْهِمْ آيَاتُه زَادَتْهُمْ إِيمَاناً وَعَلَى رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ﴾ [الأنفال: ٢] وَالآيَات فِي فَضْلِ التَّوَكُّل كَثِيرَةٌ مَعْرُوفَةٌ.

Худованди бузург мефармояд: **Ва чун мусалмонон Аҳзобро диданд, гуфтанд: Ин аст он чи моро Худо ва паёмбараш ваъда**

**дода буд ва рост гуфт Худо ва расули ӯ ва ин амр ҷуз бар имон ба таслимашон наяфзуд.** *(Аҳзоб: 22)*

**Онон ки мардум барояшон гуфтанд, ки кофирон барои саркӯбии шумо лашкар ҷамъ кардаанд, пас аз он лашкарҳо битарсед, вале зиёд кард ин сухан имонашонро ва гуфтанд: Бас аст, моро Худо ва ӯ ёвари хуб аст, пас бозгаштанд** *(ин мусалмонон)* **ба неъмате аз Худо ва фазли ӯ ва нарасид ба эшон ҳеҷ сахтӣ ва хушнудии Худоро пайравӣ намуданд ва Худо соҳиби фазли бузург аст. (***Оли Имрон: 173-174.)*

**Ва таваккал кунед бар он зиндае, ки ҳаргиз намемирад.** *(Фурқон: 58)*

**Ва бар Худо бояд, ки таваккал кунанд мусалмонон.**

*(Иброҳим: 11)*

**Ва чун қасдатро маҳкам кардӣ, пас бар Худо эътимод кун.** *(Оли Имрон: 159)*

**Ва ҳар кӣ бар Худо таваккал кунад, пас Ӯ таъоло ӯро бас аст.** *(Талоқ: 3)*

**Ҳаққо, ки мӯъминон касоне ҳастанд, ки чун Худо ёд карда шавад, дилҳояшон битарсад ва чун оёти Худо бар онон тиловат шавад, зиёд созад** *(он оятҳо)* **имонашонро ва барои Парвардигори хеш таваккал мекунанд.** *(Анфол: 2)*

74 - Аз Абдуллоҳи Аббос ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Умматҳои собиқа бар ман арза шуданд ва дидам паёмбареро бо гурӯҳи бисёр кӯчаке камтар аз даҳ нафар ва дидам паёмбари дигареро бо як нафар ё ду нафар ва паёмбари дигареро, дар ҳоле ки бо ӯ як нафар набуд.

Ногаҳон гурӯҳи бисёреро дидам ва гумон кардам, ки онҳо уммати ман ҳастанд, ба ман гуфтанд: Ин Мӯсо ва қавми ӯ ҳастанд, лекин ба он каронаи дигар бубин.

Нигоҳ кардам, ногаҳон сиёҳии бузургеро мушоҳида кардам. Боз ба ман гуфта шуд: ба он сӯи дигар бубин, дидам гурӯҳи зиёдеро. Боз ба ман гуфта шуд, ин уммати ту аст ва бо онҳо ҳафтод ҳазор нафар ҳастанд, ки бидуни ҳисоб ва азоб ба биҳишт дохил мешаванд. Расули Худо (с) инро гуфтанду бархоста, ба хона дохил шуданд.

Мардум дар мавриди ин ашхосе, ки бидуни ҳисоб ва азоб ба биҳишт дохил мешаванд, баҳс карданд. Баъзе гуфтанд: шояд онҳо асҳоби паёмбар (с) бошанд. Баъзеи дигар гуфтанд: шояд онҳо касоне бошанд, ки дар ислом таваллуд шудааанд ва ба Худованд шарик наовардаанд ва чизҳои дигар ҳам аз ин қабил баён кардаанд.

Паёмбар (с) ба назди эшон омада пурсиданд, дар бораи чӣ баҳс менамоед? Онҳо он ҳазрат (с)-ро бохабар сохтанд. Расули Худо (с) фармуданд: Онҳо касоне ҳастанд, ки дигаронро таъвиз ва афсун намекунанд ва худ ҳам талаби таъвиз ва афсун наменамоянд ва бадфолӣ нанамуда ва бар Худои хеш таваккал ва эътимод мекунанд. Аккоша ибни Муҳсин бархоста, гуфт: Эй Расули Худо (с), дуъо кун, ки Худованд маро аз ҷумлаи онҳо бигардонад. Он ҳазрат (с) фармуд: ту аз ҷумлаи онҳо ҳастӣ. Сипас марди дигаре бархоста, гуфт: дуъо кун, ки Худованд маро аз онҳо ба ҳисоб оварад. Эшон фармуданд, ки Аккоша бар ту сабқат ҷустааст.

75 - Аз Абдуллоҳи Аббос ривоят аст, ки Расули Худо (с) мефармуданд: ***Худоё! Барои ту таслим шудам ва ба ту имон овардам ва бар ту эътимод кардам ва ба ту руҷӯъ намудам ва барои ту*** *(бо душманон)* ***душманӣ варзидам.***

***Бор Худоё, ба иззатат паноҳ меҷӯям, ки худое ҷуз ту нест, аз ин ки маро гумроҳ созӣ. Ту зиндае ҳастӣ, ки намемирӣ, вале ҷин ва инс мемиранд.***

76 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки фармуд: Ҳасбуналлоҳ ва ниъма-л-вакил (Аллоҳ кофист барои мо ва нигаҳбони некӯст) ҳамон дуъои муборакест, ки Иброҳим (а) ҳангоме, ки дар оташ андохта шуд, онро гуфт. Ҳазрати Муҳаммад (с) ҳам ҳангоме, ки гуфта шуд: «Мардум барои муқобила бо шумо ҷамъ шудаанд, пас аз онҳо битарсед. Аммо имоншон афзун шуд ва *Ҳасбуналлоҳу ва ниъма-л-вакил* гуфтанд. Ва дар ривояте Аз Ибни Аббос (р) омадааст, ки гуфт: Сухани охири Иброҳим (а) ҳангоме, ки дар оташ андохта шуд, ин буд, ки гуфт: «Ҳасбуналлоҳу ва ниъма-л-вакил».

77 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Мардуме ба биҳишт дохил мешаванд, ки дилҳояшон мисли дилҳои паррандагон аст.

78 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки вай бо паёмбар (с) ба сӯи Наҷд барои ҷиҳод рафт ва чун он ҳазрат (с) аз ҷанг бозгаштанд, ӯ ҳам ҳамроҳашон бозгашт. Онон ҳангоми қайлула *(хоби чошт)* ба водие расиданд, ки бисёр хор дошт ва мардум барои истироҳат дар зери сояи дарахтҳо пароканда шуданд. Он ҳазрат (с) зери дарахти бузурге *(дарахти мавз, ки урупоиён банан гӯянд)* фуруд омада, шамшери худро бар он овезон намуд ва лаҳзае хобидем. Ногаҳон мутаваҷҷеҳ шудам, ки паёмбар (с) моро мехоҳанд ва дар канорашон бодиянишине истодааст. Расули Худо (с) фармуд: Ин шахс шамшери маро аз ғилоф кашида ва ман хоб будам. Ногаҳон бедор шудам ва дидам, ки шамшери бараҳна дар дасташ қарор дорад ва ба ман гуфт: Чӣ касе туро аз ман бозмедорад? Ман се бор гуфтам: Аллоҳ ва ӯро муҷозот намуда нишаст. Дар ривояти дигар Ҷобир (р) гуфт: Мо бо паёмбар (с) ба ғазои Зоту-р-риқоъ рафта будем ва чун ба дарахти соядор мерасидем, онро барои паёмбар (с) мегузоштем. Марде аз мушрикин дар ҳоле, ки шамшери Расули Худо (с) ба дарахте овезон буд, омада онро гирифта гуфт: Аз ман наметарсӣ? Фармуданд: На. Гуфт: Чӣ касе туро аз ман бозмедорад? Фармуданд: Аллоҳ. Ва дар ривояте (дар Саҳеҳи Исмоилӣ) омада, ки он мард гуфт: Чӣ касе туро аз ман бозмедорад? Фармуданд: Аллоҳ. Сипас шамшер аз дасти ӯ афтод. Расули Худо (с) шамшерро гирифта фармуд: Чӣ касе туро аз ман бозмедорад? Он мард гуфт: Беҳтарин гиранда бош *(яъне шамшерро дар дастат нигоҳ дор ва онро бар ман ҳавола макун)*. Паёмбар (с) фармуд: Оё шаҳодат медиҳӣ, ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест ва ман Расули Худоям? Гуфт: На! Вале бо ту паймон мебандам, ки бо ту наҷангам ва бо касоне, ки бо ту биҷанганд, ҳамроҳӣ накунам. Паёмбар (с) ӯро раҳо карданд. Ба дунболи он, вай назди рафиқонаш рафта гуфт: Ман аз назди беҳтарин мардум пеши шумо омадам.

79 - Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуданд: Агар шумо ба гунае, ки шоистааст бар Худо таваккалу эътимод кунед, ҳамоно шуморо Худованд монанди мурғон, ки субҳ гурусна мебароянд ва шом сер бозмегарданд, рӯзӣ медиҳад.

80 - Аз Абуимора Бароъ ибни Озиб ривоят аст, ки гуфт, паёмбар (с) фармуд: Эй фулонӣ, вақте ки ба бистари хобат қарор гирифтӣ, бигӯ: ***Бор Худоё, худро ба ту супурдам ва рӯямро ба сӯи ту намудам ва корамро ба ту супурдам ва бар ту иттико кардам, аз рӯи бим ва умед аз ту, ҳеҷ гурезгоҳ ва паноҳгоҳе аз ту ба ҷуз ба сӯи ту вуҷуд надорад. Имон овардам ба китобе, ки фиристодӣ ва паёмбаре, ки барангехтӣ.*** Агар ту ҳамон шаб бимирӣ, бар имони фитрӣ мемирӣ ва агар субҳдам зинда бархостӣ, хайре ба даст меоварӣ.

Ва дар ривояте дар *Саҳиҳайн* аз Бароъ ривоят шуда, ки паёмбар (с) бароям фармуд: Ҳар гоҳ тасмим гирифтӣ бихобӣ, монанди вузӯят барои намоз вузӯ кун ва сипас бар паҳлӯи рост қарор гирифта, бигӯ: *ҳадиси мазкурро гуфту дар охир афзуд*: ин дуъоро охири суханат қарор деҳ.

81 - Аз Абубакри Сиддиқ (р) ривоят аст, ки гуфт: ман дар ғор ба пойҳои мушрикон назар кардам, ки болои сари мо истода буданд. Гуфтам: Эй Расули Худо (с), агар яке аз онҳо ба зери пояш бингарад, моро хоҳад дид. Он ҳазрат (с) фармуд: Чӣ фикр мекунӣ ба ду касе, ки саввумашон Худост?

82 - Аз Модари мӯъминон Умми Салама, ки исмаш Ҳинд бинти Абуумайя Ҳузайфаи Махзумӣ ривоят аст, ки чун паёмбар (с) аз хона мебаромад, мегуфт: ***Ба номи Худо, таваккал намудам бар Худо. Бор Худоё, паноҳ меҷӯям ба ту аз ин ки гумроҳ кунам, ё гумроҳ шавам, лагжиш кунам, ё тавассути дигаре ба лагжиш водор шавам, зулм кунам, ё бар ман зулм шавад, кори ҷоҳилонае анҷом диҳам ва ё бар ман анҷом дода шавад.***

83 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Касе, ки ҳангоми берун омадан аз хонааш бигӯед: «Бисмиллоҳи таваккалту ъалаллоҳи ва»... Ба номи Худо,

таваккал ва эътимод кардам бар Худо нест гардидани аз маъсият ба сӯи тоъат ва нест қуввате (барои анҷоми аъмоли хайр) магар ба тавфиқи Худо. Ба ӯ гуфта мешавад: Ҳидоят шудӣ ва корҳоят рӯ ба роҳ шуд ва маҳфуз гардидӣ ва шайтон аз вай дур мешавад. Абудовуд афзуда, ки шайтон ба шайтони дигар мегӯяд: Чӣ хоҳӣ кард бо марде, ки ҳидоят шуда, корҳояш анҷом гардидаву ҳифз шудааст? Оёти ворида дар ин мавзӯъ зиёд аст. Ва аз зумраи аҳодис, ҳадия собиқ аст, ки (ҳушёр касест, ки нафсашро фармонбардори хеш кунад ва дар зери фармонаш дароварад).

84 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: дар замони паёмбар (с) ду бародар буданд, ки яке ба ҳузури Расули Худо (с) меомад ва дигаре кор мекард. Бародаре, ки кор мекард, аз бародари худ дар назди он ҳазрат (с) шикоят намуд. Паёмбар (с) фармуд: Шояд ту ба хотири бародарат ризқу рӯзӣ дода мешавӣ.

## БОБИ 8. Истиқомат ва пойдорӣ бар сирота-л-мустақим

قال الله تعالى: ﴿ فاسْتَقِمْ كَما أُمِرْتَ ﴾ [هود: ١١٢]، وقالَ تعالى: ﴿ إنَّ الَّذينَ قالُوا رَبُّنَا اللهُ ثُمَّ اسْتَقَامُوا تَتَنَزَّلُ عَلَيْهِمُ المَلائكَةُ(٢) أن لا تَخافُوا وَلا تَحْزَنُوا وَأَبْشِرُوا بالْجَنَّةِ الَّتي كُنْتُمْ تُوعَدُونَ، نَحْنُ أَوْلياؤُكُمْ في الحَياة الدُّنْيا وَفي الآخرَةِ وَلَكُمْ فيهَا مَا تَشْتَهي أَنْفُسُكُمْ وَلَكُمْ فِيها ما تَدَّعُونَ(٣) نُزُلاً منْ غَفُورٍ رَحيمٍ ﴾ [فصلت: ٣٠، ٣٢]، وقال تعالى: ﴿ إنَّ الَّذينَ قالُوا رَبُّنَا الله ثُمَّ اسْتَقَامُوا فَلا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلا هُمْ يَحْزَنُونَ أُولَئكَ أَصْحَابُ الجنَّةِ خَالدينَ فيهَا جَزَاءً بمَا كَانُوا يَعْمَلُونَ ﴾ [الأحقاف: ١٣، ١٤].

Худованди таъоло мефармояд: **Устувор бош, чунончи амр шудаӣ.** *(Ҳӯд: 112)*

**Ҳароина онон, ки гуфтанд Парвардигори мо Худост ва боз собиту устувор монданд, бар эшон фуруд меоянд фариштагон, ки матарсед ва андӯҳгин мабошед ва ба биҳиште, ки ваъда дода мешудед, хушҳол шавед. Мо дӯстони шумо будем дар**

**зиндагонии дунё ва дар охират низ ва барои шумост дар ин ҷо он чӣ мехоҳад нафси шумо ва барои шумост ин ҷо, он чӣ дархост кунед ба таври меҳмонӣ аз ҷониби Худои омурзгори меҳрабон.** *(Фуссилат: 3-32)*

**Ҳароина онон, ки гуфтанд, Парвардигори мо Худост ва дар гуфтаи хеш собит монданд, пас ҳеҷ тарсе бар эшон нест ва на эшон андӯҳгин шаванд ва ин ҷамоъа аҳли биҳиштанд ҷовидон ва дар он ҷо мувофиқи он чи ки мекарданд, подош дода мешаванд.** *(Аҳқоф: 13-14)*

85 - Аз Абуамр ё Абуамра Суфиён ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: гуфтам ё Расулаллоҳ, барои ман дар ислом сухане бигӯ, ки баъд аз ту аз касе напурсам. Он ҳазрат (с) фармуд: бигӯ: Ба Худо имон овардам ва сипас истиқомат кун ва пойдор бош.

86 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуданд: Ҳақро талаб намуда ва худро ба он наздик созед ва бидонед, ки ҳеҷ яке аз шумо ба амалаш наҷот намеёбад. Гуфтанд: ва на ҳам Шумо ё Расулаллоҳ? Он ҳазрат фармуданд: Ва на ман ҳам, магар ин ки раҳамту фазли Худовандӣ шомили ҳолам шавад.

87 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Бишитобед ба анҷоми аъмоли солиҳа, пеш аз он ки фитнаҳое зоҳир шаванд, монанди пораҳои шаби торик, ки шахс субҳ мекунад, дар ҳоле, ки мӯъмин аст ва ҳангоми шом кофир мешавад ва шабро мӯъмин мегузаронаду субҳ кофир мегардад, дини худро дар баробари матоъи каме аз дунё мефурӯшад.

## БОБИ 9. Тафаккур дар азамати коиноти Худовандӣ ва нопойдории дунё ва тарсҳои рӯзи қиёмат ва дигар умури марбут ба он ва кӯтоҳии нафс ва таҳзиби он ва водор намуданаш бар истиқомат ва пойдорӣ

Худованди бузург мефармояд: **Бигӯ, ки шуморо ба як чиз панд медиҳам, ки ду-ду ва танҳо-танҳо барои Худо бархоста ва сипас андеша кунед.** *(Сабо: 46)*

**Ҳамоно дар офариниши осмонҳо ва замин ва ихтилофи шабу рӯз далоили дурусте барои касоне, ки ақл доранд, вуҷуд дорад. Ононе, ки истода, нишаста ва бар паҳлӯяшон Худоро ёд мекунанд ва дар офариниши осмонҳо ва замин андеша намуда, мегӯянд: Эй Парвардигори мо, ин ҳамаро беҳуда наофаридӣ, покист туро.** *(Оли Имрон: 190-191)*

**Оё нигоҳ намекунед ба сӯи шутур, ки чи гуна офарида шуд ва ба осмонҳо, ки чи гуна бардошта шуд ва ба замин, ки чи гуна ҳамвор сохта шуд, пас панд бидеҳ, ки ту фақат бим диҳандаӣ.** ***(Ғошия: 17-21)***

**Оё гардиш намекунанд дар замин, ки бубинанд.**

*(Муҳаммад: 10)*

Оятҳои ворида дар ин мавзӯъ зиёд аст. Ва аз ҷумлаи аҳодис ҳадиси собиқ аст, ки ***(ҳушёр касест, ки нафсашро мутеъи хеш кунад ва дар зери фармонаш дароварад).***

# БОБИ 10. Шитофтан ба аъмоли хайр ва ташвиқ кардан бар таваҷҷуҳ ба хайр ба гунае, ки бидуни тардид ва бо ҷиддият ба он рӯй оварад

قال الله تعالى: ﴿ فَاسْتَبِقُوا الْخَيْرَاتِ ﴾(٢) [البقرة: ١٤٨]، وقال تعالى: ﴿ وَسَارِعُوا إِلَى مَغْفِرَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ وَجَنَّةٍ عَرْضُهَا السَّمَوَاتُ وَالأَرْضُ أُعِدَّتْ لِلْمُتَّقِينَ ﴾ [آل عمران: ١٣٣].

Худованд мефармояд:

**Дар умури хайр аз ҳамдигар пешӣ ва сабқат бигиред.**

*(Бақара: 148)*

**Бишитобед ба сӯи мағфират ва омурзише, ки аз Парвардигори шумост ва ба сӯи биҳиште, ки паҳнои он осмонҳо ва замин аст, ки барои парҳезгорон омода шудааст.**

*(Оли Имрон: 123)*

88 - Аз Абусирваъа Ақаба ибни Ҳорис ривоят аст, ки гуфт: Дар Мадина намози асрро дар пушти Расули Худо (с) адо кардам, эшон чун салом доданд, басуръат бархоста аз болои

сафҳои мардум гузашта ба хонаи яке аз ҳамсаронашон дохил шуданд. Мардум аз шитоби паёмбар (с) ҳаросон шуданд. Он ҳазрат (с) баромаду шигифтии мардумро аз шитобашон мушоҳида намуда гуфтанд: Ба ёдам омад, ки тиккае аз тилло, ё нуқра дар хонаи мо мавҷуд аст ва зишт пиндоштам, ки маро ба худ машғул дорад. Аз ин рӯ, ба тақсимаш амр намудам. Ва дар ривояти дигар аз Бухорӣ омада, тиккаи заре, тилло ё нуқра аз садақаро бо худ овардам, ки дар хона гузоштаам ва зишт пиндоштам, ки шаб онро дар хона нигоҳ дорам ва садақааш надиҳам.

89 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: марде дар рӯзи Уҳуд барои Расули Худо (с) гуфт: бохабарам соз, ҳар гоҳ кушта шавам, ҷойгоҳам куҷост? Фармуданд: Биҳишт.

Ба дунболи он, шахси мазкур чанд дона хурмоеро, ки дар дасташ буд, партофт, сипас ҷангид, то кушта шуд.

90 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: шахсе назди паёмбар (с) омаду гуфт: Эй Расули Худо (с), аҷру музди кадом садақа бузургтар аст?

Фармуд: ин ки садақа медиҳӣ, дар ҳоле, ки тандурустиву бахилӣ ва аз фақр метарсӣ ва орзуи сарватмандӣ дорӣ ва фармуданд: Таъхир макун, то лаҳзае, ки рӯҳ ба ҳулқум расад, бигӯӣ: ба фулонӣ ин қадар (*диҳед*) ва ба фулонӣ ин қадар, дар ҳоле, ки ин мол акнун аз они ворисон гардидааст.

91 - Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) дар рӯзи Уҳуд шамшере гирифта фармуд: Чӣ касе ин шамшерро аз ман мегирад? Ҳама дастҳои худро ба сӯяшон дароз намуда, ҳар яке аз эшон мегуфт: Ман, ман. Фармуданд: Касе онро ба ҳаққаш аз ман меситонад? Мардум диранг карданд. Абудаҷона (р) гуфт: Ман онро ба ҳаққаш мегирам. Ба дунболи он шамшерро гирифта, сарҳои мушрикинро бад-он шикофт.

92 - Аз Зубайр ибни Адй ривоят шуда, ки гуфт: Назди Анас ибни Молик (р) омадем ва аз ситаме, ки аз Ҳаҷҷоҷ мекашидем, шикоят кардем. Вай гуфт: Сабр кунед, зеро ҳар лаҳзае, ки мегузарад, лаҳзаи баъди бадтар аз он аст, то бо Худои хеш мулоқот кунед, ман ин суханро аз паёмбари шумо (с) шунидам.

93 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: Пеш аз ҳафт чиз ба анҷоми аъмоли солиҳа бишитобед: Оё интэзор мекашед, магар фақреро, ки шуморо ба фаромӯшӣ водорад ё сарвате, ки шуморо туғёнгар созад ё бemорие, ки вуҷудатонро фосид кунад ё пирие, ки шуморо фартут созад ё марге, ки шуморо ба шитоб дарёбад ё Даҷҷол, ки бадтарин ғоибест, ки интэзорашро мекашанд ё қиёмат, ки ҳаққо қиёмат бузургтарин озмун ва талхтаринашон аст.

94 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расулуллоҳ (с) дар рӯзи Хайбар фармуданд: Имрӯз ин парчамро ба дасти марде хоҳам дод, ки Худо ва Расулашро дӯст медорад ва Худованд ба дастҳои ӯ кушоишу фатҳ меоварад. Умар (р) гуфт: Ман аморатро ҷуз дар ҳамон рӯз дӯст надоштам ва барои расидан ба он болои баландӣ баромадам, то шояд барои он хонда шавам. Расули Худо (с) Алӣ ибни Абутолиб (р)-ро хоста, парчамро барояш доду фармуданд: Бирав ва ба ҷое илтифот макун, то Худованд туро фатҳу зафар насиб намояд. Алӣ (р) қадре рафту сипас истод ва бидуни ин ки илтифот намояд, фарёд зад: Ё Расулуллоҳ! Бар чӣ чиз бо мардум биҷангам? Фармуд: Бо эшон биҷанг, то шаҳодат диҳанд: **Ло илоҳа иллаллоҳ Муҳаммаду-р-расулуллоҳ.** Яъне, маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад (с) фиристодаи Худо аст ва ҳар гоҳ инро гуфтанд, дар ҳақиқат хунҳо ва молҳои хешро аз ту боздоштанд, магар ба ҳаққи он ва ҳисобашон бо Худост.

## БОБИ 11. Муҷоҳидат ва талош

قال الله تعالى : ﴿ وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا وَإِنَّ اللهَ لَمَعَ الْمُحْسِنِينَ ﴾ [العنكبوت : ٦٩]، وقال تعالى : ﴿ وَاعْبُدْ رَبَّكَ حَتَّى يَأْتِيَكَ الْيَقِينُ(٣) ﴾ [الحجر : ٩٩]، وقال تعالى : ﴿ وَاذْكُرِ اسْمَ رَبِّكَ وَتَبَتَّلْ إِلَيْهِ تَبْتِيلاً ﴾ [المزمل : ٨] أي : انْقَطِعْ إِلَيْه . وقال تعالى : ﴿ فَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ خَيْراً يَرَه(٤) ﴾ [الزلزلة : ٧]، وقال تعالى : ﴿ وَمَا تُقَدِّمُوا لِأَنْفُسِكُمْ مِنْ خَيْرٍ تَجِدوه عِنْدَ اللهِ هُوَ خَيْراً وَأَعْظَمَ أَجْراً ﴾ [المزمل : ٢٠]، وقال تعالى : ﴿ وَما تُنْفِقُوا مِنْ خَيْرٍ فَإِنَّ اللهَ بِهِ عَلِيمٌ ﴾ [البقرة : ٢٧٣] والآيات في الباب كَثيرَةٌ معلومة .

Худованд мефармояд: **Ононе, ки дар роҳи мо ҷиҳод карданд, ҳамоно онҳоро ба роҳҳои ҳидоятамон раҳнамунӣ мекунем ва Ҳароина Худованд БО некӯкорон аст.**

*(Анкабут: 69)*

**Парастиш ва ибодат кун Худоятро, то маргат фаро расад.** *(Ҳиҷр: 99)*

**Исми Парвардигоратро ёд кун ва барои ибодати ӯ аз ҳар ҷиҳат гусаста шуда, ба вай мутаваҷҷеҳ шав.** *(Музаммил: 8)*

**Ҳар кас ба андозаи як зарраи кӯчак амали хайр анҷом диҳад, подошашро меёбад.** *(Зилзол: 7)*

**Он чи барои хеш пеш мефиристед, онро дар назди Худованд меёбед, он беҳтар аст ва аҷри он фузунтар.**

*(Музаммил: 20)*

**Он чиро ки аз хайру некӯӣ нафақа мекунед, ҳамоно Худованд ба он доно аст.** *(Бақара: 273)*

95 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Худованд мефармояд: **Касе, ки бо яке аз дӯстонам душманӣ кунад, бо ӯ эълони ҷанг мекунам. Беҳтарин василаи тақарруби бандаам ба ман адои ибодатест, ки бар вай фарз кардаам. Бандаам ҳамеша ба василаи навофил ба ман тақарруб меҷӯяд, то ин ки ӯро дӯст медорам. Чун ӯро дӯст доштам, ман шунавоияш мешавам, ки бад-он мешунавад ва биноиаш, ки бад-он мебинад ва дасте, ки ба он чанг мезанад ва пое, ки ба он меравад ва агар аз ман чизе биталабад, ба вай медиҳам ва агар аз ман паноҳ ҷӯяд, ба вай паноҳ медиҳам.**

96 - Аз Анас (р) аз паёмбар (с) аз он чи ки аз Парвардигораш ривоят мекард, нақл мекунад, ки фармуд: **Ҳар гоҳ бандаам як ваҷаб ба ман наздикӣ ҷӯяд, ман як газ ба вай наздик мегардам ва чун як газ ба ман тақарруб ҷӯяд ман як боъ (***андозаи боз кардани ҳар ду даст***) ба ӯ наздик мешавам ва ҳар гоҳ ба оҳистагӣ сӯям ояд, ба тарафи ӯ медавам.**

97 - Аз Абдуллоҳи Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ду неъмат аст, ки бисёри мардум аз он истифодаи дуруст наменамоянд, тандурустӣ ва фароғату бекорӣ.

98 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки он ҳазрат (с) шабзиндадорӣ мекарданд, ба андозае, ки пойҳояшон варам мекард. Аз ин рӯ бараяшон гуфтам: чаро эй Расули Худо (с), ин корро мекунед, дар ҳоле, ки Худованд гуноҳи гузашта ва ояндаатро бахшидааст? Фармуд: Оё дӯст надошта бошам, ки бандаи шукргузоре бошам?

99 - Ва ҳам Оиша (р) ривоят мекунад, ки чун даҳаи охири рамазон фаро мерасид, Расули Худо (с) шабзиндадорӣ намуда, хонаводаашро бедор менамуд ва хеле талошу кӯшиш мекард ва аз ҳамбистарӣ бо занон худдорӣ менамуд.

100 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Дар назди Худо мӯъмини қавӣ ва нерӯманд аз мӯъмини заиф беҳтару маҳбубтар аст ва дар ҳар кадомшон хайр вуҷуд дорад. Талош кун ва ҳарис бош бад-он чӣ бароят нафъ мерасонад ва аз Худованд ёрӣ хоста, нотавон машав ва ҳар гоҳ туро чизе бирасад, магӯ агар ман чунин мекардам, чунин ва чунон мешуд, вале бигӯ Худо муқаддар сохта буд ва он чи Худованд бихоҳад, анҷом медиҳад, зеро калимаи *агар* дарвозаи васвасаи шайтонро боз мекунад.

101 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Дӯзах ба шаҳавот ва орзуҳо ва биҳишт ба сахтиҳо пӯшонда шудааст.

102 - Аз Абуабдуллоҳи Ҳузайфа ибни Ямон (р) ривоят аст, ки гуфт: Шабе бо паёмбар (с) намоз гузоридам, сураи Бақараро шурӯъ карданд, гуфтам: Бар сад оят рукӯъ хоҳанд кард. Аз он гузаштанд гуфтам: Онро дар як ракъат тамом мекунанд, аз он гузаштанд, гуфтам: Бо итмоми он рукӯъ мекунанд, сураи Нисоро шурӯъ намуда, хонданд. Боз сураи Оли Имронро шурӯъ намуда онро хонданд, ки дар ҳама таҷвидро риоя мекарданд, чун ба ояти тасбеҳ мерасиданд, тасбеҳ *(субҳоналлоҳ)* мегуфтанд ва чун ба суол мерасиданд, суол мекарданд ва чун ба паноҳ ҷустан мерасиданд, паноҳ меҷустанд. Сипас рукӯъ намуда гуфтанд: «Субҳона раббия-л-ъазим». Рукӯъашон монанди қиёмашон тӯлонӣ буд, сипас гуфтанд: *Самиъаллоҳу лиман ҳамида, раббано лакалҳамд*. Сипас ба қавма истоданд,

ки қавмаашон ҳам монанди рукӯъашон тӯлонӣ буд. Сипас саҷда намуда гуфтанд: *Субҳона раббия-л-аъло* ва саҷдаашон мисли қиёмашон тӯлонӣ буд.

103 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Шабе бо паёмбар (с) намоз гузоридам. Эшон қиёмро ба андозае тӯлонӣ намуданд, ки қасди баде кардам, гуфта шуд, чӣ қасд кардӣ? Гуфт: қасд кардам, ки биншинам ва эшонро танҳо гузорам.

104 - Аз Анас ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Се чиз ба дунболи мурда меравад. Ду чиз баъдан боз мегардад ва як чиз бо ӯ мемонад. Хонавода ва молаш бозмегарданд ва амалаш бо ӯ мемонад.

105 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Биҳишт ба яке аз шумо аз банду тасмаи кафшаш наздиктар аст ва дӯзах ҳамчунон.

106 - Аз Абуфирос Рабиа ибни Каъби Асламӣ (р) ходими Расули Худо (с) ривоят аст, ки гуфт: Ман шабҳоро бо паёмбар (с) мегузарондам, оби вузӯ барояшон муҳайё мекардам ва ниёзҳояшонро бартараф месохтам. Ба ман гуфтанд: Аз ман чизе бихоҳ. Гуфтам: мехоҳам, ки ҳамроҳат дар биҳишт бошам, фармуданд: Оё ғайр аз ин ҳам дархосте дорӣ? Гуфтам: Ҳамон аст, ки гуфтам. Фармуд: Ҳон! Маро бо касрати суҷуд бар хештан ёрӣ деҳ *(яъне, бисёр намоз гузор, то ман битавонам дар биҳишт туро ба ҳамнишинии худ баргузинам)*.

107 - Аз Абуабдуллоҳ ё Абуабдураҳмони Савбон, озодшудаи расулуллоҳ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: Зиёд саҷда кун, зеро ҳаргиз барои Худо саҷда ба ҷой намеоварӣ, магар ин ки Худованд туро бад-он дараҷаи боло мебарад ва дар баробари он гунохе аз туро кам месозад.

108 - Аз Абусафвон Абдуллоҳ ибни Бусри Асламӣ ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Беҳтарин мардум касест, ки умраш дароз ва амалаш некӯ бошад.

109 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Амакам Анас ибни Назр (р) аз ҷанги Бадр ғоиб буд ва гуфт: Ё Расулуллоҳ? Ман аз аввалин ҷанге, ки бо мушрикин намудед, ғоиб будам. Агар

Худованд маро ба ҷанги мушрикин ҳозир созад, ҳамоно нишон хоҳад дод, ки чӣ мекунам? Чун рӯзи Уҳуд фаро расид, мусалмонҳо ақибнишинӣ карданд ва ӯ гуфт: Худоё! Аз он чӣ инон карданд *(саҳоба)*, назди ту пӯзиш мехоҳам ва аз он чӣ инон карданд, *(мушрикин)* безорӣ меҷӯям. Сипас пеш рафт ва Саъд ибни Муъоз ӯро истиқбол намуд. Ба ӯ гуфт: Эй Саъд ибни Муъоз ба сӯи ҷаннат бишитоб, ки ба Худои Каъба савганд, ки ман бӯи онро аз пушти Уҳуд дармеёбам. Саъд ибни Муъоз гуфт: Ё Расулуллоҳ! Ман натавонистам он чи ӯ анҷом дод, анҷом диҳам. Анас (р) гуфт: Дар бадани ӯ ҳаштоду чанд захм аз асари шамшер, найза ва тир ёфтам ва ӯро дар ҳоле кушта ёфтам, ки мушрикин ӯро мусла *(гӯшу бинӣ буридан)* карда буданд *(яъне аъзои вуҷудаш гӯш, бинӣ ва гайраро бурида буданд)* ва ҳеҷ кас ӯро нашинохт, магар хоҳараш, ки вайро ба гӯшаҳои ангуштонаш шинохт. Анас гуфт: Муътақид будем, ё гумон мекардем, ки ин оят дар бораи ӯ ва амсолаш нозил шуда, ки: **«Бархе аз мӯъминон бузургмардоне ҳастанд, ки ба аҳду паймоне, ки бо Худо бастанд, комилан вафо карданд, пас бархе аз онҳо бар он аҳд истодагӣ карданд** *(то дар роҳи Худо шаҳид шуданд)* **ва бархе ба интэзори** *(шаҳодат)* **муқовимат карда, аҳди худро ҳеҷ тағйир надоданд»** *(Аҳзоб: 23).*

110 - Аз Абумасъуд Уқба ибни Амри Ансорӣ ривоят аст, ки гуфт: чун ояти садақа нозил шуд, мо бар шонаҳоямон бор мекашидем ва онро садақа медодем. Ногаҳон марде омада моли зиёдеро садақа дод. Гуфтанд: ин шахс риёкор аст ва дигаре омада паймонаро садақа дод, мардум гуфтанд: Худованд аз паймонаи ин мард бениёз аст.

Ин ҷо буд, ки ин оят нозил шуд: **Онон ки** *(аз фарти бухлу баднафсӣ)* **айбҷӯӣ мекунанд, бар он мӯъминоне, ки** *(аз фарти саховат)* **илова бар воҷибот ба садақоти мустаҳаб низ фақиронро дастгирӣ мекунанд, ҳамчунон масхара мекунанд мӯъминонеро, ки андак чизе ки дар тавони онҳост, медиҳанд.** *(Тавба: 79)*

111 - Аз Саъид ибни Абдулазиз аз Рабиъа ибни Язид аз Абуидриси Хавлонӣ аз Абузар ибни Ҷунода аз Пайғамбари

Худо (с) нақл мекунад, ки Худованд фармуд: **Эй бандагонам, ман зулм ва ситамро бар хеш ҳаром кардам ва низ дар миёни шумо онро ҳаром сохтам, пас ба якдигар зулму ситам накунед. Эй бандагонам, ҳамаи шумо гумроҳед, ҷуз он ки ӯро ҳидоят кардам, пас аз ман ҳидоят талабед, то шуморо ҳидоят ва раҳнамунӣ кунам. Эй бандагонам, ҳамаи шумо гуруснаед, магар он касеро, ки ман таъом диҳам, пас аз ман бихоҳед, то шуморо таъом диҳам. Эй бандагонам, ҳамаи шумо бараҳнагонед, магар касеро, ки ман бипӯшонам, пас аз ман бихоҳед, то шуморо бипӯшонам. Эй бандагонам, шумо шаб ва рӯз хато мекунед ва ман ҳамаи гуноҳонро меомурзам, пас аз ман омурзиш талабед, то шуморо биёмурзам. Эй бандагонам, шумо ба ман қудрати зарар расондан надоред, то ба ман зарар бирасонед ва ҳам шумо қудрати нафъ расондан ба манро надоред, то ба ман нафъ расонед. Эй бандагонам, агар аввал ва охир ва инс ва ҷинни шумо бар парҳезгортарини қалби як марди шумо бошад,** *(яъне, ҳар гоҳ ҳама парҳезгор бошанд ва дилҳои ҳамаашон монанди дили парҳезгортаринашон бошад)* **ин амр ба мулки ман чизе намеафзояд ва агар аввал ва охир ва инсу ҷинни шумо** *(ҳама)* **бар гунаҳгортарини қалби яке аз шумо бошад,** *(яъне, ҳар гоҳ ҳама парҳезгор бошанд ва дилҳои ҳамаашон монанди дили гунаҳгортаринашон бошад)* **ин амр ба мулки ман чизе нуқсон намеорад. Эй бандагонам, агар аввал ва охир ва инс ва ҷинни шумо** *(ҳама)* **бар як ҷой биистанд ва аз ман дархост кунанд ва ба ҳар фард хостаашро бидиҳам, аз он чи дар назди ман аст, ба ҷуз андозае, ки як сӯзан агар дар дарё фурӯ шавад, кам намояд, кам намекунад. Эй бандагонам, ҳамоно ин аъмоли шумост, ки онро барои шумо бармешуморам ва шуморо ба натоиҷи он мерасонам, пас касе, ки хайре ёфт, бояд ҳамду санои Ҳақ таъолоро гӯяд ва агар касе ғайр аз инро ёфт, бояд ҷуз хеш касеро маломат накунад.**

Саъид гуфт: Чун Абуидрис ин ҳадисро ривоят менамуд, бар ду зонуяш меафтод.

## БОБИ 12. Ташвиқ ба анҷоми корҳои нек дар охири умр

Худованд мефармояд: **Оё ба шумо умре надодем, ки дар он касе, ки пандгир аст, панд бигирад ва ба шумо бимдиҳандае омад.** *(Фотир: 37)*

Абдуллоҳ ибни Аббос ва муҳаққиқин гӯянд; маъноаш ин аст, ки оё шуморо шаст сол умр надодем. (*Ин назарро ҳадиси оянда таъйид мекунад)*

112 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) гуфт: Худо ба касе, ки умрашро ба шаст сол расонда узре боқӣ нагузоштааст.

113 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Умар (р) маро бо бузургони Бадр дар маҷлиси хеш мешинонд, гӯё бархе замзама мекарданд, ки чаро ин тифлро бо мо дар маҷлис якҷо менишонад, дар ҳоле, ки мисли ӯ фарзандоне дорем. Ҳазрати Умар (р) гуфт: медонед ӯ кист? Пас рӯзе маро хосту бо эшон дохил сохт ва донистам, ки ӯ маро дар он вақт барои он хоста, ки ба эшон нишон диҳад. Умар (р) гуфт: Дар ин фармудаи Худованд **Изо ҷоъа насруллоҳи ва-л-фатҳ** чӣ мегӯед? Иддае гуфтанд: маъмур гаштаем, ки чун Худованд моро ёрӣ дода, фатҳу кушодагӣ диҳад, инки ҳамди Худойро ба ҷой оварда, аз вай омурзиш талабем ва бархе сукут намуда, чизе нагуфтанд, ба ман гуфт: Эй Ибни Аббос оё ту ҳам чунин мегӯӣ? Гуфтам: На. Гуфт: пас чӣ мегӯӣ? Гуфтам: Ин хабари вафоти Расули Худо (с) аст, ки Худованд ӯро ба он огоҳ сохта, фармуд **Изо ҷоъа насруллоҳи ва-л-фатҳ** ва ин аломату нишонаи аҷали туст **Фасаббиҳ биҳамди раббика вастағфирҳу иннаҳу кона таввобо.** Умар (р) гуфт: Ман ҳам аз он чизи дигаре ҷуз он чи гуфтӣ, намедонам.

114 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: чун **(Изо ҷоа насруллоҳи ва-л-фатҳ)** бар он ҳазрат (с) нозил шуд, пайғамбари Худо намозеро адо накарданд, магар ин, ки дар он мегуфтанд: ***Субҳонака раббано ва биҳамдика, аллоҳуммағфирлӣ****, яъне*

*покист туро Бор Худоямон ва туро меситоям. Бор Худоё, маро биёмурз.*

Дар ривояти Муслим омада, ки Расули Худо (с) пеш аз вафоти худ бисёртар мефармуд: *(покӣ туроест Худои ман, ҳамд барои туст, магфират меҷӯям аз ту ва тавба мекунам ба сӯи ту)*, Оиша (р) гуфт, гуфтам: Эй расули Худо (с), ин суханон чист, ки ту овардаӣ ва онро мегӯӣ: фармуд: бароям нишона дар умматам қарор дода шуда, ки чун онро мушоҳида кунам, мегӯям: **(Изо ҷоа насруллоҳи ва-л-фатҳ),** то охири сура.

Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки Расули Худо (с) ин гуфтаро зиёд такрор мекард, ки **«Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи астағфируллоҳа ва атубу илайҳ»** *(Покист Худоро ва ба санои Ӯ тарзабонам. Аз Худованд омурзиш металабам ва ба сӯяш тавба мекунам).* Оиша (р) гуфт: Гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Мушоҳида мекунам, ки зиёд *субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи ва астағфируллоҳ ва атубу илайҳ* мегӯӣ, фармуд: Худованд маро хабар дод, базудӣ нишонае дар умматам хоҳам дид ва чун онро бибинам *«Субҳоналлоҳ ва биҳамдиҳи астағфируллоҳ ва атубу илайҳ»* зиёд мегӯям, ки онро дидам. **«Изо ҷоъа насруллоҳи ва-л-фатҳ» мурод фатҳи Макка аст «ва раъайта-н-носа ядхулуна фидиниллоҳи афвоҷан, фасаббиҳ биҳамди раббика вастағфирҳ иннаҳу кана тавобо».** Тарҷума: *(Чун ҳангоми фатҳу фирӯзӣ ба ёрии Худо фаро расад (дар он рӯз), мардумро бингарӣ, ки фавҷ-фавҷ ба дини Худо дохил мешаванд (ва туро ба рисолат тасдиқ мекунанд). Дар он вақт Худои худро ҳамду ситоиш кун ва аз ӯ мағфирату омурзиш талаб, ки Ӯ Худои бисёр тавбапазир аст) (Наср 1-3).*

115 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Худои азза ва ҷалл қабл аз вафоти Расули Худо (с) ваҳйро паёпай фиристод ва дар ҳангоми вафот бештар аз вақтҳои дигар бар вай ваҳй нозил мешавад.

116 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар банда бар он чи ки мурдааст, барангехта мешавад.

117 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулуллоҳ кадом корҳо беҳтар аст? Фармуд: Имони ба Худо

ва ҷиҳод дар роҳи ӯ. Гуфтам: Кадом рақабаҳо *(озодсозии кадом бардагон)* беҳтар аст? Фармуд: Беҳтарин ва пурқимматтарини он назди аҳлаш. Гуфтам: Агар ин корро анҷом надиҳам? Фармуд: Ин ки бо косибу ҳунарманде ҳамкорӣ кунӣ, ё барои касе, ки худ дуруст кор карда наметавонад, кор кунӣ. Гуфтам: Ё Расулуллоҳ агар аз анҷоми гӯшае аз корҳои нотавон мондам, чӣ кунам? Фармуд: Шарри худро аз мардум боздорӣ, ки ин худ садақае аз ту бар хештан аст.

## БОБИ13. Зиёд будани роҳҳои хайр

قال الله تعالى: ﴿ وَمَا تَفْعَلُوا مِنْ خَيْرٍ فَإِنَّ اللهَ بِهِ عَلِيمٌ ﴾ [البقرة: ٢١٥]، وقال تعالى: ﴿ وَمَا تَفْعَلُوا مِنْ خَيْرٍ يَعْلَمْهُ اللهُ ﴾ [البقرة: ١٩٧]، وقال تعالى: ﴿ فَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ خَيْراً يَرَهُ ﴾ [الزلزلة: ٧]، وقال تعالى: ﴿ مَنْ عَمِلَ صَالِحاً فَلِنَفْسِهِ ﴾ [الجاثية: ١٥] والآيات في الباب كثيرة.

Худованд мефармояд:

**Ва он чи аз хайр (*кори нек*) анҷом медиҳед, ҳамоно Худованд ба он доност.** *(Бақара: 215)*

Ҳамчунин мефармояд:

**Ва он чи аз хайр анҷом медиҳед, Худо онро медонад.** *(Бақара: 197)*

**Пас он ки ба андозаи зарраи кӯчаке амали хайр анҷом диҳад, онро мебинад.** *(Зилзол: 7)*

Ва низ мефармояд:

**Касе ки амали некӯ анҷом медиҳад, барои нафъи хештан анҷом медиҳад.** *(Ҷосия: 19)*

118 - Аз Абӯзар ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: бар ҳар узви бадани шумо садақа лозим мешавад, пас ҳар тасбиҳ (*субҳоналлоҳ гуфтан*) садақа аст ва ҳар тамҷид (*алҳамдулиллоҳ гуфтан*) садақа аст ва ҳар таҳлил (*ло илоҳа иллаллоҳ гуфтан*) садақа аст ва ҳар такбир (*Аллоҳу акбар гуфтан*) садақа аст. Амр ба корҳои писандида садақа аст ва

наҳӣ аз корҳои бад садақа аст ва кифоят мекунад, аз он ду ракаъате, ки дар чоштгоҳ адо намояд.

119 - Ҳамчунин аз Абӯзар ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) гуфт: Аъмоли хуб ва бади умматам ба ман нишон дода шуд ва ёфтам дар аъмоли некашон хас ва хошокеро, ки аз роҳ дур адохта мешавад ва дидам дар аъмоли бадашон балғам, ки дар масҷид буда ва дафн намегардад.

120 - Ва низ аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки иддае аз мардум гуфтанд: эй Расули Худо (с), подошро сарватмандон бурданд, мисли мо намоз гузорида ва рӯза мегиранд ва он чи аз молашон аз ҳоҷаташон бисёр бошад, онро садақа медиҳанд. Он ҳазрат (с) фармуд: Оё Худованд барои шумо чизе надода, ки онро садақа диҳед, ҳамоно дар ҳар тасбиҳ гуфтан, садақа аст ва ҳар такбир гуфтан садақа аст ва ҳар ҳамд гуфтан садақа аст ва ҳар таҳлил гуфтан садақа аст. Амр ба корҳои хуб садақа аст ва манъ кардан аз корҳои бад садақа аст ва дар ҳамбистарӣ бо зан садақа аст. Гуфтанд: эй Расули Худо (с), яке аз мо шаҳвати худро бароварда месозад, дар он аҷр ва савоб аст? Фармуд: бигӯед, ҳар гоҳ онро дар ҳаром бинињад, оё бар вай гуноҳ аст. Ҳамчунин, агар онро дар ҳалол биниҳад, барои вай аҷр аст.

121 - Ва низ аз Абузар (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ кори хуб ва писандидаро ҳақир машумор, ҳарчанд бо бародарат бо чеҳраи кушода рӯ ба рӯ шавӣ.

122 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Бар ҳар мафсил ва банде аз мардум дар ҳар рӯзе, ки офтоб бар вай метобад, садақа лозим аст. Миёни ду кас адолат мекунӣ, садақа аст, сухани некӯ садақа аст ва ба ҳар гоме, ки ба сӯи намоз мениҳӣ, садақа аст. Дур кардани чизҳои озоррасонанда (аз қабили хасу хошок, санг, кулӯх ва ғайра) аз роҳ садақа аст. Ҳамчунин Муслим ин ҳадисро аз Оиша (р) ривоят карда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳар шахс аз фарзандони одам бо сесаду шаст мафсил офарида шуда, он чи Худоро такбир, ҳамд, таҳлил ва тасбиҳ ва истиғфор гӯяд, санг ё хор ё устухонеро аз роҳи мардум дур созад, ё амри ба маъруф

ва наҳй аз мункар, ба шумор сесаду шаст бинамояд, ҳамоно он рӯзро ба ҳолате шаб мекунад, ки хешро аз оташ (дӯзах) дур кардааст.

123 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки пайғамбар (с) гуфт: Касе, ки дар аввали рӯз ё аввали шаб ба сӯи масҷид равад, дар ҳар субҳ ва ё ҳар шоме, ки меравад, Худованд бароящ дар биҳишт меҳмонсарое омода месозад.

124 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) гуфт: Эй занони мусалмон, ҳеҷ зани ҳамсоя зани ҳамсояро ҳақир нашуморад, ҳарчанд, ки сӯми (*пои*) гӯсфанде ҳам бошад.

125 - Ва ҳам аз вай (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) гуфт: Имон ҳафтоду чанд, ё шасту чанд шоха аст, ки беҳтарини он калимаи **ло илоҳа иллаллоҳ** аст ва пойинтарини он дур кардани дуруштиҳо ва мавониъ, *(монанди санг ва дигар мавониъе, ки дар роҳ қарор доранд,)* аз роҳ аст ва ҳаё ва шарм шохае аз имон аст.

126 - Ва низ аз вай (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) гуфт: Дар асное, ки марде дар роҳе мерафт, сахт ташна шуд ва чоҳеро дид ва дар он фурӯ шуд ва об ошомид ва баъд аз он берун шуд, ногаҳон сагеро дид, ки аз шиддати ташнагӣ забон аз комаш баромада буд ва аз ташнагӣ хокро мехӯрд. Бо худ гуфт: ин саг ҳам мисли ман ташна шуда, пас ӯ ба чоҳ даромад ва мӯзаи худро пур аз об карда, онро ба даҳони худ гирифту аз чоҳ боло шуд ва сагро сероб кард. Худованд музди ин амалро дода ва ӯро омурзид. Гуфтанд: Эй Расули Худо (с), оё дар кӯмак кардан, ба чорпоён подош дода мешавад? Он ҳазрат (с) фармуд: дар ҳар ҷигартозае *(мавҷуди зиндае)* подош аст. Ва дар ривояте аз Бухорӣ омада, ки Худованд муздашро дода, ӯро омурзида, ба биҳишт дохил намуд. Ва дар ривояте аз Бухорӣ ва Муслим омада: Дар асное, ки саге ба атрофи чоҳе мегашт, ки аз ташнагӣ дар ҳоли ҳалокат буд, зане аз зинокорони бани Исроил вайро дида, мӯзаашро кашид ва ба он серобаш кард ва гуноҳони вай бо ин далел омурзида шуд.

127 - Ва ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) гуфт: мардеро дидам, ки дар биҳишт ин

тараф ва он тараф мегашт, зеро дарахтеро қатъ намуда буд, ки аз болои роҳ сабаби азияти муслимин мешуд.

128 - Ва низ аз вай (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: касе, ки вузӯ гирад ва дуруст вузӯ созад ва баъд ба намози ҷумъа равад ва бишнавад *(хутбаро)* ва сокит бошад, миёни ӯ ва ҷумъаи оянда ба зиёдати се рӯзи дигар барояш омурзида мешавад ва касе, ки сангрезаро бо дасташ дур кунад, (*дар аснои хутба хондани имом*) кори лағв ва беҳударо анҷом додааст.

129 - Ҳамчунон аз вай (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ бандаи мусалмон ё мӯъмин вузӯ бигирад ва рӯяшро бишӯяд бо об ва ё бо охирин қатраи об гуноҳе, ки бо чашмаш ба сӯи он назар намуда, аз рӯяш берун мешавад ва ҳар гоҳ дастҳояшро бишӯяд ё бо об ё бо охирин қатраи об, ҳар гуноҳеро, ки бо дастҳояш муртакиб шуда, берун мешавад ва ҳар гоҳ пойҳояшро бишӯяд бо об ё бо охирин қатраи об гуноҳонеро, ки пойҳояш ламс карда ва ба сӯи он қадам бардошта, аз он берун мешавад, то ин ки аз гуноҳон пок берун мегардад.

130 - Ҳамчунон аз вай (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: намозҳои панҷвақта ва ҷумъа то ҷумъа ва рамазон то рамазон сабаби бахшиш ва каффораи гуноҳоне, ки дар ин миён мешавад, мегарданд, вақте аз гуноҳони кабира парҳез шавад.

131 - Ва низ аз вай (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Оё шуморо ба чизе раҳнамоӣ накунам, ки ба он гуноҳон маҳв гашта, дараҷот баланд шавад? Гуфтанд: Оре, Расулуллоҳ. Фармуд: Комил сохтани вузӯ дар сахтиҳо (монанди сардӣ ва гармӣ) ва гом задани зиёд ба сӯи масоҷид ва мунтазир мондан барои намоз, баъд аз адои намоз. Пас ин сангарро маҳкам гиред ва онро ҳамеша амалӣ намоед.

132 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он кӣ бар дин намозҳои субҳ ва асрро адо намояд, ба биҳишт дохил мешавад.

133 - Ва низ аз ӯ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ шахсе мариз шавад ё сафар намояд, савоби он чиро ки дар ҳоли сиҳат ва иқомат анҷом медод, дармеёбад.

134 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар кори писандида ва хуб садақа аст.

135 - Ва низ аз ӯ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ мусалмоне нест, ки ниҳоле бинишонад, ҷуз ин ки он чи аз он хӯрда мешавад, барояш садақа аст ва он чи аз он дуздӣ шавад, барояш садақа аст ва ҳеҷ кас онро кам намекунад, ҷуз ин ки барояш садақа аст. Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки пас мусалмон ниҳоле наменишонад, ки аз он инсоне ё ҳайвоне ё паррандае бихӯрад, ҷуз ин ки барояш, то рӯзи қиёмат садақа ба ҳисоб меояд. Ва дар ривояте аз Муслим омада ки: Мусалмоне ниҳоле наменишонад ва киште намекунад, ки аз он инсоне ва ҳам ҳайвоне ва чизе аз он мехӯрад, магар ин ки барояш садақа аст.

136 - Ва ҳам аз вай (р) ривоят аст, ки гуфт: Бани Салама хостанд, ки наздики Масҷиди Набавӣ нақли макон намоянд. Ин хабар ба Расули Худо (с) расид ва ба эшон фармуд: Ба ман хабар расид, ки шумо мехоҳед наздики масҷид нақли макон намоед? Гуфтанд: Оре, ё Расулуллоҳ. Фармуд: Эй бани Салама дар ҷоятон бошед, ки гомҳои шумо дар палаи ҳасаноти шумо ба ҳисоб меравад. Дар ҷоятон бошед, ки гомҳои шумо (ки ба сӯи масҷид бармедоред) дар палаи ҳасаноти шумо навишта мешавад. Ва дар ривояте омада, ки: Ҳамоно дар ҳар гоми дараҷаест.

137 - Аз Абулмунзир Убай бини Каъб (р) ривоят аст, ки гуфт: Марде буд, ки марде дуртар аз вай аз масҷидро намедонистам ва ҳеҷ намозе аз вай намемонд. Ба вай гуфта шуд (ё ба вай гуфтам): Чӣ мешуд ҳар гоҳ маркабе харидорӣ мекардӣ, ки дар торикӣ ва шиддати гармӣ бар он савор мешудӣ? Гуфт: Шодам намесозад, ки хонаам дар канори масҷид бошад. Ман мехоҳам, ки рафтанам ба масҷид ва бозгаштанам ба хонаводаам дар палаи ҳасанотам навишта шавад. Расули Худо (с) фармуд: Худованд бароят ҳамаи инҳоро фароҳам кардааст.

Ва дар ривояте омада, ки: Ҳамоно туростон чиро холисона анҷом додаӣ.

138 - Аз Абумуҳаммад Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) фармуд: Чиҳил хислат аст, ки болотарини он додани гӯсфанди ширдор аст *(барои истифода аз шираш)* ҳеҷ омиле нест, ки ба хислате аз ин хислатҳо ба умеди савоб ва тасдиқ ва ваъдаҳое, он дар мавриди он шуда, амал мекунад, ҷуз ин ки Худованд ӯро дар баробари он ба биҳишт дохил месозад.

139 - Аз Адӣ ибни Ҳотим (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Пайғамбари Худо (с) шунидам, ки фармуд: Худованд бо ҳар кадоми шумо сухан мегӯяд, дар ҳоле, ки байни шумо ва Ҳақ таъоло тарҷумоне нест ва шахс ба тарафи росташ менигарад ва ҷуз он чиро, ки пеш фиристода намебинад ва ба самти чап ҳам мебинад ва ҷуз он чиро ки анҷом дода, намебинад ва дар пеши рӯяш ҳам мебинад ва ҷуз дӯзах чизи дигареро дар баробараш намеёбад, пас аз дӯзах худро ҳифз кунед, ҳарчанд ба ним донаи хурмо бошад ва касе, ки онро наёбад, пас ба сухани некӯ худро аз дӯзах нигоҳ дорад.

140 - Аз Анас (р) аз Расули Худо (с) ривоят аст, ки фармуд: Худованд яқинан аз банда розӣ мешавад, ки чун ноне бихӯрад ё обе бинӯшад, сипоси Ҳақ таъолоро ба ҷой оварад.

141 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: бар ҳар мусалмон садақа лозим аст. Гуфтанд: агар наёфт? Он ҳазрат (с) фармуд: Ба дасти худ кор кунад ва ба худ нафъ расонад ва садақа диҳад. Гуфтанд агар натавонист? Фармуд: Ба ниёзманди ранҷкашида кӯмак расонад. Гуфтанд: агар натавонист? Фармуд: Ба корҳои хуб, ё хайр амр намояд. Гуфтанд: агар ин корро анҷом надод? Фармуд: Аз бадӣ худро боздорад, зеро ин кор ҳам садақа аст.

142 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбар (с) наздаш омаданд, дар ҳоле, ки зане назди ӯ нишаста буд. Фармуданд: Ин зан кист? Гуфт: Ин фалонӣ аст ва аз бисёр намоз хонданаш ёдоварӣ менамуд. Фармуданд: Бас кун, шумо он чиро, ки метавонед, анҷом диҳед. Савганд ба Худо, ки Худо савобашро

қатъ намекунад, то замоне, ки шумо хаста нашавед ва беҳтарин амал дар назди Расули Худо (с) амале буд, ки соҳибаш бар он мудовамат намояд.

## БОБИ 14. Миёнаравӣ дар тоъат ва ибодат

قال الله تعالى: ﴿ طه ما أنزلنا عليك القرآن لتشقى ﴾ [طه: ١]، وقال تعالى: ﴿ يريد الله بكم اليسر ولا يريد بكم العسر ﴾ [البقرة: ١٨٥].

Худованд мефармояд:

**Гоҳо мо ин Қуръонро бар ту нафиристодем, то ранҷ кашӣ.** *(Тоҳо: ояти 1)*

Ва инчунин мефармояд:

**Худованд ба шумо иродаи осонӣ дорад ва иродаи душворӣ бар шумо надорад.** *(Бақара: 185)*

143 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: Се шахс ба хонаҳои занони Паёмбари Худо (с) омада, аз ибодати Пайғамбари Худо (с) пурсиш намуданд.

Чун ба эшон гуфта шуд, гӯё онро кам шумурда, гуфтанд: мо бо паёмбар (с) чӣ баробарӣ карда метавонем, дар ҳоле, ки гуноҳони гузашта ва ояндаашон бахшида шуда. Яке аз эшон гуфт: ман ҳамеша дар тамоми умр тамоми шабро намоз мегузорам, дигаре гуфт: ман тамоми умр рӯза мегирам ва саввумӣ гуфт: ман аз занҳо дурӣ гузида, ҳаргиз никоҳ намекунам.

Расули Худо (с) омад, фармуд: Шумо ҳамон касоне ҳастед, ки чунин ва чунон гуфтед. Аммо ба Худо савганд, ки ман аз ҳамаи шумо аз Худо бештар тарсида ва аз ҳамаи шумо парҳезгортарам ва ман ҳам рӯза мегирам ва ҳам намегирам *(мақсуд рӯзаи нафл аст)*, намоз мехонам ва хоб ҳам меравам ва занонро ба никоҳ мегирам ва касе, ки аз суннат ва тариқаи ман рӯй гардонад, аз ман нест.

144 - Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) се бор фармуд: Ҳалок шуданд касоне, ки бемаврид сахтгирӣ карда ва дар гуфтор ва кирдорашон ғулув менамоянд.

145 - Аз Абуҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят кардааст, ки фармуд: Дин осону саҳл аст ва бо дин ба муқобала бархоста намешавад *(касе, ки бо он ба муқобала бархезад)*, магар ин ки ӯро мағлуб месозад. Пас Ҳақ таъолоро талаб намуда ва худро ба он наздик сохта ва ба сабаби он шод шавед ва бо анҷоми корҳои нек дар субҳ ва шом ва порае аз шаб ёрӣ ҷӯед. Яъне, дар вақтҳои нишот ба анҷоми аъмоли солиҳа бипардозед. Ва дар ривояте аз вай омада: Ҳақро талаб намуда, худро бад-он наздик сохта, дар субҳгоҳ ва шомгоҳ ва охири шаб амал карда, миёнаравӣ кунед, то ба мақсад бирасед.

146 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) ба масҷид дохил шуд, таноберо диданд, ки дар миёни ду сутуни масҷид овезон аст, фармуд: Ин чӣ танобест? Гуфтанд: ин ресмони Зайнаб аст, ки чун бихезад, худро бад-он мегирад. Паёмбар (с) фармуд: Онро канед, бояд ки яке аз шумо то замоне намоз мегузорад, бо нишот ва ҳавсала бошад ва ҳар гоҳ хаста шавад, бояд бихобад.

147 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун яке аз шуморо пинаке ояд (ҳангоми адои намози нофила), бояд истироҳат кунад, то хобаш биравад. Зеро агар ҳамроҳи пинакӣ рафтан намоз бихонад, намедонад, ки чӣ мегӯяд, шояд дар ивази ин ки омурзиш талабад, худро дашном диҳад.

148 - Аз Ҷобир ибни Самура (р) ривоят шуда, ки гуфт: ман бо паёмбар (с) намозҳоро адо мекардам, тӯли намозашон миёна буд ва хутбаашон ҳамчунин.

149 - Аз Абуҷуҳайфа Ваҳб ибни Абдуллоҳ ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) миёни Салмон (р) ва Абударедо (р) ақди ухувват ва бародарӣ бастанд. Салмон (р) ба дидани Абудардо (р) омада дид, ки умми Дардо (р) либосҳои кӯҳнаро пӯшида. Аз ӯ савол кард, ки чаро ин таврӣ? Вай гуфт: зеро бародарат Абудардо (р) ба занон майле надорад. Дар ин ҳангом Абудардо (р) омада таъомеро барои Салмон (р) омода карда ва гуфт: бихӯр, зеро ман рӯзадорам. Салмон (р) гуфт: то ту нахӯрӣ, ман намехӯрам ва ӯ ҳам таъом хӯрд ва чун шаб шуд, Абудардо (р) хост барои адои намоз бархезад. Салмон гуфт: Хоб рав. Боз

хост бархезад, Салмон(р) гуфт: Бихоб. Чун охири шаб шуд, Салмон (р) гуфт: ҳоло бархез ва ҳар ду бархоста намоз гузориданд. Салмон (р) ба вай гуфт: Ҳамоно Худованд бар ту ҳақе дорад ва нафси ту бар ту ҳақе дорад ва хонаводаат бар ту ҳақе дорад, ҳақи ҳар касро барояш адо кун. Ӯ назди Расули Худо (с) омада, мавзуъро ёдоварӣ намуд. Паёмбар (с) фармуд, ки Салмон (р) рост гуфтааст.

150 - Аз Абумуҳаммад, Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ба паёмбар (с) хабар расида буд, ки ман гуфтаам: Ба Худо савганд, ки то зиндаам, рӯзҳоро ҳатман рӯза гирифта ва шабҳоро зинда медорам. Расули Худо (с) фармуд: Оё ту чунин гуфтаӣ? Гуфтам: Бале, ё Расулуллоҳ, падар ва модарам фидоят бод. Фармуд: Ту наметавонӣ ин корро анҷом диҳӣ, пас ҳам рӯза бигир ва ҳам бихӯр, ҳам бихоб ва ҳам намози шаб бихон ва ҳам дар моҳ се рӯзро рӯза бигир, зеро ҳар некӣ даҳ баробар ҷавоб дорад ва ин кор мисли рӯзадори ҳамеша аст. Гуфтам: Ман бештар аз инро метавонам. Фармуд: Пас як рӯзро бихӯр ва як рӯзро рӯза бигир, ин рӯзаи Довуд (а) аст ва ин миёнатарин рӯза аст. Ман гуфтам: Ман аз ин беҳтарро метавонам. Расули Худо (с) фармуд: Аз ин беҳтар вуҷуд надорад. Абдуллоҳ (р) гуфт: Агар ман се рӯзеро, ки Расули Худо (с) фармуда буд, қабул мекардам, бароям аз хонавода ва молам маҳбубтар буд.

Ва дар ривояте омада. Оё ба ман хабар нарасида, ки рӯзҳоро рӯза гирифта, шабҳоро зинда медорӣ? Гуфтам: Оре, ё Расулуллоҳ! Фармуд: Ин корро макун. Ҳам рӯза бигир, ҳам бихоб ва ҳам намози шаб бихон, зеро баданат бар ту ҳаққе дорад ва чашмонат бар ту ҳаққе дорад ва ҳамсарат бар ту ҳаққе дорад ва меҳмонат бар ту ҳаққе дорад ва кофист, ки дар ҳар моҳ се рӯз рӯза бигирӣ. Зеро дар баробари ҳар некӣ даҳ баробар бароят дода мешавад. Ин (рӯза гирифтан) мисли рӯзаи тамоми умр аст. Ман бар эшон сахт гирифтам, эшон ҳам бар ман сахт гирифтанд. Гуфтам: Ё Расули Худо (с) ман қудратмандам. Фармуд: Рӯзаи Паёмбари Худо Довуд (а)-ро бигир ва аз он зиёдтар рӯза магир. Гуфтам: Рӯзаи Довуд (а) чӣ

гуна буд? Фармуд: Нисфи замон. Ҳангоме, ки Абдуллоҳ (а) кӯҳансол шуда буд, мегуфт: Кош иҷозаи Расули Худо (с)-ро қабул мекардам.

Ва дар ривояте омада, ки фармуд: Оё ба ман хабар нарасида, ки ту тамоми умр рӯза гирифта, ҳар шаб Қуръон мехонӣ? Гуфтам: Оре, ё Расулуллоҳ ва аз он ҷуз иродаи хайр надорам. Фармуд: Рӯзаи Довуд (а)-ро бигир, ӯ порсотарини мардум буд. Ва дар ҳар моҳ Қуръон бихон. Гуфтам: Эй паёмбар (с) беш аз ин тавон дорам. Фармуд: Дар бист рӯз Қуръонро бихон (яъне онро хатм кун). Гуфтам: Бештар аз ин дар тавонам ҳаст. Фармуд: Пас онро дар ҳар даҳ рӯз бихон. Гуфтам: Беш аз ин дар тавонам ҳаст. Фармуд: Ки дар ҳар ҳафт рӯз бихон ва бар ин зиёдаравӣ макун. Чун сахтгирӣ кардам, бар ман сахтгирӣ шуд. Паёмбар (с) бароям фармуд: Ту намедонӣ, шояд умрат дароз шавад. Гуфт: Пас бад-он чи ки паёмбар (с) бароям фармуд, амал кардам ва чун кӯҳансол шудам, дӯст доштам, ки кош иҷозаи паёмбар (с)-ро мепазируфтам. Ва дар ривояте омада, ки фарзандонатро бар ту ҳаққе аст ва дар ривояти дигар омада, ки касе ки ҳамеша рӯза гирад, рӯзааш ҳеҷ аст ва дар ривояте дигар беҳтарин рӯза назди Худованд, рӯзаи Довуд (а) аст ва беҳтарин ва маҳбубтарин намоз, назди Худованд намози Довуд (а) аст, ки ними шаб мехобид ва сеякашро бармехост ва шашякашро мехобид ва рӯзе рӯза мегирифт ва рӯзеро ифтор мекард ва чун бо душман муқобил мешуд, фирор намекард.

Ва дар ривояте омада, ки (Абдуллоҳ) гуфт: Падарам маро зани соҳибном дод. Вай аз ӯ хабар мегирифт ва аз ӯ дар мавриди шавҳараш мепурсид. Он зан посух медод: Марди хубест, аз вақте, ки омадаам бо ман ҳамбистарӣ ва омезиш накардааст ва чун ин масъала давом ёфт, падарам мавзӯъро барои паёмбар (с) ёдовар шуд. Паёмбари Худо (с) фармуд, ӯро ба ман нишон деҳ ва сипас эшонро дидам. Он ҳазрат (с) аз ман пурсид, чӣ гуна рӯза мегирӣ? Гуфтам: Ҳама рӯз. Пурсид чӣ гуна Қуръон хатм мекунӣ? Гуфтам: Дар ҳар шаб. Ва Абдуллоҳ боқӣ ин ривоятро монанди ривоятҳои собиқ зикр намуд (Ва ӯ одат дошт он чиро ки шаб мехонд), рӯзе бар баъзе аз авзоъи хонаводааш

мехонд, то аз тарафи шаб бар вай осонтар шавад ва чун мехост, ки худро нерӯ диҳад, чандин рӯз ифтор мекард ва мешумурд он рӯзҳоро ва баъди он, рӯзҳоро рӯза мегирифт, аз тарси ин ки шояд аз вай чизе тарк шавад, ки паёмбар (с)-ро бар он тарк намудааст. Тамоми ин ривоятҳо саҳеҳ аст ва аксарашон дар *Саҳеҳайн* омадааст.

151 - Аз Абурибъи Ҳанзала ибни Рабиъи Усайдӣ Котиб (р) яке аз котибони Расули Худо (с) ривоят шуда, ки гуфт: Абубакр (р) маро дида гуфт: Ҳанзала чӣ ҳол дорӣ? Гуфтам: Ҳанзала нифоқ варзид. Гуфт: Субҳоналлоҳ чӣ мегӯӣ? Гуфтам: Мо назди Расули Худо (с) мебошем ва моро ба дӯзах ва биҳишт панд медиҳад, ки гӯё онро ба чашми сар мушоҳида мекунем ва чун аз назди Расули Худо (с) бармеоем бо занҳо, кӯдакон ва масоили зиндагӣ сару кор пайдо мекунем, бисёр чизҳоро фаромӯш менамоем. Абубакр (р) гуфт: Мо ҳам ба чунин чизе рӯ ба рӯ мешавем. Ман бо ӯ хидмати он ҳазрат (с) мушарраф шудем. Ман гуфтам: Ё Расулуллоҳ. Ҳанзала нифоқ варзид. Расули Худо (с) фармуд: Ин чӣ суханест, ки мегӯӣ? Гуфтам: Вақти назди шумо мебошем, моро ба биҳишт ва дӯзах панд медиҳед, гӯё ки онро ба чашм мебинем ва чун аз ҳузури шумо мураххас мешавем, бо занон, фарзандон ва масоили зиндагӣ омезиш намуда, бисёре чизҳоро фаромӯш мекунем. Расули Худо (с) фармуд: Савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, агар ҳамеша ба шакле, ки дар наздам мебошед, ба сар баред ва ба ёди Худо бошед, фариштагон шуморо бар рӯи фаршҳо (яъне дар хонаҳоятон) ва роҳҳои шумо масофа хоҳанд кард. Вале эй Ҳанзала, соатест (барои адои ибодат) ва соатест (барои кори дунё) ва се бор ин суханро такрор карданд.

152 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: ҳангоме ки паёмбар (с) хутба мехонд, мутаваҷҷеҳи шахси истода шуду аз ҳолаш пурсид. Асҳоб ҷавоб доданд: ӯ Абуисроил аст, назр карда, ки дар офтоб истода ва ба соя нарафта, нашинад ва сухан нагӯяд ва рӯза гирад. Паёмбар (с) фармуд: Ӯро бигӯед, сухан гӯяд ва дар соя истода биншинад ва рӯзаашро бояд тамом кунад.

# БОБИ 15. Мувозабат бар корҳои нек

Худованд мефармояд:

**Оё вақти он нарасида, ки дилҳои мӯъминон ба ёди Худо ва он чи аз Ҳақ фиристода, битарсад ва набошанд монанди касоне, ки дар гузашта барояшон китоб дода шуд, вале дароз гашт бар эшон ва сахтдил шуданд.** *(Ҳадид: 16)*

Ва низ Аллоҳ таъоло мефармояд:

**Пас аз он Исо ибни Марямро овардем ва ба вай Инҷилро додем ва ниҳодем дар дили пайравони ӯ меҳрубонӣ ва бахшоиш ва раҳбонияте, ки онро худ сохта буданд ва мо онро фарз насохта будем барояшон, лекин ихтироъ карда буданд онро ба талаби хушнудии Худо, пас нигаҳдошти он накарданд ба гуноҳе, ки шоистаи риъояти он буд.** *(Ҳадид: 27)*

**Ва дар ҷои дигар мефармояд: Ва набошед монанди зане, ки баъд аз устуворӣ риштаи худро гусаста пора – пора сохт.** *(Намл: 92)*

**Парастиш кун Худоятро, то маргат расад.** *(Ҳиҷр: 99)*

Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Беҳтарини амал назди Расули Худо (с) амале буд, ки соҳибаш бар он мудовамату пайвастагӣ ва мувозабат мекард.

153 - Аз Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он кӣ навбате аз шабашро ва ё бахше аз онро, ки боист Қуръон мехонад, нахонд ва онро миёни намози субҳ ва пешин бихонд, мисли он аст, ки онро дар шаб хонда бошад.

154 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) бароям фармуд: Эй Абдуллоҳ, мисли фалонӣ мабош, ки намози шаб мегузорид, вале онро тарк намуд.

155 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: чун намози шаби Расули Худо (с) ба воситаи беморӣ ва ё ғайри он тарк мешуд, дар рӯз дувоздаҳ ракаъат намоз мегузориданд.

# БОБИ 16. Амр ба муҳофизат ва мувозабат бар суннат ва одоби он

قال الله تعالى: ﴿وَمَا آتَاكُمُ الرَّسُولُ فَخُذُوهُ وَمَا نَهَاكُمْ عَنْهُ فَانْتَهُوا﴾ [الحشر: ٧]، وقال تعالى: ﴿وَمَا يَنْطِقُ عَنِ الْهَوَى. إِنْ هُوَ إِلاَّ وَحْيٌ يُوحَى﴾ [النجم: ٣، ٤]، وقال تعالى: ﴿قُلْ إِنْ كُنْتُمْ تُحِبُّونَ اللهَ فَاتَّبِعُونِي يُحْبِبْكُمُ اللهُ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ﴾ [آل عمران: ٣١]، وقال تعالى: ﴿لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِمَنْ كَانَ يَرْجُو اللهَ وَالْيَوْمَ الآخِرَ﴾ [الأحزاب: ٢١]، وقال تعالى: ﴿فَلا وَرَبِّكَ لا يُؤْمِنُونَ حَتَّى يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لاَ يَجِدُوا فِي أَنْفُسِهِمْ حَرَجاً[1] مِمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا تَسْلِيماً﴾ [النساء: ٦٥]، وقال تعالى: ﴿فَإِنْ تَنَازَعْتُمْ فِي شَيْءٍ فَرُدُّوهُ إِلَى اللهِ وَالرَّسُولِ﴾ [النساء: ٥٩]، قال الْعُلَمَاءُ: مَعْنَاهُ إِلَى الْكِتَابِ وَالسُّنَّةِ. وقال تعالى: ﴿مَنْ يُطِعِ الرَّسُولَ فَقَدْ أَطَاعَ اللهَ﴾ [النساء: ٨٠]، وقال تعالى: ﴿وَإِنَّكَ لَتَهْدِي إِلَى صِرَاطٍ مُسْتَقِيمٍ﴾ [الشورى: ٥٢، ٥٣]، وقال تعالى: ﴿فَلْيَحْذَرِ الَّذِينَ يُخَالِفُونَ عَنْ أَمْرِهِ أَنْ تُصِيبَهُمْ فِتْنَةٌ أَوْ يُصِيبَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾ [النور: ٦٣]، وقال تعالى: ﴿وَاذْكُرْنَ مَا يُتْلَى فِي بُيُوتِكُنَّ مِنْ آيَاتِ اللهِ وَالْحِكْمَةِ[2]﴾ [الأحزاب: ٣٤]؛ والآيات في الباب كثيرة.

Худованд мефармояд:

**Ва он чӣ Расули Аллоҳ шуморо ҳидоят диҳад, онро бигиред.** *(Ҳашр: 7)*

Ва низ мефармояд:

**Сухан намегӯяд аз ҳавои нафси хеш. Нест Қуръон, магар ваҳйе, ки ба сӯи ӯ фиристода мешавад.** *(Наҷм: 3-4)*

Инчунин мефармояд:

**Эй Муҳаммад, бигӯ агар дӯст медоред Худоро, пас пайравии ман кунед, то дӯст дорад шуморо Худо ва биёмурзад гуноҳони шуморо.** *(Оли Имрон: 31)*

**Ҳароина шуморо ба Расули Аллоҳ пайравии нек аст, барои касе, ки умед медорад (*савоби*) Худо ва рӯзи охиратро.** *(Аҳзоб: 21)*

Ва дар ҷои дигар мефармояд:

**Пас қасам ба Парвардигори ту, ки эшон мусалмон набошанд, то он ки ҳоким кунанд туро дар ихтилофе, ки сар занад миёнашон, боз наёбанд дар дили хеш тангие аз он чи ҳукм фармудӣ ва қабул кунанд онро ба инқиёд.** *(Нисо: 65)*

**Агар дар чизе мунозиъа кардед, онро ба Худо ва Расул раҷъат диҳед, агар мӯъмин ба Худо ва рӯзи охират ҳастед.**
*(Нисо: 59)*

Ҳамчунин Худованд мефармояд:

**Касе, ки аз пайғамбар фармонбардорӣ кунад, ҳамоно аз Худо итоъат кардааст.** *(Нисо: 80)*

**Ҳамоно ту ба роҳи рост ҳидоят мекунӣ, роҳи Худо.**
*(Шӯро:52-53)*

**Бояд битарсанд касоне, ки аз амри паёмбар мухолифат мекунанд, аз ин ки бирасад ба эшон фитна, ё азоби дарднок.**
*(Нур: 63)*

**Эй занони паёмбар (с), ёд кунед он чиро, ки тиловат мешавад дар хонаҳои шумо аз оёти Худо ва ҳикмат.**
*(Аҳзоб: 34)*

156 - Аз Абуҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки фармуд: Маро бигузоред модоме, ки ман шуморо гузоштам (*яъне, суоли бемаврид накунед)*. Ба таҳқиқ ҳалок шуданд, касоне ки пеш аз шумо буданд, ба иллате, ки зиёд суол намуданд ва бар паёмбаронашон ихтилоф карданд. Ҳар гоҳ шуморо аз чизе наҳй кардам, аз он дурӣ кунед ва агар шуморо ба чизе амр кунам, онро ба қадри тавон ба ҷой оваред.

157 - Аз Абунаҷиҳ Ирбоз ибни Сория (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) барои мо мавъизаи шевое намуд, ки дилҳо аз он тарсида ва чашмҳо аз он ашкрезон шуд. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, гӯё ин мавъизаи касест, ки видоъ мекунад, пас моро васият кун. Он ҳазрат (с) фармуданд: Шуморо ба тақво ва тарси Худо ва шунидану итоъат кардан тавсия мекунам, ҳарчанд ғуломи ҳабашӣ бар шумо амир бошад. Ҳароина он, ки аз шумо зинда бимонад, ба зудӣ шоҳиди ихтилофоти зиёде хоҳад буд, пас бар шумо бод ба пайравӣ аз тариқаи ман ва

тариқаи хулафои рошидин, ки онҳо ҳидояткунандагонанд. Онро (*суннати маро*) бо дандонҳои курсии хеш газида ва маҳкам гиред ва бар шумо бод, ки аз корҳои бидъат дурӣ кунед, зеро ҳар кори навпайдо гумроҳӣ дар пой дорад.

158 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамаи умматам ба биҳишт дохил мешаванд, магар касе, ки сар печад. Гуфтанд: Чӣ касе сар мепечад, ё Расулуллоҳ? Фармуд: Он, ки аз ман пайравӣ кунад, дохили биҳишт мегардад ва он, ки нофармонии маро кунад, ба таҳқиқ сар печидааст.

159 - Аз Абумуслим ва гуфта шуда Абуиёс Салама ибни Амр ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: шахсе назди Расули Худо (с) ба дасти чап таъом мехӯрд, он ҳазрат (с) фармуд: Ба дасти рост бихӯр. Гуфт: Наметавонам. Фармуд: Натавонӣ. Чизе ба ҷуз кибр ӯро аз итоъат бознадошт ва вай баъд аз он натавонист чизеро ба даҳони хеш баланд кунад, *яъне дасташ ба қудрати Худованд фалаҷ шуд.*

160 - Аз Абуабдуллоҳ, Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳамоно ҳатман, сафҳои хешро дуруст мекунед. Ё ин ки Худованд дар миёни шумо ихтилоф меафканад.

161 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Шаб хонае дар Мадина дар ҳоле, ки аҳлаш дар он буданд, оташ гирифт. Чун Расули Худо (с) аз ҳолашон бохабар шуд, фармуд: Ин оташ, душмани шумо аст, пас вақте хоб меравед, онро хомӯш кунед.

162 - Ва низ аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Сифати он чи аз илм ва ҳидоят, ки Худованд маро ба он фиристода мисли боронест, ки ба замине расид, пас бархе аз он қисмати хубест, ки обро қабул намуда, алаф ва сабзаи зиёд мерӯёнад ва баъзе аз он сахт аст, ки обро нигоҳ дошта, Худованд мардумро бад-он нафъ мерасонад, ки аз он меошоманд ва заминашонро обёрӣ карда, кишт мекунанд ва ба бахши дигаре аз замин мерасад, ки ҳамвор аст, на обро нигоҳ медорад, на алафро мерӯёнад ва ин сифати касест, ки дар дини Худо донишманд мешавад ва он чи Худованд маро бад-он мабъус сохта ба вай нафъ мерасонад, пас меомӯзад ва

таълим медиҳад ва сифати он касест, ки сари худро бад-он баланд накарда ва ҳидояти Илоҳиро, ки Худованд маро бад-он фиристода, напазируфт.

163 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Масали ман ва масали шумо монанди касест, ки оташ меафрӯзад ва малаххову парвонаҳо худро миёни он меандозанд ва ӯ онҳоро мамониъат мекунад ва ман камарбандҳои шуморо гирифтаам, то шуморо аз дӯзах боздорам, вале шумо худро аз чанги ман берун мекашед, то ба оташ дароед.

164 - Ва ҳам аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) ба лесидани ангуштон ва коса амр намуда, фармудаанд: Шумо намедонед, ки баракат дар кадоми он аст. Ва дар ривояти дигар ҳам аз Муслим омада, ки ҳамоно шайтон дар ҳар коре, ки анҷом медиҳед, назди шумо ҳозир мешавад, ҳатто дар вақти таъом хӯрдан, аз ин рӯ, ҳар гоҳ луқмаи яке аз шумо бияфтад, бояд хошокеро, ки ба он часпида, дур намуда, онро бихӯрад ва барои шайтон нагузорад. Ва дар ривояти дигар аз Муслим омада, ҳар гоҳ луқмае, ки аз шумо биафтад, бояд онро бардошт ва хошокеро, ки ба он часпида, дур намуда, онро бихӯрад ва онро барои шайтон нагзорад ва бояд қабл аз ин дасти худро ба дастмол пок мекунад, онро билесад, зеро ӯ намедонад, ки дар кадом қисмати таъоми ӯ баракат ниҳода шудааст.

165 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) дар миёни мо барои мавъиза бархоста, фармуд: Эй мардум, шумо пои бараҳна, тани бараҳна ва хатнаношуда ба ҳузури Худованд маҳшур мешавед, **(Чунон ки оғоз кардем аввали офаринишро, дигар бора кунем офаринишро ваъдаи лозим бар мо, ки ҳароина мо кунандаем.)** *(Анбиё: 103).*

Огоҳ бошед, аввалин касе, ки аз мардум дар рӯзи қиёмат пӯшонда мешавад, Иброҳим (ъ) мебошад. Огоҳ бошед! Ҳамоно мардоне аз уммати ман оварда шуда ва ба тарафи дӯзах савқ дода хоҳанд шуд ва ман мегӯям: Худоё, асҳобам? Гуфта мешавад ту намедонӣ, баъд аз ту чӣ анҷом додаанд. Ман ҳам

монанди бандаи солеҳ Исо (ъ), ки мегӯяд, мегӯям: **(ман шоҳидашон будам, то лаҳзае, ки бо эшон будам)** *(Моида: 117-118),* то охири ояи фармудаи Худованд (**Азизу-л-ҳаким**).

Пас бароям гуфта мешавад: онҳо аз лаҳзае, ки ту аз онҳо ҷудо шудӣ, ақибгардӣ карданд ва дубора мунҳариф шуданд.

166 - Аз Абӯсаид Абдуллоҳ ибни Муғаффал (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) аз партоб намудани сангреза бо ангушт манъ карда фармуданд: Он шикорро накушта ва душманро ба қатл намерасонад, вале чашмро кӯр карда ва дандонро мешиканад. Ва дар ривояте омада, ки яке аз наздикони ибни Муғаффал (р) сангрезаҳоро партоб намуд ва ӯ вайро наҳӣ намуда гуфт: Расули Худо (с) аз партоби сангреза манъ намуду фармуд: Он шикореро қайд намекунад, шахси мазкур дубора сангрезаро партоб намуд. Ӯ гуфт: Ман ба ту аз Расули Худо (с) ривоят мекунад, ки ӯ аз ин кор наҳӣ намудааст ва ту боз дубора сангреза партоб мекунӣ, ҳаргиз бо ту ҳарф нахоҳам зад.

167 - Аз Аббос ибни Рабиъа (р) ривоят шуда, ки гуфт: Умар ибни Хаттобро дидам, ки Ҳаҷару-л-асвадро бӯса мезад ва мегуфт, медонам, ки ту сангӣ, суду зиён намерасонӣ ва ҳар гоҳ намедидам, ки Расули Худо (с) туро бӯса мезанад, туро бӯса намезадам.

## БОБИ 17. Вуҷуби пайравӣ ва итоъат аз Худо ва сухане, ки бояд шахси даъватшуда бигӯяд ва амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар

قال الله تعالى: ﴿ فَلا وَرَبِّكَ لا يُؤْمِنُونَ حَتَّى يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لا يَجِدُوا فِي أَنْفُسِهِمْ حَرَجاً مِمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا تَسْلِيماً ﴾ [النساء: ٦٥]، وقال تعالى: ﴿ إِنَّمَا كَانَ قَوْلَ الْمُؤْمِنِينَ[٢] إِذَا دُعُوا إِلَى اللهِ وَرَسُولِهِ لِيَحْكُمَ بَيْنَهُمْ أَنْ يَقُولُوا سَمِعْنَا وَأَطَعْنَا وَأُولَئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ ﴾ [النور: ٥١].

Худованд мефармояд:

**Пас қасам ба Парвардигорат, ки эшон мусалмон набошанд, то туро довар накунанд, дар ихтилофе, ки миёни эшон воқеъ шуд ва боз наёбанд дар дили хеш аз он чи ҳукм фармудӣ дилтангиеро ва қабул кунанд, онро бо фармонбардорӣ.** *(Нисо: 65)*

Ва низ мефармояд:

**Ҳамоно сухани мӯъминон он аст, ки чун ба сӯи ҳукми Худо ва расулаш хонда шаванд, то ҳукм кунад дар миёнашон бар ин, ки гӯянд: шунидем ва фармонбардорӣ намудем. Ин гурӯҳ яқинан растагоронанд.** *(Нур: 51)*

168 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун бар Пайғамбари Худо ин оят нозил шуд; **Лиллоҳи мо фис-самовоти ва мо фил-арз ва ин тубдӯ мо фӣ-анфусикум ав тухфӯҳу юҳосибкум биҳиллоҳ**. *Тарҷума:* **Он чи дар осмонҳо ва замин аст, ҳама моли Худост ва агар он чи** *(аз огози хайр ва шар)* **дар дил доред, ошкоро ё махфӣ кунед, ҳамаро Худованд дар муҳосибаи шумо хоҳад овард,** бар асҳоби киром сахт душвор омад. Пас ба ҳузури Расули Худо (с) омада, ба зону афтода ва гуфтанд, ё Расулаллоҳ, мо ба корҳое мукаллаф шудаем, ки тоби анҷоми онро дорем, мисли намоз, ҷиҳод, садақа ва рӯза ва акнун ин оят бар шумо нозил шуда, мо тоқати онро надорем. Расули Худо (с) фармуд: оё мехоҳед мисли аҳли китоб, ки пеш аз шумо буданд, бигуед: шунидем ва нофармонӣ кардем?! Балки бигӯед, шунидем ва итоъат кардем, Парвардигоро, аз ту омурзиш металабем ва баргашти мо ба сӯи туст. Онҳо ҳам ин дуъоро карданд ва чун мардум онро хонданд ва забонҳояшон ба он фармонбардор шуд, Худованд ба таъқиби он фармуд: **Паёмбар ва мӯъминон ба он чи, ки бар ӯ** *(паёмбар)* **аз тарафи Худованд нозил шуда, имон оварданд. Ҳамаи онҳо ба Худованд ва малоикааш ва китобҳояш ва паёмбаронаш имон оварданд ва миёни ҳеҷ кадоме аз паёмбаронаш фарқе қоил намебошем ва гуфтанд: шунидем ва итоъат кардем, Парвардигоро аз ту омурзиш металабем ва бозгашти мо ба сӯи туст.** *(Бақара: 285).*

Чун онро анҷом доданд, Худованд онро насх намуд ва ин ояро нозил фармуд: **Худованд ҳеҷ касро таклиф накунад, магар ба қадри тавоноии ӯ. Некиҳои ҳар кас ба суди худи ӯ ва бадиҳояш ҳам ба зиёни худи ӯст. Парвардигоро, моро ба он чи ба фаромӯшӣ, ё ба хато кардаем, муохаза макун.** Худованд фармуд: **Бале, иҷобат кардам. Парвардигоро, бори таклифи гарон ва тоқатфарсоро чунон, ки бар пешиниён ниҳодӣ, бар мо магузор.** Худованд фармуд: Бале. **Парвардигоро, бори таклифи болотар аз тоқати моро бар дӯши мо манеҳ.** Худованд фармуд: бале. **Ва биёмурз ва бибахш гуноҳи моро ва бар мо раҳмат фармо, танҳо султон ва ёру ёвари мо туӣ, моро бар** *(мағлуб кардан)* **гурӯҳи кофарон ёрӣ фармо.** Худованд фармуд: бале. Барои дарёфти тафсилоти бештар дар ин мавзӯъ нигаред ба ҳадиси 106.

## БОБИ 18. Дар манъ намудан аз бидъатҳо ва корҳои навпайдо

Худованд мефармояд:

**Чист? Баъд аз Ҳақ, ба ҷуз гумроҳӣ.** *(Юнус: 22)*

Дар ояи дигар чунин омада:

**Ҳеҷ чизеро дар китоб фурӯ нагзоштем.** *(Анъом: 1)*

Инчунин мефармояд:

**Агар дар мавриди чизе мунозиъа кардед, онро ба Худо ва расули ӯ бозгардонед, яъне ба китоб ва суннат.** *(Нисо: 59)*

Ҳамчунин мефармояд:

**Ҳароина ин роҳи рости ман аст, пас аз он пайравӣ кунед ва пайравӣ макунед роҳҳои дигарро, ки ин роҳҳо ҷудо кунанд шуморо аз роҳи Худо.** *(Анъом: 153)*

**Бигӯ, эй Муҳамммад! Агар шумо Худоро дӯст медоред, аз ман пайравӣ кунед, ҳамоно Худованд шуморо дӯст медорад ва мебахшад гуноҳони шуморо.** *(Оли Имрон: 31)*

169 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: касе, ки дар ин амр *(дини мо)* чизеро биёварад, ки аз он нест, мардуд аст.

Дар ривояте аз Муслим омада, ки касе ки амале анҷом диҳад, ки дини мо онро таъйид накунад, мардуд аст.

170 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: ҳангоме ки Пайғамбари Худо (с) хутба мехонданд, чашмонаш сурх гашта, садояшон баланд гардида ва сахт ғазабнок мешуданд, ки гӯӣ эшон бимдиҳандаи як лашкаранд, ки мегӯяд: Душман субҳ бар шумо ҳамла меоварад ё бар шумо шабехун мезанад ва мефармуд: Ман барангехта шудам, дар ҳоле ки миёни ман ва қиёмат монанди ин ду аст (ва ангушти сабоба ва васати худро ба ҳам марбут ва пайваста месохт) ва мефармуд: аммо баъд; ҳароина беҳтарини сухан Китоби Худо аст ва беҳтарин роҳи ҳидоят, роҳи ҳидояти Муҳаммад (с) аст ва бадтарин кор он аст, ки бидъат бошад ва ҳар амри навпайдо *(бидъат)* гумроҳӣ аст. Сипас мефармуд: Ман ба ҳар мусалмон аз ҷонаш бартарам, пас касе, ки моле бигзорад, аз хонаводааш аст ва касе, ки қарз ё аёлеро бигзорад, пас аз ман ва бар ман аст.

## БОБИ 19. Дар мавриди касе, ки равиши нек ё бадеро асос ниҳад

قال الله تعالى: ﴿ وَالَّذِينَ يَقُولُونَ رَبَّنَا هَبْ لَنَا مِنْ أَزْوَاجِنَا وَذُرِّيَّاتِنَا قُرَّةَ أَعْيُنٍ وَاجْعَلْنَا لِلْمُتَّقِينَ إِمَامًا ﴾ [الفرقان: ٢٤]، وقال تعالى: ﴿ وَجَعَلْنَاهُمْ أَئِمَّةً يَهْدُونَ بِأَمْرِنَا ﴾ [الأنبياء: ٧٣].

Худованд мефармояд:

**Касоне ки мегӯянд: Эй Парвардигори мо, бибахш барои мо аз занҳо ва фарзандонамон рӯшании чашм ва бигардон моро пешвои парҳезгорон.** *(Фурқон: 74)*

Ва низ мефармояд:

**Гардонидем онҳоро пешвоёне, ки ба амри мо роҳбарӣ мекарданд.** *(Анбиё: 73)*

171 - Аз Абуамр Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: мо дар аввали рӯз назди Расули Худо (с) будем. Ногоҳ гурӯҳе хидматаш расиданд, ки бараҳна буда ва абоҳои

пашмини хатдореро, ки аз қисмати сар пора мешуд, пӯшида буданд. Шамшерҳояшон дар ғилоф буд, умумашон, балки ҳамаашон аз қавми Музар буданд. Расули Худо (с) аз гуруснагие, ки бо эшон диданд, ҳолашон дигаргун шуда, ба хона даромаданд ва боз баромада ба Билол дастур доданд, ки ӯ азон дода ва иқомат гуфт. Пас он ҳазрат (с) намоз гузорида ва хутба хондаву фармуданд: **Эй мардум, аз Парвардигоратон битарсед, Худое, ки ҳамаи шуморо аз як тан офарид ва офарид аз он тан зани ӯро ва пароканда сохт аз он ду, мардони бисёр ва занони бешумор. Ва битарсед аз он Худое, ки аз якдигар ба номи ӯ суол мекунед. Ва битарсед аз қатъи пайванди арҳом, ки ҳамоно Худованд муроқиб ва нигаҳбони шумост.** Ва ояи дигаре, ки дар охири сураи Ҳашр аст: **Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худованд битарсед ва ҳар касе бояд бингарад ба он чизе ки барои фардояш** *(рӯзӣ қиёмат)* **омода карда.** Бояд мард садақа бидиҳад аз динораш, аз дирҳамаш, аз либосаш, аз паймонаи гандум ва хурмояш. Ҳатто фармуд: агарчи ним донаи хурмо ҳам бошад. Баъд марде аз ансор ҳамёне овард, ки наздик буд, дасташ аз ҳамли он оҷиз шавад, балки оҷиз шуда буд. Пас мардум ба ақиби ҳамдигар омаданд, ба андозае, ки ду анбор аз таъом ва либос ҷамъ шуд, то ин ки дидам чеҳраи Расули Худо (с) ҳамчун тилло медурахшид. Баъд Расули Худо (с) фармуд: Касе ки дар ислом равиш ва тариқаи некӯеро асос гузорад, барои ӯст музди он ва музди касоне, ки баъд аз ӯ он корро анҷом диҳанд, бидуни ин, ки аз муздашон чизе кам шавад. Ва касе, ки дар ислом равиш ва тариқаи бадеро асос гузорад, бар вай гуноҳи он аст ва гуноҳи касоне, ки баъд аз ӯ муртакиби он мешаванд, бидуни ин, ки аз гуноҳонашон чизе кам шавад.

172 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Пайёмбари Худо (с) фармуд: Ҳеҷ касе мазлумона кушта намешавад, магар ин ки бар фарзанди аввали Одам (ъ) насибе аз хуни он аст; зеро ӯ аввалин касе буд, ки куштанро асос гузошт.

## БОБИ 20. Роҳнамоӣ ба хайр ё даъват ба ҳидоят, ё гумроҳӣ

قال تعالى: ﴿ وَادْعُ إِلَى رَبِّكَ ﴾ [القصص: ٨٧]، وقال تعالى: ﴿ ادْعُ إِلَى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ ﴾ [النحل: ١٢٥]، وقال تعالى: ﴿ وَتَعَاوَنُوا عَلَى الْبِرِّ وَالتَّقْوَى ﴾ [المائدة: ٢]، وقال تعالى: ﴿ وَلْتَكُنْ مِنْكُمْ أُمَّةٌ يَدْعُونَ إِلَى الْخَيْرِ ﴾ [آل عمران: ٨٤].

Худованд мефармояд:

**Ва бихон ба сӯи Парвардигорат.** *(Қиссас: 87)*

**Ва бихон ба роҳи Парвардигорат ба дониш ба мавъизаи нек.** *(Наҳл: 125)*

**Дар некӯкорӣ ва тақво бо ҳамдигар ҳамкорӣ кунед.** *(Моида: 2)*

**Бояд бошад аз шумо гурӯҳе, ки ба корҳои хайр ва писандида даъват кунанд.** *(Оли Имрон: 84)*

173 - Аз Абумасъуд (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Он кӣ ба кори хайре роҳнамоӣ кунад, барои ӯ монанди музди анҷомдиҳандаи он дода мешавад.

174 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки пайғамбари Худо фармуд: Он кӣ ба кори неке даъват кунад, ба вай подоше назири подоши пайравикунандагони ӯ мерасад, бидуни ин ки аз музди эшон чизе коста шавад. Ва он кӣ ба гумроҳӣ даъват кунад, бар вай гуноҳест, мисли гуноҳи онон, ки аз вай пайравӣ карданд ва ин амр аз гуноҳонашон чизе намекоҳад.

175 - Аз Абулаббос Саҳл ибни Саъди Соъидӣ (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) дар рӯзи Хайбар фармуд: Ин парчамро фардо ба дасти марде медиҳам, ки Худованд ба дастҳои ӯ фатҳ меоварад. Худо ва расулашро дӯст медорад ва Худову расулаш ҳам ӯро дӯст медоранд. Мардум шабашонро бо ин сӯҳбат сипарӣ карданд, ки ба кадомашон дода хоҳад шуд. Чун субҳ карданд, назди Расули Худо (с) омаданд, дар ҳоле, ки ҳар якашон умед дошт, то парчам ба ӯ дода шавад. Фармуд: Алӣ ибни Абитолиб куҷост? Гуфта шуд:

ё Расули Худо (с) чашмони ӯ дард мекунад. Фармуд: Дунболаш бифиристед ва ӯро оварданд. Расули Худо (с) оби даҳонашро ба чашмонаш молида, дар ҳаққаш дуо кард ва чунон сиҳат ёфт, ки гӯё аслан дарде надошт ва парчамро ба ӯ дод. Алӣ (р) гуфт: Ё Расули Худо (с) бо онҳо биҷангам, то мисли мо бошанд. Фармуданд: ба роҳат идома деҳ, то ба минтақаашон фуруд ой ва баъд ононро ба ислом даъват кун ва хабар деҳ ононро ба ҳуқуқе, ки Худованд бар онҳо дар ин маврид лозим сохта ва савганд ба Худо, ки агар Худованд ба василаат як мардро ҳидоят кунад, бароят аз шутурҳои сурх беҳтар аст.

176 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки ҷавоне аз қабилаи Аслам гуфт: Ё Расулуллоҳ, мехоҳам ҷиҳод кунам, он чи ки бояд худро ба василаи он муҷаҳҳаз кунам, дар ихтиёр надорам. Фармуд: Назди фалонӣ бирав, ки худро *(барои ҷиҳод)* омода карда буд, вале бемор шуд. Ӯ назди вай рафта гуфт: Расули Худо (с) бар ту салом мерасонад ва мегӯяд: Васоиле, ки худро ба он муҷаҳҳаз карда будӣ, ба ман деҳ. *(Марди бемор)* гуфт: Эй фалонӣ *(ба ҳамсар ё ходимааш),* васоиле, ки худро бо он муҷаҳҳаз карда будам, ба ӯ деҳ ва чизе аз онро нигоҳ мадор! Ба Худо савганд, ҳеҷ чизе аз онро нигаҳ намедорӣ, ки баъд барои мо дар он баракат ниҳода шавад.

## БОБИ 21. Таъовун ва ҳамкорӣ бар некӯкорӣ ва парҳезгорӣ

Худованд мефармояд:

**Бо ҳам бар некӯкорӣ ва тақво ҳамкорӣ ва таовун намоед.** *(Моида: 3)*

**Савганд ба аср ва замона, ҳароина инсон дар зиён аст, магар касоне, ки имон оварда ва амали солеҳ намуда ва ҳамдигарро ба ҳақ ва сабр тавсия карданд.** *(Аср: 1-3)*

177 - Аз Абуабдураҳмон Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Ҳар касе размандаеро дар роҳи Худо созу барг диҳад, дар воқеъ ҷиҳод

кардааст ва он кӣ ба ваҷҳи писандида сарпарастии оилаи ғозиеро бинамояд, ҳамоно ҷиҳод кардааст.

178 - Аз Абусаиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) ҳайатеро ба бани Лиҳён (аз) қабилаи Ҳузайл фиристода ва фармуданд: Бояд аз ҳар ду нафар яке барои ҷиҳод барангехта шавад ва музди *(подош ва ғанимат)* миёни ҳарду бошад.

179 - Аз Абдуллоҳи Аббос (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) чанд савореро дар Равҳо, *(исми ҷоест наздики Мадина)* мулоқот намуда, фармуданд: аз кадом гурӯҳанд? Гуфтанд: мусалмонем. Онон гуфтанд ту кӣ ҳастӣ? Фармуд: Расули Худо (с). Сипас зане кӯдакеро ба сӯи он ҳазрат (с) баланд карда, гуфт: оё бар ин ҳаҷе аст? Паёмбар (с) фармуд: бале ва барои ту ҳам подош дода мешавад.

180 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) аз Пайғамбари Худо (с) ривоят шуда, ки фармуд: Хазонадори амини мусалмон, ки он чиро, ки бад-он дастур дода шавад, иҷро мекунад ва онро комил ва тамом медиҳад ба касе, ки ба додани он ба ӯ амр шуда ва бо риёзати хотир мепардозад, яке аз садақадиҳандагон аст.

## БОБИ 22. Насиҳат ва хайрандешӣ

قال تعالى: ﴿ إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ ﴾ [الحجرات: ١٠]، وقال تعالى إخباراً عن نُوحٍ ﷺ: ﴿ وَأَنْصَحُ لَكُمْ ﴾ [الأعراف: ٦٢]، وعَنْ هُودٍ ﷺ: ﴿ وَأَنَا لَكُمْ نَاصِحٌ أَمِينٌ ﴾ [الأعراف: ٦٨].

Худованд мефармояд:

**Ҳамоно мӯъминон бо ҳам бародаранд.** *(Ҳуҷурот: 1)*

Ва ҳам аз Нуҳ (ъ) хабар медиҳад:

**Ва насиҳат мекунам шуморо.** *(Аъроф: 62)*

Ва аз Ҳуд (ъ) хабар медиҳад:

**Ва ман барои шумо насиҳатгари амин мебошам.**

*(Аъроф: 68)*

181 - Аз Абуруқайя Тамим ибни Авси Дорӣ (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Дин иборат аз насиҳат ва хайрандешӣ аст. Гуфтанд: барои чӣ касе? Фармуд: Барои Худо ва барои китобаш ва барои расулаш ва барои роҳбарони мусалмонҳо ва барои ҳамаи муслимин.

182 - Аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт: бо Расули Худо барои адои намоз ва додани закот ва насиҳати ҳар мусалмон байъат намудам.

183 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Касе аз шумо мӯъмин шумурда намешавад, то ин ки дӯст дошта бошад, барои бародараш он чиро, ки барои хеш дӯст медорад.

## БОБИ 23. Амр ба маъруф ва корҳои писандида ва наҳй аз мункар ва корҳои зишт

قال الله تعالى: ﴿ وَلْتَكُنْ مِنْكُمْ أُمَّةٌ يَدْعُونَ إِلَى الْخَيْرِ وَيَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَأُولَئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ ﴾ [آل عمران: ١٠٤]، وقال تعالى: ﴿ كُنْتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ ﴾ [آل عمران: ١١٠]، وقال تعالى: ﴿ خُذِ الْعَفْوَ وَأْمُرْ بِالْعُرْفِ وَأَعْرِضْ عَنِ الْجَاهِلِينَ ﴾ [الأعراف: ١٩٩]، وقال تعالى: ﴿ وَالْمُؤْمِنُونَ وَالْمُؤْمِنَاتُ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاءُ بَعْضٍ (١) يَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ ﴾ [التوبة: ٧١]، وقال تعالى: ﴿ لُعِنَ الَّذِينَ كَفَرُوا مِنْ بَنِي إِسْرَائِيلَ عَلَى لِسَانِ دَاوُدَ وَعِيسَى ابْنِ مَرْيَمَ ذَلِكَ بِمَا عَصَوْا وَكَانُوا يَعْتَدُونَ، كَانُوا لَا يَتَنَاهَوْنَ عَنْ مُنْكَرٍ فَعَلُوهُ لَبِئْسَ مَا كَانُوا يَفْعَلُونَ ﴾ [المائدة: ٧٨]، وقال تعالى: ﴿ وَقُلِ الْحَقُّ مِنْ رَبِّكُمْ فَمَنْ شَاءَ فَلْيُؤْمِنْ وَمَنْ شَاءَ فَلْيَكْفُرْ ﴾ [الكهف: ٢٩]، وقال تعالى: ﴿ فَاصْدَعْ بِمَا تُؤْمَرُ (٢) ﴾ [الحجر: ٩٤]، وقال تعالى: ﴿ فَأَنْجَيْنَا الَّذِينَ يَنْهَوْنَ عَنِ السُّوءِ وَأَخَذْنَا الَّذِينَ ظَلَمُوا بِعَذَابٍ بَئِيسٍ (٣) بِمَا كَانُوا يَفْسُقُونَ ﴾ [الأعراف: ١٦٥] وَالآياتُ في الباب كَثِيرَةٌ مَعلومَةٌ.

Худованд мефармояд:

**Бояд, бошад аз шумо гурӯҳе, ки даъват кунад ба сӯи некӣ ва боз доранд аз корҳои нописандида ва он гурӯҳ растагарон мебошанд.** *(Оли Имрон: 104)*

**Шумо беҳтарини уммат будед, ки ихтиёр шудаед барои мардумон, ки ба корҳои писандида амр намуда ва аз корҳои нописандида манъ менамоед.** *(Оли Имрон: 11)*

**Лозим гир авфро ва амр кун ба кори писандида ва иъроз кун аз нодонон.** *(Аъроф: 199)*

**Мардони мӯъмин ва занони мӯъмина баъзе эшон корсози баъзеанд. Дастур медиҳанд ба кори писандида ва манъ мекунанд аз кори нописандида.** *(Тавба: 71)*

**Лаънат карда шуд кофарон аз бани Исроил ба забони Довуд ва Исо ибни Марям. Ин ба сабаби он аст, ки нофармонӣ мекарданд ва аз ҳад мегузаштанд, якдигарро аз он амали зиште, ки муртакиби он шуданд, манъ намекарданд, ҳароина бад, чизе ки мекарданд.** *(Моида: 78-79)*

**Бигӯ, ин ҳақ ҳамон аст, ки аз ҷониби Парвардигори шумо омада, пас ҳар кӣ хоҳад имон оварад ва ҳар кӣ хоҳад кофар шавад.** *(Каҳф: 29)*

**Пас ошкор кун ба он чи дастур дода мешавӣ**. *(Ҳиҷр: 94)*

**Пас наҷот додем ононеро, ки аз бад манъ мекарданд ва гирифтор кардем ситамгаронро ба азоби сахт, ба сабаби он ки фосиқ буданд.** *(Аъроф: 165)*

184 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Пайғамбари Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳар гоҳ касе аз шумо кори бадеро дид, бояд онро ба дасти хеш тағйир диҳад. Агар натавонист, бояд ба забони худ онро манъ кунад ва агар натавонист бояд ба дили худ ва ин заъифтарин мартабаи имон аст.

185 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки фармуд: Ҳеҷ пайғамбареро Худованд дар умматҳои гузашта нафиристод, магар ин ки барои ӯ аз умматаш дӯстони холис ва ёроне буданд, ки ба суннат ва тариқаи ӯ мутавассил шуда ва ба фармони ӯ иқтидо мекарданд. Сипас ҷонишиноне ба маснади хилофати онон менишинанд, ки мегӯянд он чиро, ки анҷом намедиҳанд

ва анҷом медиҳанд он чиро, ки бад-он маъмур нашудаанд. Касе, ки бо дасти хеш алайҳи онҳо ҷиҳод кунад, мӯъмин аст ва касе, ки бо забонаш бар зидди онҳо ҷиҳод кунад, мӯъмин аст ва касе, ки ба дилаш бар муқобили онҳо ҷиҳод кунад, мӯъмин аст ва моварои ин ба қадри донаи сипанде имон вуҷуд надорад.

186 - Аз Абулвалид Убода ибни Сомит (р) ривоят шуда, ки гуфт: паймон бастем бо Расули Худо (с) ба шунидан ва фармонбардорӣ кардан дар сахтӣ ва осонӣ ва нишот ва адами нишот ва баргузидан бар мо *(яъне ҳар гоҳ паёмбар (с) дигареро бар мо ба моле ё мақоме баргузид, бар он эътироз надошта бошем)* ва бар ин ки бо зимомдорон мунозиъа накунем, магар ин ки куфри ошкореро бубинед, ки далеле дар мавриди он аз назди Худованди мутаъол дошта бошед ва ин ки ҳақро бигӯем дар ҳар куҷое, ки бошем ва натарсем дар роҳи Худо аз сарзаниши маломатгар.

187 - Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Сифати касе, ки ба хотири иҷро кардани ҳудуди Худо истодааст ва барои аз байн бурдани мункарот қиём мекунад ва сифати касе, ки дар он мункарот меафтад *(аз ҳудуд таҷовуз мекунад)*, монанди гурӯҳе аз мардум аст, ки дар савор шудани киштӣ бо ҳам қуръа андохтанд, ки дар як киштӣ баъзе дар боло ва баъзе дар поин қарор гирифтанд. Мардуме, ки дар поин буданд, чун мехостанд об бинӯшанд, бояд аз болои касоне, ки болотар аз онҳо буданд, мегузаштанд, бо худ гуфтанд: Чӣ мешавад, ки мо дар саҳми хеш шикофӣ эҷод кунем ва касонеро, ки дар болотар аз мо ҳастанд, озор надиҳем? Агар ононе, ки дар боло қарор доранд, онҳоро *(ононеро, ки дар поини киштианд)* ба корашон бигзоранд, ҳама ҳалок мешаванд ва агар дасташонро бигиранду *(монеъи шикоф кардани киштӣ тавассути онон шаванд)*, наҷот меёбанд ва ҳама наҷот ҳосил мекунанд.

188 - Аз модари мӯъминин, умми Салама, Ҳинд духтари Абуумайя (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Бар шумо умарое таъйин мегарданд, ки бархе корҳояшон

мавриди писанди шумо ва бархе нописанди шумост, пас касе, ки аз он бад барад, ҳамоно наҷот ёфта, аз гуноҳ ва касе ки иъроз кунад, солим мондааст ва лекин касе ки розӣ шавад ва пайравӣ кунад. Гуфтанд: ё расулаллоҳ, оё бо онҳо биҷангем? Фармуд: на, то модоме ки дар миёни шумо намозро барпо доранд.

***Шарҳ:*** *маъnotaш ин аст, ки баъзе афъолашонро ба воситаи мувофиқат бо шариъат меписандед ва баъзеро, ки мухолифи шариъат аст, бад мебинед, пас он кӣ онро нохуш дорад ва ба даст ва забонаш инкор натавонад, аз гуноҳ наҷот ёфта ва вазифаи худро адо карда ва он кӣ ба андозаи тоқату қудраташ аз он бад бибарад, аз ин маъсият солим монда ва он ки ба корашон розӣ шуда ва аз эшон пайравӣ кунад, ӯ гунаҳгор ба шумор меравад.*

189 - Аз уммулмӯъминин умулҳаким Зайнаб духтари Ҷаҳш (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбар (с) бо ҳолати ҳаросон назди вай дохил шуда фармуд: **«Ло илоҳа иллаллоҳ».** Вой бар араб аз шарре, ки наздик шуда. Имрӯз аз садди Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ ба андозаи ин боз шуда *(ва ангушти ибҳом ва ангушти пайваста ба онро ҳалқа намуданд)*. Гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Оё ҳалок мешавем, дар ҳоле, ки дар миёни мо афроди солиҳ вуҷуд доранд? Фармуд: Бале, замоне, ки фисқу фуҷур зиёд шавад.

190 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Парҳез кунед аз нишастан бар сари роҳҳо. Гуфтанд: ё Расулаллоҳ, мо ба ин маҷолис барои сӯҳбат кардан ниёз дорем! Расули Худо (с) фармуд: ҳар гоҳ нишастанро зарурӣ медонед, ҳақи роҳро бидиҳед. Гуфтанд: эй Расули Худо (с), ҳақи роҳ чист? Гуфт: пӯшидани чашм ва боздоштану мамониат аз азият ва озори дигарон ва ҷавоби салом додан ва амр ба корҳои писандида ва манъ аз кори нописандида.

191 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) ангуштари тиллоиро дар дасти шахсе дида, онро кашида ва дур андохту фармуд: Яке аз шумо мехоҳед, ки оташ ба дасти худ кунад. Чун Расули Худо (с) рафт, ба он мард гуфта шуд,

ангуштарии худро бигир ва аз он истифода кун, гуфт: На, ба Худо ҳаргиз онро намегирам, дар ҳоле, ки Расули Худо (с) онро дур андохтааст.

192 - Аз Ҳасани Басрӣ (р) ривоят шуда, ки Оъиз ибни Амр *(саҳобии машҳур)* бар Убайдуллоҳ ибни Зиёд *(Убайдуллоҳ ибни Зиёд аз волиёни ситамгар ва одамкуши Уммавӣ аст, ки муддатҳо волии Хуросон ва Басра буд)* дохил шуда ва гуфт: эй писаракам! Ҳамоно аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Бадтарин роъиён ва шубонон ҳутама *(касе, ки ба раъияташ зулму ситам мекунад)* аст, пас бипарҳез, ки аз эшон набошӣ. Убайдуллоҳ ба ӯ гуфт: биншин, ки ту аз пасмондаи ёрони Муҳаммад (с) ҳастӣ, *(яъне одами беаҳамият ҳастӣ)*. Ӯ гуфт: Оё онҳо пасмонда ҳам доштанд? Ҳамоно пасмонда касонеанд, ки баъд аз эшон буданд ва ғайр аз эшонанд.

193 - Аз Ҳузайфа (р) аз Паёмбар (с) ривоят аст, ки фармуд: Савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ҳамоно ба корҳои писандида амр намуда ва аз корҳои нописандида манъ мекунад ё наздик аст, ки Худованд бар шумо азобе аз назди хеш бифиристад ва сипас ӯро бихонед ва ӯ дуъои шуморо иҷобат накунад.

194 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Беҳтарини ҷиҳод сухани ҳаққе ҳаст, ки дар баробари подшоҳи (*зимомдори*) ситамгар гуфта мешавад.

195 - Аз Абуабдуллоҳ Ториқ ибни Шиҳоби Баҷалии Аҳмасӣ (р) ривоят аст, ки шахсе аз паёмбар (с) дар ҳоле, ки пояшро дар рикоб ниҳода буд, пурсид, ки кадом ҷиҳод бартар аст? Фармуд: Сухани ҳақ, ки дар баробари подшоҳи *(зимомдори)* ситамгар гуфта шавад.

196 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аввалин камбудӣ ва халале, ки дар бани Исроил падидор шуд, ин буд, ки марде бо марде рӯ ба рӯ мешуд ва ба ӯ мегуфт: Эй фалонӣ! Аз Худованд битарс ва ин амали *(ношоиста)*-ро, ки анҷом медиҳӣ, тарк кун, зеро ин кор бароят ҷоиз нест ва фардо бо ӯ рӯ ба рӯ мешуд ва ӯро ба ҳамон ҳолат меёфт ва ин кор ӯро аз ҳамкосагӣ ва ҳамнишинии ӯ

бознамедошт. Чун ин корро карданд, Худованд бархеро нисбат ба баъзеи дигар дилзада сохт ва сипас фармуд. **«Лаънат карда шуданд кофирон аз бани Исроил бар забони Довуд ва Исо ибни Марям».**

**Ин ба сабаби он аст, ки нофармонӣ мекарданд ва аз ҳад мегузаштанд, якдигарро манъ намекарданд, аз амали зиште, ки муртакиби он шуданд, Ҳароина бад чизест, ки мекарданд. Мебинам, ки бисёре аз эшон дӯстӣ мекунанд, бо кофарон ҳароина ба чизест, ки пеш фиристодааст, барояшон нуфуси эшон ва онҳо дар азоб ҷовид мемонанд. Агар аҳли китоб ба Худо ва паёмбар ва китобе, ки бар ӯ нозил шуда, имон оварда буданд, албатта кофиронро дӯсти худ намегирифтанд, лекин бисёре аз онҳо фосиқ ва бадкирдоронанд)** *(Моида: 77-81)*.

Боз фармуд: На ҳаргиз, савганд ба Худо, ё ҳатман ба корҳои писандида амр мекунед ва аз корҳои бад манъ менамоед ва дасти золимро мегиред ва ӯро ба тарафи Ҳақ мекашонед ва ӯро бар ҳақ устувор медоред, ё ин ки Худованд баъзе аз шуморо нисбат ба бархе дигар дилзада *(бадбин ва беэътимод, месозад)* ва сипас чун онон шуморо ба лаънати худ гирифтор хоҳад кард, ин лафзи Абудовуд аст. Аммо лафзи Тирмизӣ ин аст, ки: Чун бани Исроил ба гуноҳу маъсият афтоданд, уламояшон онҳоро манъ карданд, вале онҳо бознаистоданд ва ононро дар маҷолиси худ шинонданд ва бо онҳо хӯрданд ва нӯшиданд. Пас Худованд дилҳои баъзеяшонро бар баъзеи дигар зад ва ба сабаби нофармониву саркашие, ки мекарданд, ононро бар забони Довуд ва Исо ибни Марям (а) лаънат кард. Расули Худо (с) нишастанд дар ҳоле, ки пеш аз он такя карда буданд ва фармуданд: Савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, то ин ки онҳо *(золимон)*-ро базӯр ба тарафи ҳақ бикашонед.

197 - Аз Абубакри Сиддиқ (р) ривоят шуда, ки гуфт: эй мардум шумо ин ояро мехонед, ки **Эй касоне, ки имон овардаед, шумо масъули худатон мебошед ва зарар намерасонад бар шумо касе, ки гумроҳ шуд, агар шумо ҳидоят шавед.** *(Моида: 105)* Ва ман аз Пайғамбари Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳароина агар мардум золимро бубинанд ва дасташро

нагиранд, наздик мешавад, ки Худованд ҳамаашонро ба азоби хеш гирифтор кунад.

## БОБИ 24. Дар мавриди сангин будани азоби он касе, ки амр ба корҳои хуб кунад ва аз корҳои бад манъ намояд, вале суханаш мухолифи амалаш бошад

Худованд мефармояд:

**Оё мардумро ба некӯкорӣ амр намуда ва худро фаромӯш мекунед, дар ҳоле ки шумо китобро мехонед. Чаро дар он андеша ва таъаққул намекунед.** *(Бақара: 44)*

**Эй касоне, ки имон овардаед, чаро мегӯед он чи амал намекунед. Бузург аст, аз рӯи азоб дар назди Худованд, ки бигӯед он чи худ анҷом намедиҳед.** *(Саф: 2-3)*

Ва Худованд аз Шуайб (ъ) хабар дода мефармояд: **Ирода надорам, ки мухолифат кунам, шуморо дар он чӣ шуморо аз он наҳй мекунам.** *(Ҳуд: 88)*

198 - Аз Абузайд Усома ибни Зайд ибни Ҳорис (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Пайғамбари Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Марде дар рӯзи қиёмат ҳозир шуда ва дар оташ андохта мешавад ва рӯдаҳояш аз шикамаш берун мебарояд, ҳамчун харе, ки дар осиёб баста бошанд, онро мечархонад, аҳли дӯзах бар ӯ гирд омада мегӯянд: эй фалонӣ, чаро ба чунин вазъе гирифтор шудӣ, оё ту ба корҳои хуб амр наменамудӣ ва аз корҳои бад мардумро манъ намекардӣ? Ӯ мегӯяд: оре, ба корҳои хуб амр мекардам, вале худ онро ба ҷой намеовардам ва аз корҳои бад манъ мекардам ва онро худ анҷом медодам.

## БОБИ 25. Амр ба бозгардондани амонат

Худованд мефармояд:

**«Ҳароина Худованд шуморо амр мекунад, ки амонатҳоро ба соҳибонаш биспоред».**

*(Нисо: 58)*

Ва ҳам мефармоед:

**«Ҳамоно арз кардем амонат** *(шариату дин)* **-ро бар осмонҳову замин ва кӯҳҳо ва ҳама аз таҳаммули он имтиноъ варзиданд ва андеша карданд, аз он ва инсон онро пазируфт. Ҳамоно инсон бисёр ситамгар ва нодон буд».**

*(Аҳзоб: 72)*

199 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки пайғамбари Худо (с) фармуд: Нишонаи мунофиқ се аст, чун сухан кунад, дурӯғ гӯяд ва чун ваъда кунад, бадпаймонӣ намояд ва чун амин қарор дода шавад, хиёнат кунад. Ва дар ривояте омада агарчи намоз бихонад ва рӯза бигирад ва иддаъо кунад, ки ӯ мусалмон аст.

200 - Аз Ҳузайфа ибни Ямон (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) барои мо ду сухан гуфт, ки якеро дидам ва акнун мунтазири дигараш ҳастам. *(Дар сухани аввал)* барои мо баён дошт, ки амонат дар решаи дилҳои мардум фуруд омад ва баъд аз он Қуръон нозил шуд ва онҳо ба Қуръон ва суннат илм ҳосил намуданд, яъне амонат фитратан дар ниҳоди инсон буд ва бо маърифати он аз тариқи шариат бо касб тавъам бошад. Сипас *(дар сухани дуввум)* барои мо аз бардошта шудани амонат сӯҳбат намуд ва фармуд: Лаҳзае, ки шахс мехобад, амонат аз дилаш бардошта мешавад ва аломати он қадре мемонад, боз андаке мехобад ва амонат аз дилаш бардошта мешавад ва асари он мисли обила мемонад ва монанди пораи оташ аст, ки бо поят онро ғалтондӣ, поятро мушоҳида мекунӣ, ки варам шуда, дар ҳоле, ки дар он чизе нест. Сипас сангрезаеро гирифта, бо пои худ ғел доду гуфт: Мардум бо ҳам хариду фурӯш мекунанд ва ҳеҷ кас ҳозир намешавад, ки амонатро адо кунад, то ин ки гуфта мешавад: Ҳамоно дар миёни қабилаи бани фалон марди амине вуҷуд дорад, то ба он мард гуфта мешавад, ки чӣ қадар чусту чолок аст, чӣ қадар зарифу хуштабъ аст, чӣ қадар ҳушёр аст! Дар ҳоле, ки дар дилаш ба андозаи донаи сипанде имон вуҷуд надорад. Ва дар замоне қарор дорам, ки ба ҳар кадоми шумо

ҳозирам бебокона муомила кунам, зеро агар мусалмон бошад, динаш онро ба ман боз мегардонад ва агар насронӣ ё яҳудӣ бошад, сарпарасташ *(яъне мусалмоне, ки масъули умури ӯст)* онро ба ман боз хоҳад гардонд. Аммо имрӯз ҳозир нестам, ки ҷуз ҳамроҳи фалонӣ ва фалонӣ бо касе муомила кунам.

201 - Аз Ҳузайфа ва Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованди таборак ва таъоло мардумро ҷамъ мекунад. Пас мусалмонҳо бармехезанд, то ин ки биҳишт ба эшон наздик мешавад ва назди Одам (а) омада мегӯянд: Эй падар дархост кун, ки биҳишт бар рӯи мо боз шавад. Ӯ мегӯяд: Оё ҷуз хатои падари шумо чизи дигаре шуморо аз биҳишт берун сохт? Ин кор аз ман сохта нест. Назди писарам Иброҳим бираведн. Гуфт: Боз назди Иброҳим (а) меоянд, ӯ мегӯяд: Ин кор аз ман сохта нест, ҳамоно ман дар ақиб-ақиби Халиле будам *(аз роҳи тавозӯъ ин суханро мефармоед)* биравед назди Мӯсо (а), ки Худованд бо ӯ сӯҳбат намудааст. Назди Мӯсо (а) меоянд ва ӯ мегӯяд: Ин кор аз ман сохта нест, биравед ба сӯи Исо (а) калимаи Худо ва рӯҳи Худо ва Исо (а) мефармояд: Ин кор аз ман сохта нест. Ва боз ба назди Муҳаммад (с) меоянд, он ҳазрат бармехезанд ва барояшон иҷозат дода мешавад ва амонат ва раҳми раҳогардида дар ду тараф, дар рост ва чапи Сирот меистанд *(кайфияти ин истоданро Худованд медонаду бас)*. Аввалини шумо монанди барқ мегузарад. Гуфтам: падар ва модарам фидоят бод! Чӣ чиз монанди гузаштани барқ аст? Фармуд: Оё надидед чӣ тавр ба ҳам задани чашм мегузарад ва бозмегардад, монанди гузаштани бод, боз монанди гузаштани парранда ва давидани мардон, суръати ҳамаи инҳо ба андозаи аъмолашон мебошад. Ва паёмбар (с) бар канори Сирот *(Сирот, пулест бар рӯи Ҷаҳаннам, ки аҳли маҳшар аз рӯи он убур менамоянд)* истодааст ва мегӯяд: Парвардигоро, саломатии он бидор! То ин ки аъмоли бандагон аз тез гузаронидани онҳо оҷиз мешаванд, то ин ки шахсе меояд, ки ҷуз ба хазидан, наметавонад ҳаракат кунад ва дар ду тарафи Сирот чанголҳои оҳанин овезон аст, ки ба гирифтани ҳар касе, ки маъмур гардад, мукаллаф аст. Пас он, ки харошида шавад,

наҷот меёбад ва касоне, ки маҳкам баста мегардад, дар дӯзаханд ва қасам ба Зоте, ки ҷони Абуҳурайра дар дасти ӯст. Ҳамоно умқи ҷаҳаннам ҳафтод ҳазор «сол аст».

202 - Аз Абуҳубайб Абдуллоҳ ибни Зубайр, ибни Аввом (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун Зубайр (р) дар рӯзи Ҷамал истода, маро хост ва ман дар канораш истодам, баъд гуфт: Эй писаракам, имрӯз ба ҷуз золим ё мазлум касе кушта намешавад ва ман гумон намекунам, магар ин ки имрӯз ба зудӣ мазлумона ба қатл хоҳам расид ва бузургтарин ғами ман дар робита бо қарзи ман аст. Оё фикр мекунӣ, ки қарзи мо чизе аз моли моро бигзорад? Баъд гуфт: Эй писаракам, моли моро бифрӯш ва қарзамро адо кун ва бар сеяки моли худ васият намуд ва ин ки сеяки он аз фарзандони ӯ бошад, яъне, барои фарзандони Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) саввум ҳиссаи сулс бошад ва гуфт: Агар чизе баъд аз адои қарз монад, пас суоли он барои фарзандони ту бошад. Ҳишом гуфт: Бархе аз фарзандони Абдуллоҳ (Ҳубайб ва Ибод) дар син баробар бо бархе аз фарзандони Зубайр буданд. Дар ҳоле, ки на писар ва на духтар дошт, Абдуллоҳ гуфт: Ӯ маро ба қарзи хеш васият намуда мегуфт: Эй писарам! Агар аз адои чизе аз он оҷиз мондӣ, аз Мавлоям ёрӣ талаб ва онро бихоҳ ва ба Худо надонистам, ки кадом кас мақсади ӯст, гуфтам: Эй падарам, Мавлоят кист? Гуфт: Аллоҳ. Абдуллоҳ гуфт: Ба Худо қасам, мушкиле дар қарзи ӯ пайдо нашуд, магар ин ки гуфтам: Эй Мавлои Зубайр, қарзи ӯро адо кун ва ӯ адояш менамуд.

Ровӣ гуфт: Зубайр (р) кушта шуд, дар ҳоле, ки дирҳам ва диноре аз худ мерос нагузошта буд, магар заминҳое, ки қисмате аз он ҷангал буд ва ёздаҳ хона дар Мадина ва ду хона дар Басра ва як хона дар Куфа ва як хона дар Миср. Гуфт: Ва қарзе, ки бар Зубайр буд, ин буд, ки шахсе меомад, то чизеро ба назди ӯ амонат гузорад ва Зубайр (р) мегуфт: На, вале ин қарз аст. Ман метарсам, ки молат гум шавад ва ман ҳаргиз аморат ва боҷгирӣ ва хироҷе надорам, магар чизе аз ғаниматҳо, ки дар ҷангҳо бо Расули Худо (с) ва Абубакр ва Умар ва Усмон (р) насибам шудааст. Абдуллоҳ гуфт: Ман

қарзҳои ӯро ҳисоб кардам ва дидам, ки қарзи ӯ ду ҳазор-ҳазор *(ду миллион)* ва дусад ҳазор аст. Ҳаким ибни Ҳизом бо Абдуллоҳ ибни Зубайр рӯбарӯ шуда гуфт: Эй бародарзода, қарзи бародарам чӣ қадар аст? Ман онро пӯшида доштам ва гуфтам сад ҳазор. Ӯ гуфт: Ба Худо, фикр намекунам молҳои шумо ғунҷоиши онро дошта бошад. Гуфтам: Чӣ фикр мекунӣ? Агар қарзҳояш ду ҳазор-ҳазор ва дусад ҳазор *(яъне, ду миллион ва сад ҳазор)* бошад. Гуфт: Фикр намекунам, ки шумо тавоноии ин корро дошта бошед. Агар аз адои қисмате аз он оҷиз шудед, аз ман кӯмак бихоҳед. Гуфт: Зубайр ҷангалро ба саду ҳафтод ҳазор харида буд ва Абдуллоҳ онро ҳазору ҳазору шашсад ҳазор *(як миллион ва шашсад ҳазор)* фурӯхт. Сипас бархосту гуфт: Ҳар кас, ки бар Зубайр қарз дорад, бояд дар ҷангал назди мо биёяд.

Баъдан Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар омад, ки чаҳорсад ҳазор аз Зубайр мехост ва барои Абдуллоҳ гуфт: Агар бихоҳед, онро барои шумо вогузорам, Абдуллоҳ гуфт: На. Гуфт: Агар бихоҳед, ба таъхир андозед. Абдуллоҳ гуфт: На. Гуфт: Пас қитъаи замине бароям бидиҳед. Абдуллоҳ гуфт: Аз ин ҷо то ин ҷо аз ту бошад ва Абдуллоҳ бахше аз онро фурӯхта, қарзи ӯро *(падаратро)* адо кард ва чорумин саҳм аз он монд ва ба назди Муовия омад ва дид, ки Амр ва ибни Усмон ва Мунзир ибни Зубайр ва ибни Замъа дар назди ӯ нишастаанд. Муовия гуфт: Қиммати ҷангал чӣ қадар шуд? Гуфт: Ҳар саҳм ба сад ҳазор. Гуфт: Чӣ қадар аз он боқӣ монд? Гуфт: Чоруним саҳм. Мунзир гуфт: Як саҳми онро ба сад ҳазор харидам ва Умару ибни Усмон гуфт: Як саҳми онро ба сад ҳазор харидам ва ибни Замъа гуфт: Як саҳми онро ба сад ҳазор харидам. Муовия гуфт: Чӣ қадар монд? Гуфт: Якуним саҳм. Гуфт: Онро ба саду панҷоҳ ҳазор харидам.

Ровӣ гуфт: Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар саҳми худро ба шашсад ҳазор ба Муовия фурӯхт. Чун Ибни Зубайр аз адои қарзаш фориғ шуд, фарзандони Зубайр гуфтанд: Мероси моро қисмат кун. Абдуллоҳ гуфт: Ба Худо қасам, онро тақсим намекунам, то чаҳор сол дар мавсими ҳаҷ эълон кунам, ки огоҳ бошед,

ҳар кас ки бар Зубайр қарз дорад, биёяд, ки ҳаққи ӯро бидиҳем. Ва чун чаҳор сол гузашт, онро тақсим намуд ва сеяки онро тибқи васияташ дод. Зубайр (р) чор зан дошт, ки барои ҳар занаш, ҳазор-ҳазор ва дусад ҳазор *(як миллиону дусад ҳазор дирҳам)* мерасид ва тамоми моли ӯ панҷоҳ ҳазор, ҳазору дусад ҳазор *(панҷоҳ миллион ва дусад ҳазор)* буд.

## БОБИ 26. Таҳрими зулм ва амр ба бозпас гардондани ҳуқуқи мазлумон

Худованд мефармояд:

**Ситамгаронро ҳеҷ хеше, ки ҳимоят кунад ва ёваре, ки пазируфта шавад, нахоҳад буд.** *(Ғофир: 18)*

**Ҳаргиз ситамгаронро ёр ва ёваре нахоҳад буд.** *(Ҳаҷ: 71)*

203 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Аз зулм бипарҳезед, зеро зулм торикиҳои рӯзи қиёмат аст. Ва аз озмандӣ бипарҳезед, зеро озмандӣ мардумеро, ки пеш аз шумо буданд, ҳалок сохт, водорашон намуд, то хунҳояшонро бирезанд ва ҳаромҳояшонро ҳалол шуморанд.

204 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ба Худованд қасам, ки ҳаққҳо ба соҳибонаш дар рӯзи қиёмат хоҳед пардохт, ҳатто, ки қасоси гӯсфанди бешох аз гӯсфанди шохдор гирифта мешавад.

205 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Мо дар канори паёмбар (с) бо ҳамдигар аз Ҳаҷҷату-л-видоъ сӯҳбат мекардем, дар ҳоле, ки паёмбар (с) дар миёнамон ташриф доштанд. Ва намедонистем, ки Ҳаҷҷату-л-видоъ чист? То ин ки Расули Худо (с) ҳамди Худоро гуфта ва бар вай сано фиристод ва сипас аз масиҳи Даҷҷол сӯҳбат намуд ва дар мавриди вай суханро ба дарозо кашида фармуд: Худованд ҳеҷ паёмбареро нафиристод, магар ин ки уммати худро аз ӯ *(Даҷҷол)* бим дод, Нӯҳ (а) ва паёмбароне, ки баъд аз вай буданд, аз ӯ бим доданд ва агар ӯ дар миёнашон барояд ва чизе аз амри вай бар шумо пӯшида бимонад, ин пӯшида намебошад, ки Худои шумо якчашма нест ва чашми рости ӯ *(Даҷҷол)* кӯр аст, ки гӯё чашмаш монанди

донаи ангуре баромадааст. Бидонед, ки Худованд хонаҳо ва молҳои шуморо бар шумо ҳаром сохта, монанди ҳурмати ин рӯзи шумо дар ин моҳи шумо ва дар ин шаҳри шумо. Ҳон! Оё таблиғ кардам? Гуфтанд: Бале. Фармуд: Бор Худоё, гувоҳ бош ва се бор ин суханро такрор намуда фармуд: Вой бар шумо, вой бар шумо, мутаваҷҷеҳ бошед, ки баъд аз ман ба куфр бознагардед, ки бархе гардани бархи дигарро бизанад.

206 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Касе ки ба андозаи як ваҷаб аз замин зулм намояд, (*яъне ба андозаи як ваҷаб замини дигареро ба зӯр ва зулм тасарруф намояд*), то ҳафтумини замин бар гарданаш тавқ гардонида мешавад.

207 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд барои золим мӯҳлат медиҳад, чун ӯро мавриди муохаза қарор диҳад, раҳояш намекунад. Сипас он ҳазрат (с) ин ояро тиловат намуд: **Ин гуна аст сахтгирии Парвардигори ту, ҳар гоҳ бихоҳад диёри ситамгаронро вайрон кунад, ки интиқом ва муохазаи Худо бисёр дарднок ва шадид аст.** *(Ҳуд:1-2)*

208 - Аз Муъоз (р) ривоят аст, ки гуфт: паёмбар (с) маро ба унвони намоянда фиристод ва фармуд: Ту назди мардуме меравӣ, ки онҳо аҳли китобанд, пас даъваташон кун, то шаҳодат диҳанд, ки маъбуди барҳақ, ҷуз як Худо вуҷуд надорад ва ман фиристодаи Худоям. Агар аз ту фармон баранд, ононро огоҳ соз, ки Худованд бар онҳо дар ҳар шабонарӯз панҷ намозро воҷиб гардонида. Агар аз ту фармонбардорӣ карданд, ононро бохабар соз, ки Худованд бар онон садақа фарз намуда, ки аз сарватмандонашон гирифта шуда ва ба фуқарояшон дода мешавад. Агар боз ҳам аз ту фармонбардорӣ карданд, пас худро аз молҳои сараашон дур бидор ва аз дуъои мазлум битарс, зеро байни дуъои мазлум ва байни Худованд ҳиҷоб ва пардае вуҷуд надорад, *(яъне дуъои ӯ хоҳӣ нахоҳӣ, мавриди пазириш қарор мегирад.)*

209 - Аз Абуҳумайд Абдурраҳмон ибни Саъди Соъидӣ (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) марде аз қабилаи Аздро, ки ибни

Лутбия ном дошт, маъмури ҷамъоварии садақот таъйин намуд ва чун омад, гуфт: ин мол аз шумост ва ин бароям бахшиш дода шудааст. Расули Худо (с) ба минбар баромада, баъд аз ҳамд ва санои Худованд фармуд: Аммо баъд; пас ман тибқи вазифае, ки дорам, яке аз шуморо ба вазифае мегуморам ва ӯ меояд ва мегӯяд: ин мол аз шумост ва ин бароям бахшиш дода шудааст. Агар дуруст мегӯяд, чаро ба хонаи падар, ё модараш нанишаст, то ин ҳадя ба вай бирасад. Ба Худо ҳеҷ яке аз шумо чизеро бидуни ҳаққаш намегирад, магар ин ки ба Худо бо ҳолате рӯ ба рӯ мешавад, ки онро бар дӯш дорад, пас набояд яке аз шуморо, ки ба Худо мулоқӣ мешавад, дар ҳоле бубинам, ки шутур ва гов ва гӯсфандеро бар дӯш дорад, ки ҳар кадоме аз онҳо овоз мебарорад ва садо мекунад. Сипас он ҳазрат (с) дастҳояшро боло намуд, тавре ки сафедии бағалашон дида шуд ва фармуд: Бор Худоё, оё расондам, оё таблиғ намудам? Ва ин суханро се бор такрор намуд.

210 - Аз Абуҳурайра аз паёмбар (с) ривоят аст, ки фармуд: Он кӣ ҳақе аз бародараш бар ӯст аз обрӯяш ё чизи дигар, бояд аз вай бахшиш талабад, қабл аз ин, ки рӯзе биёяд, ки дирҳам ва диноре нест. Ва ҳар гоҳ амали солеҳе дошта бошад, ба андозаи зулмаш гирифта шавад ва агар амали нек надошта бошад аз гуноҳони рафиқаш (*тарафи хусумати ӯ*) гирифта шуда ва бар дӯши ӯ ниҳода мешавад.

211 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Мусалмони комил он аст, ки мусалмонҳо аз забон ва дасташ дар амон бошанд ва муҳоҷир касест, ки манҳиёти *(чизҳои манъ кардаи)* Худоро тарк кунад.

212 - Ҳамчунин аз Абдуллоҳ ибни Ос (р) ривоят аст, ки гуфт: дар зумраи ҳашами Паёмбари Худо (с) шахсе буд, ки Киркира ном дошт ва мурд. Пайғамбари Худо (с) фармуданд, ки ӯ дар дӯзах аст, пас рафта ва ҷустуҷӯ карданд ва диданд, ки абоеро аз моли ғанимат хиёнат кардааст.

213 - Аз Абубакра Нуфай ибни Ҳорис (р) аз паёмбар (с) ривоят шуда, ки фармуд: Замон дар гардиш аст, ба шакле, ки Худованд дар рӯзи офариниши осмонҳо ва замин онро

даровардааст. Сол дувоздаҳ моҳ аст, ки чаҳор моҳи он моҳҳои ҳаром аст, се пай дар пай аст, Зулқаъда ва Зулҳиҷҷа ва Муҳаррам ва чаҳорум моҳи Раҷаби Музар моҳе, ки дар миёни Ҷамодӣ ва Шаъбон аст. Баъд фармуд: Ҳоло кадом моҳ аст? Гуфтем: Худованд ва расули ӯ донотар аст. Сипас сукут ихтиёр намуд, тавре, ки гумон кардем, шояд онро ба номи дигаре ғайр аз номаш биномад. Фармуд: Оё Зулҳиҷҷа нест? Гуфтем: Оре. Фармуд: Пас ин кадом шаҳр аст? Гуфтем: Худо ва расули ӯ донотар аст ва сукут фармуд. Чунончи гумон кардем, шояд онро ба номи дигар ҷуз номаш биномад. Фармуд: Оё сарзамини ҳаром нест? Гуфтам: Оре. Баъд фармуд: Ин кадом рӯз аст? Гуфтем: Худо ва расули ӯ донотар аст.

Боз сукут фармуд, ки гумон кардем, шояд онро ба ҷуз номаш биномад, фармуд: Оё рӯзи Қурбони (иди Қурбон) нест? Гуфтем: Оре. Фармуд: Пас ҷонҳои шумо ва молҳои шумо ҳаром аст, монанди ҳурмати ин рӯзи шумо, дар ин шаҳри шумо ва дар ин моҳи шумо. Зуд аст, ки бо Худо рӯ ба рӯ шавед ва аз аъмоли шумо суол намояд. Огоҳ бошед ва пас аз ман ба куфр бознагардед, ки баъзе аз шумо гардани гурӯҳи дигарро бизанад. Огоҳ бошед ва бояд шахсе, ки ҳозир аст, ба касе ки ҳозир нест, ин паёмро бирасонад ва шояд бархе аз касоне, ки паём ба ӯ мерасад, беҳтар ҳифз кунад онро аз баъзе ки онро шунидаанд, сипас фармуд: оё таблиғ кардам? Гуфтем: бале. Фармуд: Бор Худоё, шоҳид бош.

214 - Аз Абуумома Иёс ибни Саълабаи Ҳорисӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки ҳаққи мусалмонеро барои хеш бигирад, Худованд дӯзахро бар вай воҷиб сохта ва биҳиштро бар вай ҳаром месозад. Марде гуфт: Чӣ тавр аст, агар чиз андаке бошад? Фармуд: Ҳарчанд шохаи чӯби роке бошад (роке дарахтест, ки аз чӯби он мисвок кунанд).

215 - Аз Адй ибни Умайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз паёмбар (с) шунидам, ки фармуданд: Ҳар гоҳ касеро бар коре муваззаф созем ва сӯзане, ё болотар аз онро аз мо пинҳон дорад, хоин ва дузд шумурда шуда ва дар рӯзи қиёмат бо он ҳозир мешавад. Марди сиёҳе аз ансор бархост, гӯӣ ман акнун ба сӯяш

менигарам ва гуфт: ё Расулаллоҳ, вазифаатро, ки ба ман додӣ, пас бигир. Он ҳазрат (с) фармуд: чаро, чӣ шуда? Гуфт: шунидам, ки чунин ва чунон фармудӣ. Фармуд: Ҳоло ҳам мегӯям. Ҳар гоҳ касеро ба коре муқаррар созем, бояд кам ва зиёдашро ба мо бирасонад ва он чи аз он ба ӯ дода мешавад, бигирад ва он чи ба дурӣ аз он амр мешавад, аз он дурӣ гузинад.

216 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Дар рӯзи Хайбар иддае аз асҳоби паёмбар (с) омада гуфтанд: Фалонӣ шаҳид аст ва фалонӣ шаҳид аст, то ин ки аз канори марде гузаштанд ва гуфтанд: Фалонӣ шаҳид аст. Паёмбар (с) фармуд: Ҳаргиз на, ман ӯро дар дӯзах дидам, дар ҳоле, ки дар бараш абое (ридо) буд, ки аз моли ғанимат дуздида буд.

217 - Аз Абуқатода Ҳорис ибни Рибъи (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) дар миёни эшон истода ва бар онҳо баён намуд, ки ҷиҳод дар роҳи Худо ва имон ба Худо бартарин аъмол аст. Сипас марде бархоста гуфт: Ё Расулуллоҳ! Огоҳам кун, ки ҳаргоҳ дар роҳи Худо кушта шавам, оё гуноҳонам бахшида мешавад? Расули Худо (с) барояш фармуд: Бале, агар дар роҳи Худо кушта шавӣ, дар ҳоле, ки сабр намуда ва аз Худо музд талабӣ ва бо душман рӯбарӯ шуда, бо вай пушт надиҳӣ. Баъд Паёмбари Худо (с) фармуд: чӣ тавр гуфтӣ? Гуфт: Огоҳам кун, ки ҳар гоҳ дар роҳи Худо кушта шавам, оё гуноҳонам бахшида мешавад? Фармуд: Бале, ҳар гоҳ кушта шавӣ, дар ҳоле, ки сабр намуда, муздатро аз Худо бихоҳӣ ва бо душман рӯбарӯ шуда, ба вай пушт надиҳӣ, ба ҷуз қарз, чун Ҷабраил (а) инро бароям гуфтааст.

218 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Оё медонед, ки муфлис кист? Гуфтанд: муфлис дар миёни мо касест, ки дирҳам ва матоъе надорад. Он ҳазрат (с) фармуд: Муфлис дар миёни умматам касест, ки дар рӯзи қиёмат бо намоз ва рӯза ва закот меояд, дар ҳоле ки инро дашном дода ва хуни инро рехта ва инро задааст ва ба ин аз некиҳо ва ҳасаноташ дода мешавад ва ба ин ҳам аз ҳасанот ва некиҳояш дода мешавад. Агар ҳасаноташ пеш аз адои ҳуқуқе, ки бар вай аст, тамом шавад, аз гуноҳонашон гирифта

шуда ба дӯшаш бор карда мешавад ва сипас ба оташ афканда мешавад.

219 - Аз Умми Салама (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно ман инсонам, шумо даъвоҳоятонро ба ман арза мекунед ва шояд баъзе аз шумо аз баъзеи дигар дар изҳори далелаш донотар бошад ва ман ба нафъи ӯ тавре, ки мешунавам, ҳукм кунам. Ҳаргоҳ ман барои касе ҳаққи бародарашро ҳукм кунам, дарвоқеъ пораи аз оташи дӯзахро ба вай ҷудо мекунам.

220 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Мусалмон ҳамеша дар фарохие аз динаш қарор дорад, то лаҳзае, ки хуни ҳаромро муртакиб нашавад.

221 - Аз Хавла бинти Омири Ансорӣ ҳамсари Ҳамза (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Пайғамбари Худо (с) шунидам, ки мефармуданд: Ҳароина мардоне вуҷуд доранд, ки дар моли Худо ба ноҳақ тасарруф мекунанд, пас барояшон дар рӯзи қиёмат оташи дӯзах аст.

## БОБИ 27. Эҳтиром ба ҳарими муслимин ва ҳуқуқашон ва лузуми раҳмат ва шафқат бар онон

Худованд мефармояд:

**Умуреро, ки Худованд ҳурмат ниҳода, ҳар кас бузург ва мӯҳтарам шуморад, албатта мақомаш назди Парвардигораш беҳтар хоҳад буд.** *(Ҳаҷ: 3)*

**Ҳар кӣ таъзим кунад шаъоири Худоро, пас ин таъзим аз тақвои дилҳост.** *(Ҳаҷ: 32)*

**Ва паст гардон бозӯи худро барои мусалмон**.

*(Ҳиҷр: 88)*

**Ҳар он кӣ касеро ба ғайри ивази касе ва ба ғайри фасод дар замин бикушад, чунон аст, ки ҳамаи мардумро куштааст ва ҳар кӣ сабаби зиндагонии касе шуд, пас чунон аст, ки ҳамаи мардумро зинда намуда бошад.** *(Моида : 32)*

222 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Мусалмон барои мусалмон чун сохтмонест, ки бархе

бархе дигарро маҳкам месозад, сипас он ҳазрат (с) ангуштҳои худро ба ҳамдигар шабака карданд, *(даровардананд)*.

223 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: он кӣ дар гӯшае аз масоҷид, ё бозорҳо маъмурӣ мекунад ва ҳамроҳаш тирест, бояд ки ӯ тирро маҳкам гирад ё ин ки нисоли *(оҳани сари тирро)* онро ба дасташ бигирад, мабодо ки кадом мусалмонеро аз он зараре расад.

224 - Аз Нуъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Масали мусалмонҳо дар муҳаббат ва раҳмат ва меҳрубониашон ба ҳамдигар монанди як ҷасад аст, ки ҳар гоҳ узве аз он ба дард ояд, дигар аъзои ҷасад дар таб ва бедорхобӣ бо он ҳамроҳӣ мекунанд.

225 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (с) Ҳасан ибни Алӣ (р)-ро бӯсид дар ҳоле, ки Ақраъ ибни Ҳобис канорашон нишаста буд. Ақраъ гуфт: Ман даҳ фарзанд дорам ва то ба ҳол яке аз онҳоро набӯсидаам. Расули Худо (с) ба сӯяш нигариста фармуд: Касе, ки раҳм накунад, мавриди раҳмат қарор намегирад.

226 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Гурӯҳе аз бодиянишинон ба ҳузури Расули Худо (с) омада гуфтанд: Оё ба рӯи бачаҳоятон бӯса мезанед? Фармуд: Бале. Гуфтанд: Вале мо ба Худо намебӯсем. Расули Худо (с) фармуд: Ҳаргоҳ Худованд аз дилҳои шумо раҳматро берун карда бошад, ман чӣ коре анҷом дода метавонам?

227 - Аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Касе, ки ба мардум раҳм накунад, Худо ба ӯ раҳм намекунад.

228 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ кадоми шумо барои мардум намоз гузорад *(имоматӣ кунад)*, бояд кӯтоҳаш намояд, зеро дар миёни онон нотавон ва мариз ва бузургсол вуҷуд дорад ва ҳар гоҳ барои хеш намоз гузорад, он гуна ки мехоҳад ба дарозо кашонад. Ва дар ривояте омада, ҳоҷатманд дар онҳо вуҷуд дорад.

229 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамоно Расули Худо (с) кореро тарк мекарданд, ки дӯст доштанд, ба он амал

кунанд, аз тарси ин ки мабодо мардум ба он амал кунанд ва бар онҳо воҷиб шавад.

230 - Ва ҳам аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (с) онҳоро аз рӯзаи пай дар пай манъ намуданд, гуфтанд: Ё Расулуллоҳ! Шумо рӯзаи пай дар пай мегиред. Фармуд: Ман мисли шумо нестам, ман шабро мегузаронам дар ҳоле, ки Парвардигорам маро таъом медиҳад ва сероб менамояд.

231 - Аз Абуқатода Ҳорис ибни Рибъӣ (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Чун ба намоз бармехезам ва мехоҳам, ки дарозаш кунам, ногаҳон гиряи бачаро мешунавам ва дар намоз сабукӣ *(тахфиф)* меоварам, аз тарси ин, ки мабодо ба модараш сахтӣ оварам.

232 - Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки намози субҳро бихонад, ӯ дар амони Худо аст. Пас бикӯшед, ки Худованд дар мавриди чизе, дин ва қарзи худ, шуморо мавриди пурсиш қарор надиҳад, зеро ҳар гоҳ Худованд аз касе чизе аз қарзи худро биталабад, ӯро фаро мегирад ва сипас ӯро ба рӯяш дар оташи дӯзах меандозад.

233 - Аз Абдуллоҳи Умар (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Мусалмон бародари мусалмон аст, бар ӯ зулм намекунад ва ӯро ба душманаш таслим намедиҳад. Касе, ки дар садади баровардани ниёзмандӣ ва ҳоҷати бародараш бошад, Худованд дар баровардани ҳоҷаташ ёрияш менамояд ва касе, ки мушкили мусалмонеро ҳал кунад, Худованд дар баробари он мушкиле аз мушкилоти рӯзи қиёмати ӯро мекушояд ва касе, ки айби мусалмонеро бипӯшонад, Худованд дар рӯзи қиёмат айби ӯро мепӯшонад.

234 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Мусалмон бародари мусалмон аст, ба вай хиёнат намекунад, дурӯғ намегӯяд ва ӯро хор намекунад. Ҳамаи арзишҳои як мусалмон бар мусалмон ҳаром аст, обрӯяш, молаш ва хунаш. Огоҳ бошед, ки тақво ин ҷост (яъне: дар қалб) кофист барои шахс аз шарру бадӣ, ки бародари мусалмонашро таҳқир кунад.

235 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Бо ҳамдигар ҳасад накунед ва бо ҳамдигар байъи наҷаш нанамоед, *(наҷаш ин аст, ки дар қимати матоъ биафзояд, дар ҳоле, ки қасди харид надорад, барои ин ки дигареро бифиребад)* ва бо ҳамдигар буғз ва кина накунед ва ба ҳам пушт нагардонед ва баъзе шумо бар фурӯши баъзе дигар нафурӯшад, *(монанди ин ки шахсе барои он ки молеро харида ва ҳанӯз дар муддати хиёр қарор дорад, бигӯяд: моли ӯро харидорӣ макун, ман беҳтар аз онро ба қимати арзонтар аз он бароят медиҳам)*. Эй бандагони Худо, бо ҳам бародар бошед, мусалмон бародари мусалмон аст, бар ӯ зулм намекунад, ӯро таҳқир ва хор накунад. Тақво ин ҷост ва ба синааш ишора карда ва се бор ин суханро такрор намуд. Барои шахси мусалмон ин бадӣ кофист, ки бародари мусалмонашро таҳқир кунад, ҳамаи мусалмон бар мусалмон ҳаром аст: хун ва мол ва обрӯяш.

236 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Мӯъмини комил шумурда намешавад яке аз шумо, то дӯст бидорад, барои бародараш, он чиро, ки барои худ дӯст медорад.

237 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт пайғамбар (с) бароям фармуд: Бародаратро ёрӣ кун, хоҳ золим бошад, ё мазлум.

Марде гуфт: ё Расулаллоҳ, ёриаш медиҳам, чун мазлум бошад, ва ҳар гоҳ золим бошад чӣ тавр ӯро ёрӣ кунам? Он ҳазрат (с) фармуд: ин, ки ӯро аз зулм боздорӣ ин ёрӣ додани ӯст.

238 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) гуфт: Ҳаққи мусалмон бар мусалмон панҷ чиз аст: ҷавоби салом, хабар гирифтани бемор, рафтан аз ақиби ҷаноза, қабул кардани даъват ва дуъо барои атсазананда. Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки ҳақи мусалмон бар мусалмон шаш чиз аст, ҳар гоҳ бо ӯ рӯ ба рӯ шудӣ, салом бигӯ ва чун туро даъват кунад, иҷобаташ кун ва чун аз ту панд хоҳад, ба ӯ панд деҳ ва чун атса занаду Алҳамдулиллоҳ бигӯяд, барои ӯ дуъо кун ва чун ӯ бемор шуд, хабараш гир ва агар бимирад, ба ақиби ҷанозааш рав.

239 - Аз Абуумора Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) моро ба ҳафт чиз амр намуда, аз ҳафт чиз манъ кардааст: Моро амр кардааст, ба иёдати бемор ва ҳузури ҷаноза ва дуъои дар ҳақи атсазананда ва ростгӯ шумурдани савгандхӯранда *(яъне, ҳар гоҳ касе савганд хӯрад, ки чунин кардам ва чунон, бояд ҳарфашро бипазирем)* ва ёрӣ кардан бо мазлум ва қабули даъват ва пахш кардани салом. Ва моро наҳй кардааст аз истеъмоли ангуштарҳо, ё ангуштари тилло гирифтан ва аз нӯшидан ба зарфи нуқра ва аз рӯзинии абрешимӣ (порчаи абрешиме, ки болои зини шутур андохта мешавад), ки ба атрофи он порчаи пунбаест ва либоси махлути абрешим ва катон ва аз пӯшидани анвоъи абрешим аз ҳарир ва истабрақ ва дебоҷ.

## БОБИ 28. Пӯшидани айби мусалмон ва манъ аз ишоъа *(ошкор сохтани)* он бидуни зарурат

قال الله تعالى: ﴿ إِنَّ الَّذِينَ يُحِبُّونَ أَنْ تَشِيعَ الْفَاحِشَةُ(٤) فِي الَّذِينَ آمَنُوا لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ فِي الدُّنْيَا وَالآخِرَةِ ﴾ [النور: ١٩].

Худованд мефармояд:

**Ҳароина онон, ки дӯст медоранд амали фаҳшо ва мункар дар миёни муслимин ишоъа ёбад, барояшон уқубати дард диҳанд, дар дунё ва охират бошад.** *(Нур: 19)*

240 - Аз Абуҳурайра (р) аз Пайғамбари Худо (с) ривоят шуда, ки фармуд: Намепӯшад банда бандаро, *(яъне айби ӯро)*, магар ин, ки Худованд дар рӯзи қиёмат ӯро *(айбашро)* мепӯшонад.

241 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Пайғамбар (с) шунидам, ки гуфт: ҳамаи умматам мавриди авф қарор мегиранд, магар эълонкунандагон ва аз зумраи эълон ин аст, ки мард дар шаб амалеро анҷом диҳад ва боз субҳ кунад дар ҳоле, ки шабро сипарӣ карда ва Худованд онро бар вай пӯшида ва ӯ субҳ намуда ва он чиро ки Худо пӯшида дошта, зоҳир мекунад.

242 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ канизе зино кунад ва зинояш собит шавад, баъди анҷом додани ҳадд (уқубат) бар вай зорӣ кунад ва тавбихаш нанамояд ва боз агар бори дуввум зино кунад, бояд ӯро бифурӯшад, агарчи ба ресмоне аз мӯй бошад.

243 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Мардеро ба ҳузури паёмбар (с) оварданд, ки шароб нӯшида буд, фармуд: Ӯро бизанед. Абуҳурайра гуфт: Пас баъзе аз мо ба дасташ ӯро мезад ва баъзе ба кафшаш ва баъзе ба ҷомааш, чун бозгашт, баъзе аз касоне, ки ҳозир буданд, гуфтанд: Худо туро хор кунад. Он ҳазрат (с) фармуд: Ин тавр нагӯед, шайтонро бар вай ёрӣ надиҳед.

244 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Мусалмон бародари мусалмон аст, бар ӯ зулм намекунад ва ӯро ба душманаш таслим наменамояд. Касе, ки дар садади баровардани ҳоҷати бародараш бошад, Худованд дар садади бароварда сохтани ҳоҷати ӯст ва касе, ки гиреҳи кори мусалмонеро бикушояд, Худованд ба ивази он дар қиёмат мушкилие аз мушкилоташро мекушояд ва касе, ки айби мусалмонеро бипӯшад, Худованд дар рӯзи қиёмат айби ӯро мепӯшонад.

## БОБИ 29. Баровардани ниёзмандиҳои муслимин

قَالَ اللهُ تعالى: ﴿ وَافْعَلُوا الخَيْرَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ ﴾ [الحج: ٧٧].

Худованд мефармояд:

**Кори некӯ кунед, то растагор шавед.** *(Ҳаҷ: 77)*

245 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Касе, ки мушкиле аз мушкилоти дунявии мӯъминеро бикушояд, Худованд мушкиле аз мушкилоти рӯзи қиёмати ӯро мекушояд. Ва касе, ки бо тангдасте саҳлгирӣ кунад, Худованд дар дунё ва қиёмат бо ӯ саҳлгирӣ мекунад ва касе, ки айби мусалмонеро бипӯшад, Худованд дар дунё ва охират айби ӯро мепӯшад ва Худованд дар садади кӯмаки банда аст, то лаҳзае, ки банда дар садади кӯмак бо бародараш бошад ва касе, ки

дар талаби илм роҳеро тай кунад, Худованд дар иваз барояш роҳеро ба сӯи биҳишт ҳамвор месозад ва ҷамъ намешавад, гурӯҳе дар хонае аз хонаҳои Худо, ки китоби Худоро тиловат намуда ва бо ҳам бо шакли дарс такрор кунанд, магар ин ки ҳолати итминони дил ба онҳо даст дода ва раҳмат шомили ҳолашон шуда ва малоика эшонро иҳота мекунанд ва Худованд онҳоро дар назди касоне, ки назди ӯянд, ёд мекунад ва касе, ки ӯро амалаш ақиб биронад, насабаш ӯро пеш намеандозад.

## БОБИ 30. Шафоъат

Худованд мефармояд:

**Ҳар кӣ шафоъат кунад, шафоъати нек бошад, ӯро баҳрае аз савоби он.** *(Нисо: 85)*

246 - Абумӯсои Ашъарӣ (р) мегӯяд: чун ҳоҷатманде ба ҳузури Пайғамбари Худо (с) меомад, он ҳазрат (с) ба ҳамнишинони худ рӯй оварда мефармуд; шафоъат кунед, музд дода мешавед ва адо мекунад Худованд ба забони паёмбараш он чиро ки дӯст бидорад.

247 - Аз Ибни Аббос (р) дар қиссаи Бурайра ва шавҳараш ривоят шуда, ки Пайғамбари Худо (с) барояш гуфт: чи мешавад, ки ба канори шавҳарат бозгардӣ. Гуфт: эй Расули Худо (с), оё маро амре мекунӣ? Фармуд: на, ман шафоъат мекунам. Гуфт: ба ӯ ниёзе надорам.

## БОБИ 31. Ислоҳ овардан дар миёни мардум

قال الله تعالى: ﴿ لَا خَيْرَ فِي كَثِيرٍ مِنْ نَجْوَاهُمْ(٦) إِلَّا مَنْ أَمَرَ بِصَدَقَةٍ أَوْ مَعْرُوفٍ أَوْ إِصْلَاحٍ بَيْنَ النَّاسِ ﴾ [النساء: ١١٤] وقال تعالى: ﴿ وَالصُّلْحُ خَيْرٌ ﴾ [النساء: ١٢٨] وقال تعالى: ﴿ فَاتَّقُوا اللهَ وَأَصْلِحُوا ذَاتَ بَيْنِكُمْ ﴾(١) [الأنفال: ١] وقال تعالى: ﴿ إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ فَأَصْلِحُوا بَيْنَ أَخَوَيْكُمْ ﴾ [الحجرات: ١٠].

Худованд мефармояд:

**Ва хайре нест дар бисёре аз машваратҳои пинҳонияшон, аммо хубӣ дар машварати касест, ки ба садақа ё ба кори писандида ва ё ба ислоҳ миёни мардумон амр намояд.** *(Нисо: 114)*

**Сулҳ кори беҳтар аст.** *(Нисо: 128)*

**Пас аз Худо битарсед ва дар миёни хеш ислоҳ оваред.** *(Анфол: 1)*

**Ҳаққо, ки мӯъминон бародари якдигаранд, пас миёни ду бародари хеш сулҳ оваред.** *(Ҳуҷурот: 1)*

248 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Бар ҳар муфсил ва банде аз мардум садақа лозим аст ва дар ҳар рӯзе, ки офтоб дар он тулӯъ мекунад. Чун миёни ду кас адолат мекунӣ, садақа аст. Чун мардеро ва ё ашёашро бар чорпояш савор мекунӣ, садақа аст. Сухани некӯ садақа аст ва ба ҳар қадаме, ки ба сӯи намоз мегузорӣ, садақа аст, дур кардани чизҳои озордиҳанда *(санг, хор, хошок ва ғайра)* садақа аст.

249 - Аз Умми Гулсум духтари Уқба бини Аби Муайт (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Пайғамбари Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Касе дар миёни мардум сулҳ меоварад, сухани хайреро мерасонад ва ё хайре мегӯяд, каззоб ва дурӯғгӯ ба шумор намеравад. Дар ривояти Муслим зиёдате аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) нашунидам, ки дар чизе аз он чи, ки мардум мегӯянд *(дурӯғ гуфтан)* иҷоза дода бошад, магар дар се чиз: манзураш ҷанг, ислоҳи байни мардум ва сухани мард ба занаш ва ё сухани зан барои шавҳараш бувад.

250 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) садои чанд шахсро канори дарвоза шуниданд, ки баланд буд, яке аз дуввумӣ мехост, то чизе аз қарзашро кам намояд ва хостори меҳрубонӣ ва нармиш дар чизе мешуд ва ӯ мегуфт: Ба Худо қасам, ин корро намекунам. Расули Худо (с) баромада, фармуд: Куҷо шуд, он кӣ ба номи Худо савганд ёд мекард, ки кори хайрро анҷом надиҳад? Мард гуфт: манам, эй Расули Худо (с) ва ӯ *(қарздор)* мухтор аст, ҳар тавре ки дӯст медорад *(яъне*

*миқдоре аз қарзашро кам намоям ва ё ин ки бар ӯ нармиш кунам ва мӯҳлаташ диҳам)*

**Шарҳ:** *Аз ин ҳадис фазилати гузашт ва ҷавонмардӣ ва нармиш бар қарздор ва кам кардани бори қарз аз дӯши ӯ бармеояд ва ин ки мусалмон набояд савганд бихӯрад, ки кори хайрро анҷом намедиҳад.*

251 - Аз Абулаббос Саҳл ибни Саъди Соидӣ (р) ривоят аст, ки ба Расули Худо (с) хабар расид, ки дар миёни қабилаи бани Амр ибни Авф хараҷу мараҷе падид омада. (Он ҳазрат (с) эшон бо иддае барои эҷоди сулҳ дар миёнашон рафта, дар он ҷо монданд ва вақти намоз фаро расида, Билол (р) ба назди Абубакр (р) омада гуфт: Расули Худо (с) машғул шуданду вақти намоз ҳам даррасидааст, метавонӣ мардумро имомат диҳӣ? Гуфт: Агар мехоҳӣ, бале. Билол (р) барои намоз иқомат гуфт ва Абубакр (р) пеш истода такбир гуфт ва мардум ҳам такбир гуфтанд. Расули Худо (с) омада, аз сафҳо гузашта, ба сафи аввал расида истоданд. Мардум ба каф задан шурӯъ карданд ва Абубакр (р) дар намоз ба сӯе илтифот намекард. Чун каф задани мардум зиёд шуд, нигариста, Расули Худо (с)-ро мушоҳида кард. Расули Худо (с) ба сӯяш ишора намуданд. Абубакр (р) дастҳояшро баланд карда, ҳамди Худоро гуфта, ба ақиби хеш омада ва худро ба саф расонд. Паёмбари Худо (с) пеш омада, намози мардумро гузориданд ва чун фориғ шуданд, ба мардум рӯй оварда фармуданд: Эй мардум чӣ шуда, ки чун амре дар намози шумо ҳодис шавад, каф мезанад? Каф задан кори занҳо аст. Касе, ки дар намозаш амре падидор шуд, бояд «Субҳоналлоҳ» бигӯяд, зеро ҳар касе, ки «субҳоналлоҳ»-ро бишнавад, мутаваҷҷеҳ мешавад. Эй Абубакр, чӣ монеъ шуд, баъд аз он ки ба сӯят ишора кардам, ин ки барои мардум намоз гузорӣ? Абубакр гуфт: Барои Ибни Абуқуҳофа шоиста нест, ки дар ҳузури Расули Худо (с) барои мардум намоз гузорад.

252 - Аз Ҳориса ибни Ваҳб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Оё шуморо аз аҳли биҳишт хабар надиҳам? Ҳар нотавон ва заифе, ки ҳар гоҳ ба

Худо савганд ёд кунад, ӯро Худованд ростгӯ мекунад *(яъне, ҳар гоҳ аз рӯи тамаъ дар карами Худованд савганде ёд кунад, Худованд матлубашро ба вай медиҳад)*, оё шуморо аз аҳли дӯзах бохабар насозам? Ҳар сангдил, озманди худнамо ва мутакаббир.

## БОБИ 32. Фазилати бенавоёни мусалмон ва фуқарои гумном

قال الله تعالى: ﴿ وَاصْبِرْ نَفْسَكَ مَعَ الَّذِينَ يَدْعُونَ رَبَّهُمْ بِالْغَدَاةِ وَالْعَشِيِّ يُرِيدُونَ وَجْهَهُ وَلا تَعْدُ عَيْنَاكَ عَنْهُمْ ﴾(١) [الكهف: ٢٨].

Худованд мефармояд:

**Ва боз дор хешро ба онон, ки Парвардигори худро ёд мекунанд дар субҳ ва шом ва мехоҳанд ваҷҳи ӯ ва ризояшро ва бояд ки чашмҳои ту аз эшон дарнагузарад.** *(Қаҳф: 28)*

253 - Аз Абулаббос Саҳл ибни Саъди Соъидӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: марде аз канори паёмбар (с) гузашт ва он ҳазрат (с) барои марде, ки дар канораш нишаста буд, гуфт: Назарат дар мавриди ин шахс чист? Гуфт: ин мард аз ашрофи мардум аст, ба Худо барояш шоистааст, ки ҳар гоҳ хостгорӣ кунад, ба никоҳ дода шавад ва чун шафоъати касеро кунад, шафоъаташ қабул шавад. Паёмбар (с) сукут намуданд, боз марди дигаре гузашт, Расули Худо (с) ба он мард гуфтанд: назарат дар бораи ин шахс чист? Гуфт: ин мард аз фуқарои тангдасти муслимин аст. Ин сазовор аст, ки чун хостгорӣ кунад, ба никоҳ дода нашавад ва чун шафоъат кунад, шафоъаташ қабул нашавад ва агар сухан бигӯяд, суханаш шунида нашавад. Пайғамбар (с) фармуданд: Агар рӯи замин пур аз амсоли ӯ (*марди ғанӣ*) бошад, ин марди (*фақир*) ба танҳоӣ аз ҳамаи онон беҳтар аст.

254 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: биҳишт ва дӯзах бо ҳам муҷодала ва гуфтугӯ карданд, Дӯзах гуфт: дар ман ситамгарон ва мустакбирони (*дунё*) вуҷуд доранд. Ва биҳишт гуфт: дар ман нотавонон ва масокини мардуми (*дунё*) вуҷуд доранд. Худованд дар миёнашон ҳукм

намуд, ки ту биҳишти раҳмати манӣ, ба василаи ту касеро, ки бихоҳам мавриди раҳматам қарор медиҳам ва ту дӯзахи азоби манӣ, ба василаи ту касеро, ки бихоҳам азобаш мекунам ва ман ҳар дуи шуморо пур месозам.

255 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Бидуни шак марди фарбеҳ ва бузург дар рӯзи қиёмат меояд, ки дар назди Худованд ба андозаи боли пашшае арзиш ва қиммат надорад.

256 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки зани сиёҳ ё ҷавоне буд, ки масҷидро пок мекард ва Расули Худо (с) он зан ё он ҷавонро наёфт ва аз аҳволи ӯ пурсид, гуфтанд: Мурдааст. Фармуд: Чаро маро огоҳ накардед? Гӯё онҳо кори он зан ё ҷавонро кӯчак шумурданд. Фармуд: Қабрашро ба ман нишон диҳед. Қабри ӯро барояш нишон доданд, он ҳазрат (с) бар он намоз гузорид ва фармуд: Ин қабрҳо бар соҳибонаш пур аз зулумот аст ва Худованд ба баракати намоз хондани ман онро барояшон равшан месозад.

257 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуданд: басо жулидамӯ, ғуборолуди рондашуда дар дарвозаҳо вуҷуд дорад, ки агар ба Худо савганд хӯрад, ӯро ростгӯ месозад, (*яъне, ҳар гоҳ аз рӯи тамаъ дар карами Худованд савганде ёд кунад, Худованд матлубашро ба вай медиҳад*)

258 - Аз Усома (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Дар дарвозаи биҳишт истодам ва мушоҳида кардам, ки оммаи касоне, ки ба он дохил мешаванд, мискинонанд ва ҳанӯз ба сарватмандон иҷозаи духули *(биҳишт)* дода нашудааст, лекин дӯзахиён ба тарафи дӯзах ронда шудаанд. Ва дар дарвозаи дӯзах истодам ва мушоҳида кардам, ки умуми касоне, ки ба он дохил мешаванд, занҳо ҳастанд.

259 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Дар гаҳвора фақат се тан сухан гуфтаанд: Исо ибни Марям (ъ) ва дӯсти Ҷурайҷ. Ҷурайҷ марди обид буд, ки ибодатгоҳе барои худ сохта буд ва дар он басар мебурд. Модараш омад, дар ҳоле, ки ӯ намоз мегузорад. Гуфт: Эй

Ҷурайҷ! Ҷурайҷ гуфт: Худоё модарам ва намозам ва ба намозаш идома дод. Модараш рафт ва фардо ҳам модараш дар ҳоле омад, ки ӯ намоз мегузорид ва гуфт: Эй Ҷурайҷ. Гуфт: Худоё модарам ва намозам ва ба намозаш идома дод. Боз фардо модараш дар ҳоле омад, ки ӯ намоз мегузорид ва гуфт: Эй Ҷурайҷ! Ҷурайҷ гуфт: Парвардигоро! Модарам ва намозам ва ба намози худ идома дод. Модараш гуфт: Худоё! Ӯро накушӣ, то рӯи занҳои зинокорро бубинад. Бани Исроил аз Ҷурайҷ ва ибодаташ сӯҳбат карданд, зани фоҳишае буд, ки ба ҳусни хеш зарбулмасал гашта буд, гуфт: Агар бихоҳед, ман ӯро фиреб медиҳам ва худро ба ӯ арза кард, вале ӯ таваҷҷӯҳе ба вай нанамуд. Зан пеши чӯпоне, ки дар ибодатгоҳаш зиндагӣ мекард, рафт ва худро дар ихтиёраш гузошт ва бо вай зино намуд ва бордор шуд ва чун валодат намуд, гуфт: Ин тифл аз Ҷурайҷ аст. Мардум рафта, ӯро поин кашида, ибодатгоҳашро хароб сохта, шурӯъ ба заданаш карданд. Гуфт: Чӣ шуда? Гуфтанд: Бо ин фоҳиша зино кардӣ ва аз ту писар зоидаст. Гуфт: Бача куҷост? Писарро оварданд ва гуфт: Маро бигзоред, ки намоз гузорам. Сипас намоз гузорид, чун намозро тамом кард, назди кӯдак омада, ба шикамаш зада гуфт: Эй писар падарат кист? Гуфт: Фалон чӯпон. Мардум ба Ҷурайҷ рӯй оварда, ӯро бӯсида, ба баданаш даст мекашиданд ва гуфтанд: Ибодатгоҳатро аз тилло месозем. Гуфт: На, мисли ҳолати авалияш аз гил бисозед ва онҳо ҳам онро дуруст карданд.

Ва тифле буд, ки аз пистони модараш шир мехӯрд, марде бар аспи нафису мумтоз ва зоҳири ороставу зебо аз канораш гузашт ва модараш гуфт: Худоё, писарамро мисли ин мард бигардон. Писар пистонро раҳо карда, ба тарафи вай рӯй оварду нигариста гуфт: Худоё, маро монандаш масоз ва сипас ба пистон рӯй оварда, шурӯъ ба макидан намуд. Гӯӣ, ки ман акнун ба сӯи он ҳазрат (с) менигарам ва эшон шир хӯрдани ӯро ба ангушти сабобаи худ, ки дар даҳан қарор дода мемаканд, тамсил менамоянд ва сипас фармуд: Ва аз канори канизе гузаштанд, ки мардум ӯро мезаданд ва мегуфтанд: Ту зино кардӣ, дуздӣ намудӣ ва ӯ мегуфт: «Ҳасбияллоҳу ва

ниъмалвакил». Модараш гуфт: Худоё, писарамро мисли ин масоз. Писар пистонро раҳо намуда, ба ӯ нигаристу гуфт: Худоё, маро монанди ӯ бигардон. Дар ин ҷо суханро бозгардониданд. Модар гуфт: Марди накӯшамоил гузашт ва ман гуфтам: Худоё, писарамро мисли ӯ гардон. Вале ту гуфтӣ, ки Худоё, маро мисли ӯ магардон ва мардум ин канизро бурданд, дар ҳоле, ки ӯро мезаданд ва ба ӯ мегуфтанд, ки ту зино кардиву дуздӣ намудӣ ва ман гуфтам: Худоё, писарамро мисли ӯ магардон ва ту гуфтӣ: Худоё, маро мисли ӯ гардон? Писарак гуфт: Он мард ситамгар буд. Гуфтам: Худоё, маро чун ӯ магардон. Ва ба ин каниз мегуфтанд: Зино кардӣ, дар ҳоле ки зино накарда ва мегуфтанд: Дуздӣ кардӣ, дар ҳоле ки дуздӣ накарда буд, аз ин рӯ гуфтам: Худоё, маро мисли ӯ бигардон.

## БОБИ 33. Утуфат ва ёрии ятимон ва духтарон ва дигар нотавонон, фуқаро ва бепаноҳон ва эҳсон ва тавозӯъ ба онон

Худованд мефармояд:

**Ва дар баробари мусалмонон фурӯтан бош.**

*(Ҳиҷр: 88)*

**Ва худро боздор ба онон ки Парвардигори худро ёд мекунанд, дар субҳ ва шом ва мехоҳанд ваҷҳ ва ризои ӯро ва бояд, ки чашмҳои ту аз эшон дарнагзарад, ки ороиши дунёро талаб намояд.**

*(Қаҳф: 28)*

**Аммо ятимро, пас дуруштӣ макун ва аммо соилро, пас марон.** *(Зуҳо : 1-9)*

**Оё дидӣ он шахсро, ки ҷазои аъмолро дурӯғ мешуморад, пас он шахс касест, ки ятимро ба иҳонат меронад ва бар таъом додани фақир тарғиб наменамояд.** *(Моъун: 1-3)*

260 - Аз Саъд ибни Абиваққос (р) ривоят аст, ки гуфт: Мо шаш нафар бо паёмбар (с) будем. Мушрикин барои паёмбар

(с) гуфтанд: Инҳоро бирон, то бар мо далер нашаванд, ман будам ва Ибни Масъуд ва марде аз қабилаи Ҳузайл ва Билол ва ду нафари дигар, ки номҳояшонро ёд намекунам. Ва дар дили Расули Худо (с) он чи Худо хост, воқеъ шуд ва бо худ замзама кард. Худованд нозил фармуд: **«Ва ононро, ки субҳу шом Худояшонро мехонанд ва муроди эшон фақат Худост аз худ марон».**

261 - Аз Абуҳубайра Оиз ибни Амри Музаний (р), ки аз аҳли Байъату-р-ризвон аст, ривоят шуда, ки Абусуфён бо иддае аз канори Салмон, Суҳайб ва Билол (р) гузашт, онҳо гуфтанд: Ҳанӯз шамшерҳои Худо аз ин душмани Худо интиқом нагирифтааст. Абубакр (р) гуфт: Барои бузург ва сардори Қурайши чунин мегӯед? Пас назди паёмбар (с) омада, эшонро аз ҷараён огоҳ сохт. Расули Худо (с) фармуд: Эй Абубакр, шояд онҳоро хашмнок сохта бошӣ, агар чунончи онҳоро хашмнок сохта бошӣ, дарвоқеъ Парвардигоратро ба хашм овардаӣ. Абубакр (р) наздашон омада гуфт: Эй бародарон, оё шуморо хашмнок сохтам? Онҳо гуфтанд: На, бародаракам, Худованд туро меомурзад.

262 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ман ва сарпарасти ятим ин гуна дар биҳишт мебошем ва ишора ба ангушти сабоба ва миёнааш намуда онҳоро аз ҳам кушода дошт.

263 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Касе, ки сарпарастии ятими худӣ ва ё бегонаеро бинамояд, ман бо ӯ монанди ин ду (ангушт) дар биҳишт мебошем. Ровӣ, ки Молик ибни Анас (р) буд, ба ду ангушти сабоба ва миёнааш ишора намуд.

264 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Мискин касе нест, ки як хурмо ва ё ду хурмо, як луқма ё ду луқма ӯро бозмегардонад, балки мискин касест, ки иффат варзида, суол намекунад. Ва дар ривояте дар «Саҳеҳайн» омада, ки: Мискин касе нест, ки дар миёни мардум гашта, як луқма ва ё ду луқма, як хурмо ва ё ду хурмо ӯро бозмегардонад, вале мискин касест, ки сарватеро, ки ӯро бениёз

кунад, надорад ва касе ҳам аз ҳолаш бохабар намешавад, ки ба ӯ садақа диҳад ва худаш ҳам барнамехезад, ки аз мардум биталабад.

265 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: касе, ки барои зиндагии бева ва мискин талош кунад, монанди муҷоҳиди роҳи Худо аст ва гумон мекунам, ки фармуд: монанди намозгузорест, ки суст нашавад ва монанди рӯзадорест, ки ифтор накунад.

266 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Бадтарини таъомҳо таъоми арӯсиест, ки манъ мешавад аз он касе, ки ба он ҳузур меёбад ва даъват мешавад, ба он касе, ки аз он имтиноъ меварзад ва касе, ки даъватро қабул намекунад, ҳамоно нофармонии Худо ва Расули ӯро намудааст.

267 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки сарпарастии ду духтарро ба дӯш гирад, то ин киболиғ гарданд, дар рӯзи қиёмат меояд, дар ҳоле ки ман ва ӯ монанди ин ду мебошем ва ангуштони худро бо ҳам якҷо намуд.

268 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Зане бо ду духтараш ба хонаам дохил шуда суол намуд (*чизе талабид*). Дар наздам чизе ҷуз як хурмо ёфт нашуд. Ва ман онро ба ӯ додам ва ӯ онро дар миёни ду духтараш қисмат кард ва худаш аз он чизе нахӯрд ва сипас бархоста берун шуд. Баъдан паёмбар (с) бар мо дохил гардид ва ман ҷараёнро ба ӯ гуфтам. Фармуд: касе, ки ба чизе аз ин духтарҳо (*яъне, духтарони ятим ва бенаво*) озмоиш шавад ва ба онҳо некӣ кунад, барояш ҳиҷобе аз оташи дӯзах мебошад.

269 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: зани мискине ду духтарро дар бағал дошт, наздам омад ва ман се донаи хурмо барояш додам ва ӯ барои ҳар як, як дона дода ва як донаро ба даҳони хеш наздик намуд, то онро бихӯрад. Духтаронаш онро аз ӯ хостанд ва ӯ он хурмоеро, ки мехост бихӯрад, дар миёнашон ду қисмат намуд. Ман аз ҳолаш ба шигифт мондам ва он чиро анҷом дода буд, барои Пайғамбари Худо (с) ёдоварӣ кардам, он ҳазрат (с) фармуд: Худованд дар баробари ин амал

биҳиштро барояш лозим сохт, ё (фармуд) ӯро дар баробари ин амал аз дӯзах озод намуд.

270 - Аз Абушурайҳ Хувайлид ибни Амри ва Хузоъӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Бор Худоё, ман гунаҳкор медонам касеро, ки ҳаққи ду заиф «Зан ва ятим»-ро поймол кунад (яъне, аз ин кор сахт мамониат мекунам).

271 - Аз Мусъаб ибни Саъд ибни Абиваққос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Саъд гумон мекард, ки *(ба далели шуҷоаташ)* бар дигарон аз асҳоби Расули Худо (с) фазилате дорад. Ҳамон буд, ки паёмбар (с) фармуд: Оё нусрат ва рӯзӣ ба шумо дода мешавад, магар аз баракати нотавонони шумо?

272 - Аз Абудардо Уваймир (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз пайғамбар (с) шунидам, ки мефармуд: Маро дар миёни заъифон ва нотавонон талаб кунед, зеро ба баракати нотавонони хеш нусрат ва рӯзӣ дода мешавед.

## БОБИ 34. Суфориш дар рафтори нек бо занон

قال الله تعالى: ﴿ وَعَاشِرُوهُنَّ بِالْمَعْرُوفِ ﴾ [النساء: ١٩]، وقال تعالى: ﴿ وَلَنْ
تَسْتَطِيعُوا أَنْ تَعْدِلُوا بَيْنَ النِّسَاءِ وَلَوْ حَرَصْتُمْ فَلا تَمِيلُوا كُلَّ الْمَيْلِ (١) فَتَذَرُوهَا كَالْمُعَلَّقَةِ وَإِنْ
تُصْلِحُوا وَتَتَّقُوا فَإِنَّ اللهَ كَانَ غَفُوراً رَحِيماً ﴾ [النساء: ١٢٩].

Худованд мефармояд:

**Зиндагонӣ кунед бо занон ба ваҷҳи писандида.**

*(Нисо: ояи 19)*

**Ҳаргиз натавонед, ки миёни занон ба далолат рафтор намоед, агарчӣ ниҳоят рағбат кунед, пас комилан ба он дигар тамоюл нанамоед, ки дигареро муъаллақ ва бесарнавишт созед ва агар ислоҳ карда ва парҳезгорӣ намоед. Ҳаққо, ки Худованд омурзанда ва меҳрабон аст.** *(Нисо: 129)*

273 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Хоҳони рафтори нек бо занон шавед, зеро зан аз устухони паҳлӯи чап офарида шуда ва каҷтарин устухонҳои паҳлӯ болотари он аст, агар хоста бошӣ росташ кунӣ, ӯро мешиканӣ

ва агар ӯро бигзорӣ ҳамеша кaҷ аст. Пас дар мавриди занон ҳамдигарро васияти ба хайр намоед.

***Шарҳ:*** *Ин ҳадис ва низ аҳодиси дигар нармӣ ва рафтори некро ба занон тавсия ва суфориш мекунад, зеро зан дар ҷомеаи исломӣ модар аст ва хоҳар аст ва духтар ва ҳамсар ва шахсияти ӯ азизу гиромӣ мебошад. На чун ҷомеаҳои ғайриисломӣ, ки занро чун воситаи итфои ғароизи шаҳвонӣ ва тарвиҷи* ***(рекламаи)*** *ашёи тиҷоратӣ истифода мебаранд.*

274 - Аз Абдуллоҳ ибни Замъа (р) ривоят аст, ки вай аз Расули Худо (с) шунид, ки хутба мехонд ва аз ноқаи (*шутури*) Солеҳ (ъ) ва касе, ки онро пай намуд, ёд карда, фармуд: «**Изан баъса ашқоҳо»,** барои пай кардани он марде барангехта шуд, ки дар миёни қавмаш мӯҳтарам ва азиз ва дар айни ҳол ниҳоят муфсиду табаҳкор буд. Ва барои пай кардани он басуръат бархост.

Сипас занонро ёд намуда, дар мавридашон панд доду фармуд: Яке аз шумо бархоста занашро монанди ғуломаш мезанад ва шояд дар охири рӯзаш бо ӯ муқорибат (*алоқаи ҷинсӣ*) кунад. Сипас онҳоро дар мавриди хандаашон аз боди садодор (*гӯз*) насиҳат намуда, фармуд: чаро яке аз он чӣ анҷом медиҳад, механдад?

275 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ марди мӯъмине аз ҳеҷ зани мӯъминае бад набарад, зеро агар одатеро аз вай написандад, одати дигареро меписандад, ё гуфт: аз ғайри он розӣ мешавад.

276 - Аз Умар ибни Аҳваси Ҷӯшамӣ (р) ривоят аст, ки ӯ дар Ҳаҷҷату-л-видоъ аз паёмбар (с) баъд аз он, ки ҳамд ва санои Аллоҳ таъолоро гуфта ва панд доду насиҳат кард, шунид, ки мефармуд: Огоҳ бошед ва дар мавриди занон васияти ба хайр намоед, зеро онҳо дар назди шумо ба манзалаи асиранд. Шумо аз онҳо ҳеҷ чизеро ба ҷуз истимтоъ (*баҳрагирии ҷинсӣ*) молик нестед, магар ин ки амали фаҳшоро ошкоро муртакиб шуданд ва агар чунин карданд, ҳамбистарӣ бо ононро тарк кунед ва боз онҳоро бизанед, задане, ки начандон сахт бошад. Агар фармони шумо бурданд, бар онҳо роҳеро ҷустуҷӯ

макунед, (*баҳонаҷӯӣ накунед*). Бохабар бошед, ки ҳамоно шумо бар занонатон ҳақе доред ва занони шумо бар шумо низ ҳақе доранд. Ҳақи шумо бар онон ин аст, ки бар фарши шумо касонеро нашинонанд, (*ба хонаатон роҳ надиҳанд*), ки шумо аз онҳо бад мебаред ва дар хонаатон ба касе иҷозаи вуруд надиҳанд, ки шумо аз онон мутанаффиред ва огоҳ бошед, ки ҳақи онҳо бар шумо ин аст, ки ба онҳо дар либосашон ва таъомашон некӣ ва эҳсон кунед.

277 - Аз Муовия ибни Ҳайда (р) ривоят аст, ки гуфт: гуфтам ё Расулаллоҳ, занони мо бар мо чӣ ҳақе доранд? Фармуд: ин ки чун таъом хӯрдӣ, таъомашон диҳӣ ва чун либос пӯшидӣ, ӯро либос бипушонӣ ва ба рӯи зан силӣ (*шапалоқе*) мазан ва ба ӯ нагӯ; Худо туро зишт созад ва ҷуз дар хона аз ӯ дурӣ макун, яъне ҳар гоҳ хостӣ барои таъдибаш аз ӯ дурӣ кунӣ, тарки ҳамбистарияшро ҷуз дар хона макун.

278 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Комилтарини мӯъминон аз рӯи имон касест, ки ахлоқаш беҳтар бошад ва беҳтарини шумо онҳоеанд, ки бо занонашон равияи некӯтар доранд.

279 - Аз Аёс ибни Абдуллоҳ ибни Абузубоб (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: канизакони Худо (*занон*)-ро назанед. Умар (р) хидмати он ҳазрат (с) омада, гуфт, ки занон бар шавҳаронашон далер шуданд. Ҳамон буд, ки паёмбар (с) дар заданашон иҷозат фармуд. Сипас занони бисёре ба хонаҳои азвоҷи мутаҳҳарот (*занони паёмбар* (с) омада, аз шавҳаронашон шикоят карданд ва Расули Худо (с) фармуд: Занони бисёре ба назди аҳли байти Муҳаммад (с) омада ва аз шавҳаронашон шикоят кардаанд. Бидонед, ки онон баргузидагони шумо нестанд, (*яъне ононе, ки занонашонро мезананд, шахсони баргузида ва хуби шумо ба шумор намераванд.*)

280 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Дунё ҳамааш матоъ аст ва беҳтарини матоъи дунё, зани солеҳа аст.

# БОБИ 35. Ҳуқуқи шавҳар ба зан

قال الله تعالى: ﴿ الرِّجَالُ قَوَّامُونَ عَلَى النِّسَاءِ(٩) بِمَا فَضَّلَ اللهُ بَعْضَهُمْ عَلَى بَعْضٍ وَبِمَا أَنْفَقُوا مِنْ أَمْوَالِهِمْ(١) فَالصَّالِحَاتُ قَانِتَاتٌ(٢) حَافِظَاتٌ لِلْغَيْبِ بِمَا حَفِظَ اللهُ ﴾ [النساء: ٣٤].

Худованд мефармояд:

**Мардон сарпарастори занонанд, ба сабаби фазле, ки Худо баъзе аз эшонро бар баъзе дигар ниҳода ва ба сабаби он чи харҷ карданд аз амволи хеш. Пас занони некӯкори фармонбардор дар ғоиби шавҳарашон нигоҳдорандаанд бо нигоҳдошти Худо.** *(Нисо: 34)*

281 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ шахсе занашро ба бистари худ биталабад ва занаш наояд, (*хоҳиши ӯро иҷобат накунад*) ва шавҳараш бо ҳолате хашмнок бихобад, фариштагон то субҳ ӯро лаънат мекунанд. Ва дар ривояте аз Бухорӣ ва Муслим омада, ҳар гоҳ зан дар ҳоле бихобад, ки бистари шавҳари худро тарк намуда, фариштагон то субҳ ӯро лаънат мекунанд. Ва дар ривояте аз Бухорӣ ва Муслим омада: Ҳар гоҳ зан дар ҳоле бихобад, ки бистари шавҳари худро тарк намуда, фариштагон то субҳ ӯро лаънат мекунанд.

Ва дар ривояте Паёмбари Худо (с) фармуд: Савганд ба Худое, ки ҳастии ман дар дасти ӯст, ҳеҷ марде нест, ки ҳамсарашро ба бистараш биталабад ва зан имтиноъ варзад, магар ин ки Зоте, ки дар осмон аст (Аллоъ таъоло), бар вай хашмгин аст, то ки шавҳарашро розӣ созад.

282 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули акрам (с) фармуд: Барои зан раво нест, ки ба ҳузури шавҳараш рӯза бигирад, (*мақсуд рӯзаи нофила аст, на фариза*), магар бо иҷозаи ӯ ва ё касеро бидуни иҷозааш ба хонааш роҳ бидиҳад.

283 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳамаи шумо чӯпонед ва ҳамаи шумо дар муқобили раъияти хеш масъул ҳастед. Мард бар хонаводаи худ ва зан дар хонаи

шавҳар ва фарзандаш чӯпон аст. Пас ҳамаи шумо чӯпонед ва ҳамаи шумо ба раъияти хеш масъулед.

284 - Аз Абуалӣ Талқ ибни Алӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ марде ҳамсарашро барои баровардa шудани ҳоҷаташ бихонад, бояд шитобзада биёяд, ҳарчанд бар сари танӯр ҳам бошад.

285 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: агар касеро иҷоза медодам, то ба дигаре саҷда кунад, занро иҷоза медодам, то ба шавҳараш саҷда кунад.

286 - Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар зане, ки бимирад ва шавҳараш аз ӯ розӣ бошад, ба биҳишт дохил мегардад.

287 - Аз Муъоз ибни Ҷабал (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳеҷ зане шавҳарашро дар дунё азият намекунад, магар ин ки ҳамсараш аз ҳурулайн мегӯяд: Худо туро бикушад, ӯро азият макун, ӯ меҳмони ту аст ва зуд аст, ки аз ту ҷудо шавад ва ба мо бипайвандад.

288 - Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Нагузоштам баъд аз худ, фитнае, ки зиёнбортар бар мардон аз занон бошад.

## БОБИ 36. Масорифи хонавода

Худованд мефармояд: **Ва бар падар нафақа ва пӯшоки ин занони ширдеҳ аст ба ваҷҳи писандида.**

*(Бақара: 233)*

**Бояд соҳиби вусъат аз вусъати худ харҷ кунад ва он ки танг карда шуд бар ӯ ризқаш, бояд аз он чи Худо атояш карда, харҷ кунад ва таклиф намекунад Худо ҳеҷ касро, магар ҳасби он чи додааст.**

*(Талоқ: 7)*

**Ва ҳар чи харҷ кунад аз ҳар ҷинс, Худо ивазашро медиҳад.** *(Сабо: 39)*

289 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст. ки Расули Худо (с) фармуд: Диноре ҳаст, ки дар роҳи Худо сарф мекунӣ ва

динорест, ки дар озодии банда сарф мекунӣ ва динорест, ки бар мискин сарф мекунӣ ва динорест, ки бар хонаводаат сарф мекунӣ. Савоби он чи бар хонаводаат сарф мекунӣ, фузунтар аст.

290 - Аз Абуабдуллоҳ, ки барояш Абуабдураҳмон ҳам гуфта мешавад, Савбон ибни Буҷдуд озодшудаи Расули Худо (с) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармуд: Беҳтарин диноре, ки мард масраф мекунад, динорест, ки барои хонаводааш сарф мекунад ва динорест, ки бар маркабаш дар роҳи Худо сарф мекунад ва динорест, ки бар ёронаш дар роҳи Худо сарф мекунад.

291 - Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки гуфт, гуфтам: ё Расулаллоҳ, оё дар масорифе, ки бар фарзандони Абусалама мекунам, аҷр дода мешавам? Намегузорам, то ба рост ва чап барои ба даст овардани қуташон бигарданд, онон фарзандони мананд. Он ҳазрат (с) фармуд: Бале, барои ту музди он чи ки ба онҳо харҷ мекунӣ, дода мешавад.

292 - Аз Саъд ибни Абиваққос (р) дар ҳадиси тӯлоние, ки дар аввали китоб дар боби ният *(ҳадиси шумора 6)* зикр кардем, омада, ки Расули Худо (с) барояш фармуд: Он чи ту масраф мекунӣ, барои дарёфтани ризои Ҳақ таъоло бароят аҷр дода мешавад, ҳатто он чиро, ки дар даҳани ҳамсарат мегузорӣ.

293 - Аз Абумасъуди Бадрӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ мард барои дарёфти ризои Худованд, ба хонаводааш масрафу хараҷот менамояд, он масрафу хараҷот барояш садақа ба ҳисоб меояд.

294 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: кофист барои шахс ин гуноҳ, ки зоеъ гузорад он киро, ки сарпарастияш ба ӯҳдаи ӯст.

295 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ рӯзе нест, ки бандагон субҳ мекунанд, магар ин ки ду фаришта поин омада ва яке аз онҳо мегӯяд: Бор Худоё, моли мумсик ва бахилро талаф кун.

296 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Дасти боло (*дасте, ки садақа медиҳад*), беҳтар аст аз дасти поин, (*дасте, ки садақа мегирад*). Ва оғоз кун ба касе, ки нафақааш бар дӯши туст ва беҳтарин садақа он аст, ки он аз рӯи сарват ва ғино бошад, (*яъне баъд аз садақа додан ба миқдори кофии мол бар шахсони (афроди) хонаводааш боқӣ бимонад*). Ва он ки иффат биҷӯяд, (*аз Худо талаби ифоф ва дурӣ аз ҳаром бинамояд*), Худо ӯро афиф нигаҳ медорад ва касе, ки истиғно кунад, (*қаноат варзад*), Худованд ӯро ғанӣ месозад.

## БОБИ 37. Садақа додан аз моли хуб ва он чи бештар мавриди алоқа аст

قال الله تعالى : ﴿ لَنْ تَنَالُوا الْبِرَّ حَتَّى تُنْفِقُوا مِمَّا تُحِبُّونَ ﴾ [آل عمران : ٩٢]، وقال تعالى : ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا أَنْفِقُوا مِنْ طَيِّبَاتِ مَا كَسَبْتُمْ وَمِمَّا أَخْرَجْنَا لَكُمْ مِنَ الأَرْضِ وَلا تَيَمَّمُوا الْخَبِيثَ (٧) مِنْه تُنْفِقُونَ ﴾ [البقرة : ٢٦٧].

Худованд мефармояд:

**Ҳаргиз ба некӣ намерасад, то аз он чи ки дӯст медоред, бибахшед.** *(Оли Имрон: 92)*

**Эй мӯъминон, аз покизаҳои он чи шумо ба даст овардед, бубахшед ва аз покизаҳои он чи барои шумо аз замин берун овардем ва қасд накунед, ки палид онро харҷ намоед.**

*(Бақара: 267)*

297 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Абуталҳа дар миёни ансор дар Мадина аз ҳама бештар соҳиби дарахтони хурмо буд ва аз ҳамаи амволаш Байраҳоъ (*богчаи хурмо*)-ро дӯст медошт, ки рӯ ба рӯи Масҷиди Набавӣ қарор дошт. Пайғамбари Худо (с) ба он дохил мегардид ва аз оби ширини он менӯшид. Анас (р) гуфт: чун ин оя нозил шуд; **Лан танолу-л-бирра ҳатто тунфиқӯ миммо туҳиббуна.** *Тарҷума:* **Шумо ҳаргиз ба мақоми некӯкорон ва хосони Худо нахоҳед расид, то он ки аз он чӣ дӯст медоред, дар роҳи Худо инфоқ кунед.**

Абуталҳа хидмати паёмбар (с) омада гуфт: ё Расулаллоҳ Худованд бар ту нозил намуда: (**Лан танолу-л-бирра ҳатто тунфиқӯ миммо туҳиббуна**). Ва ман аз ҳамаи молам Байраҳоъро бисёртар дӯст медорам ва он барои Худо садақа аст ва аз Худованд хайр ва савоби онро мехоҳам, пас онро ба ҷое, ки Худованд бароят нишон дода, бигзор.

Расули Худо (с) фармуд: Баҳ, ин молест судманд, ин молест судманд ва ҳамоно шунидам он чи ту гуфтӣ ва назарам ин аст, ки онро барои наздиконат бигардонӣ, (*яъне онро дар миёни ақорибат тақсим кун*). Абуталҳа (р) гуфт: ин корро мекунам, эй Расули Худо (с) ва Абуталҳа (р) онро дар миёни наздикон ва писарамакҳояш тақсим кард.

## БОБИ 38. Лузуми амри хонавода ва фарзандоне, ки ба ҳадди тамиз расидаанд ва боқии муслимин ба тоъати Худо ва манъашон аз мухолифати дастуроти Илоҳӣ ва таъдибашон

قال الله تعالى: ﴿ وَأْمُرْ أَهْلَكَ بِالصَّلاةِ وَاصْطَبِرْ عَلَيْهَا ﴾ [طه: ١٣٢]، وقال تعالى: ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا قُوْا أَنْفُسَكُمْ وَأَهْلِيكُمْ نَاراً ﴾ [التحريم: ٦].

Худованд мефармояд:

**Ақрабои хешро ба намоз амр кун ва худ бар он шикебоӣ намо.** *(Тоҳо: 132)*

**Эй мусалмонон, хештан ва аҳли хонаи хешро аз оташ нигоҳ доред.** *(Таҳрим: 6)*

298 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ҳасан ибни Алӣ (р) донаи хурмое аз хурмоҳои садақаро гирифта ба даҳони худ намуд ва пайғамбар (с) фармуд: Ких-ких, дураш андоз, оё намедонӣ, ки мо моли садақаро намехӯрем?! Дар ривояте омада, ки садақа барои мо ҳалол нест.

299 - Аз Абуҳафс Умар ибни Абусалма Абдуллоҳ ибниАбдуласад ибни ҳамсари Расули Худо (с) ривоят шуда, ки гуфт: кӯдаке дар домони Расули Худо (с), (*яъне дар хонаи*

*паёмбар (с) зиндагӣ намуда ва дар паноҳи тарбияташон қарор доштам*) ва дастам дар дохили коса дур мерафт, Расули Худо (с) фармуд: Эй писар, исми Худоро ёд кун ва ба дасти рости худ бихӯр ва аз наздики худ бихӯр ва баъд аз он шакли таъом хӯрдани ман чунон буд, ки он ҳазрат (с) фармуд.

300 - Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳамаи шумо шӯбонед ва ҳамаи шумо масъули раъияти хешед. Аммо шӯбон аст ва масъули раъияти хеш аст ва мард дар хонаводааш шӯбон аст ва масъул аст аз раъияташ, ва зан дар хонаи шавҳараш шӯбон аст ва масъул аст, аз раъияташ ва ходим дар моли оқояш шӯбон аст ва масъул аст аз раъияташ ва ҳамаи шумо чӯпонед ва масъули раъияти хешед.

301 - Ва аз Умар ибни Шуъайб аз падараш, аз бобояш (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Кӯдакони худро дар ҳафтсолагӣ ба намоз амр намоед ва дар даҳсолагӣ онҳоро ба хотири намоз нахонданашон бизанед ва хобгоҳашонро ҷудо кунед.

302 - Аз Абусурайя Сабра ибни Маъбади Ҷуҳанӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун бача ба ҳафтсолагӣ расид, намозро ба ӯ таълим диҳед ва дар даҳсолагӣ ӯро ба хотири тарки намоз бизанед. Ва дар лафзи Абудовуд омада, ки: Ҳаргоҳ кӯдак ҳафтсола шавад, ӯро ба намоз амр кунед.

## БОБИ 39. Дар мавриди ҳаққи ҳамсоя ва суфориш дар некӣ бо он

Худованд мефармояд: **Ва Худоро бипарастед ва чизеро шарики вай қарор мадиҳед ва некӯкорӣ кунед ба падар ва модар ва ба хешон ва ятимон ва гадоён ва ҳамсояи хешованд ва ба ҳамсояи бегона ва ба ҳамнишини бар паҳлӯ нишаста ва ба мусофир ва бар он ки дасти шумо моликаш шудааст.**

*(Нисо: 36)*

303 - Аз Ибни Умар ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: ҳамеша Ҷабраил (ъ) маро дар мавриди ҳамсоя

тавсия менамуд, то ин ки гумон кардам, шояд ҳамсояро меросбари ҳамсоя қарор диҳад.

304 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Эй Абузар, чун шӯрбо пухтӣ, оби онро бисёр намо ва ҳамсояҳоятро ёд кун. Дар ривояти дигаре аз Муслим омада, ки: Дӯстам маро тавсия карда, ки чун шӯрбо пухтӣ, оби онро бисёр намо ва сипас ба хонаводаи чанде аз ҳамсояҳоят бубин ва бо миқдори аз он ононро ба шеваи некӯ ёд кун!

305 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, паёмбар (с) фармуд: Ба Худо мӯъмин шумурда намешавад, ба Худо мӯъмин шумурда намешавад. Гуфта шуд: чӣ касе ё Расулаллоҳ? Фармуд: Касе, ки ҳамсояш аз бадии ӯ дар амон намебошад.

306 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Эй занони мусалмон, ҳаргиз зани ҳамсоя барои зани ҳамсояи худ хор нашуморад, агарчи суми гӯсфанде ҳам бошад.

307 - Ва ҳам аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ ҳамсоя ҳамсояи дигареро манъ накунад аз ин ки чӯбе дар девори хонааш бикӯбад. Ва Абуҳурайра (р) мегуфт: Чаро шуморо аз ин суннат рӯйгардон мебинам? Ба Худо қасам, ҳатман онро дар миёни шумо матраҳ мекунам.

308 - Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки имон ба Худо ва рӯзи охират дорад, бояд ҳамсояашро азият накунад ва он ки имон ба Худо ва рӯзи охират дорад, бояд меҳмонашро эҳтиром кунад ва касе ки имон ба Худо ва рӯзи охират дорад, бояд сухани некӯ бигӯяд ё сукут ихтиёр намояд.

309 - Аз Абушурайҳи Хузоъӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Касе, ки имон ба Худованд ва рӯзи охират дорад, бояд ба ҳамсояш некӣ кунад ва касе, ки имон ба Худо ва рӯзи охират дорад, бояд меҳмонашро икром кунад ва касе, ки имон ба Худо ва рӯзи охират дорад, бояд сухани нек бигӯяд ва ё ин ки сукут ихтиёр намояд.

310 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: гуфтам: Эй Расули Худо (с), ду ҳамсоя дорам, ба кадомашон ҳадя бифиристам? Фармуд: ҳар кадом, ки дарвозаи хонааш ба ту наздиктар аст.

311 - Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Хубтарин дӯстон дар назди Худованд, хубтаринашон барои дӯст хеш аст ва хубтарин ҳамсоягон дар назди Худованд хубтаринашон барои ҳамсояаш мебошад.

## БОБИ 40. Некӣ ба падару модар ва пайваста доштани силаи раҳм

قال الله تعالى: ﴿ وَاعْبُدُوا اللهَ وَلا تُشْرِكوا بِهِ شَيْئاً وَبالْوَالِدَيْنِ إحْسَاناً وَبِذِي الْقُرْبى والْيَتَامى والمَسَاكِينِ والجَارِ ذِي الْقُرْبى والجَارِ الجُنُبِ وَالصَّاحِبِ بِالجَنْبِ وَابْنِ السَّبيلِ وَمَا مَلَكَتْ أيْمَانُكُمْ ﴾ [النساء: ٣٦]، وقال تعالى: ﴿ وَاتَّقُوا اللهَ الَّذي تَسَاءَلُونَ بِهِ[١] وَالأرْحَامَ ﴾ [النساء: ١]، وقال تعالى: ﴿ وَالَّذينَ يَصِلُونَ مَا أمَرَ اللهُ بِهِ أنْ يُوصَلَ[٢] ﴾ الآية [الرعد: ٢١]، وقال تعالى: ﴿ وَوَصَّيْنَا الإنْسَانَ بِوَالِدَيْهِ حُسْناً ﴾ [العنكبوت: ٨]، وقال تعالى: ﴿ وَقَضَى رَبُّكَ أن لا تَعْبُدُوا إلاَّ إيَّاهُ وَبالْوَالِدَيْنِ إحْسَاناً إمَّا يَبْلُغَنَّ عِنْدَكَ الْكِبَرَ أحَدُهُمَا أوْ كِلاهُمَا فَلا تَقُلْ لهُمَا أُفٍّ[٣] وَلا تَنْهَرْهُمَا وَقُل لَّهُمَا قَوْلاً كَريماً. وَاخْفِضْ لَهُمَا جَنَاحَ الذُّلِّ مِنَ الرَّحْمَةِ وَقُلْ رَبِّ ارْحَمْهُمَا كَمَا رَبَّيَاني صَغِيراً ﴾ [الإسراء: ٢٣، ٢٤]، وقال تعالى: ﴿ وَوَصَّيْنَا الإنْسَانَ بِوالِدَيْهِ حَمَلَتْهُ أُمُّهُ وَهْناً عَلى وَهْنٍ[٤] وَفِصَالُهُ في عَامَيْنِ أنِ اشْكُرْ لي وَلِوَالِدَيْكَ ﴾ [لقمان: ١٤].

Худованд мефармояд:

**Ва Худоро бипарастед ва чизеро шарики вай қарор мадиҳед ва ба падар ва модар ва хешон ва ятимон ва гадоён ва ҳамсояи хешованд ва ба ҳамсояи бегона ва ба ҳамнишини бар паҳлӯ нишаста ва ба мусофир ва ба он чи дасти шумо моликаш шуда, (бардагонатон-ғуломонатон) некӯкорӣ кунед.** *(Нисо: 36)*

**Ва аз он Худое, ки ба номи ӯ аз якдигар суол мекунед, битарсед ва битарсед аз ҷудо шудани пайванди раҳм.** *(Нисо: 1)*

**Онон, ки пайваста доданд, он чиро, ки Худованд ба пайвастан ба васли он амр намуда.** *(Раъд: 21)*

**Ва амр кардем инсонро ба муомилаи нек кардан бо падар ва модараш.** *(Анкабут: 8)*

**Ва ҳукм кард Парвардигори ту, ки ҷуз Худоро ибодат макунед ва ба падар ва модари худ некӯкорӣ кунед. Ҳар гоҳ назди ту якеашон, ё ҳардуяшон ба калонсолӣ бирасад, пас бар эшон уфф магӯ ва бар онон бонг мазан ва сухани некӯ ба онҳо бигӯ ва барояшон бозӯи тавозуъро ба хотири меҳрубонӣ паст гардон ва бигӯ Парвардигорам, бар онон бибахшой, чунон ки маро дар хурдсолӣ парвариш намуданд.** *(Исро: 23-24)*

312 - Аз Абуабдураҳмон Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: аз пайғамбар (с) пурсидам, ки кадом корро Худованд дӯсттар медорад? Фармуд: намозро дар вақташ. Гуфтам: сипас кадомро? Фармуд: эҳсон ба волидайнро. Гуфтам: боз кадомро? Фармуд: ҷиҳод дар роҳи Худоро.

313 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Фарзанд ҳаққи падарро адо карда наметавонад, магар ин ки падарашро ғулом ёбад ва сипас ӯро харида озода кунад.

314 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Он кӣ ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, бояд меҳмони худро эҳтиром намояд ва касе, ки имон ба Худо ва рӯзи охират дорад, бояд силаи раҳмро пайваста дорад ва касе, ки имон ба Худо ва рӯзи охират дорад, бояд сухани некӯ гӯяд ва ё сукут ихтиёр намояд.

315 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун Худованд махлуқотро ба таври комил офарид, раҳм бархоста гуфт: Ин мақоми касест, ки аз қатъи раҳм ба ту паноҳ оварад. Худованд фармуд: Бале, оё розӣ намешавӣ, ки бипайвандам бо касе, ки ба ту мепайвандад ва бигсилам бо касе, ки аз ту мегсилад ва мебурад? Гуфт: Оре. Фармуд: Пас барои ту муҳаққақ аст. Сипас Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ мехоҳед бихонед *(яъне, ояи муборакаи)* «Пас эй соҳибони имони заиф, ҳаргоҳ мутаваллии умури мардум шавед, наздикед аз он ки табаҳкорӣ кунед дар замин ва

пайвандҳои раҳматонро бигсилед. Ин гурӯҳ ононеанд, ки Худованд эшонро лаънат намуда, пас карашон сохта ва чашмонашонро кӯр намуд». Ва дар ривояте аз Бухорӣ омада, ки Худованд фармуд: Касе, ки ба ту *(яъне, раҳм)* мепайвандад, бо ӯ мепайвандам ва аз касе, ки бо ту бибурад, аз ӯ мебурам ва мегсилам.

316 - Ва низ аз Абуҳурайра(р) ривоят аст, ки гуфт: марде ба ҳузури Пайғамбари Худо (с) омада, гуфт: ё Расулаллоҳ, кадом кас ба хушрафториам сазовортар аст? Он ҳазрат (с) фармуд: Модарат. Гуфт: боз кадом? Фармуд: Модарат. Гуфт: боз кадом? Фармуд: Модарат. Гуфт: боз кадом? Фармуд: Падарат! Ва дар ривояте омада, ки гуфт: Ё Расулуллоҳ (с)! Кадом кас ба ҳусни сӯҳбатам сазовортар аст? Фармуд: Модарат, боз модарат, боз модарат, боз падарат. Баъд аз он наздиктар ва наздиктар ба ту.

317 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки пайғамбар (с) фармуд: Ба хок молида шавад, ба хок молида шавад ва боз ба хок молида шавад, бинии он ки яке аз волидайнашро ва ё ҳар дуро ҳангоми калонсолӣ дарёбад, вале ҳаққашонро адо накарда бошад, пас ӯ ба биҳишт дохил нагардад.

318 - Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки марде гуфт: Ё Расулуллоҳ! Ман наздиконе дорам, ки бо эшон пайвастагӣ мекунам, вале онҳо бо ман қатъи робита менамоянд, ба онҳо некӣ менамоям ва онҳо бо ман бадӣ менамоянд. Дар баробарашон ҳилму бурдборӣ менамоям, вале онҳо бо ман ҷоҳилона рафтор менамоянд. Он ҳазрат (с) фармуд: Агар чунон бошӣ, ки мегӯӣ, гӯё хокистардоғро ба эшон мехӯронӣ *(яъне, эшон гунаҳкор мешаванд)* ва то ҳамин тавр бошӣ, ҳамеша Худованд туро бар эшон ёрӣ хоҳад дод.

319 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: касе, ки дӯст бидорад, ин ки рӯзӣ фарох гардида, бояд ки силаи раҳмашро *(бо наздикон)* пайваста бидорад.

320 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Абуталҳа дар миёни ансор дар Мадина аз ҳама бештар соҳиби дарахтони хурмо буд. Ва аз ҳамаи амволаш Байраҳоъ (боғчаи хурмо)-ро дӯст

медошт, ки рӯ ба рӯи масҷиди набавӣ қарор дошт. Расули Худо (с) ба он дохил мегардид ва аз оби ширини он менӯшид. Анас (р) гуфт чун ин оят нозил шуд: «Шумо ҳаргиз ба мақоми некӯкорон ва хосони Худо нахоҳед расид, то он ки аз он чи дӯст медоред, дар роҳи Худо харҷ кунед». Абуталҳа хидмати Расули Худо (с) омада гуфт: Ё Расулуллоҳ, Худованд бар ту нозил намуда: «Шумо ҳаргиз ба мақоми некӯкорон ва хосони Худо нахоҳед расид, то он ки аз он чи дӯст медоред, дар роҳи Худо харҷ кунед». Ва ман аз ҳамаи молам Байраҳоъро бештар дӯст медорам ва он барои Худо садақа аст ва аз Худованд хайру савоби онро мехоҳам. Пас онро ба ҷое, ки Худованд бароят нишон дода бигзор, Расули Худо (с) фармуд: Баҳ, ин молест судманд, ин молест судманд ва ҳамоно шунидам он чи ту гуфтӣ ва назарам ин аст, ки онро барои наздиконат бигардонӣ *(яъне, онро дар миёни ақорибат тақсим кунӣ)*. Абуталҳа (р) гуфт: Ин корро мекунам ё Расулуллоҳ ва Абуталҳа (р) онро дар миёни наздикон ва писарамакҳояш тақсим кард.

321 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки гуфт:бо шумо паймон мебандам бар ин ки ҷиҳод намуда ҳиҷрат кунам ва муздамро фақат аз Худованд бихоҳам. Он ҳазрат (с) фармуд: Оё яке аз падар ва модарат зиндаанд. Расули Худо (с) фармуд: аз Худованд музд мехоҳӣ? Гуфт: бале. Фармуд: ба сӯи падар ва модарат бозгард ва ба онон рафтори некӯ кун. Дар ривояти дигар аз ҳарду омада, ки марде омада ва аз он ҳазрат (с) иҷозаи ҷиҳодро хост. Эшон фармуданд: Оё падар ва модарат зиндаанд? Гуфт: Бале. Фармуд: дар хидмати онҳо ҷиҳод кун!

322 - Ҳамчунин аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: сарфи (пайваста доштан) пайванди қаробат кофӣ нест, балки пайвандиҳандаи ҳақиқӣ касест, ки чун пайванди қаробаташ қатъ гардад, онро пайваста бидорад.

323 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки пайғамбар (с) фармуд: Раҳм (*хешовандӣ*) бар Арш муъаллақ ва овезон буда ва мегӯяд:

он кӣ маро пайваста дорад, Худо ӯро пайваста дорад ва он кӣ маро қатъ мекунад, Худо ӯро қатъ кунад.

324 - Аз умулмӯъминин, Маймуна духтари Ҳорис (р) ривоят аст, ки вай канизеро озод намуд, бидуни ин ки аз паёмбар (с) иҷоза талабад. Чун рӯзе навбати ӯ расид, гуфт: Ё Расулуллоҳ. Оё хабар шудед, ки канизамро озод кардам? Фармуд: Оё ин корро кардӣ? Гуфт: Бале. Фармуд: Ҳар гоҳ онро ба тағоҳоят медодӣ, савоб фузунтар буд.

325 - Аз Асмоа духтари Абубакр (р) ривоят шуда, ки гуфт: Модарам дар замони Расули Худо (с) дар ҳоле, ки мушрик буд, ба хона омад. Аз паёмбар фатво талабида гуфтам: Модарам наздам омада, дар ҳоле, ки тамаъ дорад, ба ӯ кӯмак намоям, оё ба модарам расидагиву кӯмак намоям? Фармуд: Бале, пайвандатро бо модарат устувор ва ба ӯ кӯмак кун.

326 - Аз Зайнаби Сақафӣ ҳамсари Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Эй занон, садақа диҳед, ҳарчанд, ки аз зевару олоти шумо ҳам бошад. Гуфт: Вопас ба назди Ибни Масъуд баргашта, ба вай гуфтам, ки ту марди камсарватӣ. Ҳамоно Расули Худо (с) моро ба садақа додан дастур дод, хидмати он ҳазрат (с) бирав ва бипурс, ки ҳар гоҳ онро ба ту диҳам, масъулиятам бароварда мешавад ё онро ба дигаре диҳам? Абдуллоҳ гуфт: Худат бирав ва худам рафта, дидам, ки зане аз ансор бар остонаи хонаи паёмбар (с) истода, дар ҳоле, ки матлаби ман ва ӯ ҳар ду якест. Барои паёмбар (с) ҳайбате дода шуда буд. Билол назди мо баромада ва ба вай гуфтам: Ба ҳузури паёмбар (с) бирав ва бигӯ ду зан дар хона истодаанд ва аз шумо суол мекунанд, ки оё садақаашон бар шавҳаронашон ва ятимоне, ки таҳти сарпарастиашон аст, ҷавоз дорад? Ва аз ҷояшон кифоят мекунад? Ва магӯ, ки чӣ касе ҳастем. Билол хидмати он ҳазрат (с) расида, суол намуд. Расули Худо (с) аз вай пурсид, ки он ду зан киёнанд? Гуфт: Зайнаб ва зане аз ансор. Расули Худо (с) фармуд: Ин кадом Зайнаб аст? Гуфт: Ҳамсари Абдуллоҳ. Расули Худо (с) фармуд: Барои онҳо ду музд аст: Подоши қаробат ва подоши садақа.

327 - Аз Абусуфён (р) дар ҳадиси дарозаш дар қиссаи Ҳирақл омада, ки Ҳирақл ба Абусуфён гуфт, ки: Шуморо (паёмбари шумо) ба чӣ амр мекунад? Гуфт: Мегӯяд фақат Худои ягонаро бипарастед ва чизеро шарики ӯ маёваред ва он чиро, ки падарони шумо мегуфтанд, тарк намоед ва моро ба намоз, ростӣ, покдоманӣ ва пайваста доштани силаи раҳм амр мекунад.

328 - Аз Абузар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Шумо сарзаминеро фатҳ хоҳед намуд, ки дар он аз қирот бисёр сӯҳбат мешавад (Қирот пуле аст, ки баробар бо бисту чоряки динор аст). Ва дар ривояте омада: Зуд аст, ки шумо сарзамини Мисрро фатҳ кунед ва он сарзамине аст, ки аз қирот дар он зиёд ном бурда мешавад, пас бо мардумашон муомилаи нек кунед, зеро барои онон ҳаққи аҳду пайванди қаробат аст.

329 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун ин оят нозил шуд. **«Наздиконат аз қабилаи хешро бим деҳ»** (Шуаро: 214). Расули Худо (с) аз Қурайш даъват ба амал оварданд ва онҳо низ ҳама гирд омада, ичтимоъ карданд. Он ҳазрат (с) ом ва хос намуда гуфтанд: Эй фарзандони Абдушшамс ва эй фарзандони Каъб ибни Луай, худро аз дӯзах начот диҳед. Эй фарзандони Мурра ибни Каъб, хешро аз дӯзах начот диҳед. Эй фарзандони Абдулмуталиб, худро аз дӯзах начот диҳед, эй фарзандони Ҳошим, худро аз дӯзах начот диҳед. Эй фарзандони Абдулманоф, худро аз дӯзах начот диҳед. Эй Фотима, худатро аз дӯзах начот деҳ, зеро ман молики чизе аз сӯи Худо барои шумо нестам, ба чуз ин ки шумо бо ман робитаи ҳамхунӣ ва қаробат доред, ки онро ба чой хоҳам овард.

330 - Аз Абуабдуллоҳ Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Пайғамбари Худо (с) ба таври ошкоро ва бевосита шунидам, ки мефармуд: хонаводаи бани фалон дӯстони ман нестанд, ҳамоно дӯстони ман Аллоҳ ва мӯъминони солеҳанд, вале барояшон ҳаққи қаробат аст, ки онро пайваста хоҳам дошт.

331 - Аз Абуаюб, Холид ибни Зайди Ансорӣ (р) ривоят шуда, ки марде гуфт: Расули Худо (с), амалеро ба ман нишон

деҳ, ки маро ба Биҳишт дохил сохта ва аз дӯзах дур намояд. Паёмбар (с) фармуд: ин ки Худоро бипарастӣ ва ба ӯ чизеро шарик наёварӣ ва намозро барпо дорӣ ва закотро бидиҳӣ ва силаи раҳмро пайваста бидорӣ.

332 - Аз Салмон ибни Омир (р) ривоят аст, ки пайғамбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ касе аз шумо мехост рӯзаашро бикшояд, беҳтар аст, ки онро ба хурмо бикшояд, зеро ки дар он баракат аст ва агар хурмо наёфт, ба об ифтор намояд, зеро об пок аст ва фармуд: Садақа ба мискин садақа аст ва агар барои хешу табор диҳад, ҳам садақа аст ва ҳам силаи раҳм.

333 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Зане доштам, ки дӯсташ медоштам ва Умар (р) аз ӯ бад мебурд ва ба ман гуфт ӯро талоқ деҳ ва ман қабул накардам. Вай назди паёмбар (с) рафта, ин мавзӯъро ёд намуд. Паёмбар (с) фармуд: Ӯро талоқ деҳ.

334 - Аз Абудардо (р) ривоят шуда, ки марде наздаш омада гуфт: Зане дорам ва модарам амр мекунад, ки ӯро талоқ диҳам. Вай гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Модар (ва падар) дарвозаи миёни биҳишт аст, агар мехоҳӣ он дарвозаро аз даст деҳ ва ё онро барои хеш ҳифз кун.

335 - Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки пайғамбар (с) фармуд: хола монанди модар аст.

Дар ин боб аҳодиси саҳеҳ зиёд вуҷуд дорад, ки машҳур аст. Аз ҷумла ҳадиси ёрони ғор (ҳадиси шумораи 12) ва ҳадиси Ҷурайҷ, ки дар шумораи 259 қаблан зикраш гузашт ва аҳодиси машҳуре, ки дар Саҳеҳ аст, ки аз ҷиҳати ихтисор онро ҳазф намудам ва аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо ҳадиси дарози Амр ибни Абса (р) аст, ки шомили матолиби бисёре аз усул ва одоби ислом аст ва дар боби умеду раҷо иншоаллоҳ онро зикр хоҳам намуд. Вай гуфта, ки дар Маккаи мукаррама ба ҳузури паёмбар (с) омадам, яъне дар аввалин марҳилаи нубувват ва ба вай гуфтам: Ту кистӣ? Фармуд: Паёмбарам. Гуфтам: Паёмбар кист? Фармуд: Худованд маро фиристодааст. Гуфтам: Барои чӣ фиристодааст? Фармуд: Маро барои пайвастани силаи арҳом (пайвандҳои қаробат) ва шикастани бутҳо

фиристодааст ва ин ки Худованд якто шумурда шуда ва ба ӯ чизе шарик оварда нашавад. Ва тамоми ҳадисро зикр намуд валлоҳу аълам.

## БОБИ 41. Таҳрими нофармонии падару модар ва буридани пайванди қаробат ва хешовандӣ

قال الله تعالى: ﴿ فَهَلْ عَسَيْتُمْ إِنْ تَوَلَّيْتُمْ أَنْ تُفْسِدُوا فِي الأَرْضِ وَتُقَطِّعُوا أَرْحَامَكُمْ أُولَئِكَ الَّذِينَ لَعَنَهُمُ اللهُ فَأَصَمَّهُمْ وَأَعْمَى أَبْصَارَهُمْ ﴾ [محمد: ٢٢، ٢٣]، وقال تعالى: ﴿ وَالَّذِينَ يَنْقُضُونَ عَهْدَ اللهِ مِنْ بَعْدِ مِيثَاقِهِ وَيَقْطَعُونَ مَا أَمَرَ اللهُ بِهِ أَنْ يُوصَلَ وَيُفْسِدُونَ فِي الأَرْضِ، أُولَئِكَ لَهُمُ اللَّعْنَةُ وَلَهُمْ سُوءُ الدَّارِ ﴾ [الرعد: ٢٥]، وقال تعالى: ﴿ وَقَضَى رَبُّكَ أَلاَّ تَعْبُدُوا إِلاَّ إِيَّاهُ وَبِالْوَالِدَيْنِ إِحْسَاناً إِمَّا يَبْلُغَنَّ عِنْدَكَ الْكِبَرَ أَحَدُهُمَا أَوْ كِلاهُمَا فَلا تَقُلْ لَهُمَا أُفٍّ وَلا تَنْهَرْهُمَا وَقُلْ لَهُمَا قَوْلاً كَرِيماً وَاخْفِضْ لَهُمَا جَنَاحَ الذُّلِّ مِنَ الرَّحْمَةِ وَقُلْ رَبِّ ارْحَمْهُمَا كَمَا رَبَّيَانِي صَغِيراً ﴾ [الإسراء: ٢٣، ٢٤].

Худованд мефармояд:

**Пас эй соҳибони имони заъиф, ҳар гоҳ мутаваллии умури мардум шавед, наздикед аз он ки табаҳкорӣ кунед дар замин ва пайвандҳои раҳматонро бигсилед. Ин гурӯҳ ононеанд, ки Худованд эшонро лаънат намуда, пас корашонро сохт ва чашмонашонро кӯр намуд.** *(Муҳаммад (с): 22-23).*

**Онон, ки аҳди Худоро мешиканананд, пас аз устувор карданаш ва қатъ мекунанд он чиро, ки Худо ба пайванд карданаш амр намуда ва дар замин фасод мекунанд, пас он гурӯҳро лаънат аст ва барои онон аст душвории сарои охират.** *(Раъд: 25)*

**Ва Парвардигорат ҳукм намуд, ки ҷуз ӯро ибодат накунед ва бо падар ва модар некӯкорӣ намоед ва агар назди ту ба калонсолӣ якеашон ё ҳардуяшон бирасад, пас бар эшон уфф магӯ ва бар онон бонг мазан ва бо эшон сухани некӯ бигӯ ва бозӯи тавозуъи худро аз рӯи меҳрабонӣ барояшон бигустарон**

**ва бигӯ Парвардигорам, бар онон бибахшой, чунон ки маро дар кӯдакӣ парвариш намуданд.** *(Исро: 23-24)*

336 - Аз Абубакра Нуфайъ ибни Ҳорис (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Оё шуморо аз бузургтарин гуноҳони кабира бохабар насозам? Ва ин суханро се бор такрор намуданд. Мо гуфтем: оре, ё Расулаллоҳ. Фармуд: шарик овардан ба Худо ва нофармониву озори падару модар. Он ҳазрат (с) такя карда буданд, пас нишаста фармуданд: огоҳ бошед сухани дурӯғ ва шаҳодати дурӯғ ва онро ба андозае такрор намуд, ки гуфтем кош, сукут мефармуд.

337 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: гуноҳони кабира иборатанд; аз шарик овардан ба Худо, нофармонии падару модар, қатли нафс ва савганди ғамус, *(ғамус-оташи дӯзах).*

338 - Ҳамчунин аз вай ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Дашном додани падару модар аз ҷумлаи гуноҳони кабира аст. Гуфтанд: ё Расулаллоҳ оё касе падару модари худро дашном медиҳад? Фармуд: Бале, падару марди дигареро дашном медиҳад, ӯ дар иваз падари ӯро дашном медиҳад ва модари касеро дашном медиҳад ва ӯ ҳам модарашро дашном медиҳад.

Ва дар ривояте омада, ки: Аз ҷумлаи бузургтарин гуноҳони кабира ин аст, ки шахс падар ва модари худро лаънат кунад, гуфта шуд: Ё Расулуллоҳ, ин гуна мешавад, ки шахс падар ва модари худро лаънат кунад? Фармуд: Падари мардеро дашном медиҳад ва ӯ падарашро дашном медиҳад ва модари касеро дашном медиҳад ва ӯ дар иваз модарашро дашном медиҳад.

339 - Аз Абумуҳаммад Ҷубайр ибни Мутъим ривоят шуда, ки пайғамбар (с) фармуд: Бурранда ва қатъкунанда ба биҳишт дохил намегардад. Суфён дар ривояти худ гуфтааст, яъне қатъкунандаи силаи раҳм.

340 - Аз Абуисо Муғира ибни Шӯъба (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Худованд бар шумо ҳаром кардааст, озори падару модар ва надодани он чиро ки бар шумо воҷиб аст ва талаби он чиро ки аз шумо нест ва зинда ба гӯр кардани

духтаронро ва намеписандад барои шумо қил ва қол (*гуфтугӯи зиёд*) ва бисёрии суол во зоеъ кардани молро.

## БОБИ 42. Фазилати некӣ ва эҳсон ба дӯстон, падару модар ва наздикони ҳамсар ва дигар касоне, ки эҳтиромашон мустаҳаб аст

341 - Аз Абдуллоҳи Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Беҳтарини эҳсон ин аст, ки шахс дӯстии падарашро истимрор диҳад ва бо дӯстони падараш пайванди устувор дошта бошад.

342 - Аз Абдуллоҳ ибни Динор аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят шуда, ки марде аз бодиянишинон дар роҳи Маккаи мукаррама бо ӯ рӯбарӯ шуд. Абдуллоҳ (р) бар ӯ салом намуд ва ӯро бар харе, ки бар он савор мешуд, савор намуд ва саллаеро, ки бар сар дошт, ба ӯ дод. Ибни Динор мегӯяд: Ба ӯ гуфтам: Худо ҳолатро ислоҳ кунад, онҳо бодиянишинанд, ба андаке розӣ шаванд. Абдуллоҳ ибни Умар (р) гуфт: Падари ин шахс бо Умар (р) дӯст буда ва ман аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Аз беҳтарин некиҳо ин аст, ки шахс робитаашро бо дӯстони падараш ҳифз намояд. Ва дар ривояте Аз Ибни Динор Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки чун Ибни Умар ба тарафи Маккаи мукаррама мерафт, харе дошт, ки вақте аз савории шутур хаста мешуд, бар он савор мешуд, то хастагиаш рафъ шавад ва амомае дошт, ки бо он сарашро мебаст. Рӯзе дар ҳоле, ки бар он хар савор буд, бодянишине аз канораш гузашт ва гуфт: Оё ту фалон ибни фалон нестӣ? Гуфт: Оре. Пас харро ба ӯ дода ва гуфт: Бар ин савор шав ва саллаашро ба ӯ дода гуфт: Саратро ба он банд. Бархе аз дӯстонаш ба ӯ гуфтанд: Худованд туро биёмурзад. Харе, ки василаи роҳати ту дар сафар буд ва саллаеро ки бад-он сари худро мебандӣ, ба ин бодянишин додӣ? Вай гуфт: Ман аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳамоно аз ҷумлаи беҳтарин некиҳо ин аст, ки шахс робитаашро баъд аз марги падар бо дӯстони

падараш барқарор дошта бошад. Ва падари ӯ аз дӯстони Умар (р) буд.

343 - Аз Абуусайд Молик ибни Рабиъаи Соъидӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: дар лаҳазоте, ки мо назди паёмбар (с) нишаста будем, ногаҳон марде аз бани Салама омада гуфт: оё аз некӣ бар падару модар чизе монда, ки баъд аз маргашон онро ба ҷой овардам? Он ҳазрат (с) фармуд: Бале; дуъо барояшон ва ба ҷо овардани аҳдашон баъд аз эшон ва силаи раҳме, ки бидуни онҳо пайваста намегардад ва эҳтироми дӯстонашон.

344 - Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки гуфт: ба андозаи Хадиҷа (р) бар ҳеҷ зане аз занони паёмбар (с) рашк набурдам, дар ҳоле ки ҳаргиз ӯро надидам, лекин Расули Худо (с) бисёр аз вай ёд менамуд ва басо мешуд, ки гӯсфандеро кушта ва аъзои онро қитъа-қитъа намуда, ба дӯстони Хадиҷа мефиристоданд ва ман чӣ басо барояшон мегуфтам: гӯӣ ҷуз Хадиҷа ҳеҷ зане вуҷуд надоштааст ва он ҳазрат (с) мефармуд: Ҳамоно ӯ чунин буд ва чунон буд ва ман аз ӯ авлод ва фарзандҳо доштам.

Ва дар ривояте омада, ки он ҳазрат (с) гӯсфандро кушта ва аз он ба микдори кофӣ барои дӯстони Хадиҷа (р) мефиристод. Ва дар ривояте омада, ки чун гӯсфандро забҳ мекард, мефармуд: Онро барои дӯстони Хадиҷа бифиристед. Ва дар ривояте омада, ки гуфт: Ҳола духтари Хувайлид хоҳари ҳазрати Хадиҷа аз он ҳазрат (с) иҷозаи духул хост. Расули Худо (с) аз иҷоза хостани ӯ ба ёди иҷозат хостани Хадиҷа (р) афтод «чун садояш нағмаи садои Хадиҷа (р)-ро дошт» ва ниҳоят шод шуда фармуд: Эй Худо! Ин Ҳола духтари Хувайлид аст! Ва дар ривояте омада, ки бо омадани вай *(ба ёди Хадиҷа)* афтода, ғамгин шуданд.

345 - Аз Анас ибни Молик (р) ривоят шуда, ки гуфт: Бо Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ (р) ба сафаре баромадам ва ӯ хидмати маро менамуд. Ва ман ба ӯ гуфтам, ин корро макун. Ӯ гуфт: Ансорро дидам, ки чунон бархӯрде бо Паёмбари Худо (с) мекарданд, ки ман савганд хӯрдам ҳаргиз бо яке аз онҳо

ҳамсафар нахоҳам шуд, магар ин ки ман барояш хидмат хоҳам кард.

## БОБИ 43. Эҳтиром ба аҳли байт ва хонадони Расули Худо саллаллоҳу алайҳи васаллам ва баёни фазилаташон

قال الله تعالى: ﴿ إِنَّمَا يُرِيدُ اللهُ لِيُذْهِبَ عَنْكُمُ الرِّجْسَ(٢) أَهْلَ الْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيراً ﴾ [الأحزاب: ٣٣] وقال تعالى: ﴿ وَمَنْ يُعَظِّمْ شَعَائِرَ اللهِ فَإِنَّهَا مِنْ تَقْوَى الْقُلُوبِ ﴾ [الحج: ٣٢].

Худованд мефармояд:

**Ҷуз ин нест, ки Худо мехоҳад, то аз шумо аҳли байт палидиро дур намояд ва шуморо ба пок кардани пок созад.** *(Аҳзоб: 33)*

**Ҳар кӣ шаъоири Худоро таъзим кунад, пас ин (таъзим) аз тақвои дилҳост.** *(Ҳаҷ: 32)*

346 - Аз Язид ибни Ҳайён (р) ривоят шуда, ки гуфт: ман ва Ҳусайн ибни Сабра ва Умар ибни Муслим назди Зайд ибни Арқам (р) рафтем ва чун ба наздаш нишастем, Ҳусайн барояш гуфт: эй Зайд, ту бо хайри зиёде рӯ ба рӯ шудаӣ ва Расули Худо (с)-ро дидаӣ ҳадиси муборакашро шунидаӣ ва бо ӯ ҷиҳод кардаӣ ва ба пушти сараш намоз гузоридаӣ! Эй Зайд, ту бо хайри зиёде рӯ ба рӯ шудаӣ, пас эй Зайд, аз он чи аз Пайғамбари Худо (с) шунидаӣ барои мо сӯҳбат кун. Гуфт: эй ибни бародар, ба Худо синни ман зиёд шуда ва умри зиёде бар ман гузашта ва бархе аз он чиро ки барои шумо мегӯям, қабул кунед ва он чиро, ки нагӯям, манро ба он маъмур насозед, пас гуфт: Рӯзе Паёмбари Худо (с) дар обе, ки ба номи Хум ёд мешуд ва дар миёни Макка ва Мадина буд, дар миёни мо бархоста, хутба хонд ва ҳамду санои Худоро ба ҷо оварда ва мавъиза намуду панд дод ва баъд фармуд: Аммо баъд, эй мардум! Огоҳ бошед, ки ҳамоно ман башаре ҳастам ва наздик аст, ки фиристодаи Парвардигорам ба суроғам ояд ва ӯро иҷобат кунам ва ман

ду чизи бузургро дар миёни шумо тарк мекунам, аввалашон Китоби Худо аст, ки дар он ҳидоят ва нур аст, пас ба Китоби Худо амал намуда ва ба он чанг занед. Баъд ба Китоби Худо тарғиб намуда, фармуд: ва аҳли байти ман, дар бораи хонаводаам Худоро барои шумо ёдовар мешавам. Ҳусайн (р) ба ӯ гуфт: эй Зайд, аҳли байташон киёнанд? Оё занонашон аз аҳли байташ нестанд? Гуфт: занонаш аз аҳли байти ваянд, вале аҳли байти вай касест, ки садақа баъд аз вай бар ӯ ҳаром бошад. Гуфт: онҳо киёнанд? Гуфт: онон авлоди Алӣ, авлоди Ақил, авлоди Ҷаъфар ва авлоди Аббосанд. Гуфт: бар тамоми инҳо садақа ҳаром гардонида шудааст? Ҷавоб дод: Бале.

Ва дар ривояте омада: Огоҳ бошед, ки ман дар миёни шумо ду чизи бузургро мегузорам. Яке аз онҳо Китоби Худо аст ва он ресмони Худо аст. Касе ки аз он пайравӣ кунад, ҳидоят меёбад ва касе, ки онро тарк кунад, бар гумроҳӣ мебошад.

347 - Аз Ибни Умар (р), аз Абубакри Сиддиқ (р) ба шакли мавқуф ривоят шуда, ки гуфт: муроъоти Муҳаммад (с)-ро дар хонаводааш бикунед.

348 - Аз Абумасъуд Уқба ибни Амри Бадрӣ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Имоматӣ диҳад гурӯҳро, он ки қоритар аст ба китоби Худо ва агар дар қироат баробар буданд, донотарашон ба суннат ва агар дар дониши суннат ҳам баробар буданд, он ки қаблан ҳиҷрат карда ва агар ба ҳиҷрат баробар буданд, бузургтарашон аз назари синну сол. Ва имомат надиҳад шахс, шахси дигарро дар мавзеъи қудрату вилояташ ва наншинад, бар нишастгоҳи ӯ дар хонааш, магар ба иҷозаи худаш. Ва дар ривояте ивази «синан», «силман» ё «исломан» омада. Яъне он ки пештар мусалмон шуда бошад. Ва дар ривояте омада, ки имоматӣ диҳад, қавмро касе, ки қоритар аст, ба китоби Худо ва он ки дар қироат пешқадамтар аст ва агар дар қироат баробар буданд, он ки қаблан ҳиҷрат карда, имоматашон диҳад ва агар дар ҳиҷрат баробар буданд, бузургтарашон онҳоро имоматӣ диҳад.

349 - Ва низ аз Абумасъуди Бадрӣ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) дар намоз шонаҳои моро даст кашида мегуфтанд. Баробар биистед ва ихтилоф накунед, то дилҳои шумо мухталиф нашавад ва бояд оқилон ва болиғон ба ман наздик шаванд, баъдан касоне, ки баъд аз эшонанд (кӯдакон) ва боз касоне, ки пас аз эшонанд (занон).

## БОБИ 44. Эҳтироми уламо ва бузургон ва аҳли дониш ва муқаддам доштанашон, бар дигарон ва арзиш қоил шудан ба маҷолисашон ва муҳим шумурдани он ва эътироф ба мақом ва мартабаашон

قال الله تعالى: ﴿ قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُوا الْأَلْبَابِ ﴾ [الزمر: ٩].

Худованд мефармояд:

**Бигӯ онон, ки медонанд ва онон кӣ намедонанд, баробаранд? Ҷуз ин нест, ки хирадмандон пандпазир мешаванд.** *(Зумар: 9)*

350 - Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо(с) фармуд: бояд болиғон ва оқилон ба наздики ман истода шаванд ва сипас касоне, ки ба онҳо наздиканд ва се бор ин суханро такрор карданд. Аз сару садое, ки дар бозорҳост ва аз ихтилот ва мунозиъа ва садо баланд кардан ва сухани беҳуда ва фитнаҳое, ки дар он ҳаст, дурӣ ҷӯед.

351 - Аз Абуяҳё ва гуфта шуда аз Абумуҳаммад Саҳл ибни Аби Ҳасмаи Ансорӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Абдуллоҳ ибни Саҳл ва Муҳайса ибни Масъуд ба Хайбар рафтанд, дар ҳоле ки дар он ҷо сулҳ сурат гирифта буд ва дар он ҷо аз ҳам ҷудо шуданд ва Муҳайса ба тарафи Абдуллоҳ ибни Саҳл рафт, ки кушта шуда ва дар хуни худ ғӯттавар гашта буд ва ӯро дафн намуд ва баъд аз он ба Мадина омад. Абдураҳмон ибни Саҳл ва Муҳайса ва Ҳувайса фарзандони Масъуд хидмати

Пайғамбари Худо (с) рафтанд. Абдураҳмон хост ба сӯҳбат шурӯъ кунад. Он ҳазрат (с) фармуд: бигзор бузургтар сӯҳбат кунад. Азбаски ӯ кучактарини қавм буд, сукут кард ва он ду нафари дигар сӯҳбат карданд, он ҳазрат (с) фармуд: Оё савганд мехӯред ва қотили худро дармеёбед (*яъне мустаҳиқи қасос кардани қотили худ мешавед?*) ва ҳама ҳадисро зикр кард.

352 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) ду нафар аз шуҳадои Уҳудро як ҷо намуда, ба қабр гузошта ва мефармуд: кадом якашон Қуръонро бештар ҳифз доранд ва чун ба сӯи яке аз онҳо ишора мешуд, ӯро дар гӯр ҷилавтар мегузошт.

353 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки пайғамбари Худо (с) фармуд: Ба хоб дидам, ки мисвок мекунам ва ду нафар наздам омаданд, ки яке аз дигаре бузургтар буд, ман мисвокро ба кучактар додам, ба ман гуфта шуд ба бузургтар бидеҳ ва ман ҳам онро ба бузургтар додам.

354 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки пайғамбари Худо (с) фармуд: Эҳтиром намудани мӯйсафеди мусалмон ва ҳофизи Қуръоне, ки дар он ғулув накунад ва тибқи он амал намояд ва қудратманде, ки дар миёни раъияти худ адл кунад, аз ҷумлаи таъзими Худованди таъоло ба шумор меравад.

355 - Аз Амр ибни Шуъайб аз падараш аз бобояш (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: касе, ки ба кучаки мо раҳм накарда ва ба шарофати бузурги мо ошно набошад, *(ба бузургон эҳтиром накунад ва шарафашонро дар назар надошта бошад)* аз мо нест.

356 - Аз Маймун ибни Абишабиб (р) ривоят шуда, ки гадое аз канори Оиша (р) гузашт ва ӯ барояш тиккаи ноне дод ва пас аз он марди хушҳайкал ва либос, бар ӯ гузашт. Вай ӯро шинонд, то ғизо хӯрад. Дар ин маврид ба вай гуфта шуд (ба ӯ эътироз шуд) ӯ гуфт: Расули Худо (с) фармуда аст: Ҳар касеро ба ҷойгоҳаш қарор диҳед. Абудовуд ин ҳадисро зикр намуда гуфт, ки Маймуна Оишаро дарнаёфтааст, вале Муслим дар аввали Саҳеҳи хеш ин ҳадисро муаллақ зикр намуда гуфт: Ва аз Оиша (р) ёд шудааст, ки гуфт: Расули Худо (с) моро амр намуд, ки мардумро мувофиқи мақому манзалаташон дар

ҷойгоҳшон қарор диҳем ва Ҳоким онро дар китобаш «Маърифату улуми-л-ҳадис» оварда ва гуфта, ки ҳадиси саҳеҳ аст.

357 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Уяйна ибни Ҳисн ба хонаи бародарзодааш Ҳур ибни Қайс фуруд омада ва ӯ (Ҳур) аз ҷумлаи касоне буд, ки Умар (р) онҳоро муқарраб медошт ва қориёни Қуръон пиру ҷавонашон, ҳамнишинон ва мушовирини ӯ буданд. Уяйна ба бародарзодааш гуфт: Эй ибни бародарам! Ту дар назди ин амир мақоме дорӣ, аз ӯ бихоҳ, ки маро ба ҳузураш бихоҳад ва ӯ аз Умар (р) иҷоза хост. Ҳазрати Умар (р) ҳам иҷоза дод ва чун дохил шуд гуфт: Ҳон, эй Ибни Хаттоб! Ба Худо, ту барои мо бахшиши зиёд намедиҳӣ ва дар миёни мо одилона ҳукм намекунӣ. Умар (р) хашмнок шуда, хост ӯро бизанад. Ҳур ба ӯ гуфт: Эй амиралмӯъминин! Худованд барои паёмбар (с) гуфт: **«Авф пеша кун ва амри ба маъруф намо ва аз нодонон эъроз кун»**. Ва ин аз зумраи ҷоҳилон аст. Валлоҳ чун Умар (р) онро шунид аз ӯ гузашт намуд ва ӯ сахт дар баробари китоби Худо истодагӣ дошт (яъне дастуроти онро) ҳеҷ гоҳ нодида намегирифт.

358 - Аз Абусаъид Самура ибни Ҷундуб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ман дар замони Расули Худо (с) тифл будам ва он чиро аз ӯ мешунидам, ҳифз мекардам ва чизе монеъи сӯҳбат карданам намешуд, магар ин ки дар он ҷо мардони бузургтар аз ман буданд.

359 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ ҷавоне пиреро ба воситаи синаш эҳтиром намекунад, магар ин ки Худованд дар вақти пирияш касеро муваззаф мекунад, ки ба ӯ эҳтиром кунад.

## БОБИ 45. Мулоқот бо мардуми хайрманд ва ҳамнишинӣ ва муҳаббат бо онон ва дархости мулоқот ва дуъо аз эшон ва дидор аз ҷойҳои хуб

**Худованд мефармояд:**

**Ва ёд кун, чун Мӯсо ба рафиқи навҷавонаш гуфт: даст аз талаб барнадорам, то ба Маҷмаъу-л-баҳрайн бирасам, ё муддати дарозро дар талаб бигзаронам.** То ин фармудаи Аллоҳ таъоло: **Гуфт ӯро Мӯсо, оё пайравии ту кунам, ба шарте, ки аз илми ладуние, ки омӯхтаӣ, маро биёмузонӣ.** (*Каҳф: 60-66*)

**Ва худро бо онон, ки Парвардигори худро дар субҳ ва шом ёд мекунанд ва ҳадафашон ризои ӯ таъоло аст, нигаҳ дор.** ***(Каҳф: 2)***

360 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки ҳазрати Абубакр (р) баъд аз вафоти Расули Худо (с) ба ҳазрати Умар (р) гуфт: моро ба хонаи умми Айман бибар, ки ӯро мулоқот кунем. Ҳамон тавр, ки Расули Худо (с) ба мулоқоташ мерафт ва чун ба хонаи вай расиданд, умми Айман (р) гирист. Ба вай гуфтанд: чаро гиря мекунӣ? Оё намедонӣ, ки он чи дар назди Худованд барои Расули Худо (с) аст, беҳтар аст. Гуфт: ман гиря намекунам, ман медонам он чи ки барои Расули Худо (с) дар назди Худованд аст, беҳтар аст, вале ман аз ин рӯ мегирям, ки ваҳйи осмонӣ қатъ шудааст ва ӯ ҳардуяшонро ба гирья водошт ва бо вай шурӯъ ба гиря карданд.

361 - Аз Абуҳурайра (р) аз Пайғамбари Худо (с) ривоят шуда, ки марде бародаре аз бародаронашро, ки дар деҳаи дигар буд, дидор кард. Худованд дар роҳи ӯ фариштаеро муваззаф сохт, (*то ӯро нигаҳбонӣ кунад ва ҳамзамон ба ӯ муждаи некӯ диҳад*) ва чун ба вай расид, гуфт: куҷо меравӣ? Гуфт: мехоҳам бародареро дар ин қаря дидор кунам. Гуфт: оё бар ӯ ҳақи неъмате дорӣ, мехоҳӣ ин риштаро тақвият кунӣ? Гуфт: на, ҷуз ин ки ман ба воситаи Худо ӯро дӯст медорам. Гуфт: Ман фиристодаи Худо ба сӯи ту ҳастам, бар ин ки Худованд туро дӯст медорад, чунончи ки ту ӯро барои Худованд дӯст медорӣ.

362 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки бемореро аёдат кунад, ё бародаре аз бародаронашро барои Худо дидор намояд, мунодие аз малоика эълон мекунад, ки хушо ба ҳолат ва некӯст рафтанат ва ҷӣ ҷойгоҳи зебоеро, ки дар биҳишт барои худ муҳайё намудӣ.

363 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Мисоли ҳамнишини солеҳ ва ҳамнишини бад монанди дорандаи мушк ва дамандаи дамаи оҳангар аст, ки дорандаи мушк ё бароят мушк медиҳад ва ё аз вай харидорӣ мекунӣ ва ё аз ӯ бӯи хушро меёбӣ. Вале дамандаи дамаи оҳангар ё либосатро месӯзонад ва ё аз ӯ бӯи бад ба машомат мерасад.

364 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Зан барои чаҳор чиз ба никоҳ гирифта мешавад. Молаш, ҳасаб ва насабаш, зебоияш ва динаш. Ва ту барои ба даст овардани зани диндор иқдом кун, дастҳоят хоколуда шавад *(шоду хуррам зиндагӣ кунӣ)*.

365 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) ба Ҷабраил (р) фармуд: Чӣ чиз туро боз медорад аз ин ки моро бештар мулоқот кунӣ? Пас оят нозил шуд, ки **(Мо фариштагон ҷуз ба амри Худои ту нозил намешавем, ӯрост он чи пеши рӯ ва пушти сари мост ва он чӣ дар миёни он аст).**

366 - Аз Абусаиди Худрӣ (р) аз паёмбар (с) ривоят шуда, ки фармуд: Ҳамсӯҳбатӣ ҷуз бо мусалмон макун ва таъоматро касе, ҷуз парҳезгор нахӯрад.

367 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: ҳар шахс бар дини дӯсташ аст, пас бингарад ҳар кадоматон, ки бо чӣ касе дӯстӣ мекунад.

368 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) аз паёмбар (с) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар шахс ҳамроҳи касе ҳашр мегардад, ки дӯсташ медорад. Ва дар ривояте омада, ки гуфт: барои паёмбар (с) гуфта шуд: Марде гурӯҳи аҳли салоҳро дӯст медорад, дар ҳоле ки ҳанӯз ба онҳо напайвастааст? Он ҳазрат (с) фармуд: шахс ҳамроҳи касест, ки дӯсташ медорад, *(ё ин ки дар қиёмат ҳамроҳи ӯ ҳашр мегардад)*.

369 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки бодиянишине барои Расули Худо (с) гуфт: қиёмат чӣ вақт аст? Расули Худо (с) фармуд: Чӣ барои он муҳайё кардӣ? Гуфт: дӯстии Худо ва расули ӯро. Он ҳазрат (с) фармуд: ту дар қиёмат ҳамроҳи касе ҳашр мешавӣ, ки дӯсташ медорӣ.

370 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Марде хидмати Расули Худо (с) омада ва гуфт: Ё Расулуллоҳ! Дар мавриди касе, ки қавмеро дӯст медорад, вале ҳанӯз ба онҳо напайваста, чӣ мегӯӣ? Расули Худо (с) фармуд: Шахс ҳамроҳ бо касест, ки дӯсташ медорад.

371 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Мардум маъодине ҳастанд, монанди маъданҳои тилло ва нуқра, бартарашон дар ҷоҳилият, бартарашон дар ислом аст, албатта ҳар гоҳ донишманд шаванд. Ва арвоҳ монанди лашкарҳое гирд омадааст, он чи аз онҳо бо ҳам шинохт ҳосил намояд, бо ҳам улфат мегирад ва он чи аз онҳо бо ҳам шинохт ҳосил накунад, бо ҳам ихтилоф мекунад.

372 - Аз Усайр ибни Амр, ки Ибни Ҷобир ҳам гуфта мешуд, ривоят шуда, ки гуфт: Ҳангоме, ки кӯмакҳои *(муҷоҳидин кӯмаке, ки барои сипоҳи ислом меомаданд)* мардуми Яман ба ҳазрати Умар (р) мерасид, аз онҳо мепурсид, ки оё Увайс ибни Омир дар миёнашон вуҷуд дорад? То ин ки худ назди Увайс (р) омаду ба ӯ гуфт: Ту Увайс ибни Омирӣ? Гуфт: Бале. Гуфт: Аз қабилаи Мурод ва батни Қаран? Гуфт: Бале. Гуфт: Дар тани ту песие вуҷуд дошт, ки аз он шифо ёфтӣ, магар ҷойи як дирҳам? Гуфт: Бале. Гуфт: Модар дорӣ? Гуфт: Бале. Гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Увайс бинни Омир аз қабилаи Мурод ва шохаи Қаран бо афроди кӯмакии Яман назди шумо меояд, дар ҷисми ӯ песӣ буд ва аз он шифо ёфт, магар ҷои як дирҳам ва ӯро модарест, ки бисёр зиёд хидматашро мекунад, ки агар ба Худо қасам хӯрад, ӯро содиқ мегардонад.

Агар тавонистӣ, ки бароят истиғфор кунад, ин корро бикун, пас бароям истиғфор кун ва ӯ барояш истиғфор кард. Умар (р) ба ӯ гуфт: Куҷо меравӣ? Гуфт: Ба Куфа. Гуфт: Оё бароят ба волии он нома нанависам? Гуфт: Агар дар миёни мардум гумном бошам, ба ман беҳтар аст. Чун соли оянда мавсими ҳаҷ фаро расид, марде аз ашрофашон ба ҳаҷ омада, бо Умар (р) рӯбарӯ шуд. Умар (р) роҷеъ ба Увайс аз ӯ пурсид. Ӯ гуфт: Ӯро бо хонаи ҳақир ва васоили кӯҳна дар он ҷо гузоштам. Умар (р) гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд:

Увайс ибни Омир бо кӯмакҳои мардуми Яман, ки аз қабилаи Мурод ва шохаи Қаран аст, бар шумо ворид мешавад. Дар вуҷудаш песӣ буд ва аз он шифо ёфт, ба ҷуз ҷои як дирҳам ва модаре дорад, ки бисёр зиёд хидматашро мекунад, ки агар ба Худо қасам хӯрад, ӯро ҳатман содиқ мегардонад, пас агар тавонистӣ, ки板 бароят омурзиш талабад, ин корро бикун. Он мард назди Увайс (р) омада гуфт: Бароям истиғфор кун. Увайс (р) гуфт: Ту тоза аз сафари неке омадаӣ, ту бароям омурзиш биталаб ва гуфт: Оё Умар (р)-ро дидӣ? Гуфт: Бале. Ва барои ӯ омурзиш талабид ва мардум аз ҳоли ӯ бохабар шуданд ва ӯ аз он минтақа рафт.

Ва дар ривояте аз Муслим аз Усайр ибни Ҷобир омада, ки ҳайате аз мардуми Куфа назди ҳазрати Умар (р) омаданд ва дар миёнашон марде буд, ки Увайс (р)-ро тамасхур менамуд. Умар (р) гуфт: Оё ин ҷо кадом касе аз Қарани мо вуҷуд дорад? Он мард омад. Умар (р) гуфт, ки: Расули Худо (с) фармуд: Марде аз Яман назди шумо меояд, ки Увайс ном дорад ва ба ҷуз як модар касе аз вай дар Яман намемонад. Дар вуҷудаш песие буд, ки ба даргоҳи Худованд дуъо намуд ва маразашро шифо дод, ба ҷуз мавзеъи як динор ё як дирҳам ва он ки аз шумо вайро мулоқот кунад, бояд бароятон ӯ омурзиш талабад. Ва дар ривояте аз Муслим (р) аз ҳазрати Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ман аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Беҳтарин тобеъин мардест Увайс, ки бароятон омурзиш талабад.

373 - Аз Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз паёмбар (с) барои адои умра иҷозат хостам. Он ҳазрат (с) барои ман иҷозат дод ва фармуд: бародаракам, маро аз дуъоят фаромӯш макун. Калимае гуфт, ки шод намешавам, агар дар баробари он бароям дунё дода шавад ва дар ривояте омада, ки гуфт: бародаракам, моро дар дуъои худ шарик гардон.

374 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) пиёда ва савора ба Қубо омада, дар он ду ракаъат намоз мегузорид.

Ва дар ривояте омада, ки Паёмбари Худо (с) ҳар шанбе пиёда ва савора ба масҷиди Қубо ташриф меоварду ва Ибни Умар (р) худ низ ин корро анҷом медод.

## БОБИ 46. Фазилати дӯстӣ барои Худо ва ташвиқ бар он ва огоҳ намудани шахс касеро, ки дӯсташ медорад, ин ки вайро дӯст медорад ва он чи мухотаб баъд аз хабар додани ӯ ба вай мегӯяд

قال الله تعالى: ﴿ مُحَمَّدٌ رَسُولُ الله والَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ ﴾ [الفتح: ٢٩] إلى آخِرِ السورة. وقال تعالى: ﴿ وَالَّذِينَ تبوَّؤُوا الدَّارَ والإيمَانَ(١) مِنْ قَبْلِهِم يُحِبُّونَ مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ ﴾ [الحشر: ٩].

Худованд мефармояд:

**Муҳаммад (с) Фиристодаи Худо аст ва касоне, ки бо Ӯ ҳастанд, бар кофирон сахтгир ва дар миёни хеш меҳрубонанд.** *(Фатҳ: 29) (то охири сура).*

**Ва низ бароиононест, ки қабл аз ҳиҷрат Мадинаро Дору-л-Ислом қарор дода, имон оварданд, ки дӯст медоранд ононеро, ки ба сӯяшон ҳиҷрат мекунанд.** *(Ҳашр: 9)*

375 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ се хислат дар шахс мавҷуд бошад, лаззату ширинии имонро дармеёбад, ин ки Худо ва расулаш аз ҳама кас барои вай маҳбубтар бошад ва ин ки шахсро фақат барои Худо дӯст бидорад ва ин ки зишт пиндорад, ки ба куфр бозгардад, баъд аз ин ки Худованд ӯро наҷот додааст, чунон ки зишт мепиндорад, ки дар оташ андохта шавад.

376 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳафт касанд, ки Худованд ононро дар сояи Аршаш дар рӯзе, ки сояе ҷӯз сояи Аршаш вуҷуд надорад, ҷой медиҳад. Зимомдор ва роҳбари додгустар ва ҷавоне, ки дар ибодати Худои азза ва ҷалла нашъунамо ёфта ва марде, ки дилаш ба масоҷид пайвастааст ва ду марде, ки барои Худо бо ҳам дӯст шуданд, барои ӯ бо ҳам як ҷо шуданд ва барои ӯ аз ҳам

пароканда гаштанд, (*яъне барои ин дӯстӣ то дами марг пойдорӣ карданд ва аворизи дунявӣ боиси қатъи ин пайванд нашуд*) ва марде, ки зани зебову мақбул аз ӯ талаби ҳамбистарӣ кард ва ӯ гуфт: ман аз Худо метарсам ва марде, ки пинҳонӣ садақа дод, ба гунае ки дасти чапаш аз он чи дасти росташ инфоқ карда, бохабар нашуд ва марде, ки дар танҳоӣ Худоро ёд намуд ва ашк аз чашмонаш сарозер шуд.

377 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованди таборак ва таъоло дар рӯзи қиёмат мефармояд: куҷоянд касоне, ки дар ҷалоли ман бо ҳам дӯстӣ карданд, то онҳоро имрӯз дар сояи Аршам, дар рӯзе, ки сояе ҷуз сояи Аршам вуҷуд надорад, ҷой диҳам.

378 - Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ба биҳишт ворид намешавед, то имон оваред ва мӯъмин ба шумор намеравед, то ба ҳам дӯстӣ кунед. Оё шуморо ба коре раҳнамоӣ накунам, ки чун онро амалӣ кунед, бо ҳам муҳаббат ва дӯстӣ менамоед? Салом доданро дар миёнатон ошкор кунед.

379 - Аз Абуҳурайра (р) аз паёмбар (с) ривоят аст, ки марде бародареро, ки дар қаряи дигар дошт, дидан намуд. Худованд дар сари роҳаш фариштаеро қарор дод ва ҳадисро зикр намуд, то расид ба ин гуфта ки: Ҳамоно Худованд туро дӯст гирифт, чунон ки ӯро барои Худо дӯст гирифтӣ.

380 - Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) дар мавриди ансор ризвонуллоҳ алайҳим аҷмаъин, фармуд: дӯст намедорад ононро, магар мӯъмин ва бо онҳо кинатӯзӣ намекунад, ҷуз мунофиқ. Касе ки ононро дӯст бидорад, Худо ӯро дӯст медорад ва он ки ба эшон кинатӯзӣ кунад, Худо бо вай кинатӯзӣ менамояд.

381 - Аз Муъоз ривоят шуда, ки гуфт: аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: Худованд ҷалла ҷалолуҳу фармуд: барои ононе ки дар ҷалоли ман, (барои ман бо ҳам меҳр меварзанд, минбарҳое аз нур аст, ки паёмбарон ва шуҳадо бар он ғибта мехӯранд.

382 - Аз Абуидриси Хавлонӣ ривоят шуда, ки гуфт: Ба масҷиди Димишқ ворид шуда ва ҷавонеро дидам, ки дандонҳои сафед дошт ва мардум бо ӯ буданд ва чун дар амре ихтилоф мекарданд, мавзӯъро ба ӯ ҳавола намуда, назарашро мепазируфтанд. Дар борааш пурсиш намудам, ба ман гуфта шуд, ки ӯ Муъоз ибни Ҷабал (р) аст. Чун он рӯз расид, рафта дидам, ки ӯ аз ман зудтар омада, намоз мегузорад, мунтазир мондам, то намозашро адо намуд ва сипас пештар наздаш омада, бар ӯ салом карда гуфтам: Ба Худо қасам, барои Худо дӯстат медорам. Гуфт: Туро ба Худо? Гуфтам: Оре. Гуфт: Туро ба Худо. Гуфтам: Оре. Пас аз он гӯшаи ридои маро гирифта, ба сӯяш кашид ва гуфт: Мужда бод туро! Ман аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Худованд фармуд: Воҷиб шуд. Муҳаббатам барои ононе, ки барои ман бо ҳам дӯстӣ намоянд ва бо ҳам биншинанд ва ба мулоқоти ҳамдигар раванд ва ба ҳамдигар бахшишу базл намоянд.

383 - Аз Абукарима Миқдод ибни Маъдикариб (р) аз паёмбар (с) ривоят шуда, ки фармуд: Ҳар гоҳ шахсе бародарашро дӯст медорад, бояд вайро огоҳ кунад, ки ӯро дӯст медорад.

384 - Аз Муъоз (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) дасти маро гирифта фармуд: Эй Муъоз, ба Худо ман туро дӯст медорам ва сипас туро тавсия мекунам, ки дар пайи ҳар намоз ин дуоро тарк макун, ки: **«Аллоҳумма аъинни ъалозикрика...»** Худоё маро бар ёд ва шукру ибодатат ба ваҷҳи писандида ёрӣ фармо!

385 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки шахсе дар ҳузури паёмбар (с) буд, ки марде аз канораш гузашт ва гуфт: эй Расули Худо (с), ман ин шахсро дӯст медорам. Паёмбар (с) фармуд: Оё ӯро хабар кардӣ? Гуфт: на. Гуфт: Бохабараш кун. Он шахси мазкур ба дунболи вай рафта, ӯро дарёфта гуфт: ман туро барои Худо дӯст медорам ва он мард гуфт: дӯст бидорад туро Зоте, ки маро барояш дӯст медорӣ.

386 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд фармуд: Ононе, ки ба дӯстӣ аз дӯстонам душманӣ кунад, бо ӯ эълони ҷанг кардаам ва наздикӣ намеҷӯяд ба ман бандаам ба чизе, ки дӯстдоштанитар бароям бошад, аз он чи, ки бар вай фарз сохтаам ва ҳамеша бандаам ба василаи навофил бо ман наздикӣ меҷӯяд, то ин ки дӯсташ медорам ва чун дӯсташ доштам, шунавои ӯ мешавам, ки бад-он мешунавад ва биноияш, ки бад-он мебинад ва дасте, ки бо он ҷанг мезанад ва пояш, ки бо он меравад ва агар аз ман дархост кунад, ба вай мебахшам ва агар аз ман паноҳ ҷӯяд, ба вай паноҳ медиҳам.

## БОБИ 47. Нишонаҳои дӯстии Худованд бандаашро ва ташвиқ бар ороста шудан ба ин нишонаҳо ва талоши ба даст овардани он

قال الله تعالى: ﴿ قُلْ إِنْ كُنْتُمْ تُحِبُّونَ اللهَ فَاتَّبِعُونِي يُحْبِبْكُمُ اللهُ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ والله غَفُورٌ رَحِيمٌ ﴾ [آل عمران: ٣١]، وقال تعالى: ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا مَنْ يَرْتَدَّ مِنْكُمْ عَنْ دِينِهِ فَسَوْفَ يَأْتِي اللهُ بِقَوْمٍ يُحِبُّهُمْ وَيُحِبُّونَهُ أَذِلَّةٍ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ(٥) أَعِزَّةٍ عَلَى الكَافِرِينَ يُجَاهِدُونَ فِي سَبِيلِ اللهِ وَلَا يَخَافُونَ لَوْمَةَ لَائِمٍ ذَلِكَ فَضْلُ اللهِ يُؤْتِيهِ مَنْ يَشَاءُ والله وَاسِعٌ عَلِيمٌ ﴾ [المائدة: ٥٤].

Худованд мефармояд:

**Эй Муҳаммад (с) бигӯ, агар Худоро дӯст медоред, пас маро пайравӣ кунед, то Худованд дӯст бидорад шуморо ва гуноҳонатонро биёмурзад ва Худо омурзандаи меҳрабон аст.**

*(Оли Имрон: 31)*

**Эй мӯъминон, ҳар кӣ аз шумо аз динаш баргардад, пас Худо хоҳад гурӯҳеро оварад, ки ононро дӯст медорад ва онон низ дӯсташ медоранд. Мутавозиъанд бар мӯъминон, дурушттабъанд бар кофирон, дар роҳи Худо ҷиҳод менамоянд**

**ва аз маломати маломаткунандае намеҳаросанд, ин бахшоиши Худо аст, ки ҳар киро хоҳад медиҳад ва Худо ҷавод ва доно аст.** *(Моида: 54)*

387 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Худованд бандаеро дӯст бидорад, ба Ҷабраил (а) нидо мекунад, ки Худованд фалониро дӯст медорад, ту ҳам ӯро дӯст бидор. Ҷабраил (а) ӯро дӯст дошта ва дар аҳли осмон эълон мекунад, ки Худованд фалониро дӯст медорад, шумо ҳам вайро дӯст бидоред ва аҳли осмон вайро дӯст медоранд ва сипас барояш дар замин қабул ниҳода мешавад, (*яъне, Худованд муҳаббати ӯро дар дили бандагонаш дар замин меандозад*).

Ва дар ривояти Муслим (р) омада, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳаргоҳ Худованд бандаеро дӯст бидорад, Ҷабраилро хоста ва мегӯяд: Ман фалониро дӯст медорам, ту ҳам ӯро дӯст бидор! Ҷабраил (а) ӯро дӯст дошта ва дар осмон эълон намуда ва мегӯяд: «Худованд фалониро дӯст медорад, пас ӯро дӯст бидоред! Ҳама ӯро дӯст медоранд. Сипас барои ӯ дар замин қабул ниҳода мешавад. Ва ҳар гоҳ аз бандае нафрат кунад, Ҷабраил (а)-ро хоста мегӯяд: Ман аз фалонӣ нафрат мебарам, ту ҳам аз вай нафрат кун! Ҷабраил (а) аз вай нафрат карда ва дар аҳли осмон нидо мекунад, ки Худованд аз фалонӣ нафрат мекунад, шумо ҳам аз вай нафрат кунед! Ва сипас дар замин буғзу бадбинӣ нисбат ба ӯ дар дилҳо ҷойгир мешавад.

388 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) мардеро ба фармондеҳии сарияе фиристод. Вай барои дӯстонаш дар намозашон сураи **Қул ҳу валлоҳу аҳад**-ро мехонд ва чун бозгаштанд, ин мавзӯъро барои Расули Худо (с) ёдоварӣ карданд. Он ҳазрат (с) фармуд: аз вай пурсед, ки чаро ин корро мекард. Онон аз вай суол карданд ва ӯ гуфт: Зеро он сифати Раҳмон аст ва дӯст медорам, ки онро бихонам. Расули Худо (с) фармуд: Ӯро огоҳ кунед, ки Худованд ӯро дӯст медорад.

## БОБИ 48. Бим додан аз озори некӯкорон ва бенавоён ва масокин

Худованд мефармояд:

**Онон ки мардон ва занони мусалмононро ба ғайри гунохе, ки ба амал оварда бошанд, меранҷонанд, ҳароина бори бӯҳтон ва гуноҳи ошкореро бардоштаанд.** *(Аҳзоб: 58)*

**Аммо ятимро, пас ситам макун ва аммо бар соил, пас бонг мазан.** *(Зуҳо : 1-9)*

389 - Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: он ки намози субҳро бигзорад, дар аҳд ва зимаи Худо аст ва Худованд аз шумо чизе аз аҳдаш талаб накунад. Аллоҳ таъоло касеро аз чизе аз аҳди хеш мавриди пурсиш қарор намедиҳад, ҷуз ин ки ӯро дарёфта, бар рӯяш ӯро дар оташ ҷаҳаннам меандозад.

390 - Аз Ибни Умар (р) марвист, ки Расули Худо (с) фармуд: Амр карда шудам бо мардум биҷангам, то шаҳодат диҳанд, ки маъбуди барҳақе ҷуз Худо нест ва Муҳаммад Расули Худост ва барпо доранд намозро ва бидиҳанд закотро. Ва ҳар гоҳ ин корро намуданд, ҳифз намудаанд аз ман хунҳо ва молҳояшонро, магар ба ҳаққи Ислом ва ҳисоби *(ниҳона)*-шон бо Худованди таъоло аст».

## БОБИ 49. Дар ин ки иҷрои аҳком бар мардум ҳасби зоҳир аст ва асрору ниҳонашон бо Худост

قال الله تعالى : ﴿فَإِنْ تَابُوا وَأَقَامُوا الصَّلاةَ وَآتَوُا الزَّكَاةَ فَخَلُّوا سَبِيلَهُمْ﴾ [التوبة : ٥].

Худованд мефармояд:

**Пас агар тавба карданд, (яъне мушрикин) ва намозро барпо дошта, закотро доданд, пас аз онон даст бардоред.**

*(Тавба: 5)*

391 - Аз Абуабдуллоҳ Ториқ ибни Ашям (р) ривоят аст, ки аз расул (с) шунидам, ки мефармуд: он ки бигӯяд: **Ло илоҳа иллаллоҳ** ва кофир шавад ба он чи ба ҷуз Худо парастиш

мешавад, мол ва хунаш ҳаром мешавад ва ҳисоби ботини ӯ бо Худост.

392 - Аз Абумаъбад Миқдод ибни Асвад (р) ривоят шуда, ки гуфт: барои Расули Худо (с) гуфтам: огоҳам кун, ҳар гоҳ бо мардуми кофир рӯ ба рӯ гардам ва бо ҳам биҷангем ва яке аз дастҳояшро ба шамшер қатъ кунам, сипас аз тарсам ба дарахте паноҳ бурда ва бигӯяд ба Худо ислом овардам, оё ӯро баъд аз ин гуфтааш бикушам? Он ҳазрат (с) фармуд: Ӯро макуш. Боз гуфтам: эй Расули Худо (с), ӯ як дастамро бурида ва баъд аз буридани он ин суханро гуфтааст. Фармуд: Ӯро макуш, зеро агар ӯро ба қатл расонӣ, вай монанди туст, пеш аз он ки ӯро бикушӣ. Ва ту мисли ӯ ҳастӣ, пеш аз ин ки суханеро, ки гуфтааст, ба забон оварда бошад.

***Шарҳ:*** *маънои иборат: "*вай монанди туст*", ин аст, ки хуни ӯ маҳфуз буда ва ӯ мусалмон аст ва маънои "*ту мисли ӯ ҳастӣ*" ин аст, ки ту мубоҳу-д-дам мебошӣ, барои варасаи ӯ, на ин ки мисли ӯ кофар бошад.*

393 - Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки гуфт Расулуллоҳ (с) моро ба минтақаи Ҳурақа аз қабилаи Ҷуҳайна фиристод ва мо сапедадам мардумро дар сари обҳояшон ёфтем. Ман ва марде аз ансор яке аз ононро таъқиб кардем ва чун ба вай расидем, гуфт: **«Ло илоҳа иллаллоҳ».** Ансорӣ худро аз ӯ боздошт ва ман ӯро ба найза зада куштам. Чун ба Мадина расидем, ин хабар ба паёмбар (с) расид ва ба ман фармуд: Оё баъд аз он ки **«Ло илоҳа иллаллоҳ»** гуфт, ӯро куштӣ? Гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Ӯ паноҳҷӯянда буд. Боз фармуд: Оё ӯро баъд аз он ки **«Ло илоҳа иллаллоҳ»** гуфт, куштӣ? Ва ин суханро ба андозаи такрор фармуд, ки орзу кардам кош пеш аз ин рӯз мусалмон нашуда будам. Ва дар ривояте омада, ки сипас Расули Худо (с) фармуд: Оё **«Ло илоҳа иллаллоҳ»** гуфт ва ӯро куштӣ? Гуфтам: ё Расулуллоҳ аз бими силоҳ ин калимаро гуфт. Фармуд: Оё дилашро шикофтӣ, то бидонӣ аз ин сабаб онро гуфта ё на? Ва ба андозае ин суханро такрор намуд, ки орзу кардам кош дар он рӯз Ислом меовардам.

394 - Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) лашкаре аз муслиминро ба сӯи қавме аз мушрикин фиристод ва онҳо бо ҳам рӯбарӯ гаштанд. Дар миёни мушрикин марде буд, ки чун мехост яке аз мусалмононро бикушад, бар ӯ ҳамлавар шуда, ӯро ба қатл мерасонад ва марде аз муслимин вайро таъқиб намуд ва мо бо худ мегуфтем, ки ӯ Усома ибни Зайд (р) аст ва чун шамшерро бар ӯ баланд кард, **«Ло илоҳа иллаллоҳ»** гуфт. Вай ӯро ба қатл расонид. Муждарасони фатҳ хидмати он ҳазрат (с) расид ва он ҳазрат (с) аз вай пурсиш намуд. Он мард низ эшонро аз фатҳу пирӯзӣ огоҳ намуд, то ин ки мавзӯи он мардро ёдовар шуд. Он ҳазрат (с) Усомаро хост ва пурсид, ки чаро ӯро куштӣ? Вай гуфт: Ё Расулуллоҳ! Ӯ дили муслиминро дардманд сохта, фалонӣ ва фалониро кушт ва чанд нафарро барояш ном бурд ва ман ҳам бар вай ҳамлавар шудам ва чун шамшерро дид **«Ло илоҳа иллаллоҳ»** гуфт. Расули Худо (с) фармуд: Оё вайро куштӣ? Гуфт: Оре. Фармуд: Агар **«Ло илоҳа иллаллоҳ»** дар рӯзи қиёмат биёяд, бо он чӣ хоҳӣ кард? Гуфт: Эй Расули Худо (с)! Барои ман омурзиш бихоҳ ва паёмбар (с) бар ин намеафзуд ва такрор мекард, ки агар **«Ло илоҳа иллаллоҳ»** дар рӯзи қиёмат биёяд, бо он чӣ хоҳӣ кард?

395 - Аз Абдуллоҳ ибни Утба ибни Масъуд ривоят шуда, ки гуфт: аз Умар ибни Хаттоб (р) шунидам, ки мегуфт: иддае аз мардум дар замони Расули Худо (с) ба ваҳй гирифта мешуданд ва акнун ваҳй қатъ гардидааст ва имрӯз мо шуморо ба аъмоли зоҳириатон муохаза мекунем, пас касе, ки барои мо хайрро зоҳир созад, ӯро амон дода, ба худ наздик месозем ва моро ба ботини ӯ коре нест ва Худованд ӯро дар мавриди ниҳонаш муҳосиба мекунад. Ва касе, ки барои мо бадеро зоҳир созад, ӯро амон намедиҳем ва ӯро ростгӯ ҳам намешуморем, агарчи бигӯяд, ки ботини ӯ нек аст.

396 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) барои мо сухан гуфт, ки ӯ содиқ ва масдуқ аст ва фармуд: Офариниши яке аз шумо дар шиками модар барои чиҳил рӯз ба сурати нутфа ҷамъ мешавад ва баъд аз он мисли он ҳамин муддат алақа *(хуни баста)* аст ва мисли ҳамин муддат ҳам

музға *(гӯшти пора)* аст. Сипас малак фиристода шуда, дар вай рӯҳ медамад ва ба чаҳор чиз дастур дода мешавад. Ба навиштани рӯзиаш, аҷалаш, амалаш ва инки некбахт аст, ё бадбахт. Пас савганд ба Худое, ки маъбуди барҳақ ба ҷуз ӯ нест, ҳамоно яке аз шумо амали аҳли биҳиштро анҷом медиҳед, ки миёни ӯ ва биҳишт ҷуз газе *(фосила)* намемонад, вале навиштаи Лавҳи Маҳфуз бар вай сабқат меҷӯяд ва ӯ амали аҳли дӯзахро анҷом дода, ба дӯзах дохил мегардад. Ва ҳамоно яке аз шумо амали аҳли дӯзахро анҷом медиҳад, ки миёни ӯ ва дӯзах ҷуз газе намемонад, вале китоби Лавҳи Маҳфуз бар вай сабқат ҷуста, вай амали аҳли биҳиштро анҷом дода ва ба он дохил мегардад.

397 - Аз Ибни Масъуд (р) марвист, ки Расули Худо (с) фармуд: Дар рӯзи қиёмат дӯзах оварда мешавад, дар ҳоле, ки ҳафтод ҳазор маҳор дорад ва ба ҳар маҳоре ҳафтод ҳазор малак аст, ки онро мекашанд.

## БОБИ 50. Тарс ва бим аз Худованди бузург

قال الله تعالى : ﴿وإيَّايَ فَارْهَبُونِ[٤]﴾ [البقرة: ٤٠] وقال تعالى : ﴿إنَّ بَطْشَ رَبِّكَ
لَشَدِيدٌ﴾ [البروج: ١٢] وقال تعالى : ﴿وكَذَلِكَ أَخْذُ رَبِّكَ إذا أَخَذَ القُرَى وهِيَ ظَالِمَةٌ إنَّ
أَخْذَهُ أَلِيمٌ شَدِيدٌ * إنَّ في ذلِكَ لآيَةً[١] لِمَنْ خَافَ عَذَابَ الآخِرَةِ ذلِكَ يَوْمٌ مَجْمُوعٌ لهُ النَّاسُ
وذلِكَ يَوْمٌ مَشْهُودٌ * وما نُؤَخِّرُهُ إلاَّ لأَجَلٍ مَعْدُودٍ * يَوْمَ يَأْتِ لا تَكَلَّمُ نَفْسٌ إلاَّ بإذْنِهِ فَمِنْهُمْ شَقِيٌّ
وَسَعِيدٌ * فَأَمَّا الَّذِينَ شَقُوا فَفِي النَّارِ لَهُمْ فِيهَا زَفِيرٌ[٢] وَشَهِيقٌ﴾ [هود: ١٠٢ ـ ١٠٦] وقال
تعالى : ﴿وَيُحَذِّرُكُمُ اللهُ نَفْسَهُ[٣]﴾ [آل عمران: ٢٨] وقال تعالى : ﴿يَوْمَ يَفِرُّ المَرْءُ مِنْ أَخِيهِ
وَأُمِّهِ وَأَبِيهِ وَصَاحِبَتِهِ[٤] وَبَنِيهِ لِكُلِّ امْرِىءٍ مِنْهُمْ يَوْمَئِذٍ شَأْنٌ يُغْنِيهِ[٥]﴾ [عبس: ٣٤ ـ ٣٧]،
وقال تعالى : ﴿يَا أَيُّهَا النَّاسُ اتَّقُوا رَبَّكُمْ إنَّ زَلْزَلَةَ السَّاعَةِ شَيْءٌ عَظِيمٌ . يَوْمَ تَرَوْنَهَا تَذْهَلُ كُلُّ
مُرْضِعَةٍ عَمَّا أَرْضَعَتْ وَتَضَعُ كُلُّ ذَاتِ حَمْلٍ حَمْلَهَا وَتَرَى النَّاسَ سُكَارَى وَمَا هُمْ بِسُكَارَى

وَلٰكِنَّ عَذَابَ اللّٰهِ شَدِيدٌ﴾ [الحج: ١، ٢]، وقال تعالى: ﴿وَلِمَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِ جَنَّتَانِ﴾
[الرحمٰن: ٤٦] الآيات. وقال تعالى: ﴿وَأَقْبَلَ بَعْضُهُمْ عَلَى بَعْضٍ يَتَسَاءَلُونَ * قَالُوا إِنَّا كُنَّا
قَبْلُ فِي أَهْلِنَا مُشْفِقِينَ(٦) * فَمَنَّ اللّٰهُ عَلَيْنَا وَوَقَانَا عَذَابَ السَّمُومِ * إِنَّا كُنَّا مِنْ قَبْلُ نَدْعُوهُ إِنَّهُ هُوَ
الْبَرُّ الرَّحِيمُ﴾ [الطور: ٢٥، ٢٨] والآيات في الباب كثيرة جداً

Худованд мефармояд:

**Ва аз ман битарсед.** *(Бақара: 4)*

**Ҳароина гирифтани Парвардигорат сахт аст.**

*(Буруҷ: 12)*

**Ва ҳамчунин аст, сахтгирии Парвардигорат, чун бихоҳад диёри ситамгаронро вайрон кунад, ки интиқоми Худо бисёр дарднок ва душвор аст, ҳароина дар ин сухан нишонаест барои касе, ки аз азоби охират тарсида бошад ва он рӯз, рӯзест, ки мардум ҷамъ карда шаванд ва рӯзест, ки дар он ҳама ҳозир шаванд. Онро ба таъхир намеандозем, ҷуз то муддати муайян, ки дар он рӯз ҳеҷ кас ҷуз ба амри Ҳақ сухан нагӯяд. Баъзеяшон бадбахт бошанд ва баъзе некбахт, пас онон ки бадбахт шуданд, дар оташ бошанд ва дар он ҷо оҳ ва нолаи ҳасрат кашанд.** *(Ҳуд: 1-6)*

**Ва Худованд шуморо аз хештан бим медиҳад.**

*(Оли Имрон: 28)*

**Рӯзе, ки мард аз бародар ва модару падар ва зану фарзандони худ бигрезад ва барои ҳар кадомашон дар он рӯз гирифториест, ки ӯро аз таваҷҷӯҳ ба кори дигар бозмедорад.**

*(Абаса: 34-37)*

**Эй мардум, аз Парвардигори хеш битарсед, ҳароина зилзилаи қиёмат чизи бузургест. Он рӯзе, ки онро бубинад, ғофил шавад, ҳар ширдиҳанда аз тифле, ки шир медиҳадаш ва ҳар зани бордор бори шиками худро биниҳад ва мардумро мастшуда бинӣ, ҳол он ки маст нестанд, аммо азоби Худо сахт аст.** *(Ҳаҷ: 1-2)*

**Ва барои он, ки аз истодан ба ҳузури Парвардигораш битарсад, ду бустон, ду биҳишт аст.**

*(Раҳмон: 46)*

**Ва дар биҳишт онҳо бо ҳам рӯ дар рӯ сӯҳбат карда ва аз якдигар пурсиш мекунанд ва бо ҳам гӯянд, ки мо пеш аз ин дар миёни қабила ва хонаводаи хеш Худотарс будем, Худованд ҳам бар мо миннат ниҳода ва моро аз азоби самуми дӯзах маҳфуз дошт, зеро мо пеш аз ин дар дунё Худоро ба ҳақиқат парастиш кардем, ки ӯ худ бисёр некхоҳ ва меҳрабон аст.** *(Тур: 25-28)*

398 - Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки гуфт: аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: Осонтарини аҳли дӯзах аз рӯи азоб мардест, ки ду пораи оташ дар таҳгоҳи қадамаш ниҳода мешавад, ки аз он димоғаш меҷӯшад. Касе гумон намекунад шахсе вуҷуд дошта бошад, ки азобаш аз ӯ сахттар бошад, дар ҳоле ки азоби ӯ аз ҳама осонтар аст.

399 - Аз Самура ибни Ҷундуб (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Оташ то шитолинг *(буҷилаки пой)*-ҳои баъзеи эшон аст ва бархеро оташ то зонувонаш мерасад ва бархеро оташ то камарбандашон мебошад ва бархеро то устухони кундаи сина аз гардан мерасад.

400 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Мардум дар пешгоҳи Парвардигор аз қабрҳояшон бармехезанд, тавре ки яке аз онон то нимаи гӯшҳояш дар арақ ғарқ мешавад.

401 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: паёмбар (с) ба мо хутбае хонд, ки мисли онро ҳаргиз нашунида будам ва фармуд: Агар он чиро, ки ман медонам, бидонед, ҳатман кам хандида ва бисёр мегиристед. Баъд аз он асҳоби Расули Худо (с) рӯйҳои худро пӯшида ва ба шиддат гиристанд.

Ва дар ривояте омада, ки барои паёмбар (с) чизе (хабаре) аз асҳобаш расид. Он ҳазрат (с) хутба хонда фармуд: Дӯзах ва биҳишт бар ман арза шуд ва мисли имрӯз дар хайру шар надидам ва агар бидонед ончи ман медонам, кам хандида, бисёр хоҳед гирист. Ва ман бар асҳоби паёмбар (с) рӯзе сахттар аз он рӯзро надидам, ки сарҳояшонро пӯшонда ва ба шиддат мегиристанд.

402 - Аз Миқдод (р) ривоят аст, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Дар рӯзи қиёмат офтоб ба андозаи як мил болои сари мардум фурӯ меояд. Салим ибни Омир ровӣ аз Миқдод (р) ривоят мекунад, ки гуфт: Савганд ба Худо, намедонам ҳадафаш аз мил чӣ буд? Оё масофаи замин буд ё миле буд, ки бо он чашмро сурма мекунанд. Ва мардум ба андозаи аъмолашон арақ мекунанд, ки бархе аз эшон то шитолинг ва бархеро то зонуҳо ва бархеро то камарбанд ва бархеро то баногӯш арақ мегирад ва Расули Худо (с) ба ғарази тамсили он бо дасташон ба сӯи даҳани муборакашон ишора фармуд.

403 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Мардум дар рӯзи қиёмат арақ мекунанд ва арақашон ҳафтод газ дар замин фурӯ меравад ва арақи онҳоро ба зер гирифта то ба гӯшҳояшон мерасад.

404 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Мо бо Расули Худо (с) будем, ки ногаҳон садои афтодани чизеро шунид ва фармуд: Оё медонед, ки ин чист? Гуфтам: Худо ва расули ӯ донотаранд. Фармуд: Ин санге буд, ки ҳафтод сол пеш дар дӯзах андохта шуд ва ӯ ба тарафи поёни дӯзах меомад, то ки ҳоло ба умқ ва жарфҳои он расид ва шумо акнун садои афтодани онро шунидед.

405 - Адӣ ибни Ҳотим (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ кадоми шумо нест, магар ин ки Худованд бо ӯ сухан мегӯяд, дар ҳоле, ки миёни ӯ ва Худованд тарҷумоне вуҷуд надорад. Пас ба ҷониби росташ менигарад ва ҷуз он чиро, ки аз аъмол пеш фиристода намебинад ва ба тарафи чапаш менигарад ва ҷуз он чиро, ки аз аъмол пеш фиристода намебинад ва ҷилавашро нигариста, ҷуз дӯзах чизеро мушоҳида намекунад. Пас худро аз дӯзах нигаҳдорӣ кунед. Ҳарчанд ба ним донаи хурмо бошад.

406 - Абузар (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ман он чиро, ки шумо намебинед, мебинам. Осмон нола кард ва бояд ҳам нола кунад. Аз сабаби он чи, ки дар он ҷои чор ангушт нест, магар ин ки фариштае пешониашро барои

саҷда ба Ҳақ таъоло ниҳодааст. Ба Худо савганд, агар он чиро медонам, шумо медонистед, ҳамоно кам механдидед ва бисёр мегиристед ва дар бистар аз занон лаззат нагирифта ва дар кӯчаҳо баромада, ба Худо истиғоса мекардед.

407 - Абубарзаи Назла ибни Убайди Асламӣ ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Дар рӯзи қиёмат то лаҳзае қадамҳои банда мехкӯб аст, ки аз умраш пурсида шавад, онро дар кадом роҳ фано намуда ва аз илмаш, ки дар он чӣ карда ва аз молаш, ки аз кадом роҳ онро ба даст оварда ва ба кадом роҳ сарфаш намуда ва аз ҷисмаш, ки онро дар кадом роҳ фарсуда кардааст.

408 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) **(явмаизин туҳаддису ахбораҳо)**-ро хонда ва фармуд: Оё медонед, ки ахбори он чист? Гуфтанд: Худо ва расули ӯ донотар аст. Фармуд: Ҳамоно ахбори он ин аст, ки бар ҳар банда мард ё зан бошад, шаҳодат диҳад ба он чи, ки бар рӯи он анҷом дода. Мегӯяд: Дар рӯзи фалон чунину чунон кардӣ ва ин ахбор он аст.

409 - Абусаиди Худрӣ (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Чӣ гуна шодӣ кунам, дар ҳоле, ки соҳиби шох (буқ, сур), *(яъне: Исрофил (а)* шохро гирифта ва гӯш ба фармон аст, ки чӣ вақт ба дамидани он фармон дода мешавад, то онро бидамад. Гӯё ин амр ба ёрони Расули Худо (с) гарон омад ва ба онҳо фармуд: Бигӯед: *(Ҳасбуналлоҳу ва ниъма-л-вакил)*. Кофист моро Худованд ва ӯ некӯ нигаҳбонест.

410 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: он ки битарсад ба аввали шаб меравад ва он, ки ба аввали шаб равад, ба манзил мерасад. Огоҳ бошед, ки матоъи Худо гарон аст, (*пурарзиш ва қиматбаҳост*), огоҳ бошед, ки матоъи Худо биҳишт аст.

411 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Мардум дар рӯзи қиёмат пойҳои бараҳна, тани бараҳна ва хатнанашуда ҳашр мегарданд. Гуфтам: эй Расули Худо (с) мардон ва занон ҳамаашон якдигарро мебинанд? Фармуд: эй Оиша кор бузургтар аз он

аст, ки ин фикр ба суроғашон биравад. Дар ривояте омада, ки кор муҳимтар аз он аст, ки баъзе ба тарафи баъзе дигар бингаранд.

## БОБИ 51. Умед ва раҷо аз Худованди бузург

Худованд мефармояд:

**Бигӯ аз сӯям: эй он бандагонам, ки аз ҳад таҷовуз намудаед, ноумед машавед бар худ аз раҳмати Худо, ҳаққо, ки Худо меомурзад ҳамаи гуноҳонро ва Худо омурзгори меҳрабон аст.** *(Зумар: 53)*

**Ва сазои бад намедиҳем ҷуз носипосро.** *(Сабо: 17)*

**Ваҳӣ фиристода шуд бар мо, ки азоб бар касе бошад, ки Худо ва расулонашро дурӯғ шумурда ва рӯгардон шавад.** *(Тоҳо: 48)*

**Ва раҳматам ҳамаи мавҷудотро фаро гирифтааст.** *(Аъроф: 156)*

412 - Убода ибни Сомит (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки шаҳодат диҳад, ки маъбуди ба ҳақ ҷуз Аллоҳ нест, ки яктост ва ҳамтое надорад ва Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи ӯст ва Исо (ъ) банда ва фиристодаи Худо ва калимааш (*зеро, ки бидуни падар ва ба амри Худо офарида шуда*) ҳаст, ки ба Марям илқо фармуд ва рӯҳест аз ҷониби Худо ва биҳишт ва дӯзах ҳақ аст, ҳар гунае, ки амалаш бошад, Худованд ӯро ба биҳишт дохил мекунад, (*яъне, ё мустақиман дохили биҳишт меравад ва ё пас аз муҷозот ба андозаи гуноҳонаш вориди биҳишт мегардад*).

Ва дар ривояти Муслим омада, он ки гувоҳӣ диҳад, ки маъбуди барҳақе ҷуз як Худо нест ва Муҳаммад (с) фиристодаи Худо аст. Худованд оташро бар вай ҳаром месозад *(яъне, ҳамеша будан дар дӯзах барои ӯ ҳаром аст)*.

413 - Абузар (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Худованди азза ва ҷалла мефармояд: Он ки амали нек анҷом диҳад, барои ӯ даҳ баробари он аст ва ё афзунтар ва он ки амали бад мекунад, пас ҷазои бадӣ баробари он барои ӯст ва ё

ӯро мебахшам. Ва он, ки ба ман як ваҷаб наздик шавад, ба ӯ як газ наздик шавам ва он ки ба ман як газ наздик шавад, ба ӯ як боъ (*фосилаи миёни ду ангушти вустои ҳар ду даст аст, ҳар гоҳ дастҳо кушода шаванд*) наздик мегардам ва касе, ки бо пой ба тарафам биёяд, шитобон ба сӯи ӯ равам ва ин ки бо ман рӯ ба рӯ мешавад, дар ҳоле ки бо пурии замин гуноҳ дорад, ба шарте, ки чизеро шарикам насохта бошад, ҳамон андоза аз мағфират ва омурзиш бо ӯ рӯ ба рӯ мешавам.

414 - Ҷобир (р) ривоят мекунад, ки бодиянишине назди Расули Худо (с) омада гуфт: Ё Расулуллоҳ! Ду чизе, ки лозим гардондаанд, чист? Фармуд: Он ки бимирад ва ба Худо чизеро шарик наёварда бошад, ба биҳишт дохил мешавад ва он ки бимирад, дар ҳоле, ки ба Худо чизеро шарик оварда бошад, ба дӯзах дохил мегардад.

415 - Анас (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) дар ҳоле, ки Муъоз бар сутур (чорпо) пушти сарашон қарор дошт, ба вай фармуданд: Эй Муъоз! Гуфт: Лабайка ё Расулаллоҳ ва саъдайка. Он ҳазрат (с) фармуд: Эй Муъоз! Гуфт: лаббайка ё Расулаллоҳ ва саъдайка (се бор). Он ҳазрат (с) фармуд: Бандае нест, ки аз сидқи дил гувоҳӣ диҳад ба ин, ки маъбуди бар ҳақе ҷуз Худо нест ва Муҳаммад (с) бандаи Худо ва фиристодаи ӯст, магар ин ки Худои бузург ӯро бар оташи дӯзах ҳаром мекунад. Гуфт: эй Расули Аллоҳ (с), оё мардумро хабар надиҳам, то шод шаванд? Он ҳазрат (с) фармуд: Агар бигӯӣ бар он таваккал ва эътимод кунанд. Ва Муъоз дар вақти марги хеш барои он ки гунаҳгор нашавад, аз он хабар дод, (*барои ин ки аз ҷиҳати кутмони илм муртакиби гуноҳе нашавад*).

416 - Абуҳурайра ё Абусаиди Худрӣ (р) дар ин ҷо ровӣ шак намуда, ки ин шак ба сиҳҳати ҳадис зиён намерасонад, зеро саҳоба (р) ҳама одиланд. Ривоят мекунад, ки: Чун ҷанги Табук даррасид, мардум бо гуруснагӣ рӯбарӯ шуда, гуфтанд: Ё Расулуллоҳ, агар иҷоза диҳед, шутурҳоямонро кушта, аз он бихӯрем ва худро чарб кунем? Расули Худо (с) фармуд: Ин корро бикунед. Умар (р) омада гуфт: Ё Расулуллоҳ! Агар ин корро бикунанд, чорпоён кам мешавад, вале тӯшаҳои

зоидашонро талаб кун ва аз Худо бихоҳ, то барояшон дар он баракат диҳад. Шояд Худованд дар он баракат ниҳад. Расули Худо (с) фармуд: Бале. Ва бисоти чарминро талаб карду онро густуронед ва сипас тӯшаҳои зоидашонро хост. Яке як мушт ҷуворӣ меовард, дигаре мушти хурмо ва дигаре порчаи ноне, то ки бар сари бисот андаке аз ин ашё гирд омад. Паёмбар (с) барои баракат дар он дуъо намуда фармуд: Зарфҳои худро бигиред. Зарфе дар миёни лашкар намонд, ки онро пур накарда бошанд ва хӯрданд, то ки сер шуданд ва миқдори ҳам зиёд монд. Расули Худо (с) фармуд: Гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди барҳақе ҷуз Худо нест ва ман Расули Худо мебошам. Рӯбарӯ намешавад банда бо ин ду бо Худованд дар ҳоле, ки шаке дар он надорад ва дар байни ӯ ва биҳишт ҳиҷоб ояд *(яъне, дар миёни биҳишт ва касе, ки ин калимаро мегӯяд, монеъе вуҷуд надорад, балки ӯ ҳар он метавонад вориди биҳишт гардад)*.

417 - Итбон ибни Молик (р), ки аз ҷумлаи ҳузурёфтагони Ғазваи Бадр аст гуфт: Ман барои қавмам бани Солим намоз мегузоридам ва байни ман ва эшон рӯдборе буд, ки чун борон меомад, гузаштан аз он ва рафтан ба масҷидашон бароям сахт тамом мешуд. Пас хидмати Расули Худо (с) омада, барояшон гуфтам: Чашмам камбин шуда, чун борон шавад дар рӯде, ки миёни ман ва қавмам аст, сел меояд ва гузаштан аз он ва рафтан ба масҷидашон бароям сахт тамом мешавад. Дӯст медорам, ки ба хонаам омада ва дар ҷое аз хонаам намоз гузоред, ки онро барои худ масҷид бигирам. Паёмбар (с) фармуд: Ин корро хоҳам намуд. Субҳ бо баланд шудани офтоб Расули Худо (с) ва Абубакр (р) омаданд. Он ҳазрат (с) иҷоза хоста, дохил шуданд ва нишаставу фармуданд: Дар кадом ҷойи хонаат дӯст дорӣ намоз гузорам? Ман ба ҷое, ки дӯст доштам, вай дар он намоз гузорид, ишора кардам. Паёмбари Худо (с) бархоста, такбир гуфтанд ва ба дунболашон саф бастем ва ду ракъат намоз гузорида, салом доданд. Чун салом доданд, мо низ салом додем ва ман он ҳазратро барои хӯрдани хазира (навъи таъом аст) нигоҳ доштам. Аҳли сарой шуниданд, ки Расули Худо (с) дар хонаи ман аст ва иддае аз мардонашон ба

хонаам ҳуҷум оварданд, то ин ки теъдоди мардон дар хона зиёд шуд.

Марде дар миёнашон гуфт: Молик куҷост, ки ӯро намебинам? Дигаре гуфт: ӯ мунофиқ аст, Худо ва расулашро дӯст надорад. Паёмбар (с) фармуд: инро магӯ, оё ӯро намебинӣ, ки **Ло илоҳа иллаллоҳ** гуфт барои он ки ризои Худоро ба даст орад. Вай гуфт: Худо ва расулаш донотар аст, магар мо дӯстӣ ва муҳаббати ӯро ҷуз бо мунофиқин намебинем. Расули Худо (с) фармуд: ҳамоно Худованд дӯзахро бар касе, ки барои ризои Худованд **Ло илоҳа иллаллоҳ бигӯяд**, ҳаром кардааст.

418 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) бардагонеро оварданд. Зане аз бардаҳо ин тараф ва он тараф медавид, ногаҳон писареро дар миёни кӯдакон пайдо намуда, ӯро гирифт ва ба шиками худ часпонид ва шир дод. Сипас паёмбар (с) фармуд: Оё гумон мекунед, ки ин зан писарашро ба оташ афканд? Гуфтем: на, ба Худо. Он ҳазрат (с) фармуд: Худованд ба бандагонаш беш аз он чи модар ба писараш меҳрубонӣ дорад, меҳрубон аст.

419 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳангоме ки Худованд махлуқотро офарид, дар китобе навишт ва он китоб болои Арш назди ӯ вуҷуд дорад, ҳароина раҳматам бар ғазабам фоиқ омад.

420 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: Худованд раҳматро сад бахш намуда, ки наваду нӯҳ бахшро назди худ нигаҳ дошта, якеро дар замин фиристодааст. Пас аз ҳамин бахш махлуқот бо ҳамдигар раҳм мекунанд. Ҳатто чорпо қадами худро аз фарзандаш бармедорад, аз тарси ин ки мабодо ба ӯ зараре расад. Дар ривояте омада, ки Худованд сад раҳмат дорад, ки яке аз онро дар миёни ҷин, инс, чорпоён ва газандагон нозил фармуд, ки бад-он бо ҳам утуфату меҳрубонӣ мекунанд ва ба асоси он аст, ки ҳайвоноти ваҳшӣ бар фарзандонашон меҳрубонӣ менамоянд ва Худованд наваду нӯҳ раҳматашро нигаҳ дошт, то бад-он дар рӯзи қиёмат бандагонашро мавриди раҳмат қарор диҳад.

Ва Муслим аз Салмони Форсӣ (р) ривоят намуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд сад раҳмат дорад, ки аз он ҷумла, раҳматест, ки махлуқот бад-он дар миёни худ раҳму утуфат менамоянд ва наваду нӯҳи он барои рӯзи қиёмат аст.

Ва дар ривояте омада, ки Худованд рӯзе, ки осмонҳо ва заминро офарид, ки ҳар раҳмат миёни замин ва осмонро зери пӯшиши худ қарор медиҳад *(ҳар кадоми он миёни осмон ва заминро пур мекунад)* ва як ҷузъ аз онро бар замин ниҳод, ки бад-он модар бар фарзандаш ва ваҳш ва паррандаҳо баъзе бар баъзеи дигар раҳм мекунанд. Пас чун рӯзи қиёмат ояд, онро бо ин раҳмат такмил мекунад.

421 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) аз паёмбар (с) аз он чи аз Парвардигораш ҳикоят мекунад, ривоят шуда, ки фармуд: Чун бандае гуноҳеро муртакиб шуд ва гуфт: Худоё! Гуноҳамро биёмурз. Худованди таъоло фармуд: Бандаам гуноҳеро муртакиб шуд ва донист, ки барои ӯ Парвардигорест, ки гуноҳонро меомурзад ва барои гуноҳ мегиряд. Сипас бозгашта, гуноҳ намуд ва гуфт: Парвардигоро, гуноҳамро биёмурз! Боз Худованди таъоло мефармояд: Бандаам гуноҳеро муртакиб шуд ва донист, ки барои ӯ Парвардигорест, ки гуноҳро меомурзад ва ба гуноҳ муохаза мекунад. Дубора бозгашт ва гуноҳ намуд ва гуфт: Парвардигоро, гуноҳамро бубахш! Боз Худованди таъоло мефармояд: Бандаам гуноҳеро муртакиб шуд ва донист, ки ӯро Худовандест, ки гуноҳро мебахшад ва ба гуноҳ мегирад. Ман барои бандаам омурзиш намудам, пас ҳар чӣ мехоҳад бикунад.

422 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст. Агар гуноҳ намекардед, Худованд ҳароина шуморо аз байн бурда ва қавмеро меовард, ки гуноҳ кунанд ва ба таъқиби он аз Худо омурзиш талабанд ва Худованд барояшон биёмурзад.

423 - Холид ибни Зайд (р) ривоят мекунад, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Агар шумо гуноҳ намекардед, ҳамоно Худованд мардумеро меофарид, ки гуноҳ карда ва

баъдан аз Худованд омурзиш талабанд, то Худованд барояшон биёмурзад.

424 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки мо назди Расули Худо (с) нишаста будем ва бо мо Абубакр, Умар (р) ва чанд нафаре вуҷуд доштанд. Паёмбар (с) аз миёни мо бархоста ва муддате дер карданд. Тарсидем, ки шояд ба эшон дар дурӣ аз мо гирифторие пеш омада бошад ва сахт ба ҳарос афтодему бархостем ва ман аввалин касе будам, ки тарсида, ба ҷустуҷӯи Расули Худо (с) баромадам, то ин ки ба девори боғе аз ансор расидам ва ҳадисро ба дарозо зикр намуд, то ки гуфт: Сипас Расули Худо (с) фармуд: Бирав ва бо ҳарки дар пушти ин боғ рӯбарӯ шудӣ, дар ҳоле, ки гувоҳӣ диҳад, ки ҳеҷ маъбуди барҳақе ҷуз Худо вуҷуд надорад ва дилаш бад-он яқин дошта бошад, ӯро ба биҳишт мужда деҳ.

425 - Абдуллоҳ ибни Амр ва ибни Ос (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) ин фармудаи Худовандро дар мавриди Иброҳим (а) хонданд, ки «Рабби иннаҳунна азлална касиран мина-н-носи фаман табиъани фаиннаҳу миннӣ». Яъне, Парвардигоро, онон (бутҳо) бисёре аз мардумро гумроҳ карданд. Пас он ки пайравии ман мекунад, дар ҳақиқат ӯ аз ман аст (Иброҳим, яли 36). Ва фармуда Исо (а)-ро, ки «Ин туаззибҳум фаиннаҳум ибодука ва ин тағфир лаҳум фаи-н-нака анта-л-азизу-л-ҳаким» (Моида 118). Яъне, агар ононро ба азоби хеш гирифтор кунӣ *(мухторӣ)*, ки онон бандагони туанд ва агар ононро биёмурзӣ, пас ҳамоно ту ғолиб ва боҳикматӣ». Баъд аз он дастҳои худро баланд намуда фармуд: Бор Худоё! Умматам, умматам ва гирист. Пас аз он Худованд ба Ҷабраил (а) фармуд: Ба сӯи Муҳаммад (с) бирав ва Худоят донотар аст ва аз ӯ бипурс, чӣ чиз сабаби гиряи ту шуд? Ҷабраил (а) наздаш омад ва Расули Худо (с) ӯро аз он чи гуфта буд, бохабар сохт ва Худо донотар аст. Пас Худованд фармуд: Эй Ҷабраил, ба сӯи Муҳаммад (с) бирав ва бигӯ ҳамоно туро дар бораи умматат розӣ хоҳем сохт ва туро озурдахотир намекунем.

426 - Муъоз ибни Ҷабал (р) гуфт: Пушти сари паёмбар (с) бар харе савор будам, эшон фармуданд: Эй Муъоз, оё медонӣ

ҳаққи бандагон бар Худо чист? Гуфтам: Худо ва расули ӯ донотаранд. Фармуд: Ҳамоно ҳаққи Худо бар бандагон ин аст, ки фақат ӯро бипарастанд ва ба ӯ чизеро шарик наёваранд ва ҳаққи бандагон бар Худо ин аст, ки касеро, ки ба ӯ чизеро шарик наёвардааст, азоб накунад. Гуфтам: Ё Расули Худо (с), оё мардумро бад-он мужда надиҳам? Фармуд: Ононро мужда мадеҳ, ки боз бад-он эътимод мекунанд.

427 - Бароъ ибни Озиб (р) аз паёмбар (с) ривоят мекунад, ки фармуд: Чун аз мусалмон дар қабр савол шавад, гувоҳӣ медиҳад, ки ҷуз Аллоҳ маъбуди барҳақе нест ва ин ки Муҳаммад (с) фиристодаи Худост ва он маънии ин фармудаи Худованд аст, ки *(собит мегардонад Худованд мӯъминонро ба қавли собит дар зиндагии дунё ва дар охират (Иброҳим: 27).*

428 - Анас (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун кофир амали некеро анҷом диҳад, дар баробари он дар дунё подоши моддӣ ба вай дода мешавад, аммо барои мӯъмин Худованд некиҳояшро дар охират барояш захира мекунад ва дар баробари тоъаташ дар дунё ба вай рӯзӣ медиҳад. Ва дар ривояте омада, ки: Худованд мӯъминеро мавриди ситам қарор намедиҳад. Дар баробари некӣ дар дунё ба вай аҷр арзонӣ шавад ва дар охират ҳам ҷазои хайрашро дарёбад. Ва аммо кофир: Дар баробари некиҳое, ки барои Худо анҷом дода, дар дунё ризқ дода мешавад, вале чун ба охират расад, некие барояш намемонад, ки дар баробараш ба ӯ музд дода шавад.

429 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: масал ва сифати намозҳои панҷгона монанди ҷӯйи пуроб бар остонаи хонаи яке аз шумост, ки ба суръат ҷараён дорад, ки рӯзе панҷ бор худро дар он шустушӯ медиҳад.

430 - Ибни Аббос (р) ривоят мекунад, аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳеҷ марди мусалмоне нест, ки бимирад ва чиҳил мард ба ҷанозааш биистанд, ки ҳеҷ чизеро ба Худо шарик намеоваранд, магар ин ки Худованд шафоъати онҳоро дар мавриди вай мепазирад.

431 - Ибни Масъуд (р) гуфт: Мо дар ҳудуди чиҳил тан бо паёмбар (с) дар қубае *(хаймаи мудаввар аз хаймаҳои араб)* будем, ки фармуд: Оё розӣ мешавед, ки чаҳоряки ҳиссаи аҳли биҳишт бошед? Гуфтем: Бале. Фармуд: Оё розӣ мешавед, ки сеяки ҳиссаи аҳли биҳишт бошед? Гуфтем: Бале. Фармуд: Савганд ба Зоте, ки ҷони Муҳаммад дар дасти ӯст, умедворам, ки шумо нимаи аҳли биҳишт бошед, зеро ба биҳишт ҷуз шахси мусалмон касе дохил намегардад ва шумо дар миёни мардуми мушрик монанди мӯйи сафед дар пӯсти гови сиёҳ ё монанди мӯйи сиёҳ дар пӯсти гови сурх мебошед.

432 - Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Чун рӯзи қиёмат шавад, Худованд барои ҳар мусалмон як яҳудӣ ё насрониро медиҳад ва мегӯяд: Ин халоси ту аз дӯзах аст *(яъне, ивази ту вай ба дӯзах мемонад)*. Ва дар ривояте аз паёмбар (с) омада, ки фармуд: Иддае аз мусалмонон дар рӯзи қиёмат бо гуноҳоне ба андозаи кӯҳҳо меоянд ва Худованд гуноҳонашонро меомурзад.

433 - Ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: мӯъмин дар рӯзи қиёмат ва Парвардигораш ба андозае наздик мешавад, ки Худованд раҳмати худро бар ӯ мениҳад ва Худованд ӯро ба гуноҳонаш муътариф сохта мегӯяд: оё фалон гуноҳ, ё фалон гуноҳро ба хотир меоварӣ? Дар ҷавоб гӯяд: Парвардигоро, медонам. Худованд мефармояд: **Ҳамоно онро дар дунё бо ту пӯшондам ва имрӯз бароят меомурзам ва саҳифаи некиҳояш ба вай дода мешавад.**

434 - Ибни Масъуд (р) ривоят мекунад, ки марде занеро бӯсид ва сипас назди Паёмбари Худо (с) омада, ӯро хабар сохт. Худованд ояти зеринро нозил фармуд: (**Ва барпо дор намозро дар ду тараф (аввал ва охири) рӯз ва дар торикии шаб, ки ҳамоно некиҳо бадиҳоро маҳв мекунанд**) (*Ҳуд*: *114*)

Он мард гуфт: оё фақат барои ман аст, эй Расули Худо (с). Он ҳазрат (с) фармуд: Барои ҳамаи умматам.

435 - Анас (р) гуфт: Шахсе назди Паёмбари Худо (с) омада гуфт: Ё Расулуллоҳ! Ман ҳадеро муставҷиб шудаам, онро бар

ман ҷорӣ фармо! Вақти намоз шуд ва бо Паёмбари Худо (с) намоз гузорид. Чун намоз адо шуд, гуфт: Ё Расулуллоҳ! Ман ҳадеро муставҷиб шудаам, ҳукми Худоро бар ман ҷорӣ фармо! Он ҳазрат фармуд: Оё дар намоз бо мо ҳозир шудӣ? Гуфт: Бале. Фармуд: Гуноҳонат омурзида шуд.

436 - Анас (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд аз банда розӣ мешавад, ки чун луқмаи ноне бихӯрад, Худоро бар он сано гӯяд ва ё обе бинӯшад, Худоро бар он сано гӯяд.

437 - Абумӯсо (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Худованд яди (*дасти било кайф*) худро ба шаб ҳамвор мекунад, то тавбаи гунаҳгори рӯзро бибахшад ва дар рӯз ҳамвор месозад, то тавбаи гунаҳгори шабро бибахшад, то он гоҳ ки офтоб аз мағриб тулӯъ намояд.

438 - Аз Абунаҷиҳ Амр ибни Абасаи Суламӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Дар давраи ҷоҳилият эътиқод доштам, ин мардуме, ки бутҳоро мепарастанд, бар гумроҳианд ва бар роҳи рост устувор нестанд. Вақте шунидам, марде дар Макка падидор шуда, ки аз ахборе иттилоъ медиҳад, уштурамро савор шуда, ба ҷустуҷӯяш баромадам. Ногоҳ Паёмбари Худо (с)-ро дарёфтам дар ҳоле, ки худро пинҳон медошт ва қавмаш бар вай далер буданд. Ба оҳистагӣ ба Макка дохил шудам ва ба вай гуфтам: Ту чӣ ҳастӣ? Фармуд: Паёмбар. Гуфтам: Паёмбар чист? Фармуд: Маро Худованд фиристодааст. Пурсидам: Барои чӣ фиристода? Ҷавоб дод: Барои пайваста доштани силаи раҳм, шикастани бутҳо ва ин ки Худоро ба ягонагӣ бипарастед ва чизеро барояш шарик насозед. Гуфтам: Бо ту дар ин кор киёнанд?

Фармуд: Яке озод ва яке ғулом *(Абубакр ва Билол (р)*. Гуфтам: Ман аз ту пайравӣ мекунам. Фармуд: Дар ин рӯз ин корро наметавонӣ бикунӣ. Оё ҳоли ман ва мардумро намебинӣ? Ба сӯи хонаводаат бозгард ва чун даъватамро ошкоро кардам, наздам биё! Гуфт: Ба хонаам рафтам ва вақте Расули Худо (с) ба Мадина омаданд, ман дар миёни хонаводаам будам ва шурӯъ ба баррасии хабарҳо карда ва аз мардум пурсиш

менамудам, то ки гурӯҳе аз хонаводаам ба Мадина рафтанд. Пурсидам ин марде, ки ба Мадина омада, чӣ кард? Гуфтанд: Мардум ба сӯяш мешитобанд. Қавмаш хостанд, то ӯро бикушанд, вале натавонистанд ва чун ба Мадина ба ҳузури он ҳазрат (с) расидам, гуфтам: Ё Расули Худо (с), оё маро мешиносӣ? Фармуд: Бале, ту касе ҳастӣ, ки дар Макка бо ман дидор кардӣ. Гуфтам: Маро аз он чӣ Худо ба ту таълим дода ва онро намедонам, хабар деҳ. Маро аз намоз хабар деҳ.

Фармуд: Намози субҳро бихон, баъд худро аз намози *навофил* боздор, то ки офтоб ба андозаи як найза боло шавад, зеро офтоб ҳангоми баромадан дар миёни ду шохи шайтон тулӯъ менамояд *(Яъне, шабоҳат ба офтобпарастон мешавад, зеро онон дар ин вақт офтобро парастиш мекунанд. Валлоҳу аълам)*. Ва дар ин ҳангом кофирон бар он саҷда мекунанд. Сипас намоз бихон, зеро он вақт ҳангоми ҳузури малоика аст, то ки сояи найзае, ки ба замин насб шуда, ба камтарин ҳади кӯтоҳи худ бирасад. Боз *(аз намоз хондан)* имтиноъ кун, зеро дар ин лаҳза ҷаҳаннам доғ гардонида мешавад ва чун соя ба тарафи машриқ равад, намоз бихон, зеро ин лаҳза вақти ҳузури малоика аст, то ки намози асрро бигзорӣ. Боз худро аз намоз боздор, то офтоб ғуруб кунад. Зеро офтоб дар миёни ду шохи шайтон ғуруб мекунад ва дар ин лаҳза куффор дар баробари он саҷда мекунанд.

Гуфтам: Дар бораи вузӯ бо ман сӯҳбат кун. Фармуд: Ҳеҷ кадоми шумо нест, ки оби вузӯяшро наздик намуда, мазмаза ва истиншоқ намояд ҷуз он ки гуноҳони рӯй, даҳон ва биниаш берун мешавад. Чун рӯяшро тибқи амри Худо бишӯяд, гуноҳони рӯяш аз ду тарафи ришаш дур мегардад, боз чун ду дасташро то оринҷ мешӯяд, гуноҳони ду дасташ, аз нохунҳояш бо об зоил мегардад ва боз ки ҳар ду пояшро то шитолинг мешӯяд, гуноҳони ҳарду прояш аз ангуштонаш бо об меравад ва ҳаргоҳ истода, намоз гузорида, ҳамду санои Ҳақ таъолоро гуфта, ба шоистагӣ онро адо намояд ва дилашро барои Худо фориғ созад, аз гуноҳ ба гунае пок мешавад, чунонки дар рӯзи аввал аз модараш таваллуд ёфтааст.

Амр ибни Абаса ин ҳадисро ба Абуумома саҳобии Расули Худо (с) гуфт: Вай гуфт: Бубин ту чӣ мегӯӣ дар як мақом чунин ҷавобе ба ӯ дода мешавад? Амр гуфт: Эй Абуумома! Синнам зиёд гашта, аҷалам наздик шудааст ва ниёзе бад-ин нест, ки дар ин ҳол бар Худо ва расулаш дурӯғ бигӯям. Агар онро аз Расули Худо (с) як бор ё ду бор ё се бор *(то ҳафт бор)* онро шумурд, намешунидам, ҳаргиз онро баён намекардам ва бештар аз ин онро аз Паёмбари Худо (с) шунидаам.

439 - Абумӯсои Ашарӣ (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ Худованд иродаи раҳматро бар уммате кунад, паёмбарашро пеш аз эшон ба сӯи худ бозмегардонад, то пешопеш барои меҳмондориву икромашон, заминасозӣ кунад ва чун иродаи ҳалокашонро намояд, азобашон кунад дар ҳоле, ки паёмбарашон зинда аст.

## БОБИ 52. Фазилати умед ва раҷо

قال الله تعالى إخباراً عن العبدِ الصَّالحِ : ﴿وَأُفَوِّضُ أَمْرِي إِلَى اللهِ إِنَّ اللهَ بَصِيرٌ بِالعِبَادِ فَوَقَاهُ اللهُ سَيِّئَاتِ مَا مَكَرُوا﴾ [غافر: ٤٤، ٤٥].

Худованд дар ҳоле, ки аз бандаи солеҳ хабар медиҳад, мефармояд:

**Ва ман кори худро ба Худованд вомегузорам, ҳамоно Худованд ба аҳволи бандагон биност. Пас Худованд ӯро аз шарр ва макри фиръавниён маҳфуз дошт.** *(Ғофир: 44-45)*

440 - Абуҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят мекунад, ки фармуд: Худованди таъоло мефармояд: **Ман бо гумони бандаам ба хеш мебошам ва ман бо ӯ ҳастам, ҳар куҷо, ки маро ёд кунад. Савганд ба Худо, ки Худо шодмонтар мешавад ба тавбаи бандааш аз яке аз шумо, ки дар биёбон гумшудаашро меёбад. Ва он ки ба сӯи ман як ваҷаб наздикӣ ҷӯяд, ба ӯ як газ наздик шавам. Ва он ки ба сӯям газе наздик шавад, ба ӯ як боъ** *(андозаи аз сари ангуштони як даст то сари ангуштони дасти дигар вақте, ки ҳарду даст кушода шавад)* **наздик шавам. Ва чун ба сӯям гом занад, босуръат ба ӯ рӯй меоварам.**

441 - Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят мекунад, ки пеш аз вафоти Паёмбари Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳаргиз намирад яке аз шумо, магар ин ки бояд гумонашро ба Аллоҳ таъоло некӯ намояд.

442 - Анас (р) ривоят мекунад, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Худованд фармуд: **“Эй фарзанди Одам, ту лаҳзае, ки аз ман бихоҳӣ ва умед ба ман кунӣ он чиро, ки аз ту сар занад, меомурзам ва боке надорам. Эй фарзанди Одам, агар гуноҳонат ба баландии осмон бирасад ва сипас аз ман омурзиш талабӣ, онро бароят меомурзам. Эй фарзанди Одам, агар ту ба пурии замин аз гуноҳ наздам биёӣ, дар ҳоле бо ман рӯ ба рӯ шавӣ, ки ба ман ширк наоварда бошӣ, ба пурии замин аз омурзиш ба ту рӯ ба рӯ мегардам.**

## БОБИ 53. Ҷамъ миёни бим ва умед *(хавф ва раҷо)*

قال الله تعالى : ﴿فَلا يَأمَنُ مَكْرَ اللهِ إلاَّ الْقَوْمُ الخَاسِرُونَ﴾ [الأعراف: ٩٩] وقال
تعالى : ﴿إنَّهُ لا يَيْأَسُ مِنْ رَوْحِ الله(١) إلاَّ الْقَوْمُ الْكَافِرُونَ﴾ [يوسف: ٨٧] وقال تعالى :
[يَوْمَ تَبْيَضُّ وجُوهٌ وَتَسْوَدُّ وُجُوهٌ﴾ [آل عمران: ١٠٦] وقال تعالى : ﴿إنَّ رَبَّكَ لَسرِيعُ
العِقابِ وَإنَّهُ لَغفورٌ رَحيمٌ﴾ [الأعراف: ١٦٧]. وقال تعالى : ﴿إنَّ الأبرارَ لَفِي نَعِيمٍ وَإنَّ
الْفُجَّارَ لَفِي جَحِيمٍ﴾ [الانفطار: ١٣، ١٤] وقال تعالى : ﴿فَأَمَّا مَنْ ثَقُلَتْ مَوَازِينُهُ فَهُوَ في
عِيشَةٍ راضيةٍ(٢) وَأَمَّا مَنْ خَفَّتْ مَوَازِينُهُ فَأُمُّهُ هَاوِيَةٌ (٣)﴾ [القارعة: ٦، ٩] والآيات في هذا

Худованд мефармояд:

**Пас эмин намешаванд аз макри Худо, магар гурӯҳи зиёнкорон.** *(Аъроф: 99)*

**Ҳамоно сухан ин аст, ки аз раҳмати Худо ҷуз гурӯҳи кофарон ноумед нашаванд.** *(Юсуф: 87)*

**Он рӯз, ки сафед шавад рӯйҳое ва сиёҳ шавад рӯйҳое.** *(Оли Имрон: 106)*

**Ҳароина Парвардигори ту зуд уқубат кунад ва ӯ низ омурзандаи меҳрабон аст.** *(Аъроф: 167)*

**Ҳароина некӯкорон дар наъими биҳишт ва гунаҳгорон дар дӯзах бошанд.** *(Инфитор: 13-14)*

**Пас, ҳар ки палаҳои ҳасаноти ӯ гарон шуд, дар биҳишт зиндагии тавъам бо осоиш дорад ва аммо ҳар ки сабук шуд, палаҳои ӯ, пас, ҷойгоҳи он шахс ҳовия** *(дӯзах)* **бошад.**

*(Қориъа: 6-9)*

443 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Агар мӯъмин азоберо, ки назди Худо ҳаст бидонад, ҳеҷ вақт ба биҳишти ӯ тамаъ намекунад ва агар кофир раҳматеро, ки назди Худост, бидонад, ҳеҷ вақт аз биҳишти ӯ ноумед намешавад.

444 - Абусаиди Худрӣ (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун ҷаноза ниҳода шавад ва мардум онро бар шонаҳои хеш бардоранд, агар солеҳ бошад, мегӯяд: Маро пеш бубаред ва пеш бибаред ва агар солиҳ набошад, мегӯяд: Вой бар ӯ, ӯро куҷо мебаред ба гӯшае, ки садояшро ҳама чиз ҷуз инсон мешунавад ва ҳар гоҳ инсон онро бишнавад, беҳӯш мешавад.

445 - Ибни Масъуд (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Биҳишт барои яке аз шумо аз банд ва тасмаи кафшаш наздиктар аст ва дӯзах низ ҳамчунон.

## БОБИ 54. Фазилати гиристан аз тарси Худо ва иштиёқ ба сӯи ӯ ҷаллат азаматуҳу

Худованд мефармояд:

**Ва меафтанд бар рӯи хеш гирякунон ва меафзояд Қуръон фурӯтании эшонро.** *(Исро: 109)*

**Оё аз ин сухан таъаҷҷуб мекунед ва механдед ва намегирйед.** *(Наҷм: 59-60)*

446 - Ибни Масъуд (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) бароям гуфт: Қуръонро бар ман бихон! Гуфтам: эй Паёмбари Худо (с), ман бар шумо бихонам, ҳол он ки Қуръон бар шумо нозил шудааст. Он ҳазрат (с) фармуд: дӯст дорам онро аз ғайри худ бишнавам ва бар он ҳазрат сураи Нисоро хондам, то ба ин

оят расидам, ки: **Пас чӣ гуна аст, ҳангоме ки аз ҳар уммат гувоҳе оварем ва туро қарор диҳем бар ин уммат гувоҳ.** Фармуданд: бас аст ва чун бар он ҳазрат нигаристам дидам аз чашмонашон ашк мерехт.

447 - Анас (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) хутба хонданд, ки мисли онро ҳаргиз нашунида будам ва фармуд: Агар шумо он чиро, ки ман медонам, медонистед, кам механдидед ва бисёр мегиристед. Ровӣ гуфт: Сипас ёрони Паёмбари Худо (с) рӯйҳои худро пӯшиданд дар ҳоле, ки садояшон ба гиря баланд буд.

448 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Дохил намешавад ба дӯзах, он ки аз тарси Худо гиря карда бошад, то ки шир дубора ба пистон бозгардад ва ғубор дар роҳи Худо бо дуди дӯзах якҷо намешавад.

449 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳафт касанд, ки Худованд онҳоро дар сояи Аршаш дар рӯзе, ки сояе ҷуз сояи Арши ӯ нест, ҷой медиҳад, зимомдори одил ва ҷавоне, ки дар ибодати Худо бузург шуда бошад ва марде, ки гаравидаи масоҷид аст ва ду касе, ки барои Худо бо ҳам дӯстӣ карданд, барои ӯ бо ҳам омаданд ва барои ӯ аз ҳам пароканда шуданд *(яъне, дӯстиашон то дами марг пойдор монд)* ва шахсе, ки зани соҳибмақом ва зебо ӯро даъват ба зино намояд, вале ӯ дар ҷавоб бигӯяд: Аз Худо метарсам ва он ки ба таври пинҳонӣ садақа диҳад, ки дасти чапаш аз дасти росташ, ки садақа дода, хабар наёбад ва марде, ки дар танҳоӣ Худоро ёд карда, ашк аз чашмонаш сарозер шавад.

450 - Аз Абдуллоҳ ибни Шиххир (р) ривоят шуда, ки гуфт: хидмати Расули Худо (с) омадам, дар ҳоле ки намоз мегузориданд ва синаи муборак монанди овози дег аз гиря садое дошт.

451 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) барои Убай ибни Каъб (р) фармуд: Худованди азза ва ҷалла маро дастур дода, ки **Лам якуни-л-лазина кафару**-ро бар ту бихонам. Гуфт: оё маро ном бурд? Фармуд: бале ва Убай (р) гирист.

452 - Анас (р) ривоят мекунад, ки Абубакр (р) баъд аз вафоти Паёмбари Худо (с) барои Умар (р) гуфт: Моро назди Умми Айман бубар ва ҳамон гуна, ки он ҳазрат ба дидораш мерафт, мо ҳам ба дидораш биравем ва вақте он ҷо рафтем, гирист. Аз вай пурсиданд, чӣ чиз туро ба гиря овард? Оё намедонӣ он чи ки назди Худост, барои Расули Худо (с) беҳтар аст? Гуфт: Ман барои он намегирям, ки намедонам он чи паёмбар (с) назди Худо дорад, барояш беҳтар аст, вале гиряам барои ин аст, ки ваҳйи осмонӣ қатъ шуда ва сипас ҳардуи онҳоро ба гиря овард, ки бо вай шурӯъ ба гиристан карданд.

453 - Ибни Умар (р) мегӯяд: чун бемории паёмбар (с) шиддат гирифт, барояш аз намоз гуфта шуд, фармуд: Абубакрро бигӯед, то барои мардум намоз гузорад. Оиша (р) гуфт: вай марди нармдил аст ва вақте ки Қуръон бихонад, гирья бар вай ғолиб мешавад. он ҳазрат (с) фармуд: вайро бигӯед, то бар мардум намоз гузорад. Дар ривояте аз Оиша (р) омада, ки гуфт: вақте Абубакр (р) ба ҷоятон истода шавад, аз шиддати гиря мардумро шунавонда наметавонад, *яъне, мардум садои ӯро намешунаванд.*

454 - Аз Иброҳими ибни Абдураҳмон ибни Авф ривоят шуда, ки барои Абдураҳмон ибни Авф (р) таъоме оварда шуд, ки ӯ рӯза дошт ва гуфт: Мусъаб ибни Умайр, ки аз ман беҳтар буд, кушта шуд. Ҳол он ки чизе барояш ёфт нашуд, то дар он кафан гардад, ҷуз чодаре, ки чун сараш бад-он пӯшида мешуд, пойҳояш бараҳна мемонд ва чун пояшро мепӯшонданд, сараш зоҳир мешуд ва чунонки мебинед, дунё барои мо фарох шуда. Ё гуфт, ки барои мо аз дунё дода шуд. Он чи мебинед ва метарсем, ки ҳасаноти мо барои мо дар дунё пеш дода шуда бошад ва гиряро шурӯъ намуд ва таъомро тарк кард.

455 – Абуимомаи Судай ибни Аҷлони Боҳилӣ (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳеҷ чиз назди Худованд дӯстдоштанитар аз ду қатра ва ду аломат нест. Қатраи ашке, ки аз тарси Худо мерезад ва қатраи хуне, ки дар роҳи Худо рехта мешавад. Аммо ду аломат ва нишона аломати ҷиҳод

дар роҳи Худо ва аломате, ки дар фаризае аз фароизи Худованд аст, мебошад.

456 - Ҳадиси Ирбоз ибни Сория (р) аст, ки гуфт: Расули Худо (с) барои мо мавъиза намуд, ки дилҳо аз он ҳаросон шуд ва чашмҳо аз он ашкбор.

## БОБИ 55. Фазилати зуҳд ва порсоӣ дар дунё ва ташвиқ бар камталабӣ аз он ва фазилати фақр

قالَ اللهُ تعالى: ﴿إنَّما مَثَلُ الحياةِ الدُّنْيا كَماءٍ أنْزَلْناهُ مِنَ السَّماءِ فاخْتَلَطَ بِهِ نَباتُ الأرْضِ مِمَّا يَأْكُلُ النَّاسُ وَالأنْعامُ حَتَّى إذا أخَذَتِ الأرضُ زُخْرُفَها(١) وازَّيَّنَتْ وَظَنَّ أهْلُها أنَّهُمْ قادِرُونَ عَلَيْها أتاها أمْرُنا لَيْلاً أوْ نَهاراً فَجَعَلْناها حَصِيداً كَأنْ لَمْ تَغْنَ بالأمْسِ كَذلِكَ نُفَصِّلُ الآياتِ لِقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ﴾ [يونس: ٢٤] وقال تعالى: ﴿واضْرِبْ لَهُمْ مَثَلَ الحَيَوٰةِ الدُّنْيا كماءٍ أنْزَلْناهُ مِنَ السَّماءِ فاخْتَلَطَ بِهِ نَباتُ الأرْضِ فَأصْبَحَ هَشِيماً(٢) تَذْرُوهُ الرِّياحُ وكانَ اللهُ عَلى كُلِّ شَيْءٍ مُقْتَدِراً. المالُ وَالبَنُونَ زِينَةُ الحَياةِ الدُّنْيا والباقِياتُ الصَّالِحاتُ خَيْرٌ عِنْدَ رَبِّكَ ثَواباً وَخَيْرٌ أمَلاً﴾ [الكهف: ٤٥، ٤٦] وقال تعالى: ﴿اعْلَمُوا أنَّما الحَياةُ الدُّنْيا لَعِبٌ وَلَهْوٌ وَزِينَةٌ وَتَفاخُرٌ بَيْنَكُمْ وَتَكاثُرٌ في الأمْوالِ وَالأولادِ كَمَثَلِ غَيْثٍ(٣) أعجَبَ الكُفَّارَ نَباتُهُ ثُمَّ يَهِيجُ فَتَراهُ مُصْفَرّاً ثُمَّ يَكُونُ حُطاماً، وَفي الآخِرَةِ عَذابٌ شَدِيدٌ وَمَغْفِرَةٌ مِنَ اللهِ ورِضْوانٌ وما الحَياةُ الدُّنْيا إلاَّ مَتاعُ الغُرُورِ﴾ [الحديد: ٢٠] وقال تعالى: ﴿زُيِّنَ لِلنَّاسِ حُبُّ الشَّهَواتِ مِنَ النِّساءِ وَالبَنِينَ والقَناطِيرِ المُقَنْطَرَةِ مِنَ الذَّهَبِ وَالفِضَّةِ والخَيْلِ المُسَوَّمَةِ(٤) وَالأنعامِ وَالحَرْثِ ذلكَ مَتاعُ الحَياةِ الدُّنيا واللهُ عِنْدَهُ حُسْنُ المَآبِ﴾ [آل عمران: ١٤] وقال تعالى: ﴿يا أيُّها النَّاسُ إنَّ وَعْدَ اللهِ حَقٌّ فلا تَغُرَّنَّكُمُ الحَياةُ الدُّنْيا وَلا يَغُرَّنَّكُم بِاللهِ الغَرُورُ﴾(٥) [فاطر: ٥] وقال تعالى: ﴿ألْهاكُمُ التَّكاثُرُ(٦)، حَتَّى زُرْتُمُ المَقابِرَ، كَلاَّ سَوفَ تَعْلَمُونَ، ثُمَّ كَلاَّ سَوْفَ تَعْلَمُونَ، كَلاَّ لَوْ تَعْلَمُونَ عِلْمَ اليَقِينِ﴾ [التكاثر: ١ ـ ٥] وقال تعالى: ﴿وَما هٰذِهِ الحَيَوةُ الدُّنيا إلاَّ لَهْوٌ وَلَعِبٌ وَإنَّ الدَّارَ الآخِرَةَ لَهِيَ الحَيَوانُ(٧) لَوْ كانُوا يَعْلَمُونَ﴾ [العنكبوت: ٦٤]

Худованд мефармояд:

**Муҳаққақан, масали зиндагонии дунё монанди обест, ки аз осмон фуруд овардемаш ва ба сабаби он дарҳам омехт**

**набототи замин аз он чи мардум ва чорпоён мехӯрданд, то вақте ки замин ба даст овард пирояи худро ва ороста шуд ва гумон карданд сокинони он, ки эшон тавоноянд бар интифоъ аз он. Ногаҳон фармони мо дар шаб, ё рӯз бар замин омад ва гардонидем онро мисли зироати аз бехбурида, ки гӯё дирӯз ҳеҷ набуд ва Худованд ин гуна оёташро ба аҳли фикрат баён медорад.** *(Юнус: 24)*

**Ва барояшон масали зиндагонии дунёро баён кун, ки монанди обест, ки аз осмон фурӯ фиристодемаш ва дарҳам печид, ба сабабаш растании замин ва охири кор дарҳам шикаста гардид, ки бодҳо онро мепарронад ва Худо бар ҳама чиз тавоност. Мол ва фарзандон ороиши зиндагонии дунё буда ва назди Худо ҳасанот, шоиста ва поянда буда ва оқибати он некӯтар аст.** *(Каҳф: 45-46)*

**Бидонед, ки зиндагонии дунё бозиву лаҳв ва ороишу тафохур дар миёнатон ва зиёдатталабӣ дар молҳо ва фарзандон аз якдигар аст ва дар масал монанди боронест, ки зироаткунандагонро растаниаш ба шигифт дорад, боз бинӣ, ки зард ва хушк шаваду бипӯсад. Дар охират азоб сахт аст** *(дунёталабонро)* **ва низ аз ҷониби Худо омурзиш ва хушнудист** *(мӯъминонро)* **ва зиндагонии дунё ҷуз бахрае, ки боиси фиреб бошад, чизи дигаре нест.** *(Ҳадид: 2)*

**Ва барои мардум дӯстии орзуҳои нафс аз занон ва фарзандон ва хазонаҳои ҷамъсохта аз зару сим ва асбони нишонманд сохта ва чаҳорпоён ва зироат ороста карда шуда ва ин аст бахраи зиндагии дунё ва назди Худост бозгашти нек.**

*(Оли Имрон: 14)*

**Эй мардумон, ҳаққо ваъдаи Худо рост аст, пас шуморо зиндагонии дунё фирефта накунад ва шайтони фиребанда шуморо дар баробари** *(авфи)* **Худо фиреб надиҳад.**

*(Фотир: 5)*

**Шуморо ғофил кард, аз якдигар ҳисси афзунталабии мол, то ба гӯристонҳо расидед. Не, не хоҳед донист, не, не агар ҳақиқати корро бидонед ба илми яқин.** *(Такосур: 1-5)*

**Ин зиндагонии дунё ҷуз бозӣ ва беҳудагӣ беш нест ва зиндагонӣ агар мардум бидонанд, дар ҳақиқат сарои охират аст.** *(Анкабут: 64)*

Ва оятҳои дар ин маврид омада зиёд ва машҳур аст.

457 - Амр ибни Авфи Ансорӣ (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) Абуубайдаи Ҷарроҳ (р)-ро ба Баҳрайн фиристод, ки хироҷи онҳоро биёварад ва ӯ ҳам молеро аз Баҳрайн овард. Ансор аз омадани Абуубайда огоҳӣ ёфта, дар намози субҳ ҳозир шуда, онро бо Паёмбари Худо (с) адо намуданд. Расули Худо (с) онҳоро дида, табассум карданд ва фармуданд: Гумон мекунам шунидаед, ки Абуубайда молеро аз Баҳрайн оварда? Ҷавоб доданд: Бале эй Паёмбари Худо (с)! Фармуд: Шод бошед ва умедвор ба он чӣ шуморо шод созад. Ба Худо савганд, ман аз фақр бар шумо наметарсам, магар тарсам аз ин аст, ки дунё бар шумо фарох шавад, чунонки ба умматҳои пеш аз шумо шуд ва монанди онҳо бо ҳам рақобат ва ҳамчашмӣ намоед ва мисли онон ҳалок шавед.

458 - Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят намуда, гуфт: паёмбар (с) бар минбар нишаст ва мо низ дар атрофаш нишастем ва фармуд: Он чӣ бар шумо пас аз худ тарс дорам, ин аст, ки дарвозаи зиннат ва тозагии дунё бар шумо кушуда шавад.

459 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Дунё ширин ва сабз аст ва Худованд шуморо дар он халифа гардонида, то бубинад ки чӣ гуна амал мекунед. Пас битарсед аз фитнаҳои дунё ва битарсед аз фитнаи занон.

460 - Анас (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Бор Худоё! Зиндагии ростин, зиндагии охират аст ва бас.

461 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: се чиз ба дунболи мурда меравад хонаводааш, молаш ва амалаш. Дутое аз онҳо бозмегардад ва яке мемонад, хонавода ва молаш бозгашта ва амалаш мемонад.

462 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Дар рӯзи қиёмат осудатарини мардуми дунё, ки мустаҳиқи дӯзах шуда, оварда мешавад ва дар оташ ғӯтта дода мешавад

ва сипас ба ӯ гуфта мешавад: Оё ҳаргиз хайре дидаӣ? Оё ҳаргиз аз неъмате бархурдор шудаӣ? Мегӯяд: на ба Худо, Парвардигоро! Ва боз касе оварда мешавад, ки аз ҳама бештар ранҷ ва заҳмат дида, вале мустаҳиқи биҳишт шудааст ва ба ҷаннат дароварда мешавад ва боз ба ӯ гуфта мешавад: эй фарзанди Одам, оё ҳаргиз кадом сахтие бар ту гузаштааст? Ӯ мегӯяд: на, ба Худо, ҳеҷ душворӣ бар ман нагузаштааст ва ҳеҷ сахтӣ надидаам.

463 - Муставрид ибни Шаддод (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: нест дунё дар баробари охират, магар мисли он, ки яке аз шумо ангушти худро дар дарё дохил кунад, бояд бубинад, ки чиро боз мегардонад?

464 - Ҷобир (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) аз бозор гузаштанд ва мардум ҳам дар ду тарафи муборак буданд. Эшон аз канори бузғолаи гӯшкӯтоҳи мурдае гузашта гӯши ӯро гирифта ва баъд фармуданд: кадом яке аз шумо дӯст дорад, дар баробари як дирҳам ин аз ӯ бошад? Гуфтанд: дӯст медорем, ки дар баробари ӯ чизе бидиҳем, ӯро чӣ кунем? Сипас он ҳазрат (с) фармуд: Оё дӯст доред, ки ӯ аз шумо бошад? Ҷавоб доданд: Ба Худо, агар ӯ зинда будӣ, ҳам айб дошт, зеро гӯшҳояш кӯтоҳ буд, пас чи гунааст, дар ҳоле ки мурдааст? Он ҳазрат (с) фармуд: Савганд ба Худо, ки дунё дар назди Худо беарзиштар аз ин аст, барои шумо.

465 - Абузар (р) ривоят карда гуфт: Ё Расулуллоҳ, дар ҳарра (замини сиёҳу сангдор) дар Мадина мерафтам, ки кӯҳи Уҳуд дар баробари мо қарор гирифт. Он ҳазрат фармуд: Эй Абузар, ҷавоб додам лаббайк ё Расулуллоҳ! Фармуд: Хуш надорам, ки монанди ин кӯҳи Уҳуд тилло дошта бошам ва се рӯз бар ман бигзарад ва аз он диноре наздам боқӣ монда бошад. Ҷуз чизеро, ки барои қарз нигаҳ доштаам. Магар ин ки дар мавриди тақсими он ба бандагони Худо дастур диҳам, инчунин ва инчунин ва инчунин (паёмбар (с) ба дасташ ишора мекард, аз тарафи рост, чап ва пушти сараш, сипас ба рафтанаш идома дод ва фармуд: Касоне, ки бештар доранд, дар рӯзи қиёмат

камтар доранд. Магар он ки молро чунин ва чунин кунад. Яъне, аз рост ва чап ва пушти сараш ба мардум диҳад ва он идда мардум кам ҳастанд? Баъд бароям фармуд: Аз ҷоят ҳаракат макун, то ман биёям ва дар сиёҳии шаб рафтанд, то ки аз назар пинҳон шуданд. Ман садоеро шунидам, ки баланд шуд ва тарсидам, ки мабодо ба паёмбар (с) касе ҳуҷум карда бошад ва хостам наздаш биравам, вале ба ёд овардам фармудаашро, ки *(аз ҷоят ҳаракат макун, то худ биёям)* ва дар ҷоям будам, то худаш омад. Гуфтам: садоеро шунидам, ки аз он тарсидам ва қисса намудам. Фармуд: Оё онро шунидӣ? Гуфтам: Бале. Фармуд: Ӯ Ҷабраил (а) буд, ки аз он тарсидам ва қисса намудам. Фармуд: Оё онро шунидӣ? Гуфтам: Бале. Фармуд: Ӯ Ҷабраил (а) буд, ки наздам омад ва гуфт: Он ки аз умматат бимирад, ки ба Худо чизеро шарик наёварад, ба биҳишт дохил мегардад. Гуфтам: Агар дуздӣ ва зино ҳам намояд. Фармуд: Агар чӣ дуздӣ ва зино ҳам бикунад.

466 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Агар ман мисли кӯҳи Уҳуд тилло медоштам, шодам месохт, ки се шаб бар ман нагзарад, дар ҳоле ки чизе аз он дар наздам бошад, магар он чиро ки барои қарз нигаҳ дошта будам.

467 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: ба касе, ки поёнтар аз шумост, бингаред ва ба касе, ки болотар аз шумост, набинед, зеро ин кор сазовортар аст, ки неъмати Худоро кам ва ҳақир нашморед. Ин лафзи Муслим аст.

Ва дар ривояти Бухорӣ омада, ки ҳар гоҳ назар кунад, яке аз шумо ба касе, ки нисбат ба ӯ дар мол ва офариниш фузунӣ дода шуда, пас бояд ба касе бингарад, ки аз ӯ поёнтар аст.

468 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳалок бод бандаи динор ва дирҳам ва бандаи қатифа ва хамиса, ки агар дода шавад, розӣ гардад ва агар дода нашавад, розӣ нагардад. *(Қатифа, чодарро гӯянд ва хамиса, гилеми сиёҳи чоргӯшаро гӯянд)*

469 - Абуҳурайра (р) ривоят менамояд, ки ҳафтод нафар аз аҳли Суффаро дидам, ки яке ҳам ридое надошт, ё эзор надоштанд, ё кисае, ки ба гарданҳояшон баста буданд, ки баъзе аз он то нимаи соқ мерасид ва бархеро ҳам то шитолинг (бучилаки пой) ва аз ҷиҳати он, ки авраташон дида нашавад, онро ба дасти худ ҷамъ мекарданд.

470 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно дунё зиндони мӯъмин ва биҳишти кофир аст.

***Шарҳ:*** *яъне, неъматҳои мусалмон, агар баробари неъматҳое, ки дар охират ба ӯ дода мешавад, муқоиса шавад, дунё барояш зиндоне беш нест ва азоби кофир, агар ба ҳолати дунёяш муқоиса шавад, дунё барояш биҳишт аст, ё ин ки чун мусалмон дар дунё ҳамаи умраш ба ҷиҳод ва мубориза мегузарад, саросар барояш душворӣ аст ва кофар, ки ба ин масоил сару кор надорад, ҷуз баровардасозии шаҳватҳояш, дунё барояш саҳлу осон мегузарад.*

471 - Ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) шонаи маро гирифта ва фармуд: Дар дунё чунон зиндагӣ кун, ки гӯё ғариб ё раҳгузарӣ Ибни Амр (р) мегуфт: Чун шаб намудӣ, интэзори субҳро макаш ва чун субҳ намудӣ, ба интэзори шаб мабош ва аз ҳолати сиҳатии худ барои бемориbelieve ят ва аз зиндагият барои марги хеш баҳра гир.

472 - Аз Абулаббос Саҳл ибни Саъди Соъидӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: марде ба ҳузури паёмбар (с) омада гуфт: ё Расулаллоҳ маро ба коре роҳнамоӣ кун, чун онро анҷом диҳам, Худо ва мардум маро дӯст бидоранд. Он ҳазрат (с) фармуд: порсоӣ кун дар дунё, то Худованд туро дӯст бидорад ва бениёзӣ кун аз он чӣ дар дасти мардум аст, то мардум ҳам туро дӯст бидоранд.

473 - Нӯъмон ибни Башир (р) гуфт: Умар ибни Хаттоб (р) аз дунё, ки барои мардум расида, сухан гуфт ва фармуд: паёмбар (с) ро дидам, ки рӯзеро сипарӣ намуда, аз гуруснагӣ бар худ мепечид ва хурмои носарае ҳам намеёфт, ки шикамашро ба он сер кунад.

474 - Оиша (р) гуфт: Паёмбари Худо (с) вафот ёфт ва дар хонаам чизе набуд, ки зиндаҷоне бихӯрад, магар миқдори ҷав, ки дар рафи хонаам буд. Муддате аз он хӯрдам ва чун замон бар ман тӯлонӣ шуд, онро вазн кардам ва пас аз он аз миён рафту тамом шуд.

475 - Аз Амр ибни Ҳорис (р) бародари умулмӯъминин Ҷувайрия бинти Ҳорис ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) дар вақти вафоташ на дирҳаму динор ва на ғулому канизе гузошт ва на чизи дигар, ҷуз хачири сафед, ки бар он савор мешуд ва силоҳ ва замине, ки онро барои мусофирон *(ибни сабил)* садақа фармуд.

476 - Хаббоб ибни Арт (р) ривоят менамояд, ки мо барои ризои Худо бо Расулуллоҳ (с) ҳиҷрат намудем ва аҷри мо бар Худованд *(ба асоси ваъдааш)* собит шуд. Сипас баъзе аз мо вафот ёфта, аз муздаш чизе нахӯрд, ки аз ҷумлаи эшон Мусъаб ибни Умайр (р) буд, ки чун дар рӯзи Уҳуд ба шаҳодат расид, ҷомаи рангини хатдоре гузошт, ки чун сарашро мепӯшонидем, пойҳояш бараҳна мешуд ва чун пойҳояшро мепӯшонидем, сараш бараҳна мегардид ва Расули Худо (с) ба мо амр фармуд, ки сарашро бо он пӯшида, бар поҳояш чизе изхир *(гиёҳи маъруф ва хушбӯ аст)* бигзорем ва аз миёни мо касоне вуҷуд доранд, ки меваааш расида ва ӯ аз он мечинад *(яъне, сарватманд гардидаанд).*

477 - Саҳл ибни Саъди Соидӣ (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ дунё назди Худованд ба андозаи боли пашшае арзиш медошт, кофиреро аз он қатраи обе намечашонд.

478 - Абуҳурайра (р) ривоят намуд, ки аз Пайғамбари Худо (с) шунидам, ки фармуд: огоҳ бошед, ки дунё малъун аст, ҷуз ёди Худои мутаъол ва тоъате, ки Худо дӯст медорад ва олим ва мутаъалимро.

***Шарҳ:*** *Дунё малъун аст, яъне, соқит ва беарзиш аст, на ин ки мурод аз ин калима дашном додани дунё бошад ва мурод аз он чӣ дар он малъун аст, чизест, ки инсонро аз Худо*

*дуршаванда бидорад ва аз зикри ӯ таъоло машғул созад, ба ҷуз ёди Худо ва тоъате, ки муҷиби ризои Худо мешавад ва ифодаву истифодаи илмӣ.*

479 - Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Дар харидории замин ғулув накунед, ки мабодо фирефтаи дунё шавед.

480 - Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят намуда гуфт: Паёмбар (с) бар мо гузашт, дар ҳоле, ки хонаи *(чӯбӣ ё найии)* худро дуруст мекардем ва фармуд: Ин чӣ коре аст, ки мекунед? Гуфтем: Хонаҳои мо суст шуда, онро тармим мекунем. Фармуд: Ман кор *(марг)*-ро сареътар аз ин мушоҳида мекунам.

481 - Каъб ибни Иёз (р) ривоят мекунад, ки аз Расули Худо (с). шунидам, ки мефармуд: Дар ҳар уммате озмоишест ва озмоиши умматам дар мол аст.

482 - Аз Абуамр ва гуфта шуда Абуабдуллоҳ ва гуфта шуда Абулайло Усмон ибни Аффон (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Барои фарзанди Одам ҳаққе ҷуз дар ин чизҳо намебошад: Хонае, ки дар он сукунат кунад ва либосе, ки авраташро бад-он пӯшад ва порае нони хушку об.

483 - Аз Абдуллоҳ ибни Шиххир (р) ривоят шуда, ки гуфт: хидмати паёмбар (с) омадам, дар ҳоле ки эшон (**Алҳокуму-т-такосур**)-ро мехонданд, фармуд: Фарзанди Одам мегӯяд: молам, молам. Ва оё барои туст, эй фарзанди Одам, аз молат, ҷуз он чиро, ки хӯрдаӣ ва несташ намудаӣ, ё пӯшидаӣ ва кӯҳнааш кардаӣ ва ё садақа дода аз он гузаштаӣ.

484 - Абдуллоҳ ибни Муғаффал ривоят мекунад, ки марде барои паёмбар (с) гуфт: Ё Расулуллоҳ! Қасам ба Худо, ки шуморо дӯст медорам. Фармуд: Бубин чӣ мегӯӣ? Гуфт: Савганд ба Худо, шуморо дӯст медорам. Фармуд: Бубин чӣ мегӯӣ? Гуфт: Савганд ба Худо, шуморо дӯст медорам ва се бор ин суханро такрор намуд. Он ҳазрат (с) фармуд: Агар маро ба ростӣ дӯст медорӣ, пас омодаи факр шав, зеро фақр сареътар аз он ки сел ба охираш расад, дӯсти маро дармеёбад.

485 - Каъб ибни Молик (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ ду гурги гурусна дар як рамаи гӯсфанд раҳо шаванд, он қадар фасод намекунанд, ки ҳирси шахс бар мол ва шараф *(бузургӣ ва сарварӣ)* ба динаш зарар расонда ва фосидаш мекунад.

486 - Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят намуда гуфт: Расули Худо (с) бар бурёе хобида ва бархостанд дар ҳоле, ки асари бурё бар паҳлӯяшон намудор буд. Гуфтем: Эй Расули Худо! Чӣ мешавад, ки фарши нарме барои шумо бигирем? Фармуд: Маро ба дунё чӣ кор? Ман дар дунё ҷуз монанди саворае нестам, ки дар сояи дарахте истироҳат намуда, баъдан онро тарк намуда меравад.

487 - Абуҳурайра (р) мегӯяд, ки Расули Худо (с) фармуд: Фуқаро ва тангдастон панҷсад сол пеш аз ағниёву сарватмандон ба биҳишт дохил мегарданд.

488 - Ибни Аббос ва Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят мекунанд, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ба биҳишт сар зада, дидам, ки аксари бошандагони он фуқарову бенавоён ҳастанд ва ба дӯзах сайр намуда дидам, ки аксари бошандагони он занон ҳастанд.

489 - Усома ибни Зайд (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ба дарвозаи биҳишт истодам ва дидам оммаи мардуме, ки бад-он дохил гардидаанд, масокин *(бечорагон)* ҳастанд ва соҳибони сармоя маҳбусанд *(барои додани ҳисоб)* ва аҳли дӯзах тибқи дастури Худо ба тарафи дӯзах бурда мешуданд.

490 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: росттарин сухане, ки шоире гуфта, сухани Лабид шоири маъруфи он замон аст, ки гуфта: Огоҳ бошед, ки ҳар чи ғайри Худо аст, ботил аст.

# БОБИ 56. Фазилати сабр бар гуруснагӣ кашидан ва зиндагии хашин доштан ва иктифо ба либос, хӯрданӣ ва ошомидании кам ва ғайри он аз баҳраҳои нафсонӣ ва тарки шаҳавот ва орзуҳо

قال الله تعالى: ﴿فَخَلَفَ مِنْ بَعدِهِم خلفٌ (٢) أَضَاعُوا الصَّلَوٰةَ وَاتَّبَعُوا الشَّهَوَاتِ
فَسَوْفَ يَلقَوْنَ غَيّاً (٣) إلاَّ مَنْ تَابَ وَآمَنَ وَعَمِلَ صَالحاً فَأُولئِكَ يَدْخُلُونَ الجَنَّةَ وَلاَ يُظْلَمُونَ
شَيْئاً﴾ [مريم: ٥٩، ٦٠] وقال تعالى: ﴿فَخَرَجَ(٤) عَلى قَوْمِهِ فِي زِينَتِهِ قال الَّذِينَ يُرِيدُونَ
الحَيَوٰةَ الدُّنْيَا يا لَيْتَ لَنَا مِثْلَ ما أُوتِيَ قَارُونُ إنهُ لَذُو حَظٍّ عَظِيمٍ . وَقَالَ الَّذِينَ أُوتُوا العِلْمَ
وَيْلَكُمْ ثَوَابُ اللهِ خَيْرٌ لِمَنْ آمَنَ وَعَمِلَ صَالحاً﴾ [القصص: ٧٩ - ٨٠] وقال تعالى: ﴿ثُمَّ
لَتُسْأَلُنَّ يَوْمَئِذ عَنِ النَّعِيمِ﴾ [التكاثر: ٨] وقال تعالى: ﴿مَنْ كَانَ يُرِيدُ العَاجِلَةَ (٥) عَجَّلنا لَهُ
فِيها ما نَشَاءُ لِمَن نُرِيدُ ثُمَّ جَعَلْنَا لَهُ جَهَنَّمَ يَصْلاَهَا مَذْمُوماً مَدْحُوراً﴾ [الإسراء: ١٨](٦).

Худованд мефармоляд:

**Пас баъд аз онон ояндагоне ҷонишин шуд, ки намозро тарк карданд ва пайравии хоҳишҳоро намуданд ва ҷазои гумроҳиро хоҳанд ёфт. Аммо ҳар кӣ тавба кард ва имон овард ва кори шоиста намуд, он гурӯҳ дар биҳишт дароянд ва барояшон ҳеҷ гоҳ ситам карда нашавад.** *(Марям: 59-60)*

**Пас** *(Қорун)* **бар қавми хеш бо ороишаш берун омад ва онон, ки зиндагонии дунёро талаб мекарданд, гуфтанд: эй кош, моро монанди он чӣ ба Қорун дода шуда, бошад, ҳароина вай соҳиби насиби бузургест ва гуфтанд: ононе, ки илм дода шуда барояшон, вой бар шумо, савоби Худо беҳтар аст он касро, ки имон оварда ва кори шоиста намуд.**

*(Қассос: 79-80)*

**Боз албатта он рӯз аз неъмат савол карда хоҳед шуд.**

*(Такосур: 8)*

**Ҳар ки роҳати зудгузари дунёро хоста бошад, матоъи дунёро дар он барояш диҳем, ба ҳар касе, ки хоҳем ва боз барои ӯ дӯзахро муқаррар кунем, ки дар он накӯҳида ва рондашуда дарояд.** *(Исро: 18)*

491 - Оиша (р) ривоят намуда, гуфт: хонаводаи Муҳаммад (с) ду рӯз пайдарпай аз нони ҷавӣ сер нашуданд, то замоне ки он ҳазрат (с) вафот ёфт.

Ва дар ривояте омада, ки хонаводаи Муҳаммад (с) аз замоне, ки ба Мадина омаданд, се шаб пай дар пай аз нони гандум сер нашуданд, то лаҳзае, ки паёмбар (с) вафот намуд.

492 - Урва аз Оиша (р) ривоят мекунад, ки мегуфт: Ба Худо эй хоҳарзода! Ҳилол то ҳилол назр мекардем, се ҳилол дар ду моҳ, дар ҳоле, ки дар хонаҳои Расули Худо (с) оташе барафрӯхта нашуд. Гуфтам: Эй хола! Пас бар чӣ таъому хӯрок зиндагиатон сипарӣ мешуд? Гуфт: Аз ду чизи сиёҳ, хурмо ва об (зеро ранги хурмо сиёҳ аст ва ҳарчанд ранги об сафед аст, вале араб ба он сиёҳ низ итлоқ мекунад) ҷуз ин ки Расули Худо (с) ҳамсояҳое аз ансор дошт ва онҳо бузҳои ширие доштанд, ки дигарон барои истифодаи шир ба онҳо дода буданд, ки аз ширашон ба Паёмбари Худо (с) мефиристоданд ва моро аз он менӯшонд.

493 - Абусаиди Мақбурӣ аз Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки вай аз канори гурӯҳе аз мардум гузашт, ки дар байнашон гӯсфандбирёне қарор дошт ва аз ӯ даъват ба амал оварданд. Ӯ ибо варзиду гуфт: Расули Худо (с) аз дунё рафтанд, дар ҳоле, ки аз нони ҷавин сер нашуданд.

494 - Анас (р) гуфт: Паёмбар (с) то маргашон бар таъомхӯрӣ нон нахӯрданд ва нони нарм ҳам нахӯрданд. Ва дар ривояте омада, гӯсфанди комилеро, ки бирён шуда бошад ҳам, ҳаргиз ба чашмашон надиданд.

495 - Нӯъмон ибни Башир (р) гуфт: Паёмбари шумо (с)-ро дидам, дар ҳоле ки хурмои носарае намеёфт, ки шиками худро сер кунад.

496 - Урва аз Оиша (р) ривоят мекунад, ки мегуфт: ба Худо, эй хоҳарзода, ҳилол то ҳилол назар мекардем, се ҳилол дар ду моҳ, дар ҳоле ки дар хонаҳои Расули Худо (с) оташе барафрӯхта нашуд. Гуфтам: эй хола! Пас бар чӣ чизе аз таъом ва қӯт зиндагиатон сипарӣ мешуд? Гуфт: аз ду чизи сиёҳ, хурмо ва об (*зеро ранги об сафед аст, вале Араб ба он сиёҳ низ итлоқ*

*мекунад*) ҷуз ин ки Расули Худо (с) ҳамсояҳое аз ансор дошт ва онҳо бузҳои ширие доштанд, ки дигарон барои истифодаи шир ба онҳо дода буданд, ки аз ширашон ба Расули Худо (с) мефиристоданд ва моро аз он менӯшонд.

497 - Абуҳурайра (р) ривоят карда, гуфт: рӯзе ё шабе Расули Худо (с) баромад ва ногаҳон бо Абубакр ва Умар (р) бархӯрда, фармуд: чӣ чиз шуморо дар ин лаҳза аз хонаҳоятон берун намуд? Гуфтанд: гуруснагӣ ё Расулаллоҳ! Он ҳазрат (с) гуфт: Қасам ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, маро ҳам он чӣ шуморо хориҷ сохта, берун намуд, бархезед ва бо ӯ бархостанд ва ба хонаи марде аз ансор омад, ки ӯ низ дар хонааш набуд. Чун зани он шахс эшонро дид, гуфт: Хуш омадед ва ба хонаи худ омадед. Паёмбар (с) фармуд: Фалонӣ куҷост? Гуфт: ӯ рафта, то барои мо оби ошомиданӣ биёварад. Ногаҳон марди ансорӣ омад ва Расули Худо (с) ва ду ёрашро дида гуфт: Алҳамдулиллоҳ, ҳеҷ кас имрӯз меҳмонони арҷмандтар ва азизтаре аз ман надорад, сипас рафта шохае овард, ки дар он хурмои ғураи тоза ва хушк буд. Гуфт: бихӯред ва кордро гирифт. Расули Худо (с) ба вай фармуд: Огоҳ бош, ки гӯсфанди ширдеҳро накушӣ. Ва он шахс барои эшон гӯсфанде забҳ намуда ва аз он гӯсфанд ва он шоха хӯрданд ва ошомиданд. Чун аз об ва нон сер шуданд, Расули Худо (с) ба Абубакр (р) ва Умар (р) фармуд: савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ҳамоно дар рӯзи қиёмат аз ин неъмат пурсида мешавед, аз хонаҳои худ гурусна берун омадед ва ба хонаҳоятон баргаштед, то аз ин неъматҳо бархурдор шудед.

498 - Холид ибни Умайри Адавӣ гуфт: Утба ибни Ғазвон, ки волии Басра буд, барои мо хутба хонд ва баъд аз ин ки ҳамду санои Ҳақ таъолоро адо намуд, гуфт: Аммо баъд: Ҳамоно дунё аз тамом шуданаш хабар дода ва ба сурат пушт гардонидааст ва намонда аз он магар ба миқдори каме аз об, ки дар зарф мондаву соҳибаш онро ҷамъ мекунад ва шумо аз он ба сарое меравед, ки завол надорад. Пас беҳтарин чизҳоеро, ки бо худ доред, ҳамроҳатон бардоред, зеро ба мо ёдоварӣ шуда, ки санг аз болои миёнаи дӯзах андохта шуда ва ҳафтод

сол суқут карда ва амиқ онро дарнамеёбад ва ба Худо савганд, ки дӯзах пурсохта хоҳад шуд. Оё таъаҷҷуб кардед? Ва ҳамоно ба мо ёдоварӣ шуда, ки фосилае миёни ду палаи дарвозаи биҳишт фосилаи чиҳил сол роҳ аст ва рӯзе бар он хоҳад омад, ки аз издиҳоми мардум пур аст ва ҳамоно ман худро ҳафтумин нафар ҳафтан бо Расули Худо (с) дидам, ки таъоме ҷуз барги дарахт надоштем, то ки лабонамон таркид ва чодареро ёфта, онро миёни худ ва Саъд ибни Молик ду қисмат кардам, ки нисфи онро ман эзор кардам ва нисфи онро Саъд ибни Молик барои худ эзор сохт, вале имрӯз ҳар кадом бар шаҳре иморат дорем ва ман ба Худо паноҳ мебарам, ки дар назди хеш бузург ҷилва кунам ва дар назди Худо кӯчак бошам.

499 - Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят намуда, ки Оиша (р) барои мо ҷома ва шалвори (*эзор*) дуруштеро кашида гуфт: Расули Худо (с) дар ин ду либос вафот ёфтанд.

500 - Аз Саъд ибни Абуваққос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ман аввалин арабе ҳастам, ки дар роҳи Худо тире андохта. Ҳамоно бо Расули Худо (с) ҷиҳод мекардем, дар ҳоле, ки таъоме, ҷуз барги дарахти ҳубла *(навъи дарахти бодия)* ва ин самар (мавз (банан) кила) надоштем, ки маводи фузлаи мо, монанди фазлаи гӯсфанди хушк буд.

501 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Худоё, ризқи оли Муҳаммад (с)-ро ба андозае кифояташон бигардон.

502 - Абуҳурайра (р) гуфт: Савганд ба Зоте, ки ҷуз ӯ маъбуди барҳақе нест, ки ман ҷигарамро аз гуруснагӣ ба замин такя медодам ва сангро аз гуруснагӣ ба шикамам мебастам ва ҳамоно рӯзе бар роҳе, ки дар он бар меомаданд, нишастам. Паёмбар (с) аз канорам гузашта, маро дида, табассум намуд ва аз чеҳраам он чиро дар дилам буд, фаҳмида фармуд: Абуҳурайра! Гуфтам: Дар хидматам ё Расулуллоҳ. Фармуд: Ба ман бипайванд ва рафт. Ман ҳам ба таъқибашон рафтам. Пас аз он дохил гардида, иҷоза талабидам ва ба ман иҷозат доданд. Ман дохил шудам ва қадаҳе пур аз ширро дида ва фармуд: Ин шир аз кучост? Гуфтанд: Фалон мард ё фалон зан

барои шумо ҳадя фиристод. Фармуд: Абуҳурайра! Гуфтам: Лаббайк ё Расулуллоҳ. Фармуд: Ба аҳли Суффа пайваста, онҳоро ба сӯям даъват кун. Абуҳурайра (р) гуфт: Аҳли Суффа меҳмонони ислом буда, хонавода ва моле надошта, ба касе пайванде надоштанд ва чун садақае барои Расули Худо (с) меомад, ҳамаро ба онҳо равон карда, худашон аз он намехӯрданд ва чун ҳадяе ба вай мерасид, ба онон фиристода ва худашон ҳам аз он истифода карда, онҳоро дар он шарик месохтанд. Ман даъвати аҳли Суффаро муносиб надошта, бо худ гуфтам: Ин шир дар миёни аҳли Суффа чӣ мешавад? Ман мустаҳиқтарам, то аз ин шир биёшомам ва бад-он қувват ёбам.

Вақте онон биёянд ва ӯ маро амр намояд, ба онон бидиҳам. Оё аз ин шир чӣ ба ман хоҳад расид? Чун аз итоъати Худо ва расулаш чорае набуд, назди онҳо омада, аз эшон даъват намудам. Онҳо низ омаданд ва иҷоза талабиданд. Чун Паёмбар (с) иҷоза фармуданд, дохил шуда, ҳар як дар хона ба ҷое нишастанд. Он ҳазрат (с) фармуд: Абуҳурайра! Гуфтам: Лаббайк ё Расулуллоҳ! Фармуд: Бигир ва ба онон бидеҳ. Гуфт: Ман низ қадаҳро гирифта, ба ҳар яке аз онҳо пешкаш мекардам ва ӯ меошомид, то сероб мешуд ва боз қадаҳро ба ман медод ва онро ба шахси дигар медодам ва меошомид, то сероб мешуд ва боз қадаҳро ба ман медод, то ин ки ба Паёмбар (с) расидам дар ҳоле, ки ҳамаи гурӯҳ сероб шуда буданд. Он ҳазрат (с) қадаҳро гирифт ва ба дасти худ гузошта, ба тарафам нигариста, табассум намуда, фармуд: Абуҳурайра! Гуфтам: Лаббайк ё Расулуллоҳ! Фармуд: Ман ва ту мондем. Гуфтам: Рост фармудӣ ё Расулуллоҳ! Фармуд: Биншин ва биёшом. Ман ҳам нишаста ошомидам. Фармуданд: Биёшом. Боз ошомидам. Ҳамин тавр, фармуд: Биёшом, то ин ки гуфтам: На, қасам ба Зоте, ки туро ба ҳақ фиристода, ҷой намеёбам *(комилан сероб шудаам)*. Фармуд: ба ман нишон деҳ ва қадаҳро гирифта, ба вай додам, пас санои Худоро гуфта, бисмиллоҳ гуфт ва боқимондаро ошомид.

503 - Муҳаммад ибни Сирин аз Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки гуфт: Дар ҳоле худро дидам, ки дар миёни минбари

Расули Худо (с) ва ҳуҷраи Оиша (р) мерафтам, ки беҳушӣ бар ман пайдо мешуд ва шахсе омада пои худро бар гарданам мегузорад, бо тасвири ин ки ман девонаам, дар ҳоле, ки ман девона набудам ва ҷуз гуруснагӣ чизе ранҷам намедод.

504 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) вафот ёфтанд, дар ҳоле ки зиреҳ (*либоси ҷангиашон*) дар баробари сӣ соъ (*соъ-паймонаест, ки тақрибан муъодили сӣ кило мебошад*) ҷав назди яҳудӣ дар гарав буд.

505 - Анас (р) гуфт: Паёмбар (с) зиреҳи *(ҷавшани)* худро дар баробари ҷав ба гарав дод ва ман барои он ҳазрат (с) нони ҷавин ва дунбаи бозшудаи бадбӯе бурдам. Ва аз он ҳазрат (с) шунидам, ки мефармуд: дар субҳ ва шом барои оли Муҳаммад як соъ ҳам набуд, дар ҳоле, ки онон нӯҳ хона буданд.

506 - Абуҳурайра (р) гуфт: Ҳаштод тан аз аҳли Суффаро дидам, ки якеашон ҳам ридое надошт, ё эзор дошт ва ё ҷомае, ки ба гарданҳояшон баста буданд, ки он ҳам то нисфи соқ мерасид ва ё ин ки то шитолинги (*буҷилаки по*) онон буд ва онро ба дасти худ ҷамъ мекарданд, то аврат (*шармгоҳашон*) дида нашавад.

507 - Оиша (р) фармуд: фарши манзили Расули Худо (с) чарме буд, ки канорааш лифи дарахти хурмо буд.

508 - Ибни Умар (р) гуфт: Бо Расули Худо (с) нишаста будем, ки ногоҳ марди ансорӣ омада, бар он ҳазрат (с) салом намуд ва боз он ансорӣ баргашт. Расули Худо (с) фармуданд: Эй бародари ансорӣ! Саъд ибни Убода, бародарам чӣ тавр аст? Гуфт: ҳолаш хуб аст. Ва Расули Худо (с) фармуд: Кадом як аз шумо ба аёдати ӯ меравад? Пас бархост ва мо бо вай бархостем дар ҳоле, ки даҳ ва чанде дигар будем, ки на кафш доштем, на мӯза, на кӯлоҳ ва на пироҳан. Ба ин шакл бар замини шӯразор рафтем, то наздаш омадем ва қавмаш аз атрофаш дур шуданд, то ки Расули Худо (с) ва ёронаш ва ононе, ки бо вай буданд, ба ӯ наздик шуданд.

509 - Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: беҳтарини шумо касест, ки дар замонам вуҷуд дорад (*саҳоба разияллоҳу анҳум*), сипас онон, ки ба эшон

наздиканд, (*тобиъин*) ва боз ононе ки ба онҳо наздиканд, (*табаъа тобиъин*). Имрон гуфт: намедонам, паёмбар (с) ду, ё се бор ин суханро такрор карда фармуданд, пас баъд аз эшон қавме меоянд, ки шаҳодат медиҳанд, дар ҳоле ки касе талаби шаҳодат аз онон намекунад ва хиёнат мекунанд ва амин шумурда намешаванд ва назр мекунанд, вале вафо наменамоянд ва дар миёни онон фарбеҳӣ падидор мешавад, (*танпарвар мешаванд*).

510 - Абуумома (р) ривоят менамояд, ки паёмбар (с) фармуд: Эй фарзанди Одам, ҳар гоҳ ту зиёдати молро сарф кунӣ, бароят беҳтар аст ва агар онро нигаҳ дорӣ, бароят шарр аст ва дар ин ки ба қадри ҳоҷат моле дошта бошӣ, маломат намешавӣ. Пас харҷ карданро аз касе оғоз кун, ки нафақааш бар дӯши ту воҷиб аст.

511 - Убайдуллоҳ ибни Муҳсани Ансорӣ Хутамӣ (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: он кӣ аз шумо субҳ намояд, дар ҳоле, ки дар ҷони худ эмин буда ва ҷисмаш солим аст ва тӯшаи рӯзи худро дошта бошад, гӯйи тамоми дунё ба вай дода шудааст.

512 - Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно растагор шуд, он ки ислом овард ва ризқаш басанда буд ва Худованд ӯро ба он чи ки дода, қаноат бахшидааст.

513 - Абумуҳаммад Фазола ибни Убайди Ансорӣ (р) ривоят мекунад, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки фармуд: Хушо ба ҳоли касе, ки ба ислом ҳидоят шуда ва рӯзиаш басанда буда ва қаноат дошта бошад.

514 - Ибни Аббос (р) ривоят намуда гуфт: Расули Худо (с) чандин шаб пай дар пай шиками гурусна мехобид ва хонаводааш нони шабро намеёфтанд ва аксари нонашон аз ҷав буд.

515 - Аз Фазола ибни Убайд (р) ривоят аст, ки чун Расули Худо (с) ба мардум намоз мегузорид, иддае аз онҳое, ки дар намоз истода буданд, аз гуруснагӣ меафтоданд ва онҳо асҳоби Суффа буданд. Чунонки бодиянишинон мегуфтанд: инон

девонаанд ва чун Расули Худо (с) намоз мегузорид, ба эшон нигариста, мефармуд: Агар медонистед он чиро, ки барои шумо дар назди Худои таъоло *(таҳия шуда)* аст, дӯст медоштед, ки гуруснагӣ ва ниёзмандии шумо бештар бошад.

516 - Аз Абукарима Миқдод ибни Маъдикариб (р) ривоят шуда, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳеҷ одаме зарфе пур накард, ки бадтар аз шикам бошад. Барои одамӣ басанда аст, чанд луқмае, ки қомати ӯро устувор нигаҳ дорад. Агар хоҳӣ, нахоҳӣ мехӯрад, бояд сеяки он барои таъом ва сеяки он барои обаш ва сеяки он барои нафасаш бошад.

517 - Аз Абуумомаи Ансории Ҳорисӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Асҳоби Расули Худо (с) рӯзе дар наздаш аз дунё ёд карданд. Расули Худо (с) фармуд: оё намешунавед, оё намешунавед? Соддапӯшӣ аз нишонаҳои имон аст, содапӯшӣ аз нишонаҳои имон аст.

518 - Аз Абуабдуллоҳ Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) моро фиристод ва Абуубайда (р)-ро бар мо амир сохта, то бо корвоне аз Қурайш рӯбарӯ шавем ва ҳамёне аз хурморо барои мо ба унвони тӯша дод, ки барои мо ғайр аз он чизе наёфт ва Абуубайда барои мо як дона хурмо медод. Баъдан гуфта шуд, ки бо он чӣ мекардед? Гуфт: Онро мемакидем, мисле ки тифл мемакад ва баъд аз он об меошомидем ва ҳамон рӯз то шаб барои мо кофӣ буд ва ба асоҳоямон барги дарахтеро, ки ба номи хабат ёд мешавад, хӯрдем, шутур аз он истеъмол мекунад, зада баргашро гирифта, ба об тар намуд ва гуфт: Ҳамчунон бар канораи дарё рафтем, ногаҳон ба соҳили дарё чизе ба шакли тал ва пуштаи реге барои мо боло шуд ва мо ба канораш омада, дидем, ки ҳайвони дарёӣ аст, ки ба номи анбар ёд мешавад ва Абуубайда гуфт: Худмурда аст ва боз гуфт: На, балки мо фиристодаҳои Расули Худо (с) ҳастем ва дар роҳи Худо мебошем ва маҷбур шудаем, пас бихӯред ва се моҳ бар он иқомат намудем ва мо сесад нафар будем, то ин ки фарбеҳ шудем ва ба ёд дорам, ки бо кӯза аз гуди *(косаи)* чашмаш равған мегирифтем ва қитъае аз онро мебуридем, ки чун гов ва ё ба андозаи гов буд.

Абуубайда сездаҳ нафар аз моро гирифта, дар косахонаи чашмаш нишонд ва як паҳлӯ аз паҳлӯҳояшро гирифта, онро баланд кард ва баъд бузургтарин шутуреро, ки бо худ доштем, аз зери он гузаронд ва аз гӯшташ миқдоре озуқа гирифтем. Чун ба Мадина расидем, хидмати Расули Худо (с) омада, ин мавзӯъро барояш ёдоварӣ кардем. Он ҳазрат (с) фармуд: Он ризқе буд, ки Худованд барои шумо берун намуд, оё аз гӯшти он чизе доред, ки барои мо бихӯронед? Пас аз он барои он ҳазрат (с) фиристодем, ки аз он хӯрданд.

519 - Асмоа духтари Язид (р) гуфт: Остини пироҳани Паёмбари Худо (с) то банди даст буд.

520 - Ҷобир (р) гуфт: Мо дар рӯзи Хандақ заминро чуқур мекардем, ки ногоҳ бо замини сахте рӯбарӯ шудем, ки бо каланг чуқур намешуд. Хидмати паёмбар (с) омада гуфтем: Замини бисёр сахте дар Хандақ пайдо шуда. Он ҳазрат (с) фармуд: Ман фуруд меоям. Ва бархост, дар ҳоле, ки шикамашро ба санге баста буд ва се рӯз шуда буд, ки таъом нахӯрда будем. Паёмбар (с) калангро гирифта зад ва хок нарм шуд. Гуфтем: Ё Расулуллоҳ! Ба ман иҷоза деҳ, то ба хона равам ва ба ҳамсарам гуфтам: Ба паёмбар (с) чизеро дидам, ки бетоқатам намуда, оё чизе назди ту мавҷуд аст? Гуфт: Наздам ҷав ва бузғолаи мода аст. Бузғолаи модаро кушта, ҷавро орд намуд ва гӯштро дар деги сангӣ андохтем ва сипас хидмати паёмбар (с) омадам, дар ҳоле, ки хамир расида буд ва деги сангӣ бар сари дегдон ба пухта шудан наздик буд. Гуфтам: Андаке таъом дорам ё Расулуллоҳ! Шумо бо як мард ё ду мард бархезед. Фармуд: Он чӣ қадар аст? Барояш ёдовар шудам. Фармуд: Бисёр ва пок аст. Ба ҳамсарат бигӯ, ки гӯштро аз дег ва нонро аз танӯр накашад, то биёям ва фармуданд: Баланд шавед! Муҳоҷирин ва ансор ҳам баланд шуданд. Назди ҳамсарам рафта, ба вай гуфтам: Вой бар ту! Паёмбар (с) ва муҳоҷирин ва ансор ва касоне, ки бо онҳоянд, омаданд. Гуфт: Оё аз ту пурсиш намуд? Гуфтам: Бале. Паёмбар (с) гуфт: Дохил шавед ва издиҳом накунед ва сипас шурӯъ ба шикастани нон намуда, гӯштро бар он мегузошт ва пас аз гирифтани нон ва гӯшт сари

танӯр ва дегро мепӯшонд ва ба асҳобаш наздик карда ва боз дасти худро пас мекашид ва ҳамин тавр нонро шикаста ва аз дег мегирифт, то ҳама сер шуданд аз онҳо чизе монд ва фармуд: Аз ин бихӯр ва ҳадя бидеҳ, зеро мардум бо гуруснагӣ рӯбарӯ шудаанд.

Ва дар ривояте омада, ки Ҷобир (р) гуфт: Чун Хандақ канда шуд, паёмбар (с)-ро сахт гурусна ёфтам. Вай халтае берун кард, ки дар он паёмонае аз ҷав буд. Бузғолачаи хонагӣ доштам, онро забҳ кардам ва ҳамсарам ҷавро хамир кард ва то ман аз забҳ фориғ шудам, вай низ аз хамир фориғ шуд ва онро қитъа-қитъа карда, дар дег андохтам ва дунболи Расули Худо (с) фиристодам. Занам гуфт: Маро дар назди паёмбар (с) ва касоне, ки бо ӯянд, расво масоз. Баъд хидматаш расида, пинҳонӣ ба вай гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Гӯсфандеро забҳ намудем ва паймонаи аз ҷавро орд кардем, шумо ҳамроҳи иддае биёед. Паёмбар (с) фарёд зад ва фармуд: Эй мардуми Хандақ! Биштобед, ки Ҷобир барои шумо меҳмонӣ тартиб додааст. Пас аз он паёмбар (с) фармуд: Дегро поин макун ва хамиратро мапаз, то биёям ва ман ҳам омадам. Паёмбар (с) пешопеши мардум ҳаракат менамуд, то назди занам расидам. Гуфт: Чӣ кардӣ? Чӣ кардӣ? *(Яъне, маро сарзаниш кард)* Гуфтам: Он чи гуфтӣ, кардам. Хамирро кашидем ва дар он оби даҳанашро гузошта, дуъои баракатро хонд. Баъд ба сӯи дег рафта, ба он низ оби даҳан гузошта, дуъои баракат намуд ва сипас фармуд: Нонпазеро бихоҳ, то ҳамроҳат бипазад ва аз дег бардор ва поинаш макун. Онон ҳазор тан буданд. Савганд ба Худо, ки ҳама хӯрданд, то ки боқӣ монд ва рафтанд ва дег ҳамчунон меҷӯшид, мисли аввал ва аз хамир пухта мешуд, чунонки буд.

521 - Анас (р) гуфт: Абуталҳа барои умми Сулайм гуфт: Ман садои Расули Худо (с)-ро хафиф ва оҳиста шунидам, ки гуруснагиашро донистам. Оё чизе дорӣ? Гуфт: Бале. Чанд қурс нони ҷавинро кашида ва дар чодараш печида, зери либосам пинҳон намуд ва баъдан маро назди Расули Худо (с) фиристод. Ман ҳам онро бурдам ва дидам, ки Расули Худо (с) дар масҷид

ҳамроҳи мардум нишастаанд. Ман болои сарашон истодам ва он ҳазрат (с) фармуд: Оё туро Абуталҳа фиристод. Гуфтам: Бале. Боз гуфт: Оё барои таъом маро хост? Гуфтам: Бале. Расули Худо (с) гуфт: Бархезед, онҳо рафтанд ва ман ҳам пешопеш мерафтам, то ин ки назди Абуталҳа омада, ӯро хабар кардам. Абуталҳа гуфт: Эй умми Сулайм! Расули Худо (с) мардумро оварда, мо ҳам таъоме надорем, ки ба онҳо бихӯронем. Гуфт: Худо ва расули ӯ донотаранд. Абуталҳа рафт, то ки ба мулоқоти он ҳазрат (с) расид ва Паёмбари Худо (с) бо вай омаданд, то ба хона дохил шуданд. Расули Худо (с) фармуд: Эй умми Сулайм! Ҳар чӣ дорӣ, биёвар ва ӯ таъомро овард. Паёмбари Худо (с) амр намуд, ки онро тика ва нарм намоянд. Умми Сулайм машкеро, ки равған дошт, бар он фишурд ва бо он, нонхӯриш сохт. Баъд аз он Расули Худо (с) он чиро, ки Худо хоста буд, гуфт ва фармуд: Ба даҳ нафар иҷоза деҳ. Барояшон иҷоза дод ва хӯрданду сер шуданд ва баромаданд. Боз фармуд: Барои даҳ нафар иҷозат деҳ! Иҷозат дод ва хӯрданду сер шуданд ва баромаданд, то ин ки ҳама хӯрданд ва сер шуданд, ки онон ҳафтод ё ҳаштод тан буданд.

Дар ривояте омада, ки ҳамин тавр, даҳ нафар берун мегашт, то ин ки ҳеҷ яке аз онҳо намонданд, магар ин ки ворид гашта хӯрданд ва сер шуданд. Сипас онро ҷамъ намуда ва мисли ҳамон буд, ки аз он хӯрданд.

Ва дар ривояте омада, ки сипас даҳ нафар хӯрданд, то ки бо ҳаштод тан ҳамин корро карданд ва сипас Расули Худо (с) ва аҳли хона хӯрданд ва чизе ҳам боқӣ монд.

Ва дар ривояте омада, ки пас аз он зиёда монд, ки ба ҳамсоягони хеш расондем.

Ва дар ривояте аз Анас омада, ки гуфт: Рӯзе хидмати Паёмбари Худо (с) омадам ва дидам, ки бо ёронаш нишаста, шиками худро ба санге баста буданд. Ба баъзе аз ёронаш гуфтам: Чаро Паёмбари Худо (с) шиками худро бастаанд? Гуфтанд: Аз гуруснагӣ. Ман ба назди Абуталҳа рафтам, ки ӯ шавҳари умми Сулайм духтари Милҳон *(модари Анас)* буд ва гуфтам: Эй падар! Ман Расули Худо (с)-ро дидам, ки ба

шиками худ санге баста ва чун аз баъзе ёронаш савол кардам, гуфтанд аз гуруснагӣ ин корро намуда. Абуталҳа назди модарам омада гуфт: Оё чизе дорӣ? Гуфт: Бале. Наздам пораҳои нон ва хурмост. Агар Паёмбари Худо (с) танҳо биёяд, ӯро сер мекунем ва агар каси дигаре биёяд, кам мешавад ва тамоми ҳадисро зикр кард.

## БОБИ 57. Қаноат ва парҳез аз гадоӣ ва миёнаравӣ дар харҷу сарф ва мазаммати гадоӣ бидуни зарурат

Худованд мефармояд:

**Дар замин ҳеҷ ҷунбандае нест, магар ин ки рӯзии вай бар Худост.** *(Ҳуд: 6)*

**Садақот махсуси фуқароест, ки дар роҳи Худо нотавон шуда ва наметавонанд дар замин сафар намоянд ва нодон онро тавонгар мепиндорад аз ҷиҳати тамаъ накарданашон, вале ту ононро мешиносӣ аз чеҳраашон, ки аз мардум ба илҳоҳ савол намекунанд.** *(Бақара: 273)*

**Ва онон, ки чун харҷ намоянд, исроф накунанд ва сахтгирӣ нанамоянд ва атояшон дар ҳади иътидол бошад.**
*(Фурқон: 67)*

**Ва ҷинну инсро наёфаридам, магар барои он, ки маро бипарастанд. Намехоҳам аз онон ризқеро ва намехоҳам, то маро таъом диҳанд.** *(Зориёт: 56-57)*

522 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Ғино *(саховатмандӣ)* ва бениёзӣ бо зиёд будани мол нест, балки ғино, ғинои нафс аст.

523 - Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно растагор шуд, он ки Ислом овард ва ризқаш басанда буд ва Худованд ӯро ба он чи, ки дода, қаноат бахшидааст.

524 - Ҳаким ибни Ҳизом (р) гуфт: аз Расули акрам (с) чизе дархост кардам, ба ман ато кард, боз суол кардам, боз ҳам ба

ман бахшид ва фармуд: эй Ҳаким! Ин мол (*чун меваҳои тоза ва сабзу ширин*) сабз (*хушнамо*) ва лазиз аст, пас касе, ки онро ба саховати нафс бигирад, барояш дар он баракат ниҳода мешавад ва он ки онро ба табъи нафс бигирад, барояш дар он баракат ниҳода намешавад ва монанди касе мебошад, ки мехӯрад ва сер намешавад ва дасти боло беҳтар аст аз дасти пойин. Ҳаким гуфт: сипас гуфтам эй Расули Худо (с) савганд ба он, ки туро ба ҳақ фиристода, баъди шумо аз ҳеҷ кас чизеро намегирам, то бимирам.

Абубакр (р) Ҳаким (р)-ро иҳзор мекард , ки ба ӯ бахшиш диҳад ва ӯ имтиноъ меварзид, ки аз он чизеро бипазирад, боз Умар (р) ӯро хост, то ба ӯ чизе бидиҳад, боз ҳам аз пазируфтани он имтиноъ варзид. Умар (р) гуфт: эй ҷамоъати мусалмонон, ман шуморо бар Ҳаким шоҳид мегирам, ки ман ҳаққи ӯро, ки дар ин ғанимат Худованд ҳиссаи ӯ намуда, ба ӯ арз мекунам ва ӯ аз гирифтани он имтиноъ меварзад ва Ҳаким (р) баъд аз Расули Худо (с) аз ҳеҷ кас чизеро нагирифт, то ин ки вафот кард.

525 - Аз Абубурда аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Бо Паёмбари Худо (с) ба ғазва баромадем ва мо шаш нафар будем, ки як шутур доштем ва онро ба навбат савор мешудем, пойҳои мо обила кард ва поям ба ҳадде куфта шуд, ки нохунҳоям афтод ва мо порчаҳои пора-пораро ба пойҳоямон мепечидем. Аз ин ҷиҳат, ин ғазва ба ном ғазваи Зоти-р-риқоъ номида шуд. Абумӯсо ин қиссаро намуда, баъд аз ин бадаш омаду гуфт: Ман ин корро накардам, то ин ки онро ёдоварӣ кунам. Гуфт: Гӯё бад бурд аз ин ки чизе аз амалашро зоҳир намояд.

526 - Аз Амр ибни Тағлиба (р) ривоят аст, ки моле, ё асиронеро хидмати Расули Худо (с) оварданд ва ӯ онро тақсим намуда, барои бархе аз мардон дод ва барои бархе дигар аз мардон надод ва ба вай иттилоъ расид, ки ононе, ки ӯ онҳоро тарк карда буд, интиқод кардаанд. Пас он ҳазрат (с) бархоста ҳамд ва санои Ӯ таъолоро ба ҷой оварда ва сипас гуфт: Аммо баъд, ба Худо, ман ба як мард мебахшам ва марди дигарро

тарк мекунам ва он касеро ки тарк мекунам, (*чизе барояш намедиҳам*) бештар дӯст медорам аз он, ки ба ӯ чизе медиҳам. Вале ман ба касоне бахшиш медиҳам, ки дар дилҳошон ҳирс ва шиква аст. Ва гурӯҳеро ба он чи ки Худованд дар дилҳояшон ғино ва хайр ниҳода месупорам, ки аз ҷумла Умар ибни Тағлиба аст. Умар ибни Тағлиба гуфт: ба Худо савганд, дӯст надорам, ки дар баробари ин сухани Расули Худо (с) бароям шутурҳои сурх бошад.

527 - Ҳаким ибни Ҳизом (р) гуфт, ки паёмбар (с) фармуд: Дасти боло беҳтар аст аз дасти поин ва оғоз кун ба оилаат ва беҳтарин садақа он аст, ки аз рӯи ғино бошад ва касе, ки аз савол худдорӣ варзад, Худованд ӯро афиф ва бениёз аз савол нигаҳ дорад. Касе, ки бениёзӣ ҷӯяд, Худованд ӯро бениёз гардонад.

528 - Абусуфён Сахр ибни Ҳарб (р) гуфт, ки Расули Худо (с) фармуд: Дар савол исрору зорӣ накунед. Ба Худо савол намекунад яке аз шумо аз ман чизеро, ки ба саволаш аз наздам чизеро барояш берун созад ва ман бад-он розӣ набошам ва боз баракат гузошта шавад дар чизе, ки ман ба вай медиҳам.

529 – Абуабдураҳмон Авф ибни Молики Ашҷаъӣ (р) мегӯяд: мо нӯҳ ё ҳашт ё ҳафт нафар назди Расули Худо (с) будем, фармуд: Оё бо Расуллуллоҳ байъат намекунед? Азбаски мо тоза байъат карда будем, гуфтем: эй Расули Худо (с), ҳароина ба шумо байъат кардем. Боз гуфт: Оё бо Расули Худо (с) байъат намекунед? Сипас дастҳои худро паҳн кардему гуфтем: эй Расули Худо (с), мо бо шумо байъат кардаем, бар чӣ байъат кунем? Он ҳазрат (с) фармуд: Ин ки Худоро парастиш карда, ба вай чизеро шарик маёваред ва намозҳои панҷгонаро адо намуда, итоъати Худоро бикунед ва суханеро оҳиста замзама намуда ва афзуд: аз мардум чизеро махоҳед. Ҳамоно дидам он афродро, ки тозиёнаи яке аз онҳо меафтод ва аз касе намехост, ки онро ба вай бидиҳад.

530 - Аз Абдуллоҳ ибини Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Инсон ҳамвора бо хоҳиш кардан аз дигарон

корашро анҷом медиҳад, то ин ки бо Худованд рӯ ба рӯ мешавад, дар ҳоле, ки дар рӯяш пораи гӯште нест.

531 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) дар ҳоле, ки бар минбар буд, аз садақа ва худдорӣ аз савол ёдоварӣ намуда фармуд: Ҳамоно дасти боло беҳтар аст, аз дасти поин ва дасти боло дастест, ки садақа медиҳад ва дасти поин дасти суолгар аст.

532 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки барои зиёд шудани молаш гадоӣ кунад, ҳамоно пораҳои оташро мехоҳад, пас бояд ё худро аз гадоӣ озод кунад, ё ин ки талаби зиёдат кунад.

533 - Аз Самура ибни Ҷундуб (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳамоно хоҳиши гадоӣ доғест, ки шахс бадон рӯяшро доғдор мекунад. Магар ин ки шахс аз подшоҳ талаб кунад, ё савол кунад, дар амре, ки лозимӣ аст.

534 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки дучори тангдастӣ шавад ва онро ба мардум пешкаш кунад, тангдастиаш рафъ намешавад ва он ки онро ба Худо пешкаш кунад, пас ба зудӣ Худованд барояш ризқи зудрас, ё деррас бирасонад.

535 - Аз Савбон (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Кадом яке ба ман аз амонат медиҳад, то аз мардум чизеро наталабад ва ман барояш биҳиштро замонат кунам? Гуфтам: ман. Ва ӯ аз касе ҳеҷ чизе наметалабид.

536 - Қабиса ибни Мухориқ (р) гуфт: бореро бар дӯш доштам ва ба хидмати Расули Худо (с) омадам, то дар мавриде аз эшон чизе биталабам. Он ҳазрат (с) фармуд: ин ҷо бош, то садақае ба мо бирасад ва чизе аз онро бароят тахсис диҳем ва сипас фармуд: Эй Қабиса, ҳамоно талабидан ҷоиз нест, магар барои яке аз ин се нафар; марде, ки бореро бар дӯш бардорад, (*яъне ҷанге миёни ду гурӯҳ ба вуқӯъ пайвандад ва шахс миёнашон тарҳи сулҳ афканда, барои рафъи хусумат молеро ба зиммааш ниҳад, пас талабидан барои вай равост, то ба он бирасад ва боз худро нигаҳ дорад. Ва марде, ки ба ӯ офате расида, молашро нобуд кунад, пас талабидан барои ӯ равост,*

*то ба он чи ки зиндагиашро бад-он идома диҳад, бирасад, ё гуфт барои садди рамақ.*) Ва марде, ки ба тангдастӣ мубтало шавад, то се тан аз мардуми фарзонаи қавмаш бигӯянд, ҳаққо, ки фалонӣ ба фақру фоқа гирифтор шуда, пас гадо барои ӯ ҷоиз аст, то ба он чи зиндагиашро бад-он идома диҳад, бирасад, ё фармуд садди рамақ. Ва дар ғайри ин ҳолатҳо эй Қабиса, гадоӣ кардану талабидан ҳаром аст ва соҳибаш онро ба гунаи ҳаром мехӯрад.

537 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Мискин касе нест, ки гирди мардум бигардад ва як луқма ё ду луқма ё як хурмо ё ду хурморо бозгардонад, вале мискин касест, ки ғиное намеёбад, то ӯро кифоят кунад ва касе аз ҳолаш ҳам хабардор намешавад, то барояш садақа дода шавад ва истода намешавад, ки аз мардум савол кунад.

## БОБИ 58. Раво будани гирифтани чизе бидуни талабидан ва чашмдошт

538 - Аз Солим ибни Абдуллоҳ ибни Умар аз падараш Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) ба ман чизе медод ва ман ба ӯ мегуфтам, ӯро ба касе деҳ, ки аз ман ниёзмандтар аст, он ҳазрат (с) фармуд: бигир онро. Агар чизе аз он мол бароят биёяд, бидуни ин ки ту чашмдоште аз он дошта бошӣ ва ё онро биталабӣ, он молро бигиру моли худ бигардон. Сипас агар хостӣ, онро бихӯр ва агар хостӣ, онро садақа кун, дар ғайри ин сурат, худ ба дунболи он марав. Солим гӯяд: аз ин рӯ, Абдуллоҳ аз касе чизе наметалабид ва чизеро ҳам, ки ба вай дода мешуд, рад намекард.

539 - Аз Абуабдуллоҳ Зубайр ибни Аввом (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Агар яке аз шумо ресмонҳои худро гирифта, ба кӯҳ рафтаву пуштаи ҳезуме бар дӯши худ оварда бифрӯшад ва Худованд бад-он васила обрӯяшро нигаҳ дорад, барояш беҳтар аз он аст, ки суол кунад, бидиҳандаш ё надиҳандаш.

## БОБИ 59. Тарғиб бар хӯрдан аз дастранҷу меҳнат ва парҳез аз талабидан ва пеш шудан барои гирифтани чизе

Худованд мефармояд:

**Пас чун намоз тамом карда шавад, дар замин мутафарриқ шавед ва фазли Худоро талаб намоед.**

*(Ҷумъа: 1)*

540 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно агар яке аз шумо пуштаи ҳезуме бар дӯшаш ҳамл кунад, барояш беҳтар аст аз ин, ки аз касе қасди талабидан кунад, ки ба вай бидиҳад ва ё аз ӯ манъ кунад.

541 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Довуд (а) ҷуз аз дастранҷи худ чизе намехӯрд.

542 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Закариё алайҳиссалом наҷҷор (дуредгар) буд.

543 - Миқдод ибни Маъдикарб (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳеҷ кас таъомеро нахӯрда, ки беҳтар аз дастранҷи худи ӯ бошад ва Паёмбари Худо Довуд алайҳиссалом аз дастранҷи худ мехӯрд.

## БОБИ 60. Фазилати карам ва саховатмандӣ ва сарф намудан дар роҳҳои хайр бар асоси эътимод бар Худованди мутаъол

قال الله تعالى: ﴿ وَمَا أَنفَقْتُم مِن شَيْءٍ فَهُوَ يُخْلِفُهُ ﴾ [سبأ: ٣٩] وقال تعالى: ﴿ وَمَا تُنفِقُوا مِنْ خَيرٍ فَلأَنفُسِكُمْ وَمَا تُنفِقُونَ إِلاَّ ابتِغَاءَ وَجْهِ اللهِ وَمَا تُنفِقُوا مِنْ خَيرٍ يُوَفَّ إِلَيْكُمْ وَأَنْتُم لا تُظْلَمُونَ ﴾ [البقرة: ٢٧٢] وقال تعالى: ﴿ وَمَا تُنفِقُوا مِنْ خَيرٍ فَإِنَّ اللهَ بِهِ عَلِيمٌ ﴾ [البقرة: ٢٧٣].

Худованд мефармояд:

**Ва ҳар чиро харҷ намоед аз ҳар ҷинсе, ки бошад, Худо ивазаш диҳад.** *(Сабо: 39)*

**Ва он чи аз мол харҷ намудед, пас нафъи он барои худатон аст ва сазовор нест, ки харҷ кунед, ҷуз барои талаби ризои Худо. Ва он чиро аз мол харҷ кардед, барои шумо ба камол ва тамом расонда шавад,** *(яъне савоби ӯ)* **бар шумо ситам карда нахоҳад шуд.** *(Бақара: 272)*

**Ва он чи харҷ кунед аз мол, ҳамоно Худованд ба он доност.** *(Бақара: 273)*

544 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳасад *(орзу кардан)* ҷуз дар ду чиз ҷавоз надорад; якум марде, ки Худованд ба ӯ мол дода ва ӯро дар сарф намудани он дар роҳи ҳақ қудрат додааст; дуввум марде, ки Худованд ба ӯ илме дода ва ӯ бад-он ҳукм намуда ва онро таълим медиҳад.

545 - Аз Абдуллоҳи Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) фармуд: Кадом яке аз шумо моли ворисашро аз моли худ дӯсттар медорад? Гуфтанд: ё Расулаллоҳ, ҳеҷ кадоми мо нест, магар ин ки молаш ба вай азизтар аст. Он ҳазрат (с) фармуд: Моли ӯ он аст, ки онро пеш фиристода ва моли ворисаш он аст, ки онро баъд аз худ гузоштааст.

546 - Адӣ ибни Ҳотим (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Аз дӯзах худро ҳифз кунед, агарчанде ба ним донаҳои хурмо ҳам бошад.

547 - Ҷобир (р) гуфт: Ҳаргиз аз паёмбар (с) чизе хоста нашуд, ки (*дар ҷавоби он*) на, гуфта бошад.

548 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ рӯзе нест, ки бандагон субҳ мекунанд, магар ин ки ду фаришта пойин омада ва яке аз онҳо мегӯяд: Бор, Худоё, барои нафақакунанда иваз бидеҳ ва дуввумӣ мегӯяд: Бор, Худоё, моли мумсик ва бахилро талаф кун.

549 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд мефармояд: Эй фарзанди Одам, инфоқ кун, ки бар ту инфоқ карда мешавад.

550 - Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) гуфт: Марде аз Паёмбари Худо (с) пурсид, ки кадом ислом беҳтар аст? Фармуд: Ин ки таъом бидиҳӣ ва бар ҳар кас, хоҳ ӯро бишносӣ ё нашносӣ, салом диҳӣ.

551 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Чиҳил сифат аст, ки болотарини он, бахшиши гӯсфанд ва гови ширӣ *(барои истифода аз шираш)* мебошад. Ҳеҷ кас як сифате аз онро барои ба даст овардани савоби он ва тасдиқи ваъдааш анҷом намедиҳад, магар ин ки Худованд ӯро бар он амал, ба биҳишт дохил мекунад.

552 - Абуумомаи Судай ибни Аҷлон (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Эй фарзанди Одам! Ҳар гоҳ ту зиёдати молро сарф кунӣ, бароят беҳтар аст ва агар онро нигаҳ дорӣ, бароят шар аст. Ва дар ин ки ба қадри ҳоҷат моле дошта бошӣ, маломат намешавӣ. Пас масрафро аз хонаводаат оғоз кун ва дасти боло аз дасти поён беҳтар аст.

553 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз чизе ба хотири Ислом суол нашуданд, магар ин ки бахшидаанд. Марде наздаш меомад ва ӯ рамаи гӯсфандеро, ки дар миёни ду кӯҳ бурд, ба вай медод ва ӯ ба қавми худ бозгашта мегуфт: Эй қавм! Мусалмон шавед, зеро Муҳаммад (с) монанди касе мебахшад, ки аз фақр наметарсад. Ва чӣ басо мешуд, ки шахсе Ислом меовард, ки ҳадафе ҷуз дунё надошт ва муддати каме бар вай намегузашт, ки Ислом барояш аз дунё ва он чи дар он аст, маҳбубтар мегашт.

554 - Аз Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) молеро қисмат карданд. Гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Касони дигаре вуҷуд доранд, ки аз эшон мустаҳиқтар буданд. Фармуд: Онҳо маро мухайяр сохтанд, ки ба исрор аз ман суол кунанд, ё ин ки маро бахил шуморанд, дар ҳоле, ки бахил нестам.

555 - Аз Ҷубайр ибни Мутъим (р) ривоят аст, ки дар асное, ки ҳангоми бозгашт паёмбар (с) бо вай мерафт, бодиянишинон бо саволоташон ӯро мутаваққиф сохтанд, то ногузир он ҳазрат (с) –ро водор намуданд, ки ба дарахти Самура паноҳ бурд, дар ҳоле, ки онҳо ридояшро рабуда бурданд. Паёмбар (с) баланд шуда фармуд: Ридои маро бидиҳед, агар ба адади ин дарахтони хордор мавошӣ (*чорпоён*) наздам мебуд, онро миёни шумо тақсим мекардам ва маро на бахил ва на бисёр дурӯғпардоз ва на буздил меёфтед, (*яъне, дар тасаввури*

*ҷоҳилонаатон, дар ҳоле, ки ин сифот ҳаргиз дар ман вуҷуд надорад*)

556 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: ҳеҷ садақае молро кам насохт ва Худо ҳеҷ бандаеро ба авф ҷуз иззат наяфзуд ва ҳеҷ кас барои Худо фурӯтанӣ накард, магар ин ки Худованд ӯро баландмартаба намуд.

557 - Аз Абукабша, Амр ибни Саъди Анморӣ (р) ривоят аст, ки аз Расули Худо (с) шунид, ки фармуд: се чиз аст, ки бад-он қасам мехӯрам ва ба шумо сухане мегӯям, пас онро ба ёд оред: моли ҳеҷ бандае зулме нашуд, ки бар он сабр кард, магар он ки Худованд иззати ӯро афзуд ва ҳеҷ бандае дарвозаи саволро накушод, магар ин ки Худованд бар вай дарвозаи фақр ва тангдастиро кушод, ё ҳамчу калимаеро гуфт ва ба шумо сухане мегӯям онро ба ёд доред, фармуд: Ҳамоно дунё барои чаҳор нафар аст: бандае, ки Худо ба ӯ мол ва илме дода ва ӯ дар он аз Худояш тарсида ва дар он силаи раҳмашро пайваста медонад ва медонад, ки Худоро дар он ҳақест ва ин беҳтарин манзилгоҳҳост ва бандае, ки Худо ба ӯ илме дода ва аз мол ӯро рӯзӣ накарда, лекин ӯ дорои нияти содиқона буда ва мегӯяд: агар ман моли фалониро медоштам, кори фалониро анҷом медодам ва ин нияти ӯст, пас ҳардуяшон дар музду савоб баробаранд ва бандае, ки Худо ба ӯ мол дода ва илм надодааст ва ӯ дар моли Худо бидуни илм тасарруф мекунад, ки дар он аз Худояш натарсида ва силаи раҳмашро ба ҷо наоварда ва барои Худо ҳақе намедонад ва ин палидтарин иқоматгоҳҳост ва бандае, ки Худованд ба ӯ на илм дода ва на мол ва ӯ мегӯяд: агар ман моли фалониро медоштам, монанди фалонӣ амал менамудам ва он нияти ӯст ва гуноҳи ҳардуяшон баробар аст.

558 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки онҳо гӯсфандеро забҳ карданд ва паёмбар (с) фармуд: чӣ аз он боқӣ мондааст? Ӯ гуфт: аз он ҷуз шонааш боқӣ намонда. Он ҳазрат (с) фармуд: Балки ҳамааш ҷуз шонааш боқӣ мондааст.

559 - Асмоа бинти Абубакри Сиддиқ (р) гуфт: паёмбар (с) бароям фармуд: Манъ накун он чиро, ки назди туст, то рӯзии ту қатъ карда нашавад. Дар ривояте омада, ки нафақа деҳ, ё

бахшиш деҳ, ё ҳадя деҳ ва машмор, то Худованд бар ту нашморад ва манъ накун, то Худованд аз ту манъ накунад.

560 - Абуҳурайра (р) ривоят намуда, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Мисоли бахил ва касе, ки нафақа мекунад, монанди ду касест, ки барои онҳо ду сипари оҳанин аст, ки аз синаҳояшон то устухони миёнашон ва гарданашон қарор дорад. Аммо нафақакунанда нафақае намекунад, магар ин ки «он сипар» комил гардида, тамоми вуҷудашро дар бар мегирад. Ба андозае, ки ҳамаи баданҳои ӯро мепӯшад ва нишонааш гум мешавад. Аммо бахил пас иродаи нафақаи чизеро намекунад, магар ин ки ду ҳалқа ба ҷояш мечаспад ва ӯ онро кушода медорад, вале кушода намешавад.

561 - Ҳамчунон Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Касе ки қиммати як хурмоеро аз касби ҳалол садақа диҳад ва Худованд ҷуз ҳалол ва покро намепазирад, ҳамоно Худованд ӯро ба дасти росташ пазируфта, онро барои соҳибаш парвариш медиҳад. Чунончи яке аз шумо кураи аспи худро парвариш медиҳад, то ин ки мисли кӯҳ бузург мешавад.

562 - Ва низ Абуҳурайра (р) аз паёмбар (с) ривоят мекунад, ки фармуд: Дар лаҳзае, ки марде дар замини биёбон мерафт, садоеро дар абре шунид, ки боғчаи фалонро сероб кун, он абр дур шуд ва оби худро дар маҳдудаи замине дорои сангҳои сиёҳ рехт ва дид, ки ҷӯй аз ҷӯйҳо ҳамаи он обро дар худ гирд овард ва ӯ бо дунболи об омаду ногаҳон мардеро дид, ки дар боғчааш истода ва обро бо бели худ мегардонад ва ба ӯ гуфт: Эй бандаи Худо, исми ту чист? Гуфт: фалонӣ. Ба исме, ки аз абр шунида буд. Ба ӯ гуфт: Эй бандаи Худо, чаро исмамро мепурсӣ? Гуфт: ман дар абре, ки ин об аз он аст, садое шунидам, ки мегуфт: Боғчаи фалониро сероб кун, ба исми ту. Ту (*дар боғча*) чӣ кор мекунӣ? Гуфт: Ҳоло, ки инро гуфтӣ ман ба он чӣ, ки аз он ҳосил мешавад дида, сеяки онро садақа медиҳам ва ман ва аёлам сеяки онро мехӯрем ва сеяки онро дар он боз мегардонам.

# БОБИ 61. Мамониат аз бухл ва озмандӣ

Худованд мефармояд:

**Пас ҳар кӣ бухл намуда ва худро аз Худо бениёз донист ва некӯиро такзиб кард, пас ба зудӣ кори ӯро душвор мекунем ва ҳангоми ҳалокат дороияш вайро наҷот натавонад дод.** *(Лайл: 8-11)*

**Ва ҳар яке аз бухли нафси худ нигаҳ дошта шавад, пас он гурӯҳ растагоронанд.** *(Тагобун: 16)*

563 - Ҷобир (р) ривоят намуда, ки паёмбар (с) фармуд: Аз зулм битарсед, зеро зулм торикиҳои рӯзи қиёмат аст ва аз оз битарсед, ҳамоно оз касонеро ки пеш аз шумо буданд, ҳалок сохт. Онҳоро водор намуд, ки хунҳояшонро рехта ва маҳоримашонро ҳалол бишморанд.

# БОБИ 62. Баҳс дар мавриди гузашт ва ҳамдардӣ бо дигарон

قال الله تعالى : ﴿ وَيُؤْثِرُونَ(٣) عَلَى أَنْفُسِهِمْ ولو كانَ بِهِم خَصَاصَةٌ ﴾ [الحشر: ٩]

وقال تعالى : ﴿ وَيُطْعِمُونَ الطَّعَامَ على حُبِّهِ مِسكِيناً وَيَتِيماً وأَسِيراً ﴾ [الدهر: ٨]

Худованд мефармояд:

**Ва дигаронро бар хештан бармегузинанд, агарчи ниёзмандтар бошад.** *(Ҳашр: 9)*

**Ва таъом медиҳанд бо вуҷуди эҳтиёҷ ба он барои фақир ва ятим ва зиндонӣ.** *(Даҳр, то охири оятҳо)*

564 - Абуҳурайра (р) ривоят намуда гуфт: марде ба ҳузури паёмбар (с) омаду гуфт: ман бисёр хаста ва низ мондаам. Он ҳазрат (с) назди баъзе аз занонаш фиристод ва ӯ гуфт: савганд ба Зоте, ки туро ба ҳақ фиристода, дар наздам ҷуз об чизе нест. Боз ба сӯи дигаре фиристод ва ӯ ҳам ҳамчунон гуфт, то ин ки ҳамаи онҳо чунон гуфтанд, ки ба Зоте, ки туро ба ҳақ фиристода савганд, ки чизе ҷуз об вуҷуд надорад. Сипас паёмбар (с) фармуд: кадом кас ин шахсро имшаб меҳмон

мекунад? Марде аз ансор гуфт: ман, ё расулаллоҳ. Ва ӯро ба хонааш бурда ва ба занаш гуфт: меҳмони Расули Худо (с) –ро гиромӣ дор. Дар ривояте омада, ки барои занаш гуфт: оё чизе дорӣ? Гуфт: на, ҷуз ғизои атфолам. Гуфт: онҳоро ба чизе машғул дор ва чун нон хостанд, онҳоро хоб кун ва чун меҳмоне дарояд, чароғро хомӯш кун ва ба ӯ нишон бидеҳ, ки мо ғизо мехӯрем. Пас нишастанд ва меҳмон хӯрд ва онҳо ҳарду гурусна хобиданд ва чун субҳ шуд, ба хидмати паёмбар (с) омад, он ҳазрат (с) фармуд: Худованд аз коре, ки ба меҳмони худ кардед, дар шигифт мондааст, (*розӣ шудааст*).

565 - Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули акрам (с) фармуд: Таъоми ду нафар барои се нафар ва таъоми се нафар барои чор нафар кифоят мекунад.

Ва дар ривояти Муслим аз Ҷобир (р) омада, ки Паёмбар (с) фармуд: Таъоми як нафар барои ду нафар ва таъоми ду нафар барои чаҳор нафар ва таъоми чаҳор нафар барои ҳашт нафар кифоят мекунад.

566 - Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят намуда, фармуд: ҳангоме ки мо ба паёмбар (с) ду нафар будем, ногаҳон марде бар маркабаш омад ва ба тарафи рост ва чап нигоҳ мекард, паёмбар (с) фармуд: он кӣ саворие зиёда аз ҳоҷаташ дошта бошад, бояд ки онро ба касе, ки озуқа ва тӯша надорад, садақа диҳад ва аз ақсоми молҳо ёдоварӣ фармуд, чунончи тасаввур намудем, ки ҳеҷ кадоми мо дар чизе ки зиёда аз ҳоҷаташ бошад, ҳақе надорад.

567 - Аз Саҳл, ибни Саъд (р) ривоят шуда, ки зане ҷомаи бофтаро хидмати он ҳазрат (с) оварда, гуфт: онро ба дасти худ бофтам, то шуморо ба он бипӯшонам. Паёмбар (с) онро гирифт, дар ҳоле ки ба он ниёзманд буд ва назди мо ташриф овард, дар ҳоле ки он порчаро барои худ шалвор сохта буд. Фалонӣ гуфт: ӯро ба ман бипӯшон, ки чи қадар зебост. Он ҳазрат (с) фармуд: Хуб ва дар маҷлис нишаст ва сипас бозгашта ва он ҷомаро печонда ба он мард фиристод. Мардум ба ӯ гуфтанд: кори хубе накардӣ, паёмбар (с) дар ҳоле ки ниёзманди он буд пӯшидаш, боз ту онро аз вай талаб намудӣ,

дар ҳоле ки медонистӣ вай ҳеҷ суолкунандаро рад намекунад. Он шахс гуфт: ба Худо савганд, ман онро наталабидам, то онро бипӯшам, вале онро талаб кардам, то кафани ман бошад. Саҳл гуфт: ва он порча кафани вай гардид.

568 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) фармуд: Чун ашъариҳо тӯшаашон дар ҷанг наздик ба тамом шуд, ё таъоми хонаводаашон дар Мадина кам гардид, ҳамаи он чиро, ки доранд, дар як либос ҷамъ намуда, сипас онро мусовиёна *(баробар)* дар як зарф миёни худ тақсим менамоянд, пас эшон аз мананд ва ман аз онҳо ҳастам.

## БОБИ 63. Мусобиқа дар умури охират ва зиёдаталабӣ аз он чи ба-дон баракат ҳосил мешавад

قال الله تعالى: ﴿ وَفِي ذَٰلِكَ فَلْيَتَنَافَسِ الْمُتَنَافِسُونَ ﴾ [المطففين: ٢٦].

Худованд мефармояд:

**Ва барои расидан ба неъматҳои биҳишт рағбаткунандагон бо ҳамдигар бояд сабқат намоянд.** *(Мутаффифин: 26)*

569 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки шарбате барои Расули Худо (с) оварда шуд ва аз он ошомиданд ва ба тарафи росташон писаре ва дар тарафи чапашон пирамардҳо буданд. Он ҳазрат (с) барои писар фармуданд: оё ба ман иҷоза медиҳӣ, ки ба эшон бидиҳам? Писар гуфт: на, ё Расулаллоҳ, ҳеҷ касро бар насибам, ки аз тарафи шумо ба ман расида, тарҷиҳ намедиҳам ва Расули Худо (с) онро дар дасташ гузошт.

570 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳангоме, ки ҳазрати Айюб (а) бараҳна ғусл менамуд, малахе аз тилло болояш афтод *(ин мӯъҷиза будааст)* ва Айюб (а) онро дар ҷомааш печонд. Парвардигори азза ва ҷалла ба вай нидо намуда фармуд: Эй Айюб! Оё туро аз ончи ки мушоҳида мекунӣ, бениёз насохтам? Гуфт: Оре, лекин ба иззати ту савганд, аз баракати ту бениёз шуда наметавонам.

571 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳасад ҷуз дар ду чиз ҷавоз надорад. Яке марде, ки Худованд ба ӯ мол дода, ӯро дар сарф намудани он дар роҳи ҳақ қудрат додааст ва марде, ки ба ӯ илме дода ва ӯ бад-он ҳукм намуда, онро таълим медиҳад.

572 - Аз Ибни Умар (р) аз паёмбар (с) ривоят шуда, ки фармуд: Ҳасад ҷуз дар ду чиз вуҷуд надорад: Марде, ки Худованд ба ӯ Қуръонро дода ва ӯ ба он дар лаҳзаҳои шабу рӯз қиём мекунад ва марде, ки Худованд ба ӯ моле дода ва ӯ дар лаҳзаҳои шабу рӯз онро сарф мекунад.

## БОБИ 64. Фазилати сарватманди шокир ва ӯ касест, ки молро аз роҳи дуруст ба даст оварда ва дар роҳи саҳеҳ сарф менамояд

Худованд мефармояд:

**Пас он кӣ дод ва парҳезгорӣ намуд ва пазируфт миллати некӯро, ӯро тавфиқ диҳем, ҷиҳати расидан ба сарои зебанда.** *(Лайл: 5-8)*

**Ва яксӯ дошта мешавад парҳезгортарини мардум аз он оташ, он ки моли худро медиҳад, то покнафс гардад ва нест барои ҳеҷ як назди ӯ неъмате, ки ҷазо дода шавад, аммо барои ҳосил намудани ризои Парвардигор медиҳад ва ӯ хушнуд хоҳад шуд.** *(Лайл: 18-2)*

**Агар хайрот ошкор кунед, хайрот чизи некӯст ва агар пинҳонаш кунед ва онро ба фақирон бидиҳед, пас ин беҳтар аст барои шумо ва аз шумо дуршаванда созад баъзе гуноҳонатонро ва Худо ба он чи мекунед, огоҳ аст.** *(Бақара: 282)*

**Ҳаргиз наёбед мақоми растагонро, то аз он чи дӯст медоред, харҷ кунед ва ҳар чиро харҷ намоед, Худованд ба он доно аст.** *(Оли Имрон: 92)*

573 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки фуқарои муҳоҷирин ба ҳузури Расули Худо (с) омада, гуфтанд:

сарватмандон мартабаҳои баланд ва неъматҳои доимиро бурданд. Он ҳазрат (с) фармуд: Он чист? Гуфтанд: онон мисли мо намоз гузорида ва мисли мо рӯза мегиранд, вале онҳо садақа медиҳанд ва мо намедиҳем ва онҳо ғуломонро озод мекунанд ва мо ин коррро намекунем? Он ҳазрат (с) фармуд: Оё шуморо хабар надиҳам, ба чизе ки бад-он касонеро, ки аз шумо пешӣ ҷустанд, дарёфта ва аз касоне, ки баъд аз шумоянд, пешӣ ҷӯед ва ҳеҷ кас аз шумо беҳтар набошад, магар касе, ки мисли шумо амал кунад. Гуфтанд: оре, ё Расулаллоҳ! Паёмбар (с) фармуд: дар ақиби ҳар намоз 33-бор ***Субҳоналлоҳ*** ва 33-бор ***Алҳамду лиллоҳ*** ва 33-бор ***Аллоҳу Акбар*** бигӯед. Боз фуқарои муҳоҷирин ба хидмати Расули Худо (с) бозгашта ва гуфтанд: бародарони сарватманди мо аз он чи анҷом додем, шуниданд ва онҳо ҳам ин корро карданд. Расули Худо (с) фармуданд: ин фазли Худост ба ҳар касе, ки бихоҳад медиҳад.

## БОБИ 65. Ёди марг ва кӯтоҳ намудани орзу

قال الله تعالى: ﴿ كُلُّ نَفْسٍ ذَائِقَةُ المَوتِ وَإِنَّما تُوَفَّوْنَ أُجُورَكُم يَوْمَ القِيَامَةِ فَمَن زُحْزِحَ عنِ النَّارِ وأُدخِلَ الجَنَّةَ فَقَد فَازَ وما الحَيَاةُ الدُّنْيَا إلاَّ مَتَاعُ الغُرُورِ ﴾ [آل عمران: ١٨٥] وقال تعالى: ﴿ وما تَدرِي نَفسٌ مَاذا تَكْسِبُ غداً وما تَدرِي نَفسٌ بِأَيِّ أَرضٍ تَمُوتُ ﴾ [لقمان: ٣٤] وقال تعالى: ﴿ فَإِذَا جَاء أَجَلُهُم لا يَسْتَأخِرُونَ سَاعَةً ولا يَستَقدِمون ﴾ [النحل: ٦١] وقال تعالى: ﴿ يا أَيُّها الَّذينَ آمَنُوا لا تُلْهِكُمْ أَموَالكُم ولا أَولادكُم عَن ذِكرِ اللهِ، ومن يَفعَلْ ذلِكَ فَأُولَئِكَ هم الخاسِرُونَ * وأنفِقُوا مِمَّا رَزَقْنَاكُم مِن قَبلِ أَن يأتِيَ أَحَدَكُمُ المَوْتُ فَيَقُولَ رَبِّ لَولا أَخَّرْتَني إلى أَجَلٍ قَرِيبٍ فَأَصَّدَّقَ وأَكُنْ مِنَ الصَّالحِينَ * ولن يُؤَخِّرَ الله نَفساً إذَا جَاءَ أَجلُهَا والله خَبيرٌ بِمَا تَعمَلُونَ ﴾ [المنافقون: ٩ - ١١] وقال تعالى: ﴿ حَتَّى إذَا جَاءَ أَحَدَهُمُ المَوْتُ قَالَ رَبِّ ارجِعُونِ لَعَلِّي أعمَلُ صَالحاً فِيما تَرَكتُ كَلَّا إنَّهَا كَلِمَةٌ هو قَائِلُهَا وَمِن ورَائِهم بَرْزَخٌ(١) إلى يَوْمِ يُبْعَثُونَ * فَإذَا نُفِخَ في الصُّورِ فَلا أَنسَابَ بَيْنَهم يومَئِذٍ ولا يَتَسَاءَلُونَ * فَمَنْ ثَقُلَتْ مَوَازِينُهُ فَأُولئِكَ هُمُ المُفْلِحُونَ *

وَمَن خَفَّت مَوازِينُهُ فَأُولئِكَ الَّذِينَ خَسِرُوا أَنْفُسَهُم فِي جَهَنَّمَ خَالِدُونَ * تَلْفَحُ وُجُوهَهُمُ النَّارُ(٢) وَهُم فِيهَا كَالِحُونَ * أَلَمْ تَكُن آيَاتِي تُتْلَى عَلَيْكُمْ فَكُنْتُمْ بِهَا تُكَذِّبُونَ ﴾ إلى قوله تعالى: ﴿ . . كَمْ لَبِثْتُم فِي الأَرضِ عَدَدَ سِنِينَ * قَالُوا: لَبِثْنَا يَوماً أَو بَعضَ يَوم فَاسْأَلِ العَادِّينَ * قال: إن لَبِثْتُمْ إلاَّ قَلِيلاً لَو أَنَّكُم كُنْتُمْ تعلَمُونَ * أَفَحَسِبتُم أَنَّمَا خَلَقْنَاكُم عَبَثاً(٣) وَأَنَّكُم إِلَيْنَا لا تُرجَعُونَ ﴾ [المؤمنون: ٩٩ ـ ١١٥] وقال تعالى: ﴿ أَلَم يَأْنِ لِلَّذِينَ آمَنُوا أَن تَخْشَعَ قُلُوبُهُمْ لِذكرِ اللهِ وَمَا نَزَلَ مِنَ الحَقِّ وَلا يَكُونُوا كَالَّذِين أُوتُوا الكِتَابَ مِن قَبلُ فَطَالَ عَلَيْهِمُ الأَمَدُ(٤) فَقَسَتْ قُلُوبُهُم وَكَثِيرٌ مِنهُم فَاسِقُونَ ﴾ [الحديد: ١٦]

Худованд мефармояд:

**Ҳар нафсе чашандаи марг аст ва ҷуз ин нест, ки музди хешро тамом дода хоҳед шуд, дар рӯзи қиёмат. Пас ҳар кӣ аз дӯзах дуршаванда дошта шуд ва ба биҳишт оварда шуд. Ҳароина ба мурод расид ва зиндагонии дунё ҷуз бахраи фиребанда беш нест.** *(Оли Имрон: 175)*

**Ва ҳеҷ шахсе намедонад фардо чи кор хоҳад кард ва намедонад ҳеҷ шахсе, ки ба кадомин замин хоҳад мурд.**
*(Луқмон: 34)*

**Пас чун он вақти муқаррар расад, эшон боз намонанд соате ва на пеш раванд**. *(Наҳл: 61)*

**Эй мусалмонон, шуморо амвол ва фарзандони шумо аз ёди Худо машғул нагардонад ва ҳар кӣ чунин кунад, ононанд зиёнкорон ва аз он чи ато кардаем шуморо, харҷ кунед қабл аз ин ки ба яке аз шумо марг расад ва бигӯяд Парвардигоро, чи мешуд, ки маро андаке мӯҳлат медодӣ, то андаке садақа медодам ва аз зумраи солеҳон мегардидам ва Худо ҳаргиз мӯҳлат надиҳад ҳеҷ якеро, чун аҷали ӯ бирасад ва ба он чи менамоед, Худованд огоҳ аст.** *(Мунофиқун: 9-11)*

**Ва дар ғафлати хеш бошанд, то он гоҳ ки касе аз эшонро марг даррасад гӯяд: Парвардигорам, маро бозгардон, бошад, то кори некӯ кунам дар сарое, ки гузоштем онро ва чунин набошад. Ҳароина сухане ҳаст, ки ӯ гӯяндааш ҳаст ва дар**

**баробари эшон ҳиҷобе бошад, то он рӯз, ки барангехта шаванд. Ва чун дамида шавад дар сур, пас хешовандиҳо миёнашон он рӯз набошад ва на бо якдигар ҷавоб ва савол намоянд. Пас ҳар кӣ палаҳои тарозуяш гарон бошад, он даста растагоронанд ва ҳар кӣ палаҳои тарозуяш сабук шуд, онон ҷамоъаеанд, ки дар ҳаққи хеш зиён намуданд ва дар дӯзах ҷовидон бошанд. Рӯяшонро оташ месӯзонад ва онон дар он ҷо туршрӯянд. Гӯям: оё бар шумо оётам хонда намешуд ва онро дурӯғ мепиндоштед? Гуфтанд: Парвардигоро, бадбахтии мо бар мо ғалаба намуд ва гурӯҳи гумроҳ будем. Парвардигоро, берун овар моро аз ин ҷо, ҳар гоҳ дубора ба куфр баргардем, ҳамоно мо ситамгор бошем. Худованд фармояд: бо расвоӣ дохил шавед дар ин ҷо ва бо ман сухан магӯед. Ва гурӯҳе аз бандагонам буданд, ки мегуфтанд: Парвардигоро, имон овардем, пас биёмурз моро ва бар мо бибахшой ва ту беҳтарини бахшандагонӣ. Пасононро масхара гирифтед, то ҷое, ки ёди маро аз дилатон фаромӯш намуданд ва шумо ба онон механдидед. Ва ман имрӯз ононро бар муқобилаи сабрашон ҷазо додаам, ба он ки онон ба мурод расандагонанд. Худованд ба кофирон фармояд, ки медонед шумо чанд сол дар замин диранг намудед? Гӯянд: як рӯз ё баъзе аз рӯзро диранг намудем. Ва аз фариштагоне, ки умри халқро донанд, бозпурс! Худованд фармуд: ҷуз андаке таваққуф накардаед, кош медонистед. Оё пиндоштед, ки шуморо беҳуда офаридем ва шумо ба сӯи мо бозгардонида намешавед.**

*(Мӯъмин: 99-110)*

**Оё навбати он нарасид, ки дили мӯъминон ба ёди Худо хошиъ ва ниёишгар шавад ва ба он чи аз ҳақ нозил шуда таваҷҷуҳ кунанд ва монанди онон ки китоб дода шуда будаанд** *(Яҳуд ва Насоро)* **набошанд, ки дароз гашт бар онон муддат ва сахт шуд дилҳояшон ва бисёре аз онон бадкоронанд.**

(*Ҳадид: 16*)

574 - Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят намуда, гуфт: Расули Худо (с) шонаи маро гирифта, фармуд: Дар дунё чунон бош, ки гӯё ғариб ё раҳгузарӣ. Ва ибни Умар (р) мегуфт: чун шом намудӣ, интэзори субҳро надошта бош ва чун субҳ намудӣ,

мунтазири шаб мабош ва аз саломатиат барои бемориат ва аз зиндагиат барои маргат баҳра гир.

575 - Ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки барои мусалмон нест, дар ҳоле ки соҳиби чизест, ки дар он васият сурат мегирад ва ӯ ду шабро мегузаронад, ҷуз ин ки васияти ӯ дар наздаш навишта бошад ва дар ривояти Муслим омада, ки се шабро мегузаронад. Ибни Умар (р) гуфт: аз замоне, ки ин суханро аз Расули Худо (с) шунидам, як шаб бар ман нагузашта, ҷуз ин ки васияташ дар наздам вуҷуд дорад.

576 - Анас (р) гуфт: Паёмбар (с) чандин хат кашида фармуданд: Ин инсон аст ва ин аҷали ӯ ва дар асное, ки ба зиндагии рӯзмарраааш машғул аст, ногаҳон хати наздиктар ӯро дармеёбад.

577 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) мураббаъеро расм карда ва хати дигареро дар миёнаи он аз берун кашида ва хатҳои кӯчаке ба тарафи ин хат, ки дар васат аст, аз тарафи дохили он кашида, фармуданд: Ин инсон аст ва ин аҷалаш, ки ба он иҳота намуда ва он чи ки хориҷ аст, орзуи ӯст ва ин хатҳои кӯчак ҳаводис аст. Агар аз ин хато равад, они дигар ба вай мерасад ва агар аз он хато кунад, они дигар ба вай мерасад.




578 - Абуҳурайра (р) ривоят намуд, ки Расули Худо (с) фармуд: бишитобед ба анҷоми аъмоли солеҳа, пеш аз ҳафт чиз; оё мунтазиред, ҷуз фақре фаромӯшсозанда ё сарвате туғёноваранда ё бемории табоҳкунанда ё пирии табоҳкунанда ё марги шитобон ё Даҷҷолро, ки ӯ бадтарин ғоибест, ки интэзорашро доред ё қиёматро, ки қиёмат бузургтарин мусибатҳо ва талхтарини он аст.

579 - Абуҳурайра (р) ривоят намуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Нобудсозандаи лаззатҳоро *(маргро)* зиёд ёд кунед.

580 - Убай ибни Каъб (р) гуфт: Чун як сулси шаб мегузашт, Паёмбари Худо (с) баланд шуда мефармуд: Эй мардум! Худоро ёд кунед, омад нафхаи аввал ба дунболи он нафхаи *(дамидани сури)* дуввум мешавад. Марг бо ҳамаи ҳавлҳо ва тарсҳояш даррасид. Марг бо ҳамаи аҳволаш даррасид. Гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Ман зиёд бар шумо дуруд мефиристам. Пас чӣ андоза аз онро барои шумо бигардонам? Фармуд: Ҳар чӣ хостӣ. Гуфтам: Як чорумро? Фармуд: Ҳар чӣ хостӣ ва агар бияфзоӣ, бароят беҳтар аст. Гуфтам нисфро? Фармуд: Ҳарчи хостӣ ва агар зиёд кардӣ, бароят беҳтар аст. Гуфтам: Ду сулсро? Фармуд: Ҳарчи хостӣ ва агар афзудӣ, бароят беҳтар аст. Гуфтам: Ҳамаи дурудро барои шумо мегардонам. Фармуд: Ин тавр, ки шуд, ранҷат дур гашта, гуноҳат омурзида мешавад.

## БОБИ 66. Истиҳбоби зиёрати қубур барои мардон ва дуъое, ки зоир бояд бигӯяд

581 - Аз Бурайда (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: шуморо аз зиёрати қабрҳо наҳй карда будам, аз ин ба баъд онҳоро зиёрат кунед.

582 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) дар охири ҳар шабе, ки навбати ӯ буд, аз хона баромада, ба Бақиъ рафта мефармуд: *Ассалому ъалайкум дора қавмин мӯъминин.* Салом бар шумо бод эй аҳли ин манзил аз мӯъминон ва омад шуморо он чи дирӯз барои фардо бад-он ваъда дода шуда будед ва агар Худо бихоҳад, ба шумо мепайвандем. Худоё, аҳли Бақиъи ғарқадро биёмурз!

583 - Аз Бурайда (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) онҳоро таълим медод, ки чун ба гӯристон раванд, бигӯянд: ***Ассалому ъалайкум ё аҳла-д-диёри мина-л-мӯъминина ва-л-муслимина ва инно иншоаллоҳу бикум лоҳиқӯн. Асъалуллоҳа лано ва лакуму-л-ъофията.*** *Салом бар шумо бод, аҳли ин манзил аз мӯъминон*

*ва мусалмонон ва агар Худо бихоҳад, ба шумо мепайвандем. Аз Худованд барои худ ва шумо офият металабам.*

584 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз канори қабрҳое дар Мадина гузашта, рух ба тарафашон намуда фармуд: **Ассалому ъалайкум ё аҳла-л-қубур.** Салом бар шумо бод эй аҳли қабрҳо! Худо бар мо ва шумо биёмурзад. Шумо аз пеш рафтанд ва мо дар дунболи шумо хоҳем омад.

## БОБИ 67. Нодуруст будан ва кароҳияти орзуи марг аз беморие, ки шахс ба он гирифтор аст ва ҳар гоҳ аз тарси фитна дар дин бошад, боке нест

585 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ як аз шумо маргро орзу накунад, зеро агар некӯкор бошад, шояд некиҳояш афзуда гардад ва агар бадкор бошад, шояд тавба кунад.

Ва дар ривояти Муслим Абуҳурайра (р) аз Расули Худо (с) ривоят мекунад, ки фармуд: Ҳеҷ як аз шумо маргро орзу накунад ва қабл аз ин ки ба вай даррасад, онро талаб нанамоед. Зеро агар ӯ бимирад, амалаш қатъ мегардад ва умр барои мӯъмин ҷуз хайр намеафзояд.

586 - Анас (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ кадоми шумо ба воситаи беморие, ки ба он дучор шуда, маргро орзу накунад. Агар ҳатман ин корро мекунад, бояд бигӯяд: Худоё, то лаҳзае, ки зиндагӣ бароям хайр аст, маро зинда бидор ва лаҳзае, ки марг бароям хайр бошад, маро бимирон.

587 - Аз Қайс ибни Абуҳозим (р) ривоят шуда, ки гуфт: Барои аёдати Хаббоб ибни Арт ба хонааш омадем, ки ҳафт доғ дар ҳафт ҷои баданаш намуда буд ва гуфт: Он идда аз ёронамон, ки вафот ёфтанд, гузаштанд, дар ҳоле, ки аз дунё баҳрае надиданд, ки сабаби нуқсони савобшон бошад ва мо ин қадар неъмат ёфтем, ки барои *(нигаҳдории)* он ҷое ҷуз дар

хока намебинем *(яъне, маҷбурем онро аз тарси дузде дар зери хок пинҳон кунем)* ва агар Паёмбар (с) моро наҳӣ накарда буд, аз ин ки маргро талаб кунам, ман онро дархост мекардам. Боз мартабаи дигар наздаш омадем, дар ҳоле, ки деворero барояш дуруст мекард ва гуфт: Барои мусалмон дар ҳар чизе, ки онро сарф мекунад, савоб дода мешавад. Магар ончиро, ки дар хок ба масраф мерасонад.

## БОБИ 68. Дар мавриди парҳезгорӣ ва тарки умури муштабаҳ *(шубҳанок)*

قَالَ اللهُ تعالى : ﴿ وَتَحْسَبُونَهُ هَيِّناً وهُوَ عِنْدَ اللهِ عَظِيمٌ ﴾ [النور: ١٥] وقالَ تعالى :
﴿ إنَّ رَبَّكَ لَبِالمِرْصادِ ﴾ [الفجر: ١٤].

Худованд мефармояд:

**Ва онро осон мепиндоштед ва ӯ назди Худованд бузург буд.** *(Нур: 15)*

**Ҳароина Парвардигорат ҳамеша дар мурoқибат аст.** *(Фаҷр: 14)*

588 - Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят шудааст, ки гуфт аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳамоно ҳалол возеҳ аст ва ҳаром возеҳ аст ва дар миёни он ду умури муштабаҳе (*шубҳанок*) вуҷуд дорад, ки бисёри мардум онро намедонанд. Пас он ки аз муштабаҳот бипарҳезад, барои дин ва обрӯи худ покӣ ҷустааст ва он кӣ ба муштабаҳот олуда шавад, дар ҳаром афтодааст, монанди чӯпоне, ки дар атрофи чарогоҳи мамнӯъа мечаронад, наздик аст, ки гӯсфандон дар он ворид шаванд.

Огоҳ бошед, ки ҳар подшоҳе чарогоҳи мамнӯъа дорад ва чарогоҳи мамнӯъаи Худо чизҳоест, ки ӯ ҳаром намудааст. Огоҳ бошед, ки дар ҷисм гӯштпораест, ки агар солеҳ шавад, ҳамаи ҷисм дуруст ва солеҳ мегардад ва агар фосид гардад, тамоми ҷисм фосид мегардад ва бидонед, ки он дил аст.

589 - Анас (р) ривоят намуда, ки Расули Худо (с) дар роҳ донаи хурмоеро ёфта, фармуд: Агар наметарсидам, ки мабодо ин хурмо аз садақа бошад, ҳатман онро мехӯрдам.

590 - Аз Навос ибни Самъон (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) фармуд: Некӯӣ ҳусни хулқ аст ва гуноҳ он аст, ки дар дилат нақш бандад ва зишт шуморӣ, ки мардум бар он иттилоъ ёбанд.

591 - Аз Вобиса ибни Маъбад (р) ривоят аст, ки гуфт: Хидмати Паёмбари Худо (с) омадам ва фармуд: Оё омадӣ, ки аз некӯкорӣ савол кунӣ? Гуфтам: Бале. Фармуд: Аз қалбат фатво биҷӯ. Бирав, некӯкорӣ он аст, ки нафс бад-он итминон ёбаду дил бад-он эҳсоси оромиш кунад ва гуноҳ он аст, ки дар нафс ва сина тардид оварад, агарчи мардуми *(ҷоҳил)* фатвоят диҳанд ва фатвоят диҳанд.

592 - Абусирваъа Уқба ибни Ҳорис (р) ривоят намуда, ки ӯ бо духтари Абу Иҳоб ибни Азиз издивоҷ намуд ва сипас зане наздаш омада гуфт: Ҳарду, Уқба ва занашро шир додаам. Уқба (р) ба вай гуфт: намедонам, ки ту маро шир дода бошӣ ва на ҳам ту маро пеш аз ин хабар додаӣ. Баъд ӯ савор гардида, хидмати Расули Худо (с) дар Мадина расид ва аз эшон дар ин маврид пурсиш ба амал овард. Расули Худо (с) фармуд: чӣ тавр ба ӯ издивоҷ мекунӣ? Дар ҳоле ки ин сухан гуфта шудааст. Уқба аз ӯ ҷудо шуда ва зани дигарро ба никоҳ гирифт.

593 - Аз Ҳасан ибни Алӣ (р) ривоят шудааст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) ба ёд дорам, ки фармуд: Он чиро ки туро ба шак андозад, раҳо кун ва ба сӯи чизе, ки туро ба шак наяндозад *(рӯй овар)*.

594 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Абубакр (р) ғуломе дошт, ки барояш хироҷ меовард *(Хироҷ ин аст, ки оқо ба ғуломаш бигӯяд: рӯзона ба ман ин қадар пул бидеҳ ва бақия барои худат аст)*. Ва Абубакр (р) аз хироҷи ӯ мехӯрд. Рӯзе чизеро овард. Абубакр (р) аз он хӯрд ва ғулом ба ӯ гуфт: Медонӣ, ки ин чист? Абубакр (р) гуфт: Чист? Гуфт: Ман дар ҷоҳилият барои шахсе фолбинӣ карда будам, дар ҳоле, ки фолбиниро хуб ёд надоштам, ҷуз ин ки ӯро фиреб додам. Ӯ маро дид ва бароям ба сабаби он фолбинӣ чизеро дод, ки ту аз он хӯрдӣ. Абубакр (р) дасти худро ба даҳон намуда, ҳама чизеро, ки фурӯ бурда буд, қай намуд.

595 - Аз Нофиъ (р) ривоят аст, ки Умар ибни Хаттоб (р) барои муҳоҷирини нахустин чаҳор ҳазор таъйин намуд, дар ҳоле, ки барои писараш Абдуллоҳ сеюним ҳазор муқаррар намуд. Гуфта шуд, ки ӯ ҳам аз муҳоҷирин аст, чаро ба ӯ кам муқарар намудӣ? Гуфт: Падар ва модараш ӯро ҳиҷрат доданд. Мегуфт: Ӯ монанди касе, ки худаш ҳиҷрат намуда нест.

596 - Атийя ибни Урваи Саъдӣ (р) ривоят намуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Банда ба мақоми парҳезгорон намерасад, то он чиро, ки боке надорад, аз тарси он чи, ки боке дорад, тарк кунад.

## БОБИ 69. Истиҳбоби дурӣ гузидан аз мардум, дар вақте ки мардум фосид шаванд ё аз тарси фитна дар дин ва афтодан дар ҳаром ва умури шубҳанок ва амсоли он

قال الله تعالى: ﴿ فَفِرُّوا إِلَى اللَّهِ(٣) إِنِّي لَكُم مِّنْهُ نَذِيرٌ مُّبِينٌ ﴾ [الذاريات: ٥٠].

Худованд мефармояд:

**Пас ба сӯи Худо бигурезед, ҳаққо, ки ман барои шумо аз ҷониби Ӯ таъоло тарсонандаи ошкорам.** *(Зориёт: 5)*

597 - Саъд ибни Аби Ваққос (р) мегӯяд: аз Расули Худо (с) шунидам, ки фармуд: Худованд бандаи парҳезгори ғанинафсу пӯшидаҳолро дӯст медорад.

598 - Абусаиди Худрӣ (р) ривоят намуда, ки марде гуфт: Ё Расулуллоҳ! Кадом як аз мардум беҳтар аст? Фармуд: Мӯъмине, ки дар роҳи Худо ҷиҳоди ҷонӣ ва молӣ мекунад. Гуфт: Боз кадом? Фармуд: Боз марде, ки дар яке дараҳо аз мардум канора гирифта, Парвардигорашро ибодат мекунад. Ва дар ривояте омада, ки аз Худованд тарсида, мардумро аз шарри худ дар амон медорад.

599 - Ва низ аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Наздик аст, ки беҳтарини моли мусалмон гӯсфандоне бошад, ки ба он дунболи қуллаҳои кӯҳҳо ва ҷойҳои

борон меравад ва барои дар амон нигаҳ доштани худ аз фитнаҳо фирор мекунад.

600 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Худованд ҳеҷ паёмбареро нафиристода, магар ин ки гӯсфанд чаронидааст. Ёронаш гуфтанд: Шумо ҳам? Паёмбар (с) фармуд: Бале, ман гӯсфандони мардуми Маккаро дар баробари чанд қирот мечаронидам.

601 - Ва низ Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Аз намунаи беҳтарин васоили касб барои мардум мардест, ки зимоми аспи худро дар роҳи Худо гирифта ва ҳар вақте ки садои ҷангро бишнавад, худро пушти аспаш андохта, куштан ё маргро дар ҷойҳое, ки гумонаш меравад, металабад. Ё мардест, бо гӯсфандоне чанд бар қуллаи кӯҳе аз ин қуллаҳо, ё дар миёни даррае аз ин дарраҳо, ки намозро барпо дошта ва закотро медиҳад ва то даме, ки маргаш даррасад, Худояшро ибодату парастиш мекунад ва ба коре аз корҳои мардум коре надорад, ҷуз дар корҳои нек.

## БОБИ 70. Фазилати омезиш бо мардум ва ҳозир шудан дар намозҳо ва гирдиҳамоиҳояшон ва ҳузур дар маҳзаргоҳҳои хайр ва маҷолиси илм ва зикр бо онон ва иёдати бемор ва ҳузур дар ҷанозаҳо ва ёрӣ расондан ба ниёзмандонашон ва роҳнамоии ҷоҳили онон ва масолеҳи дигарашон барои он ки тавоноии амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро дорад, дар ҳоле, ки худро аз озори дигарон боздошта ва дар ранҷ ва озор сабру шикебоӣ кунад

*Бидон, ки омезиш ва ихтилот бо мардум, ба тавре ки зикр намудам, равиш ва кори беҳтарест, ки Расули Худо (с) ва дигар паёмбарон (ъало набийино ва ъалайҳиму-с-салоту ва-с-салом) бар он будаанд. Ҳамчунон, ки хулафои рошидин ва асҳобе, ки баъд аз эшон буданд ва тобиъин ва уламову*

*баргузидагоне, ки баъд аз эшон буданд, ҳама ва ҳама бар ин будаанд ва ин мазҳаби аксарияти тобиъин ва касонест, ки баъд аз эшон омадаанд.*

*Шофиъӣ ва Аҳмад ва дигар фуқаҳо, ҳам ин назарияро тарҷиҳ додаанд.*

Худованд мефармояд:

**Ва бо якдигар бар некӯкорӣ ва парҳезгорӣ мадад намоед.** *(Моида: 2)*

## БОБИ 71. Дар мавриди тавозуъ ва фурӯтанӣ бо мӯъминон

وقال تعالى: ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا مَنْ يَرْتَدَّ مِنكُم عن دِينِهِ فَسَوْفَ يَأْتِي اللهُ بِقَوْمٍ يُحِبُّهُم وَيُحِبُّونَهُ أَذِلَّةٍ عَلى الْمُؤْمِنِينَ(١) أَعِزَّةٍ عَلى الكَافِرِينَ ﴾ [المائدة: ٥٤] وقال تعالى: ﴿ يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّا خَلَقْنَاكُم مِنْ ذَكَرٍ وأُنْثَى وَجَعَلْنَاكُم شُعُوباً وقَبَائِلَ لِتَعَارَفُوا إِنَّ أَكْرَمَكُم عِنْدَ اللهِ أَتْقَاكُمْ ﴾ [الحجرات: ١٣] وقال تعالى: ﴿ فَلَا تُزَكُّوا أَنْفُسَكُم(٢) هو أَعْلَمُ بِمن اتَّقَى ﴾ [النجم: ٣٢] وقال تعالى: ﴿ وَنَادَى أَصْحَابُ الأَعْرَافِ رِجَالاً يَعرِفُونَهُم بِسِيمَاهُم قالوا: ما أَغْنَى عَنْكُم جَمْعُكُم وما كُنْتُم تَسْتَكْبِرُونَ، أَهؤُلَاءِ الَّذِينَ أَقْسَمْتُم لَا يَنَالُهُمُ اللهُ بِرَحْمَةٍ ادخُلُوا الجَنَّةَ لَا خَوْفٌ عَلَيْكُمْ وَلَا أَنتم تَحْزَنُون ﴾ [الأعراف: ٤٨ ـ ٤٩].

Худованд мефармояд:

**Эй мӯъминон, ҳар кӣ аз шумо аз дини худ баргардад, пас гурӯҳеро хоҳад овард, ки ононро дӯст дорад ва онон низ ӯро дӯст медоранд, мутавазиъанд дар баробари мӯъминон ва дуруштхӯянд бар кофирон.** *(Моида: 54)*

**Эй мардум, шуморо офаридем аз як мард ва зан ва шуморо ҷамоъатҳо ва қабилаҳо сохтем, то якдигарро бишносед ва гиромитарини шумо назди Худованд парҳезгортарини шумост.** *(Ҳуҷурот: 13)*

**Ва бозуи хешро барои онон, ки аз ту пайравӣ карданд, аз мусалмонон паҳн кун.** *(Шуъаро: 215)*

**Пас хештанро ситоиш намоед ва Худованд ба онон, ки парҳезгорӣ карданд, донотар аст.** *(Наҷм: 32)*

**Ва аҳли аъроф нидо намуданд мардумеро, ки мешиносанд ононро ба қиёфаашон. Гӯянд: кифоят накард ҷамъияти шумо ва он ки саркашӣ мекардед, оё ин ҷамоъа ононанд, ки шумо савганд мехӯрдед, ки ҳаргиз Худованд ба онон ҳеҷ раҳматро нарасонад. Гуфта шуд: дароед ба биҳишт, бар шумо ҳеҷ тарс нест ва на шумо андӯҳгин шавед.**

*(Аъроф: 48-49)*

602 - Аз Иёз ибни Ҳимо (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд бар ман ваҳй фиристод, ки бо ҳамдигар фурӯтанӣ кунед, то касе бар дигаре фахр нафурӯшад ва яке бар дигаре саркашӣ накунад.

603 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳеҷ садақае молро бо нуқсон гирифтор накарда ва ҳеҷ бандаеро афв ва гузашт ҷуз иззат наяфзуда ва ҳеҷ касе барои Худо фурӯтанӣ накарда, магар ин ки Худованд ӯро бартарӣ додааст.

604 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) он қадар меҳрабон буд, ки канизе аз канизони Мадина ҳатман тавоноие дошт дасти паёмбар (с) –ро гирифта ва ба ҳар ҷое ки мехост, ӯро бибарад.

605 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки ӯ аз канори чанд кӯдаке гузашта, бар онҳо салом намуд ва гуфт: паёмбар (с) ин корро анҷом медоданд.

606 - Аз Асвад ибни Язид (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Оиша (р) суол шуд, ки паёмбар (с) дар хонааш чӣ мекард? Гуфт: эшон ба кори хонаи хеш машғул буданд ва чун вақти намоз мерасид, ба намоз меомаданд.

607 - Аз Тамим ибни Усайд (р) ривоят шуда, ки гуфт: ба паёмбар (с) расидам, дар ҳоле ки хутба мехонданд ва гуфтам: ё Расулаллоҳ, марди ғарибе омада, аз дини худ мепурсад, ки динаш чист? Расули Худо (с) хутбаро тарк намуда, ба сӯям омад, то ба ман расид ва барояш чаҳорпояе оварданд, ки он ҳазрат (с) бар он нишаст ва маро аз он чӣ Худо барояш таълим

дода буд, таълим дод ва сипас хутбаашро идома дода, ба охир расонд.

608 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки чун Расули Худо (с) нон мехӯрданд, се ангушти худро макида, мефармуданд: Ҳар гоҳ луқмаи яке аз шумо афтод, бояд ки хошокро аз он дур сохта, онро бихӯрад ва барои шайтон нагзорад. Чунончи амр намуданд, ки коса соф шавад ва фармуданд: Зеро шумо намедонед, ки дар кадом қисмати таъоми шумо баракат аст.

609 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Худованд ҳеҷ паёмбареро нафиристода, магар ин ки ӯ гӯсфанд чаронидааст. Ёронаш гуфтанд: шумо ҳам? Фармуд: Бале, ман гӯсфандоне аз мардуми Маккаро дар баробари чанд қирот мечаронидам.

610 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: Агар ба почаи гӯсфанде ё ба бозуе даъват шавам, ҳатман даъватро иҷобат мекунам ва агар ба ман бозуе, ё почае ҳадя шавад, онро мепазирам.

611 - Анас (р) ривоят намуда гуфт: Аз ноқаи Паёмбар (с), ки Азбоъ ном дошт, сабқат бурда намешуд, ё ин ки ба осонӣ бар вай сабқат сурат намегирифт. Бодиянишине бо шутури савории худ омада, аз он пеш гирифт ва ин амр бар муслимин гарон омад ба гунае, ки паёмбар (с) ҳам онро фаҳмид ва сипас фармуд: Бар Худо ҳақ аст, ки ҳеҷ чизе дар дунё гарданфароз нашавад, магар ин ки хораш намояд.

## БОБИ 72. Таҳрими кибр ва хештанбинӣ ва аз худ розӣ будан

Худованд мефармояд:

**Он сарои бозпасинро муқаррар мекунем барои онон, ки наметалабанд такаббур дар замин ва на фасодро ва ҳусни оқибат барои парҳезгорон аст.** *(Қасас: 83)*

**Ва дар замин хиромон маравед.** *(Исро: 37)*

**Ва рӯи худро аз мардум магардон ва дар замин хиромон роҳ марав. Ҳароина Худо ҳар нозандаи худситоро дӯст надорад.** *(Луқмон: 18)*

**Ва Қорун аз қавми Мӯсо буд, пас бар онон таъаддӣ кард ва ӯро ато карда будем аз ганҷҳо он қадар, ки калидҳои ӯ гаронӣ мекард гурӯҳи соҳиби тавоноро ва чун қавмаш ба ӯ гуфт: шод машав, чун Худо дӯст намедорад шодшавандагонро.** то фармудаи Худованд (**Пас мо, ӯро бо хонааш бар замин фурӯ бурдем**). *(Қасас: 76)*

612 - Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: он ки дар дилаш ба андозаи заррае кибр бошад, ба биҳишт дохил намешавад. Касе гуфт: Инсон дӯст медорад, ки ҷомааш ва кафшаш некӯ бошад? Он ҳазрат (с) фармуд: Худованд зебост ва зебоиро дӯст медорад, кибр, саркашӣ дар баробари ҳақ ва ҳақир шумурдани мардум аст.

613 - Салама ибни Акваъ (р) ривоят карда, ки марде дар ҳузури Расули Худо (с) ба дасти чапи хеш таъом мехӯрд. Он ҳазрат (с) фармуд: Ба дасти рости хеш бихӯр! Ӯ гуфт: Наметавонам. Он ҳазрат (с) фармуд: Натавонӣ, чизе ҷуз кибри ӯро ба гуфтани ин сухан водор накард. Ровӣ ҳадис гуфт: Баъд аз он, он марди мазкур дигар натавонист, ки дасти рости худро ба даҳони хеш боло кунад.

614 - Ҳориса ибни Ваҳб (р) ривоят карда, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки фармуд: оё шуморо аз ҷаҳаннамиён бохабар насозам? Ҳар сангдил, озманд, мутакаббир.

615 - Абусаиди Худрӣ (р) аз паёмбар (с) ривоят намуда, ки фармуд: Биҳишт ва ҷаҳаннам бо ҳам баҳс карданд. Ҷаҳаннам гуфт: Дар ман ситамгорон ва мустакбирон аст. Ва биҳишт гуфт: Дар ман мардуми заиф ва мискин аст. Худованд дар миёнашон ҳукм намуд, ки ту биҳишт, раҳмати манӣ! Ба василаи ту касеро, ки бихоҳам, мавриди раҳмати хеш қарор медиҳам ва ту ҷаҳаннам, азоби манӣ! Ба василаи ту касеро, ки бихоҳам, азоб мекунам ва бар ман аст, ки ҳар дуи шуморо пур созам.

616 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд дар рӯзи қиёмат назар намекунад ба сӯи касе, ки эзори худро аз рӯи кибру ғурур ба замин бикашонад.

617 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Се касанд, ки Худованд дар рӯзи қиёмат бо онҳо сухан нагӯяд, покашон нанамуда, бар онҳо нангарад ва барои онҳо азоби дарднокест *(ва онҳо иборатанд аз):* пири зинокор, подшоҳи бисёр дурӯғгӯ ва фақири мутакаббир ва худхоҳ.

618 - Ва низ Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованди азза ва ҷалла фармуд: Иззат эзори ман аст ва кибриё ридои ман аст, пас касе ки бо ман дар яке аз ин ду даъво ва кашмакаш кунад, ӯро ба азоби хеш гирифтор месозам.

619 - Ҳамчунон Абуҳурайра (р) аз Расули Худо (с) ривоят мекунад, ки фармуд: Дар асное, ки марде бо ҷомаи зебо мерафт, дар ҳоле ки аз худаш хушаш меомад ва мӯи сарашро шона карда буд ва дар рафтори худ кибр менамуд, Худованд ногаҳон ӯро ба замин фурӯ бурд ва ӯ то рӯзи қиёмат дар замин фурӯ меравад.

620 - Аз Салма ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳамвора банда хештанбинӣ мекунад, то ин ки дар зумраи ситамгарон ба шумор рафта ва ба азобе, ки ба онҳо расида, гирифтор мешавад.

## БОБИ 73. Ахлоқи некӯ ва писандида

Худованд мефармояд:

**Ва ҳароина ту бо ахлоқи бузурге оростаӣ.** *(Нун: 4)*

**Ва фурӯхӯрандагони хашм ва авфкунандагони тақсир аз мардумон.** *(Оли Имрон: 134)*

621 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт беҳтарини мардум аз рӯи ахлоқ, Расули Худо (с) буд.

622 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ҳеҷ абрешими нозук ва дуруштро ламс накардам, ки аз кафи дасти Расули Худо (с) нармтар бошад ва ҳеҷ бӯеро ҳаргиз нашамидам, ки

аз бӯи Паёмбари Худо (с) беҳтар бошад. Ҳамоно даҳ сол хидмати паёмбар (с)-ро намудам ва ҳаргиз бароям на уф гуфт *(яъне, сухане нагуфт, ки далолат ба хашмашон бар ман намояд)* ва на ҳам барои коре, ки анҷом додам, ба ман гуфт, чаро ин корро анҷом додӣ? Ва барои коре, ки анҷом надодам, ба ман нагуфт, ки чаро чунин накардӣ?

623 - Аз Саъб ибни Ҷассома (р) ривоят шуда, ки гуфт: Гӯрхареро барои Расули Худо (с) ба унвони ҳадя овардам, вале онро ба ман бозгардонд ва чун дигаргунии рангу чеҳраамро дид, фармуд: Мо онро ба иллати дигаре ҷуз ин ки иҳром дорем, рад нанамудаем.

624 - Навос ибни Самъон (р) ривоят намуда гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) дар бораи некӣ ва гуноҳ пурсиш намудам. Он ҳазрат (с) фармуд: Некӯкорӣ ахлоқи накӯ аст ва гуноҳ он аст, ки дар дилат нақш бандад ва зишт пиндорӣ, ки мардум бар он иттилоъ ёбанд.

625 - Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) гуфт: Расули Худо (с) аз рӯи сиришт бадгуфтор ва бадкирдор набуданд ва на онро (худ) қасдан анҷом медоданд (*ва на ҳам чизе эшонро бад-он вомедошт*) ва мефармуд: Аз ҷумлаи беҳтарини шумо касонеанд, ки ахлоқашон некӯтар аст.

626 - Абудардо (р) аз паёмбар (с) ривоят намуда, ки фармуд: Ҳеҷ чизе дар рӯзи қиёмат дар тарозуи бандаи мӯъмин сангинтар аз ахлоқи некӯ нест ва Худованд зишт медорад бадкирдору бадгуфторро.

627 - Ва низ Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: Комилтарини мӯъминон аз назари имондорӣ некӯахлоқтарашон аст ва беҳтарини шумо касонеанд, ки барои занҳои хеш беҳтаринанд.

628 - Ва низ Абуҳурайра (р) гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) дар мавриди он чи, ки бештари мардумро ба биҳишт дохил месозад, пурсида шуд. Фармуд: Тақвои Худо ва ахлоқи некӯ. Ва савол шуд, аз он чӣ, ки бештари мардумро ба ҷаҳаннам ворид месозад. Фармуд: Даҳон ва шармгоҳ.

629 - Оиша (р) ривоят намуд, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Мусалмон бо ахлоқи некӯяш мақоми рӯзадор, барподорандаи намози таҳаҷҷудро дармеёбад.

630 - Абуумомаи Боҳилӣ (р) ривоят намуд, ки паёмбар (с) мефармуд: Ман зоминам ба хонае дар табақоти пойини биҳишт барои касе, ки хусумат ва даъворо тарк кунад, ҳарчанд ки ҳақ ба ҷонибаш бошад ҳам ва ба хонае дар мобайни (*васати*) биҳишт замонат медиҳам, барои касе, ки дурӯғро тарк кунад, ҳарчанд ки он аз барои мазоҳ бошад ва ба хонае дар болотарини табақоти биҳишт тазмин медиҳам, барои касе, ки дорои ахлоқи некӯ бошад.

631 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расулуллоҳ фармуд: Ҳамоно аз маҳбубтарин ва наздиктарини шумо аз назари маҷлис ба ман дар рӯзи қиёмат, касест, ки хушахлоқтарини шумост ва аз мабғузтарин ва дуртарини шумо дар рӯзи қиёмат аз ман, сарсорон ва муташаддиқон ва мутафайҳиқонанд. Гуфтанд: ё расулаллоҳ, сарсорон ва муташаддиқонро донистем, мутафийҳиқон кист? Он ҳазрат (с) фармуд: мутакаббирин.

***Шарҳ:*** муташаддиқ *он аст, ки бо суханаш бар мардум гарданфарозӣ намуда ва барои изҳори фасоҳати зиёд ва қадр додан ба суханаш сӯҳбати зиёд намояд ва* сарсор *низ одами пургӯй ва такаббурпешаро гӯянд.*

## БОБИ 74. Ҳилм ва бурдборӣ ва таъаннӣ кардан ва нармиш намудан

قال الله تعالى: ﴿ وَالْكَاظِمِينَ الْغَيْظَ والعافِينَ عَنِ النَّاسِ وَاللهُ يُحِبُّ الْمُحْسِنِينَ ﴾ [آل عمران: ١٣٤]. وقال تعالى: ﴿ خُذِ الْعَفوَ وَأْمُر بِالعُرْفِ وَأَعْرِض عَنِ الجَاهِلِينَ ﴾ [الأعراف: ١٩٩]. وقال تعالى: ﴿ وَلَا تَسْتَوِي الحَسَنَةُ وَلَا السَّيِّئَةُ، ادْفَعْ بِالَّتِي هِيَ أَحسَنُ، فإذا الذي بَيْنَكَ وَبَيْنَهُ عَدَاوَةٌ كأَنَّهُ وَلِيٌّ حَمِيمٌ(٣) ✱ وَمَا يُلَقَّاهَا إلَّا الَّذِينَ صَبَرُوا، وَمَا يُلَقَّاهَا إلَّا ذُو حَظٍّ عَظِيمٍ ﴾ [فصلت: ٣٤ ـ ٣٥]. وقال تعالى: ﴿ وَلَمَنْ صَبَرَ وَغَفَرَ إِنَّ ذَلِكَ لَمِنْ عَزْمِ الأُمُورِ ﴾ [الشورى: ٤٣].

Худованд мефармояд:

**Ва фурӯхӯрандагони хашм ва авфкунандагони тақсири мардум ва Худованд некӯкоронро дӯст медорад.**

*(Оли Имрон: 134)*

**Авфро лозим гир ва ба кори писандида амр намо ва аз нодонон эъроз кун.** *(Аъроф: 199)*

**Некӣ ва бадӣ баробар нест ва ба тариқае, ки он беҳтар аст, ҷавоб деҳ, пас ногаҳон касе, ки миёни ту ва миёни вай душманӣ аст, гӯё вай ёр ва хешованд шудааст. Ба ин хислат қарин сохта намешавад, магар онон, ки сабр карданд ва қарин сохта намешавад ба ин хислат, магар соҳиби насиби бузург.**

*(Фусилат : 34-35)*

**Ва ҳар кӣ сабр кунад ва бибахшад, ин сифат аз корҳои мақсуд аст.** *(Шӯро: 43)*

632 - Ибни Аббос (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) ба Ашаҷҷи Абдулқайс гуфтанд: Дар ту ду сифат вуҷуд дорад, ки Худо онро дӯст медорад, бурдборӣ ва таъаннӣ кардан.

633 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно Худованд дорои сифати рифқ ва нармиш аст ва рифқу нармишро дар ҳама корҳо дӯст медорад.

634 - Ҳамчунон аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳароина Худованд дорои сифати нармиш буда ва нармишро дӯст медорад ва дар баробари нармрафторӣ савобе медиҳад, ки ба сахтрафторӣ ва дигар корҳо намедиҳад.

635 - Ва низ аз Оиша (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Нармрафторӣ дар ҳеҷ чизе намебошад, магар ин ки онро зиннат медиҳад ва аз ҳеҷ чизе ба дур намешавад, магар онро зишт месозад.

636 - Абуҳурайра (р) ривоят намуда, гуфт: аъробие дар масҷид бавл кард ва мардум бархостанд, то ӯро бизананд, паёмбар (с) фармуд: Ӯро бигзоред, (*бигзоред, то бавлашро тамом кунад*) ва бар бавли ӯ далве, ё чанд далве (*сатил*) об бирезед. Зеро шумо барангехта шудаед, то осонгир бошед ва барои он барангехта нашудаед, ки сахтгирӣ кунед.

637 - Анас (р) ривоят мекунад, ки паёмбар (с) фармуд: осонгирӣ намуда ва сахтгирӣ накунед ва ба мардум мужда диҳед ва онҳоро гурезон масозед.

638 - Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Касе ки аз нармрафторӣ маҳрум сохта шавад, аз тамоми хайр маҳрум гардонида шудааст.

639 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки марде барои паёмбар (с) гуфт: маро тавсия фармо. Он ҳазрат (с) фармуд: Хашм макун ва чандин бор он мард ин суолро такрор кард ва дар ҳар бори он Расули Худо (с) мефармуд: Хашм макун.

640 - Аз Абуяъло Шаддод ибни Авс ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳароина Худованд эҳсон ва некиро бар ҳар чиз воҷиб намудааст, пас чун куштед, некӯ бикушед, (*дар иҷрои ҳади қассос ва таъзироти шаръӣ*) ва чун ҳайвонеро забҳ намудед, некӯ забҳ кунед ва бояд, ки яке аз шумо теғи худро тез кунад ва забиҳаи худро роҳат диҳад.

641 - Оиша (р) мегӯяд: Ҳаргиз мухайяр нагардид Расули Худо (с) миёни ду кор, магар ин ки осонтари онро мегирифт, то модоме ки амри мазкур гуноҳ намебуд ва агар гуноҳ мебуд, дуртарини мардум аз он буд. Ва ҳаргиз паёмбар (с) барои худ дар ҳеҷ чизе интиқом нагирифт, магар ин ки ҳарими Худо поймол шуда бошад, ки он гоҳ барои Худо интиқом мегирифт.

642 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Оё шуморо бохабар насозам аз касе, ки ӯ бар дӯзах ҳаром аст, ё ин ки дӯзах бар вай ҳаром аст? Ҳаром аст бар ҳар наздики осонгир, нармрафтор, нармхӯ.

643 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки вай барои паёмбар (с) гуфт: Оё бар шумо рӯзе омада, ки сахттар аз рӯзи Уҳуд буда бошад? Фармуд: Ҳароина аз қавмат дидам ва сахттарин чизеро, ки аз эшон дидам, ин буд, ки дар рӯзи Ақаба аз онҳо дидам. Зеро ман даъвати худро ба қабилаи Ибни Абдиёлил ибни Абдикулол арза намудам, вале онҳо ба он чи мехостам, посухи мусбат надоданд. Ман дар ҳоле, ки ғамгин будам, ба сӯи ҷиҳати номаълум рафтам ва ногаҳон ба ҳӯш омадаму

дидам, ки ман дар қарни Саолиб ҳастам *(номи мавзеъе аст дар як шабонарӯзи Маккаи мукаррама, ки миқоти мардуми Наҷд аз он аст)*. Сарамро боло кардам, ногаҳон дидам, ки абре бар ман соя афганд ва бад-он нигариста, Ҷабраилро дар он дидам, ки ба ман овоз дода фармуд: Худованд суханеро, ки қавмат ба ту гуфта ва ҷавоберо, ки бароят доданд, шунид ва фариштаи кӯҳҳоро наздат фиристода, то ҳар тавре, ки бихоҳӣ, вайро дар мавридашон маъмур гардонӣ. Сипас, фариштаи кӯҳҳо бар ман овоз дода, салом карду гуфт: Эй Муҳаммад! Ҳароина Худованд суханеро, ки қавмат барои ту гуфта, шунид ва ман фариштаи кӯҳҳо ҳастам. Маро Парвардигорат ба сӯят фиристода, то маро дастур диҳӣ, ҳар гуна, ки бихоҳӣ, ду кӯҳи бузурги Маккаро бар сарашон фуруд орам. Паёмбар (с) фармуд: На, умедворам Худованд аз наслашон касонеро падид оварад, ки Худои воҳидро парастиш намуда, ба ӯ чизеро шарик наёваранд.

## БОБИ 75. Авф ва бахшиш ва дурӣ аз нодонон

قال الله تعالى: ﴿ خُذِ الْعَفْوَ وَأْمُرْ بِالْعُرفِ وَأَعرِض عَنِ الجَاهِلِينَ ﴾ [ الأعراف: ١٩٩ ]. وقال تعالى: ﴿ فَاصفَحِ الصَّفحَ الجَمِيلَ ﴾ [ الحجر: ٨٥ ]. وقال تعالى: ﴿ وَلْيَعْفُوا وَلْيَصْفَحُوا، أَلا تُحِبُّونَ أَن يَغْفِرَ اللهُ لَكُم؟! ﴾ [ النور: ٢٢ ]. وقال تعالى: ﴿ وَالعَافِينَ عَنِ النَّاسِ وَاللهُ يُحِبُّ المُحْسِنِينَ ﴾ [ آل عمران: ١٣٤ ]. وقال تعالى: ﴿ وَلَمَنْ صَبَرَ وَغَفَرَ إِنَّ ذَلِكَ لَمِنْ عَزْمِ الأُمُورِ ﴾ [ الشورى: ٤٣ ].

Худованд мефармояд:

**Пас даргузар аз беадабиашон ба даргузаштани некӯ.** *(Ҳиҷр: 85)*

**Авфро пеша кун ва ба корҳои писандида амр карда ва аз ҷоҳилон эъроз намо.** *(Аъроф: 199)*

**Ва бояд, ки авфкунандагон даргузаранд, оё дӯст намедоред, ки Худо шуморо биёмурзад.** *(Нур: 24)*

**Ва авфкунандагони тақсири мардум ва Худо дӯст медорад некӯкоронро.** *(Оли Имрон: 134)*

**Ва ҳар кӣ сабр кунад ва бибахшад, ин сифат аз корҳои мақсуд аст.** *(Шуро: 43)*

644 - Ва низ Оиша (р) гуфт: Расули Худо (с) ҳаргиз чизеро ба дасти хеш назаданд ва на зане. Ва на ходимеро, магар ин ки ҷиҳод фисабилиллоҳ намуда бошад. ва ҳеҷ таҷовузе бар эшон нашуд, ки барои хеш интиқом гирифта бошад, магар ин ки ба ҳарими шариъати Илоҳӣ таҷовуз шуда бошад, ки дар ин сурат он ҳазрат (с) фақат барои Ҳақ таъоло интиқом мегирифт.

645 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: ман ҳамроҳи Расули Худо (с) мерафтам, дар ҳоле ки ридои наҷронӣ дорои канораҳои ғализ ва сахт бар шонаи муборак буд. Сипас аъробие ба вай расиду ридояшонро гирифта, ба сахтӣ кашид ва ман ба канораи шонаи он ҳазрат (с) дидам, ки гӯшаи ридо азбаски ӯ ба сахтӣ кашида шуда буд, бар он асар гузошта буд. Боз гуфт: эй Муҳаммад (с), амр кун, бароям аз моли Худованд, ки назди туст. Он ҳазрат (с) ба вай нигаристу табассум намуд ва амр кард, ки ба вай чизе дода шавад.

646 - Ибни Масъуд (р) гуфт: Гӯё ман ба сӯи Расули Худо (с) менигарам. Дар ҳоле, ки эшон дар бораи паёмбаре аз паёмбарон (ъало набийино ва ъалайҳимуссалоту вассалом) ҳикоят менамуданд, ки қавмаш вайро зада, хунолуд карданд ва ӯ хунро аз рӯяш масҳ намуда мегуфт: Бор Худоё! Қавмамро биёмурз, зеро онон намедонанд.

647 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки фармуд: нерӯмандӣ ва сарсахтӣ ба паҳлавонӣ нест, балки нерӯманд ва сарсахт касест, ки ҳангоми хашм амири нафси хуб бошад.

## БОБИ 76. Таҳаммул ва бардошти озор ва азият

Худованд мефармояд:

**Ва фурӯхӯрандагони хашм ва авфкунандагони тақсири мардум ва Худованд дӯст медорад некӯкоронро.**

*(Оли Имрон: 134)*

**Ва ҳар кӣ сабр кунаду даргузарад, ин сифат аз корҳои мақсуд аст.** *(Шӯро: 43)*

648 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки марде гуфт: ё Расулаллоҳ, ман ақорибе дорам, ки бо онҳо пайвастагӣ намуда, василаи раҳмро ба ҷой меоварам, вале онҳо бо ман қатъӣ муровада мекунанд ва ман ба онҳо эҳсон ва некӣ мекунам, вале онҳо бо ман бадӣ мекунанд ва ман дар баробарашон аз ҳилм ва бурдборӣ кор мегирам, дар ҳоле ки онҳо бар ман хашм ва тундӣ меварзанд. Он ҳазрат (с) фармуд: агар чунон ки гуфтӣ бошӣ, мисли он аст, ки хокистари доғро ба онҳо бихӯронӣ, (*яъне, рӯи эшонро монанди ранги хокистар кардаӣ ва сиёҳрӯяшон сохтаӣ*) ва ҳамеша ҳамроҳи ту аз тарафи Худованд ёрӣ ва мададгорӣ ба сар мебарад, то бар ин равиш ва шева идома диҳӣ.

## БОБИ 77. Дар мавриди хашм ва ғазаб ҳар гоҳ ҳарими шариъат поймол шавад ва барои ёрии

قال الله تعالى : ﴿ وَمَن يُعَظِّمْ حُرُمَاتِ اللهِ فَهُوَ خَيْرٌ له عِندَ رَبِّهِ ﴾ [ الحج : ٣٠ ] .

وقال تعالى : ﴿ إِنْ تَنْصُرُوا اللهَ يَنْصُرْكُمْ وَيُثَبِّتْ أَقْدَامَكُمْ ﴾ [ محمد : ٧ ]

Худованд мефармояд:

**Ва ҳар кӣ таъзим кунад, аҳкоми Худоро, пас ин (таъзим кардан) беҳтар аст, барои ӯ назди Парвардигораш.** *(Ҳаҷ: 3)*

**Агар дини Худоро нусрат диҳед, Худо шуморо нусрат медиҳад ва устувор месозад гомҳоятонро.** *(Муҳаммад (с): 7)*

649 – Абумасъуд Уқба ибни Амри Бадрӣ (р) ривоят намуда гуфт: марде ба ҳузури паёмбар (с) омада, гуфт: ман аз намози субҳ худро канора мекашам, аз ҷиҳати фалонӣ, ба сабаби он ки ӯ намозро дароз мекунад ва ҳаргиз надидам паёмбар (с)-ро дар ҳеҷ мавзеъе, ки хашмноктар бошад, аз хашме, ки дар он рӯз намуд ва фармуд: Эй мардум, дар миёни шумо касоне ҳастанд, ки мардумро гурезон месозанд ва нафрат медиҳанд, пас ҳар кадоми шумо, ки барои мардум имоматӣ намуд, бояд онро (*намозро*) кӯтоҳ кунад. Зеро дар пушти сари ӯ кӯчак ва бузург ва ниёзманд вуҷуд доранд.

650 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули акрам (с) аз сафаре ташриф оварданд, дар ҳоле ки ман дар суффаи хонаам пардаи нозукеро овезон карда будам, ки он суратҳое дошт ва чун Расули Худо (с) онро диданд, чеҳраи муборакашон дигаргун шуда, аксҳои онро аз байн бурда ва фармуданд: Эй Оиша, сахттарини мардум аз рӯи азоб дар рӯзи қиёмат ва дар пешгоҳи Худо касонеанд, ки ба офариниши Худованд ҳаммонандӣ месозанд.

651 - Ва низ аз Оиша (р) ривоят шуда, ки чун ҳолати зани Махзумие, ки дуздӣ карда буд, Қурайшро ба худ машғул дошт, бо худ гуфтанд, кадом кас дар бораи ӯ бо Расули Худо (с) сухан мегӯяд ва гуфтанд, кадом шахс бар ӯ ҷуръат мекунад, ба ҷуз Усома ибни Зайд маҳбуби Паёмбари Худо (с) сипас Усома (р) бо он ҳазрат (с) сӯҳбат кард. Расулуллоҳ (с) фармуд: Оё дар ҳадде аз ҳудуди Худо шафоъат мекунӣ? Сипас бархоста, хутба хонда фармуд: Мардумеро, ки пеш аз шумо буданд, ин чиз ҳалок сохт, ки чун шахси шариф ва бузургзодае дар миёнашон дуздӣ мекард, ӯро фурӯ мегузоштанд ва чун шахси заъиф ва нотавон дар миёнашон дуздӣ мекард, ҳад (ҷазо)-ро бар ӯ ҷорӣ месохтанд ва савганд ба Худо, ки агар Фотима духтари Муҳаммад (с) дуздӣ мекард, ҳатман дасташро қатъ мекардам.

652 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) касофате (балғам ва ахлот)-ро дар қибла диданд. Ин амр барояшон гарон омада, дар чеҳраи муборак асар намуд. Сипас бархоста, бо дасти худ онро пок карда, фармуданд: Ҳаргоҳ яке аз шумо барои адои намозаш бармехезад, ҳамоно ӯ бо Худояш роз мегӯяд ва ин ки Парвардигораш дар миёни ӯ ва қибла аст. Пас ҳеҷ кадоме аз шумо ба сӯи қибла туф накунад, вале ба сӯи чап ё зери пояш онро бияндозад. Сипас гӯшаи ридои худро гирифта, дар он туф намуда ва қисматеро бар болои қисмати дигар гардонид ва фармуд: Ё ин тавр бикунед!

## БОБИ 78. Дастури авлиёи умур ва зимомдорон ба

## меҳрабонӣ ва нармрафторӣ бо раъоёи хеш ва хайрандешӣ ва шафқат ба эшон ва манъ аз хиёнат ва сахтгирӣ ва фурӯгузошти ҳуқуқ ва масолиҳашон ва бехабарӣ аз онон ва ниёзмандиҳо ва ҳоҷоташон

653 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки мефармуд: ҳамаи шумо чӯпонед ва ҳар кадоми шумо аз раъияти худ пурсида мешавед. Раҳбар чӯпон аст ва масъули раъияти худ аст. Мард дар хонаводааш чӯпон аст ва масъули раъияти худ аст ва зан дар хонаи шавҳари худ чӯпон ва масъули раъияти худ аст ва хидматгор дар моли оқои худ чӯпон аст ва ӯ низ аз раъияти худ бозпурс мешавад ва ҳамаи шумо чӯпонед ва аз раъияти хеш пурсида мешавед.

654 - Аз Абуяъло Маъқил ибни Ясор (р) ривоят шуда, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳеҷ бандае нест, ки Худованд ӯро ба шубонӣ ва зимомдории раъияте баргузида ва ӯ мемирад, дар ҳоле ки ба раъияти худ хиёнат варзидааст, магар ин ки Худованд биҳиштро бар вай ҳаром месозад.

Ва дар ривояте омада, ки боз онро бо хайрхоҳии худ ҳифз накунад, бӯи биҳиштро дарнамеёбад.

Дар ривояте аз Муслим омада, ки ҳеҷ касе нест, ки умури муслимин ба вай супурда мешавад ва сипас ӯ барояшон кӯшиш намекунад ва хайрхоҳӣ наменамояд, магар ин ки бо эшон ба биҳишт дохил намешавад.

655 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз паёмбар (с) шунидам, ки дар хонаам мефармуд: ***Бор, Худоё, касе, ки сарпарастии чизе аз кори умматамро ба дӯш гирад ва бар онҳо сахтгирӣ кунад, бо ӯ сахтгирӣ кун ва касе, ки сарпарастии чизе аз кори умматамро бар дӯш гирифта ва ба онҳо нармӣ кунад, бо ӯ нармӣ кун.***

656 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Роҳбарӣ ва зимомдори бани Исроилро паёмбарон (а) ба дӯш доштанд ва ҳар гоҳ паёмбаре вафот меёфт, паёмбари дигар ба ҷояш менишаст ва ҳамоно паёмбаре баъд аз ман нест

ва зуд аст баъд аз ман хулафое биёянд ва зиёд мешаванд: Гуфтанд: Ё Расулуллоҳ! Моро чӣ дастур медиҳӣ? Фармуд: Шумо ба байъати аввал вафо кунед ва баъд ба онҳо ҳаққашонро бидиҳед ва ҳаққи худро аз Худованд бихоҳед, зеро Худованд ҳатман онҳоро, аз он чи ки сарпарастии онро ба дӯшашон ниҳода, суол мекунад.

657 - Аз Оиз ибни Амр (р) ривоят шуда, ки ӯ пеши Убайдуллоҳ ибни Зиёд омада ва ба ӯ гуфт: Эй писаракам! Ҳамоно аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: бадтарин шубонон ҳутама аст *(чӯпони бераҳм).* Пас барҳазар бош аз ин ки аз ҷумлаи онон бошӣ *(яъне, аз ҷумлаи ҳукксоми золим мабош).*

658 - Аз Абумарями Аздӣ (р) ривоят аст, ки ӯ ба Муовия (р) гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Он ки Худованд ӯро ба сарпарастии коре аз корҳои муслимин бигморад ва ӯ дар баробари ниёзмандӣ, эҳтиёҷ ва фақрашон ҳиҷоб афканад, Худованд дар рӯзи қиёмат дар баробари ниёзмандӣ, эҳтиёҷ ва фақри ӯ ҳиҷоб меафканад.

659 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳафт кас аст, ки Худованд ононро дар сояи Аршаш, дар рӯзе, ки сояе ҷуз сояи Арши ӯ вуҷуд надорад, ҷой медиҳад: зимомдор ва роҳбари додгустар, ҷавоне, ки дар ибодати Худои азза ва ҷалла нашъунамо ёфта ва марде, ки дилаш ба масоҷид пайвастааст, ду марде, ки барои Худо бо ҳам дӯст шуданд, барои ӯ бо ҳам якҷо шуданд ва барои ӯ аз ҳам пароканда гаштанд *(яъне, бар ин дӯстӣ то дами марг пойдорӣ карданд ва аворизи дунявӣ боиси қатъи ин пайванд нашуд).* Ва марде, ки зани зебову дилрабо аз ӯ талаби ҳамбистарӣ кард ва ӯ гуфт: Ман аз Худо метарсам ва марде, ки пинҳонӣ садақа дод, ба гунае, ки дасти чапаш аз он чи дасти росташ харҷ карда, бохабар нашуд ва марде, ки дар танҳоӣ Худоро ёд намуда, ашк аз чашмонаш сарозер шуд.

# БОБИ 79. Дар фазилат ва бартарии зимомдори додгар ва адолат

Худованд мефармояд:

**Ҳароина Худованд ба инсоф ва некӯкорӣ амр мекунад.** *(Наҳл: 90)*

**Ва доду адл намоед, зеро Худованд одилонро дӯст медорад.** *(Ҳуҷурот: 9)*

660 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Муқситин дар назди Худованд бар минбарҳое аз нур қарор доранд, ононе, ки дар ҳукмашон ва хонаводаҳояшон ва вилояте, ки ба онҳо додашуда адолатро риъоят мекунанд.

661 - Аз Авф ибни Молик (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Беҳтарин имомон ва зимомдорони шумо касоне ҳастанд, ки онҳоро дӯст медоранд ва шумо дар ҳақи онҳо дуъо мекунед ва онҳо барои шумо дуъо мекунанд. Ва бадтарини имомон ва зимомдорони шумо касоне ҳастанд, ки аз онҳо бадӣ мебаред ва онҳо аз шумо бад мебаранд ва шумо онҳоро лаънат мекунед ва онҳо шуморо лаънат мекунанд. Гуфт: гуфтем: ё Расулаллоҳ, оё онҳоро аз миён бибарем? Он ҳазрат (с) фармуд: На, то замоне, ки эшон намозро дар миёни шумо барпо доранд, на. То замоне, ки намозро дар миёни шумо барпо доранд.

662 - Аз Иёз ибни Ҳимор (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: аҳли биҳишт се табақаанд, зимомдори одил ва муваффақ ва марди меҳрабону нармдил, ки барои хешу ақрабо ва мусалмон нармӣ мекунад ва инсони ниёзманду оиламанде, ки аз гадоӣ парҳез намояд.

# БОБИ 80. Дар лузуми фармонбардории авлиёи умур *(сардорон)* дар ғайри маъсияти Худо ва ҳаром будани пайравияшон дар маъсият ва нофармонии Худованд ҷалла ҷалолуҳу

قال الله تعالى: ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا أَطِيعُوا اللهَ وَأَطِيعُوا الرَّسُولَ وَأُولِي الأَمْرِ مِنكُمْ ﴾ [ النساء: ٥٩ ].

Худованд мефармояд:

**Ай мӯъминон, Худоро фармонбардорӣ кунед ва фармонбардорӣ кунед паёмбарро ва фармонравоёнеро, ки аз ҷинси шумоянд.** *(Нисо: 59)*

663 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Бар шахси мусалмон лозим аст, ки бишнавад ва итоъат кунад, дар он чи ки дӯст дорад, ё аз он бад мебарад, магар ин ки ба маъсияту гуноҳ амр шавад ва чун ба маъсияте амр шавад, шунидан ва фармонбардорӣ бар ӯ воҷиб нест.

664 - Ва низ вз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун бо Расули Худо (с) ба шунидан ва фармонбардорӣ кардан паймон мебастем *(байъат мекардем)*, барои мо мегуфт: Дар он чи, ки битавонед.

665 - Ҳамчунон аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки аз Расулуллоҳ (с) шунидам, ки мефармуд: Касе, ки дастеро аз итоъати *(зимомдор)* бикашад, дар рӯзи қиёмат бидуни ҳуҷҷат ва далел бо Худо рӯбарӯ мешавад. Ва касе, ки бимирад ва дар гарданаш байъате набошад, ба марги ҷоҳилият мурдааст.

Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки касе бимирад, дар ҳоле, ки аз ҷамоат худро ҷудо кардааст, ҳамоно ба марги ҷоҳилият мемирад.

666 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: бишнавед ва итоъат кунед, агарчанде муқаррар шавад бар шумо ғуломи ҳабашӣ, ки гӯӣ сараш донаи кишмиш *(сиёҳ)* аст.

667 - Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуд: бар ту шунидан ва фармонбардорӣ кардан лозим аст,

ки дар сахтӣ ва осонӣ, дар хӯшӣ ва хӯшии ту, ҳарчанд умаро хештанро бар ту баргузинанд *(яъне ҳуқуқи туро ба худ ихтисос диҳанд).*

668 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят шуда, ки гуфт: Мо бо Расули Худо (с) дар сафар будем ва ба манзиле фуруд омадем. Баъзе аз мо хаймаҳои кӯчаки худро дуруст мекард ва баъзе аз мо мусобиқаи тирандозӣ менамуд ва баъзе дар тевалагоҳи ҳайвоноти худ буданд, ки ногоҳ мунодии Паёмбари Худо (с) эълон намуд, ки ҳамагӣ ба намоз. Ҳамаи мо ба ҳузури Расули Худо (с) гирд омадем, он ҳазрат (с) фармуд: Ҳеҷ паёмбаре пеш аз ман набуда, магар ин ки бар вай ҳақ буда, ки уммати худро ба хайре, ки медонад, раҳнамоӣ намуда, онҳоро аз шарре, ки медонад, боздорад ва офияту саломатии ин уммат дар аввали он гардонида шудааст ва дар охири он балоҳо ва умуре пайдо мешавад, ки шумо онро намешиносед ва фитнае меояд, ки баъзе баъзеи дигарро осонтар месозад *(яъне, фитнаи қаблӣ аз фитнаи баъдӣ кӯчактар ва ҳар фитна нисбат ба фитнаи қаблӣ бузургтар мебошад)* ва фитнае меояду мӯъмин мегӯяд, ки ин фитна маро ҳалок мекунад, боз дур мешавад ва боз фитнае меояду мӯъмин мегӯяд: Ҳамин, ҳамин. Пас, касе, ки дӯст дорад, ин ки аз ҷаҳаннам дур гашта, ба биҳишт дохил шавад, бояд ки маргаш даррасад, дар ҳоле, ки ӯ ба Худо ва рӯзи охират имон дорад ва бо мардум муомилае кунад, ки дӯст медорад, мардум бо ӯ бинамоянд ва он ки ба имоме байъат кунад ва ба ӯ паймони даст ва самараи дилашро бидиҳад, бояд то метавонад аз ӯ итоъат кунад ва агар дигаре омада, бо вай мунозаву ҷанг кард, гардани дуввумиро бизанед.

669 - Аз Абуҳунайда Воил ибни Ҳуҷрӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Салама ибни Язиди Ҷуъфӣ аз Расули Худо (с) суол намуда гуфт: Ё Набияллоҳ! Агар бар мо волиёне таъин гарданд, ки ҳаққи худро аз мо биталабанд, вале ҳаққе моро аз мо боздоранд, моро чӣ дастур медиҳӣ? Он ҳазрат (с) аз вай эъроз намуд. Боз суол кард, Паёмбари Худо (с) фармуд: Бишнавед ва фармон баред, зеро онҳо дар қисмати анҷоми

вазифаи худ масъуланд ва шумо ҳам дар қисмати анҷоми вазифае, ки бар дӯши шумост.

670 - Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: баъд аз ман худгузинӣ *(худписандӣ)* ва умуре падидор мешавад, ки барои шумо ноошност. Гуфтанд: ё Расулаллоҳ, ба чӣ амр мекунӣ, ҳар гоҳ яке аз мо онро дарёбад? Фармуд: ҳақеро, ки бар шумост адо намуда ва он чиро, ки ҳақи шумост аз Худованд талаб кунед.

671 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки аз ман итоъат кунад, аз Худованд итоъат намудааст ва он ки нофармонии маро кунад, ҳамоно нофармонии Худоро кардааст ва он ки аз амир итоъат кунад, аз ман итоъат кардааст ва он ки нофармонии амирро бикунад, ҳамоно нофармонии маро кардааст.

672 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он кӣ аз амираш чизеро бад барад, бояд ки сабр кунад, зеро касе, ки ба андозаи як ваҷаб аз итоъати зимомдор берун шавад, ба марги ҷоҳилият мурдааст.

673 - Аз Абубакра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуд: Он ки зимомдори муслиминро тавҳину таҳқир кунад, Худованд ӯро залил месозад *(яъне, Худованд ӯро дар дунё хор мекунад ва дар охират азоб менамояд)*.

## БОБИ 81. Манъ кардан аз дархости имморат ва беҳтар будани тарки зимомдорӣ ва вилояти амр, ҳар гоҳ ӯро муайян насозанд ва ё маслиҳат тақозо накунад

قال الله تعالى : ﴿ تِلْكَ الدَّارُ الآخِرَةُ نَجعَلُهَا لِلَّذِينَ لاَ يُرِيدُونَ عُلُوّاً فِي الأَرْضِ وَلاَ فَسَاداً وَالعَاقِبَةُ لِلْمُتَّقِين ﴾ [ القصص : ٨٣ ].

Худованд мефармояд:

**Ин сарои бозпасинро ба онон, ки дар замин такаббур ва фасод намекунанд, муқаррар медорем ва ҳусни оқибат барои парҳезгорон аст.** *(Қасас: 83)*

674 - Аз Абусаъид Абдураҳмон ибни Самура (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) бароям фармуд: Эй Абдурраҳмон ибни Самура, дархости иморат макун, зеро агар иморат бидуни дархост бароят дода шавад, бар он ёрӣ дода мешавӣ ва агар ба асоси дархостат дода шавад, худ бад-он муваззаф мешавӣ (*Худованд низ бароят намедиҳад*) ва агар савганде хурдӣ ва ғайри онро беҳтар ёфтӣ, он чиро, ки хайр аст, анҷом деҳ ва ба ивази савгандат кафора деҳ.

675 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Эй Абузар! Ман туро нотавон мебинам ва ман бароят дӯст дорам он чиро, ки барои хеш дӯст медорам. Бар ду нафар амир машав ва сарпарастии моли ятимеро ба дӯш магир.

676 - Ҳамчунин аз Абузар (р) ривоят шуда, ки гуфт: гуфтам, эй Расули Худо (с), оё маро ба вазифае муқаррар намоед? Он ҳазрат (с) дасти худро ба шонаам зада фармуд: Эй Абузар, ҳамоно ту нотавонӣ ва ҳамоно он амонат аст ва натиҷаи он дар рӯзи қиёмат хорӣ ва пушаймонист, магар касе, ки онро ба ҳақаш гирифта ва воҷиберо, ки дар ин маврид бар дӯши ӯст, ба ҷой оварад.

677 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно шумо бар иморат ҳирс меварзед ва зуд аст, ки дар рӯзи қиёмат пушаймонӣ ба бор оварад.

678 - Аз Абусаид ва Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Худованд ҳеҷ паёмбареро нафиристода ва ҳеҷ касеро халифа насохта, магар ин ки барояшон ду роздор ва дӯсти холис мебошад: Дӯсте, ки ӯро ба корҳои хуб амру ташвиқ мекунад ва дӯсте, ки ӯро ба корҳои бад амру ташвиқ менамояд ва маъсум касест, ки Худованд ҳифзаш кунад.

## БОБИ 82. Тарғиби зимомдор ва қозӣ ва дигар волиёни амр, бар ин ки вазир ва ҳамкори солиҳ баргузинанд ва аз ҳамнишинони бад дурӣ ҷӯянд

Худованд мефармояд:

**Дар он рӯз баъзе дӯстон бо баъзе душман бошанд, ҷуз парҳезгорон.** *(Зухруф: 67)*

679 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ҳар гоҳ Худованд ба зимомдор иродаи хайр кунад, барояш вазир ва дӯсте бармегузинад, ки чун фаромӯш кунад, ба ёдаш оварад ва агар ба ёд оварад, кӯмакаш кунад ва агар ба ӯ иродаи дигаре дошта бошад, барояш вазири баде муайян мекунад, ки агар фаромӯш кунад, ба ёдаш намеоварад ва чун ёд оварад, ёрияш накунад.

## БОБИ 83. Наҳй аз тафвизи иморат ва қазо барои он ки талабаш кунад ва ё бар он ҳирс варзад

680 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: ман ва ду нафар писари амакҳоям хидмати паёмбар (с) дохил шудем. Яке аз он ду гуфт: эй Расули Худо, моро ба баъзе аз он чи, ки Худованд бар он сарпараст муқаррар фармуда, маъмур гардон ва дуввумӣ ҳам чунин гуфт: Он ҳазрат (с) фармуд: Ба Худо мо ин корро ба касе намесупорем, ки онро биталабад ва ё бар он ҳирс варзад.

681 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) аз канори марде аз ансор гузаштанд дар ҳоле, ки бародарашро дар мавриди ҳаё насиҳат мекард. Паёмбари Худо (с) фармуд: Раҳояш кун, зеро ҳаё аз ҷумлаи вижагиҳои имон аст.

# 1. КИТОБИ ОДОБ

## БОБИ 84. Дар фазилати ҳаё ва ташвиқ бар он

682 - Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳаё ҷуз хайр чизеро ба бор намеоварад.

683 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Имон ҳафтоду чанд шоха аст, ё фармуд: Шасту чанд шоха аст, пас бартарини он гуфтани **ло илоҳа иллаллоҳ** аст ва поинтарини он дур кардани чизҳои озордиҳанда мисли хасу хошок, санг, чӯб, гил, хокистар, палидӣ ва монанди он аз роҳ аст. Ва ҳаё шохае аз имон аст.

684 - Аз Абусаиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ҳаёи Паёмбари Худо (с) аз ҳаёи духтари бокира дар парда шадидтар буд ва ҳаргоҳ чизеро мушоҳида менамуд, ки аз он бадаш меомад, дар чеҳраи муборакаш онро дармеёфтем.

## БОБИ 85. Дар аҳамияти ҳифз ва нигаҳдории асрор ва розҳои ниҳонӣ

قال الله تعالى: ﴿ وَأَوْفُوا بِالْعَهْدِ إِنَّ الْعَهْدَ كَانَ مَسْؤُولاً ﴾ [ الإسراء: ٣٤ ].

Худованд мефармояд:

**Ва ба аҳд вафо кунед, зеро аз вафо ба аҳд пурсида хоҳед шуд.** *(Исро: 34)*

685 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно аз бадтарини мардум дар назди Худо аз рӯи мартаба дар рӯзи қиёмат мардест, ки бо зани худ

ҳамбистар мегардад ва зан бо ӯ ҳамбистар мегардад ва сипас рози занро ошкор мекунад.

686 - Абдуллоҳ ибни Умар (р) аз Умар (р) ривоят намуда, ки чун духтараш Ҳафса бева шуд, гуфт: Бо Усмон (р) мулоқот намудам ва Ҳафсаро барои издивоҷи вай пешниҳод кардам ва гуфтам: Агар бихоҳӣ Ҳафса бинти Умарро ба ақди никоҳат дарорам. Гуфт: Дар корам менигарам. Сипас чанд шабе сабр намудам ва боз ӯро дидам, гуфт: Ба ин назар расидам, ки дар ин вақт издивоҷ накунам. Боз Абубакр (р)-ро мулоқот намуда, ба вай гуфтам: Агар бихоҳӣ, Ҳафса бинти Умарро ба ақди никоҳат дароварам. Абубакр хомӯш гашта, ҳеҷ чизе боз нагуфт. Аз ин рӯ, беш аз Усмон (р) бар вай хашмнок будам. Чанд шабе сабр кардам. сипас паёмбар (с) ӯро хостгорӣ намуд ва ман ӯро барояшон ба никоҳ додам. Абубакр (р) маро дида гуфт: Ҳатман бар ман қаҳр шудӣ, аз ин ки Ҳафсаро бар ман арза намудӣ ва ман чизе бароят нагуфтам? Гуфтам: Бале. Гуфт: Чизе маро бознадошт аз ин ки дар баробари пешниҳоде, ки кардӣ, посухе диҳам, ҷуз ин ки медонистам, ки паёмбар (с) ӯро ёд карда буд ва ман касе набудам, ки рози Расули Худо (с)-ро ифшо кунам ва агар паёмбар (с) ӯро мегузошт, қабулаш мекардам.

687 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Занҳои паёмбар (с) наздашон буданд, ки Фотима (р) омад, ки рафтораш аз рафтори Расули Худо (с) тафовуте надошт. Чун он ҳазрат (с) вайро диданд, ба омаданаш изҳори хушӣ намуда фармуданд: Духтарам, хуш омадӣ ва сипас ӯро ба тарафи рост ё чапи хеш шинонда ва бо ӯ ба оҳистагӣ чизе гуфт, ки ӯ сахт гирист ва чун доду бедоди ӯро мушоҳида кард, ба оҳистагӣ бо ӯ чизе гуфт, ки хандид. Ман ба вай гуфтам: Паёмбари Худо (с) туро аз миёни занон ба роз гуфтан ихтисос дод ва боз ту мегирйӣ? Чун Расули Худо (с) бархост, аз вай пурсидам, ки Паёмбари Худо (с) бароят чӣ гуфт: Гуфт: Ман рози Расули Худо (с)-ро ифшо намекунам. Чун Паёмбари Худо (с) вафот намуд, гуфтам: Туро қасам медиҳам ба ҳаққе, ки ман бар ту дорам, ин ки ба ман бигӯй, ки он ҳазрат (с) бароят чӣ гуфт? Вай гуфт: Акнун

мониъе надорад. Аммо дар бори аввал, ки бо ман роз гуфт, ба ман хабар дод, ки Ҷабраил (а) ҳар сол як бор ё ду бор Қуръонро ба вай арза менамуд ва ҳоло ду бор ба вай арза кардааст ва ман аҷаламро наздик мушоҳида мекунам. Пас аз Худо битарс ва сабр кун, зеро ман салафи *(гузаштаи)* неке бароят ҳастам ва ҳамон тавр, ки дидӣ гиристам. Чун доду бедодамро дид, бори дуввум бо ман роз гуфта фармуд: Эй Фотима, оё розӣ намешавӣ, ки сардори занони мӯъмин ё фармуд, ки сардори занони ин уммат бошӣ? Ва ман чунончи дидӣ, хандидам.

688 - Аз Собит, аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) наздам омаданд ва ман бо бачаҳо бозӣ мекардам, пас бар мо салом намуд ва маро барои коре фиристоданд ва ман дертар назди модарам расидам. Чун омадам, модарам гуфт: чаро дер кардӣ? Гуфтам: Расули Худо (с) маро барои кори хеш фиристоданд. Гуфт: корашон чӣ буд? Гуфтам: он пӯшидааст. Гуфт: Ҳеҷ касро аз рози Расули Худо (с) бохабар масоз! Анас (р) гуфт: ба Худо, агар ба касе онро мегуфтам, эй Собит, барои ту мегуфтам.

## БОБИ 86. Вафо ба аҳду паймон ва ба ҷой овардани ваъда

قال الله تعالى : ﴿ وَأَوْفُوا بِالْعَهْدِ إِنَّ الْعَهْدَ كَانَ مَسْئُولاً ﴾ [ الإسراء : ٣٤ ]. وقال تعالى : ﴿ وَأَوْفُوا بِعَهْدِ اللهِ إِذَا عَاهَدْتُمْ ﴾ [ النحل : ٩١ ]. وقال تعالى : ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا أَوْفُوا بِالْعُقُودِ ﴾ [ المائدة : ١ ]. وقال تعالى : ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لِمَ تَقُولُونَ مَا لَا تَفْعَلُونَ؟ كَبُرَ مَقْتاً عِنْدَ اللهِ أَنْ تَقُولُوا مَا لَا تَفْعَلُونَ ﴾ [الصف : ٢ ، ٣].

Худованд мефармояд:

**Ва ба аҳд вафо кунед, ки аз аҳд пурсида хоҳед шуд.**
*(Исро: 34)*

**Ва ба аҳди Худо вафо кунед, чун аҳд ва паймон намудед.** *(Наҳл: 91)*

**Эй мӯъминон, чаро он чиро, ки намекунед, мегӯед. Бисёр нописандида аст, назди Худо, ки чизеро анҷом намедиҳед, бигӯед.** *(Саф: 2-3)*

689 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, Расули Худо (с) фармуд: нишонаи мунофиқ се чиз аст; чун сухан ронад, дурӯғ гӯяд ва чун ваъда кунад, хилоф намояд ва чун амин шумурда шавад, хиёнат кунад. Ва дар ривояте аз Муслим афзуда шуда, ки ҳарчанд намоз гузорида ва рӯза гирад ва гумон кунад, ки ӯ мусалмон аст.

690 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Чаҳор хислат аст, ки ҳар гоҳ дар як фард ҷамъ шавад, ӯ мунофиқи холис аст ва он кӣ дар ӯ сифате аз ин авсоф бошад, дар ӯ сифате аз нифоқ мавҷуд аст, то онро тарк кунад; чун амин шумурда шавад, хиёнат кунад ва чун сухан ронад, дурӯғ гӯяд ва чун аҳд ва паймон кунад, фиреб диҳад ва чун даъво кунад, дашном диҳад.

691 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) бароям фармуд: Агар ҳатман моли Баҳрайн омад, бароят ин қадар ва ин қадар ва ин қадар медиҳам. Моли Баҳрайн наёмад, то ин ки Паёмбар (с) вафот ёфт. Чун моли Баҳрайн омад, Абубакр (р) амр намуда, эълон кард, ҳар касе, ки вом ё паймоне аз паёмбар (с) талабгор аст, назди мо биёяд ва ман ҳам назди ӯ омада, гуфтам ки паёмбар (с) бароям чунин ва чунон гуфт. Ӯ бароям ду каф дод ва ман онро шумурда дидам, ки панҷсад аст ва ба ман гуфт, ки ду баробари онро бардор.

## БОБИ 87. Дар лузуми мудовимат бар кори неке, ки бар он одат кардааст

Худованд мефармояд:

**«Ҳамоно Худованд вазъи гурӯҳеро тағйир намедиҳад, то ин ки худашон вазъи худро тағйир диҳанд».**

*(Раъд: 11)*

Ва мефармояд:

**«Ва набошед чун зане, ки гусаст риштаи худро баъд аз устуворӣ пора-пора сохта».**

*(Наҳл: 92)*

Ва мефармояд:

**«Ва набошанд монанди онон, ки дода шудаанд китоб пеш аз ин, пас дароз гашт, бар онон муддат ва дилҳояшон сахт шуд».**

*(Ҳадид: 16)*

Ва ҳам мефармояд:

**«Пас онро тавре, ки лозим буд, муроъот надоштанд».**

*(Ҳадид:27)*

692 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ва ибни Ос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) бароям фармуд: Эй Абдуллоҳ! Монанди фалонӣ мабош, ки намози таҳаҷҷудро барпо медошт ва баъд онро тарк намуд.

## БОБИ 88. Истиҳбоби сухани некӯ гуфтан ва кушодарӯӣ дар вақти дидор

Худованд мефармояд:

**Ва бозуи худро барои мусалмонон паҳн кун.** *(Ҳиҷр: 88)*

**Ва агар дуруштхӯ ва сахтдил мебудӣ, аз атрофи ту пароканда мешуданд.**

*(Оли Имрон: 259)*

693 - Аз Адӣ ибни Ҳотим (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Бипарҳезед аз ҷаҳаннам ҳарчанд ба ним донаи хурмо бошад ва касе, ки наёбад пас гуфтори некӯ басандааст ӯро.

694 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ва сухани некӯ гуфтан садақа аст.

695 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) бароям фармуд: Ҳеҷ кори накӯро андак машмор, ҳарчанд ки бо бародари хеш бо чеҳраи кушода рӯ ба рӯ шавӣ.

## БОБИ 89. Дар мавриди мустаҳаб будани возиҳ сухан гуфтан ва равшан сохтани он барои мухотаб ва такрор намудани он барои фаҳмидан ҳар гоҳ бидуни такрор онро нафаҳмад

696 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки чун паёмбар (с) суханеро мегуфтанд, онро се бор такрор мекарданд, то суханашон фаҳмида шавад ва чун назди гурӯҳе меомаданд ва бар онҳо салом мекарданд, се бор салом менамуданд.

697 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: сухани Расули Худо (с) сухани рӯшан буд, ҳар касе онро мешунид, мефаҳмид.

## БОБИ 90. Дар мавриди лузуми шунидани ҳамнишин сухани дуруст ва ҳалоли ҳамнишини хешро ва дастур додани олим ва воъиз ҳозирони маҷлиси хешро ба сукут

698 - Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар Ҳаҷҷату-л-видоъ бароям фармуд: Баъд аз ман кофир нашавед, ки бархе аз шумо гардани бархе дигарро бизанад.

## БОБИ 91. Дар мавриди мавъиза ва панд додан ва миёнаравӣ дар он

قال الله تعالى : ﴿ ادْعُ إِلَى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ ﴾ [النحل: ١٢٥ ].

Худованд мефармояд:

**Даъват кун ба роҳи Парвардигорат бо дониш ва панди нек.** *(Наҳл: 125)*

699 - Аз Абувоил Шақиқ ибни Салама (р) ривоят шуда, ки гуфт: ибни Масъуд (р) дар ҳар панҷшанбе як бор бо мо мавъиза мекард. Марде ба ӯ гуфт: эй Абуабдурраҳмон, дӯст доштам, ки ҳар рӯз моро панд медодӣ. Гуфт: он чи маро аз ин кор боз

медорад, ин аст, ки метарсам шуморо хаста ва малул гардонам ва ман рӯзеро бо мавъизаи шумо ихтисос медиҳам, ҳамон тавре ки Расули Худо (с) амал менамуд, аз тарси хастагӣ ва малолати мо.

700 - Аз Абуяқзон Аммор ибни Ёси7р (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳамоно дарозии намози мард ва кӯтоҳии хутбааш нишонае аз дониши ӯст. Аз ин рӯ, намози худро тулонӣ намуда ва хутбаро кӯтоҳ кунед.

701 - Аз Муъовия ибни Ҳаками Суламӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: мо ҳамроҳи Расули Худо (с) намоз мегузоридем, ки ногоҳ марде аз қавм атса зад ва барояш **ярҳамукаллоҳ** гуфтам. Мардум маро ба чашмонашон нишона гирифтанд ва гуфтам: Модарам бар ман гиря кунад, чӣ шуда, ки ба сӯям нигоҳ мекунед? Онҳо дастҳои худро ба ронҳои худ заданд ва чун дидам, ки онҳо манро ба хомӯшӣ даъват мекунанд, сокит шудам. Чун Расули Худо (с) намоз гузорид, ки падару модарам фидояш бод, ҳеҷ муаллимеро пеш аз ӯ ва баъд аз вай надидам, ки некӯтар аз вай таълим диҳад. Қасам ба Худо, ки на маро сарзаниш намуд ва на зад ва на дашном дод, балки фармуд: Дар ин намоз ҷое барои сухани мардум нест. Намоз ҷои тасбиҳ ва такбир ва хондани Қуръон аст. Ё чунон ки паёмбар (с) фармуд: гуфтам: ё расулаллоҳ, ман тоза ислом овардаам ва ба давраи ҷоҳилият наздикам ва дар миёни мо мардуме вуҷуд доранд, ки назди коҳинон (*фолбинҳо*) мераванд? Он ҳазрат (с) фармуд: Наздашон марав! Гуфтам: дар миёни мо мардумеанд, ки фол мебинанд? Фармуд: ин чизест, ки онҳо дар дилҳояшон меёбанд ва ин амр тағйире дар сарнавишташон намедиҳад ва набояд ононро аз назар ва корашон боздорад.

702 - Аз Ирбоз ибни Сория (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) мавъиза намуд, ки аз он дилҳо ба изтироб омада, чашмҳо ашкборон шуд, ки ин ҳадис пеш аз ин дар боби амр бар муҳофизати суннат ба таври комил омадааст.

## БОБИ 92. Дар фазилати сангинӣ ва виқор

Худованд мефармояд:

**Ва бандагони Худо ононанд, ки бар замин ба оҳистагӣ раванд ва чун ҷоҳилон бо эшон сухан кунанд, гӯянд салом бар шумо, яъне, бо шикебоӣ посух диҳанд.**

*(Фурқон: 63)*

703 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: ҳеҷ вақт надидам, ки Расули Худо (с) дар хандидан муболиға карда бошанд, тавре ки гӯшти охири даҳонашон дида шуда бошад, балки он ҳазрат (с) табассум менамуданд.

## БОБИ 93. Дар истиҳбоби рафтан ба намоз ва дарсҳои илм ва дигар ибодот бо сангинӣ ва виқор

قال الله تعالى : ﴿ وَمَنْ يُعَظِّمْ شَعَائِرَ اللهِ فَإِنَّهَا مِنْ تَقْوَى الْقُلُوبِ ﴾ [ الحج : ٣٢ ].

Худованд мефармояд:

**Ҳар кӣ шаъоири Худоро таъзим кунад, пас (ин таъзим) аз тақвои дилҳост.** *(Ҳаҷ: 32).*

704 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Чун намоз барпо бошад, ба сӯи он машитобед, балки ба сӯи он бо оромиш ва виқор биравед. Пас он чиро, ки дарёфтед, бигзоред ва он чи ки аз назди шумо фавт шуда, тамомаш кунед.

Муслим дар ривояте афзуда: Зеро, ҳангоме ки яке аз шумо қасди намоз мекунад, пас гӯӣ ӯ дар намоз истодааст *(Яъне, ба муҷарради қасди намоз оромиш ва виқорро риоят кунад. Он гунае, ки дар намоз риоя мекунад).*

705 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки ӯ бо паёмбар (с) дар рӯзи Арафа ба сӯи Арафот пеш рафт. Паёмбар (с) дар ақиби хеш рондани ба шиддат ва задан ва садои шутурро шунида ва бо тозиёнааш ба сӯяшон ишорат намуда, фармуд: Эй мардум, оромишро пеша гиред, зеро тоъат ва некӯкорӣ ба шитоб намудан нест.

# БОБИ 94. Дар мавриди эҳтиром ва бузург доштани меҳмон

قال الله تعالى: ﴿ هَلْ أَتَاكَ حَدِيثُ ضَيفِ إِبْرَاهِيمَ الْمُكْرَمِينَ، إذ دَخَلُوا عليهِ فَقَالُوا: سَلَاماً، قال: سَلَامٌ قَومٌ مُنْكَرُونَ(٢) * فَرَاغَ إلى أَهلِهِ فَجَاءَ بِعِجْلٍ سَمِينٍ * فَقَرَّبَهُ إليهم قَالَ: أَلا تَأْكُلُونَ؟ ﴾ [ الذاريات: ٢٤ - ٢٧ ]. وقال تعالى: ﴿ وَجَاءَهُ قَومُه يُهْرَعُونَ(٣) إِلَيْهِ، وَمِن قَبلُ كَانُوا يَعْمَلُونَ السَّيِّئَاتِ! قال: يَا قَومِ هؤلاءِ بَنَاتِي(٤) هُنَّ أَطْهَرُ لَكُمْ، فَاتَّقُوا الله وَلَا تُخزُونِ في ضَيفِي أَلَيْسَ مِنْكُم رَجُلٌ رَشِيدٌ؟! ﴾ [ هود: ٧٨ ].

Худованд мефармояд:

**Оё расид ба ту хабари меҳмонони Иброҳим. Вақте даромаданд бар Иброҳим ва салом гуфтанд, ҷавоби салом дода гуфт: онҳо гурӯҳеанд ношинохта ва ба сӯи хонаи хеш мутаваҷҷеҳ шуд ва кабоби гӯсолаи фарбеҳе пеши онон овард ва гуфт: оё намехӯред?.**

*(Зориёт: 24-27)*

**Ва пеши Лут ва қавмаш шитобон омаданд ва қабл аз он корҳои зишт мекарданд, Лут гуфт: эй қавми ман, ин духтарони мананд,** *(яъне никоҳ кунед).* **Инҳо покизатаринанд барои шумо, пас аз Худо битарсед ва маро расво макунед, дар бораи меҳмонони ман, оё дар шумо ҳеҷ марди шоистае нест?!**

*(Ҳуд: 78)*

706 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Он ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, бояд меҳмони худро эҳтиром кунад ва он ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, бояд дар анҷоми силаи раҳм пайваста иқдом кунад ва он ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, бояд сухани хайр бар забон ронад ва ё хомӯш шавад.

707 - Аз Абушурайҳи Хувайлид ибни Амри Хузоъӣ (р) ривоят шуда, ки аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: он кӣ ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, бояд ҷоизаи меҳмони худро икром кунад? Гуфтанд: ё Расулаллоҳ, ҷоизааш чист?

Ҳамоно рӯз ва шабашро ва меҳмондорӣ се рӯз аст ва он чи зоид аз он бошад, садақа аст.

Дар ривояте аз муслимин омада, ки раво нест барои ҳеҷ мусалмон, ки назди бародараш иқомат кунад, то ҳадде, ки ӯро гунаҳгор созад. Гуфтанд: ё Расулаллоҳ, чӣ гуна ӯро гунаҳгор мекунад? Фармуд: дар наздаш мемонад, дар ҳоле ки назди ӯ чизе вуҷуд надорад, ки ба-дон меҳмондории ӯро ба ҷой оварад.

## БОБИ 95. Дар истиҳбоби муж да додан ва муборакбодии ба хайр

Худованд мефармояд:

**Пас мужда деҳ, он бандагонамро, ки суханро мешунаванд ва некӯтарини онро пайравӣ мекунанд.**

*(Зумар: 17-18)*

**Мужда медиҳад эшонро Парвардигорашон ба раҳмате аз сӯи худ ва ба хушнудӣ ва ба бӯстонҳо ва эшонро дар он ҷо неъмати доимӣ аст.** *(Тавба: 21)*

**Шодӣ кунед ба биҳиште, ки ба шумо дар дунё ваъда дода мешуд.** *(Фусилат: 3)*

**Пас ӯро башорат додем ба навҷавони бурдбор.**

*(Соффот: 101)*

**Ва фариштагони мо пеши Иброҳим ба башорат омаданд.** *(Ҳуд: 69)*

**Ва зани Иброҳим истода буд, пас бихандид ва мужда додемаш ба таваллуди Исҳоқ ва баъд аз Исҳоқ ба вуҷуди Яъқуб.** *(Ҳуд: 71)*

**Пас нидо карданд, ӯро фариштагон ва ӯ истода намоз мегузорид дар ибодатгоҳ, ки Худо туро ба Яҳё башорат медиҳад.** *(Оли Имрон: 39)*

**Он гоҳ, ки фариштагон гуфтанд: эй Марям, ҳароина Худо башорат медиҳад, туро ба файзе аз ҷониби худ, ки номи ӯ Масеҳ аст.** *(Оли Имрон: 45)*

708 - Аз Абуиброҳим ё Абумуҳаммад ё Абумуовия Абдуллоҳ ибни Абиавф (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с)

Хадича (р)-ро ба хонае аз най (*дар ин ҷо мурод лӯълӯест, ки дохилаш холист*) дар биҳишт мужда доданд, ки доду фарёд ва хастагӣ дар он нест.

709 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки ӯ дар хонааш вузӯ сохта баромад ва гуфт: имрӯз бо Расули Худо (с) хоҳам буд ва бо вай рӯзро мегузаронам. Сипас ба масҷид омада, аз паёмбар (с) пурсиш намуд. Гуфтанд: ин ҷо омада буд. Абумӯсо мегӯяд ва ман ба дунболашон баромада, аз эшон пурсидам, то ин ки ба Биъри Арис *(чоҳест машҳур)* дохил шуданд. Бар остонаи хона нишастам, то Расули Худо (с) адои ҳоҷат намуда, вузӯ сохтанд, наздашон истодам ва дидам, ки он ҳазрат (с) бар каронаҳои Биъри Арис, дар васати девори иҳотаи чоҳ нишаста, соқашонро бараҳна намуда ва дар чоҳ овезон намуданд. Ман бар эшон салом намудам ва баъд ба тарафи дарвоза бозгаштам ва нишастам ва гуфтам: имрӯз дарбони Паёмбари Худо (с) хоҳам буд. Абубакр (р) омада, дарро кӯбид. Гуфтам: кистӣ? Ҷавоб дод: Абубакр (р). Гуфтам: оҳистатар, сипас назди Расули Худо (с) рафта ва гуфтам: Абубакр (р) иҷозат мехоҳад. Он ҳазрат (с) фармуд: Иҷозаташ деҳ ва ӯро ба биҳишт мужда расон, баргаштам ва ба Абубакр (р) гуфтам: дохил шав ва Расули Худо (с) туро ба биҳишт мужда медиҳад. Абубакр (р) дохил шуд ва ба тарафи рости паёмбар (с) нишаст ва монанди Расули Худо (с) пойҳояшро бараҳна намуда, дар чоҳ овезон намуд. Боз рафтам ва нишастам, дар ҳоле ки бародарамро дар ҳоли вузӯ гузошта будам, ки ба ман бипайвандад ва гуфтам агар Худованд ба фалонӣ қасдаш бародараш аст, producing иродаи хайр дошта бошад, ӯро ба ин ҷо мерасонад. Ногоҳ шахсеро дидам, ки дарвозаро ҳаракат медод, гуфтам: кистӣ? Гуфт: Умар ибни Хаттоб (р). Гуфтам: диранг кун ва назди Расули Худо (с) омада бар вай салом дода ва гуфтам: Умар иҷозат мехоҳад. Фармуд: Иҷозаташ дода ва ба вай муждаи биҳишт деҳ. Назди Умар (р) омада ва гуфтам: даро ва туро ба биҳишт мужда бод. Дохил шуд ва ҳамроҳи Расули Худо (с) аз тарафи чапи паёмбар (с) нишаст ва пойҳояшро дар чоҳ овезон намуд. Боз баргаштам ва нишастам ва гуфтам: агар

Худо ба касе хайреро бихоҳад, мақсуд бародараш аст, ӯро мерасонад. Дар ин вақт шахсе дарвозаро ҳаракат дод, гуфтам: кистӣ? Гуфт: Усмон ибни Аффон (р). Гуфтам: сабр кун ва назди паёмбар (с) омада ва хабар додам. Он он ҳазрат (с) фармуд: Иҷозааш дода ва ӯро ба биҳишт мужда деҳ, ҳамроҳ бо мусибате, ки вайро дархоҳад ёфт. Усмон (р) омад ва дид, ки сари чоҳ пур шуда, рӯ ба рӯяшон аз тарафи дигар нишаст. Саъид ибни Мусайяб мегӯяд: инро ба қабрҳояшон таъвил намудам.

Ва дар ривояте афзуда шуда, ки Паёмбари Худо (с) маро нигаҳбонии дарвоза амр фармуд ва дар он низ тазаккур ёфта, ки вақте Усмон (р)-ро башорат додам, Худоро сипос гуфта фармуд: Худованд Мустаъон аст *(яъне, кӯмак аз ӯ хоста мешавад)*.

710 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Мо дар атрофи Расули Худо (с) нишаста будем, ки Абубакр ва Умар (р) низ бо мо буданд. Сипас Паёмбари Худо (с) аз миёни мо бархоста ва таъхир намуд ва мо тарсидем, ки мабодо ҳодисаи баде ба эшон дар ғайби мо рух дода бошад. Бархостем ва ман аввалин касе будам, ки тарсидам ба ҷустуҷӯи Расули Худо (с) баромадам ва ба боғчае аз ансор аз Бани Наҷҷор расидам ва атрофашро гаштам, ки оё барояш дарвозае пайдо хоҳам кард, вале дарвозае барои он наёфтам. Ногаҳон ҷӯйчаеро дидам, ки аз чоҳе, ки дар хориҷи он боғча буд, вориди он мешуд. Худро ҷамъ намуда ва аз ин ҷӯйча ба назди Паёмбари Худо (с) ворид шудам. Фармуд: Абуҳурайра мебошӣ? Гуфтам: Бале ё Расулуллоҳ! Фармуд: Чӣ хабар бо худ дорӣ? Гуфтам: Шумо дар миёни мо будед, бархостед ва бар мардум таъхир намудед. Мо тарсидем, ки мабодо дар ғайби мо ҳодисаи баде ба шумо рух дода бошад ва сахт тарсидем. Ман аввалин касе будам, ки тарсидам ва ба ин боғ омада, монанди рӯбоҳ худро ҷамъ намудам ва дохил шудам ва ин ки мардум дар ақиби ман ҳастанд. Он ҳазрат (с) кафшҳои худро ба ман доду фармуд: Эй Абуҳурайра! Ин ду кафши маро бибар ва ҳар касеро, ки дар ақиби ин девор дидӣ, дар ҳоле, ки аз рӯи яқини қалбӣ

шаҳодат медиҳад, ки ҳеҷ маъбуди барҳақе ҷуз Худо вуҷуд надорад, муждаи биҳишт деҳ. Ва ҳадисро бо дарозиаш зикр намуд.

711 - Аз Ибни Шамоса ривоят шуда, ки гуфт: Назди Амр ибни Ос ворид шудам, ки дар ҳоли марг буд ва гиряи тӯлонӣ дошт ва рӯяшро тарафи девор намуда буд. Писараш мегуфт: Падарам! Оё Расули Худо (с) туро чунин мужда надодааст? Оё Паёмбари Худо (с) туро чунон мужда надодааст? Ва ӯ рӯяшро гардонда, гуфт: Беҳтарин он чи ки мо муҳайё намудем, гувоҳӣ додан ба ин аст, ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад ва Муҳаммад (с) фиристодаи ӯст. Ман дар се ҳолат қарор доштам: Худро ба ёд меовардам, ки душмантарини мардум барои Расули Худо (с) будам ва ҳеҷ чизеро ба ин андоза дӯст надоштам, ки бар вай даст ёфта, ӯро мекуштам, агар бар он ҳолат мемурдам, аз аҳли ҷаҳаннам будам. Чун Худованд Исломро дар дилам ҷойгузин сохт, назди паёмбар (с) омада гуфтам: Дастатро паҳн кун, то бароят байъат кунам. Паёмбар (с) дасташро боз намуд, вале ман дастамро пас кашидам. Фармуд: Чӣ шуд эй Амр? Гуфтам: Мехоҳам шарт бигзорам. Фармуд: Чӣ шарте мегузорӣ? Гуфтам: Ин ки гуноҳонам омурзида шавад. Фармуд: Намедонӣ, ки Ислом он чиро ки пеш аз он аст, нобуд мекунад ва ҳиҷрат он чиро, ки қабл аз он аст, нест мекунад ва ҳаҷ он чиро, ки қабл аз он аст, нобуд месозад? Ва ҳеҷ кас аз Паёмбари Худо (с) маҳбубтар ва бузургтар дар назарам набуд ва аз атрофаш наметавонистам ба вай дуруст назар кунам ва агар бихоҳам, ки тавсифаш кунам, наметавонам, чун ман натавонистам ба вай бингарам. Агар дар ин ҳол бимирам, орзу дорам, ки аз аҳли биҳишт бошам. Сипас сарпарастии корҳое ба мо супурда шуд, ки намедонам ҳолам дар он чӣ тавр аст? Ва чун мурдам, ҳеҷ навҳагар ва оташ, маро ҳамроҳӣ накунад ва чун дафнам намудед, хокро бар ман кам-кам бирезед ва сипас дар атрофи қабрам ба андозае, ки шутурҳо кушта шаванд, гӯшти он қисмат гардад, биистед, то бо шумо унс бигирам ва бубинам, ки барои фиристодагони Парвардигорам чӣ тақдим мекунам!

712 - Дар ин боб аҳодис зиёд аст, аз ҷумла ҳадиси Зайд ибни Арқам (р) аст, ки дар боби эҳтиром ва икроми аҳли байти Расули Худо (с) гузашт, ки дар он омадааст: Паёмбари Худо (с) дар миёни мо барои хутба бархост, ҳамду санои Ҳақ таъолоро ба ҷой овард ва ба мо мавъиза намуд. Моро андарз дод ва сипас фармуд: Аммо баъд, эй мардум! Огоҳ бошед, ки ман башаре ҳастам, ки наздик аст ин ки фиристодаи Худоям даррасад ва ман иҷобаташ кунам ва ман дар миёнатон ду чизи вазнинро мегузорам: аввалаш Китоби Худо аст, ки дар он ҳидоят ва нур аст. Пас ба китоби Худо тамассук ҷуста, онро бар худ лозим гиред ва ба Китоби Худо ташвиқу тарғиб намуда, боз фармуд: Ва аҳли байти ман, дар мавриди ҳурмату эҳтиром ва ҳифзи одоб бо хонаводаам Худоро барои шумо ёдовар мешавам *(яъне, мабодо, ки дар ҳақашон беҳурматӣ кунед ва бар онон ситам намоед ва аз ҳуқуқе, ки Худованд нисбат ба эшон дар гардани шумо ниҳода, кӯтоҳӣ кунед)* ва ҳадисро ба дарозиаш зикр намуд.

## БОБИ 96. Дар мавриди видоъ бо рафиқ ва дӯст ва суфориши ӯ дар лаҳазоти ҷудоӣ барои сафар ва ғайри он ва дуъо дар ҳаќи ӯ ва дархости дуъо аз ӯ

قالَ اللهُ تعالىَ: ﴿ وَوَصَّى بها إبْراهِيمُ بَنِيه وَيعْقوبُ: يَا بَنِيَّ إنَّ اللهَ اصْطَفَى لَكُمُ الدِّينَ فَلا تَمُوتُنَّ إلاَّ وَأنْتُمْ مُسْلِمُونَ، أمْ كُنْتُمْ شُهَدَاءَ إذْ حَضَرَ يَعْقُوبَ المَوْتُ إذْ قال لِبَنِيه: ما تَعْبُدُونَ مِنْ بَعْدِي؟ قَالُوا: نَعْبُدُ إلٰهَكَ وَإلٰه آبائِكَ إبْرَاهيمَ وَإسْمَاعِيلَ وَإسْحَاقَ إلٰهاً وَاحِداً وَنَحْنُ لَهُ مُسْلِمُونَ ﴾ [البقرة: ١٣٢ - ١٣٣].

Худованд мефармояд:

**Ва васият кард ба ин калима Иброҳим писарони худро ва Яъқуб низ фарзандонашро: Эй фарзандонам, ҳароина Худо баргузида барои шумо ин динро, пас аз ин ҷаҳон намиред, магар мусалмон. Оё ҳозир будед, он гоҳ, ки марг Яъқубро фаро расид. Он вақт фарзандони худро гуфт: Чиро ибодат хоҳед кард?**

**Гуфтанд: ибодат кунем маъбуди туро ва маъбуди падарони ту Иброҳим ва Исмоил ва Исҳокро, ибодат кунем он маъбуди ягонаро ва мо ӯро фармон барем.**

*(Бақара: 132-133)*

713 - Аз Абусулаймон Молик ибни Ҳувайрис (р) ривоят шуда, ки гуфт: мо хидмати Расули Худо (с) омадем, дар ҳоле ки ҷавонони ҳамсинну сол будем ва бист шаб дар наздаш иқомат кардем. Расули Худо (с) меҳрабон ва мушфиқ буданд ва гумон карданд, ки мо барои хонаводаамон иштиёқ пайдо кардаем ва аз мо дар бораи хонаводаамон, ки дар ақиб гузошта будем, савол карданд ва мо эшонро бохабар сохтем, сипас фармуд: Ба хонаводаҳоятон бозгашта, дар миёнашон бимонед ва онҳоро таълим диҳед ва ба онҳо амр кунед ва намози фалонро дар фалон вақт бигзоред ва намози фалонро дар фалон вақт...ва чун вақти намоз фаро расид, бояд яке аз шумо бароятон азон бигӯяд ва бояд бузургтари шумо имомати шуморо ба ӯҳда гирад. Ва Бухорӣ дар ривояте афзуда: ва чунон ки маро дидед, ки намоз мегузорам, намоз гузоред.

714 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз паёмбар (с) иҷозаи адои умраро хостам, пас ба ман иҷоза дода, фармуд: Бародаракам! Маро аз дуъоят фаромӯш макун ва сухане гуфт, ки агар дар баробари он дунё бароям дода шавад, шод намегардам. Ва дар ривояте гуфт: Бародаракам! Маро дар дуъоят шарик кун.

715 - Аз Солим ибни Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки чун касе иродаи сафар дошт. Абдуллоҳ ибни Умар (р) барояш мегуфт: ба ман наздик шав, то ҳамон тавре ки Расули Худо (с) ба мо видоъ мекард, бо ту видоъ кунам ва мегуфт: ***Аставдиъукаллоҳа динака ва амонатака ва хавотима аъмолика***. *Дин ва амонат ва хотимаи аъмолатро назди Худованд ба вадиъат мегузорам.*

716 - Аз Абдуллоҳ ибни Язиди Хатмии Саҳобӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун Расули Худо (с) мехост бо лашкар видоъ кунад мефармуд: *«Аставдиъуллоҳа динакум ва амонатакум*

*ва хавотима аъмоликум»,* яъне «Дин, амонат ва анҷоми аъмоли шуморо назди Худованд ба амонат мегузорам».

717 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: марде ба ҳузури паёмбар (с) омада, гуфт: ман азми сафар дорам, ба ман зод ва тӯшае бидеҳ. Он ҳазрат (с) фармуд: Худованд туро ба тӯшаи тақво муҷаҳҳаз кунад. Гуфт: бияфзо! Фармуд: Гуноҳатро биёмурзад. Гуфт: ба ман бияфзо! Фармуд: Ва дар ҳар куҷое, ки ҳастӣ, тавфиқи хайрат диҳад.

## БОБИ 97. Истихора *(талаби хайр кардан)* ва машварат бо ҳамдигар

قال الله تعالى: ﴿ وَشَاوِرْهُمْ فِي الأَمْرِ ﴾ [ آل عمران: ١٥٩ ]، وقال تعالى: ﴿ وَأَمْرُهُمْ شُورَى ﴾ [ الشورى: ٣٨ ]. أي: يَتَشَاوَرُونَ بَيْنَهُم فِيهِ.

Худованд мефармояд:

**Ва бо онон машварат кун дар кор.** *(Оли Имрон: 159)*

**Ва корашон бо якдигар ба асоси машварат сурат мегирад.** *(Шӯро: 38)*

718 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) истихора дар корҳоро монанди сурае аз Қуръон барои мо меомӯхт ва мефармуд: Чун яке аз шумо қасди кореро кунад, бояд ду ракаъат намозе, ки фарз нест (*зеро намози истихора нофила аст*), бигзорад ва боз бигӯяд: Бор Худоё, ман ба илмат аз ту талаби қудрат мекунам ва ба фазли азимат аз ту суол мекунам, зеро ту тавонмандӣ ва ман нотавонам ва ту медонӣ ва ман намедонам ва ту ба асрори ниҳонӣ бисёр доноӣ. Бор, Худоё, агар медонӣ, ки ин кор барои дин ва дунё ва оқибати корам хайр аст, *(ё фармуд: ҳол ваояндаи кор)* онро бароям муқаддар ва муяссар фармо ва сипас бароям дар он баракат деҳ ва агар медонӣ, ки ин кор бароям дар дин ва дунё ваояндаи корам бад аст, *(ё фармуд: ҳол ваояндаи кор)* маро аз он ва онро аз ман бигардон ва тавре ки бароям хайр аст, муқаддар кун ва боз маро ба он розӣ соз ва низ он он ҳазрат (с) фармуд: Ва ҳоҷаташро номбар кунад, *(дар ҷое, ки ҳоза-л-амр омадааст).*

## БОБИ 98. Истиҳбоби рафтан ба ид ва аёдати мариз ва ҳаҷ ва ҷиҳод ва ҷаноза ва омадан аз роҳи дигар барои зиёд шудани ҷойҳои ибодат

719 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун рӯзи ид мебуд, паёмбар (с) роҳи худро иваз мекарданд, (*яъне, аз як роҳ рафта ва аз роҳи дигар меомаданд*).

720 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) (аз Мадинаи мунаввара) аз роҳи Шаҷара (*наздики масҷиди Зулҳулайфа*) хориҷ мешуд ва ба он (*Мадина*) аз роҳи Муъррас ворид мегардид, аз Санияту-л-увло дар минтақаи Санияту-с-суфло, дар минтақаи Шабика мебаромад.

## БОБИ 99. Истиҳбоби ибтидо намудан аз рост дар ҳар он чи ки аз боби эҳтиром ва такрим бошад, монанди вузӯ ва ғусл ва таяммум ва пӯшидани либос ва кафш ва мӯза ва эзор ва дохил шудан ба масҷид ва мисвок ва сурма кашидан ва гирифтани нохунҳо ва кӯтоҳ кардани бурут ва кандани мӯи зери бағал ва тарошидани сар ва салом додан дар намоз ва хӯрдан ва нӯшидан ва мусофаҳа кардан ва даст додан ва истиломи Ҳаҷару-л-асвад ва берун шудан аз ҳоҷатхона ва гирифтан ва додан ва ғайри ин аз он чи ки дар маънои он аст. Ва мустаҳаб аст пеш кардани чап дар зидди ин, монанди афкандани оби бинӣ ва даҳон ба тарафи чап ва дохил шудан ба байту-л-хало *(ҳоҷатхона)* ва баромадан аз масҷид ва кашидани мӯза ва кафш ва эзор ва ҷома ва истинҷо ва дур кардани палидиҳо ва амсоли он

Худованд мефармояд:

**Ва аммо он кӣ корномаашро ба дасти росташ бидиҳанд, гӯяд: бигиред, бихонед номаи аъмолатонро.** *(Ҳоққа: 19)*

**Пас аҳли саъодат, ки чи ҳоли неке доранд ва аҳли шақоват, ки чи ҳоли баде доранд.** *(Воқиъа: 8-9)*

721 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) ибтидо кардан ба дасти ростро дар ҳама умури худ дӯст медоштанд, дар таҳораташон, дар шона кардани мӯ ва дар кафш пӯшиданашон.

722 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: дасти рости Расули Худо (с) барои покӣ ва таъомаш буд ва дасти чап барои рафъи зарураташ ва он чи аз ин қабил буд (*мисли оби даҳон ва бинӣ*)

723 - Аз Умми Атийя (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) дар шустан ва ғусл додани духтараш Зайнаб (р) ба онҳо гуфт: Дар ғусл додани вай аз тарафҳои рости ӯ ва ҷойҳои вузӯ шурӯъ кунед.

724 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо кафш пӯшид, бояд аз рост шурӯъ кунад ва чун онро кашид, бояд аз чап шурӯъ кунад. Бояд дар вақти пӯшидан аввал кафши рост пӯшида шавад ва дар вақти баровардан аввал кафши чап бароварда шавад, пас кафши рост.

725 - Аз Ҳафса (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) дасти рости худро барои хӯрдан ва нӯшидан ва ҷомаи хеш ихтисос дода ва дасти чапи худро барои умури дигар қарор дода буд.

726 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расулуллоҳ (с) фармуд: чун либос пӯшидед ва чун вузӯ гирифтед, аз тарафҳои рости худ шурӯъ кунед.

727 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Расулуллоҳ (с) ба Мино омад. Сипас ба Ҷамра омада ва онро зад, сипас ба манзили хеш ба Мино омада, қурбонӣ кард. Сипас ба сартарош фармуд: Бигир ва ба ҷониби рости хеш ишорат намуд. Ва сипас чапро ва баъд шурӯъ намуда он *(мӯи худ)*-ро ба мардум медод. Ва дар ривояте омада, ки чун Ҷамраро зада, гӯсфандашонро қурбонӣ кард, хост сарашонро битарошад, ҷониби рости худро

ба сартарош дод ва ӯ онро тарошид. Сипас Абуталҳаи Ансориро хоста, онро ба вай дод ва боз ҷониби чапро ба сартарош дод ва фармуд, битарош ва онро тарошид. Расули Худо (с) онро ба Абуталҳа (р) дода фармуд: Онро дар миёни мардум тақсим кун.

728 - Аз Умар ибни Абу Салама (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо ба ман фармуд: Бисмиллоҳ гӯй ва ба дасти рости хеш бихӯр ва аз наздики хеш бихӯр.

# 2. КИТОБИ ОДОБИ ТАЪОМ

## БОБИ 100. Дар мавриди бисмиллоҳ гуфтан, дар оғози таъом ва алҳамдулиллоҳ гуфтан дар охири он

729 - Оиша (р) гуфт: паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо нон мехӯрад, бояд номи Худоро ёд кунад ва агар фаромӯш кард, ки номи Худоро дар аввали он ёд кунад, бояд бигӯяд ба номи Худо оғозаш ва анҷомаш.

730 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: ҳар гоҳ шахсе ба хонааш дохил шуда ва дар вақти дохил шудани худ ва дар ҳангоми нон хӯрдани хеш номи Худоро ёд кунад, шайтон ба ёронаш мегӯяд: на ҷои хоб доред ва на ҷои нон хӯрдан, вале ҳар гоҳ дохил шавад ва номи Худоро дар вақти духули худ ёд накунад, шайтон мегӯяд: ҷои шаб мондани худро ёфтед ва ҳар гоҳ Худоро дар вақти таъоми худ ёд накунад, мегӯяд ҷои нон хӯрдан ва шаб монданро ёфтед.

731 - Аз Ҳузайфа (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) барои таъом хӯрдан ҳузур меёфтем, то Расули Худо (с) шурӯъ намуда ва дасти худро намениҳод, мо дасти худро намениҳодем ва мо бо вай барои таъоме ҳузур ёфтем, духтаре омад, ки гӯё ба пеш ронда мешуд *(яъне, ба суръат омада ва хост дасти худро дар таъом ниҳад)* Паёмбари Худо (с) дасти ӯро гирифт. Боз бодиянишине омад, ки гӯё ба пеш ронда мешуд, боз дасти ӯро гирифта, он ҳазрат (с) фармуд: шайтон таъомеро, ки дар он номи Худо бурда

нашавад, барои худ ҳалол месозад ва ӯ ин духтарро овард, ки ба василаи ӯ таъомро ба худ ҳалол созад, вале ман дасти ӯро гирифтам. Боз ин аъробиро овард, то ба василаи ӯ таъомро барои худ ҳалол созад ва ман дасти ӯро гирифтам ва савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ки дасти ӯ *(шайтон)* бо дастҳои он ду дар дасти ман аст. Сипас бисмиллоҳ гуфта, таъомро тановул намуд.

732 - Аз Умайя ибни Махшийи Саҳобӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) нишаста буд ва марде таъом мехӯрд ва бисмиллоҳ нагуфт, то ин ки аз таъомаш ҷуз як луқма намонд. Чун онро ба даҳани худ боло карда гуфт: «бисмиллоҳ», Паёмбар (с) хандида фармуд: шайтон пай дар пай бо ӯ мехӯрд ва чун бисмиллоҳ гуфт, ӯ он чиро хӯрда буд, аз даҳонаш берун андохт *(яъне, баракати таъом дубора ба он бозгашт).*

733 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) таъомеро бо шаш тан аз ёронаш мехӯрд. Аъробие омада, ба ду луқма онро хӯрд. Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно агар ӯ бисмиллоҳ мегуфт, ҳамаи шуморо басанда буд.

734 - Аз Абуумома (р) ривоят шуда, ки чун паёмбар (с) хони худро бармечид *(даст аз хӯрок бармедошт)* мефармуд: ***Алҳамду лиллоҳи касиран таййибан муборакан фиҳӣ гайра макфиййин ва ло муваддаин ва ло мустагнан анҳу раббанно.*** *Сано бод, Аллоҳ таъолоро санои бисёру покизае, ки басанда набувад ва таркшуда ҳам набошад ва бидуни шакк бениёзӣ аз он ҳам вуҷуд надорад, Парвардигоро!*

735 - Аз Муъоз ибни Анас (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки таъомеро хӯрда, бигӯяд: «*Алҳамду лиллоҳиллазӣ атъаманӣ ҳозо ва разақаниҳӣ мин гайри ҳавлин миннӣ вало қувватин».* Яъне, сано бод Худоеро, ки ин таъомро бидуни нерӯ ва тавоноиям ба ман хӯронда, рӯзӣ додааст, гуноҳи гузаштааш омурзида мешавад.

## БОБИ 101. Дар мавриди эътироз накардан бар таъом ва мустаҳаб будани ситоиш кардани он

736 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: ҳаргиз Расули Худо (с) бар таъоме айб нагирифт. Агар ба он рағбат дошт, онро мехӯрд ва агар дӯсташ надошт, онро тарк менамуд.

737 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) аз хонаводааш нонхӯрише хостанд. Онҳо гуфтанд: ҷуз сирко чизе надорем, сипас онро хоста ва шурӯъ ба хӯрдани он намуда ва фармуд: сирко нонхӯрише хубе аст, сирко нонхӯриши хубе аст.

## БОБИ 102. Дар мавриди ин ки шахси рӯзадор дар вақти ҳузури таъом, то вақте ки ифтор накардааст, чӣ мегӯяд

738 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: ҳар гоҳ яке аз шумо даъват шавад, бояд онро иҷобат кунад, пас агар рӯзадор бувад, бояд дар ҳақи даъваткунанда дуъо кунад ва агар рӯзадор набувад, бояд таъомро тановул намояд.

## БОБИ 103. Он чи ки шахси даъваткунанда, вақте ки шахси дигаре ба вай ҳамроҳ шавад, мегӯяд

739 - Аз Абумасъуди Бадрӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: марде паёмбар (с)-ро барои таъоме, ки фақат барои панҷ нафар тайёр карда буд, даъват намуд. Вале марде ба дунболи эшон афтод, чун ба дари хона расид, паёмбар (с) ба вай (*меҳмондор*) гуфт: ин мард дунболи мо омад. Агар хоҳӣ ба ӯ иҷозат деҳ ва агар хоҳӣ бозгардад. Гуфт: на, ба ӯ иҷоза медиҳам, ё Расулаллоҳ!

## БОБИ 104. Дар истиҳбоби хӯрдан аз наздики худ ва панд додани касе, ки дуруст намехӯрад

740 - Аз Умар ибни Абисалама (р) ривоят шуда, ки марде дар ҳузури Расули Худо (с) ба дасти чапи худ таъом хӯрд. Он ҳазрат (с) фармуд: ба дасти ростат бихӯр. Гуфт: наметавонам. Он ҳазрат (с) фармуд: (*илоҳо*) натавонӣ! Чизе ҷуз кибр ӯро аз ин кор боз надошт ва пас аз он марди мазкур натавонист дасти худро ба даҳони хеш боло кунад.

741 - Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят шуда, ки гуфт: ман кӯдаке будам дар домони Расули Худо (с) ва дасти ман дар гӯшаҳои коса мегашт. Расули Худо (с) ба ман фармуд: Эй бача, бисмиллоҳ бигӯй ва ба дасти рости хеш, аз наздики худ бихӯр.

## БОБИ 105. Манъ аз хӯрдани ду донаи хурмои ба ҳам пайваста ва монанди он, ҳар гоҳ бо иддае мехӯрад ҷуз ба иҷозаи эшон

742 - Аз Ҷабала ибни Суҳайм ривоят шуда, ки гуфт: бар мо ҳамроҳи ибни Забир соли қаҳтӣ рӯй овард ва хурмое барои тӯша дарёфтем, Абдуллоҳ ибни Умар (р) аз канори мо мегузашт, ки мо мехӯрдем ва мегуфт: ду дона махӯред, зеро паёмбар (с) аз ду дона хӯрдан манъ намуданд ва боз мегуфт: магар ин ки шахс аз бародараш иҷоза бигирад.

## БОБИ 106. Раҳнамоии он кас, ки мехӯрад ва сер намешавад, ин ки чӣ бигӯяд ва ё чӣ анҷом диҳад

743 - Аз Ваҳшӣ ибни Ҳарб (р) ривоят аст, ки асҳоби Расули Худо (с) гуфтанд: ё Расулаллоҳ, мо таъом мехӯрем, вале сер намешавем. Он ҳазрат (с) фармуд: Шояд шумо ҷудо-ҷудо мехӯред. Гуфтанд: бале. Фармуд: Пас барои нонхӯрданатон якҷо шавед ва бисмиллоҳ бигӯед, барои шумо дар таъоматон баракат гузошта мешавад.

## БОБИ 107. Дастур ба хӯрдан аз канори коса ва манъ сохтан аз хӯрдан аз миёни он

744 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: баракат дар васати таъом фуруд меояд, пас аз ду канори он бихӯред ва аз мобайни он махӯред.

745 - Аз Абдуллоҳ ибни Буср (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбар (с) косае дошт, ки ба он Ғарро гуфта мешуд ва онро чаҳор мард ҳамл менамуд. Чун чошт намуда, намози зуҳоро гузориданд, он коса оварда шуд, дар ҳоле ки таъом дар он тарид *(майда)* шуда буд ва ба атрофи он гирд омаданд ва чун зиёд шуданд, Расули Худо (с) ба ду зону нишаст. Бодиянишине гуфт: Ин чӣ нишастан аст? Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳамоно Худованд маро бандаи карим гардонида ва маро ситамгару саркаш нагардонидааст. Сипас он ҳазрат (с) фармуд: Аз ду тарафи он бихӯред ва аз болои он махӯред, ки дар он баракат ниҳода мешавад.

## БОБИ 108. Кароҳияти ғизо хӯрдан дар ҳолати такякарда

746 - Аз Абуҷуҳайфа Ваҳб ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) фармуд: такязада таъом намехӯрам.

747 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) дидам, ки нишаста буд, тавре ки сурини хешро бар замин ниҳода ва ду соқи худро истода намуда буд ва хурмо мехӯрд.

## БОБИ 109. Истиҳбоби хӯрдан ба се ангушт ва макидани ангуштон ва кароҳияти пок кардани он қабл аз лесидан ва мустаҳаб будани лесидани коса ва гирифтани луқмае, ки аз назди шахс меафтад ва

**хӯрдани он ва раво будани масҳ кардани даст баъд аз лесидан ба бозу ва қадам ва ғайри он**

748 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо таъомеро бихӯрад, бояд ангуштони худро пок накунад, то ки онро билесад.

749 - Аз Каъб ибни Молик (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с)-ро дидам, ки ба се ангушт таъом мехӯрд ва чун фориғ мешуд, онро мелесид.

750 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) ба лесидани ангуштон ва пок намудани коса амр намуда фармуд: Ҳамоно шумо намедонед, ки баракат дар кадом қисмати таъоми шумо аст.

751 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳаргоҳ луқмаи яке аз шумо афтод, бояд онро бигирад ва хошокеро, ки бад-он часпида, дур кунад ва бояд онро бихӯрад ва барои шайтон нагзорад ва то ангуштони худро налесад, дасти худро бо дастмол пок накунад, зеро вай намедонад, ки дар кадом бахши таъоми ӯ баракат ниҳода шудааст.

752 - Ва низ аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳаққо ки шаётин дар вақти анҷоми ҳар коре бо яке аз шумо ҳозир мешавад. Ҳатто дар вақти хӯрок хӯрданаш ҳам бо ӯ ҳозир мегардад. Пас ҳар гоҳ луқмаи яке аз шумо афтод, бояд онро бигирад ва хошоки онро пок кунад ва боз онро хӯрда ва барои шайтон нагзорад ва чун фориғ шуд, ангуштони худро билесад. Зеро ӯ намедонад, ки дар кадом бахши таъоми ӯ баракат ниҳода шудааст.

753 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки чун Расули Худо (с) таъомеро тановул менамуд, ҳар се ангушти худро лесида мефармуд: Чун луқмае, ки аз шумо афтод, бояд онро бигирад ва хошокро аз он дур намуда, онро хӯрда ва барои шайтон нагузорад ва моро амр намуд, ки косаро пок кунем ва фармуд: Шумо намедонед, ки дар кадом қисмати таъоми шумо баракат вуҷуд дорад.

754 - Аз Саид ибни Ҳорис ривоят шуда, ки ӯ аз Ҷобир (р) дар мавриди вузӯ аз он чи ба оташ пухта шуда, пурсид ва ӯ гуфт: Мо дар замони паёмбар (с) мисли ин таъомро ба ҷуз, гоҳ-гоҳ намедидем ва агар онро меёфтем, дастмоле ба ҷуз дастҳо ва бозуҳо ва қадамҳоямон надоштем. Сипас намоз мегузоридем ва вузӯ ҳам намегирифтем.

755 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Таъоми ду нафар барои се нафар ва таъоми се нафар барои чаҳор нафар кифоят мекунад.

## БОБИ 110. Зиёд шудани дастҳо дар таъом

756 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: Таъоми як нафар барои ду нафар ва таъоми ду нафар барои чаҳор нафар ва таъоми чаҳор нафар барои ҳашт нафар кифоят мекунад.

## БОБИ 111. Одоби ошомидан ва истиҳбоби се бор нафас кашидан дар беруни зарф ва кароҳияти нафас кашидан дар дохили зарф ва мустаҳаб будани тақдим ва гардондани зарф бар ҷониби рост ва рост

757 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) дар ошомидан се бор нафас мекашиданд, *(яъне берун аз зарф)*.

758 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Монанди ошомидани шутур якбор наёшомед ва лекин ду бор ва се бор биёшомед ва чун биёшомед, Бисмиллоҳ гӯед ва чун онро ошомидед, Алҳамдулиллоҳ бигӯед.

759 - Аз Абуқатода (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) аз ин, ки дар зарф нафас кашида шавад, манъ фармуданд.

760 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) шире оварданд, ки бо об махлутгашта буд, дар ҳоле ки дар тарафи росташон аъробие нишаста буд ва дар тарафи чапашон Абубакр (р). Пас он ҳазрат (с) биёшомид ва сипас ба аъробӣ

дода ва фармуд: рост ва боз рост, (*яъне, ба афроде, ки дар самти рости шумо қарор доранд, бидиҳед*).

761 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки барои Расули Худо (с) ошомиданӣ оварда шуд ва аз он биёшомид, дар ҳоле, ки дар ҷониби росташон кӯдаке ва дар ҷониби чапашон бузургсолоне вуҷуд дошт, пас ба кӯдак фармуд: Оё ба ман иҷоза медиҳӣ, ки ба инҳо бидиҳам? Кӯдак гуфт: На, ба Худо қасам, ҳеҷ касро ба ҳиссаам аз шумо барнамегузинам ва сипас Расулуллоҳ (с) онро дар дасти ӯ гузошт.

762 - Аз Абусаиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз ихтиноси машк *(яъне ошомидан аз даҳони он)* наҳй фармуд.

## БОБИ 112. Кароҳияти нӯшидан аз даҳони машк ва монанди он ва баёни он ки ин кароҳият танзиҳӣ аст, на таҳримӣ

763 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) манъ карданд аз ин ки аз даҳони машк нӯшида шавад.

764 - Аз Умми Собит Кабша бинти Собит хоҳари Ҳассон ибни Собит (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) бар ман ворид шуд ва истода аз даҳони машке, ки овезон буд, нӯшид ва ман бархоста даҳони онро буридам (*барои табаррук*).

## БОБИ 113. Кароҳият ва нописанд будани дамидан *(пуф кардан)* дар об

765 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) паёмбар (с) аз дамидан дар ошомидани об наҳй фармуд. Марде гуфт: хошокро дар зарф мебинам. Гуфт: онро бирез. Гуфт: ман аз як нафас сероб намешавам. Фармуд: Пас қадаҳро аз даҳонат ҷудо гир.

766 - Аз Ибни Аббос ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) наҳй фармуд аз ин ки дар зарф нафас кашидан ё дар он дамида шавад.

## БОБИ 114. Раво будани ошомидан истода ва баёни ин, ки комилтар ва беҳтар ошомидан дар ҳолати нишастааст

767 - Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфт: барои паёмбар (с) аз оби Замзам додам ва он ҳазрат (с) истода онро ошомиданд.

768 - Аз Наззол ибни Сабра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Алӣ (р) ба Бобу-р-раҳбаи (Куфа) омад ва истода ошомиду гуфт: Ман Расули Худо (с)-ро дидам, ки ҳамонанди он чи шумо дидед, ман анҷом додам, анҷом дода ва амале фармуд.

769 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: мо дар замони Расули Худо (с) ғизо мехӯрдем, дар ҳоле ки роҳ мерафтем ва меошомидем, дар ҳоле ки истода будем.

770 - Аз Амр ва Ибни Шуайб аз падараш аз бобояш (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбари Худо (с)-ро дидам, ки истода ва нишаста *(дар ҳар ду ҳолат)* меошомиданд.

771 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) наҳй фармуд аз ин ки шахс истода биёшомад. Қутода гуфт: мо ба Анас гуфтем: пас ғизо хӯрдан чӣ тавр? Гуфт: он бадтар аст ё хабистар аст. Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки паёмбар (с) аз ошомидани истода манъ фармуд.

772 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ як аз шумо истода наёшомад ва касе, ки фаромӯш кард, бояд онро қай кунад.

## БОБИ 115. Мустаҳаб будани ин, ки соқии гурӯҳ бояд аз ҳама охиртар бинӯшад

773 - Аз Абуқатода (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: соқии қавм (*дар ошомидан*) охирашон аст.

774 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ҳангоми намоз даррасид, касоне, ки хонаҳояшон наздик буд, ба хонаҳои худ

рафтанд *(барои вузӯ сохтан)* ва гурӯҳе боқӣ монданд ва сипас михзабе *(зарфе аз санг)* барои Паёмбари Худо (с) оварда шуд ва кӯчактар аз ин буд, ки кафи дасти он ҳазрат (с) дар он паҳн гардид ва ҳамаи гурӯҳ аз он вузӯ гирифтанд. Гуфтанд: Шумо чанд нафар будед? Гуфт: Ҳаштоду чанд нафар.

Ва дар ривояти Муслим омада, ки Паёмбар (с) зарфи оберо талаб намуд, қадаҳе оби фарох ва камумқе барояшон оварда шуд ва ангуштони худро дар он ниҳод. Анас (р) гуфт: Ман ба тарафи об дидам, ки аз миёни ангуштонашон таровиш мекард ва касонеро, ки вузӯ месохтанд, баршумурдам, ки байни ҳафтод, то ҳаштод нафар буданд.

## БОБИ 116. Раво будани ошомидан аз ҳамаи зуруфи пок, ғайр аз тилло ва нуқра ва ҷоиз будани ошомидан бо даҳон аз ҷӯй ва амсоли он бидуни зарф ва даст ва ҳаром будани истеъмоли зуруфи тилло ва нуқра дар ошомидан ва хӯрдан ва таҳорат ва дигар вуҷӯҳи истеъмол

775 - Аз Абдуллоҳ ибни Зайд (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) назди мо омад ва мо барояш дар қадаҳи руйин об додем, ки вузӯ сохт.

776 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт Расули Худо (с) ҳамроҳи рафиқе ба хонаи марди ансорӣ дохил гардид ва фармуд: Агар обе дошта бошӣ, ки шаб дар машк монда бошад, хуб варна ба даҳани хеш об менӯшем.

777 - Аз Ҳузайфа (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) моро аз пӯшидани абрешими нозук ва дебо ва аз ошомидан дар зарфҳои тилло ва нуқра манъ намуда ва фармуд: Инҳо дар дунё барои онҳост (*кофирон*) ва дар охират барои шумо аст.

***Шарҳ***: Дебо-*ҷомае, ки ду ҷониб ва қисмати болои он абрешим аст.*

778 - Аз Умми Салама (р) ривоят шуда, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: он ки дар зарфи нуқрагӣ менӯшад, ҳамоно дар шиками хеш оташи ҷаҳаннамро фурӯ мебарад.

779 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Либосҳои сафеди худро бипӯшед, ки он аз беҳтарин ҷомаҳои шумо аст ва мурдаҳои худро дар он кафан кунед.

# 3. КИТОБИ ЛИБОС

## БОБИ 117. Истиҳбоби пӯшидани либоси сафед ва иҷозаи пӯшидани либоси сурх ва зард ва сиёҳ ва раво будани ин ки либос аз пунба ва катон ва мӯй ва пашм ва ғайри он ба истисвои абрешим бошад

قال الله تعالى: ﴿يَا بَنِي آدَمَ قَدْ أَنْزَلْنَا عَلَيْكُمْ لِبَاساً يُوَارِي(١) سَوْآتِكُمْ وَرِيشاً،
وَلِبَاسُ التَّقْوَى ذَلِكَ خَيْرٌ﴾ [الأعراف: ٢٦] وقال تعالى: ﴿وَجَعَلَ لَكُمْ سَرَابِيلَ(٢) تَقِيكُمُ
الحَرَّ، وَسَرَابِيلَ تَقِيكُمْ بَأْسَكُمْ﴾ [النحل: ٨١].

Худованд мефармояд:

**Эй фарзанди Одам, ҳароина мо фуруд овардем бар шумо либосе, ки бипӯшад шармгоҳи шуморо ва фуруд овардем ҷомаҳои зиннатро ва либоси парҳезгорӣ аз ҳама беҳтар аст.** *(Аъроф: 26)*

**Ва барои шумо ҷомаҳо сохт, ки шуморо нигаҳ дорад аз гармӣ ва ҷомаҳое, ки шуморо нигаҳ дорад аз зарари ҷанги шумо.** *(Наҳл: 81).*

780 - Аз Самура (р) ривоят аст, ки Расулаллоҳ (с) фармуд: Либосҳои сафедро бипӯшед, ки он поктар ва беҳтар аст ва мурдаҳои худро дар он кафан кунед.

781 - Аз Бароъ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) чаҳоршона буданд ва эшонро дар либоси сурх дидам, ки ҳаргиз чизеро некӯтар аз он ҳазрат (с) надида будам.

782 - Аз Абуҷуҳайфа Ваҳб ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбар (с)-ро дар Макка дидам, дар ҳоле, ки он ҳазрат (с) дар хаймаи сурхи чармин дар Абтаҳ *(водие дар наздикии Макка)* буд ва Билол (р) оби вузӯяшонро баровард, ки баъзе об мепошиданд ва баъзе обро мегирифтанд. Сипас паёмбар (с) дар ҳоле, ки ҷомаи сурх пӯшида буд, омад гӯё ман ба сафедии ду соқи пояшон менигарам ва вузӯ сохтанд. Билол азон гуфт ва ман даҳони ӯро ин ҷо ва он ҷо менигаристам, ки ба росту чап мегуфт: *Ҳайя ала-с-салоҳ ва ҳайя ала-л-фалоҳ.* Сипас пеши рӯи он ҳазрат (с) чӯбе найзамонанд *(ба хотири сутраи намоз)* насб гардид ва пеш гузашта, намоз гузориданд, дар ҳоле, ки аз пеши рӯяшон саг ва хар мегузашт ва манъ намешуд.

783 - Аз Абуримса Рифоъаи Таймӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с)-ро дидам, дар ҳоле ки дар танашон ду ҷомаи сабз буд.

784 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) дар рӯзи фатҳи Макка ба Макка дохил гардиданд, дар ҳоле ки бар сарашон салаи сиёҳ буд.

785 - Аз Абусаиди Амр ибни Ҳурайс (р) ривоят шуда, ки гуфт: Гӯё ман акнун ба сӯи Расули Худо (с) менигарам дар ҳоле, ки амомаи сиёҳе ба сар доранд, ки ду гӯшаи онро дар миёни шонаҳояшон раҳо намудаанд. Ва дар ривояти дигар аз Муслим омада, ки Паёмбари Худо (с) барои мардум хутба хонданд, дар ҳоле, ки амомаи сиёҳе бар сарашон буд.

786 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) дар се ҷомаи сафеди пунбаи саҳулӣ (*исми ҷоест*) кафан карда шуд, ки на дар он пироҳан буд ва на амома.

787 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) дар субҳгоҳе баромад ва бар шонаашон абое буд аз пашми сиёҳ, ки бар он тасвири каҷоваи шутур буд.

788 - Аз Муғира ибни Шӯъба (р) ривоят шуда, ки гуфт: шабе дар роҳе бо Расули Худо (с) ҳамроҳ будам ва аз ман пурсид: Оё ҳамроҳат об ҳаст? Гуфтам: бале. Сипас он ҳазрат (с) аз маркаби хеш фуруд омада ва рафт, то ин ки дар сиёҳии

шаб аз назар нопадид шуд ва боз омад ва ман аз зарф барояшон об рехтам ва ӯ рӯи худро шуст, дар ҳоле, ки ҷӯбае аз пашм бар танашон буд ва натавонист, ки бозуҳои худро аз он берун кунад, то ин ки онро аз зери ҷӯба берун намуд ва бозуҳои худро шуст ва сарашро масҳ намуд. Баъд аз он ман хостам мӯзаҳояшонро бикашам, он ҳазрат (с) фармуд: Бигзораш, чун ман пойҳоямро ба ҳоли таҳорат дохили онҳо сохтам ва бар онҳо масҳ намуд.

Дар ривояте омада, ки барояшон ҷӯбаи шомие буд, ки остинҳояш танг буд.

Ва дар ривояти дигар омада, ки ин қазия дар ғазваи Табук будааст.

## БОБИ 118. Дар мустаҳаб будани пироҳан

789 - Аз Умми Салама (р) ривоят шуда, ки гуфт: дӯстдошттарин ва маҳбубтарин ҷомаҳо барои Расули Худо (с) пироҳан буд.

## БОБИ 119. Сифати дарозии остини пироҳан ва эзор ва гӯшаи (фаши) амома ва ҳаром будани кашола намудани чизе аз инҳо бар асоси кибр ва макруҳ будани он дар сурати набудани кибр ва худбинӣ

790 - Аз Асмоа бинти Язиди Ансорӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: остини пироҳани Расули Худо (с) то банди дасташон буд.

791 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Касе ки ҷомаашро аз рӯи кибр бикашонад, Худованд дар рӯзи қиёмат ба вай назар намекунад. Абубакр (р) барояш гуфт: ё Расулаллоҳ, эзори ман суст мешавад, *(дар натиҷа кашонда мешавад)*, магар ин ки онро мувозибат кунам. Расули Худо (с) ба ӯ фармуд: Ту аз зумраи касоне нестӣ, ки ин корро аз рӯи кибр анҷом медиҳанд.

792 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд дар рӯзи қиёмат ба сӯи касе, ки эзорашро аз рӯи кибр ва ғурур бикашонад, назар намекунад.

793 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Пойинтар аз шитолинг (*буҷули по*) аз эзор дар дӯзах аст.

794 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Се кас аст, ки Худованд дар рӯзи қиёмат ба сӯяшон назар нанамуда ва бо онҳо сухан намезанад ва онҳоро тазкия накарда, барояшон азоби дарднок аст. Гуфт: Паёмбари Худо (с) онро се бор такрор фармуд. Абузар гуфт: Зиёнманд ва зиёнкор шаванд, инҳо киёнанд ё Расули Худо (с)? Фармуд: Он ки ҷомаашро аз рӯи кибр поинтар аз шитолинг дароз мекунад ва он ки миннат мегузорад бар мардум *(дар эҳсоне, ки ба онҳо карда)* ва он ки ба савганди дурӯғ матоъашро тарвиҷ медиҳад.

Ва дар ривояти дигар ҳам аз Муслим омада, он ки эзорашро аз рӯи кибр ба поинтар аз шитолинг дароз мекунад.

795 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: дар эзор ва пироҳан ва амома аст, он ки чизеро аз рӯи кибр бикашонад. Худованд дар рӯзи қиёмат ба вай наменигарад.

796 - Аз Абуҷурай Ҷобир ибни Сулайм (р) ривоят шуда, ки гуфт: сардеро дидам, ки мардум назари ӯро гирифта ва ҳар чи мегуфт мепазируфтанд. Гуфтам: Ин кист? Гуфтанд: Расули Худо (с) аст. Гуфтам: Алайкассалом Паёмбари Худо (с)! Ва ду бор такрор намудам. Фармуд: Магӯ алайкассалом. Зеро, ки алайкассалом таҳияи мурдаҳо аст. Бигӯ, ассалому алайк. Гуфтам: Ту Расули Худо (с) ҳастӣ? Фармуд: Ман Расули Худоям, ки агар ба маразе гирифтор шавӣ ва аз ӯ бихоҳӣ, онро аз сарат бармедорад ва агар ба соли қаҳтӣ гирифтор шавӣ ва аз ӯ бихоҳӣ, бароят онро мерӯёнад ва ҳар гоҳ ба замин хушке ё ба биёбоне бошӣ ва маркабат гум шавад ва аз ӯ бихоҳӣ, онро ба ту бозмегардонад. Гуфт: Гуфтам: эй Расули Худо (с), маро тавсия кун. Он ҳазрат (с) фармуд:

касеро дашном мадеҳ. Гуфт: баъд аз он ҳеҷ озод ва ғулом ва гӯсфанд ва шутурро дашном надодам. Ва ҳеҷ чизе аз кори хайрро хор машмор ва ин ки бо бародарат бо чеҳраи кушода сӯҳбат кунӣ, ҳамоно ин аз ҷумлаи корҳои хайр аст ва эзоратро то нисфи соқ боло кун ва агар ин корро нанамудӣ, пас то шитолинг (*буҷилаки по*)-ҳо раҳояш кун ва парҳез кун аз кашондани эзор, зеро ин кор аз ҷумлаи кибр ба шумор меравад ва Худованд кибрро дӯст намедорад ва агар касе туро дашном дод ё туро ба чизе, ки дар ту медонист, таъна зад, ту ӯро ба он чи дар ӯ медонӣ, таъна мазан, зеро гуноҳи ин кор ба дӯши ӯст.

797 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Дар асное, ки марде намоз мехонд, дар ҳоле, ки эзораш кашон буд, он ҳазрат (с) ба вай фармуд: Бирав ва вузӯ бигир. Пас рафт, вузӯ гирифт ва сипас омад. Боз ба вай фармуд: Бирав ва вузӯ бигир. Марде ба вай гуфт: Ё Расулуллоҳ! Чӣ шуд, ки вайро амр кардӣ, ки вузӯ гирад ва боз аз вай сукут намудӣ? Фармуд: Ӯ намоз мегузорад дар ҳоле, ки эзораш кашон буд ва Худованд намози мардеро, ки эзораш кашон бошад намепазирад.

798 - Аз Қайс ибни Бишр Тағлибӣ ривоят шуда, ки гуфт: Падарам маро хабар дод ва ӯ ҳамнишини Абудардо буд ва гуфт: Дар Димишқ марде аз асҳоби паёмбар (с) вуҷуд дошт, ки ба ӯ Саҳл ибни Ҳанзалия гуфта мешуд ва ӯ танҳоиро басо дӯст медошт ва бисёр кам бо мардум ҳамнишинӣ мекард ва кораш фақат намоз буд ва чун аз он фориғ мешуд, ҳама кораш тасбеҳу такбир буд, то ба хонааш меомад. Вай аз канори мо гузашт, дар ҳоле, ки мо назди Абудардо (р) будем ва Абудардо (р) ба вай гуфт: Сухане бигӯ, ки ба мо нафъ расонад ва ба ту ҳам зарар накунад. Гуфт: Расули Худо (с) лашкареро фиристоданд ва он лашкар бозомад ва марде аз миёнашон омада ва дар маҷлисе, ки Паёмбари Худо (с) дар он менишаст, нишаста ва ба марде, ки дар канораш буд гуфт: Кош моро медидӣ, вақте ки бо душман рӯбарӯ шудем ва фалонӣ ҳамла кард ва фалонӣ ба найза зад ва гуфт: Бигир аз ман, ки ман

бачаи Ғиффорӣ ҳастам. Дар ин гуфтааш чӣ назар дорӣ? Гуфт: Гумон мекунам, ки амалашро ботил намуд ва дигаре онро шунида гуфт: Ман бад-ин кор боке намебинам ва бо ҳам даъво карданд, чунончи Расули Худо (с) шуниду фармуд: Субҳоналлоҳ, парвое надорад, ки мужда дода шавад ва тавсиф карда шавад.

Сипас дидам, ки Абудардо (р) бад-ин амр шод шуд ва сарашро ба тарафи ӯ баланд намуда гуфт: Оё ту инро аз Расули Худо (с) шунидӣ? Ва мегуфт: Бале. Ва ҳамин тавр, такрор менамуд, то ин ки бо худ мегуфтам: Шояд ба зону бияфтад. Гуфт: Рӯзи дигар аз канори мо гузашт ва Абудардо (р) ба ӯ гуфт: Сухане гӯй, ки ба мо нафъ кунад ва ба ту зиён нарасонад. Гуфт: Паёмбари Худо (с) ба мо гуфт: Он ки дар роҳи тарбият аст, масраф ва харҷ намояд, монанди касест, ки дасти худро барои садақа додан кушода ва онро баста накунад. Боз рӯзи дигар аз канори мо гузашт ва Абудардо (р) ба вай гуфт: Барои мо сухане гӯй, ки ба мо нафъ расонда, ба ту зиён нарасонад. Гуфт: Расули Худо (с) фармуд: Хурайми Асадӣ марди хубест, агар чунонки мӯйҳои сараш дароз ва эзораш кашон намебуд. Ин хабар ба Хурайм расид ва ӯ шитоб намуда, теғеро гирифта ва бо он кокулашро то гӯшҳояш қатъ кард ва эзорашро то нисфи соқаш боло намуд. Боз рӯзи дигаре аз канори мо гузашт ва Абудардо (р) ба вай гуфт: Сухане гӯй, ки ба мо нафъ расонда, ба ту зиёне нарасонад, гуфт: Аз он ҳазрат (с) шунидам, ки мефармуд: Шумо назди бародаронатон қудум меваред, аз ин рӯ, ҷойгоҳҳо ва либосҳои худро дуруст кунед ва гӯё монанди холи сиёҳ дар миёни мардум бошед, зеро Худованд бад либосу бадшаклӣ ва бадзабониву бадамалиро дӯст намедорад *(хоҳ ин сифат аз рӯи одат бошад ва ё аз рӯи худсозӣ ва тазоҳур).*

799 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст. ки Расули Худо (с) фармуд: Эзори мусалмон, то нисфи соқ аст ва мушкиле нест. Ё фармуд: гуноҳе нест, ки дар миёни соқ ва шитолинг (*буҷулаки по*) бошад ва он чи аз шитолинг (*буҷулаки по*) пойинтар бошад,

пас он дар дӯзах аст ва касе ки аз рӯи кибр эзорашро кашол карда бикашад, Худованд ба сӯяш назар намекунад.

800 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз канори Расули Худо (с) гузаштам дар ҳоле, ки эзорам суст шуда буд *(яъне, кашола шуда буд)*. Пас фармуд: Эй Абдуллоҳ! Эзоратро боло кун. Ман онро боло кардам, боз фармуд: Зиёдтар боло кун. Ман зиёдтар боло кардам ва баъд аз он ҳамеша онро дар меёфтам. Баъзе аз қавм гуфтанд, то куҷо? Гуфт: То нимаҳои ҳар ду соқ.

801 - Ва низ аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Онки аз рӯи кибр ҷомаашро кашон кунад, Худованд дар рӯзи қиёмат ба сӯяш назар намекунад. Сипас умми Салама (р) гуфт: Занҳо ба доманҳои худ чӣ кунанд? Фармуд: Як ваҷаб раҳо кунанд. Гуфт: Агар чунин кунанд, қадамҳояшон зоҳир мегардад. Фармуд: Як гази онро раҳо кунанд ва бар он наяфзоянд.

## БОБИ 120. Истиҳбоби тарк намудани баландпарвозӣ дар либос аз рӯи тавозуъ ва фурӯтанӣ

802 - Аз Муъоз ибни Анас (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он кӣ либоси гаронқиматро аз рӯи тавозуъ ва фурӯтанӣ барои Худованд тарк кунад, дар ҳоле ки тавонмандии онро ҳам дорад, Худованд дар рӯзи қиёмат бар ҳузури мардумон ӯро мехоҳад ва мухайяраш месозад, то аз ҳар ҳуллае аз ҳуллаҳои имон, ки бихоҳад, бипӯшад.

## БОБИ 121. Мустаҳаб будани миёнаравӣ кардан дар либос ва мабодо ки бидуни ҳоҷат ва мақсуди шаръӣ либос бипӯшад, ки ӯро ҳақир ва хор нишон диҳад

803 - Аз Амр ибни Шуъайб аз падараш аз бобояш (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд дӯст медорад, ки нишонаи неъматашро бар бандааш бубинад.

## БОБИ 122. Таҳрими пӯшидани либоси абрешимин барои мардон ва ҳаром будани нишастан ва такя кардан бар он ва раво будани пӯшидани он барои занон

804 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Абрешимро напӯшед, зеро он ки онро дар дунё бипӯшад, дар охират онро нахоҳад пӯшид.

805 - Ва низ аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам. ки мефармуд: Касе абрешимро мепӯшад, баҳрае надорад. Муттафақун алайҳ. Ва дар ривояте аз Бухорӣ омада, ки: Он ки дар охират баҳрае барояш нест.

806 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он ки дар дунё абрешимро бипӯшад, дар охират онро нахоҳад пӯшид.

807 - Аз Алӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) –ро дар ҳоле дидам, ки абрешимро гирифта ва ба тарафи росташ ниҳода ва тиллоеро гирифта ва дар тарафи чапаш ниҳода ва сипас фармуд: Ин ду бар мардони умматам ҳаром аст.

808 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Либоси абрешимин ва тилло бар мардони умматам ҳаром гардонида шуда ва барои занҳояшон ҳалол сохта шудааст.

809 - Аз Ҳузайфа (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбар (с) моро манъ фармуд аз ин ки дар зарфҳои тилло ва нуқра бинӯшем ё дар он бихӯрем ва аз пӯшидани абрешими нозук ва ғализ ва ин ки бар он биншинем, низ манъ фармуд.

## БОБИ 123. Раво будани пӯшидани абрешим барои он ки бемории хориш дошта бошад

810 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) барои Зубайр ва Абдураҳмон ибни Авф (р) аз ҷиҳати хорише, ки дар вуҷуди он ду буд, пӯшидани абрешимро иҷозат дод.

## БОБИ 124. Манъ аз густурдани пӯстҳои паланг ва савор шудан бар он

811 - Аз Муъовия (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Бар абрешим ва пӯстҳои паланг савор нашавед.

812 - Аз Абумалиҳ аз падараш (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) аз пӯсти даррандагон манъ фармуд. Ва дар ривояте аз Тирмизӣ омада, ки манъ фармуд аз ин ки аз пӯсти даррандагон фарш сохта шавад.

## БОБИ 125. Он чи ҳангоми пӯшидани либоси нав, ё кафши нав ва амсоли он бояд гуфта шавад

813 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун Расули Худо (с) ҷомаи тоза мепӯшид, онро ба номаш ёд мекард ва мефармуд: ***Аллоҳумма лака-л-ҳамду анта касавтанӣҳи асъалука хайраҳу ва хайра мо суниъа лаҳу ва аъузу бика мин шарриҳи ва шарри мо суниъа лаҳу.*** *Бор Худоё, сипос хос туrост, Ту онро ба ман пушонидӣ аз Ту хайри он ва хайри он чиро ки барои он сохта шуда металабам ва ба Ту аз шарри он ва шарри он чи ки барои он сохта шуда, паноҳ мебарам.*

## БОБИ 126. Истиҳбоби оғоз ба рост дар пӯшидани либос

*Мақсуди ин боб қаблан гузашт ва аҳодиси саҳиҳро дар мавриди он баён намудем (боби шумораи 99 аз ҳадиси шумораи 721 то 727).*

# 4. КИТОБИ ОДОБИ ХОБ ВА БА ПАҲЛӮ ҒАЛТИДАН ВА НИШАСТАН, МАҶЛИС, ҲАМНИШИН ВА ХОБ ДИДАН

## БОБИ 127. Он чи ки дар вақти хобидан мегӯяд

814 - Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун Расули Худо (с) ба бистари хеш қарор мегирифт, ба тарафи рости хеш хобида ва мефармуд: ***Аллоҳумма асламту нафсӣ илайка ва ваҷҷаҳту ваҷҳӣ илайка ва фаввазту амрӣ илайка ва алҷаъту заҳрӣ илайка рағбатан ва раҳбатан илайка ло малҷаа ва ло манҷаа минка илло илайка. Оманту бикитобика-л-лазӣ анзалта ва набийика-л-лазӣ арсалта.*** *Худоё, худро ба ту таслим кардам аз рӯи тамоюл ба ту ва тарс аз ту. Паноҳгоҳ ва гурезгоҳе аз ту ҷуз ба сӯят нест. Ман ба китобе, ки фурӯ фиристодӣ ва паёмбаре, ки фиристодӣ, имон овардам.*

815 - Аз Бароъ ибни Озиб (р) ҳамчунин ривоят шуда, ки Пайғамбари Худо (с) ба ман гуфт: чун ба хобгоҳат омадӣ, пас ҳамон гуна, ки барои намоз вузӯ месозӣ, вузӯ бигир ва сипас ба тарафи рост худро ба паҳлӯ андохта ва бигӯ ва мисли он дуъоро зикр намуд ва дар он омадааст ва онро охири чизе бигардон, ки мегӯӣ, *(яъне, пас аз ин дуъо чизи дигареро бар забон маёвар).*

816 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт паёмбар (с) дар шаб ёздаҳ ракаъат намоз мегузорид ва чун субҳ тулӯъ мекард, ду ракаъати хафӣ ва сабук хонда ва ба паҳлӯи рост мехобид, то ин ки муаззин омада ва ӯро огоҳ месохт.

817 - Аз Ҳузайфа (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун паёмбар (с) дар шаб ба хобгоҳаш қарор мегирифт, дасташро зери рухсорааш гузошта ва сипас мегуфт: ***Аллоҳумма бисмика амӯту ва аҳё.*** *Бор, Худоё, ба номи ту мемирам ва зинда мешавам.* Ва чун бедор мешуд, мефармуд: ***Алҳамду лиллоҳи-л-лазӣ аҳёно баъда мо амотано ва илайҳи-н-нушур.*** *Сано бод Худоеро, ки баъд аз миронидан моро зинда кард ва бозгашт ба сӯи Ӯст.*

818 - Аз Яъиша ибни Тихфаи Ғифорӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: падарам ба ман гуфт: дар асное, ки дар масҷид бар шиками хеш хобида будам, ногоҳ мутаваҷҷеҳ шудам, ки марде ба пояш маро ҳаракат медиҳад ва мефармояд: ин хобидание аст, ки Худоро аз он бад меояд. Гуфт: пас назар намуда ва Расули Худо (с) –ро дидам.

819 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки ба ҷое нишаста ва Худоро дар он ҷо ёд накунад, аз ҷониби Худо бар ӯ нуқсе мебошад ва он кӣ дар хобгоҳе бихобад ва Худоро дар он ёд накунад аз сӯи Худо бар ӯ нуқс ва коҳише аст.

## БОБИ 128. Дар раво будани бар пушт афтодан ва ниҳодани як пой бар болои пойи дигар, ҳар гоҳ аз зоҳир шудани аврат тарсе набошад ва раво будани чорзону задан ва чамботма задан

820 - Аз Абдуллоҳ ибни Зайд (р) ривоят шуда, ки ӯ Расули Худо (с) –ро дид, ки дар масҷид ба пушт афтода ва як пояшро ба пойи дигар ниҳода буд.

821 - Аз Ҷобир ибни Самура (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун паёмбар (с) намози субҳро мегузорид дар ҷояш чаҳорзону менишаст, то ин ки офтоб дуруст тулӯъ мекард.

822 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с)-ро дар канори Каъба дидам, ки чорзону зада буд. Ин тавр

*(ва ровии ҳадис бо дастони хеш ин тарз нишастанро тамсил намуд) (иҳтибо нишастан ба сурин ва зонуҳоро ба ши кам дастҳоро ба соқи по часпондан).*

823 - Аз Қайла бинти Махрама (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) –ро дидам, ки чамботма *(гирдзону)* зада буд ва чун Расули Худо (с) –ро дар нишаст ба ҳоли хушӯъ дидам, аз тарс дигаргун шудам.

824 - Аз Шарид ибни Сувайд (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) аз канорам гузашт, дар ҳоле ки ман ин гуна нишаста будам, ки дасти чапамро ба пуштам ниҳода ва ба нармии дастҳоям такя намуда будам. Пас он ҳазрат (с) фармуд: Оё ба гунаи касоне, ки мавриди ғазаб қарор гирифтаанд, менишинӣ.

## БОБИ 129. Дар одоби нишастан дар маҷлис ва ҳамнишин

825 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ кадоми шумо набояд касеро аз ҷояш баланд намуда ва худ ба ҷояш бинишинад, вале маҷолиси худро фарох гиред. Ва чун касе аз ҷояш барои ибни Умар (р) баланд мешуд (*мехест*), дар он ҷо наменишаст.

826 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо аз маҷлисе бархост ва боз ба он сӯ омад, ӯ бад-он сазовортар аст, яъне, бояд ба ҷои аввалаш бинишинад ва каси дигаре ҷояшро ишғол накунад.

827 - Аз Ҷобир ибни Самура (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун яке аз мо хидмати паёмбар (с) меомад, ҳар куҷоеро, ки холӣ медид, менишаст.

828 - Аз Абуабдуллоҳ Салмони Форсӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: ҳеҷ марде нест, ки дар рӯзи ҷумъа ғусл намуда ва ба қадри тавоноии хеш покӣ кунад ва аз равғанаш равғанмолӣ намуда, ё аз хушбӯии мавҷуд дар хонааш истифода кунад ва сипас берун омада ва байни ду нафар ҷудоӣ наяфканад ва баъд намози фаризаро адо кунад, чун имом сухан гӯяд сукут

намояд, магар ин ки гуноҳ аз ин ҷумъа то ҷумъаи дигар бахшида мешавад.

829 - Амр ибни Шуъайб аз падараш аз ҷаддаш (р) ривоят намуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Раво нест бар ҳеҷ кас ки байни ду нафар ҷудоӣ афканад, (*яъне миёни он ду бинишинад*), магар ба иҷозаи он ду.

830 - Аз Ҳузайфа ибни Ямон (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) касеро, ки миёни ҳалқа менишинад, лаънат намуданд. Тирмизӣ аз Абумиҷлаз (р) ривоят намуда, ки марде дар васати ҳалқа нишаст ва Ҳузайфа гуфт: Бар забони Муҳаммад (с) малъун аст, ё Худованд лаънат намуда бар забони Муҳаммад (с) касеро, ки дар васати ҳалқа менишинад.

831 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Беҳтарин маҷлисҳо фарохтарини онҳост.

832 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: он кӣ дар маҷлис бинишинад ва суханаш дар он бисёр шавад, сухане, ки аз он хайри охират мутасаввир нест ва пеш аз он ки аз ин маҷлис бархезад, бигӯяд: ***Субҳонака Аллоҳумма ва биҳамдика ашҳаду ал-ло илоҳа илло анта, астағфирука ва атубу илайка.***

*Бор, Худоё, покист туро ва ба санои ту тарзабонам. Гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди барҳақе ҷуз ту нест. Аз ту омурзиш металабам ва ба сӯят тавба мекунам. Магар он ки он чи дар он маҷлис аз вай (лағжишҳое, ки) содир шудааст, бахшида шавад.*

833 - Аз Абубарза (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар охири умр ва дар поини ҷаласаи хеш чун мехост, ки аз маҷлис бархезад мегуфт: *«Субҳонака Аллоҳумма ва биҳамдика ашҳаду алло илоҳа илло анта астағфирука ва атубу илайк».* Яъне, Бор Худоё! Покист туро ва ба санои ту тарзабонам. Гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди барҳақе ҷуз ту нест. Аз ту омурзиш металабам ва ба сӯят тавбагорам. Марде гуфт: Ту сухане мегӯӣ, ки дар гузашта намегуфтӣ. Гуфт: Ин каффораи он чизест, ки дар маҷлис мебошад.

834 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: бисёр кам буд, ки Расули Худо (с) аз маҷлисе бархезад ва ин дуъоҳоро нахонад: ***Аллоҳумма ақсим лано мин хашятика мо таҳӯлу биҳи байнано ва байна маъосика ва мин тоъатика мо тубаллигуно биҳи ҷаннатака ва мина-л-яқини мо туҳаввину ъалайно масоиба-д-дунё. Аллоҳу-м-маттиъно би асмоъино ва абсорино ва қувватино мо аҳяйтано ваҷъалҳу-л-ворисa минно ваҷъал саърано ъало ман заламано вансурно ъало ман ъодоно вало таҷъал мусибатано фи динино вало таҷъали-д-дунё акбара ҳаммино вало маблага ъилмино вало тусаллит ъалайно ман ло ярҳамуно.***

*Бор, Худоё, барои мо аз тарси хеш насибе деҳ, ки миёни мо ва маъсиятат ҳоилаш гардонӣ ва аз тоъатат барои мо баҳрае деҳ, ки бад-он моро ба биҳишт расонӣ ва аз яқин насибе деҳ, ки ба василаи он маъсиятҳои дунёро бар мо саҳл гардонӣ. Парвардигоро, моро аз шунавоиҳо ва биноиҳо ва нерӯҳоямон баҳравар кун, то зиндаамон медорӣ ва ин баҳрамандиро барои мо пойдор бидор ва интиқоми моро аз он ки бар мо ситам раво дошта, бигир ва моро бар он ки бар мо таҷовуз карда нусрат ва ёрӣ деҳ ва мусибати моро дар дини мо магардон ва дунёро бузургтарин мақсад ва назаргоҳи илми мо қарор мадеҳ ва бар мо касеро, ки тараҳҳум надорад, чира ва мусаллат макун.*

835 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ гурӯҳе нест, ки аз маҷлисе бармехезанд, ки дар он Худоро ёд намекунанд, магар монанди он аст, ки гӯё аз болои хари мурдоре бархостаанд ва барояшон ҳасрат ва афсӯс аст.

836 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳеҷ гурӯҳе аз маҷлисе барнахостанд, ки Худоро дар он ёд накарданд ва дар он бар паёмбари хеш (с) дуруд нафиристоданд, магар ин ки барояшон нуқсе ба шумор меравад, ки агар хост азобашон мекунад ва агар хост онҳоро меомурзад.

837 - Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Он ки дар ҷое биншинад, ки дар он Худоро ёд накарда бошад, аз ҷониби Худо бар вай нуқсе аст ва касе, ки дар ҷое бихобад ва Худоро дар он ёд накарда бошад, аз ҷониби Худо бар вай нуқсе аст.

## БОБИ 130. Дар мавриди хоб дидан ва масоиле, ки бад-он рабт дорад

Худованд мефармояд:

**Ва аз нишонаҳои ӯ хобидани шумо дар шаб ва рӯз аст.**

*(Рум: 23)*

838 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки мефармуд: аз вижагиҳои нубувват ба ҷуз мубашшират дар ҷаҳон боқӣ намонда. Гуфтанд: мубашшират чист? Фармуд: Руъёи шоиста, (*хобҳои рост*).

839 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Чун замони (*рӯзи*) қиёмат наздик шавад, хоби мӯъмин дурӯғ намегӯяд ва хоби дидаи мӯъмин бахше аз чиҳилу шаш ҷузъи нубувват аст.

Дар ривояте омада; росттарини шумо аз рӯи хоб ростгӯтарини шумост.

840 - Ҳамчунин Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки маро дар хоб бубинад, маро дар бедорӣ хоҳад дид, ё гӯё маро дар бедорӣ хоҳад дид, ё гӯё маро дар бедорӣ дидааст, зеро шайтон ба сурат ва шакли ман дарнамеояд.

841 - Аз Абусаиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳар гоҳ касе хобе бубинад, ки онро дӯст медорад, ҳамоно он аз ҷониби Худо аст ва бояд Худоро бар он ҳамду сипос гӯяд ва онро қисса кунад. Ва дар ривояте омада, ки онро ҷуз ба касе, ки дӯст медорад, қисса накунад. Ва агар ҷуз инро дид, ба тавре, ки онро хуш надорад, он аз ҷониби шайтон аст, пас бояд аз шарри он ба Худо паноҳ ҷӯяд

ва онро ба касе қисса накунад, зеро он хоб ба вай зарар намерасонад.

842 - Аз Абуқатода (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Руъёи шоиста ва дар ривояте руъёи некӯ аз ҷониби Худо аст ва ҳулм аз ҷониби шайтон аст ва касе, ки чизеро дид, ки аз он бадаш меояд, бояд се бор ба тарафи чапи худ бидамад ва аз шайтон ба Худо паноҳ ҷӯяд, (*яъне бигӯяд*: **Аъузу биллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим**), пас он хоб ба вай зарар намерасонад.

843 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо хобе дид, ки аз он бадаш меояд, пас бояд ки се бор аз тарафи чапи хеш туф андохта ва се бор аз шайтон ба Худо паноҳ ҷӯяд ва бояд аз тарафе, ки хоб буд, ба паҳлӯи дигар баргардад.

844 - Аз Абуласқаъ Восила ибни Асқаъ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: аз бузургтарин дурӯғҳо ин аст, ки шахс худро ба ғайри падари хеш нисбат диҳад ё ба чашмаш чизеро нишон бидиҳад, ки ӯ надидааст, (*бигӯяд дар хоб чунин ва чунон дидам, дар ҳоле ки надидааст*) ё ба Расули Худо (с) чизеро нисбат диҳад, ки нагуфтааст.

# 5. КИТОБИ САЛОМ ДОДАН

## БОБИ 131. Дар фазилати салом ва амр ба пахши он

قال الله تعالى: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَدْخُلُوا بُيُوتاً غَيرَ بُيُوتِكُم حَتَّى تَسْتَأْنِسُوا[١] وَتُسَلِّمُوا عَلَى أَهْلِهَا﴾ [النور: ٢٧]. وقال تعالى: ﴿فإذا دَخَلْتُمْ بُيُوتاً فَسَلِّمُوا عَلَى أَنْفُسِكُمْ تَحِيَّةً مِنْ عِنْدِ اللهِ مُبَارَكَةً طَيِّبَةً﴾ [النور: ٦١]. وقال تعالى: ﴿وَإذا حُيِّيتُمْ بِتَحِيَّةٍ فَحَيُّوا بِأَحْسَنَ مِنها أَوْ رُدُّوها﴾ [النساء: ٨٦]. وقال تعالى: ﴿هَلْ أَتَاكَ حَدِيثُ ضَيْفِ إِبْرَاهِيمَ المُكْرَمِينَ * إِذْ دَخَلُوا عَلَيْهِ فقالوا: سَلاماً، قال: سَلامٌ﴾ [الذاريات: ٢٤، ٢٥].

Худованд мефармояд:

**Эй мусалмонон, дохил нашавед ба хонаҳои ғайр аз хонаҳои хеш, то ки иҷозат талабед ва салом кунед бар аҳли он.** *(Нур: 27)*

**Пас чун дароед ба хонаҳо, салом гӯед бар худ ва дигарон дуъои хайр ва баракату покизаи фурӯдомада аз ҷониби Худованд.** *(Нур: 61)*

**Пас чун ба саломе таъзим карда шавед, ба калимаи беҳтар аз он, ё ба ҳамон калима ҷавоб диҳед.** *(Нисо: 86)*

**Оё расида ба ту хабари меҳмонони гиромии Иброҳим? Чун Иброҳим ворид шуд, салом гуфтанд ва ӯ дар иваз ҷавоби салом дод.** *(Зориёт: 24-25)*

845 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки марде аз Расули Худо (с) пурсид, ки кадом ислом беҳтар аст? Фармуд: ин ки таъом диҳӣ ва ба ҳар кас хоҳ бишносӣ, ё нашносӣ, салом кунӣ.

846 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Чун Худованд Одамро офарид, ба ӯ фармон дода гуфт: Бирав ва бар инҳо салом кун *(бар гурӯҳе аз фариштагон, ки нишаста буданд)* ва бишнав ба он чи, ки мегӯянд. Зеро он саломи ту ва авлоди туст. Пас гуфт: Ассалому алайкум ва онон гуфтанд: Ассалому алайка ва раҳматуллоҳ ва *(раҳматуллоҳ)*-ро ба он афзуданд.

847 - Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) моро ба ҳафт чиз амр намуд; ба аёдати мариз ва ташийъи ҷанозаҳо ва дуъо барои атсазананда ва ёрӣ додани нотавон ва ҳамкорӣ бо мазлум ва ошкор кардани салом ва ростгӯ намудани савганди ёдкунанда дар он чи, ки ба анҷоми он савганд ёд кардааст.

848 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ба биҳишт ворид намешавед, то мӯъмин шавед ва мӯъмин шумурда намешавед, то ба ҳамдигар дӯстӣ кунед. Оё раҳнамоӣ накунам шуморо ба он чи ки ҳар гоҳ онро ба ҷой оваред, бо ҳам дӯстӣ мекунед? Саломро дар миёни хеш ошкоро кунед.

849 - Аз Абуюсуф Абдуллоҳ ибни Салом (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Эй мардум! Саломро ошкор кунед ва таъом диҳед ва равобити хешовандиро барқарор доред ва намоз бихонед дар ҳоле, ки мардум хоб ҳастанд, ба саломатӣ ба биҳишт дохил шавед.

850 - Аз Туфайл ибни Убай ибни Каъб ривоят шуда, ки ӯ назди Абдуллоҳ ибни Умар (р) омада, бо вай субҳҳангом ба бозор мерафт ва гуфт: Чун ҳангоми сабоҳ ба бозор мерафтем, Абдуллоҳ бар ҳеҷ кӯҳнафурӯш ва муомиладор ва ё мискин ва ё каси дигаре намегузашт, магар он ки бар ӯ салом медод. Туфайл гуфт: Рӯзе назди Абдуллоҳ ибни Умар (р) омадам ва аз ман хост, ки бо вай ба бозор равам ва ман ба ӯ гуфтам: Ба бозор чӣ мекунӣ, дар ҳоле, ки ту бар сари доду ситод намеистӣ ва аз матоъҳо пурсон накарда, онро савдо намекунӣ ва низ дар маҷлиси бозор наменишинӣ? Ва ба ӯ гуфтам: Ин ҷо биншин, ки сӯҳбат кунем. Ӯ гуфт: Эй шикамдор *(чун Туфайл*

*дорои шиками бузург буд),* ҳамоно субҳ мекунем ба воситаи салом, то бар ҳар касе, ки бо ӯ рӯбарӯ мешавем, салом кунем.

## БОБИ 132. Кайфият ва чи гунагии салом додан

*Мустаҳаб аст, барои касе ки ба салом оғоз мекунад, бигӯяд:* ***Ассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу,*** *яъне замири ҷамъро оварад, ҳарчанд касе ки бар вай салом дода мешавад, як нафар бошад ва ҷавобдиҳанда бигӯяд*: ***ва ъалайкуму-с-салому ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу,*** *яъне дар посухаш вови отифаро биёварад.*

851 - Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят аст, ки гуфт: марде хидмати паёмбар (с) омада гуфт: **Ассалому ъалайкум**. Он ҳазрат (с) ҷавобашро дод ва ӯ нишаст. Сипас паёмбар (с) фармуд: Даҳ бор. Марди дигаре омада гуфт: **Ассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳ**. Он ҳазрат (с) ҷавобашро дод ва ӯ нишаст ва боз паёмбар (с) фармуд: Бист бор. Боз дигаре омада ва гуфт: **Ассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу**, пас ҷавобшро дод ва ӯ нишаст ва фармуд: сӣ бор, (*яъне савоб гирифт*).

852 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) ба ман гуфт: Ин Ҷабраил аст, ки бар ту салом мегӯяд. Гуфт: гуфтам ва алайҳи-с-салому ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.

853 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки чун паёмбар (с) суханеро мегуфт: Онро се бор такрор менамуд, то аз вай фаҳмида шавад ва чун назди гурӯҳе меомад, бар онҳо салом мекард ва се бор салом менамуд.

854 - Аз Миқдод (р) дар ҳадиси дарозаш ривоят шуда, ки гуфт: мо саҳми шири паёмбар (с) –ро бармедоштем, пас шаб он ҳазрат (с) омада ва тавре салом менамуд, ки хобидаро бедор накарда ва бедорро мешунавонд. Ва он гоҳ, паёмбар (с) омада ва монанди ҳамеша салом намуд.

855 - Аз Асмоа бинти Язид (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) рӯзе аз масҷид гузаштанд, дар ҳоле ки гурӯҳе аз занон

нишаста буданд ва ба дасти хеш ба унвони салом ишора фармуданд.

***Шарҳ:*** *паёмбар (с) ҳам салом гуфт, зеро он ҳазрат (с) маъсум ва аз фитна дар амон буд ва ҳар он кӣ бар нафси хеш эътимод дошта бошад, бар занон салом дода метавонад, варна хомӯшӣ беҳтар аст.*

856 - Аз Абуҷурайи Ҳуҷаймӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Хидмати Расули Худо (с) омада гуфтам: Алайка-с-салом ё Расулуллоҳ! Фармуд: Магӯ алайка-с-салом, алайка-с-салом таҳияи мурдаҳо аст.

## БОБИ 133. Одоби салом додан

857 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Савора бар пиёда ва раванда бар нишаста ва кам бар бисёр салом намояд. Ва дар ривояти Бухорӣ омада, ки кӯчак бар бузург.

858 – Абуумома Судай ибни Аҷдони Боҳилӣ (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Бартарин мардум назди Худованд касест, ки аввал ба онҳо *(мардум)* салом кунад.

Ва дар ривояти Тирмизӣ аз Абуумома омада, ки гуфта шуд: Ё Расулаллоҳ, ду мард бо ҳам рӯ ба рӯ мешаванд, кадомашон ба салом оғоз мекунад? Фармуд: Бартарашон назди Худованди таъоло.

859 - Аз Абуҳурайра (р) дар ҳадиси он ки намозашро дуруст адо намекард, омада ки ӯ омада, намоз хонд, боз хидмати паёмбар (с) омаду бар ӯ салом намуд. Он ҳазрат (с) ба саломаш посух гуфта фармуд: Бозгард ва намоз бихон, зеро ту намоз нахондаӣ! Вай бозгашт ва намоз хонда, боз омад ва бар паёмбар (с) салом намуд, то ин ки ин корро се бор такрор намуд.

## БОБИ 134. Истиҳбоби такрор намудани салом бар касе, ки дидораш дар лаҳазоте чанд бор такрор шавад, ба ин ки дохил гардад ва боз берун ояд ё миёнашон дарахт ё чизи дигаре ҳоил гардад

860 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо бародарашро мулоқот кунад, бояд бар вай салом намояд ва ҳар гоҳ миёнашон дарахте, ё деворе, ё санге ҳоил шуд ва боз ӯро дид, бояд бар вай салом диҳад.

## БОБИ 135. Мустаҳаб будани салом гуфтан ҳангоми вуруд ба манзил

قال الله تعالى: ﴿فَإِذَا دَخَلْتُمْ بُيُوتاً فَسَلِّمُوا عَلَى أَنْفُسِكُمْ تَحِيَّةً مِنْ عِنْدِ اللهِ مُبَارَكَةً طَيِّبَةً﴾ [النور: ٦١].

Худованд мефармояд:

**Пас чун ба хонаҳо дароед, салом гӯед бар худ ва дигарон дуъои хайр бо баракату покиза фуруд омада аз сӯи Худованд.** *(Нур: 61)*

861 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) бароям гуфт: Эй писарам, чун ба хонаводаат ворид шудӣ, пас салом кун, ки бар ту ва бар хонаводаат баракат мебошад.

## БОБИ 136. Салом гуфтан бар кӯдакон

862 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки ӯ аз канори кӯдакон гузашта ва бар онҳо салом намуда, гуфт: Паёмбари Худо (с) ин корро анҷом медоданд.

## БОБИ 137. Салом кардани мард бар ҳамсар ва зан ва маҳоримаш ва салом бар зан ва занони бегонае, ки аз фитна бар эшон ҳарос намешавад ва салом карданашон бар ин шарт

863 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят шуда, ки гуфт: дар миёни мо зане буд ва дар ривояте гуфт пиразане доштем, ки аз решаҳои салақ (*лаблабу*) гирифта ва онро дар дег андохта ва донаҳои ҷавро орд мекард ва чун намози ҷумъаро хонда ва бозмегаштем бар вай салом мекардем ва ӯ онро ба мо тақдим менамуд.

864 - Аз Умми Ҳониъ Фохита бинти Абутолиб (р) ривоят шуда, ки гуфт: дар рӯзи фатҳ хидмати паёмбар (с) омадам, дар ҳоле ки эшон ғусл менамуданд ва Фотима (р) вайро ба ҷомае мепӯшонид ва салом кардам ва ҳадисро зикр намуд.

865 - Аз Асмоа духтари Язид (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбар (с) аз канори мо гузашт, дар ҳоле, ки ҳамроҳи гурӯҳе аз занон будем ва бар мо салом намуд.

Ва лафзи Тирмизӣ ин аст, ки Расули Худо (с) рӯзе аз масҷид гузаштанд, дар ҳоле, ки иддае аз занон нишаста буданд, пас ба дасти хеш ба унвони салом ишора фармуданд.

866 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Яҳуд ва насороро ба салом ибтидо накунед ва ҳар гоҳ яке аз онҳоро дар роҳе дидед, ӯро ба ихтиёр кардани роҳи тангтар водор кунед *(яъне, дар васати роҳ биравед, то ӯ худро канор бикашад).*

## БОБИ 138. Таҳрими оғоз намудани салом бар кофир ва чи гунагии рад бар эшон ва мустаҳаб будани салом гуфтан бар аҳли маҷлис, ки дар он мусалмонон ва кофирон ҳузур дошта бошанд

867 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ аҳли китоб бар шумо салом кунанд, пас бигӯед ва ъалайкум (*ва бар шумо бод!*)

868 - Аз Усома (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) аз канори маҷлисе гузашт, ки дар он иддае аз муслимин ва мушрикин (*бутпарастон ва Яҳуд*) буданд ва паёмбар (с) бар онҳо салом дод.

## БОБИ 139. Мустаҳаб будани салом намудан, ҳар гоҳ аз маҷлис бархоста ҳамнишин, ё ҳамнишинонашро тарк гӯяд

869 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ҳар гоҳ яке аз шумо ба маҷлисе бирасад, бояд салом кунад ва ҳар гоҳ қасд кунад, ки бархезад, (низ) бояд салом кунад, зеро саломи аввалӣ аз дуввумӣ сазовортар нест.

## БОБИ 140. Дар бораи иҷоза хостан ва одоби он

قال الله تعالى: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لا تَدخُلُوا بُيُوتاً غيرَ بُيُوتِكم حَتَّى تَسْتَأْنِسُوا(٣) وتُسَلِّمُوا على أَهْلِهَا﴾ [النور: ٢٧]. وقال تعالى: ﴿وَإذا بَلَغَ الأَطفَالُ مِنْكُم الحُلُمَ(٤) فَلَيَسْتَأْذِنُوا كما اسْتَأْذَنَ الَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ﴾ [النور: ٥٩].

Худованд мефармояд:

**Эй мусалмонон, дохил нашавед ба хонаҳои ғайр аз хонаҳои хеш, то ки иҷоза талабед ва салом кунед бар аҳли он.** *(Нур: 27)*

**Ва чун тифлони шумо ба ҳадди иҳтилом расанд, бояд ки иҷоза талаб кунанд, чунон ки иҷоза металабиданд онон ки пеш аз эшон буданд.** *(Нур: 59)*

870 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Иҷозат гирифтан (*барои духули хона ва ғайра*) то се бор ҷавоз дорад, пас агар ба ту иҷоза дода шуд, хуб, варна бозгард.

871 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Иҷоза хостан аз барои дидан аст.

872 - Аз Рибъӣ ибни Ҳирош ривоят шуда, ки гуфт: Марде аз бани Омир барои мо сӯҳбат кард, ки ӯ аз паёмбар (с) иҷозаи вуруд хост, дар ҳоле, ки эшон дар хонае буданд ва гуфт: Оё ворид шавам? Расули Худо (с) барои ходимаш гуфт: Назди ин шахс бирав ва иҷозат хостанро ба вай ёд дода, бигӯ, ки бигӯяд: Ассалому алайкум, оё дохил шавам? Ва мард онро шунида гуфт: Асаллому алайкум, оё ворид шавам? Сипас паёмбар (с) ба вай иҷозат дод ва ӯ дохил шуд.

873 - Аз Килда ибни Ҳанбал (р) ривоят шуда, ки гуфт: хидмати паёмбар (с) омада ва бар эшон ворид шудам ва салом накардам. Паёмбар (с) фармуд: Бозгард ва бигӯ: **Ассалому ъалайкум,** оё дохил шавам?

874 - Аз Анас (р) дар ҳадиси машҳураш дар Исро ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Пас Ҷабраил (а) маро ба осмони дунё бурда ва хостори боз шудани он шуд. Гуфта шуд: Ин шахс кист? Гуфт: Ҷабраил (а), гуфта шуд ва ҳамроҳат кист? Гуфт: Муҳаммад (с). Боз маро ба осмони дуввум боло бурда ва хост, ки боз шавад. Гуфта шуд: Ин шахс кист? Гуфт: Ҷабраил (а). Гуфта шуд: Ва ҳамроҳат кист? Гуфт: Муҳаммад (с) ва саввум ва чаҳорум ва дигарон ва дар дарвозаи ҳар осмон гуфта мешавад ин шахс кист? Ва Ҷабраил (а) ҷавоб медод.

875 - Аз Абузар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Шабе аз шабҳо берун омада дидам, ки Расули Худо (с) танҳо меравад ва ман ҳам дар сояи моҳ шурӯъ ба рафтан кардам, он ҳазрат (с) назар намуда ва маро дида гуфт: Ин шахс кист? Гуфтам: Абузарам.

## БОБИ 141. Суннат будани ин, ки ҳар гоҳ барои он ки иҷозат металабад, гуфта шавад кистӣ, ин ки бигӯяд: фалонӣ ҳастам ва худро ба ном, ё кунияе, ки машҳур аст, биномад ва нописанд будани ин ки бигӯяд: *(ман)* ва монанди он

876 - Аз Умми Ҳониъ (р) ривоят шуда, ки гуфт: хидмати паёмбар (с) омадам ва ӯ ғусл менамуд, дар ҳоле ки Фотима (р)

вайро мепӯшонд. Он ҳазрат (с) фармуд: ин шахс кист? Гуфтам: ман, умми Ҳонӣ мебошам.

877 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт: хидмати паёмбар (с) омада ва дарро кубидам, фармуд кистӣ? Гуфтам: ман. Фармуд: ман, ман. Гӯё аз ин сухан бадашон омад.

878 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Худованд атса заданро дӯст дошта ва хамёза кашиданро зишт медорад. Пас ҳар гоҳ яке аз шумо атса зада, Алҳамдулиллоҳ бигӯяд, бар ҳар мусалмоне, ки онро бишнавад, ҳақ аст, ки ба ӯ бигӯяд: Ярҳамукаллоҳ *(Худо бар ту раҳм кунад)*. Вале хамёза кашидан аз шайтон аст. Пас ҳар гоҳ яке аз шумо хамёза кашад, ба қадри тавон бояд онро рад кунад, зеро ҳар гоҳ яке аз шумо хамёза кашад, шайтон ба вай механдад *(зеро хамёза нишонаи танбалӣ аст)*.

## БОБИ 142. Мустаҳаб будани дуъо кардан барои атсазананда ҳар гоҳ “Алҳамду лиллоҳ” гӯяд ва макруҳ будани дуъо бар вай ҳар гоҳ”Алҳамду лиллоҳ” нагӯяд ва баёни одоби дуъо бар вай ва атса задан ва хамёза кашидан

879 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: ҳар гоҳ яке аз шумо атса занад, бояд бигӯяд: ***Алҳамду лиллоҳ*** ва бояд бародар, ё рафиқаш ба ӯ бигӯяд: ***Ярҳамукаллоҳ,*** (*Худо бар ту раҳм кунад*) ва ҳар гоҳ ба ӯ гуфт: ***Ярҳамукаллоҳ,*** бояд атсазананда бигӯяд: ***Яҳдикумуллоҳу ва юслиҳу болакум,*** (*Худованд шуморо ҳидоят кунад ва осудахотиратон созад*).

880 - Аз Абумӯсо (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: ҳар гоҳ яке аз шумо атса зада ва ***Алҳамду лиллоҳ,*** гуфт барояш ***ярҳамукаллоҳ*** бигӯед ва агар ***алҳамду лиллоҳ*** нагуфт, ба ӯ ***ярҳамукаллоҳ*** нагӯед.

881 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ду мард дар ҳузури паёмбар (с) атса заданд. Он ҳазрат (с) ба яке *(Ярҳамукаллоҳ)* гуфт ва барои дигаре нагуфт. Он ки барояш *(Ярҳамукаллоҳ)*

нагуфта буд, гуфт: Фалонӣ атса зад ва дуояш кардед ва ман атса задам ва дуоям накардед. Фармуд: Ин *(Алҳамдулиллоҳ)* гуфт ва ту *(Алҳамдулиллоҳ)* нагуфтӣ.

882 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун Расули Худо (с) атса мезад, ҷомаашро бар даҳонаш мегузошт ва бадин тартиб садои онро кам менамуд.

883 - Аз Абумӯсо (р) ривоят шуда, ки гуфт: Яҳуд дар назди Расули Худо (с) бо ҳам атса мезаданд ва умед доштанд, ки барояшон бигӯяд: ***ярҳамукумуллоҳ***, *(Худо бар шумо раҳм кунад)* ва он ҳазрат (с) мефармуд: ***яҳдикумуллоҳу юслиҳу болакум***, *(Худованд шуморо ҳидоят кунад ва осудахотиратон созад)*.

884 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) (ривоят шуда, ки Пайғамбари Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо хамёза кашид, бояд дасти худро бар даҳонаш бигирад, зеро шайтон вориди он мешавад.

885 - Аз Абулхаттоб Қатода ривоят шуда, ки гуфт: Ман барои Анас (р) гуфтам: Оё мусофаҳа *(даст ба даст салом кардан)* дар миёни асҳоби Расули Худо (с) мавҷуд буд? Гуфт: Бале.

886 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун мардуми Яман омаданд, Паёмбари Худо (с) фармуд: Мардуми Яман назди шумо омаданд ва онҳо аввалин касонеанд, ки мусофаҳаро роиҷ сохтанд.

## БОБИ 143. Истиҳбоби мусофаҳа ва кушодарӯӣ ҳангоми дидор ва бӯсидани марди солеҳ ва бӯсидани фарзанд аз рӯи шафқат ва муъонақа *(бағалкашӣ)* бо касе, ки аз сафар меояд ва макруҳ будани хаму рост шудан дар баробари дигарон

887 - Аз Бароъ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ду мусалмон бо ҳам рӯ ба рӯ намешаванд, ки мусофаҳа

намоянд, магар қабл аз ин ки аз ҳам ҷудо шаванд, гуноҳонашон омурзида мешавад.

888 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: шахсе гуфт: ё Расулаллоҳ, касе аз мо бародараш ё рафиқашро мебинад, оё барои ӯ хам ва рост шавад? Он ҳазрат (с) фармуд: На. Гуфт: оё ӯро ба бағал гирифта ва бӯса кунад? Фармуд: На. Гуфт: пас дасти ӯро гирифта ва бо ӯ мусофаҳа кунад? Фармуд: Бале.

889 - Аз Сафвон ибни Ассол (р) ривоят шуда, ки гуфт: Яҳудие барои дӯсташ гуфт: Моро назди ин паёмбар (с) бибар. Сипас ҳарду хидмати Паёмбари Худо (с) омада, аз ӯ дар бораи нӯҳ оят ва мӯъҷизаи ошкор пурсиданд ва ҳадисро зикр намуд, то ин гуфтааш, ки пасон ҳар ду даст ва пояшро бӯсида гуфтанд: Гувоҳӣ медиҳем, ки ту паёмбарӣ.

890 - Аз Ибни Умар (р) қиссае ривоят шуда, ки дар он гуфта: Пас ба Паёмбари Худо (с) наздик шуда, дасташро бӯсидем.

891 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Зайд ибни Ҳориса ба Мадина омад, дар ҳоле ки Расули Худо (с) дар хонаам буд. Пас хидмати ӯ омада ва дарро кӯбид. Паёмбар (с) дар ҳоле, ки ҷомаашро мепӯшид, ба сӯяш бархоста ба ӯ муъонақа кард ва ӯро бӯсид.

892 - Аз Абузар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) ба ман фармуд: Ҳеҷ чизе аз кори хайрро хор машмор, ҳарчанд бо чеҳраи кушода бо бародарат рӯбарӯ шавӣ.

893 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: ҳазрати паёмбар (с) Ҳасан ибни Алӣ (р)-ро бӯсид ва Ақраъ ибни Ҳобис (р) гуфт: ман даҳ фарзанд дорам ва ҳеҷ якро набӯсидам. Расули Худо (с) фармуд: касе, ки раҳм накунад, мавриди раҳмат қарор намегирад.

# 6. КИТОБИ ИЁДАТ ВА БОЗПУРСӢ АЗ БЕМОР ВА ҲАМРОҲӢ НАМУДАН БО ҶАНОЗА ВА НАМОЗ БАР МУРДА ВА ҲОЗИР ШУДАН ДАР БА ХОКСУПОРИИ ОН ВА ИСТОДАН БАР САРИ ҚАБРАШ, ПАС АЗ БА ГӮР СУПУРДАНАШ

## БОБИ 144. Амр ба иёдати бемор ва ҳамроҳӣ бо мурда

894 - Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) моро ба аҳволпурсии бемор, ташйииъи ҷанозаҳо, дуъо барои атсазананда, ростгӯ сохтани савгандёдкунанда, кӯмаки мазлум, пазируфтани даъват ва ошкор кардани салом (пахш намудани салом) дастур доданд.

*Шарҳ: «Мурод аз иброри муқсим ин аст, ки ҳар гоҳ касе савганд ёд кард, ки бояд ин корро анҷом диҳад, то ҳадди тавон бояд дар амалӣ шудани он бикӯшад.*

895 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳаққи мусалмон бар мусалмон панҷ чиз аст: посухи салом, аҳволпурсӣ, аёдати мариз, ҳамроҳии ҷанозаҳо, пазируфтани даъват ва дуо дар ҳаққи атсазананда.

896 – Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд дар рӯзи қиёмат мефармояд: Эй фарзанди Одам, мариз шудам ва ба иёдатам наёмадӣ! Мегӯяд: Парвардигоро, чӣ гуна туро иёдат кунам, ки Раббулоламинӣ? Аллоҳ таъоло мегӯяд: Оё хабар наёфтӣ, ки бандаам фулонӣ мариз шуд ва ту ба иёдаташ нарафтӣ. Оё надонистӣ, ки агар ту ӯро иёдат мекардӣ, маро наздаш меёфтӣ?

Эй фарзанди Одам, аз ту таъом хостам ва ба ман таъом надодӣ. Мегӯяд: Парвардигоро, чӣ гуна бароят таъом диҳам, ҳол он ки ту Раббулоламинӣ? Аллоҳ таъоло фармояд: Оё надонистӣ, ки бандаам фулонӣ аз ту таъом талабид ва ту ба вай таъом надодӣ. Оё надонистӣ, ки агар ба ӯ таъом медодӣ, онро наздам меёфтӣ? Эй фарзанди Одам, аз ту хостам ба ман об диҳӣ, вале обам надодӣ! Мегӯяд: Парвардигоро, чӣ гуна обат диҳам, дар ҳоле ки ту Раббулоламинӣ? Аллоҳ таъоло мефармояд: Бандаам фалонӣ аз ту хост, ки обаш диҳӣ ва обаш надодӣ! Оё надонистӣ, ки агар ба ӯ об медодӣ, онро наздам меёфтӣ?

897 - Аз Абӯмусо (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Маризро аёдат намоед ва ба гурусна таом диҳед ва асирро раҳо кунед!

898 - Аз Савбон (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Агар мусалмон бародари мусалмонашро иёдат намояд, ҳамеша дар хуруфи биҳишт аст, то бозгардад. Гуфта шуд: ё Расулаллоҳ, хурфаи биҳишт чист? Гуфт: меваaш, ки чида мешавад.

899 - Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мегуфт: ҳеҷ мусалмоне нест, ки мусалмонеро субҳгоҳӣ аёдат кунад магар ин, ки ҳафтод ҳазор фаришта то шом бар ӯ дуо кунанд ва агар шомгоҳ ӯро аёдат кунанд, ҳафтод ҳазор фаришта то субҳ бар ӯ дуо кунанд ва барои ӯ меваи чидашудае дар биҳишт муҳайё мегардад.

900 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки писари яҳудие буд, ки барои паёмбар (с) хидмат менамуд, мариз шуд. Он ҳазрат (с) ба иёдаташ омада, дар болои сараш нишасту ба ӯ гуфт: Ислом биёвар! Вай ба падараш, ки дар назди ӯ буд, нигарист. Падараш гуфт: итоат кун Абулқосимро ва ӯ мусалмон шуд. Паёмбар (с) аз хонаи яҳудӣ баромад, дар ҳоле ки мегуфт: Ҳамду ситоиш Худоеро бод, ки ӯро аз оташи дӯзах наҷот дод.

# БОБИ 145. Дар мавриди дуъоҳое, ки бар бемор хонда мешавад

901 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки чун узве аз инсон дард мекард, ё дар вуҷудаш қарҳа, ё захме бошад, паёмбар (с) бо ангушташ чунин намуда мефармуд: ва Суфён ибни Уяйнаи ровӣ ангушти сибобаи худро ба замин гузошта ва боз онро боло намуд ва гуфт: ***Бисмиллоҳи турбату арзино бириқати баъзино юшфо биҳи сақӣмуно биизни раббино.*** Яъне, ба номи Худо ба василаи хоки замини мо, дар ҳоле ки ба оби даҳани бархе аз мо олудааст ва бо иҷозаи Парвардигорамон беморамон шифо дода мешавад.

***Шарҳ:*** *Ин амр хос ба паёмбар (с) буда, яке аз муъҷизоташон ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки муолиҷа намудан ва чанг задан ба асбоб ва васоил кори лозим ва зарур мебошад, бо эътиқоди росих ба ин ки шифо фақат аз сӯи Раббулҷамил аст.*

902 - Ва низ аз Оиша (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) баъзе аз хонаводаашро иёдат намуда ва ба дасти рости худ ламс карда мефармуд: ***Аллоҳумма рабу-н-нос, азҳибил-л-баъса вашфи анта-ш-шофӣ ло шифоа илло шифоука, шифоан ло юғодиру сақаман.*** Яъне, Бор Худоё, Парвардигори мардум, ки сахтиро бартараф кун ва шифо деҳ, ки ту шифодиҳандаӣ ва шифое ҷуз шифоят нест, шифое, ки беморие нагзорад.

903 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки ӯ барои Собит (р) гуфт: оё туро ба он чи Расули Худо (с), тадовӣ мекард, табобат накунам? Гуфт: Оре. Гуфт: ***Аллоҳумма раббунноси музҳиби-л-баъси ишфи анта-ш-шофи ло шифоа илло шифоука, ло юғодиру сақман***. Яъне, Бор Худоё, зй Парвардигори мардум ва эй барандаи сахтӣ ва душворӣ! Шифо деҳ, ки ҷуз ту шифодиҳандае нест, дармоне, ки беморие нагзорад.

904 - Аз Саъд ибни Абивaққос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) ба аёдатам омад ва фармуд: ***Аллоҳуммашфӣ Саъдан, Аллоҳумашфӣ Саъдан,*** яъне бор Худоё, Саъдро дармон деҳ, бор Худоё, Саъдро дармон деҳ.

905 - Аз Абуабдуллоҳ Усмон ибни Абулос ривоят шуда, ки ӯ аз беморие, ки дар вуҷудаш эҳсос мекард, ба Расули Худо (с) шикоят намуд. Паёмбар (с) ба вай гуфт: Дастатро ба ҷое, ки дар вуҷудат дард мекунад, бигзор ва се бор ***Бисмиллоҳ*** бигӯ ва ҳафт бор бигӯ: ***Аъузу биъиззатиллоҳи ва қудратиҳи мин шарри мо аҷиду ва уҳозиру.*** Яъне, паноҳ меҷӯям ба иззату қудрати Парвардигор аз шарри он чи меёбам ва аз он метарсам.

906 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Он, ки бемореро аёдат кунад, ки аҷалаш дар нарасида бошад ва дар назди ӯ ҳафт бор бигӯяд. ***Асъалуллоҳалъазим рабби-л-Арши-л-лазими ан яшфика***- (Аз Парвардигори бузург, Худованди Арши бузург, металабам, ки шифоят диҳад), Худованд ӯро аз он мараз шифо медиҳад.

907 – Ва низ аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) барои иёдати бодиянишине ба хонааш ворид шуд ва чун барои иёдати касе ворид мешуд, мефармуд*: **Ло баъса таҳӯрун иншоаллоҳ,*** яъне, боке нест поккунанда аст, иншоаллоҳ, (яъне беморӣ ва мараз поккунандаи гуноҳон аст).

908 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки Ҷабраил (ъ) хидмати паёмбар (с) омада гуфт: эй Муҳаммад, мариз шудӣ? Он ҳазрат (с) фармуд: Бале. Ҷабраил (ъ) фармуд: ***Бисмиллоҳи арқиқа, мин кулли шайин юъзика мин шарри кулли нафсин ав айни ҳосидин, Аллоҳу яшфик, бисмиллоҳи арқиқа***. Яъне, ба номи Худо аз ҳар чизе ки озорат медиҳад, мудовоят менамоям, аз шарри ҳар нафс ё чашми ҳасуд, Аллоҳ таъоло шифоят медиҳад, ба номи Худо мудовоят мекунам.

909 - Аз Абусаиди Худрӣ ва Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки он ду гувоҳӣ додаанд, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Он, ки бигӯяд: ***Ло илоҳа иллалоҳу валлоҳу акбар*** (маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест ва Худо бузургтар аст), Худованд ӯро тасдиқ намуда мефармояд. ***Ло илоҳа илло ано ва ано акбару*** (маъбуди барҳақе ҷуз ман нест ва ман бузургтарам. Ва чун бигӯяд: ***Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ*** (маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест, ки ягона аст ва шарику анбозе надорад) фармуд,

Худованд мефармояд: ***«Ло илоҳа илло ана ваҳдӣ ло шарика лӣ*** (маъбуди барҳақе ҷуз ман нест ягонаам ва анбозе маро нест). Ва чун бигӯяд: ***Ло илоҳа иллаллоҳу лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд.*** (маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест, хос ӯрост подшоҳӣ ва ӯрост сипос), (Худованд) мефармояд. ***Ло илоҳа илло ано лиялмулку ва лиялҳамд.*** (маъбуди барҳақе ҷуз ман нест ва подшоҳию сипос хоси ман аст.) Ва чун бигӯяд: ***Ло илоҳа иллаллоҳу ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ.*** (маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ таъоло нест ва гардише аз маъсият ва қудрате бар анҷоми тоъат ҷуз ба кӯмак ва тавфиқи Аллоҳ муяссар нест, Худованд мефармояд: ***Ло илоҳа илло ано ва ло ҳавла ва ло қуввата илло би.*** (Маъбуди барҳақе ҷуз ман нест ва ҳеҷ тағйиру таҳаввул ва тавоноие дар коинот нест, магар ба иродаи ман). Расули акрам (с) мефармуд: Касе, ки онро дар бемории худ бигӯяд ва бимирад, оташ ӯро ламс намекунад.

## БОБИ 146. Пурсиш аз хонаводаи бемор дар мавриди ҳолаш

910 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Алӣ ибни Абитолиб аз назди Расули Худо (с) дар беморие, ки эшон дар он вафот ёфт, баромад ва мардум гуфтанд: эй Абулҳасан! Ҳоли Паёмбари Худо (с) чи тур аст? Гуфт: Алҳамдулиллоҳ сиҳат ёфтааст.

## БОБИ 147. Он чи ки шахси маъюс аз зиндагиаш мегӯяд

911 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз паёмбар (с), дар ҳоле ки ба ман такя карда буд, шунидам, ки мефармуд***: Аллоҳуммагфирлӣ варҳамнӣ ва алҳиқнӣ би-р-рафиқи-л-аъло,*** яъне Бор, Худоё, маро омурзиш намо ва бар ман раҳм кун ва маро ба рафиқи аъло мулҳақ (пайваст) соз.

***Шарҳ:** Ибни Ҳаммом мегӯяд: Мурод аз рафиқи аъло паёмбарон, сиддиқон ва шаҳидону солиҳон мебошанд.*

912 – Ва низ аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) –ро дар ҳоли вафот дидам, ки дар наздашон қадаҳи обе буд, ки дасти худро дар қадаҳ дохил намуда, сипас рӯяшро бо об масҳ намуда ва мегуфт: ***Аллоҳумма аъиннӣ ъало гамароти-л-мавти ва сакароти-л-мавти.*** Яъне, Худоё, маро бар муқаддамот ва душвориҳои марг ёрӣ деҳ.

## БОБИ 148. Мустаҳабу шоиста будани суфориш намудани хонаводаи бемор ва хидматгораш ба некӣ кардан бо вай ва таҳаммули он чи аз ӯ мушоҳида мекунад ва сабр аз он чи аз кораш сахт менамояд ва инчунин тавсия дар мавриди он ки маргаш ба сабаби ҳад, ё қасос ва амсоли он фаро расида бошад

913 - Аз Имрон ибни Ҳусайн ривоят шуда, ки зане аз қабилаи Ҷуҳайна, ки аз зино бордор шуда буд, хидмати паёмбар (с) омада гуфт: ё Расулаллоҳ, ман муртакиби ҳадде (*уқубат*) шудам, онро бар ман ҷорӣ кун. Паёмбар (с) валии ӯро талаб намуда фармуд: Ба вай некӣ кун ва чун вилодат (*зоймон*) намуд, ӯро наздам биёр. Он шахс чунин намуд. Он ҳазрат (с) амр кард, либосҳояшро бар вай маҳкам бастанд ва сипас сангсор шуд ва паёмбар (с) бар вай намоз гузорид.

914 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфт: бар паёмбар (с) ворид шудам, дар ҳоле, ки эшон таб доштанд. Пас бар эшон даст кашида ва гуфтам: Шумо шадид таб доред! Фармуд: Бале ман ба (андоза)-и ду нафари шумо таб мекунам.

915 - Аз Саъд ибни Абиваққос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) дар бемории сахте, ки бад-он гирифтор шуда будам ба аёдатам омаданд. Гуфтам, мебинӣ ончиро, ки ба ман расида дар ҳоле, ки ман сарватманде ва меросбаре ҷуз духтарам надорам.

## БОБИ 149. Раво будани гуфтаи мариз, ки ман маризам ё сахт маризам, ё вой сарам ва амсоли он ва баёни ин ки дар он карохияте вуҷуд надорад, ҳар гоҳ ба сабили хашм ва бетоқатӣ набошад

916 - Аз Қосим ибни Муҳаммад (р) ривоят шуда, ки Оиша (р) гуфт: вой сарам ва паёмбар (с) фармуд: Балки ман, вой сарам.

## БОБИ 150. Дар мавриди талқини "Ло илоҳа иллаллоҳ" кардан барои касе, ки маргаш фаро мерасад

917 - Аз Маъоз (р) ривоят шуда, ки Расулаллоҳ (с) фармуд: Касе ки сухани охираш ***ло илоҳа иллаллоҳ*** бошад, ба биҳишт дохил мешавад.

918 - Аз Абусаиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки Расулуллоҳ (с) гуфт: Ба бемороне, ки ба дами марг расиданд, "***ло илоҳа иллаллоҳ***"-ро талқин намоед.

***Шарҳ:*** *Дар наздашон калимаи муборакӣ* **ло илоҳа иллаллоҳро** *такрор намоед ва онро барояшон ёдовар шавед, то ки дар охирин дақиқаҳои зиндагиашон онро бар забон ронанд.*

## БОБИ 151. Дар баёни он чи ҳангоми пӯшондани чашми мурда гуфта мешавад

919 - Аз Умми Салама (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) бар Абусалама ворид шуд, дар ҳоле ки чашмонаш бозмонда буд, пас онро пӯшиду фармуд: Чун рӯҳ қабз шавад, чашм ба дунболаш менигарад ва иддае аз хонаводааш ба садои баланд гиристанд. Он ҳазрат (с) фармуд: Ба худатон ҷуз дуъои хайр макунед, зеро фариштагон бад-он чи мегӯед, омин мегӯянд

ва сипас фармуд: Бор, Худоё, Абусаламаро биёмурз ва мартабаашро дар миёни ҳидоятшудагон баланд намо ва бар касоне, ки аз вай мондаанд, Ту сарпарастӣ кун ва эй Парвардигори оламиён моро ва ӯро биёмурз ва қабрашро бар вай кушода кун ва онро барояш рӯшан бидор.

920 - Аз Умми Салама (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун бар сари мурда ё бемор ҳозир шудед, пас сухани хайр бигӯед, зеро фариштагон ба он чӣ мегӯед, омин мегӯянд. Гуфт чун Абусалама вафот ёфт хидмати паёмбар (с) омада гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Абусалама вафот ёфт. Фармуд: бигӯ Худовандо! Ман ва ӯро биёмӯрз ва ивази ӯ ивазе некӯ ба ман арзонӣ кун. Онро гуфтам, Худованд дар ивази ӯ касеро ба ман (иваз) дод, ки бароям аз ӯ беҳтар аст ва он ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи ва саллам) аст. Муслим ин ҳадисро чунин ривоят кардааст. Чун бар сари бемор ё мурда ҳозир шудед, ки ба асоси шакки ровӣ аст. Вале Абудовуд ва дигарон бидуни шакк *алмайит* (мурда)-ро зикр намудаанд.

## БОБИ 152. Дар он он чи дар канори мурда гуфта мешавад ва он чи касе, ки яке аз вобастагонаш вафот ёфта, бояд бигӯяд

921 - Ва низ аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки аз паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳеҷ бандае нест, ки ба мусибате гирифтор шавад ва бигӯяд: ***Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун,*** *(*Ҳамоно мо аз Худоем ва ҳамоно мо ба сӯи ӯ бозгардандаем*).* Худоё, маро дар мусибатам музд дода ва бароям аз ӯ беҳтаре иваз деҳ. Магар ин ки Худованд ӯро дар мусибаташ музд дода ва ивази беҳтаре барои ӯ медиҳад. Гуфт: Чун Абусалама вафот ёфт, чунончи Расули Худо (с) маро амр карда буд, гуфтам. Ва Худованд ивазе некӯтар аз ӯ, Расули Худоро (с) ба ман дод.

922 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун фарзанди бандае бимирад, Худованд барои

фариштагонаш мегӯяд: Оё рӯҳи фарзанди бандаамро қабз намудед? Мегӯянд: Бале. Пас мефармояд: Оё меваи дилашро гирифтед? Мегӯянд: бале. Пас бандаам чӣ гуфт? Боз мегӯянд: Алҳамду лиллоҳ ва инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун, Гуфт Худованд мефармояд: барои бандаам дар биҳишт хонае сохта ва онро «байту-л-ҳамд» (хонаи ҳамду сано) биномед.

923 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Барои бандаи мӯъминам, ки ҳар гоҳ баргузида ва маҳбубаш аз аҳли дунёро гирифтам ва ӯ ба умеди савобам сабр намуд, ҷазое ҷуз биҳишт нест.

924 - Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят шуда, ки гуфт: Яке аз духтарони паёмбар (с) касеро наздаш фиристода ӯро хоста ва хабар дод, ки духтари ӯ ё писараш дар ҳолати марг аст. Он ҳазрат (с) барои фиристодааш гуфт: Наздаш рафта ва ба ӯ бигӯ барои Худост, он чиро бигирад ва барои ӯст, он чи бидиҳад ва ҳар чиз назди ӯ аҷале (*муддати*) муайян дорад ва ӯро амр кун, ки сабр намуда ва аз Худованд аҷрашро бихоҳад.

## БОБИ 153. Дар раво будани гиристан бар мурда машрут бар он ки дар он навҳасароӣ ва дод ва бедод набошад

*Навҳа кардан ҳаром аст ва иншоаллоҳ дар* ***Китоби наҳӣ*** *бобе дар ин маврид хоҳад омад, вале дар мавриди гиристан аҳодисе омада ва аз он манъ намудааст ва ин ки мурда ба гиряи хонаводааш шиканҷа мешавад, ин навъ таъвил гардида ва ҳамл бар он шуда, ки шахс бад-он васият намояд ва наҳӣ ҳам аз гиряест, ки дар он навҳа ва зорӣ бошад ва далел бар раво будани гиристан бидуни навҳа ва зорӣ аҳодиси зиёдест, ки баъзе аз он ба шарҳи зер аст:*

925 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) дар ҳоле, ки Абдурраҳмон писари Авф ва Саъд писари Абиваққос ва Абдуллоҳ писари Масъуд (р) ҳамроҳашон буданд, ба иёдати Саъд писари Убода (р) рафтанд ва Расули

Худо (с) гирист. Чун мардум гиряи он ҳазрат (с)-ро диданд гиристанд. Он ҳазрат (с) фармуд: Оё намешунавед? Худованд ба ашки чашм ва андӯҳи дил азоб намекунад, аммо азоб мекунад ба ин, ё раҳм мекунад ва ба забони хеш ишора намуд.

926 - Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят шуда, ки писари духтари паёмбар (с) дар ҳоле, ки дар дами марг буд, ба наздаш оварда шуд. (*Бо дидани ин саҳна*) аз чашмони Расули Аллоҳ ашк рехт. Саъд (р) барояшон гуфт: ё Расулаллоҳ, ин чист? Фармуд: ин раҳмат аст, ки Худованд дар дили бандагони худ ниҳодааст ва Худованд аз миёни бандагонаш раҳмдилонро мавриди раҳмати хеш қарор медиҳад.

927 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) бар писари хеш Иброҳим дохил гардид, дар ҳоле, ки ӯ ҷон медод ва чашмони Расулуллоҳ (с) ашкбор гардид. Абдурраҳмон ибни Авф ба эшон гуфт: Шумо ё расулаллоҳ? Фармуд: Эй писари Авф, ҳароина ин раҳмат аст ва боз ашк рехту фармуд: Ҳамоно чашм ашк мерезад ва дил андӯҳгин мешавад ва намегӯем, магар он чи ки Парвардигори моро розӣ месозад ва ҳамоно ба фироқи ту эй Иброҳим, ғамгинем.

## БОБИ 154. Дар савоби он чи аз макруҳи мурда мебинад, вале онро пӯшида медорад

928 - Аз Абурофиъ, Аслам, ғуломи озодшудаи Расули Худо (с) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: касе ки мурдаеро шуста ва бар ӯ бипӯшад (*он чи аз палидӣ ва ифлосие, ки аз вай дида, онро бипӯшад*), Худованд ӯро чиҳил бор меомӯрзад.

## БОБИ 155. Дар фазилати намози ҷаноза бар мурда ва ҳамроҳӣ намудану ҳозир шудан ҳангоми ба хок супурданаш ва макруҳ будани рафтани занон ба дунболи ҷаноза

*Баҳси фазилати ҳамроҳӣ бо мурда (гуселондани ҷаноза) қаблан гузашт.*

929 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар касе ба ҷанозае ҳозир шавад, то бар ӯ намоз хонда шавад, барои ӯ як қирот савоб аст ва касе, ки ҳозир шавад, то ин ки ҷаноза ба гӯр супурда шавад, барои ӯ ду қирот савоб аст. Гуфта шуд: ду қирот чист? Фармуд: Мисли ду кӯҳи бузург (*аз савоб*).

930 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он чи аз рӯи имон ва талаби ризои Парвардигор, ҷанозаи мусалмонро ҳамроҳӣ кунад ва бо ӯ бошад то ин ки бар вай намоз хонда шавад ва аз гӯр супоридани вай фориғ гардад ӯ ба ду қирот (паймонаи бузург) бозмегардад, ки ҳар қирот мисли кӯҳи Уҳуд аст ва касе, ки бар вай намоз хонда ва қабл аз ин ба хок супорида шавад бозгардад, ҳамоно ҳамроҳи як паймона аҷр боз мегардад.

931 - Аз Умми Атия (р) ривоят шуда, ки гуфт: Мо (*занон*) аз ҳамроҳӣ намудан ба ҷаноза манъ карда шудем, вале бар мо сахтгирӣ нашуд.

932 - Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ мурдае нест, ки бар вай гурӯҳе аз мусалмон намоз гузоранд, ки теъдодашон ба сад мерасад, дар ҳоле ки барои ӯ шафоат мекунанд, магар ин, ки дар ӯ шафиъ гардонида мешаванд (яъне шафоъаташон дар мавриди ӯ пазируфта мешавад).

## БОБИ 156. Дар истиҳбоби гирд омадан ва зиёд шудани мусалмонон дар намози ҷаноза ва гардондани сафҳояшон ба се саф, ё беш аз он

933 - Аз Ибни Аббос ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: ҳеҷ марди мусалмоне нест, ки бар ҷанозааш чиҳил мард истода шаванд, ки эшон ба Худо чизеро шарик намеоварданд, магар ин ки Худованд онҳоро дар ҳаққи вай шафиъ мегардонад.

934 - Аз Марсад писари Абдуллоҳи Язанӣ ривоят шуда, ки гуфт: чун Молик ибни Ҳубайра (р) бар ҷанозае намоз мегузорид ва иддаи каме аз мардум дар он ҳозир мешуданд, мардумро ба се бахш тақсим менамуд ва сипас мегуфт: Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки се саф бар ӯ намоз гузорад, ба таҳқиқ воҷиб намудааст, *яъне биҳиштро барои ӯ воҷиб кардааст.*

## БОБИ 157. Дар мавриди он чи дар намози ҷаноза хонда мешавад

Намозгузор чаҳор такбир мегӯяд, баъд аз такбири аввал ***Аъузу биллоҳи*** гуфта ***Алҳамд***-ро мехонад. Боз такбири дуввумро мегӯяд, сипас бар паёмбар (с) дуруд мехонаду мегӯяд: ***Аллоҳумма салли ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммадин.*** Ва беҳтар аст, ки онро ба қавлаш ***камо саллайта ъало Иброҳима*** то ***иннака ҳамидун маҷид*** тамом кунад ва монанди аксари авом ба хондани ин ояти зерин **(Иналлоҳа ва малоикатаҳу юсаллуна ъала-н-набий),** иктифо накунад, зеро агар ба ин кифоят кунад, дуруд гуфтани ӯ саҳеҳ намешавад. Сипас такбири саввумро мегӯяд ва дар ҳаққи мурда ва мусалмонҳо дуъо мекунад, ба он чи ки дар зимни аҳодиси зайл, иншоаллоҳ зикр хоҳем кард. Сипас такбири чаҳорумро гуфта дуъо мекунад ва аз некӯтарини он дуъоҳо ин аст: ***Аллоҳумма ло таҳримно аҷраҳу ва ло тафтинно баъдаҳу вагфирлано ва лаҳу***. Ва беҳтар он аст, ки бар хилофи одати аксари мардум

дуъоро дар чаҳорум дароз намояд. Аммо дуъоҳои маъсура баъд аз такбир саввум баъзе аз онҳо ба шарҳи зер аст.

***Тавзеҳ:*** *Ин раъй назари худи муаллифи бузургвор аст, ки ӯ бар мазҳаби Шофиъӣ будааст, лекин дар мазҳаби ҳанафӣ дар такбири аввал* ***субҳонакаллоҳумма****-ро ба иловаи* ***ҷалла саноука*** *хонда мешавад ва дар такбири дуввум дуруд хонда мешавад ва дар он* ***камосаллайта ъало Иброҳима*** *ҳатмӣ аст. Ва дар такбири саввум дар ҳақи мурда ва мусалмонон дуъо карда мешавад ва пас аз такбири чорум салом дода мешавад.*

*Албатта, дуъои пас аз такбири саввум барои бузургсолон* ***Аллоҳуммагфир лиҳаййино*** *аст ва барои писари хурдсол* ***Аллоҳумма ҷъалҳу лано фаратан ваҷъалҳу лано аҷран ва зухран ваҷъалҳу лано шофиъан ва мушаффиъан.*** *Ва агар духтар, бошад ба ҷои замири музаккар (ҳу) замири муаннас (ҳо) меорад.*

935 - Аз Абуабдураҳмон Авф писари Молик (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) бар ҷанозае намоз гузориданд ва ман аз дуъояшон ҳифз кардам, дар ҳоле ки эшон мефармуд: ***Аллоҳуммагфир лаҳу варҳамҳу ва ъофиҳи ваъфу ъанҳу ва акрим нузулаҳу ва вассиъ мудхалаҳу вагсилҳу билмои ва-с-салҷи валбаради ва наққиҳи миналхатоё, камо наққайта-с-савба-л-абязи мина-д-данаси ва абдилҳу доран хайран мин дориҳи ва аҳлан хайран мин аҳлиҳи ва завҷан хайран мин завҷиҳи ва адхилҳулҷанната ва аъизҳу мин ъазоби-л-қабри ва мин ъазоби-н-нори,*** яъне Худоё, ӯро биёмурз ва авфаш кун ва аз ӯ даргузар ва манзилгоҳи ӯро некӯ соз ва мудхалаш (қабраш)-ро фарох кун ва ӯро ба об ва барфу ях бишӯй. Чунончи ҷомаи сафедро аз чирк пок кардӣ, ӯро аз гуноҳон пок кун ва ба ӯ хонаводаи беҳтар аз хонаводааш ва ҳамсаре беҳтар аз ҳамсараш иноят фармо ва ӯро дохили биҳишт кун ва аз азоби қабр ва азоби дӯзах паноҳаш деҳ.

Ровии ҳадис чунин илова мекунад, то ин ки орзу кардам, ки кош ман ба ҷои ин мурда мебудам.

936 - Аз Абуҳурайра ва Абуқатода ва Абуиброҳими Ашҳалӣ аз падараш, ки ӯ саҳобӣ буда, разияллоҳу анҳум аз

паёмбар (с) ривоят шуда, ки он ҳазрат (с) бар ҷанозае намоз гузорида фармуд: ***Аллоҳуммагфир лиҳайиино ва майиитино ва сагирино ва кабирино ва закарино ва унсоно ва шоҳидино ва гоибино. Аллоҳумма ман аҳяйтаҳу минно фааҳйиҳи ъала-л-исломи ва ман таваффайтаҳу минно фатаваффаҳу ъала-л-имони. Аллоҳумма ло таҳримно аҷраҳу ва ло тафтинно баъдаҳу,*** яъне Бор, Худоё, бар зиндаву мурда ва кӯчаку бузург ва марду зан ва ҳозиру ғоибамон биёмурз.

Илоҳо, он киро, ки аз мо зинда кардӣ, бар ислом зинда кун ва онро, ки аз мо мирондӣ, бар имон бимирон. Бор, Худоё, аз муздаш моро маҳрум макун ва баъд аз ӯ моро ба фитна маяндоз.

937 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Чун бар ҷанозае намоз гузоридед, аз рӯи ихлос дар ҳақи ӯ дуъо кунед.

938 - Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) аз паёмбар (с) дар намози ҷаноза ривоят аст, ки фармуд: ***Аллоҳумма анта раббуҳо ва анта халақтаҳо ва анта ҳадайтаҳо лилислом ва анта қабазта рӯҳаҳо ва анта аъламу бисирриҳо ва ъалониятиҳо ҷиънока шуфаъоа лаҳу, фагфир лаҳу.*** Бор, Худоё, ту Парвардигори ӯйӣ ва ту ба ислом ҳидояташ намуда ва рӯҳашро қабз кардаӣ ва ту ба пайдову ниҳонаш донотарӣ, ҳузурат омада, барои ӯ шафоъат мекунем, пас барояш омӯрзиш кун.

939 - Аз Восила ибни Асқаъ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) бар марде аз мусалмонҳои мо намоз хонд ва шунидам, ки мефармуд: ***Аллоҳумма инна фулонабна фулонин фӣ зимматика ва ҳабли ҷаворика фақиҳи фитнат-ал қабри ва ъазобан-нори ва анта аҳлулвафои валҳамд, Аллоҳума фагфир лаҳу варҳаму, иннака антал гафуру-р-раҳим.*** Яъне, бор Худоё! Фалонӣ фарзанди фалонӣ дар зимаи аҳду амони туст, ӯро аз фитнаи қабр ва азоби дӯзах нигоҳ дор! Ту аҳли вафо ва сипосӣ. Бор Худоё! Ӯро биёмурз ва мавриди раҳматаш қарор деҳ, ки ту худ омӯрзандаву меҳрубонӣ.

940 - Аз Абдуллоҳ ибни Абуавфо (р) ривоят шуда, ки ӯ бар ҷанозаи духтараш чаҳор такбир гуфт ва баъд аз такбири чаҳорум ба андозаи ду такбир истода, барои вай дуо намуда ва омурзиш металабид. Сипас гуфт: Расули Худо (с) ин гуна менамуд. Ва дар ривояте омада, ки чаҳор такбир гуфт ва боз лаҳзае диранг намуд, то ин, ки гумон кардам, ки ӯ такбири панҷум хоҳад гуфт. Сипас бар тарафи росту чапи хеш салом дод. Чун намозро тамом кард, ба вай гуфтем ин чист? Вай гуфт. Ман бар он чи Расули Худо (с)-ро дидам, ки анҷом медиҳад, чизе барои шумо наяфзудам, ё гуфт: Расули Худо (с) ин гуна амал кард.

## БОБИ 158. Дар шитофтан дар бурдани ҷаноза

941 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Дар бурдани ҷаноза шитоб кунед, зеро агар некӯкор бошад, пас хайрест, ки ӯро ба сӯи он тақдим мекунед ва агар ҷуз ин бошад, пас шаррест, ки аз гарданҳоятон мениҳед. Ва дар ривояти Муслим омада: Пас он хайрест, ки бар он арзааш мекунед.

942 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт паёмбар (с) мефармуд: Чун ҷаноза гузошта шавад ва мардон онро бар гарданҳои худ бардоранд, агар солеҳ бошад, мегӯяд: Пешам баред ва агар ғайри солиҳ бошад ба аҳлаш мегӯяд: Вой бар ӯ бод! Ӯро ба куҷо мебаред? Ҳар чиз садои онро ба ҷуз инсон мешунавад ва агар инсон онро шунавад беҳӯш мегардад.

## БОБИ 159. Шитофтан ба адои қарзи мурда ва иқдом намудан ба таҷҳизи ӯ, магар ин ки ногаҳонӣ бимирад ва гузошта шавад, то марги ӯ сабт гардад

943 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Мӯъмин ба қарзи худ муъаллақ аст, то ин ки аз тарафи ӯ пардохта шавад.

944 - Аз Ҳусайн ибни Ваҳваҳ ривоят шуда, ки Талҳа ибни Бароъ ибни Озиб бемор шуд, Паёмбар (с) ба аёдати вай омада фармуд: Дар Талҳа ҷуз марг чизеро намебинам, пас маро аз ҳоли ӯ хабар диҳед ва дар мавриди ӯ биштобед, зеро сазовор нест наъши (ҷасад)-и мусалмон дар миёни хонааш зиндонӣ бимонад.

945 - Аз Алӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Мо дар ҷанозае дар Бақиъи Ғарқад ҳузур доштем ва Расули Худо (с) омаду нишаст ва мо ба атрофашон нишастем ва дар дасташон асое буд. Сипас сарашонро ба зер андохта, бо асое, ки сараш каҷ буд, ба замин зада фармуд: Ҳеҷ кадоми аз шумо нест, магар ин ки ҷояш аз ҷаҳаннам ва биҳишт навишта шудааст. Гуфтанд: ё Расулаллоҳ (с), оё бар навиштаамон дар Лавҳи маҳфуз эътимод накунем? Он ҳазрат (с) фармуд: Амал кунед, зеро ҳар кас барои он чи ки барояш офарида шудааст, омода карда шудааст.

## БОБИ 160. Дар мавриди мавъиза ва суханронӣ бар сари қабр

## БОБИ 161. Дуъо барои мурда баъд аз ба гӯр супурданаш ва нишастан бар сари қабри ӯ ва дуъо бар вай ва омурзиш хостан ва Қуръон хондан

946 - Аз Абуамр ва гуфта шуда Абуабдулло ва гуфта шуда Абулайло, Усмон ибни Аффон (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун паёмбар (с) аз дафни мурда фориғ мешуд, бар қабраш истода мефармуд: Барои бародари хеш омурзиш талабед ва барои ӯ собит мондан (*бар калимаи тавҳид*)-ро бихоҳед, зеро ки ӯ акнун мавриди бозпурсӣ қарор мегирад.

947 - Аз Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун маро дафн кардед атрофи қабрам ба андозае, ки чандин шутур забҳ шуда ва гӯшташ тақсим мешавад биистед то бо шумо унс бигирам ва бидонам ки бо фиристодаҳои Парвардигорам чӣ гуна рӯ ба рӯ мешавам.

## БОБИ 162. Дар мавриди садақа додан аз тарафи мурда ва дуъо намудан барояш

قال الله تعالى: ﴿ والَّذِينَ جَاؤُوا مِنْ بَعْدِهِمْ يَقُولونَ: رَبَّنَا اغفِرْ لَنَا وَلإخْوَانِنَا الَّذِينَ سَبَقُونَا بالإيمَانِ ﴾ [الحشر: ١٠].

Худованд мефармояд: **Ва низ онон, ки пас аз муҳоҷирон ва ансор омаданд, мегӯянд: Парвардигоро, мо ва бародарони моро, ки дар имон овардан бар мо сабқат кардаанд, биёмурз.** *(Ҳашр: 10)*

948 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки марде ба паёмбар (с) гуфт: Модарам вафот ёфт ва гумон мекунам, ки агар ҳарф мезад, садақа медод. Пас агар ба ҷои ӯ садақа диҳам, оё барои ӯ савобе мерасад? Он ҳазрат (с) фармуд: Бале.

949 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: чун инсон бимирад, амали ӯ қатъ мешавад, ҷуз аз се чиз; садақаи ҷория, ё амале, ки аз он суд баранд, ё фарзанди солиҳе, ки барои ӯ дуъо кунад.

***Шарҳ:*** *Бо таваҷҷӯҳ ба он чи дар ин ҳадис ва дар ибни Моҷа омада, маҷмӯъи аъмоле, ки пас аз марги мусалмон савобаш барои ӯ мерасад, даҳ аст. Илме, ки аз он истифода мешавад, садақае, ки ҷория бошад, фарзанди солиҳе, ки бароят дуъо кунад, Мусҳафе, ки аз ӯ ба ирс монад, масҷиде, ки онро бино кунад, наҳре, ки барои мусофирон созад, ниҳоле, ки бинишонад, чоҳе, ки ҳафр кунад ва марзбонӣ барои дифоъ аз ҳарими кишвари исломӣ.*

## БОБИ 163. Ситоиши мардум аз мурда

950 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки онон бар ҷанозае гузашта ва бар ӯ санои нек гуфтанд. Паёмбар (с) фармуд: воҷиб шуд. Боз бар ҷанозаи дигаре гузашта ва ӯро ба бадӣ ёд карданд. Паёмбар (с) фармуд: воҷиб шуд. Умар ибни Хаттоб (р) гуфт: чӣ воҷиб шуд? Он ҳазрат (с) фармуд: Ин нафар, ки ӯро ба некӣ

сутудед, барои биҳишт воҷиб шуд ва ин ки ӯро ба бадӣ ёд кардед, барои дӯзах воҷиб шуд. Шумо шоҳидони Худо дар замин мебошед!

951 - Аз Абуласвад (р) ривоят шуда, ки гуфт: ба Мадина ворид шуда дар хидмати ҳазрати Умар (р) нишастем. Ҷанозае аз канорашон гузашта ва аз соҳибаш ба некӯӣ ёд шуд. Умар (р) гуфт: воҷиб шуд. Боз ҷанозаи дигаре аз канорашон гузашт ва аз соҳибаш ба бадӣ ёд шуд. Ҳазрати Умар (р) гуфт: воҷиб шуд. Абуласвад гуфт, сипас гуфтам: Эй амиралмӯъминин чӣ воҷиб шуд? Гуфт: Чунончи паёмбар (с) гуфта буд, гуфтам (Ҳар мусалмоне, ки чаҳор нафар барояш ба хайру некӣ шаҳодат диҳанд Худованд ӯро ба биҳишт дохил мекунад) Гуфтем ва се нафар чи тавр? Фармуд се нафар ҳам дуруст аст, боз гуфтем: ду нафар? Фармуд: ду нафар ҳам дуруст аст, сипас аз як нафар аз вай напурсидем

## БОБИ 164. Фазилати он ки кӯдакони хурдсоле аз ӯ мемирад

952 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳеҷ мусалмоне нест, ки аз ӯ се фарзанд бимирад, ки болиғ нашуда бошанд, магар ин ки Худованд ба фазл ва раҳматаш бар онҳо ӯро ба биҳишт дохил мекунад.

***Шарҳ:*** *Маънои ҳадис ин аст, ки Худованд ба асоси фазл ва раҳмате, ки бар он кӯдакони бегуноҳ ва маъсуми ӯ, ки вафот ёфтаанд дорад, ӯро мавриди бахшоиши хеш қарор медиҳад.*

953 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ се фарзанд аз як мусалмон бимирад ҷаҳаннам ӯро ламс намекунад, магар дар ивази ҳалол шудан аз қасами (Худованд).

*Шарҳ: «Ҳалол шудан аз қасам» фармудаи Худованд аст, ки* ***(Ва ин минкум илло воридуҳо)*** *(ҳеҷ кадоми шумо нест магар ин, ки ба он (дузах) ворид мешавад) ва вуруд бар пуле аст, ки бар рӯи ҷаҳаннам қарор дорад. Худованд моро аз уфтодан ба ҷаҳаннам ҳифз фармояд.*

954 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: зане ба ҳузури Расули Худо (с) омада ва гуфт: ё Расулаллоҳ, мардон аҳодис ва суханҳои шуморо бурданд, рӯзе барои мо таъйин намо, ки дар он хидмати шумо биёем, то моро аз он чи, ки Худованд бароят омӯхта, таълим диҳӣ. Он ҳазрат (с) фармуд: Фалон ва фалон рӯз як ҷо шавед. Сипас паёмбар (с) назди онҳо омада ва ононро аз он чи, ки Худованд ба вай омӯхта буд, таълим дод ва сипас фармуд: Хар кадоми шумо, ки се фарзандро пеш фиристад, барои ӯ ҳиҷобе (*пардае*) аз дӯзаханд. Зане гуфт: ва ду фарзанд чӣ тавр? Фармуд: ва ду фарзанд низ, (*яъне он ду низ барои модарашон ҳиҷобе дар баробари дӯзах мешаванд*).

## БОБИ 165. Гиристан ва тарс ҳангоми гузаштан аз канори қабрҳои гунаҳгорон ва ҷойгоҳи ҳалокати онон ва изҳори ниёз ба даргоҳи Худованди меҳрубон ва бим додан аз ғафлат аз он

955 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) барои асҳоби хеш фармуд: *яъне, чун ба Ҳиҷр, сарзамини Самуд расиданд,* бар ин азобшудаҳо дохил нашавед, ҷуз ин ки гирён бошед. Агар гирён набошед, бар онҳо дохил нашавед, то он чи ба онҳо расида, ба шумо нарасад. Дар ривояте омада, ки чун Паёмбари Худо (с) аз канори Ҳиҷр гузашт, фармуд: Дохил нашавед ба сукунатгоҳҳои касоне, ки бар хештан зулму ситам раво доштанд, магар ин ки гирён бошед, то нашавад, ки он чи ба онҳо расид, ба шумо бирасад. Сипас Расули Худо (с) сарашро пӯшида ва босуръат ҳаракат намуд, то аз водӣ гузашт.

# 7. КИТОБИ ОДОБИ САФАР

## БОБИ 166. Мустаҳаб будани сафар дар рӯзи панҷшанбе ва дар аввали ҳар рӯз

956 - Аз Каъб ибни Молик (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) дар ғазваи Табук рӯзи панҷшанбе берун омад ва дӯст дошт, ки дар рӯзи панҷшанбе берун шавад. Дар ривояте дар Саҳиҳайн омада, кам иттифоқ меафтод, ки Расули Худо (с) ҷуз дар рӯзи панҷшанбе барои сафар берун шаванд.

957 - Аз Сахр ибни Вадоъаи Ғомидӣ (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: ***Аллоҳумма борик ли-умматий фи букуриҳо.*** (*Бор, Худоё, субҳгоҳони умматамро бобаракат гардон*). Ва чун сария ё лашкареро мефиристод, онҳоро дар аввали рӯз мефиристод. Ва Сахр тоҷир буд ва тиҷорати худро дар аввали рӯз мефиристод, аз ин рӯ сарватманд шуд ва молаш афзун гашт.

## БОБИ 167. Мустаҳаб будани ҷустуҷӯи ҳамроҳ дар сафар ва амир сохтани яке аз худашон, ки аз ӯ фармон баранд

958 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Агар мардум дар мавриди танҳоӣ он чи ки ман медонам, бидонанд, ҳеҷ саворае дар шаб танҳо нахоҳад рафт.

959 - Аз Амр ибни Шуъайб аз падараш аз бобояш ривоят шуда ки Расули Худо (с) фармуд: Як савор шайтон аст ва ду савора ду шайтонанд ва се тан ҷамоат ба ҳисоб мераванд.

*Шарҳ: Сафари танҳоӣ дар шаб мамнӯъ аст, чун эҳтимоли газанд ва хатар дар он зиёд аст.*

960 - Аз Абусаъид ва Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: ҳар гоҳ се тан дар сафаре бароянд, бояд як нафарро бар худ амир созанд.

961 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: «беҳтарин рафиқҳо ва ёрон чоранд ва беҳтарин сарияҳо (порае аз лашкар аз панҷ нафар то чорсад нафар) чорсад аст ва беҳтарини лашкарҳо чаҳор ҳазор нафар аст ва дувоздаҳ ҳазор ҳаргиз аз камӣ ба шикаст мувоҷеҳ намешавад.

## БОБИ 168. Одоби рафтан ва фурӯд омадан ва шаб гузарондан ва хоб дар сафар ва мустаҳаб будани дар шаб рафтан ва тараҳҳум бар чаҳорпоён ва муроъоти маслиҳати он ва дастур додан ба он, ки дар ҳақаш тақсир варзад, то ҳақашро адо намуд ва раво будани пушти сар савор намудан бар маркаб, агар тавони онро дошта бошад

962 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: чун дар сарзамини сарсабз ва пуробу алаф сафар кардед, ба шутур баҳраи онро аз замин бидиҳед, (*бигзоред, то бигардад ва худро сер намояд*) ва чун дар замини беоб ва алаф сафар кардед, босуръат бар он биравед ва бишитобед, ки ба мақсади худ бирасед, пеш аз ин ки мағзаш аз кор бияфтад, (*аз хастагии роҳ*) ва чун дар шаб (*барои истироҳат*) фуруд омадед, пас аз роҳ бипарҳезед, зеро роҳ дар шаб масири чорпоён ва ҷойгоҳи газандагон ва хазандагон аст.

963 - Аз Абуқатода ривоят шуда, ки гуфт: Чун Расули Худо (с) дар шаб дар сафар мебуд ва дар шаб фуруд меомад, ба паҳлӯи росташ мехобид ва чун каме қабл аз субҳ мехобид,

дасташро баланд намуда ва сарашро дар кафи дасташ мегузошт (то хобашон набарад).

964 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Бар шумо бод, ки дар шаб сафар кунед, зеро масофаи замин дар шаб печида мешавад.

***Шарҳ:*** *Яъне, масофа дар шаб зудтар тай мешавад, бидуни ин ки шахс эҳсоси хастагии зиёд намояд, бар хилофи рӯз.*

965 - Аз Абусаълабаи Хушанӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун мардум дар манзиле фуруд меомаданд, дар водиҳо ва дараҳо пароканда мешуданд. Пас аз он Расули Худо (с) фармуд: Ҳароина дар водиҳо ва дараҳо пароканда шудани шумо кори шайтон аст. Аз ин рӯ, баъд аз он ба ҳеҷ манзиле фуруд наёмаданд, ҷуз ин ки баъзе дар канори баъзеи дигар ҷамъ мешуданд.

966 - Аз Саҳл ибни Амр ва гуфта шуда Саҳл ибни Рабиъ ибни Амри Ансорӣ машҳур ба Ибни Ҳанзалия, ки вай аз аҳли Байъатиризвон аст, ривоят шуда, ки Расули Худо (с) аз канори шутуре гузаштанд, ки пушташ ба камараш часпида буд, (*яъне, беҳад логар буд*), фармуд: Аз Худованд дар бораи ин чорпоёни безабон битарсед, ба гунаи дуруст бар онҳо савор шавед ва ба тариқаи дуруст онҳоро бихӯред, (*забҳ ва куштори шаръӣ*).

967 - Аз Абуҷаъфар Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) рӯзе маро дар пушти маркабе пушти сарашон савор намуда ва ба ман суханеро ниҳонӣ гуфтанд, ки ба ҳеҷ яке аз мардум намегӯям ва беҳтарин чизе, ки Расули Худо (с) дӯст дошт, барои рафъи зарурат худро ба он бипӯшонад ҳадаф (яъне, чизи бузург ва баланд аст, монанди кӯҳ ва пуштаи регӣ ва сохтмон) ва боғи хурмо буд. Муслим ин ҳадисро ин гуна кӯтоҳ ривоят намуда ва Барқонӣ бо ҳамин исноде барои он афзуда, ки: пас ба боғи марди ансорие даромад ва дар он шӯтуреро дид. Чун шутур паёмбар (с)-ро дид бонг зад ва ашк рехт. Паёмбар (с) пешаш омада пушт ва кӯҳону пушти гӯшҳояшро даст кашид ва он ором шуд. Сипас фармуд: Соҳиби ин шутур кист? Ин шутур аз кист? Ҷавони ансорие омада гуфт: Ин аз ман аст ё Расулуллоҳ. Гуфт: Оё дар мавриди

ин шутур аз Парвардигор наметарсӣ, зеро он ба ман шикоят мекунад, ки ту онро гурусна нигоҳ дошта, хастааш мекунӣ. Ва Абудовуд онро монанди ривояти Барқонӣ ривоят кардааст.

968 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун ба манзиле аз манозили сафар фуруд меомадем, намози нофила намегузоридем, то борҳоро мекушодем.

***Шарҳ:*** *Мафҳуми ин ҳадис он аст, ки мо ҳангоми фурӯд омадан ба манзиле аз манозили сафарамон бо вуҷуди иштиёқамон ба намоз пеш аз адои намози нофила ба кори воҷибтаре қиём намуда ва борҳоямонро мекушодем, то чорпоён ва маркабҳоямонро роҳат дода бошем.*

969 - Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят намуда гуфт: Ҳангоме, ки мо бо паёмбар (с) ду нафар будем, ногаҳон марде бо маркабаш омад ва ба тарафи росту чап медид ( Ҳангоме, ки мо бо паёмбар (с) дар сафаре будем, саворе омад, ки нигоҳ мекард аз тарафи росту чапи мо) Расули Худо (с) фармуд: Он ки савории зоид аз ҳоҷаташ дошта бошад, бояд ки онро ба касе, ки маркабе надорад, садақа диҳад ва он ки озуқаи зоид дошта бошад, бояд онро ба касе, ки озуқаву тӯша надорад, садақа диҳад ва аз анвоъи молҳо ёдоварӣ фармуд, чунон чи тасаввур намудем, ки ҳеҷ кадоми мо дар чизе, ки зоид аз ҳоҷаташ бошад, ҳаққе надорад.

## БОБИ 169. Дар мавриди ҳамкорӣ ва ҳамёрӣ бо рафиқ ва ҳамроҳ

970 - Аз Ҷобир (р) аз Пайғамбари Худо (с) ривоят шуда, ки он ҳазрат (с) иродаи ғазвае (*набарде*) намуда ва фармуд: Эй гурӯҳи муҳоҷир ва ансор! Ҳароина дар миёни бародарони шумо касоне вуҷуд доранд, ки на моле доранд ва на қабилае. Пас бояд ҳар кадоми шумо ду ё се нафарашонро бо худ бигирад. Ва ҳеҷ кадоми мо савории зиёде надошт, ки дигареро бо худ бигирад, магар пушти сари ҳар кадом ва ман ду нафар, (ё се нафар)-ро бо худ гирифтам, дар ҳоле ки бар шутурам фақат ҷои як нафарашонро пушти сарам доштам.

971 - Ҳамчунон аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) дар роҳ худро ба охир мекашид ва ба ин тартиб нотавон ва дармондаро ронда, (*пеш мебурд*) ва дигареро пушти сараш савор намуда ва барояш дуъо менамуд.

## БОБИ 170. Дар мавриди он чи чун барои рафтани сафар бихоҳад бар маркубаш савор шавад, бояд бигӯяд

قالَ الله تعالى : ﴿ وَجَعَلَ لَكُم مِنَ الفُلكِ والأَنْعَامِ مَا تَرْكَبُونَ. لِتَسْتَوُوا عَلى ظُهورِهِ ثُمَّ تَذْكُرُوا نِعْمَةَ رَبِّكُمْ إذا اسْتَوَيتمْ عَلَيْه وتَقولوا: سُبْحَانَ الَّذيْ سَخَّرَ لَنَا هذا ومَا كُنَّا لَهُ مُقرِنِينَ. وَإِنَّا إلى رَبِّنَا لَمُنْقَلِبونَ ﴾ [الزخرف: ١٢، ١٤].

Худованд мефармояд: **Ва барои шумо киштиҳо сохт ва аз чорпоён чизеро, ки бар он савор шавед, то рост бинишинед бар пушти маркуб ва ёд кунед неъмати Парвардигори хешро чун бар он рост нишастед ва бигӯед: покист Худоеро, ки мусаххар сохт барои мо ин маркубро ва набудем бар он тавоно ва мо ба сӯи Парвардигори хеш боз хоҳем гашт.** *(Зухруф: 12-14)*

972 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки чун Расули Худо (с) бар шутур қарор мегирифт, то барои сафар барояд, се бор Аллоҳу акбар гуфта ва баъд мефармуд: ***Субҳона-л-лазӣ саххара лано ҳозо ва мо кунно лаҳу муқринин ва инно ило рабинно ламунқалибун. Аллоҳумма инно насъалука фӣ сафарино ҳозо а-л-бирра ва-т-тақво ва минал амали мо тарзо. Аллоҳумма ҳаввин ъалайно сафарано ҳозо ватви анно буъдаҳу. Аллоҳумма анта-с-соҳибу фӣ-с-сафари ва-л-халифату фӣ аҳлӣ. Аллоҳумма иннӣ аъузу бика мин ваъсои-с-сафари ва каобати-л-манзари ва сӯъи-л-мунқалаби фи-л-моли ва-л-аҳли ва-л-валади.***

Покист зотеро, ки инро барои мо мусаххар сохта, варна мо ҳаргиз қодир бар он набудем ва мо ба сӯи Парвардигори худ руҷуъкунандаем. Бор, Худоё мо дар ин сафарамон аз ту некӯкорӣ ва тақво ва амалеро, ки меписандӣ, талаб мекунем.

Бор, Худоё, ин сафарамонро бар мо осон кун ва дурияшро бар мо кӯтоҳ соз. Бор, Худоё, ту дар сафар ҳамроҳ ва дар хонавода сарпарастӣ. Парвардигоро, мо аз сахтии сафар ва манзараи ғамангез ва бадии назар дар мол ва хонавода ва фарзанд ба ту паноҳ меҷӯем. Ва дар вақти бозгашт онро гуфта ва меафзуд: ***Оибӯна, тоибӯна, обидӯна, лираббино ҳомидӯна.*** (Бозгардандагонем, тавбагоронем, парастишкунандагонем ва саногӯёни Парвардигори худем).

973 - Аз Абдуллоҳ ибни Сарҷис (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун Расули Худо (с) азми сафар менамуд, аз сахтии сафар ва бозгашти тавъам бо андӯҳ ва бозгашт аз истиқомат ё зиёдат ба сӯи нуқсон ва дуои ситамдида ва дидани манзараи бад дар хонавода ва мол ба Худованд паноҳ меҷуст.

974 - Аз Алӣ ибни Рабиъа ривоят шуда, ки гуфт: Бо Алӣ ибни Абитолиб (р) дар ҳоле ҳузур ёфтам, ки маркабе барояш оварда шуд, то бар он савор шавад. Чун пояшро ба рикоб гузошт, гуфт: Бисмиллоҳ (ба номи Худо) ва чун бар пушти он қарор гирифт, гуфт: *Алҳамду лиллоҳи-л-лази саххара лано ҳозо ва мо кунно лаҳу муқринин ва инно ило раббино ламунқалибун* (Сипос мар Худоеро, ки инро барои мо мусаххар гардонид, варна мо ҳаргиз қодир бар он набудем ва мо ба сӯи Парвардигорамон бозгардонандагонем) баъдан се бор Алҳамдулиллоҳ ва сипас се бор Аллоҳу акбар гуфта сипас фармуд: *Субҳонака инни заламту нафсӣ фағфирлӣ иннаҳу ло яғфиру-з-зунуба илло анта* (Покист Туро ман бар нафси худ ситам раво доштам пас маро биёмурз ҷуз Ту касе гуноҳонро намеомурзад) ва сипас хандид. Гуфта шуд эй амиралмӯъминин, аз чи чиз хандидӣ? Гуфт паёмбар (с)-ро дидам мисли ман намуда ва хандид. Гуфтам ё Расулуллоҳ, аз чи чиз хандидӣ? Фармуд: Парвардигорат, ки покист ӯро, ба шигифт меояд аз бандааш замоне, ки мегӯяд: Худоё, гуноҳонамро бароям биёмурз дар ҳоле, ки медонад, ки ғайр аз ман касе гуноҳонро намеомӯрзад.

*Шарҳ: Ин ҳадис намоёнгари раҳмати бемунтаҳои Худованд бар мӯъминон аст ва ҳирси паёмбар (с)-ро бар*

*наҷоти мусалмонон аз азоби Ӯ таъоло намоён мекунад, чунон, ки иқтидои комили асҳоб (р) ба он ҳазрат (с)-ро баён мекунад.*

## БОБИ 171. Такбир гуфтани мусофир, чун ба теппа ва амсоли он баланд шавад ва тасбиҳ гуфтанаш чун ба водиҳо ва амсоли он фуруд ояд ва манъ аз зиёд баланд кардани садо

975 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун ба баландиҳо боло мешудем, такбир мегуфтем ва чун фуруд меомадем, тасбиҳ мегуфтем.

976 – Аз ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбар (с) ва лашкариёнаш чун бабаландиҳо мебаромаданд, ***аллоҳу акбар*** мегуфтанд. Ва чун фуруд меомаданд, ***субҳоналлоҳ*** мегуфтанд.

977 - Ҳамчунон аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки чун паёмбар (с) аз Ҳаҷ, ё Умра бозмегашт, ҳар гоҳ ба гардана ё баландие боло мешуд, се бор Аллоҳу акбар гуфта ва боз мефармуд: ***Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд ва ҳува ъало кулли шайин қадир. Оибуна, тоибуна, ъобидуна соҷидуна лираббино ҳомидуна, садақаллоҳу ваъдаҳу ва насара ъабдаҳу ва ҳазама-л-аҳзоба ваҳдаҳу***. (Маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест, ки як аст ва шарике барояш нест, мулк ва сано хос аз они ӯст ва ӯ бар ҳар чиз тавоност. Мо бозгаштем, дар ҳоле ки тавбакорон ва парастандагон ва барои Худоямон саҷдакунандагонем. Худованд ваъдаи худро дуруст намуд ва бандаашро нусрат дод ва ба танҳоӣ аҳзобро бишикаст). Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки чун аз лашкарҳо ва сарияҳо (дастаҳои хурди ҷангӣ) ё ҳаҷ ва умра бозмегашт, ин дуъоро мехонд.

978 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки марде гуфт Ё Расулуллоҳ! Ман мехоҳам сафар кунам маро тавсия фармо! Фармуд: Тақвои Худоро пеша кун ва ба ҳар баландӣ такбир бигӯ ва чун он мард рафт, фармуд: Худоё! Роҳи дурро барояш кӯтоҳ ва сафарро бар вай осон гардон.

979 - Аз Абумӯсо Ашъарӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: мо бо Расули Худо (с) дар сафаре ҳамроҳ будем. Чун ба водие мерасидем ***Ло илоҳа иллаллоҳу, валлоҳу Акбар*** мегуфтем ва садои мо баланд мешуд. Паёмбар (с) фармуд: Эй мардум, бар худ нармӣ кунед, зеро шумо кар ва ғоиберо намехонед. Ӯ бо шумост, шунаво ва наздик аст.

## БОБИ 172. Дар мустаҳаб будани дуъо кардан дар сафар

980 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: се дуъо бидуни шак қабул мешавад; дуъои мазлум ва дуъои мусофир ва дуъои падар дар ҳақи фарзанд.

## БОБИ 173. Дуъое, ки ҳангоми тарс аз дигарон хонда мешавад

981 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят шуда, ки чун Паёмбари Худо (с) аз қавме метарсид, мефармуд: ***Аллоҳумма инно наҷъалука фӣ нуҳӯриҳим ва наъӯзу бика мин шуруриҳим.*** Бор, Худоё, мо туро дар баробари душманон қарор медиҳем, ки ҳифзамон кунӣ ва моро бар онон нусрат ва фатҳ диҳӣ ва аз бадиҳояшон ба ту паноҳ мебарем.

.

## БОБИ 174. Дуъое, ки чун мусофир ба манзиле фуруд ояд, онро мегӯяд

982 - Аз Хавла бинти Ҳаким (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: он кӣ ба манзил фуруд омада ва бигӯяд: ***Аъузӯ бикалимотиллоҳи-т-томмоти мин шарри мо халақ***. (Паноҳ меҷӯям ба калимоти томмаи Худо аз шарри он чи офаридааст), чизе ба ӯ газанд намерасонад, то аз он манзилаш кӯч кунад.

983 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун Расули Худо (с) сафар мекард ва шаб мерасид, мефармуд: ***Ё арзу раббӣ ва раббукиллоҳ, аъузу биллоҳи мин шаррики ва шарри мо фики ва шарри мо хулиқа фики ва шарра мо ядиббу ъалайки, аъузу биллоҳи мин шарри асадин ва асвадин ва мина-л-ҳайяти ва-л-ақраби ва мин сокини-л-балади, ва мин волидин ва мо валад.*** Эй замин! Парвардигори ману ту Аллоҳ аст аз шарри ту ва шарри он чи дар туст ва шарри он чи дар ту офарида шуда ва бар рӯи ту мехазад ба Худо паноҳ меҷӯям. Паноҳ мебарам ба Худо аз шарри шер ва сиёҳӣ (ҳар он чи ба назар расида ва тасаввури бад аз он меравад) ва мор ва ақраб (каждум) ва сокини шаҳр (ҷин) ва падар (иблис) ва он чи зода шуда (шаётин).

## БОБИ 175. Истиҳбоби шитофтани мусофир баъд аз итмоми кораш барои бозгашт ба хона

984 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: сафар порае аз азоб аст, ки яке аз шуморо аз хӯрдан ва нӯшидан ва хоб боз медорад, пас ҳар гоҳ кадом яке аз шумо мақсудашро аз сафараш анҷом дод, бояд ба сӯи хонаводааш бишитобад.

## БОБИ 176. Дар ворид шудани мусофир ба хонаводааш дар рӯз ва кароҳияти ворид шудан дар шаб бидуни зарурат

985 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ ғоибии кадом яке аз шумо аз хонаводааш дароз шавад, бояд ки аз тарафи шаб ба хонааш наояд. Дар ривояте омада, ки Паёмбари Худо (с) манъ карданд аз ин, ки мард аз тарафи шаб ба хонааш биёяд.

986 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) шаб ба хонааш ворид намешуд, балки аввали субҳ ё сари шаб наздашон меомад.

## БОБИ 177. Дар мавриди он чи мусофир баъд аз бозгашт ва дидани шаҳраш мегӯяд

987 - Ҳамчунон аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: бо паёмбар (с) бозгаштем, яъне, аз Хайбар то ин ки ба ҷое расидем, ки Мадинаи мунавварароро дидем, фармуд: ***Оибӯна, тоибӯна, ъобидӯна лираббино ҳомидӯн.*** (Бозгашткунандагонем, тавбагоронем, парастишкунандагонем ва саногӯёни Парвардигори худем) ва инро пайваста мегуфт, то ба Мадина расидем. Дар ин мавриди ҳадиси Ибни Умар (р) аст, ки қаблан гузашт (ҳадиси шумораи 977).

## БОБИ 178. Истиҳбоби нахуст рафтани мусофир пас аз бозгашт ба масҷиде, ки наздики хонааш аст ва адои ду ракаъат намоз дар он

988 - Аз Каъб ибни Молик (р) ривоят шуда, ки чун Расули Худо (с) аз сафаре меомад, аз масҷид шурӯъ намуда ва дар он ду ракаъат намоз мегузорид.

## БОБИ 179. Дар ҳаром будани танҳо сафар кардани зан

989 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ва раво нест барои зане, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дошта бошад, ин ки ба андозаи масофаи як шабонарӯз сафар намояд, магар ҳамроҳи касе, ки барояш маҳрам аст.

990 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки вай аз Расули Худо (с) шунид, ки мефармуд: ҳеҷ марде бо зане хилват накунад, магар ин ки бо вай маҳраме бошад ва зан сафар накунад, магар ҳамроҳи касе, ки маҳрамашон аст. Марде гуфт: ё Расулаллоҳ занам ба қасди ҳаҷ берун омада ва номи ман дар зумраи касоне навишта шуда, ки ба ғазваи фалон ва фалон мераванд? Он ҳазрат (с) фармуд: Бирав бо занат ҳаҷ кун.

# 8. КИТОБИ ФАЗОИЛ

## БОБИ 180. Фазилати хондани Қуръон

991 - Аз Абуумома (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Қуръонро тиловат кунед, зеро Қуръон дар рӯзи қиёмат омада ва барои ёронаш шафоъат мекунад.

***Шарҳ:*** *мурод аз ёрон ва руфақои Қуръон касоне ҳастанд, ки Қуръонро хонда ва бад-он машғул буда ва ба авомир ва навоҳии он иҳтимом варзанд.*

992 - Аз Наввос ибни Самъон (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: дар рӯзи қиёмат Қуръон ва аҳлаш ва касоне, ки дар дунё ба он амал мекарданд, оварда мешаванд, ки дар пешо-пеши он сураи Бақара ва Оли Имрон қарор дорад ва аз ёронашон дифоъ менамоянд.

993 - Аз Усмон ибни Аффон (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: беҳтарини шумо касест, ки Қуръонро омӯхта ва онро барои дигарон таълим диҳад.

994 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: касе ки Қуръонро мехонад, дар ҳоле ки бад-он маҳорат дорад, ҳамроҳ бо фариштагонест, ки сафире ба сӯи Расул буда, бузургвор ва фармонбардоранд ва он ки Қуръон мехонад, дар хондани он таклифу мушкилӣ мекашад ва тиловати он бар ӯ сахт аст, яъне бо мушкилӣ ва канда-канда онро тиловат мекунад, барои ӯ ду музд ва савоб аст. *Яъне, музди хондан ва музди таклиф ва машаққате, ки дар адои он таҳаммул мекунад.*

995 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Масал ва сифати мӯъмине, ки Қуръонро тиловат мекунад, монанди турунҷест, ки бӯи он хуш аст ва таъми он ширин аст ва масали мӯъмине, ки Қуръонро тиловат намекунад, монанди хурмост, ки бӯе надорад, вале таъми он ширин аст ва масали мунофиқе, ки Қуръонро тиловат мекунад, монанди райҳон аст, ки бӯи он хуш аст, вале таъму маззаи он талх аст ва масали мунофиқе, ки Қуръонро тиловат намекунад, монанди ҳанзал аст, ки бӯе надорад ва таъми он ҳам талх аст.

996 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Худованд ба василаи ин китоб (*Қуръон*) қавмеро боло мебарад ва баландмартаба мегардонад, (*ононе, ки бад-он имон оварда ва амал мекунанд*) ва иддаи дигареро ба он паст мекунад (*касоне ки бад-он имон надоранд ва ё ба он амал намекунанд*).

997 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ғибта (*ҳасад бурдан*) ҷуз дар ду чиз ҷоиз нест; марде, ки Худованд барояш Қуръонро дода, (*омӯхтааст*). Яъне, ҳифзашро бар ӯ осон намуда, пас ӯ ба он дар ҳама лаҳзаҳо шаб ва рӯз амал мекунад ва марде, ки Худо ба ӯ моле дода ва ӯ онро дар ҳама лаҳазот шаб ва рӯз(*дар роҳи хайр*) харҷ ва сарф мекунад.

998 - Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Марде буд, ки сураи «Каҳф»-ро мехонд ва дар канораш аспе буд, ки ба ду таноб баста буд ва абре ба сараш омада ва шурӯъ ба наздик шудан намуд, ки аспаш аз он ҳарос менамуд. Чун субҳ намуд, хидмати паёмбар (с) омада, ин мавзӯъро ба ӯ гуфт. Он ҳазрат (с) фармуд: Он раҳмат ва оромишест, ки ба воситаи Қуръон хондан фуруд омада буд.

999 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: касе ки як ҳарф аз китоби Худоро бихонад, ӯро ҳасана аст ва ҳасана ба даҳ баробари он. Намегӯям, ки ***“Алиф, лом, мим”*** як ҳарф аст, балки алиф, як ҳарф аст ва лом, як ҳарф аст ва мим, як ҳарф аст.

1000 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно он, ки дар дилаш чизе аз Қуръон нест (яъне, чизе аз онро ҳифз надорад), монанди хонаи вайрон аст.

1001 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Барои соҳиби Қуръон гуфта мешавад: бихон ва ба палаҳои биҳишт боло рав ва тиловат кун, чунон ки дар дунё тиловат мекардӣ, зеро мақоми ту дар назди охирин оятест, ки онро мехонӣ.

## БОБИ 181. Амр ба мудовимат ва муҳофизат бар Қуръон ва бим додан аз арза намудани он ба фаромӯшӣ

1002 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Мувозибат кунед бар ин Қуръон, пас савганд ба Зоте, ки ҷони Муҳаммад дар дасти ӯст, ки Қуръон зудтар мегурезад (*аз зиҳн ва хотир*) аз шутур дар зонубанди он (*ки ҳар гоҳ зонубандаш боз шавад бо суръат мегурезад*).

1003 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳароина масал ва сифати ҳофизи Қуръон монанди масали шутури зонубандзадаест, ки агар соҳибаш бар ӯ иҳтимом кунад, ӯро нигаҳ медорад ва агар раҳояш кунад, меравад.

## БОБИ 182. Истиҳбоби хушсадоӣ ба Қуръон ва дархости тиловат аз шахси хушсадо ва гӯш додан ба он

1004 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Худованд ба ҳеҷ чизе гӯш фаро надода монанди гӯш фаро додан барои паёмбаре хушсадо, ки хушсадоӣ кунад, ба Қуръон ва онро ба садое баланд бихонад.

***Шарҳ:*** *Ҳадаф аз гӯш фаро додан, шунидан аст ва он ишора аст ба ризои Парвардигор ва қабулаш. Аз ин ҳадис дониста мешавад, ки хушовозӣ ва некӯ намудани овоз дар тиловати Қуръони карим суннат аст ва низ кори писандида ба шумор меравад.*

1005 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) бароям фармуд: барои ту ное аз нойҳои Оли Довуд дода шудааст. Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки Расули Худо (с) ба ӯ фармуд: Агар дишаб маро медидӣ, дар ҳоле ки ба қироатат гӯш медодам?!

1006 - Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят шуда, ки гуфт: шунидам, ки паёмбар (с) дар намози хуфтан ***Ваттини ваззайтун***-ро хонданд ва ҳеҷ касро хушсадотар аз эшон надидам.

1007 - Аз Абулубоба Башир ибни Абдулмунзир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе ки ба Қуръон хушовозӣ накунад аз мо нест.

1008 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) бароям фармуд: Қуръонро бар ман бихон. Гуфтам ё Расулуллоҳ оё ман бар шумо бихонам, дар ҳоле, ки бар шумо фурӯ фиристода шудааст? Гуфт: Ман дӯст медорам, ки онро аз ғайр бишнавам. Ман бар эшон сураи «Нисо»-ро хондам, то ин, ки ба ин оя расидам **(Факайфа изо ҷиъно мин кулли умматин бишаҳидин ва ҷиъно бика ъало ҳоулои шаҳидо) «Пас чи гуна аст ҳоли рӯзи маҳшар он гоҳ, ки аз ҳар тоифа гувоҳе орем ва туро** (эй паёмбар) **бар ин уммат ба гувоҳӣ хоҳем»**. Фармуд: Ҳоло бас аст ва ман ба сӯяшон нигариста дидам, ки чашмонашон ашкбор аст.

*Шарҳ: Гиристани он ҳазрат (с) аз рӯи шафқат бар умматаш буда зеро ӯ шоҳиди ҳақ аст ва умматаш ҳам аз гуноҳ холӣ нестанд.*

## БОБИ 183. Ташвиқ бар тиловати сураҳо ва оёти махсус

1009 - Аз Абусаъид, Рофеъ ибни Муъалло (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) бароям фармуд: Оё пеш аз ин ки аз масҷид бароӣ, бузургтарин сураеро дар Қуръон бароят наёмӯзам? Пас дасти маро гирифт ва чун хостем, ки бароем, гуфтам: ё Расулаллоҳ, фармудӣ, ки бузургтарин сураеро дар Қуръон ба ту меомӯзам. Он ҳазрат (с) фармуд: **Алҳамду лиллоҳи раби-л-ъоламин,** он сабъамасони ва Қуръони азиме аст, ки ба ман дода шудааст.

1010 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) дар бораи **Қул ҳуваллоҳу аҳад** фармуд: Савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, ки ин сура ба се яки Қуръон баробарӣ мекунад. Дар ривояте омада, ки Расули Худо (с) барои асҳобаш фармуд: Оё оҷиз мешавад яке аз шумо ки як саввуми Қуръонро дар як шаб бихонад? Ин амр барояшон сахт тамом шуд ва гуфтанд: ё Расулаллоҳ, кадом яки мо қудрати ин корро дорад? Фармуд: **“Қул ҳуваллоҳу аҳад, Аллоҳу-с-самад”-**сулси (*се- яки*) Қуръон аст.

1011 - Ва низ аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда ки касе шунид марде **қул ҳуваллоҳу аҳадро** хонда ва онро такрор мекунад. Чун субҳ намуд хидмати Расули Худо (с) омада, ин мавзӯъро барояшон ёд намуд ва гӯй, ки марди мазкур онро кам шумурд. Расули Худо (с) фармуд: савганд ба зоте, ки ҷонам ба дасти ӯст, ки он бо се ҳиссаи Қуръон баробарӣ мекунад.

1012 - Аз Абуҳурайра ривоят шуда, ки Расули Худо (с) дар бораи **(қул ҳуваллоҳу аҳад)** фармуд, ки он ба се ҳиссаи Қуръон баробар аст.

1013 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки вай гуфт: Ё Расулуллоҳ ман ин сура (қулҳуваллоҳу аҳад)-ро дӯст медорам, он ҳазрат (с) фармуд: бидуни шак муҳаббати он туро ба биҳишт ворид намудааст.

1014 - Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Оё надидӣ оётеро, ки ин шаб нозил шуд, ки

мисли он ҳеҷ чиз дида нашудааст, **Қул аъузу бирабби-л-фалақ ва қул аъузу бирабби-н-нос.**

***Шарҳ:*** *яъне оёте, ки ҳамааш паноҳ ҷустан ба Худованд бошад, ҷуз дар ин ду сура дида нашудааст.*

1015 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда аст, ки гуфт: Расули Худо (с) аз ҷин ва чашми (назари бади) инсон ба Худованд паноҳ меҷуст, то ин ки **«Қулаъузу бираббилфалақ»** ва **«Қул аъузу бирабиннос»** нозил шуд ва чун ин ду сура нозил шуд бад-он тамассук намуда, ғайри онро тарк намуд.

1016 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: дар Қуръон сураест, ки сӣ оят дорад ва барои марде шафоъат намуд, то ки барои ӯ омурзида шуд ва он **"Таборака-л-лазӣ-биядиҳи-л-мулк"** аст. Ва дар ривояти Абудовуд омада, ки шафоат мекунад.

1017 - Аз Абумасъуди Бадрӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: касе ки ду ояти охири ин сураро дар як шаб бихонад, ӯро басандааст.

1018 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Хонаҳои худро гӯристон насозед. Ҳамоно шайтон аз хонае, ки дар он сураи Бақара хонда шавад, мегурезад.

1019 - Аз Убай ибни Каъб (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Эй Абумунзир! Оё медонӣ кадом оят аз Китоби Аллоҳ, ки бо туст, бузургтар аст? Гуфтам: **Аллоҳу ло илоҳа илло ҳува-л-ҳайю-л-қайюм.** Сипас он ҳазрат (с) ба синаам зада, фармуд: эй Абумунзир, илм бароят гуворо бод!

1020 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) маро вазифа дод, ки закоти рамазон (садақаи фитрро) нигоҳ дорам. Шахсе наздам омада, шурӯъ ба чанг задани таъом намуд ва ман ӯро гирифтам ва гуфтам ҳатман туро хидмати Расули Худо (с) мебарам. Гуфт: ман мӯҳтоҷаму кӯдакдор ва сахт ниёзманд мебошам. Ман ҳам ӯро раҳо кардам. Чун субҳ намудам Расули акрам (с) фармуданд: Эй Абуҳурайра асири ту дишаб чӣ кор кард? Гуфтам ё Расулуллоҳ аз ниёзмандии шадид ва кӯдакдорӣ шикоят намуд ва дилам ба ҳолаш сухт ва ман раҳояш кардам. Фармуд бош, ки ӯ ба ту дурӯғ гуфта, боз

хоҳад гашт ва донистам, ки ӯ тибқи фармудаи Расули Худо (с) боз хоҳад гашт ва интизорашро кашидам. Боз омаду шурӯъ ба чанг задани таъом намуд ва гуфтам: ҳатман туро хидамти Расули Худо (с) мебарам. Гуфт: Маро бигзор зеро ман мӯҳтоҷу кӯдакдорам ва боз намегардам. Ман ба ӯ раҳм намуда раҳояш кардам. Чун субҳ намудам боз Расули Худо (с) фармуд. Эй Абуҳурайра асират чӣ кор кард? Гуфтам: Ё Расулуллоҳ аз ниёзмандӣ ва аёлдорӣ шиква намуд ва ман ҳам ба ӯ раҳм карда раҳояш кардам. Фармуд: Ӯ дурӯғ гуфт ва боз хоҳад гашт. Ман бори саввум интизорашро кашидам. Боз омаду аз таъом чанг мезад ва ман ӯро гирифта гуфтам: ҳатман туро хидмати Расули Худо (с) хоҳам бурд ва ин охирини се бор аст. Ту гуфтӣ, ки боз нагардӣ ва бозгаштӣ. Гуфт: Маро бигзор ҳамоно ман ба ту калимоте меомӯзам, ку Худои мутаъол ба василаи он ба ту фоида расонад. Гуфтам: Онҳо кадоманд? Гуфт: Чун дар бистарат қарор гирифтӣ ***«ояталкурсӣ»***-ро бихон. Зеро аз суи Аллоҳ таъоло нигоҳбоне пайваста то субҳ буда ва шайтоне ба ту наздик намешавад ва ман ӯро раҳо намудам.

Чун субҳ намудам Расули акрам ба ман фармуд: Асират дишаб чӣ кард? Гуфтам: Ё Расулуллоҳ тасаввур мекард, ки ӯ ба ман калимоте ёд медиҳад, ки Худои мутаъол ба он маро нафъ мерасонад. Он калимот чист? Гуфтам: Ба ман гуфт: Чун ба бистарат омадӣ, оятулкурсиро аз аввал бихон, то ояро хатм кунӣ ва ба ман гуфт, ки аз ҷониби Худованд бар ту ҳофизе муқаррар мегардад, то субҳ кунӣ ва ҳеҷ шайтоне ба ту наздик намешавад. Паёмбар (с) фармуд: Огоҳ шав, ки ӯ ба ту рост гуфта, вале ӯ бисёр дуруғгӯ аст. Оё медонӣ, ки аз се шаб бо ин тараф бо кӣ хитоб мекардаӣ Абуҳурайра? Гуфтам: На. Гуфт: Он шайтон аст.

1021 - Аз Абудардо (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: касе ки аз аввали сураи Каҳф даҳ оятро ҳифз кунад, аз Даҷҷол маҳфуз ва масӯн мемонад. Дар ривояте даҳ оят аз охири сураи Каҳф омадааст.

1022 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Дар асное, ки Ҷабраил (ъ) дар назди паёмбар (с) буд аз болои сараш

садоеро шунида ва сарашро боло намуда гуфт: Ин даре аз осмон аст, ки имрӯз боз шуда ва ҷуз имрӯз ҳаргиз боз нашуда ва аз он фариштае фуруд омад. Гуфт: Ин фариштаест, ки ба замин фуруд омад ва ҳаргиз ҷуз имрӯз фуруд наёмада, пас салом карда фармуд: Шод бош ба ду нуре, ки бароят дода шуда ва ба паёмбаре пеш аз ту дода нашудааст. Фотиҳату-л-китоб ва оёти охири сураи Бақара ҳеҷ ҳарфе аз онро намехонӣ, магар ин, ки онро дода мешавӣ.

## БОБИ 184. Истиҳбоби гирд омадан бар қироати Қуръон

1023 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ва гирд наёмад, гурӯҳе дар хонае аз хонаҳои Худо, ки мехонд Китоби Худоро ва онро дар миёнашон музокира менамуданд, магар ин ки бар онҳо сакина ва оромиш нозил шуда ва раҳмати ом шомили ҳолашон гашта ва фариштагон бар онҳо иҳота намуда ва Худованди таъоло онҳоро ба фариштагоне, ки дар назди ӯянд, ёд мекунад.

## БОБИ 185. Фазилати вузӯ

قَالَ الله تَعالى : ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذينَ آمَنوا إذا قُمتُمْ إلى الصَّلاةِ فَاغسِلُوا وجُوهَكُم ﴾ إلى قوله تعالى : ﴿ مَا يُريدُ الله لِيَجْعَلَ عَلَيكم مِنْ حَرَجٍ ، ولكنْ يُريد لِيُطَهِّرَكُم ، وَلِيُتِمَّ نِعْمَته عَلَيْكم لَعَلَّكُم تَشْكُرونَ ﴾ [المائدة: ٦].

Худованд мефармояд: **Эй мусалмонон, чун ба намоз бархезед, пас бишӯед рӯйҳои худро то ин фармудаи Бори таъоло: Худо намехоҳад, ки бигардонад бар шумо душворие, вале мехоҳад, ки пок созад шуморо ва неъмати худро бар шумо тамом кунад, то бошад, ки шукргузорӣ кунед.** *(Моида: 6)*

1024 - Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар фармуд умматам дар рӯзи қиёмат аз осори вузӯяашон ғурр ва муҳаҷҷал (он ки даст, по ва пешонияш аз сафедӣ медурахшад)

номида мешаванд, пас он ки аз шумо мехохад ки ғурраи худро дароз намояд бояд, ин корро амалӣ кунад.

1025 - Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Халилам (с) шунидам, ки мефармуд: Дар қиёмат зевари мӯъмин ба ҷое мерасад, ки оби вузӯ мерасад.

1026 - Аз Усмон ибни Аффон (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Касе ки вузӯ кунад ва некӯ вузӯ намояд, гуноҳонаш аз баданаш берун мешавад, то ин ки аз зери нохунҳояш мебарояд.

1027 - Ҳамчунон аз Усмон ибни Аффон (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман Расули Худо (с)-ро дидам, ки мисли ин вузуям вузӯ сохта ва фармуд: Касе, ин гуна вузӯ кунад гуноҳони гузаштааш омурзида мешавад ва намоз ва масҷид рафтанаш барои ӯ нофила ҳисоб мешавад.

1028 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун бандаи мусалмон ё мӯъмин вузӯ созад ва рӯяшро бишӯяд ҳар гуноҳе, ки ба чашмонаш ба сӯи он нигариста бошад аз рӯяш ҳамроҳи об ё бо охирин қатраи об мебарояд. Ва чун дастаҳояшро бишӯяд ҳар гуноҳе, ки дастҳояш ба он чанг зада бошад бо об ё ба охирин қатраҳои об мебарояд. Ва чун пойҳояшро бишӯяд, ҳар гуноҳе, ки поҳояш ба сӯи он рафта бо об ё бо охирин қатраҳои об мебарояд, то ин ки аз гуноҳ пок берун мебарояд.

1029 - Ҳамчунон Абуҳурайра (р) ривоят шуда ки Расули Худо (с) ба гӯристон омада фармуд: - ***Ассалому алайкум дора қавми мӯъминин ва инно иншоаллоҳу бикум лоҳиқун*** - Салом бар шумо сарои қавми муъминон ва агар Худо хоҳад ба шумо пайваст хоҳем шуд. Дӯст доштам, ки бародаронамро медидам. Гуфтанд: Ё Расулуллоҳ оё мо бародаронат нестем? Гуфт: Шумо асҳоб ва ёрони ман ҳастед ва бародаронам касонеанд, ки ҳанӯз наёмаданд Гуфтанд: Ё Расулуллоҳ чи гуна мешиносӣ аз уматат касонеро, ки ҳанӯз наёмаданд? Фармуд: Чи тавр аст, ки марде галлаи аспе дошта бошад, ки пешонӣ ва дастҳою пойҳояшон сафед бошанд дар миёни галлаи аспоне, ки сиёҳ ва як ранганд оё галаашро намешиносад. Гуфтанд: Оре. Фармуд: Ҳамоно

эшон меоянд, дар ҳоле ки аз сабаби вузӯ дастҳо ва пешонию пойҳояшон сафед аст. Ва ман пеш аз эшон бар ҳавз ворид мешавам.

1030 – Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Оё шуморо ба чизе ки Худованди таъоло ба василаи он гуноҳонро маҳв намуда ва дараҷотро баланд мебарад, раҳнамоӣ накунам? Гуфтанд: оре, ё Расулаллоҳ. Он ҳазрат (с) фармуд: Тамом кардани вузӯ бар сахтиҳо, *ҳамчун сардӣ ва гармои зиёд* ва бисёр қадам задан ба сӯи масоҷид ва интизори намоз баъд аз намоз. Пас ин аст мавқифе, ки бояд бар он пойбанд бошед ва ин аст мавқифе, ки бояд илтизом кунед.

1031 - Аз Абумолики Ашъарӣ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд. Покизагӣ нисфи имон аст. Ин ҳадис бо дарозиаш дар боби сабр гузашт (шумораааш 25). Ва дар ин боб ҳадиси Амр ибни Абаса (р) аст, ки дар охири боби умед гузашт *(шумораааш 438)* ва он ҳадиси бузургест, ки шомили ҷамъе аз хайроту некӯиҳост.

1032 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳеҷ кадоми шумо нест, ки вузӯ бигирад ва онро комил намояд, сипас бигӯяд: ***Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳ),*** магар ин ки тамоми ҳашт дарвозаи биҳишт ба рӯи ӯ боз мегардад, то аз ҳар кадом, ки бихоҳад дохил гардад. Ин ҳадисро Муслим ривоят намуда ва Тирмизӣ афзуда, ки ***Аллоҳуммаҷъалнӣ минна-т-таввобина ваҷъалнӣ мина-л-муттатаҳҳирина.*** (Бор Илоҳо, маро аз зумраи ононе, ки зиёд тавба намуда ва бисёр покизакорӣ менамоянд, бигардон).

## БОБИ 186. Фазилати азон

***Азон ба маънои эълон аст, яъне бохабар сохтан***

1033 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Агар мардум бидонанд, ки дар азон ва саффи аввал чи мазияте аст, пас наёбанд онро, магар би ин ки барои он

қуръа андозанд, ҳатман ба он қуръа меандозанд ва агар медонистанд, ки дар ибтидои рафтан ба намоз чи мазияте аст, ҳатман ба сӯи он мусобиқа мекарданд ва агар медонистанд, ки чи мазияте дар намози хуфтан ва субҳ аст, ҳамоно агар ба хазидан ҳам мебуд, дар он ҳозир мешуданд.

1034 - Аз Муъовия (р) ривоят шуда, ки гуфт аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Муаззинҳо дар рӯзи қиёмат гарданфарозтарин мардуманд.

1035 - Аз Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон ибни Абисаъсаъа ривоят шуда, ки Абусаъиди Худрӣ (р) ба вай гуфт: ман мебинам, ки ту гӯсфанд ва бодияро дӯст медорӣ, пас чун дар гӯсфанд ё бодия будӣ ва барои намоз азон гуфтӣ, садои худро ба азон баланд кун, зеро имтидоди садои азонро ҷин ва инс ва чизе дигар намешунаванд, магар ин ки дар рӯзи қиёмат барои ӯ шаҳодат медиҳанд. Абусаъид (р) гуфт: ман ин ҳадисро аз Расули Худо (с) шунидам.

1036 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ барои намоз овоз карда шавад, шайтон пушт мегардонад, дар ҳоле ки бод меафканад, то ин ки азонро нашнавад ва чун азон гуфта шавад, рӯй меоварад ва чун барои намоз иқома гуфта шавад, пушт мегардонад ва чун иқома тамом шавад, боз меояд, то ин ки дар байни шахс ва дилаш васваса меандозад; мегӯяд мавзӯъи фалонро ба ёд ор, мавзӯъи фалонро ба ёд ор, барои чизҳое ки онро ба хотир надорад, то ин ки шахс ба ҳолате қарор мегирад, ки намедонад чанд ракаъат намоз гузоридааст.

1037 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки ӯ аз Паёмбари Худо (с) шунид, ки мефармуд: чун азонро шунидед, мисли он чи ки муаззин мегӯяд, бигӯед. Сипас бар ман дуруд бифиристед, зеро ҳар кас бар ман як бор дуруд фиристад, Худованд дар баробари он бар вай даҳ бор дуруд мефиристад. Сипас аз Худованд бароям василаро бихоҳед, ки он мақом ва мартабаест дар биҳишт, ки ҷуз барои як бандае аз бандагони Худо намезебад ва умедворам, ки ман он банда

бошам. Пас он, ки аз Худованди таъоло бароям василаро дархост кунад, шафоъатам бар вай воҷиб мешавад.

1038 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда ки Расули Худо (с) фармуд: Чун азонро шунидед мисли он чи ки муазин мегӯяд бигӯед.

1039 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе ки чун азонро бишнавад, бигӯяд: ***Аллоҳумма рабба ҳозиҳи даъвати-т-томмати ва-с-салоти-л-қоимати оти Муҳаммадани-л-василата ва-л-фазилата вабъасҳу мақома-м-маҳмудани-л-лази ваъадтаҳ.*** (Парвардигоро, Худованди ин даъвати тамом ва намозе, ки барпост, барои Муҳаммад (с) васила ва фазилатро арзонӣ кун ва ӯро ба мақоми некӯе бифирист, ки ба вай ваъда кардаӣ), дар рӯзи қиёмат шафоъатам барояш лозим мешавад.

1040 - Аз Саъд ибни Абиваққос (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: касе ки чун азонро мешунавад, бигӯяд: ***Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ ва ана Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу, разийту биллоҳи раббан ва би Муҳаммадин расулан ва би-л-исломи динан.*** (Гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Худо аст. Ба рубубияти Аллоҳ ва рисолати Муҳаммад (с) ва дини ислом розӣ шудам), гуноҳонаш омурзида мешавад.

1041 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Дуъои байни азон ва иқомат рад намешавад.

## БОБИ 187. Фазилати намозҳо

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿ إِنَّ الصَّلَاةَ تَنْهَى عَنِ الْفَحْشَاءِ وَالْمُنْكَرِ ﴾ [العنكبوت: ٤٥].

Худованд мефармояд: ***Ҳамоно намоз (соҳибашро) аз ҳар кори зишт ва ношоиста бозмедорад.*** *(Анкабут: 45)*

1042 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Хабар диҳед, ки ҳар гоҳ ба дарвозаи яке аз шумо ҷӯйе бошад ва вай рӯзона панҷ бор дар он ғусл кунад, оё аз чиркҳояш чизе мемонад? Гуфтанд: аз

чиркҳояш чизе намемонад, фармуд: пас ин масал ва сифати намозҳои панчвақта аст, ки Худованд ба василаи он гуноҳонро маҳв менамояд.

1043 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуданд: Масали намозҳои панҷгона монанди ҷӯи пуробест, ки бар дарвозаи хонаи яке аз шумо ҷорӣ бошад ва ӯ рӯзона дар он панҷ бор ғусл намояд.

1044 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки марде занеро бӯса намуду сипас хидмати паёмбар (с) омада, эшонро бохабар сохт. Худованди бузург ин оятро нозил фармуд: **«ва ақимис-салота тарафайин-наҳори ва зулафан миналлайли инналҳасаноти юзҳибнассайййиоти»** (ва барпо дор намозро дар ду тарафи аввал ва охирии рӯз ва торикии шаб ки ҳамоно некиҳо бадиҳоро маҳв мекунад (сураи Ҳуд, ояти 114). Он мард гуфт: Оё ин фақат дар мавриди ман аст? Гуфт: Барои ҳамаи умматам мебошад.

1045 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Намозҳои панҷгона ва ҷумъа то ҷумъа каффора аст барои гуноҳоне, ки дар миёнашон воқеъ шуда, то модоме, ки гуноҳони кабира воқеъ нашаванд.

1046 - Аз Усмон ибни Аффон (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳеҷ мусалмоне нест, ки ҳангоми намози фаризааш бирасад ва ӯ некӯ вузӯ намуда ва хушуъ ва рукуъро ба ваҷҳи некӯ ба ҷой оварад, магар ин ки (*ин корҳо*) каффора аст, барои гуноҳони пеш аз он, то замоне ки гуноҳони кабира анҷом нашуда бошад ва ин амр дар тамоми вақт ҷорӣ аст.

## БОБИ 188. Фазилати намози субҳ ва аср

1047 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Расули Худо фармуд: Касе, ки намози бардайн (асру шом)-ро бигзорад ба биҳишт дохил шавад.

1048 - Аз Абузуҳайр Амора ибни Рувайба (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Касе, ки

пеш аз баромадани офтоб ва пеш аз ғуруби он намоз бихонад ҳаргиз ба ҷаҳанам дохил намешавад.

1049 - Аз Ҷундуб ибни Суфён ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки намози субҳро адо кунад, ӯ дар аҳду паймони Худост, пас бингар ай фарзанди одам, ки Худованд чизе аз аҳдашро аз ту талаб накунад.

1050 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: фариштагоне дар шаб ва фариштагоне дар рӯз дар пайи ҳамдигар дар миёни шумо меоянд ва дар намози субҳ ва аср бо ҳам як ҷо мегарданд, сипас онон ки бо шумо буданд, боло мераванд ва Парвардигорашон дар ҳоле ки ба ҳолашон донотар аст, аз онон мепурсад, ки бандагонамро чӣ гуна тарк кардед? Онҳо мегӯянд: гузоштем онҳоро дар ҳоле ки намоз мегузориданд ва назди онҳо омадем, дар ҳоле ки намоз мегузориданд.

1051 - Аз Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Мо дар ҳузури паёмбар (с) будем, ки ба сӯи моҳи шаби чаҳордаҳ нигариста фармуд: Бидуни шак шумо Парвардигоратонро монанди дидани ин моҳе ки мебинед хоҳед дид, ки дар он бар шумо ҳеҷ музоҳамате нахоҳад шуд пас агар тавонистед, ки мағлуб нашавед бар намози қабл аз баромадани офтоб (намози бомдод) ва намозе қабл ғуруби офтоб (намози аср) ин корро бикунед (Яъне ду намозро адо кунед).

1052 - Аз Бурайда (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: он ки намози асрро тарк кунад, намозаш ботил мегардад.

***Шарҳ:*** *Мурод аз ботил шудани амал ботил, шудани савоби он аст, яъне савоби аъмолаш ботил мешавад, яъне он ки ба воситаи кор ва амали дунё намози асрашро тарк кунад, аз кори дунёие, ки ӯро аз намоз боздошта, суде намебарад. Аммо касе, ки мункири вуҷуби он аст, ё тарки онро ҳам мешуморад, дар ин сурат он шахс кофир мегардад.*

## БОБИ 189. Фазилати рафтан ба сӯи масҷидҳо

1053 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: касе ки аввали рӯз ё аввали шаб ба сӯи масҷид равад, ҳар субҳ ва ё ҳар шоме, ки меравад, Худованд барояш дар биҳишт меҳмонсарое омода месозад.

1054 – Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: касе ки дар хонаи худ таҳорат намуда ва сипас ба хонае аз хонаҳои Худо (*масҷид*) биравад, то фарзе аз фароизи Худоро адо кунад, ҳар яке аз ҳар қадаме аз қадамҳояш гуноҳеро кам намуда ва қадами дигар мартабаи ӯро баланд мебарад.

1055 - Аз Убай ибни Каъб (р) ривоят шуда, ки гуфт: марди ансорие буд, ки хонаи касе аз хонааш дуртар аз масҷид набуд ва ҳеҷ намозе аз ӯ фавт намешуд. Ба ӯ гуфта шуд, чӣ мешуд, агар улоғе (*харе*) харидорӣ кунӣ, ки дар шиддати торикӣ ва гармои шадид бар он савор шавӣ? Гуфт: маро хуш намесозад, ки хонаам ба паҳлӯи масҷид бошад, ман мехоҳам, ки музди рафтан ба масҷид ва бозгаштам ба хонаводаам дар номаи аъмолам навишта шавад. Сипас Расули Худо (с) фармуд: Ҳароина Худои бузург ҳамаи онро бароят фароҳам кардааст.

1056 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт: Заминҳои атрофи масҷид холӣ шуд ва бани Салама (шохае аз ансоранд) хостанд ба наздики масҷид нақли макон намоянд. Ин хабар ба паёмбар (с) расид, ба онҳо фармуд: Ба ман хабар расида, ки мехоҳед наздики масҷид нақли макон намоед? Гуфтанд: Бале ё Расулуллоҳ мо қасди ин корро карда будем. Он ҳазрат (с) фармуд: Ҷойҳои худро маҳкам гиред, ки гомҳои зиёди шумо ба сӯи масҷид (дар номаи аъмоли шумо) навишта мешавад. Пас гуфтанд: Шод намешудем, агар нақли макон карда будем.

1057 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: бузургтарин мардум аз рӯи савоб дар намоз дуртарашон аз рӯи рафтан аст ва боз дуртарашон ва он ки интизори намозро мекашад, то онро бо имом адо кунад,

савобаш фузунтар аст аз он ки намозро (*танҳо*) хонда ва хоб меравад.

1058 - Аз Бурайда (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: ононеро, ки дар торикиҳо ба масоҷид мераванд ба нури комиле дар рӯзи қиёмат мужда диҳед.

1059 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Оё шуморо ба чизе роҳнамоӣ накунам, ки бо он гуноҳон маҳв гашта ва дараҷот баланд шавад. Гуфтанд: оре, ё Расули Худо (с) фармуд: Комил сохтани вузӯ дар сахтиҳо (*монанди сардӣ ва гармӣ*) ва қадам задани зиёд ба сӯи масоҷид ва мунтазир мондан барои намоз, баъд аз адои намоз, пас ин сангарро маҳкам гиред ва онро ҳамеша амалӣ намоед.

1060 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Чун шахсеро дидед, ки ба масҷид пайваста меояд ба имон доштани ӯ гувоҳӣ диҳед, Худои азза ва ҷалла фармуд: ***Иннамо яъмуру масоҷидаллоҳи ман омана биллоҳи валявми-л-охир*** (Ҳамоно обод мекунад масоҷиди Худоро он, ки ба Худо ва рӯзи растохез имон овардааст).

## БОБИ 190. Фазилати интизор кашидан барои намоз

1061 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамеша аст яке аз шумо дар намоз, модоме ки намоз мониъи вай шавад ва ҳеҷ чизе ҷуз намоз монеиъи баргашти вай ба хонаводааш нагардад.

***Шарҳ:*** *Аз ин ҳадис фазилати интизор кашидан барои намоз дониста мешавад, ҳамчунон ин ҳадис баёнгари он аст, ки модоме ки инсон дар интизори намоз дар масҷид меистад, монанде ки дар адои намоз барояш савоб дода мешавад, дар интизор низ савоб ва фазилате вуҷуд дорад, ки онро дармеёбад.*

1062 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: фариштагон барои яке аз шумо дуъо мекунанд, модоме ки вай дар ҷои намозаш, ки дар он намоз гузорида, қарор дошта бошад, то лаҳзае ки бевузӯ нашавад,

мегӯянд ***Аллоҳуммагфир лаҳу Аллоҳумма-рҳамҳу.*** (Худоё, ӯро биёмурз ва мавриди раҳматаш қарор деҳ).

1063 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) шабе намози хуфтанро то нисфи шаб ба таъхир андохтанд ва сипас баъд аз адои намоз ба мо рӯй оварда фармуд: Мардум намоз гузорида, хоб шуданд ва шумо аз лаҳзае, ки интизори намозро мекашидед, пайваста дар намоз будед.

## БОБИ 191. Фазилати намози ҷамоъат

1064 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: савоби намози ҷамоъат бар намози танҳоӣ бисту ҳафт баробар аст.

1065 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Намози шахс дар ҷамоат бисту панҷ баробари намозаш дар хона ва бозораш фузун мебошад, зеро чун вай вузӯ намуда, онро дуруст анҷом диҳад ва ба сӯи масҷид барояд, ки ҷуз намоз чизи дигаре сабаби баромадани вай нагашта бошад, гоме намениҳад, магар ин ки дар баробари он дараҷае барояш афзуда шуда ва гуноҳе аз вай кам мегардад ва чун намоз гузорад, ҳамеша фариштагон бар вай дуо мекунанд, то модоме ки дар ҷои намозаш буда ва бевузӯ нашавад, мегӯянд: ***Аллоҳумма салли ъалайҳи, аллоҳуммарҳамҳу*** (Худоё бар ӯ дуруд фирист. Худоё ӯро мавриди раҳмати хеш қарор деҳ) ва ҳамеша дар намоз аст (савоби намозро дармеёбад), то лаҳзае, ки интизори намозро бикашад.

1066 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, гуфт марди кӯр хидмати паёмбар (с) омада ва гуфт ё Расули Худо, ман роҳнамое надорам, ки маро ба масҷид оварад ва аз Расули Худо (с) хост, то ба вай иҷоза диҳад, ки дар хонааш намоз гузорад. Он ҳазрат (с) ба вай рухсат дод ва чун рӯй гардонид ӯро хоста ва ба вай фармуд: Оё азонро мешунавӣ. Гуфт: бале. Фармуд: Пас иҷобат кун.

1067 - Аз Абдуллоҳ ва гуфта шуда Амр ибни Қайс машҳур ба Ибни Умми Мактуми муаззин ривоят шуда, ки гуфт: Ё

Расулуллоҳ! Дар Мадина газандаҳо ва даррандаҳо зиёд аст. Он ҳазрат (с) фармуд: Чун «ҳайя ъала-с-салоҳ» ва «ҳайя ъала-л-фалоҳ»-ро мешунавӣ, пас бар он шитоб кун.

*Шарҳ: «Бояд гуфт: узрҳое, ки ҳозир нашудан ба ҷамоатро муҷоз мегардонад иборатанд аз: борони шадид, сардии шадид, торикии шадид, тарс аз душман, ё даррандагон, беморӣ ва ё ходими бемор, ки бемор ба ҷуз ӯ ходиму ҳамрозе надорад»*

1068 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти ӯст, қасд кардам, ки амр кунам ҳезум ҷамъ намоянд ва сипас ба барпо шудани намоз дастур диҳам, ки барои он азон гуфта шавад ва баъд касеро маъмур созам, ки ба мардум имомат диҳад ва сипас аз онҳо тахаллуф варзам ва ба хонаи касоне равам, ки ба намоз берун нашудаанд ва хонаҳояшонро ба сарашон бисӯзонам.

1069 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфт: касе ки шод мешавад ин ки фардо Худоро мулоқот кунад, дар ҳоле ки мусалмон бошад, бояд бар ин намозҳо мувозибат кунад, дар вақте ки эълони иқомаи он мешавад, зеро Худованд барои паёмбари шумо роҳҳои ҳидоятро намудор кардааст ва ин намозҳо аз ҳамин роҳҳои ҳидоятанд ва агар шумо мисли касе ки дар хонааш аз намози (*ҷамоъат*) тахаллуф меварзад, онро дар хонаҳои худ адо кунед, ҳамоно суннат ва тариқаи паёмбаратонро тарк намудаед ва агар суннати паёмбаратонро тарк кардед Ҳароина гумроҳ мешавед ва дар ҳақиқат дидам, ки аз он ҷуз мунофиқе, ки нифоқаш ошкор аст, касе тахаллуф намеварзид ва ҳамоно шахс ба намоз оварда мешуд, дар ҳоле ки дар миёни ду мард кашонда шуда ва бар онҳо такья карда буд, то ин ки дар саф гузошта мешуд. Ва дар ривояте аз вай омада, ки гуфт: Расули Худо (с) барои мо роҳҳои ҳидоятро омӯхт, ки аз ин ҷумла аст намози ҷамоъат дар масҷиде, ки дар он азон дода мешавад.

1070 - Аз Абудардо (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: ҳеҷ се нафаре дар деҳ ва ё бодияе вуҷуд надорад, ки намоз дар онҳо иқомат нашавад, магар ин ки шайтон бар онҳо гирд мешавад, пас бар шумо

бод, ки ҷамоъатро лозим гиред, зеро гург аз миёни гӯсфандон (*гӯсфанди*) дуршаванда ва танҳоро мерубояд.

***Шарҳ:*** *мафҳуми ҳадис ин аст, ки тарки ҷамоъат бидуни узр сабаби чира шудани васовиси шайтонӣ бар шахс мешавад, ин ки ин амр сабаби заъф ва парокандагӣ ва дар ҳам ва бар ҳам шудани ваҳдати мусалмонон мегардад.*

## БОБИ 192. Ташвиқ барои ҳузур дар ҷамоъати субҳ ва ъишо (хуфтан)

1071 - Аз Усмон ибни Аффон (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Касе ки намози ъишо (*хуфтанро*) дар ҷамоъат бигзорад, гӯйӣ ҳамаи шабро намоз гузоридааст. Ва дар ривояти Тирмизӣ аз Усмон (р) омада, ки паёмбар (с) фармуд: Он ки намози ъишоро бо ҷамоъат адо кунад, савоби қиёми нисфи шабро дарёфтааст ва он ки хуфтан ва субҳро дар ҷамоъат бигзорад, савоби қиёми ҳамаи шабро дармеёбад.

1072 – Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Агар мардум бидонанд, ки чу музде барои намозҳои хуфтану субҳ аст, агар ба хазидан ҳам бошад, ба он ҳозир мешаванд.

1073 – Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: ҳеҷ намозе бар мунофиқин аз намозҳои субҳ ва хуфтан гаронтар нест ва агар бидонанд, ки чи савобе дар ин ду аст, агар ба хазидан ҳам бошад, дар он ҳозир мешаванд.

## БОБИ 193. Амр ба мувозибат ва ҳамешагӣ бар намозҳои фариза ва манъи шадид аз тарки он

قال الله تعالى: ﴿حَافِظُوا عَلَى الصَّلَوَاتِ وَالصَّلَاةِ الْوُسْطَى﴾ [البقرة: ٢٣٨] وقال تعالى: ﴿فَإِنْ تَابُوا وَأَقَامُوا الصَّلَاةَ وَآتَوُا الزَّكَاةَ فَخَلُّوا سَبِيلَهُمْ﴾ [التوبة: ٥].

Худованд мефармояд: **Пайвастагӣ кунед бар ҳамаи намозҳо ва намози миёна, яъне ъаср.** *(Бақара: 238)*

**Пас агар тавба кунанд ва барпо доранд намозро ва бидиҳанд закотро бигзоред роҳашонро.** *(Тавба : 5)*

1074 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) пурсидам, ки кадом аъмол беҳтар аст? Фармуд: намоз дар вақташ. Гуфтам: боз кадом. Фармуд: некӣ кардан ба падару модар. Гуфтам: боз кадом? Фармуд: ҷиҳод фи сабилиллоҳ.

1075 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ислом бар панҷ бино устувор шудааст; шаҳодат додан ба ин ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад ва ин ки Муҳаммад (с) расул ва фиристодаи Худост ва барпо доштани намоз ва додани закот ва ҳаҷҷи Хона ва рӯзаи рамазон.

1076 - Ва низ аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Амр шудам, ки бо мардум биҷангам, то ин, ки шаҳодат диҳанд, ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки Муҳаммад расул ва фиристодаи Худост ва барпо доранд намозро ва бидиҳанд закотро. Пас ҳар гоҳ ин корро намуданд, хунҳо ва молҳои худро аз ман боздоштанд, магар ба ҳаққи ислом ва ҳисоби (ниҳонаш) бо Худованд (ҷалла ҷаллолуҳу) аст.

1077 - Аз Маъоз (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) маро ба Яман фиристода ва фармуд: Ту ҳамоно назди қавме аз аҳли Китоб меравӣ, пас онҳоро даъват кун, то гувоҳӣ диҳанд, ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки ман расул ва фиристодаи Худо мебошам. Агар онҳо дар ин амр аз ту пайравӣ карданд, онҳоро огоҳ кун, ки Худованд дар ҳар шабу рӯз панҷ вақт намоз барояшон фарз намудааст ва агар онҳо дар ин амр аз ту пайравӣ карданд, ононро огоҳ кун, ки Аллоҳ таъоло бар онҳо садақае фарз намуда, ки аз сарватмандонашон гирифта шуда ва ба фуқарояшон бозгардонида мешавад. Пас агар онҳо аз ин пайравӣ карданд, пас барҳазар бош аз ин ки молҳои нафис ва гаронбаҳояшонро бигирӣ ва аз дуъои мазлум ҳазар кун, зеро дар миёни он ва Худо парда ва ҳиҷобе нест.

1078 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: (*марзи фосил*) миёни мард ва ширк ва куфр тарки намоз аст.

1079 - Аз Бурайда (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Аҳду паймоне, ки миёни мову онҳо (мунофиқон) аст иборат аз намоз мебошад ва касе, ки онро тарк намуд батаҳқиқ кофир шудааст.

1080 - Аз Шақиқ ибни Абдуллоҳи тобеъӣ, ки ҳама бар бузургии шахсияташ муттафиқанд ривоят шуда, ки гуфт: Асҳоб ва ёрони Муҳаммад (ъалайҳи-с-салоту ва-с-салом) тарки ҳеҷ амалеро ҷуз намоз куфр нашумурданд.

*Шарҳ: Дар мавриди ин, ки торики намоз ба мисдоқи ин ҳадис ҳақиқатан кофир мешавад ё хайр уламо ихтилоф кардаанд. Аксарият бар ин ақидаанд, ки он ки намозеро аз рӯи танбалӣ тарк кунад, кофир намешавад ва агар чунон ки аз рӯи ҳалол шумаридан онро тарк кунад, кофир мешавад. Ҳамон гуна ки тарки намоз гуноҳи кабира аст ва мудовимот бар гуноҳи кабира инсонро ба куфр мекашонад.*

1081 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: бидуни шак аввалин амале, ки банда дар рӯзи қиёмат дар мавриди он муҳосаба мешавад, намози ӯст. Агар дуруст буд, ҳароина комёб ва растагор гардид ва агар фосид ва нодуруст шуд, ҳамоно ҳалок ва зиёнкор гардид ва агар аз фаризааш чизе кам шуд, Парвардигори ъазза ва ҷалла мегӯяд: Бубинед оё бандаам аз намозҳои нофила чизе дорад, то аз он чӣ аз фариза камбуд шуда, тамом гардонида шавад ва сипас бақияи аъмолаш бад-ин тартиб мебошад.

## БОБИ 194. Дар фазилати сафи аввал ва амр ба такмил намудани сафҳои аввал ва баробар намудани он ва ба ҳам пайваста будан дар он

1082 - Аз Ҷобир ибни Самура (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) бар мо баромад ва фармуд: Чаро мисле, ки

фариштагон дар баробари Худояшон саф мебанданд, саф намебандед? Гуфтем ё Расули Худо фариштагон дар баробари Парвардигорашон чи гуна саф мебанданд? Фармуд: Сафҳои аввалро комил намуда ва бо назм дар саф истода мешаванд (*яъне, ҷойи холӣ дар миёнашон боқӣ намемонад*).

1083 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ мардум бидонанд, ки чи манзалат ва савобе барои азон ва саффи аввал аст ва сипас онро ба ҷуз аз тариқи қуръае наёбанд, ҳатман барояш қуръа меандозанд.

1084 – Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: беҳтарин сафҳои мардон, аввали он аст ва бадтарини он охири он аст ва беҳтарин сафҳои занон охири он аст ва бадтарини он аввали он аст.

1085 - Аз Абусаъиди Худрӣ ривоят шуда, ки Расули Худо (с) асҳоби хешро дид, ки баъзе охиртар қарор доранд, «дар сафҳои намоз ё сафҳои илм», ба онҳо фармуд: наздик оед ва ба ман иқтидо кунед, то касоне, ки дар пушти сари шумо ҳастанд, ба шумо иқтидо намоянд (яъне, ҳаракоти шуморо тақлид кунанд). Ҳамеша гурӯҳе дар охир қарор мегиранд, то ин ки Худованд онҳоро дар охир қарор медиҳад.

1086 - Аз Абумасъуд (р) ривоят аст, Расули Худо (с) шонаҳои моро дар намоз даст кашида, мефармуд баробар истода шавед ва ихтилоф накунед, «ки шонаҳои баъзе наздиктар аз шонаҳои гурӯҳи дигар бошад, то дилҳои шумо ба ҳам ихтилоф накунад ва бояд касоне, ки оқилу болиғанд, наздик истода шаванд ва боз касоне, ки ба онҳо наздиканд (монанди атфоли ноболиғ) ва боз касоне, ки ба онҳо наздиканд (мисли муханнасҳо ё занон).

1087 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Сафҳои худро баробар кунед, зеро баробар кардани сафҳо аз ҷумлаи камоли намоз аст ва дар ривояте аз Бухорӣ омада, ки зеро баробар кардани суфуф аз ҷумлаи иқомаи намоз аст.

1088 – Ҳамчунин аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: намоз иқома шуд ва Расули Худо (с) ба тарафи мо рӯй оварда фармуд:

Сафҳои худро баробар намуда, ба ҳам пайваста биистед, зеро ман шуморо аз пушти сарам мебинам.

1089 - Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳароина шумо сафҳои худро баробар хоҳед кард, ё ин ки Худованд дар миёни шумо ҳатман ихтилоф хоҳад андохт.

Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки Расули Худо (с) сафҳои моро баробар менамуд, ҳатто ки гуйӣ ба василаи он қидоҳ (*чӯбҳои тир*)-ро баробар мекунад, то ин ки дид, ки мақсудашро фаҳмидаем. Сипас рӯзе баромад ва истод, то ин ки наздик буд, такбир гӯяд, мардеро дид, ки синааш аз саф ошкоро буд. Пас фармуд: Эй бандагони Худо, ё ҳатман сафҳои худро баробар хоҳед кард ва ё ин ки Худованд ҳатман дар байни шумо ихтилоф хоҳад андохт.

1090 - Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) ба саф аз як гӯша то гӯшаи дигар дохил шуда синаҳо ва шонаҳоямонро даст кашида мефармуд: Ихтилоф накунед дар сафф то дилҳои шумо бо ҳам ихтилоф накунанд ва мефармуд: Ҳамоно Худованди муттаъол ва фариштагонаш бар сафҳои аввал дуруд мефиристанд.

1091 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: сафҳоро дуруст намуда ва шонаҳоро баробар карда ва холигоҳҳоро бибандед ва дар баробари дастҳои бародаронатон нарм шавед ва кушодагиҳое барои шайтон магзоред ва касе, ки саферо пайваста ва васл намояд, Худованд ӯро пайваста медорад (*яъне, раҳматашро бар ӯ нозил мекунад*) ва касе, ки саферо қатъ кунад, Худованд ӯро қатъ мекунад (*яъне ӯро аз раҳматаш дур мекунад*)

***Шарҳ:*** *нарм шавед ин аст, ки чун бародарони шумо шуморо ба дастҳои хеш дар сафи намоз рост намуданд дар баробарашон нармиш кунед ва бо эшон мувофақат ва ҳамкорӣ намоед.*

1092 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: сафҳои худро маҳкам кунед ва онҳоро ба ҳам наздик гиред ва гарданҳои худро ба ҳам баробар намоед. Пас савганд ба Зоте,

ки ҷонам дар дасти ӯст, ки Ҳароина ман шайтонро мебинам, ки аз холигоҳҳои сафҳо монанди ҳазаф (баррчаи сиёҳи кӯчаке дар Яман аст) дохил мегардад.

1093 – Ҳамчунин аз Анас (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Тамом кунед сафи пешро, баъд саферо, ки наздики он аст ва он чӣ нуқс аст, бояд дар сафи охир бошад.

1094 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно Худои бузург ва фариштагон бар сафҳои рости ҷониби имом дуруд мефиристанд.

1095 - Аз Бароъ (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун пушти сари Расули Худо (с) намоз мегузоридем, дӯст медоштем, ки аз ҷониби росташ бошем, ки ба тарафи мо рӯ гардонад ва аз эшон шунидам, ки мефармуд: ***«Рабби қинни̅ азобика явма табъасу ав таҷмаъу ибодака».*** Бор Худоё! Маро дар рӯзе, ки бандагонатро бармеангезӣ (ё фармуд-гирд меоварӣ) аз азобат нигоҳ дор.

1096 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Имомро дар миёна қарор дода ва фосилаҳоро банд кунед.

## БОБИ 195. Фазилати адои суннатҳои муаккада ҳамроҳ бо намозҳои фариза ва баёни камтари он ва комилтар ва миёнаи он

1097 - Аз Уммулмӯъминин умми Ҳабиба Рамла бинти Абусуфён (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: ҳеҷ бандаи мусалмоне нест, ки рӯзона дувоздаҳ ракаъат нофила, ғайр аз фариза барои Худои таъоло бигзорад, магар ин ки Худованд барояш дар биҳишт хона месозад ё фармуд: магар ин ки барояш дар биҳишт хона сохта мешавад.

1098 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки бо Расули Худо (с) ду ракаъат пеш аз зуҳр (*пешин*) ва ду ракаъат баъд аз зуҳр

ва ду ракъат баъд аз ҷумъа ва ду ракаъат баъд аз шом ва ду ракаъат баъд аз хуфтанро гузоридам.

1099 - Аз Абдуллоҳ ибни Муғаффал (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Байни ҳар ду азон намозест, байни ҳар ду азон намозест, байни ҳар ду азон намозест. Дар мартабаи саввум фармуд, барои он ки бихоҳад.

***Шарҳ:*** *мурод аз (ду азон) азон ва иқомат аст ва аз ин ҳадис дарёфта мешавад, ки намоз гузоридан, дар миёни ҳар азон ва иқомат мустаҳаб аст.*

## БОБИ 196. Таъкид бар суннати субҳ

1100 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) чаҳор ракаъат пеш аз зуҳр ва ду ракаъат пеш аз субҳро тарк наменамуд.

1101 – Ва низ аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: паёмбар (с) бар чизе аз нофилаҳо беш аз ду ракаъати субҳ мувозибат намефармуд.

1102 - Ҳамчунон аз Оиша (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ду ракаъати субҳ аз дунё ва он чи ки дар он аст, беҳтар аст. Ва дар ривояте омада: Ҳамоно ин ду ракаъат бароям аз ҳамаи дунё дӯстдоштанитар аст.

1103 - Аз Абуабдуллоҳ Билол ибни Рабоҳ (р) муаззини Расули Худо (с) ривоят шуда, ки вай хидмати Расули акрам (с) омад, то эшонро аз намози субҳ огоҳ созад ва Оиша Билолро ба коре, ки аз вай савол намуд, машғул дошт, то ин ки субҳ дамид. Боз Билол бархосту эшонро бохабар намуд, вале Расули Худо (с) берун нашуд ва чун баромад, бар мардум намоз гузорид. Вай огоҳашон намуд, ки Оиша ӯро ба коре, ки аз вай суол намуд, машғул дошт, то ин ки хуб субҳ шуд ва ин ки эшон дертар берун шуданд. Паёмбар (с) фармуд: Ман ду ракаъат субҳро адо намудам. Гуфт: Ё Расулуллоҳ, бисёр субҳ кардед. Фармуд: Агар бештар аз ин ҳам субҳ мекардам, ҳароина он ду ракаъатро мегузоридам ва некӯтар ва зеботар адояш мекардам.

## БОБИ 197. Сабук гузоридани ду ракаъати субҳ ва он чи дар он хонда мешавад ва вақти он

1104 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) ду ракаъати субҳро дар байни азон ва иқомаи намози субҳ сабук мегузоред.

Ва дар ривояте аз Бухорӣ ва Муслим омада, ки ду ракаъати субҳро хонда ва онро ба тачри хафиф ва сабук мегузорид, ки бо худ мегуфтам: Оё дар онҳо Умму-л-Қуръон (*Сураи Фотиҳа*)-ро хондааст?

Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки чун азони субҳро мешунид, ду ракаъати субҳро гузорида ва онро ба таври хафиф ва сабук мегузорид. Ва дар ривояте омада, ки чун субҳ тулӯъ менамуд.

1105 - Аз Ҳафса (р) ривоят аст, ки чун муаззин азони субҳро медод ва субҳ оғоз мешуд, Расули Худо (с) ду ракаъати сабук мегузорид. Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки чун субҳ тулӯъ менамуд, Расули Худо (с) ҷуз ду ракаъати хафифа намегузорид.

1106 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбар (с) вақти шаб ду-ду ракаъат намоз мегузорид ва дар охири шаб як ракъат витр мегузорид ва ду ракаъат пеш аз намози субҳ адо менамуд, ки гӯӣ азон дар гӯшҳояшон аст.

1107 - Аз Ибни Аббос (с) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) дар дур ракаъати субҳ дар аввалаш **қулӯ оманно билоҳи ва мо унзила илайно** ояеро, ки дар Бақара аст ва дар дуввумаш **(оманно билоҳи вашҳад бианно муслимун)**- ро мехонд. Ва дар ривояте омада, ки (ва) дар охири он ояеро, ки дар Оли Имрон аст: **Таъолав ило калиматин савоин байнано ва байнакум**-ро мехонданд.

1108 - Аз Абуҳурайра (р) марвист, ки Расули Худо (с) дар ду ракаъати субҳ **Қул ё айюҳа-л-кофирун** ва **Қул ҳуваллоҳу аҳадро** мехонд.

1109 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Ман як моҳ паёмбар (с) таъқиб намудам, ки дар ду ракъати пеш аз субҳ **(Қул ё аюҳа-л-кофирун)** ва **(Қул ҳуваллоҳу аҳад***)*-ро мехонд.

## БОБИ 198. Истиҳбоби истироҳат намудан бар паҳлӯи рост, баъд аз ду ракаъат (суннати) субҳ ва тарғиб бар он хоҳ дар шаб таҳаҷҷуд карда бошад ё хайр

1110 – Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун Паёмбар (с) ду ракаъати субҳро мегузорид, ба паҳлӯи рости хеш истироҳат менамуд.

1111 - Ва низ аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: паёмбар (с) дар васати он ки аз намози ъишо (*хуфтан*) фориғ шавад, то намози субҳ ёздаҳ ракаъат мегузорид, ки байни ҳар ду ракаъат салом медод ва як ракаъатро витр мегузорид ва чун муаззин аз азони субҳ сукут менамуд ва субҳ барояш падидор мешуд ва муаззин хидматаш меомад ва бархоста ду ракаъати кӯтоҳ гузорида ва сипас ба паҳлӯи росташ истироҳат менамуд, то ин ки муаззин барои иқома наздаш меомад.

1112 - Аз Абуҳурайра (р) марвист, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун яке аз шумо ду ракаъати субҳро гузорад, бояд ба паҳлӯи росташ истироҳат кунад (такя кунад).

## БОБИ 199. Суннати намози зуҳр

1113 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: бо Расули Худо (с) ду ракаъат пеш аз зуҳр ва ду ракаъат баъд аз зуҳр гузоридам.

1114 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) чаҳор ракаъат пеш аз зуҳрро тарк наменамуд.

1115 – Ва низ аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: паёмбар (с) дар хонаам чаҳор ракаъат гузорида ва боз бармеомад ва барои мардум намоз мегузорид ва боз ба хона даромада ва ду ракаъат мегузорид ва намози шомро ба мардум гузорида ва боз дохил шуда ду ракаъат мегузорид ва бар мардум намози ъишоро хонда ва боз ба хонаам дохил шуда ду ракаъат мегузорид.

1116 - Аз Умми Ҳабиба (р) марвист, ки Расули Худо (с) фармуд: касе, ки бар чаҳор ракъат пеш аз зуҳр ва чаҳор ракъат баъд аз он пайвастагӣ ва мудовимат кунад, Худованд ӯро бар оташи дӯзах ҳаром месозад.

1117 - Аз Абдуллоҳ ибни Соиб (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) пас аз заволи офтоб ва пеш аз намози зуҳр чаҳор ракъат мегузорид ва фармуд: Ҳароина ин лаҳзаест, ки дар он дарвозаҳои осмон боз мешавад ва дӯст медорам ки амали солеҳе аз ҷонибам дар он боло равад.

1118 - Аз Оиша (р) ривоят шуда ки гуфт ҳар гоҳ Расули Худо (с) пеш аз намози зуҳр чаҳор ракаъат намоз намегузорид, онро баъд аз фариза адо менамуд.

## БОБИ 200. Суннати аср

1119 - Аз Алӣ ибни Абутолиб (р) ривоят шуда, ки гуфт паёмбар (с) пеш аз аср чаҳор ракаъат мегузорид, ки дар миёни онҳо ба салом бар малоикаи муқарраб ва мӯъминин ва муслимине, ки аз онҳо пайравӣ мекунанд, фосила меафганд. Яъне, пас аз ду ракъат салом медод.

1120 - Аз Ибни Умар (р) марвист, ки паёмбар (с) фармуд: Худованд раҳм кунад, касеро ки пеш аз аср чаҳор ракаъат намоз бигзорад.

1121 - Аз Алӣ ибни Абутолиб (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) пеш аз аср ду ракаъат намоз мегузорид.

## БОБИ 201. Суннати пеш аз намози шом ва суннати пас аз он

1122 - Аз Абдуллоҳ ибни Муғаффал (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: пеш аз шом намоз гузоред ва дар бори саввум фармуд, барои он ки бихоҳад.

***Шарҳ:*** *яъне, барои он ки хоста бошад, пеш аз адои фарзи намози шом нофилае бигзорад, монеъе вуҷуд надорад.*

1123 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ман бузургони асҳоби (Расули Худо (с)-ро дидам, ки дар вақти шом ба устувонаҳои масҷид сабқат мечустанд.

*Шарҳ: Мафҳуми ҳадис он аст, ки онон пеш аз адои намози фарзи шом ду ракаъат нофила мегузориданд.*

1124 - Ҳамчунон аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Мо дар замони Расули Худо (с) баъд аз ғуруби офтоб ва пеш аз намози шом ду ракъат мегузоридем. Гуфт: Моро медид, ки онро мегузорем, вале на моро ба он амр фармуд ва на ҳам аз он манъ намуд.

1125 - Боз аз Анас (р) ривоят шуд, ки гуфт: Мо дар Мадина будем ва чун муаззин азон мегуфт, мардум ба (сутунҳои) масҷид сабқат ҷуста, ду ракаъат намоз мегузориданд. Чунон, ки вақте марди ғариб ва бегона ба масҷид ворид мешуд аз бисёрии касоне, ки онро мегузориданд, гумон менамуд, ки намози адошуда аст.

## БОБИ 202. Суннати пеш ва пас аз намози ъишо (хуфтан)

Дар ин боб ҳадиси Ибни Умар (р) гузаштааст, ки паёмбар (с) баъд аз ъишо ду ракаъат гузориданд ва ҳадиси Абдуллоҳ ибни Муғаффал (бо шумораи 1099 аст), ки байни ҳар ду азон намозест.

## БОБИ 203. Дар ин маврид ҳадиси Ибни Умар гузашт, ки вай бо Паёмбар (с) пас аз ҷумъа ду ракаъат намоз гузорид. Суннати ҷумъа

1126 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуд, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо ҷумъаро адо намуд, бояд баъд аз он чаҳор ракаъат намоз бигзорад.

1127 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) пас аз ҷумъа намоз намегузорид то ин, ки бозмегашт ва дар хонааш ду ракаъат намоз мегузорид.

## БОБИ 204. Истиҳбоби адои намозҳои нофилаи ротиба ва ғайри он дар хона ва амр ба дур шудан аз ҷои адои фариза барои адои нофила ва фосила дар миёни он ду ба сухан гуфтан

1128 - Аз Зайд ибни Собит (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Эй мардум, дар хонаҳоятон намоз гузоред, зеро беҳтарин намози шахс ҷуз фариза намозест, ки дар хонааш мегузорад.

1129 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: бархе аз намозҳоятонро дар хонаатон бигзоред ва хонаи худро гӯристон масозед.

***Шарҳ:** Яъне, ҳамон гуна ки мурдагон дар қабрҳояшон наметавонанд намоз бигзоранд ва ибодати ҳақро намоянд, хонаҳои муслимин набояд он гуна бимонад, ҳамчунон барои ин ки дарсе шавад барои фарзандонамон, то намозро биёмӯзанд ва бар он хӯй гиранд ва муҳаббати намоз дар дилашон ҷойгузин гардад ва барои он ки афроди хонаводаамон бад-он истиқомат варзанд.*

1130 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳаргоҳ яке аз шумо намозашро дар масҷид адо намояд бояд барои хонааш аз намозаш баҳрае бигардонад, зеро Худои таъоло ба воситаи намозаш дар хонааш хайру баракат мениҳад.

1131 - Аз Умар ибни Ато ривоят шуда, ки Нофеъ ибни Ҷубайр ӯро назди Соиб ибни Язид, писари хоҳари Намр фиристод, то аз вай дар бораи он чи ки Муъовия (р) аз ӯ дар намозҳо дида буд, пурсиш намояд. Вай гуфт: Оре, ман ҷумъаро бо ӯ дар ҳуҷра (*хона*) хондам ва чун имом салом дод, дар ҷоям истода, намоз гузоридам, чун вай ба хонааш ворид шуд, касеро

наздам фиристода ва гуфт: дубора ин корро макун чун ҷумъаро гузоридӣ онро ба намозе пайваста масоз, то сухан гӯӣ ва ё берун ойӣ, зеро Расули Худо (с) моро ба ин амр намуд, ки ҳеҷ намозеро ба намози дигар пайваста насозем, магар ин ки сухан гӯем ва ё берун оем.

***Шарҳ:*** *ин ҳадис чунин ифода мекунад, ки суннат он аст, ки дар миёни намози фариза ва намози нофила фосилае эҷод шавад, ба гунае, ки намозгузор бояд сухан кунад ё аз масҷид ба сӯи хонааш барояд ва ё ҳам ҷои адои намози фаризаро тағйир диҳад.*

## БОБИ 205. Намози витр. Баёни ин ки он суннати муаккада аст ва вақти он

1132 - Аз Алӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: витр монанди намози фариза ҳатмӣ нест, лекин Расули Худо (с) онро суннат намуда ва фармуд: Ҳароина Худованд витр (якто) аст ва витрро дӯст медорад. Пас, эй аҳли Қуръон! Витрро адо кунед.

1133 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) дар ҳама лаҳзаҳои шаб витрро гузориданд, дар оғозаш ва нимааш ва охираш ва витрашон ба саҳар поён ёфт.

1134 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) фармуд: витрро охирин намози шаби худ бигардонед.

***Шарҳ:*** *яъне навофилеро, ки мегузоред, пеш аз намози витр тамом кунед ва дар охири он витрро адо намоед.*

1135 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Пеш аз он ки субҳ шавад, витрро бигзоред.

1136 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) намози шабашонро мегузорид дар ҳоле, ки ӯ пеши рӯи эшон дароз кашида буд ва чун витр боқӣ мемонд, ӯро бедор намуда, витрро мегузорид. Ва дар ривояте аз вай омада, ки чун витр боқӣ мемонд мефармуд! Эй Оиша, бархез ва намози витрро адо кун.

1137 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармуд: Витрро пеш аз субҳ адо кунед.

1138 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки битарсед аз он ки дар охири шаб барнамехезад, бояд дар аввали шаб витрро бигзорад ва он ки (*бар ҳасби одаташ*) медонад, ки дар охири шаб бармехезад, бояд дар охираш витрро бигзорад, зеро намози охири шаб тавъам бо ҳузури малоик аст ва он беҳтар аст.

## БОБИ 206. Фазилати намози зуҳо (чошт) ва баёни каму беши он ва ташвиқ бар мувозибат ва пойдорӣ бар он

1139 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Халилам (с) маро тавсия фармуд, ки дар ҳар моҳ се рӯз рӯза бидорам ва ду ракаъати зуҳоро адо намоям ва ин ки витрро пеш аз хобидан бигзорам.

***Шарҳ:*** *таваҷҷуҳ ба ин амр мувозибат бар гирифтани се рӯз рӯза дар ҳар моҳ ва адои намози зуҳо (намозе, ки пас аз тулӯъи офтоб ва пеш аз завол гузорида мешавад) ва адои намози витр ҳамзамон бо рафтан ба бистар барои истироҳат дар покии рӯҳи мӯъмин ва тақвияти буъди маънавӣ дар вуҷудаш ниҳоят муассир аст ва хайри дунё ва охирати ӯро дар бар дорад.*

1140 - Аз Абузар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: ба ҳар банде аз бандҳои вуҷуди яке аз шумо садақа лозим мегардад. Пас ҳар тасбиҳе (субҳоналлоҳ гуфтан) садақа ва ҳар таҳмиде (алҳамдулиллоҳ гуфтан) низ ва ҳар таҳлиле (ло илоҳа иллаллоҳ гуфтан) ҳамчунин ва ҳар такбире низ ва амри ба маъруф садақа аст ва наҳйи аз мункар низ. Ба ҷои ҳамаи инҳо ду ракаъате, ки шахс дар чоштгоҳ бигзорад (намози зуҳо) басанда аст.

1141 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт Расули Худо (с) намози зуҳоро чаҳор ракаъат мегузорид ва ба андозае, ки Худо мехост меафзуд.

1142 - Аз Умми Ҳониъ Фохита бинти Абутолиб (р) ривоят шуда, ки гуфт дар соли фатҳ хидмати Расули Худо (с) рафта ва дидам, ки ғусл менамояд ва чун аз ғуслаш фароғат ёфт, ҳашт ракаъат гузорид ва ин намози зуҳо буд (Ниг. ба ҳадиси 75).

## БОБИ 207. Дар он ки гузоридани намози зуҳо (чошт) аз ҳангоми баланд шудани офтоб то заволи он аст ва беҳтар он аст, ки дар ҳангоми хуб баланд шудани офтоб ва сахтии гармӣ ва ҳарорат гузорида шавад

1143 - Аз Зайд ибни Арқам (р) ривоят шуда, ки вай гурӯҳеро дид, ки намози зуҳоро мегузориданд ва гуфт: оё надонистанд, ки намоз дар ғайри ин соат беҳтар аст, ҳамоно Расули Худо (с) фармуд: Намози руҷуъкунандагон (*ба Худо*) замонест, ки бачаи шутур аз гармии тоб ва таб меафтод (*яъне, гармӣ фузун мешавад*).

## БОБИ 208. Ташвиқ бар адои ду ракаъат намози таҳияи масҷид ва кароҳияти нишастан пеш аз он ки ду ракаъатро бигзорад, ҳар лаҳзае, ки вориди масҷид шавад хоҳ ду ракаъатро ба нияти таҳияи масҷид гузорад ё намози фариза ё суннати муаккада ва ё ғайри он

1144 - Аз Абуқатода (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо ба масҷид даромад, бояд нанишанад, то ду ракаъат намоз бигзорад.

***Шарҳ:*** *таваҷҷуҳ ба адои ду ракаъат намоз ба унвони таҳияи масҷид дар вуруд ба масҷид аз сунани Муҳаммадӣ (с) аст, ки дар миёни мо мутаассифона тақрибан матрук гашта ва сазовор аст, дар эҳёи амали ин амри писандида ва мустаҳаб уламои аълом ва мубаллиғини мусалмон ҳиммат гуморанд.*

1145 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт: хидмати Паёмбари Худо (с) омадам, дар ҳоле ки дар масҷид ҳузур доштанд ва фармуд: ду ракаъат намоз бигзор!

## БОБИ 209. Истиҳбоби гузоридани ду ракаъат намоз пас аз вузӯ гирифтан

1146 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) барои Билол (р) фармуд: Эй Билол! Ба ман аз умедворкунандатарин амале, ки дар ислом анҷом додаӣ сӯҳбат кун, зеро ман садои кафшҳоятро пешопеш дар биҳишт шунидам. Гуфт: анҷом надодам аъмолеро, ки умедворкунандатар бошад, бароям аз он ки ҳеҷ лаҳзае аз рӯз ё шаб таҳорате накардам ва вузӯе нагирифтам, магар ин ки бо он туҳур ба андозае, ки бароям мақдур шуда буд, намоз гузоридам.

***Шарҳ:*** *ин ҳадис фазилати Билоли ҳабаширо ифода мекунад, чунон ки аҳамияти адои навофилро бозгӯ менамояд.*

## БОБИ 210. Фазилати рӯзи ҷумъа ва вуҷуби он ва ғусл кардан ва хушбӯӣ дар он ва рафтан барои адои намоз ва дуъо дар рӯзи ҷумъа ва дуруд фиристодан бар паёмбар (с) ва он ки дар он соат иҷобат ва қабул аст ва истиҳбоби бисёр ёд намудани Худованд (ҷалла ҷалолуҳу) пас аз адои намоз

قالَ اللهُ تعالى: ﴿فإذا قُضِيَتِ الصَّلاةُ فَانْتَشِرُوا في الأرْضِ، وَابْتَغُوا مِنْ فَضْلِ اللهِ، وَاذْكُرُوا اللهَ كَثِيراً لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ﴾ [الجمعة: ١٠].

Худованд мефармояд: **Пас чун намоз тамом шуд, дар замин пароканда шавед ва аз фазли Худо талаб карда ва Худоро бисёр ёд кунед, то растагор шавед.** *(Ҷумъа: 10)*

1147 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Беҳтарин рӯзе, ки офтоб бар он тулӯъ намуд, рӯзи ҷумъа аст ва дар он Одам офарида шуд, дар он ӯро ба биҳишт ворид сохтанд ва дар он аз он берун ронда шудааст.

1148 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят, ки Расули Худо (с) фармуданд: касе ки вузӯ гирад ва дуруст вузӯ созад ва баъд ба намози ҷумъа равад ва (хутбаро) бишнаваду сокит бошад, миёни ӯ ва ҷумъаи оянда ва зиёдати се рӯзи дигар барояш омурзида шавад ва касе ки сангрезаро бо дасташ дур кунад, кори лағвву беҳударо анҷом додааст.

1149 - Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: намозҳои панҷгона ва ҷумъа то ҷумъа ва рамазон то рамазон маҳвкунандаи гуноҳонеанд, ки дар байни онҳо ба вуқӯъ пайваста, модоме ки аз гуноҳони кабира дурӣ ҷуста шавад.

1150 – Ва аз Абуҳурайра (р) ибни Умар (р) ривоят шуда, ки он ду аз Расули Худо (с) шуниданд, ки бар минбар мефармуд: Ҳамоно гурӯҳе аз тарки намозҳои ҷумъаи худ худдорӣ хоҳанд кард ва ё ин ки ҳатман Худованд бар дилҳояшон муҳр хоҳад зад (*ин корро сабаби гумроҳияшон қарор хоҳад дод*) ва сипас аз ҷумлаи ғофилон ва бехабарон хоҳанд буд.

1151 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда ки Расули Худо (с) фармуданд: ҳар гоҳе яке аз шумо ба намози ҷумъа меояд, бояд ғусл намояд.

1152 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ғусли рӯзи ҷумъа бар ҳар касе ки болиғ аст, лозим мебошад.

1153 - Аз Самура (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуданд: Касе, ки дар рӯзи ҷумъа вузӯ намояд, ба рухсати хубе чангзада аст ва некӯ рухсатест ва касе ки ғусл кунад, пас он беҳтар аст.

1154 - Аз Салмон (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: ғусл намекунад марде дар рӯзи ҷумъа, ки ба қадри тавон таҳорат намуда, аз равғанаш бимолад ё аз хушбӯие, ки дар хонааш ҳаст, истеъмол кунад, сипас барояд дар ҳоле ки

миёни ду шахс ҷудоӣ наяфкананд ва сипас ба андозае, ки барояш фарз шуда, намоз гузорад ва чун имом сӯҳбат кунад, хомӯш бинишинад, магар ин ки миёни ӯ ва ҷумъаи дигар (*гуноҳони сагирааш*) барояш омурзида мешавад (Ниг. ба ҳадиси 84).

1155 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки дар рӯзи ҷумъа монанди ғусли ҷанобат ғусл намояд ва сипас дар соати аввал биравад, мисли он аст, ки шутуреро садақа карда бошад ва он ки дар соати дуввум биравад, монанди он аст, ки говеро садақа карда бошад ва он ки дар соати саввум биравад, мисли он аст, ки гӯсфанди шохдореро садақа карда бошад ва он ки дар соати чаҳорум биравад, мисли он аст, ки мурғеро садақа карда бошад ва он ки дар соати панҷум биравад, мисли он аст, ки тухми мурғеро садақа карда бошад ва чун имом бараояд, фариштагон барои шунидани хутба ҳозир мешаванд.

1156 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) рӯзи ҷумъаро ёд карда ва фармуд: Дар он соатест, ки ҳеҷ бандаи мусалмоне, ки истода намоз мегузорад ба он баробар намешавад, дар ҳоле ки аз Худованд чизеро металабад, магар ин ки онро ба вай медиҳад ва ба дасташ ишора намуд, ки онро кам мешумурд.

***Шарҳ:*** *Дар мавриди соати мавриди иҷобат дар ҷумъа Муҳиббуддини Табарӣ мегӯяд: саҳеҳтарин аҳодис дар ин маврид ҳадиси Абумӯсо ва машҳуртарини ақвол қавли Абдуллоҳ ибни Салом аст, ки он охирин лаҳзаест баъд аз асри рӯзи ҷумъа, ҳарчанд бархе гӯянд, ки ин соат аз замоне, ки имом бар минбар менишинад, шурӯъ ва то адои намоз идома меёбад.*

1157 - Аз Абубурда ибни Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят шуда ки гуфт: Ибни Умар (р) гуфт: оё шунидӣ, ки падарат дар мавриди соати ҷумъа аз Расули Худо (с) чизеро суҳбат кунад? Гуфтам: оре аз вай шунидам, ки мефармуд: он миёни нишастани имом аст, то он ки намоз адо шавад.

1158 - Аз Авс ибни Авс (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ҷумъа аз беҳтарин рӯзҳои шумост, пас дар он бар ман зиёд дуруд фиристед, зеро дуруди шумо бар ман арза мешавад.

## БОБИ 211. Мустаҳаб будани саҷдаи шукр ҳангоми ба даст омадани неъмати ошкор ё дур шудани балои ошкор

1159 - Аз Саъд ибни Абиваққос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз Макка бо Расули Худо (с) берун омадем, дар ҳоле, ки қасди Мадинаро доштем. Чун ба Азваро расидем, он ҳазрат (с) фуруд омада дастҳояшро баланд кард ва соате дуо намуда, баъд ба саҷда афтод, муддати дароз диранг кард ва баъд бархоста дастҳои худро соате баланд намуда, боз ба саҷда афтод ва се бор ин корро намуд ва фармуд: Ман аз Парвардигорам дархости шафоъати умматамро кардам ва Ӯ таъоло се ҳиссаи умматамро ба ман дод ва барои шукри Парвардигорам ба саҷда афтодам ва боз сарамро бардошта аз Парвардигор барои умматам дархости авф намудам ва ба ман се ҳиссаи дигарро дод. Барои Парвардигорам ба саҷда афтодам ва боз сарамро баланд намуда ва аз Парвардигорам шафоати умматамро талаб кардам, ки сеяки дигарро ҳам ба ман дод ва ман барои шукри Парвардигорам ба саҷда афтодам.

## БОБИ 212. Фазилати қиёми шаб

قالَ اللهُ تَعالَى: ﴿وَمِنَ اللَّيْلِ فَتَهَجَّد بِهِ نَافِلَةً لَكَ، عَسَى أن يَبْعَثَكَ رَبُّكَ مَقاماً مَحمُوداً﴾ [الإسراء: ٧٩]. وقالَ تَعالى: ﴿تَتَجافَى (١) جُنوبُهُم عَنِ المَضاجِعِ﴾ [السجدة: ١٦]. وقالَ تَعالى: ﴿كَانُوا قَلِيلاً مِنَ اللَّيْلِ ما يَهْجَعُونَ﴾ (٢) [الذاريات: ١٧].

Худованд мефармояд: **Ва посе аз шаб ба Қуръон хондан ва шабхезӣ бедор бош, ки зиёда шуд барои ту, қариб аст, ки Парвардигорат туро ба мақоми писандида истода кунад.** *(Исро: 79)*

**(Мӯъминон) Дур мемонад паҳлӯҳояшон аз хобгоҳҳо.** *(Сачда: 16)*

**Буданд (муттақин) бар ин сифат, ки андаке аз шаб мехобиданд.** *(Зориёт: 17)*

1160 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Расули акрам (с) ба андозае шабзиндадорӣ мекард ва намози шаб мегузорид, ки пойҳояшон варам менамуд. Ба эшон гуфтам: Ё Расулуллоҳ чаро ин корро мекунед? Дар ҳоле, ки гуноҳи гузашта ва ояндаи шумо бахшида шудааст? Фармуд: Оё бандаи шукргузор набошам?

1161 - Аз Алӣ (р) ривоят шуда, ки Паёмбар (с) назди ӯ ва Фотима (р) омада фармуд: Оё намоз намегузоред?

1162 - Аз Солим ибни Абдуллоҳ ибни Умари Хаттоб (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Абдуллоҳ (*ибни Умар*) марди некест, агар намози шабро мегузорад. Солим гуфт: баъд аз он Абдуллоҳ ҷуз посе аз шабро намехобид.

1163 - Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Эй Абдуллоҳ монанди фалонӣ мабош, ки шабро зинда медошт ва баъд онро тарк кард.

1164 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки дар назди Расули Худо (с) аз марде сӯҳбат шуд ин шабе хобид то ин ки субҳ намуд фармуд: Ӯ мардест, ки шайтон дар гӯшҳояш бавл намудааст ё фармуд дар гӯшаш.

1165 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун яке аз шумо бихобад, шайтон дар охири сараш се гиреҳ мебандад ва бо бастани ҳар гиреҳе мегӯяд, шаби дарозе дошта бошӣ бихоб. Пас ҳар гоҳ бедор шуда ва Худоро ёд кунад, як гиреҳ кушуда мешавад ва чун вузӯ кунад, гиреҳи дигаре боз мешавад ва агар намоз гузорад, гиреҳи дигар кушуда мешавад, пас бо нишот ва хушхулқ мешавад, варна зиштхӯй ва касал мегардад.

1166 - Аз Абдуллоҳ ибни Салом (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Эй мардум, саломро ошкор кунед ва таъом диҳед ва дар шабҳо, ки мардум хобанд, намоз гузоред ва ба саломатӣ ба биҳишти Парвардигори худ дароед.

1167 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Беҳтарини рӯза баъд аз рамазон, моҳи муҳаррами Худост ва беҳтарини намоз, пас аз фариза, намози шаб аст.

1168 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: намози шаб ду ракаъат аст ва чун аз баромадани субҳ тарсидӣ, бо як ракаъат витр кун (*яъне, бо намози ду ракаъатиат як ракаъати дигар бияфзо ва намозатро бо афзудани ракаъати саввум витр гардон*).

1169 – Ҳамчунин аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули акрам (с) ҳангоми шаб ду ду ракаъат намоз мегузорид ва бо як ракаъат витр менамуд.

1170 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) моҳе ифтор менамуд, то ин ки гумон мекардем аз он рӯза намегирад ва моҳе рӯза мегирифт ва гумон мекардем, ки аз он ҳеҷ ифтор намекунад ва чун мехости эшонро дар шаб дар ҳолати намоз бубинӣ медидӣ ва чун мехостӣ эшонро дар ҳолати хоб бубинӣ, медидӣ.

1171 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) дар шаб ёздаҳ ракаъат намоз мегузорид ва саҷдаи онро ба андозае, ки яке аз шумо панҷоҳ ояро мехонад, дароз менамуд, пеш аз ин ки сарашро баланд намояд ва ду ракаъати пеш аз намози субҳ мегузорид ва ба паҳлӯи росташ истироҳат менамуд, то ин ки мунодии намоз Билол (р) наздаш меомад.

1172 - Ва низ аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) дар рамазон ва дар ғайри он бар ёздаҳ ракъат намеафзуд ва чаҳор ракаъат мегузорид, ки аз зебоӣ ва дарозииион мапурс ва боз ду ракаъат мегузорид. Гуфтам: Ё Расулуллоҳ Оё қабл аз он, ки витрро бигузорӣ хоб меравӣ? Фармуд: Эй Оиша чашмонам хоб мераванд, вале дилам хоб намеравад.

1173 - Ҳамчунон аз Оиша (р) марвист, ки паёмбар (с) аз аввали шаб хобида ва дар охири шаб бедор шуда намоз мегузорид.

1174 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Шабе бо паёмбар (с) намоз гузоридам ва ҳамин тавр истода буд, то ин,

ки қасди кори зиштеро намудам. Гуфта шуд: чи қасд намудӣ? Гуфт: Хостам бинишинам ва эшонро танҳо гузорам.

1175 - Аз Ҳузайфа (р) ривоят шуда, ки гуфт: Шабе бо паёмбар (с) намоз гузоридам ва сураи Бақараро оғоз намуд. Гуфтам: Дар сад оят рукуъ менамояд ва ӯ (с) гузашт. Боз гуфтам: онро дар як ракъат мехонад, гузашт. Гуфтам: ба он рукуъ мекунад. Сипас сураи Нисоро оғоз намуда, онро хонд ва боз Оли Имронро оғоз намуда, онро низ хонд ва дуруст бо таҷвид мехонд ва чун аз ояте мегузашт, ки дар он тасбиҳ буд, ***«субҳоналлоҳ»*** меҷуст ва чун ба суоле мерасид, савол мекард ва чун ба таъаввуз мерасид, ба Худо паноҳ мегуфт. Сипас рукуъ намуда ба гуфтани ***«субҳона рабиялъазим»*** оғоз намуд ва рукуъаш мисли қиёмаш буд. Сипас фармуд: ***«Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ, раббано лакал ҳамд»*** ва муддати дарозе наздик ба он чи рукуъ намуда буд, истоду баъд саҷда намуд ва гуфт: ***«субҳона рабиялаъло»*** ба саҷдааш наздик ва қиёмаш буд.

1176 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуд, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) пурсида шуд, ки кадом намоз беҳтар аст? Фармуд: оне, ки қиёмаш тӯлонӣ бошад.

1177 - Аз Абдулло ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: дӯстдоштатарин намоз дар назди Худованд намози Довуд (ъ) ва маҳбубтарин рӯза дар назди Худованд рӯзаи Довуд (ъ) буд, ки нисфи шабро хобида ва се ҳиссаи онро зинда медошт ва шаш ҳиссаи онро мехобид ва як рӯз рӯза гирифта, рӯзи дигарро ифтор мекард.

1178 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳамоно дар шаб лаҳза ва соатест, ки ҳар гоҳ марди мусалмон онро дарёбад ва хайре аз кори дунё ва охиратро аз Худованд талабад, онро ба вай медиҳад ва он дар ҳар шаб мебошад.

1179 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармуд: ҳар гоҳ яке аз шумо барои адои намози шаб бархост, бояд онро бо ду ракъати хафифу сабук оғоз кунад.

1180 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун Расули Худо (с) шаб бармехост, намозашро ба ду ракаъати хафиф оғоз менамуд.

1181 - Ва низ аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: чун намози шаби Расули Худо (с) ба воситаи бемории ё кори дигар фавт мешуд, дар рӯз дувоздаҳ ракаъат намоз мегузорид.

1182 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: касе, ки аз вирдаш ё қисмате аз он бихобад ва онро дар миёни намози субҳ ва зуҳр бихонад, барояш савоби он дода мешавад, ки гӯӣ онро дар шаб хондааст.

1183 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Худо раҳмат кунад мардеро, ки ҳангоми шаб бархоста намоз бигзорад ва ҳамсарашро ҳам бедор кунад ва агар ҳамсараш мухофилат варзид, бар рӯяш об бипошад ва Худо раҳмат кунад занеро, ки дар шаб бархоста намоз гузораду шавҳарашро бедор намояд ва агар имтиноъ варзид, ба рӯяш об бипошад.

1184 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра ва Абусаъид (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: ҳар гоҳ марде хонаводаашро аз тарафи шаб бедор карда, ҳарду намоз гузориданд ё ҳарду ҷамъан ду ракъат намоз гузоранд, дар зумраи зокирин ва зокирот навишта мешаванд.

1185 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ҳар гоҳ бар яке аз шумо дар намоз хоб ояд, бояд бихобад, то он гоҳ ки хоб аз сараш биравад, зеро агар яке аз шумо намоз бихонад, дар ҳоле ки хоб бар ӯ чира шуда бошад, шояд биравад, ки омурзиш талабад, вале худро дашном диҳад.

1186 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо дар шаб барои таҳаҷҷуд бархост ва Қуръон бар забонаш пӯшида шуд ва намедонист чӣ мегӯяд, бояд ки бихобад (Ниг. ба ҳадиси 66).

## БОБИ 213. Истиҳбоби қиёми рамазон, ки иборат аз намози таровиҳ аст

1187 – Аз Абуҳурайра (р) ривоят ҳаст, ки Расули Худо (с) фармуд: касе, ки қиёми рамазонро аз рӯи имон ва ихлос ба ҷо оварад, гуноҳони гузаштааш омурзида мешавад.

1188 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) ба қиёми рамазон бидуни ин ки ононро дар ин маврид ба азимат (*ҳатмӣ будан ва вуҷуб*) амр кунад, тарғиб намуда ва мефармуд: Он ки қиёми рамазонро аз рӯи имон ва ихлос ба ҷо оварад, гуноҳони гузаштааш омурзида мешаванд.

***Шарҳ:*** *Дар бораи намози таровиҳ дар рамазон бояд гуфт, ки ҳазрати Умар (р) мардумро дид, ки даста-даста намоз мегузоранд ва вай ононро гирд оварда ва дастур дод, бист ракаъат намоз гузоранд ва ин суннат шуд ва шӯҳрат ёфт ва касе ҳам бар он эътироз накард ва сукути асҳоби паёмбар (с) ба манзалаи иҷмоъи эшон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ҳазрати Умар (р) асли намози таровиҳро ташриъ накарда, балки онро ба сурати дастаҷамъӣ ва ҷамоъат даровoрда ва асҳоби паёмбар (с) низ бо ӯ дар ин маврид мувофиқ будаанд.*

## БОБИ 214. Фазилати барпо доштани шаби қадр ва баёни умедворкунандатарини шабҳои он

قَالَ اللهُ تَعَالى: ﴿إِنَّا أَنْزَلْنَاهُ (١) فِي لَيْلَةِ القَدْرِ﴾ [القدر: ١] إلى آخِرِ السورة.

وقال تعالى: ﴿إِنَّا أَنْزَلْنَاهُ فِي لَيْلَةٍ مُبارَكَةٍ..﴾ الآيات [الدخان: ٣].

Худованд мефармояд: **Ҳамоно мо Қуръонро дар шаби қадр фурӯ фиристодем.** *(Қадр: 1)* **Ва мо онро дар шаби мубораке фурӯ фиристодем.** *(Духон: 3)*

1189 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: он ки шаби қадрро аз рӯи имон ва ихлос зинда дорад, гуноҳони гузаштааш омурзида мешавад.

1190 - Аз Ибни Умар ривоят аст, ки барои гурӯҳе аз асҳоби Расули Худо (с) дар хоб лайлату-л-қадр дар ҳафт шаби охир нишон дода шуд ва Расули акрам (с) фармуд: ман мушоҳида мекунам, ки хоби шумо дар ҳафт шаби охир иттифоқ афтода, пас он ки ҷӯёндаи он бошад, боист онро дар ҳафт шаби охир ҷустуҷӯ кунад.

1191 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) дар даҳаи охири рамазон эътикоф намуда ва мефармуд: шаби қадрро дар даҳаи охири рамазон ҷустуҷӯ кунед.

1192 - Ҳамчунон аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: шаби қадрро дар шабҳои тоқи охири Рамазон ҷустуҷӯ кунед.

1193 - Ва низ аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун даҳаи охири рамазон фаро мерасид, Расули Худо (с) шабҳоро зинда дошта, хонаводаашро бедор намуда ва шадду-л-миъзар, яъне, бисёр кӯшиш ва ҷиддият менамуд, (*ки иддае* **шадду-л-миъзарро** *ба дурӣ аз ҳамбистарӣ бо занон тафсир намудаанд*).

1194 - Ҳамчунон аз Оиша (р) ривоят шуда гуфт: Расули Худо (с) дар рамазон талошу кӯшиш мекард, ки дар ғайри он наменамуд ва дар даҳаи охири Рамазон саъйю кӯшиш мекард, ки дар ғайри он намекард.

1195 – Ва низ аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) агар донистам, ки шаби қадр кадом аст дар он чи бигӯям? Фармуд: Бигӯ ***Аллоҳумма инака ъафуввун туҳиббу-л-ъавфа фаъфу ъаний.*** Бор, Худоё, ту бахшояндаӣ ва бахшишро дӯст медорӣ, пас моро бибахшой.

## БОБИ 215. Фазилати мисвок намудан ва хислатҳои фитрат

1196 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Агар бар умматам ё фармуд бар мардум сахт тамом намешуд, ононро ба мисвок кардан дар вақти намоз амр мекардам.

1197 - Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: чун Расули Худо (с) аз хоб бедор мешуд, даҳонашро мисвок менамуд.

1198 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: барои Расули Худо (с) мисвок ва васоили вузӯяшонро омода мекардем. Ва Худованд дар ҳар лаҳзаи шаб, ки мехост вайро бармеангехт ва он ҳазрат (с) мисвок намуда вузӯ месохт ва намоз мегузорид.

1199 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ман ба шумо дар мавриди мисвок кардан зиёд сӯҳбат намудам.

1200 - Аз Шурайҳ ибни Ҳонӣ ривоят шуда, ки гуфт: барои Оиша (р) гуфтам: чун паёмбар (с) ба хона ворид мешуданд, ба чӣ коре шурӯъ мекарданд? Гуфт: ба мисвок.

1201 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: бар Паёмбар (с) ворид шудам, дар ҳоле ки гӯшаи мисвок бар забонашон ниҳода буд.

1202 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: паёмбар (с) фармуд: Мисвок василаи покии даҳон ва ба даст овардани ризои Парвардигор аст.

1203 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Фитрат, (*яъне, хислатҳое, ки аз асос дар ниҳоди инсон аҷин шудаанд*) панҷ аст ё фармуд: Панҷ хислат аст, ки аз фитрат ба шумор меравад, хатна кардан, тарошидани мӯйи зери ноф, гирифтани нохунҳо, кандани мӯйи зери бағал ва кӯтоҳ намудани бурут.

1204 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) фармуд: даҳ хислат ҳаст, ки аз зумраи фитрат ба шумор меравад: кӯтоҳ намудани мӯйлаб, раҳо кардани риш, мисвок кардан, об дар бинӣ кардан, кӯтоҳ кардани нохунҳо, шӯстани бандҳо, кандани мӯи зери бағал, тарошидани мӯйи зери ноф ва истинҷо кардан. Ровӣ гуфт: Даҳумро фаромӯш кардам, магар он ки мазмаза (об дар даҳон гардондан ва шустани даҳон) бошад. Вақеъ, яке аз ровиёни ҳадис интиқосулмоъро ба истинҷо тафсир кардааст.

1205 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Бурутро кӯтоҳ намуда ва ришҳоро раҳо кунед.

# БОБИ 216. Таъкид бар вуҷуби закот ва фазилати он ва масоиле, ки ба он иртибот дорад

Худованд мефармояд: **Ва барпо доред намозро ва бидиҳед закотро.**

*(Бақара: 43)*

**Ва амр нашуданд, ҷуз ин ки ибодати Худоро холис сохта ва барояш парастиши холисана намоянд. Мутадайин ба дини Иброҳим ва барпо доранд намозро ва бидиҳанд закотро, ин аст аҳкоми миллати дуруст.** *(Байина: 5)*

**Аз молҳояшон садақа бигир, то бад-он ононро тазкия намуда ва пок созӣ.**

*(Тавба: 1-3)*

1206 - аз ибни умар (р) ривоят шуда, ки расули худо (с) фармуд: ислом бар панҷ бино устувор аст: гувоҳӣ додан ба ин, ки маъбуди барҳақе ҷуз аллоҳ вуҷуд надорад ва ин ки муҳаммад(с) бандаву фиристодаи ӯст ва барпо доштани намоз ва додани закот ва ҳаҷҷи хонаи худо ва рӯзаи моҳи рамазон.

1207 - Аз Талҳа ибни Убайдуллоҳ ривоят шуда, ки марде жулидамӯ аз мардуми Наҷд назди Расули Худо (с) омад, ки замзамаи садояшро мешунидем ва матлабашро намефаҳмидем. Ногоҳ дидам, ки ӯ аз ислом пурсиш мекунад. Расули Худо (с) фармуд: Панҷ намоз дар як шабонарӯз. Гуфт: Оё бар ман ба ҷуз он ҳам лозим аст? Фармуд: На, магар ин, ки нофила бигзорӣ. Боз Расули Худо (с) фармуд: Ва рӯзаи рамазон. Гуфт: Оё ба ҷуз он ҳам бар ман лозим аст? Фармуд: На, магар ин, ки нофила гирӣ. Ровӣ гуфт: Расули Худо (с) барояш закотро ёдовар шуд. Он мард гуфт: Оё ба ҷуз он ҳам бар ман лозим ҳаст. Фармуд: На, магар ин ки нофила диҳӣ. Он мард бозгашт. Дар ҳоле, ки мегуфт: Савганд ба Худо, ки на бар он меафзоям ва на аз он кам мекунам. Расули Худо (с) фармуд: Растагор шуд, агар рост гуфта бошад.

1208 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) Маъоз (р)-ро ба Яман фиристод ва фармуд: Онҳоро даъват кун, то гувоҳӣ диҳанд, ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки ман банда ва фиристодаи Худо мебошам, пас агар дар ин маврид аз ту фармон бурданд, огоҳашон кун, ки Худованд дар ҳар шабонарӯз панҷ намоз бар онҳо фарз намудааст. Боз агар аз ин амр пайравӣ карданд, бохабарашон соз, ки Худои таъоло бар онҳо садақа фарз намудааст, ки аз сарватмандонашон гирифта шуда ва ба фуқаро ва нотавононашон бозгардонда мешавад.

1209 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Амр шудам, ки бо мардум биҷангам, то гувоҳӣ диҳанд, ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки Муҳаммад (с) Расули Худост ва намозро барпо доранд ва закотро бидиҳанд ва чун ин корро анҷом доданд, хунҳо ва молҳояшонро ҷуз ба ҳаққи ислом аз ман муҳофизат намуданд ва ҳисобашон бо Худост.

1210 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) вафот ёфтанд ва Абубакр (р) халифа буд ва иддае аз мардуми Араб ба куфр гаравиданд, Умар (р) гуфт: чӣ гуна бо мардум меҷангӣ, дар ҳоле ки Расули Худо (с) фармуда, ки амр шудам бо мардум биҷангам, то ин ки бигӯянд: ***Ло илоҳа иллаллоҳ*** ва он ки онро бигӯяд, бидуни шак ҷон ва молашро аз ман ҳифз кардааст, ҷуз ба ҳаққи ислом ва ҳисоби (*ботинӣ*) ӯ бо Худост. Абубакр (р) гуфт: Савганд ба Худо, меҷангам бо касе ки миёни намоз ва закот фарқ гузорад, зеро закот ҳаққи мол аст ва савганд ба Худо, агар зонубанди шутуреро, ки ба Расули Худо (с) медоданд аз ман боздоранд, бо имтиноъи он бо онҳо меҷангам. Умар (р) гуфт: пас набуд он, магар ин ки дидам, Худованд дили Абубакр (р)-ро барои ҷанг бозкушуда ва донистам, ки ӯ ҳақ аст.

1211 - Аз Абуаюб ривоят шуда, ки марде барои Паёмбар гуфт: аз амале бохабарам соз, ки ба биҳиштам ворид намояд. Фармуд: ин ки Худоро парастида, ба Ӯ чизе ширк наёварӣ. Ва

намозро гузорида, закотро додаву пайванди раҳмро пайваста дорӣ.

1212 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки аъробие хидмати Расули акрам (с) омаду гуфт: Ё Расулуллоҳ! Маро ба амале раҳнамоӣ кун, ки чун онро анҷом диҳам, ба биҳишт дохил шавам. Фармуд: ин ки Худоро ибодат намуда, ба Ӯ чизеро шарик наёварӣ ва намозро барпо дорӣ ва закоти фарзшударо бидиҳӣ ва рамазонро рӯза бигирӣ. Гуфт: Савганд ба он Зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, бар ин намеафзоям. Чун рафт, он ҳазрат (с) фармуд: он ки хушаш ояд, ки ба сӯи марде аз аҳли биҳишт бингарад бояд ба сӯи ин мард бингарад.

1213 - Аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки гуфт: бо паёмбар (с) паймон бастам, ки намозро барпо дошта, закотро бидиҳам ва барои ҳар мусалмон насиҳат кунам ва хайрандешӣ намоям.

1214 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ соҳиби тилло ва нуқрае нест, ки ҳаққи он (*закоташро*) адо намекунад, магар ин ки дар рӯзи қиёмат барояш тахтаҳое аз оташ сохта шуда ва дар оташи ҷаҳаннам доғ гардида, паҳлӯ, пешонӣ ва пушташ бад-он доғ карда мешавад ва чун сард шавад, дубора доғ карда мешаванд ва чун сард шаванд, дубора доғ карда мешаванд. Дар рӯзе, ки ба андозаи панҷоҳ ҳазор сол аст, то дар миёни бандагон ҳукм сурат гирифта ва ӯ роҳашро ба сӯи биҳишт ё дӯзах бубинад. Гуфта шуд ё Расулуллоҳ шутур чӣ тавр? Фармуд: ва на ҳам соҳиби шутуре ки ҳаққи онро аз он адо намекунад. Аз ҷумлаи ҳаққи он дӯшидани он аст, рӯзе, ки ба об ворид шавад, магар ин ки чун рӯзи қиёмат даррасад дар майдони фарохе дар баробари шутурон андохта шавад. Дар ҳоле, ки шутур ба фарбеҳтарини ҳолати дунёияш меёяд, ҳеҷ бачаи шутуреро гум накунад, магар ин, ки вайро ба кафи пояш зада ба даҳонаш дандон гирад. Чун аввали ин бигзарад, ин корро дигарон анҷом диҳанд. Дар рӯзе, ки андозаи он панҷоҳ ҳазор сол аст то дар миёни мардум ҳукм шавад ва роҳаш ба сӯи биҳишт ё дузах муайян гардад.

Пурсида шуд, ки ё Расулуллоҳ, дар бораи гову гӯсфанд чӣ тавр? Фармуд: ва на соҳиби гӯсфанду гове, ки аз он ҳаққашро нададааст, магар ин, ки чун қиёмат даррасад дар майдони фарох дар баробари онҳо бар рӯяш андохта шавад ва ҳеҷ яке аз онро гум намекунад, ки магар шохдор ва бешох ва шохшикастааш омада ӯро ба шохҳояш зада ва бо нуки пояш ӯро дар ҳам молад ва чун аввалӣ бигзарад дигарон чунин кунанд, дар рузе, ки ба андозаи панҷоҳ ҳазор сол аст, то дар миёни мардум ҳукм гардад ва роҳаш ба сӯи дузах ё биҳишт муайян гардад.

Пурсида шуд ё Расулулоҳ! Дар бораи асп чӣ тавр? Фармуд: Дар мавриди асп се ҳукм вуҷуд дорад: Барои яке гуноҳ аст, барои яке ҳиҷоб аст ва барои дигаре музду савоб аст. Аммо оне, ки барояш гуноҳ аст шахсе аст, ки ба хотири риёву фахрфурӯшӣ ва душманӣ бо мусалмонон онро нигаҳ дорад. Ва он, ки барояш ҳиҷобу парда аст, шахсест, ки дар роҳи Худо бастааш намуда, ҳаққи Худоро дар саворӣ ва тарбияаш адо мекунад. Ва аммо подошу савоб барои оне аст, ки онро дар роҳи Худо ба хотири ислом дар чарогоҳ ё боғчааш баста намудааст. Пас он, чи аз он ҷой бихӯрад барои вай ҳасанот навишта шавад ва барои вай ба адади пасафганда ва бавлаш ҳасанот навишта шавад ва ҳамчунон пояш ба мех баста шавад ва ва аз ҷояш яке ду гом фаротар равад, магар он ки Худованд ба адади пасафгандаҳо ва қадамҳояш ҳасанот нависад ва шахс онро ба ҷуйе намебарад, ки аз он биёшомад ва иродаи сероб карданашро намекунад, магар ин ки Худованд ба адади он чӣ ошомидааст ҳасанот барояш нависад.

Пурсида шуд ё Расулуллоҳ дар бораи хар чӣ? Фармуд: дар бораи хар ҷуз ин ояти танҳои ҷомиъ чизи дигаре нозил нашудааст, ки **«Фамай-яъмал мисқола зарратин хайран яраҳу ва май-яъмал мисқола зарратин шаррай-яраҳу».** Яъне, «Он, ки ба андозаи заррае некӣ кунад подоши онро мегирад ва он, ки ба андозаи заррае бадӣ кунад, уқубати онро мечашад.

# БОБИ 217. Вуҷуби рӯзаи рамазон, фазилати рӯза ва масоиле, ки ба он марбут мешавад

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكُمْ﴾ إِلَى قَوْلِهِ تَعَالَى : ﴿شَهْرُ رَمَضَانَ الَّذِي أُنْزِلَ فِيهِ الْقُرْآنُ هُدًى لِلنَّاسِ ، وَبَيِّنَاتٍ مِنَ الْهُدَى وَالْفُرْقَانِ فَمَنْ شَهِدَ مِنْكُمُ الشَّهْرَ فَلْيَصُمْهُ ، وَمَنْ كَانَ مَرِيضاً ، أَوْ عَلَى سَفَرٍ ، فَعِدَّةٌ مِنْ أَيَّامٍ أُخَرَ﴾ الآية [١٨٣/من سورة البقرة].

Худованд мефармояд: **Эй онон ки имон овардаед, бар шумо воҷиб шуд рӯза, ҳамон гуна ки бар касоне ки пеш аз шумо буданд, воҷиб шуда буд.** То фармудаи Ӯ таъоло: **Моҳи рамазон, ки дар он фурӯ овардем Қуръонро. Роҳнамое барои мардум ва суханоне рӯшан аз ҳидоят ва ҷудо кардани ҳақ аз ботил. Пас ҳар кӣ аз шумо дарёбад, он моҳро, бояд рӯза гирад онро ва ҳар ки бемор бошад ё мусофир бар вай лозим аст, ба шумори рӯзҳои фавтшуда аз рӯзҳои дигар.** То охири оя. *(Бақара: 183-185)*

Ва аммо аҳодис бархе аз он дар боби қаблӣ гузашт.

1215 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Худои ъазза ва ҷалла мефармояд: Ҳар амали фарзанди Одам, барои худи ӯст, ғайр аз рӯза, ки он барои ман аст ва ман подоши онро медиҳам ва рӯза сипарест (*дар муқобили дӯзах ё гуноҳон*) ва чун рӯзи рӯзаи яке аз шумо бошад, бояд носазо нагӯяд ва фарёд накашад ва бо касе даргир нашавад ва агар касе ӯро дашном дод ё бо ӯ ҷанг кард, бояд бигӯяд, ман рӯза дорам ва савганд ба зоте, ки ҷони Муҳаммад (с) дар дасти ӯст, ҳамоно бӯи даҳони рӯзадор дар назди Худованд аз бӯи мушк некӯтар аст ва барои рӯзадор ду шодӣ аст, ки бад-он шод мешавад: яке чун ифтор кунад, шод мешавад ва дигаре чун Парвардигорашро мулоқот кунад, ба рӯзааш шод мегардад. Ин лафзи Бухорӣ аст.

Ва дар ривояте аз ӯ омада, ки рӯзадор таъом, ошомиданӣ ва шаҳвати худро аз ҷиҳати ман тарк мекунад. Рӯза аз барои

ман аст ва ман бад-он подош медиҳам ва ҳасана ба даҳ баробараш. Дар ривояте аз Муслим омада, ки: Ҳар амали фарзанди одам чанд баробар мешавад. Некӣ ба даҳ баробараш то ҳафтад баробар. Аллоҳ таъоло фармуд: Магар рӯза, ки ҳамоно аз барои ман аст ва ман бад-он подош медиҳам. Шаҳват ва таъоми худро ба дастури ман мегузорад ва барои рӯзадор ду шодӣ аст, як шодӣ дар вақти ифтораш ва як шодӣ дар вақти мулоқот бо Парвардигораш ва бӯи даҳани рӯзадор дар назди Худои мутаъол аз бӯи мушк беҳтар аст.

1216 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки як ҷуфт дар роҳи Худо сарф кунад аз дарвозаҳои биҳишт овоз дода мешавад, ки эй бандаи Худо ин беҳтар аст. Пас касе аз аҳли намоз бошад аз дарвозаи намоз хонда мешавад ва касе, ки аз аз аҳли ҷиҳод бошад аз дарвозаи ҷиҳод хонда мешавад. Ва касе ки аз аҳли рӯза бошад, аз дарвозаи Райён хонда мешавад. Ва касе, ки аз аҳли садақа бошад аз дарвозаи садақа хонда мешавад. Абубакр (р) гуфт: Падар ва модарам фидоят бод ё Расулуллоҳ! Ба касе, ки аз як дарвозае аз он дарвозаҳо хонда шавад зараре нест ва оё касе ҳаст, ки аз тамоми он дарвозаҳо хонда шавад. Фармуд: Бале, ва умедворам, ки ту аз онҳо бошӣ (Як ҷуфт, масалан ду асп ё ду шутур ё ҳар садақае, ки дучанд дода шавад).

1217 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳароина дар биҳишт дарест, ки ба он Райён гуфта мешавад ва рӯзадорон дар рӯзи қиёмат аз он дохил мегарданд, ки ҳеҷ кас ғайр аз эшон аз он дохил намегардад. Гуфта мешавад, рӯзадорон куҷоянд? Пас истода мешаванд ва аз он касе ғайр аз эшон дохил намегардад ва чун дохил шаванд, баста мешавад ва ҳеҷ кас аз он (*дар*) ворид намешавад.

1218 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ бандае нест, ки рӯзе дар роҳи Худо рӯза гирад, магар ин ки Худованд ба он рӯз вайро ҳафтод сол аз дӯзах дур медорад.

1219 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Касе, ки рамазонро аз рӯи имон ва ихлос рӯза гирад, гуноҳи гузаштааш омурзида мешавад.

1220 – Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун рамазон ояд, дарҳои биҳишт кушода шуда ва дарҳои дӯзах баста гашта ва шаётин ба занҷир кашида мешаванд.

1221 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Рӯза гиред ба дидани он (*ҳилоли Рамазон*) ва рӯза бихӯред ба дидани он (*ҳилоли Шаввол*), пас агар (*ҳилол*) пӯшида шуд бар шумо иддаи шаъбонро сӣ рӯз тамом кунед ва дар ривояте аз Муслим омада, ки пас агар пӯшида шуда, бар шумо (*яъне, осмон абр бувад*) сӣ рӯз рӯза бигиред.

## БОБИ 218. Саховатмандӣ, карам, анҷом додани корҳои хуб ва зиёд намудани он дар моҳи рамазон, бахусус дар даҳаи охир

1222 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) дасту дил бозтарини мардум буд ва дар рамазон аз ҳар вақти дигар бахшандатар буд. Ҳангоме ки Ҷабраил (а) бо ӯ дидор менамуд ва Ҷабраил дар ҳар шаб бо вай дидор намуда ва Қуръонро бо вай такрор мекард ва ҳамоно Расули Худо (с), ки Ҷабраил бо ӯ дидор мекард, аз боде, ки мевазад, дар тавзиъи мол ҷаввbooдтар буд.

***Шарҳ:*** *Рамазон мавсими некиҳо ва анҷоми умури хайрия аст, чи неъматҳои Худовандӣ, дар ин моҳ барои бандагон афзоиш меёбад ва он ҳазрат (с) низ пайравӣ аз суннати Худовандӣ дар мавриди бандагонашро бармегузидааст.*

1223 - Аз Оиша (р) ривоят шуда ки гуфт: чун даҳаи охири рамазон фаро мерасид, Расули Худо (с) шабҳоро зинда дошта, хонаводаашро бедор мекард ва бисёр кӯшиш ва ҷиддият менамуд.

## БОБИ 219. Манъ аз ин ки пеш аз рамазон ва пас аз нимаи шаъбон рӯза гирифта шавад, магар он ки онро ба пеш аз он пайваста дорад ё ин ки аз рӯи одат баробар афтод, бар ин ки одаташ чунон бувад, ки рӯзҳои душанбе ва панҷшанберо рӯза гирад ва ба он мувофиқ афтад

1224 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳеҷ кадоми шумо як рӯз ё ду рӯз пеш аз рамазон рӯза нагирад, магар ин ки касе бошад, ки ҳамон рӯзро рӯза мегирифта. Пас он рӯзро рӯза бигирад.

1225 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Пеш аз рамазон рӯза нагиред, балки ба дидани моҳ рӯза гирифта ва бо дидани моҳ ифтор кунед. Ва агар абре монеъи дидани он шуд, сӣ рӯзи шаъбонро тамом намоед.

1226 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун ниме аз шаъбон бимонад, пас рӯза нагиред.

1227 - Аз Абуляқзон Аммор ибни Ёсир (р) ривоят шуда, ки гуфт: он ки дар рӯзе, ки дар он шак аст, рӯза гирад, ҳамоно дар баробари Абулқосим (с) нофармонӣ намудааст.

## БОБИ 220. Дар мавриди он чӣ дар ҳангоми дидани моҳи нав гуфта мешавад

1228 - Аз Талҳа ибни Убайдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки чун паёмбар (с) ҳилоли моҳро медид, мефармуд: ***Аллоҳумма аҳиллаҳу ъалайно би-л-амни ва-л-имони ва саломати ва-л-исломи раббий ва раббукаллоҳу ҳилолу рушдин ва хайрин.*** Бор, Худоё, ин моҳро бо амн ва имон ва саломатӣ ва ислом бар мо нав кун, Парвардигори ман ва ту Аллоҳ аст, моҳи ҳидоят ва хайр бош!

## БОБИ 221. Дар фазилати саҳарӣ намудан ва таъхири он, модоме ки аз тулӯъи субҳ биме набошад

1229 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Саҳарӣ кунед, зеро дар саҳариҳо баракат аст.

1230 - Аз Зайд ибни Собит ривоят аст, ки гуфт: Бо Расули Худо (с) саҳарӣ намуда, сипас ба намоз истодем. Гуфта шуд, ки чӣ қадар дар байни он фосила буд? Гуфт: Ба андозаи тиловати панҷоҳ оят.

1231 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) ду муаззин дошт; Билол ва ибни умми Мактум ва Расули Худо (с) фармуд: Чун Билол ба шаб азон медиҳад, бихӯред ва бипӯшед, то ин ки ибни умми Мактум азон диҳад. Гуфт ва дар байни онҳо фасилаи чандоне набуд, магар ин ки ин фуруд ояд ва дигаре боло равад.

1232 - Аз Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: фарқ миёни рӯзаи мо ва рӯзаи аҳли китоб саҳарӣ кардан аст.

## БОБИ 222. Фазилати шитофтан ба ифтор ва он чи ки пас аз ифтораш бигӯяд

1233 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамеша мардум (дар динашон) ба хайранд, то модоме ки дар ифтор шитоб намоянд.

1234 - Аз Абуъатийя (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ман ва Масруқ бар Оиша (р) дохил шудем, Масруқ ба вай гуфт: Ду нафар аз асҳоби Муҳаммад (с) ҳастанд, ки ҳеҷ кадомашон дар анҷоми кори хайр кӯтоҳӣ намекунанд. Яке аз онҳо дар адои намози мағриб ва ифтор аҷала мекунад ва дигаре намози мағриб ва ифторро ба таъхир мегузорад. Оиша (р) гуфт: Кадомӣ дар намози мағриб ва ифтор аҷала мекунад? Гуфт: Абдуллоҳ (р). Вай гуфт: Расули акрам (с) ингуна амал менамуданд.

1235 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) фармуд: Худованди таъоло фармуд: *маҳбубтарин бандагонам наздам касест, ки дар ифтор пеш аз ҳама шитоб кунад.*

1236 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки Расули Худо фармуд: Чун шаб аз ин ҷо (машриқ) рӯй оварда ва рӯз аз ин ҷо (мағриб) пушт гардонад ва офтоб ғуруб кунад ҳамоно рӯзадор ифтор намудааст. (Яъне ин замонест, ки ифтор раво мешавад, хоҳ рӯзадор ифтор кунад ё накунад)

1237 - Аз Абуиброҳим Абдуллоҳ ибни Абуавфо (р) ривоят шуда, ки бо Расули Худо (с) дар ҳоле, ки рӯза дошт рафтем ва чун офтоб нишаст, барои баъзе аз афроди гурӯҳ фармуд: «Фалонӣ поин шав ва барои мо савиқ (талқон, орди сафед)-ро ба об халт (омезиш) кун. Гуфт: ё Расулуллоҳ, бошад, то хуб шаб шавад. Фармуд: поин шав ва барои мо талқонро ба об халт кун. Гуфт: ҳанӯз, ки рӯз аст. Фармуд: поин шав ва барои мо савиқро бо об халт кун. Гуфт: баъд вай поин шуда, барояшон савиқро бо об халт кард ва Расули Худо (с) ошомиду фармуд: Чун дидӣ, ки шаб аз ин ҷо рӯй овард ба таҳқиқ рӯзадор ифтор кардааст. Ва ба дасташ ба тарафи шарқ ишора намуд.

1238 - Аз Салмон ибни Омири Заббийи саҳобӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо ифтор намуд, бояд ба хурмо ифтор намояд ва агар наёфт, бояд ба об ифтор кунад, зеро об поккунанда аст.

1239 - Аз Анас (с) ривяот шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) ба чанд дона рутаб (хурмои тоза) ифтор менамуд. Агар хурмои тоза намебуд, пас ба чанд дона тамр (хурмои хушк) ва агар чанд дона тамр намебуд, чанд ҷуръа об менӯшид.

## БОБИ 223. Дастури рӯзадор ба нигоҳдошт ва муҳофизати забон ва аъзои вуҷудаш аз мухолифатҳо ва дашном додани ҳамдигар ва амсоли он

1240 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ рӯзи рӯзаи яке аз шумо бошад, пас дашном

надода ва садо баланд накунад ва агар касе ӯро дашном дод ё бо ӯ ҷанг кард, бояд бигӯяд: ман рӯзадорам.

1241 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Касе ки сухани дурӯғ ва амал ба онро тарк накунад, пас Худованди таъоло ниёзманди он нест, хӯрданӣ ва ошомидании худро тарк кунад.

## БОБИ 224. Дар мавриди масоиле аз рӯза

1242 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо фаромӯш намояд (*ки рӯза дорад*) ва бихӯрад ё бинӯшад, бояд ки рӯзаашро тамом кунад, зеро Худованд ҷалла ҷалолуҳу ӯро таъом дода ва сероб кардааст.

1243 - Аз Лақит ибни Сабира (р) ривоят шуда, ки гуфт: гуфтам ё Расули Худо (с) маро аз вузӯ бохабар соз. Фармуд: вузӯро комил намуда ва байни ангуштонатро даст бикаш ва дар истиншоқ (*об дар бинӣ кардан*) ҷуз дар сурате, ки рӯзадор бошӣ, муболиға кун.

1244 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: бар Расули Худо (с) сапедаи субҳ фаро мерасид, дар ҳоле ки аз (*омезиш бо ҳамсараш*) ҷунуб буд ва сипас ғусл намуда, рӯза мегирифт.

1245 - Аз Оиша ва Умми Салама ривоят аст, ки гуфтанд: Расули Худо (с) бидуни иҳтилом ҷунуб гардида, сипас рӯза мегирифтанд.

*Шарҳ:* Мафҳумми ҳадис ин аст, ки ҷанобат бо рӯза доштан мунофоту зиддият надорад, зеро мешавад шахс ҷунуб бошад ва пас аз тулӯъи субҳ ғусл намояд.

## БОБИ 225. Дар фазилати рӯзаи муҳаррам ва шаъбон ва моҳҳои ҳаром

1246 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: беҳтарини рӯза баъд аз рамазон, моҳи муҳаррами Худост ва беҳтарини намоз баъд аз фариза, намози шаб аст.

1247 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт паёмбар (с) дар ҳеҷ моҳе бештар аз шаъбон рӯза намегирифт, зеро ӯ ҳамаи шаъбонро рӯза медошт ва дар ривояте омада, ки шаъбонро ҷуз андаке рӯза мегирифт. Ниг. ба ҳадиси 710.

***Шарҳ:*** *уламо гуфтанд, ки иллати ин ки ҳамаи шаъбонро рӯза намедошт, он буд, то касе гумони фарзияти рӯзаи онро накунад.*

1248 - Аз Муҷибаи Боҳилӣ аз падараш ё амакаш ривоят шуда, ки ӯ (падараш ё амакаш) хидмати Расули Худо (с) омад. Сипас рафта, баъд аз як сол наздаш омад, дар ҳоле ки ҳолу шакли ӯ тағйир ёфта буд ва гуфт: Ё Расулуллоҳ (с), оё маро мешиносӣ? Фармуд: ту кистӣ? Гуфт: Ман Боҳилия ҳастам, ки дар соли аввал хидматат омадам. Фармуд: Пас чи чиз туро тағйир дод, дар ҳоле ки хушшакл будӣ? Гуфт аз замоне, ки аз шумо ҷудо шудам, ҷуз дар шаб таъом нахӯрдам. Он ҳазрат (с) фармуд: Вуҷудатро шиканҷаву азоб кардӣ. Баъд фармуд: Моҳи сабр (моҳи рамазон)-ро рӯза бигир ва як рӯз аз ҳар моҳро. Гуфт: Ба ман бияфзо, зеро ман қудрат дорам. Фармуд: Ду рӯз рӯза бигир. Гуфт: Ба ман бияфзо. Фармуд: Се рӯз рӯза бигир. Гуфт: Ба ман, бияфзо. Фармуд: Аз моҳҳои ҳаром (Раҷаб, Зулқаъда, Зулҳиҷҷа, Муҳаррам) рӯза бигир ва тарк кун. Аз моҳҳои ҳаром рӯза бигир ва тарк кун. Ва ба се ангушташ ишора карда баста намуд ва бозашон кард (яъне се рӯз рӯза бигир ва се рӯз ифтор кун).

## БОБИ 226. Фазилати рӯза ва дигар аъмоли солиҳа дар даҳаи аввали зулҳиҷҷа

1249 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ рӯзе нест, ки дар он амали солеҳ назди Худованди таъоло маҳбубтар аз ин рӯзҳо бошад, *(яъне, рӯзҳои даҳаи аввали зулҳиҷҷа*). Гуфтанд: эй Расули Худо ва ҳатто ҷиҳоди фисабиллиллоҳ (*дар ғайри ин рӯзҳо*)? Он ҳазрат (с) фармуд: Ва на ҷиҳоди фи сабилиллоҳ, магар марде, ки бо ҷону молаш

берун шуда ва ҳеҷ чизе аз онро боз нагардонад, (*яъне, ба сангар шитофта ва шаҳид шавад*).

***Шарҳ:*** *мурод аз даҳаи зилҳиҷҷа ғайр аз рӯзи ид аст, зеро рӯза дар рӯзи иди Қурбон ҷавоз надорад, бо таваҷҷӯҳ ба он ки рӯзаи рӯзи Арафа барои касе мустаҳаб аст, ки худ дар маносики ҳаҷ ширкат надошта бошад.*

## БОБИ 227. Дар фазилати рӯзаи Арафа ва ошуро ва тосуъо (даҳум ва нуҳуми муҳаррам)

1250 - Аз Абуқатода (р) ривоят шуда, ки гуфт аз Расули Худо (с) дар мавриди рӯзаҳои рӯзи Арафа пурсида шуд. Фармуд: Гуноҳи соли гузашта ва соли ояндаро маҳв мекунад.

***Шарҳ:*** *мурод аз гуноҳони мазкур дар ҳадис гуноҳони сағира аст, на кабоир.*

1251 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) ошуроро рӯза гирифта ва ба гирифтани рӯзаҳои он амр намуд.

1252 - Аз Абуқатода (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) аз рӯзаи рӯзи ошуро пурсида шуд ва фармуд: Гуноҳи соли гузаштаро маҳв мекунад.

1253 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Агар то соли оянда боқӣ мондам, ҳатман рӯзи тосуъо (*нуҳуми муҳаррам*)-ро рӯза хоҳам гирифт.

## БОБИ 228. Дар мустаҳаб будани шаш рӯз рӯза гирифтан аз моҳи шаввол

1254 - Аз Абуаюб (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе ки рамазонро рӯза гирифта ва ба таъқиби он шаш рӯзи аз шавволро ба он пайваста кунад, монанди он аст, ки ҳамеша рӯза дошта бошад.

## БОБИ 229. Дар мустаҳаб будани рӯзаи душанбе ва панҷшанбе

1255 - Аз Абуқатода (р) ривоят шуда, ки аз Расули Худо (с) дар бораи рӯзаи рӯзи душанбе пурсиданд, фармуд: Он рӯзест, ки дар он таваллуд шудам ва рӯзест, ки мабъус шудам, ё рӯзест, ки Қуръон фуру фиристода шуд.

1256 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Аъмол ба рӯзи душанбе ва панҷшанбе пеш карда мешавад ва дӯст медорам, ки амалам пеш карда шавад дар ҳоле ки ман рӯзадорам.

1257 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) рӯзаи рӯзҳои душанбе ва панҷшанберо дармеёфт.

***Шарҳ:*** *Яъне, аз алоқаи шадиде, ки ба рӯзаи ин ду рӯз дошт, рӯзаи онро тарк наменамуд.*

## БОБИ 230. Истиҳбоби рӯза гирифтани се рӯзӣ аз ҳар моҳ

*Ва беҳтар, рӯзаи он дар рӯзҳои бийз (сафед) аст, ки он иборат аз сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳуми (аз ҳар моҳи қамарӣ) аст ва гуфта шуда, ки дувоздаҳум ва сездаҳум ва чордаҳум ва қавли аввал саҳеҳтару машҳур аст.*

1258 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Дӯстам маро ба се чиз васият намуд: Рӯзаи се рӯз аз ҳар моҳ, ду ракаъати зуҳо ва ин, ки пеш аз хоб витр бихонам.

1259 - Аз Абудардо (р) ривоят шуда, ки гуфт: Дӯстам маро ба се чиз васият кард, ки то зинда бошам, онро тарк намекунам: Ба рӯзаи се рӯз аз ҳар моҳ ва намози зуҳо ва ба ин, ки хоб наравам, то ин, ки витрро бигзорам.

1260 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: рӯзаи се рӯзи аз ҳар моҳ ҳам, монанди рӯзаи доимӣ аст.

1261 - Аз Маъозаи Адавӣ (р) ривоят шуда, ки ӯ аз Оиша (р) савол намуд, ки оё Расули Худо (с) аз ҳар моҳ се рӯзро рӯза мегирифт? Гуфт: Бале. Гуфтам: аз кадом қисмати моҳ рӯза мегирифт? Гуфт: Боке надошт, ки аз кадом қисмати моҳ рӯза мегирад.

1262 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Вақте аз моҳ се рӯзро рӯза мегиред, пас сездаҳум чаҳордаҳум ва понздаҳумро рӯза гиред.

1263 - Аз Қатода ибни Милҳон (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) моро амр менамуд, ки рӯзҳои бийз: сездаҳ, чордаҳ ва понздаҳро рӯза гирем.

1264 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) рӯзҳои бийзро дар ҳазар ва сафар ифтор наменамуд.

## БОБИ 231. Дар баёни фазилати он ки рӯзадореро чизе диҳад, ки рӯзаашро ба он бикшояд ва фазилати рӯзадоре, ки дар канораш таъом хӯрда шавад

1265 - Аз Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Касе, ки рӯзаи рӯзадореро (*вақти ифтор*) бикшояд, барои ӯ мисли аҷри ӯст, бидуни ин ки аз музди рӯзадор чизе кам шавад.

1266 - Аз Умми Умораи Ансорӣ (р) ривоят аст, ки Расули акрам (с) ба вай дохил шуд ва ӯ барояшон таъоме тақдим намуд. Фармуд: Бихӯр. Гуфт: Ман рӯзадорам. Расули Худо (с) фармуд: Фариштагон бар рӯзадор дуруд мефиристанд, ҳар гоҳ дар наздаш хӯрда шавад, то ин ки фориғ гарданд.

1267 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) назди Саъд ибни Убода (р) омад ва ӯ нон ва равған овард. Он ҳазрат (с) аз он хӯрда ва фармуд: ***Афтара ъиндакуму-с-соъимун ва акала таъомакуму-л-аброру ва саллат ълайкуму-л-малоикату.*** Яъне, дар назди шумо рӯзадорон ифтор намуда ва некӯкорон таъоми шуморо хӯрданд ва фариштагон бар шумо дуруд фиристоданд.

# 9. КИТОБИ ИЪТИКОФ

## БОБИ 232. Фазилати иътикоф

1268 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) дар даҳаи охири рамазон иътикоф менамуд.

1269 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) дар даҳаи охири рамазон иътикоф менамуд, то ин ки вафот ёфт ва сипас ҳамсаронаш пас аз вай иътикоф карданд.

***Шарҳ:*** *Иътикоф суннат аст, аммо далели ин ки расули акрам (с) дар соле, ки вафот ёфтанд на даҳ рӯз, балки бист рӯз иътикоф намуданд, ин аст, ки он ҳазрат (с) бештар дар ибодати Ҳақ талош меварзиданд ва ҳамчунин наздикшавии марги хешро эҳсос карда буданд. Бинобар ин бояд шахси мусалмон дар синну соли бузургӣ ва дар лаҳзаҳои охири умр бештар ба ибодати Худо бипардозад ва аз ғаразҳо ва умури дунявӣ то ҳадди имкон дурӣ биҷӯяд.*

1270 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: «Паёмбар (с) дар ҳар рамазон даҳ рӯз эътикоф менамуд ва соле, ки дар он вафот ёфт, бист рӯз эътикоф намуд.

# 10. КИТОБИ ҲАҶ

## БОБИ 233. Вуҷуби ҳаҷ

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿وَلِلَّهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَنِ اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلاً وَمَنْ كَفَرَ فَإِنَّ اللهَ غَنِيٌّ عَنِ الْعَالَمِينَ﴾ [آل عمران: ٩٧].

Худованд мефармояд: **Ва ҳаққи Худост бар мардум ҳаҷҷи Хонаи Каъба, ҳар кӣ тавоноӣ ба сӯи онро дорад ва аз ҷиҳати асбоби роҳ. Ва ҳар кӣ кофар шавад, пас Худованд бениёз аст аз оламиён.** *(Оли Имрон: 97)*

1271 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ислом бар панҷ бино устувор аст: Гувоҳӣ додан ба ин, ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ таъоло нест ва ин, ки Муҳаммад (с) расул ва фиристодаи Худост ва барпо доштани намоз ва додани закот ва ҳаҷҷи хона ва рӯзаи рамазон.

1272 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) барои мо хутба хонда ва фармуд: Эй мардум! Ҳамоно Худованд ҳаҷро бар шумо фарз гардонида, пас ҳаҷ кунед. Марде гуфт: оё ҳар сол, ё Расули Худо? Он ҳазрат (с) сукут фармуд, то ин ки се бор онро такрор намуд. Расули Худо (с) фармуд: Агар бале мегуфтам воҷиб мешуд ва онро анҷом дода наметавонистед. Баъд фармуд: Маро дар бораи он чӣ аз шумо тарк намудам, тарк кунед ва бигзоред. Зеро касоне ки пеш аз шумо буданд ба воситаи саволи зиёд ва ихтилофашон бар паёмбаронашон ҳалок шуданд, пас ҳар гоҳ шуморо ба чизе амр кардам, он чиро ки аз он битавонед, анҷом диҳед ва чун шуморо аз коре манъ кардам, онро тарк кунед.

1273 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки аз паёмбар (с) пурсида шуд, кадом амал беҳтар аст? Фармуд: имон ба Худо ва расулаш. Гуфта шуд: Боз кадом? Фармуд: Ҷиҳод фисабилиллоҳ. Гуфта шуд: Боз кадом? Фармуд: Ҳаҷҷи мақбул.

1274 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Касе ки ҳаҷ кунад ва фаҳшгӯӣ накарда ва фисқ нанамояд, монанди рӯзе, ки модараш ӯро зоида буд, (*бегуноҳ*) боз мегардад.

1275 – Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: умра то умра маҳвкунанда аст, барои он чи ки дар миёни онҳост (*аз гуноҳ*) ва ҳаҷҷи мақбул мукофоте ҷуз биҳишт надорад.

1276 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулуллоҳ (с) мо ҷиҳодро беҳтарин аъмол мебинем пас оё ҷиҳод накунем? Фармуд: Лекин беҳтарини ҷиҳод ҳаҷҷи мақбул аст.

1277 - Ҳамчунон аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ рӯзе нест, ки дар он Худованд бандаеро аз ҷаҳаннам озод кунад, беш аз рӯзи Арафа.

***Шарҳ:** Яъне, дар рӯзи Арафа беш аз соири рӯзҳо бандагонро аз ҷаҳаннам озод мекунад.*

1278 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: (*Савоби*) умра дар рамазон бо (*савоби*) ҳаҷ баробар аст ё бо ҳаҷҷе, ки ҳамроҳи ман гузорида шавад, баробарӣ мекунад.

***Шарҳ:** Ин ҳадис ин матлабро мерасонад, ки савоби амали андак бо зиёдати шарафи вақт афзоиш меёбад ва ба ин маъно нест, ки ҳар гоҳ касе умра намояд, ҳаҷ намуда ва фаризаи ҳаҷ аз дӯши ӯ соқит гардад.*

1279 - Ҳамчунон аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки зане гуфт: ё Расули Худо (с) фаризаи Худо бар бандагонаш дар ҳаҷ падарамро, дар ҳоле ки дарёфта, ки пирамарди калонсолест ва худро наметавонад бар пушти шутур (*маркаб*) нигаҳ дорад. Оё аз ҷояш ҳаҷ кунам? Фармуд: Бале.

1280 - Аз Лақит ибни Омир (р) ривоят шуда, ки ӯ хидмати паёмбар (с) омада, гуфт: Падарам марди калонсол аст, ки тавони ҳаҷҷу умра ва сафар барои адои он дуро надорад. Фармуд: Аз ҷои падарат ҳаҷ кун ва умра намо.

1281 - Аз Соиб ибни Язид (р) ривоят аст, ки гуфт: дар Ҳаҷҷат-ул видоъ (хонаводаам) маро ҳамроҳи Расули Худо (с) ба ҳаҷ бурданд дар ҳоле, ки писари ҳафтсола будам.

1282 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) гурӯҳеро дар Равҳо (*номи мавзеъест дар сию шаш мили Мадинаи мунаввара*) мулоқот намуда ва фармуд: Аз кадом мардум ҳастед? Гуфтанд: аз мусалмонон. Гуфтанд: ту кистӣ? Фармуд: Расули Худо (с) мебошам, сипас зане бачаеро боло намуда ва гуфт: оё барои ин ҳаҷ аст? Фармуд: Бале ва барои ту ҳам савоб аст (Ниг. ба ҳадиси 664).

***Шарҳ**: Ҷумҳури уламо ба ин ақидаанд, ки ҳаҷҷи кӯдак мунъақид мегардад, вале ин ҳаҷҷи нофила ба шумор рафта ва ҷойгузини ҳаҷҷи фарзии ӯ намегардад.*

1283 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) бар шутуре ҳаҷ намуд ва ин шутур боркаши матоъу ашёаш ҳам буд.

1284 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Уккоз, Миҷанна ва Зулмаҷоз бозорҳое буданд дар ҷоҳилият ва тарсиданд, ки агар дар мавсимҳои ҳаҷ тиҷорат кунанд, гунаҳгор шаванд. Аз ин рӯ, оятҳои зерин нозил шуд: **«Лайса ъалайкум ҷуноҳун ан табтағӯ фазлан мин раббикум»**. Яъне, гуноҳе нест бар шумо, ки дар ҳангоми ҳаҷ касби маош намуда, аз фазли Худованд рӯзӣ талабед.

# 11. КИТОБИ ҶИҲОД

## БОБИ 234. Вуҷуби ҷиҳод ва фазилати рафтан ба он дар аввали рӯз ва баргаштан дар охири рӯз

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿وَقَاتِلُوا الْمُشْرِكِينَ كَافَّةً كما يُقَاتِلونَكُمْ كافَّةً، وَاعْلَمُوا أَنَّ اللهَ مَعَ الْمُتَّقِينَ﴾ [التوبة: ٣٦] وقَالَ تعالى: ﴿كُتِبَ عَلَيْكُمُ الْقِتَالُ وَهُوَ كُرْهٌ لَكُمْ؛ وَعَسَى أن تَكرَهُوا شَيئاً وَهُوَ خَيْرٌ لَكُمْ، وَعَسَى أَنْ تُحِبُّوا شَيئاً وَهُوَ شَرٌّ لَكُمْ، وَاللهُ يَعلمُ وَأَنْتُمْ لا تَعْلَمُونَ﴾ [البقرة: ٢١٦] وقَالَ تَعَالى: ﴿انفِرُوا خِفَافاً وَثِقالاً، وجَاهِدُوا بِأَمْوَالِكُمْ وَأَنْفُسِكُمْ فِي سَبِيلِ اللهِ﴾ [التوبة: ٤١] وقَالَ تَعَالَى: ﴿إِنَّ اللهَ اشْتَرَى مِنَ الْمُؤْمِنِينَ أَنْفُسَهُمْ وَأَمْوَالَهُمْ بِأَنَّ لَهُمُ الْجَنَّةَ يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِ اللهِ فَيَقْتُلُونَ وَيُقْتَلُونَ، وَعْداً عَلَيْهِ حَقّاً فِي التَّوْرَاةِ وَالإنجِيلِ والقرْآنِ. وَمَنْ أَوْفَى بِعَهْدِهِ مِنَ اللهِ، فاسْتَبْشِرُوا بِبَيْعِكُمُ الذي بَايَعْتُم بِهِ، وَذَلكَ هُوَ الفَوْزُ العَظِيمُ﴾ [التوبة: ١١١] وقَالَ اللهُ تَعَالى: ﴿لا يَسْتَوِي القَاعِدُونَ مِنَ الْمُؤمِنِينَ غَيْرُ أُولي الضَّرَرِ، وَالْمُجَاهِدُونَ في سَبِيلِ اللهِ بِأَموالِهِمْ وَأَنْفُسِهِمْ، فَضَّلَ اللهُ الْمُجَاهِدِينَ بِأَمْوالِهِمْ وَأَنْفُسِهِمْ عَلى القَاعِدِينَ دَرَجَةً، وَكُلًّا وَعَدَ اللهُ الْحُسْنى، وَفَضَّلَ اللهُ الْمُجَاهِدِينَ عَلى القَاعِدِينَ أَجْراً عَظِيماً. دَرَجاتٍ مِنْهُ، وَمَغْفِرَةً، وَرَحْمَةً، وَكَانَ اللهُ غَفُوراً رَحِيماً﴾ [النساء: ٩٥، ٩٦] وقال تعالى: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذينَ آمَنُوا هَلْ أَدُلُّكُمْ عَلى تِجَارَةٍ تُنجِيكُمْ مِنْ عَذابٍ أَليمٍ؟ تُؤْمِنُونَ باللهِ وَرَسُولِهِ، وَتُجَاهِدُونَ فِي سَبِيلِ اللهِ بِأَموَالِكم وَأَنْفُسِكم. ذلِكم خَيْرٌ لَكُم إنْ كُنْتُمْ تعلَمُونَ، يَغفِرْ لَكم ذُنُوبَكُمْ، وَيُدْخِلْكُمْ جَنَّاتٍ تَجرِي مِنْ تَحتِهَا الأَنْهارُ، وَمَسَاكِنَ طَيِّبَةً فِي جَنَّاتِ عَدْنٍ، ذلكَ الفَوْزُ العَظِيمُ، وَأُخْرَى تحبُّونَها نصْرٌ مِنَ اللهِ وَفَتحٌ قَرِيبٌ، وَبَشِّرِ الْمُؤْمِنِينَ﴾ [الصف: ١٠ ـ ١٣] والآياتُ في الباب كثيرةٌ

Худованд мефармояд: **Ва ҷанг кунед бо ҳамаи мушрикон, чунон ки эшон меҷанганд бо ҳамаи шумо.** *(Тавба: 36)*

**Ҷанг бар шумо воҷиб омад ва он душвор аст бар шумо ва шояд нохуш доред, чизеро ҳол он, ки вай шуморо беҳтар бошад ва шояд, ки дӯст доред чизеро, ҳол он ки он барои шумо бад бошад ва Худо медонад ва шумо намедонед.** *(Бақара: 216)*

**Бурун оед сабукбор ва гаронбор ва бо мол ва ҷони худ дар роҳи Худо ҷиҳод кунед.** *(Тавба: 41)*

**Ҳароина Худованд аз мусалмонон ҷон ва молашонро ба ивази он ки барояшон биҳишт бошад, харидааст, ки дар роҳи Худо ҷанг мекунанд, мекушанд ва кушта мешаванд, ваъдаи ҳақест бар Худо дар Таврот, Инҷил ва Қуръон ва кист вафокунандатар ба аҳди хеш аз Худо, пас шодмон бошед ба муъомилаҳое, ки кардед ба он ва ин аст пирӯзии бузург.** *(Тавба:111)*

**Баробар нестанд нишастагони ғайри маъзур аз мусалмонон ва ҷиҳодкунандагон дар роҳи Худо бо мол ва ҷони хеш. Ва Худованд фазилат дода муҷоҳидони бо мол ва ҷонро бар нишастагон дар мартаба. Ва Худованд ҳар якеро ваъдаи нек дода ва музди афзун дода, Худованд муҷоҳидонро бар нишастагон музде бузург, мартабаҳое аз ҷонибаш ва омурзиш ва бахшоиш ва Худованд омурзанда меҳрубон аст.** *(Нисо: 95-96)*

**Эй мусалмонон, оё шуморо ба он муъомила, ки шуморо бираҳонад аз азоби дарддиҳанда, далолат кунам? Ба Худо ва расули ӯ имон оваред ва дар роҳи Худо бо амвол ва ҷонҳои худ ҷиҳод кунед. Ин барои шумо беҳтар аст, агар медонед. Гуноҳони шуморо биёмурзад ва шуморо ба бӯстонҳое, ки зери он ҷӯйҳо меравад ва ба маҳалҳои покиза дар биҳиштҳои ҷовидон дарорад ва ин аст пирузии бузург ва шуморо неъмате дигар, ки дӯст медоред, онро диҳад ва он неъмат нусрат аз ҷониби Худо ва фатҳе қарибу-л-ҳусул аст ва мужда деҳ мусалмононро.** *(Саф: 1-13)*

Аммо ҳадисҳои омада дар фазилати ҷиҳод бешумор аст. Аз ҷумла инҳост:

1285 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) пурсида шуд, ки кадом амал беҳтар аст? фармуд: Имон

ба Худо ва расулаш. Гуфта шуд: Боз кадом? Фармуд: Ҷиҳод дар роҳи Худо. Боз гуфта шуд, кадом? Фармуд: Ҳаҷҷи мақбул.

1286 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулуллоҳ? Кадом амал дар назди Худои таъоло маҳбубтар аст? Фармуд: Адои намоз дар вақташ. Гуфтам: боз кадом? Фармуд: Некӣ ба падару модар. Гуфтам боз кадом? Фармуд: Ҷиҳод дар роҳи Худо.

1287 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки гуфт: гуфтам ё Расули Худо! Кадом амал беҳтар аст? Фармуд: имон ба Худо ва ҷиҳод дар роҳаш.

1288 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно як бор рафтан дар аввали субҳ ё аввали шаб (барои ҷиҳод) аз дунё ва он чи дар он аст, беҳтар мебошад.

1289 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: марде ба ҳузури Расули Худо (с) омада гуфт: Беҳтари мардум, кист? Фармуд: Мусалмоне, ки бо ҷону молаш дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад. Гуфт: Боз кист? Фармуд: мӯъмине, ки дар дарае аз дараҳо зиндагӣ намуда, Худоро парастад ва мардумро аз шарри хеш дар амон медорад.

1290 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: як рӯз дар роҳи Худо пойдорӣ ва истодагӣ кардан дар баробари душмани дин аз дунё ва он чи дар он аст, беҳтар мебошад ва ҷойи тозиёнаи якеи шумо аз биҳишт аз дунё ва он чи дар он аст, беҳтар аст ва аввали шаб ё аввали субҳе, ки банда дар роҳи Худо меравад аз дунё ва он чӣ дар он аст, беҳтар мебошад.

***Шарҳ:*** Рибот: *мулозамат бар ҷоеро гӯянд, ки дар он эҳтимоли юриш ва ҳуҷуми душман меравад ва мурод аз иборати* "ҷойи тозиёнаи яке аз шумо" *мақоми кӯчакест, ки дар биҳишт насиби мусалмонон мегардад, ки ин мақом бо кӯчакиаш ин ҳама мазиятро дорад.*

1291 - Аз Салмон (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Посдорӣ ва истиқомати як шабонарӯз аз рӯзаву намози якмоҳа беҳтар аст ва агар дар он ҳол бимирад (савоб)-и амалеро, ки онро анҷом медод, дарёфта,

рӯзияш ҷорӣ мегардад ва аз азоби қабру фитнаи он дар амон мемонад.

1292 - Аз Фазола ибни Убайд (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Амали ҳар мурда бо маргаш хатм мешавад, ҷуз касе ки дар роҳи Худо посдорӣ ва истиқомат намояд, зеро амали ӯ то рӯзи қиёмат барояш рушд мекунад ва аз фитнаи қабр дар амон мемонад.

***Шарҳ:*** *Муробити фисабилиллоҳ касест, ки дар марзе аз марзҳои давлати исломӣ ба вазифаи посдорӣ ва муроқибат машғул аст.*

1293 - Аз Усмон (р) ривоят шуда, ки гуфт. Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мегуфт: Истиқомат ва пойдории як рӯз дар роҳи Худо аз ҳазор рӯз дар мосивои он аз манзилҳо беҳтар аст.

1294 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд чунин кафолат намуда, барои касе ки дар роҳи Худо берун омада ва ӯро чизе ҷуз ҷиҳод дар роҳам ва имон ба Ман ва тасдиқ ба фиристодагонам берун накарда бошад, пас ӯ кафолатдор аст, ки (Ман) ӯро ба биҳишт дохил кунам ё ин, ки ӯро ҳамроҳи музд ё ғанимат ба манзиле, ки аз он баромада бозгардонам ва савганд ба Зоте, ки ҷони Муҳаммад дар дасти Ӯст, ҳеҷ захме нест, ки дар роҳи Худо ба вуҷуд омада, магар ин, ки дар рӯзи қиёмат ба ҳамон шакле, ки дар рӯзи захм хӯрдан буда меояд, ки рангаш ранги хун ва бӯяш бӯи мушк аст ва савганд ба Зоте, ки ҷони Муҳаммад ба дасти Ӯст, агар бар мусалмонҳо гарон наояд, ҳаргиз аз пушти як сарияе, (лашкари кӯчаке, ки бештарини теъдоди он ба 400 мерасад), ки дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад, наменишастам. Вале тавоноие намебинам, ки онҳоро бо худ бубарам ва онҳо ҳам ин тавоноиро надоранд. Ва бар онҳо гарон меояд, ки аз ман тахаллуф кунанд ва савганд ба Зоте, ки ҷони Муҳаммад дар дасти Ӯст, ҳамоно дӯст медорам, ки дар роҳи Худо ҷиҳод кунам ва кушта шавам, боз ҷиҳод кунам ва кушта шавам ва боз ҷиҳод кунаму кушта шавам.

1295 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) марвист, ки Расули Акрам (с) фармуд: ҳеҷ шахси захмие нест, ки дар роҳи Худо захмӣ мегардад, ҷуз ин ки дар рӯзи қиёмат меояд, дар ҳоле ки аз захмаш хун ҷорист, ранг, ранги хун аст ва бӯй, бӯйи мушк.

1296 - Аз Маъоз (р) ривоят аст, ки паёмбар фармуд: Ҳар марди мусалмоне, ки ба андозаи вақти миёнаи ду мартаба дӯшидани шутур, дар роҳи Худо ҷиҳод кунад, биҳишт барои ӯ воҷиб мешавад ва касе дар роҳи Худо захмӣ шуда, ҳодисаи баде барои ӯ рӯй диҳад, вай дар рӯзи қиёмат меояд, дар ҳоле ки бештар аз ҳолати аввалист, ки ранги он заъфарон ва бӯи он монанди мушк аст.

1297 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Марде аз асҳоби Расули Худо (с) аз канори дарае, ки дар он чашмаи ширине буд, гузашт ва хушаш омаду гуфт, чӣ мешавад, ки аз мардуми канора гирифта, дар ин дара зиндагӣ кунам ва ҳаргиз ин корро нахоҳам кард, то аз Расули Худо (с) иҷозат талабам. Сипас ин мавзӯъро ба Расули Худо (с) ёдоварӣ кард ва он ҳазрат фармуд: Ин корро накун, зеро мақоми яке аз шумо дар роҳи Худо беҳтар аст аз намози ҳафтод соли ӯ дар хонааш. Оё дӯст надоред, ки Худованд барои шумо биёмурзад ва шуморо ба биҳишт дохил намояд? Дар роҳи Худо ҷиҳод кунед ва касе, ки ба андозаи вақти мобайни ду бор дӯшидани шутур (киноя аз андак будани муддатии ҷиҳод) дар роҳи Худо ҷиҳод кунад, биҳишт барояш лозим мегардад.

1298 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: гуфта шуд: Эй Расули Худо (с), чӣ чиз бо ҷиҳоди дар роҳи Худо баробарӣ мекунад? Фармуд: Тавоноии онро надоред ва ду бор ё се бор бар вай такрор намуданд ва дар ҳар бор мефармуд: тавоноии онро надоред. Сипас фармуд: Сифати муҷоҳиди дар роҳи Худо, монанди рӯзадори барподорандаи намозест, ки ба оёти Худо мутеъ буда ва аз анҷоми рӯза ва намоз ғафлат намекунад, то ин ки муҷоҳиди дар роҳи Худо боз гардад. Ин лафзи Муслим аст ва дар ривояти Бухорӣ омада, ки марде гуфт: Ё расулуллоҳ, маро ба коре раҳнамоӣ кун, ки бо ҷиҳод баробарӣ кунад. Фармуд: Онро намеёбам, сипас фармуд: Оё

метавонӣ, ки чун муҷоҳид барояд, ба масҷидат истода ва бадон мудовимат карда, ғафлату сустӣ наварзӣ ва рӯза бигирӣ ва ифтор накунӣ? Гуфт: Чӣ касе ин корро карда метавонад?

1299 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аз намунаи беҳтарин васоили касб барои мардум, мардест, ки зимоми аспи худро дар роҳи Худо гирифта, ҳар вақт, ки садои ҷангро шунавад, худро бар пушти аспаш андохта, куштан ё маргро дар ҷойҳое, ки гумонаш меравад, металабад. Ё мардест, ки бо гӯсфандоне чанд бор қуллаи кӯҳе аз ин қуллаҳо ё дар миёни даррае аз ин дарраҳо, ки намозро барпо дошта, закотро медиҳад ва то даме, ки маргаш даррасад, Худояшро ибодату парастиш мекунад ва ба коре аз корҳое мардум коре надорад, ҷуз корҳои нек.

1300 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳароина дар биҳишт сад дараҷа (*мартаба*) аст, ки Худованд онро барои муҷоҳидини дар роҳи Худо омода намуда, ки фосилаи миёни ду дараҷа (*мартаба*) монанди фосилаи миёни замин ва осмон аст.

1301 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки ба рубубияти Худо ва диёнати ислом ва рисолати Муҳаммад (с) розӣ шавад, биҳишт барои ӯ воҷиб мешавад. Абӯсаъид аз он ба шигифт шуда гуфт: Ё Расулуллоҳ, онро бароям бозгӯ. Он ҳазрат (с) онро бори дигар иъода намуда, афзуд: ва дигар, ки Худованд ба василаи он бандаро сад маротиба дар биҳишт боло мебарад, ки фосилаи миёни ҳар ду мартаба ба андозаи фосилаи замину осмон аст. Гуфт: Ва он чист? Фармуд: Ҷиҳод дар роҳи Худо, ҷиҳод дар роҳи Худо.

1302 - Аз Абубакр ибни Абумӯсои Ашъарӣ ривоят шуда, ки гуфт аз падарам дар ҳоле ки дар баробари душман қарор дошт, шунидам, ки мегуфт: Расули Худо (с) фармуд: Дарвозаҳои биҳишт дар зери сояҳои шамшерҳост, марде жандапӯш бархост ва гуфт: эй Абумӯсо, оё худат онро аз Расули Худо (с) шунидӣ? Гуфт: бале ва ӯ ба назди руфақояш рафта ва гуфт: бар шумо салом мехонам ва ғилофи

шамшерашро шикаста ва андохт ва баъд бо шамшераш тарафи душман рафта ва ба он шамшер зад, то кушта шуд.

1303 - Аз Абиабс Абдурраҳмон ибни Ҷабр (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ғуборолуда нашуд қадамҳои бандае дар роҳи Худо, ки онро оташ мисос кунад, (яъне, ҳар гоҳ қадамҳои бандае дар роҳи Худо гардолуда шавад, оташи дӯзах онро ламс намекунад).

1304 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Дохил намегардад ба ҷаҳаннам марде, ки аз тарси Худо гиря карда бошад, то ин ки шир дубора ба пистон бозгардад ва ҷамъ нашавад бар банда ғубори дар роҳи Худо ва дуди ҷаҳанам.

1305 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мегуфт: Ду чашм аст, ки онро дӯзах ламс намекунад, чашме, ки аз тарси Худо гиря кунад ва чашме, ки дар роҳи Худо посдорӣ ва нигаҳбонӣ кунад.

1306 - Аз Зайд ибни Холид (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки муҷоҳидеро дар роҳи Худо муҷаҳҳаз кунад, ҳамоно ҷиҳод кардааст. Ва касе, ки хонаводаи муҷоҳидеро бо гунаи накӯ сарпарастӣ намояд, ҳамоно ҷиҳод кардааст.

1307 - Аз Абуумома (р) ривоят шуд, ки Расули Худо (с) фармуд: беҳтарин садақаҳо сояи хонаи мӯйӣ (хайма ва хиргоҳ) аст, ки дар роҳи Худо ё додани ходимест дар роҳи Худо (барои хидмати муҷоҳидин) ва ё додани шутурест, ки омодаи ҷуфтгирӣ шуда, дар роҳи Худо.

1308 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ҷавоне аз қабилаи Аслам гуфт: эй Расули Худо (с), ман мехоҳам, ки ҷиҳод кунам ва ҳамроҳам чизе нест, ки худро бо он муҷаҳҳаз намоям? Фармуд: назди фалонӣ бирав, зеро ӯ худро муҷаҳҳаз намуда буд ва бемор шуд. Пас назди ӯ рафт ва гуфт: Расули Худо (с) бар ту салом мефиристад ва мегӯяд: васоиле, ки худро ба он муҷаҳҳаз карда будӣ, ба ман деҳ. Вай гуфт: эй фалонӣ, (*барои ҳамсар ё ходимаш*) васоилеро, ки ман худро ба он муҷаҳҳаз карда будам, барояш деҳ ва чизе аз вай бозмадор. Зеро савганд

ба Худо чизеро аз ӯ манъ намекунӣ, ки боз бароят дар он баракат ниҳода шавад.

1309 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) гурӯҳеро ба суи бани Лаҳён фиристода ва фармуд: Бояд аз ҳар ду нафар як нафар ба ҷиҳод равад ва музд дар миёнашон аст ва дар ривояте омадааст, ки бояд аз ҳар ду марде як мард барояд ва сипас барои касе, ки менишаст, фармуд: Ҳар кадоми шумо, ки сарпарастии мол ва хонаводаи беруномада барои ҷиҳодро ба ба таври дуруст бинамояд, барои вай мисли нисфи музди касест, ки баромадааст.

1310 - Аз Бароъ (р) ривоят шуда, ки марде саропо дар оҳан хидмати паёмбар (с) омада гуфт: Ё Расулуллоҳ! Биҷангам ё мусалмон шавам? Фармуд: Ислом биёвар, сипас биҷанг. Ӯ ҳам ислом овард ва ҷангид, то ин ки кушта шуд. Сипас Расули Худо (с) фармуд: Кам амал намуд ва музди зиёде гирифт.

1311 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳеҷ кадоме аз онон ки ба биҳишт дарояд, дӯст надорад, ки ба дунё бозгардад, ҳарчанд ҳамаи он чи бар замин аст, аз ӯ бошад ҷуз шаҳид, зеро ба воситаи каромате, ки мебинад, орзу мекунад, ки ба дунё бозгашта ва даҳ бор кушта шавад ва дар ривояте омада, ки ба сабаби он чи дар мавриди фазилати шаҳодат мебинад.

1312 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд (**ҷалла ҷаллолуҳу**) ҳамаи гуноҳони шаҳидро меомурзад, ҷуз қарз.

1313 - Аз Абуқатода (р) ривоят шуда, ки Расулуллоҳ дар миёни эшон хутба хонду ёдоварӣ кард, ки ҷиҳод дар роҳи Худо ва имони ба Худо беҳтарин аъмол аст. Баъд марде истода гуфт: Ё Расулуллоҳ, хабарам деҳ, ки ҳар гоҳ дар роҳи Худо кушта шавам, оё гуноҳонам маҳв мешаванд? Расули Худо (с) фармуд: Бале агар дар роҳи Худо кушта шавӣ ва ту собир бошӣ ва ихлос намоӣ, рӯоваранда бошӣ, на пуштгардонанда. Сипас Расули Худо (с) фармуд: Чӣ гуна гуфтӣ? Гуфт: Хабарам деҳ ё Расулуллоҳ, ки ҳар гоҳ дар роҳи Худо кушта шавам, гуноҳонам маҳв мешаванд? Расули Худо (с) гуфт: Оре, дар

ҳоле, ки ту ихлос намуда, сабр кунӣ, рӯйоваранда буда, ба душманон пушт надиҳӣ, ба ҷуз қарз. Зеро Ҷабраил (а) инро бароям гуфт.

1314 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт. Марде гуфт: Ё Расулуллоҳ, агар кушта шавам, дар куҷо мебошам? Фармуд: Дар биҳишт. Сипас чанд дона хурмоеро, ки дар дасташ буд, андохту ҷангид, то кушта шуд.

1315 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) ва асҳобаш (р) рафтанд то, ин ки қабл аз мушрикин ба Бадр расиданд ва мушрикин ҳам омаданд. Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ кадоме шумо ба коре иқдом накунад, то ин, ки ман аз ӯ ба он наздиктар бошам ва мушрикин ба муслимин наздик шуданд. Расули Худо (с) фармуд: Бархезед ба сӯи биҳиште, ки паҳноии он ба паҳноии замину осмон аст. (Ровӣ гуфт): Умайр ибни Ҳумоми Ансорӣ (р) мегӯяд. Ё Расулуллоҳ (с) биҳиште, ки паҳнои он ба андозаи паҳноии замину осмон аст? Фармуд: Бале. Вай гуфт: Баҳ-Баҳ. Расули Худо (с) фармуд: Чи чиз сабаб шуд, ки баҳ гуфтед? Гуфт: На, савганд ба Худо ё Расулуллоҳ (с) ба ҷуз ин, ки аҳли он бошам. Фармуд: Ҳамоно ту аз аҳли он мебошӣ. Пас чанд донаи хурморо аз тирдонаш берун карду шурӯъ ба хӯрдани он карду гуфт: Агар ман зинда бимонам, то ин чанд дона хурморо бихӯрам, он зиндагии тулонӣ хоҳад буд ва баъд аз он хурмоҳоро андохт ва бо онҳо ҷангид, то ки кушта шуд.

1316 - Ҳамчунон аз Анас (р) ривоят аст. ки гуфт. Иддае, аз мардум ба ҳузури паёмбар (с) омаданд, ки бо мо ашхосеро бифирист, ки барои мо китоб ва суннатро биёмӯзанд, Он ҳазрат (с) ҳафтод нафар аз ансорро ки онҳоро қориён ва ҳофизон гуфта мешуд ба тарафашон фиристод, ки дар зумраи онҳо тағоям Ҳаром (р) буд, ки Қуръонро дар шаб онро бо ҳам хонда такрор намуда меомӯхтанд ва дар рӯз об оварда, онро дар масҷид мегузоштанд ва ҳезумкашӣ намуда онро фурӯхта, бо он барои аҳли Суффа ва фуқаро таъом мехариданд. Паёмбар (с) онҳоро фиристод ва мушрикин дар роҳашон қарор гирифта ва пеш аз он, ки ба онҳо бирасанд онҳоро куштанд. Асҳоб (р) гуфтанд: Бор Худоё! Ба паёмбари мо бирасон, ки мо ба лиқоят

шитофтем, пас аз Ту розӣ шудем ва Ту ҳам аз мо розӣ гардидӣ ва марде ба тарафи Ҳаром (р) тағои Анас (р) аз пушти сараш омада, ӯро ба найза зад, то ин ки ӯро ба шаҳодат расонид. Ҳаром гуфт: Савганд ба Парвардигори Каъба, ки растагор шудам. Расули Худо (с) фармуд: Бародарони шумо кушта шуданд ва онҳо гуфтанд: Бор Худоё! Хабари моро ба паёмбари мо (с) бирасон, ки мо ба дидорат шитофтем, пас аз Ту розӣ шудем ва Ту аз мо розӣ гардӣ.

1317 - Ва низ аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Амакам Анас ибни Назр (р) аз ҷанг Бадр ғоиб шуда буд, гуфт: Ё Расулуллоҳ! Аз аввалин ҷанге, ки бо мушрикин намудӣ, ғоиб шудам. Агар маро Худованд ба ҷанги мушрикин ҳозир кард, хоҳад дид ки чӣ мекунам. Чун рӯзи Уҳуд буд ва муслимин ақибнишинӣ карданд, гуфт: Парвардигоро, ман ба сӯят узр меҷӯям аз он чи онон карданд (яъне, дӯстонаш) ва безорӣ меҷӯям аз он чи инҳо карданд (мушрикин) сипас пеш рафт. Саъд ибни Маъоз (р) пеши рӯяш омад гуфт: Эй Саъд ибни Маъоз! Биштоб, ба сӯи биҳишт ва савганд ба Парвардигори Назр, ки ман бӯи онро аз тарафи Уҳуд дармеёбам. Саъд (р) гуфт: Ё Расулуллоҳ натавонистам, ки кори ӯро анҷом диҳам (яъне, ман ҳам биҷангам, то мисли ӯ шаҳид гардам) Анас гуфт: дар вуҷудаш ҳаштоду чанд зарбаи шамшер ва найза ва тирро ёфтем ва ӯро кушта дидем дар ҳоле, ки мушрикин ӯро мусла (буридани гӯшу бинӣ ва дигар аъзои ҷасад) карда буданд ва ҳеҷ кас ӯро нашинохт, то ин, ки хоҳараш ӯро ба гӯшаҳои ангуштонаш шинохт.

Анас гуфт: Назари мо бар ин буд ва медидем ё чунон гумон мекардем, ки ин оят дар мавриди вай ва амсолаш нозил шуд **(Бархе аз мӯъминон касоне ҳастанд, ки бо аҳду паймоне, ки бо Худо бастанд, вафо карданд, пас бархе аз онон бар он аҳд истодагӣ карданд, то шаҳид шуданд).** *(Аҳзоб: 23)*

*Шарҳ: Аз ин ҳадис падидор мешавад, ки ваъдаи нек додан ва худро маҷбур ба кори хайре кардан ҷавоз дорад, чунон ки ин ҳадис иштиёқ ва сидқи асҳоби Расули Худо (с)-ро дар талаби шаҳодат бозгӯ мекунад.*

1318 - Аз Самура (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Дишаб дар хоб дидам, ки ду мард (*Ҷабраил ва Микоил ба сурати одамӣ*) наздам омада ва маро ба дарахте боло намуданд ва ба хонае дохил карданд, ки бисёр некӯ ва зебо буд ва ҳаргиз зеботар аз онро надида будам, он ду мард гуфтанд: ин хонаи шуҳадо аст.

1319 - Аз Анас (р) ривоят шуда: Умми Рубайи бинти Бароъ, ки Умми Ҳориса ибни Суроқа аст, хидмати Расули Худо (с) омад ва гуфт: Ё Расулуллоҳ! Оё дар бораи Ҳорис бо ман сӯҳбат намекунӣ? Ӯ дар рӯзи Бадр кушта шуда буд. Пас агар дар биҳишт бошад, сабр мекунам ва агар ғайр аз ин бошад, дар гиристан бар вай кӯшиш хоҳам кард. Он ҳазрат (с) фармуд: Эй Умми Ҳорис дар биҳишт, биҳиштҳост ва писарат ба фирдавси аъло расид.

1320 - Аз Ҷобир (р)ривоят, шуда, ки гуфт: Падарам, хидмати Паёмбар (с) оварда шуд, дар ҳоле, ки мусла шуда буд ва дар пеши рӯи Паёмбар (с) гузошта шуд. Рафтам, ки рӯяшро бикшоям, гурӯҳе маро манъ карданд. Паёмбар (с) фармуд: Фариштагон ҳанӯз ба болҳои худ ӯро соя меафкананд.

1321 - Аз Саҳл ибни Ҳунайф (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки содиқона аз Худои таъоло шаҳодатро талабад, Худованд ӯро ба маротиби шуҳадо мерасонад, ҳарчанд бар болинаш бимирад.

1322 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки содиқона шаҳодатро талабад, савобаш ба вай дода шавад, ҳарчанд ба он нарасад.

1323 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуд: Шаҳид дарди маргро ҷуз ба андозаи яке аз шумо дигареро бо нохун бигирад, (бигазад)ҳис наменамояд.

1324 - Аз Абдуллоҳ ибни Абуавфо (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) дар баъзе рӯзҳое, ки дар он бо душман рӯ ба рӯ шуд, интизор кашид, то ин ки офтоб завол намуд. Сипас дар миёни мардум истод ва фармуд: Эй мардум! Рӯ ба рӯ шудан бо душманро орзу накунед ва аз Худованд офият ва саломатиро талаб намоед, вале ҳангоме, ки бо душман рӯ ба

рӯ шудед, сабр кунед ва бидонед, ки биҳишт дар зери сояҳои шамшерҳои шумост. Баъд фармуд: Бор Худоё! Эй фурӯфиристандаи китоб ва ҷараёндиҳандаи абр ва шикастдиҳандаи гурӯҳҳо, ононро шикаст деҳ ва моро бар онон нусрату ёрӣ фармо!

1325 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ду дуъо рад намешавад ё фармуд: Кам рад мешавад: Дуъо дар вақти азон ва дар вақти ҷанг, ҳангоме ки бархе бо бархе дигар даровез мешаванд.

1326 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки чун Расули Худо (с) ҷиҳод мекард, мефармуд: ***Аллоҳумма анта ъазудӣ ва насирӣ бика аҷӯлу ва бика асӯлу ва бика уқотилу.*** Бор, Худоё, ту мададгор ва ёридиҳандаи манӣ ба кӯмаки ту ҳаракат намуда ва ба ёрии ту бар душман ҳамла мебарам ва ба мадади ту меҷангам.

**1327 - Аз абумӯсо (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) аз қавм ва гурӯҳе эҳсоси хатар менамуд мефармуд:** *аллоҳумма инно наҷъалука фи нуҳуриҳим ва наъузу бика мин шуруриҳим.* **(парвардигорро, мо туро бар онҳо ҳавола мекунем (яъне, онҳоро ба василаи ту дафъ мекунем) ва аз бадиҳояшон ба ту панох меҷӯем.**

1328 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: То рӯзи қиёмат дар мӯйи пешонии асбҳо хайр гиреҳ хӯрдааст.

1329 - Аз Урваи Бориқӣ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: То рӯзи қиёмат дар мӯи пешонии асбҳо хайр гиреҳ хӯрдааст: яъне, музд (подоши ухравӣ) ва ғанимат (подоши дунявӣ)

1330 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки асберо дар роҳи Худо нигоҳ дорад ва имони вай ба Худо ва бовар доштани ӯ ба ваъдааш сабаби ин кор шуда бошад, ҳамоно сер шудан ва сероб гаштан ва пасафгандаи бавли он дар мизонаш (тарозуяш) дар рӯзи қиёмат ҳисоб мешавад.

1331 - Аз Абумасъуд (р) ривоят шуда, ки гуфт: Марде шутури маҳордореро хидмати паёмбар (с) оварда ва гуфт: Ин дар роҳи Худо садақа аст, Расули Худо (с) фармуданд: бароят дар рӯзи қиёмат ҳафтсад шутур, ки ҳамааш маҳордор аст ба ивази он дода мешавад.

1332 - Аз Абуҳаммот ё Абусуъот ё Абуасад ё Абуомир ё Абуамр ё Абуласвад ё Абуабс Уқба ибни Омири Ҷӯҳанӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, дар ҳоле ки бар минбар буд, мефармуд: **Ва аъиддӯ лаҳум мастатаътум мин қувватин.** Яъне, омода кунед барои муқобила бо душманон он чиро, ки метавонед аз қувва ва асбоби тавоноӣ. Мефармуд: Огоҳ бошед, ки қувва тирандозӣ аст, огоҳ бошед, ки қувва тирандозӣ аст, огоҳ бошед, ки қувва тирандозӣ аст.

1333 - Ҳамчунон аз Уқба (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки фармуд: Ба зудӣ сарзаминҳое барои шумо кушуда мешаванд ва Худованд шуморо аз таклифи ҷанг кифоят мекунад, пас яке аз шумо аз ин ки бо тирҳояш бозӣ кунад, нотавон нагардад.

***Шарҳ***: *яъне, пайваста тирандозӣ кунед ва дар ин кор кӯтоҳӣ нанамоед ва вақти фарогати хешро бо машқи тирандозӣ сарф кунед, ки бад-ин васила ислом бо ташвиқ ба тирандозӣ ва фунуни ҷангӣ аз мусалмонон мехоҳад пайваста дар ҳолати омодабош бошанд, то бо ҳар гуна хатар билқувва муқобила карда битавонанд.*

1334 - Ва низ аз Уқба (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки тирандозӣ барояш таълим дода шуд ва ӯ онро тарк кард, аз мо нест ё фармуд: Ба таҳқиқ исён ва нофармонӣ кардааст.

1335 - Аз Уқба (р) ривоят аст, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳамоно Худованд бо як тир се касро дохили биҳишт мекунад: Созандаро, ки ба нияти наздикӣ ба Ҳақ таъоло ва расидан ба хайр онро месозад ва касеро ки бад-он тир меандозад ва он ки тирро омода намуда, барои андохтан ба дигаре медиҳад. Пас тир андозед ва саворӣ кунед ва тирандозӣ дар наздам маҳбубтар аст, аз ин ки саворкорӣ кунед.

Ва он, ки тирандозиро пас аз омӯхтан аз рӯи адами эҳсоси ниёз бад-он тарк кунад, ӯ дар ҳақиқат неъматеро тарк кардааст. Ё фармуд: Бад-он куфрон варзидааст.

1336 - Аз Салама ибни Акваъ (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) аз канори иддае гузашт, ки тирандозӣ мекарданд, фармуд: Эй фарзандони Исмоил, тирандозӣ кунед, зеро падари шумо тирандоз буд.

1337 - Аз Амр ибни Абаса (р) ривоят шуда, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Он ки тиреро дар роҳи Худо бизанад, мисли он аст, ки бандаеро озод карда бошад.

1338 - Аз Абуяҳё Хурайм ибни Фотик (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки дар роҳи Худо чизеро нафақаву харҷ кунад, барои ӯ ҳафтсад баробари он навишта мешавад.

1339 - Аз Абусаъид (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ бандае нест, ки рӯзеро дар роҳи Худо рӯза гирад, магар ин ки Худованд ба он рӯз ӯро ҳафтод сол аз ҷаҳаннам дур мекунад.

1340 - Абуумома (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он ки дар роҳи Худо рӯза гирад, Худованд миёни ӯ ва дӯзах хандақе қарор медиҳад, ки (фосилаи) он монанди осмон ва замин аст.

1341 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе ки бимирад ва ҷиҳод накунад ва дар бораи ҷиҳод бо худ замзамае накарда бошад, (*дар дилаш андешаи ҷиҳод хутур накарда бошад*) бар шохае аз нифоқ мурдааст. *Ин ҳадис баёнгари он аст, ки нияти анҷоми ибодатеро бинамояд ва пеш аз анҷом додани он бимирад, гуноҳ домангири ӯ намешавад, бар хилофи он ки нияти чунин кореро нанамояд ва бимирад.*

1342 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: бо паёмбар (с) дар ғазва будем ва фармуд, дар Мадина мардоне ҳастанд, ки шумо ба ҳеҷ роҳе нарафтед ва ҳеҷ водиеро напаймудед, ҷуз ин ки бо шумо буданд, ки онҳоро беморӣ аз ҳамроҳӣ бо шумо боздошт ва дар ривояте омада, ки узр онҳоро боздошт. Ва дар ривояте омада: магар ин, ки бо шумо дар музд ва савобатон мушорикат карданд.

1343 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки марде хидмати паёмбар (с) омада гуфт: Ё Расулуллоҳ! Марде барои ғанимат меҷангад ва марде барои овоза ва шӯҳрат меҷангад ва марде барои он меҷангад, ки манзилаташ аз назари ҷангӣ дида шавад ва дар ривояте омада, ки барои ибрози шуҷоъат меҷангад ва барои худхоҳӣ ва ғайрати дифоъ аз қавму қабила меҷангад ва дар ривояте омада, ки аз рӯи ғазаб меҷангад, пас кадом як дар роҳи Худост? Расули Худо (с) фармуд: Он ки биҷангад, то калиматуллоҳ (калимаи тавҳид) бартар шавад, пас он дар роҳи Худост.

1344 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ гурӯҳи ҷиҳодкунанда ва ё сарияе нест, ки ҷиҳод кунад ва ғанимат гирад ва солим бимонад, магар ин, ки ду-се ҳиссаи муздашонро пеш дарёфт кардаанд ва ҳеҷ гурӯҳи ҷиҳодкунанда ва сарияе нест, ки ғанимат нагирифта, бимирад ё захмӣ шаванд магар ин, ки муздашон барояшон ба ваҷҳи тамом собит монда аст.

1345 - Аз Абуумома (р) ривоят аст, ки марде гуфт: Ё Расулаллоҳ ба ман иҷозаи саёҳат деҳ. Паёмбар (с) фармуд: саёҳати умматам ҷиҳод дар роҳи Худост.

1346 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Бозгашт аз ҷанг монанди як ғазва ба ҳисоб меравад.

1347 - Аз Соиб ибни Язид (р) ривоят шуда, ки гуфт: Чун паёмбар (с) аз ғазваи Табук ташриф овард, мардум ба мулоқоташ шитофтанд ва ман ҳамроҳи бачаҳо эшонро дар Санияту-л-вадоъ мулоқот кардам. Бухорӣ дар ривояташ гуфт: Мо бо бачаҳо барои мулоқот ва дидори Расули Худо (с) ба Санияту-л-вадоъ рафтем.

1348 - Аз Абуумома (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд. Касе, ки ҷиҳод накунад ё размандаеро муҷаҳҳаз нанамояд ва ё сарпарастии хонаводаи ғозиеро ба гунае дуруст накунад, Худованд пеш аз рӯзи қиёмат ӯро ба азобе мубтало мекунад.

1349 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Бо мушрикин ба молҳо ва ҷонҳо ва забонҳоятон ҷиҳод кунед.

1350 - Аз Абуамр ё Абуҳаким Нӯъмон ибни Муқаррин (р) ривоят шуда, ки гуфт: Бо Расули Худо (с) ҳозир шудам, ки чун аввали рӯз намеҷангид, онро ба таъхир меандохт то, ки офтоб завол кунад ва бодҳо бивазад ва нусрату мадад фуруд ояд.

1351 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Рӯ ба рӯ шудан бо душманро орзу накунед ва чун бо онҳо рӯ ба рӯ шудед, шикебоӣ кунед.

1352 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра ва Ҷобир (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҷанг фиреб ва найранг аст.

***Шарҳ:*** *Ибни Мунир дар мавриди ин ҳадис мегӯяд: Маънои ин ҷумла ин аст, ки ҷанги комил ва ҳадафманд бо фиреб ва найранг муҳайё мешавад, на бо рӯёрӯӣ, зеро рӯёрӯӣ бо душман бо хотирот тавъам аст, дар ҳоле ки дар сурати худъа ва фиреб бидуни доман задан ба хатар мақсуд ҳосил мешавад.*

## БОБИ 235. Муаррифии гурӯҳе аз шуҳадо дар савоби охират, ки бар хилофи он, ки дар ҷанг бо куффор кушта шавад, ғусл дода шуда ва бар онҳо намоз гузорида мешавад

1353 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Шуҳадо панҷ гурӯҳанд, он ки ба тоъун бимирад ва он ки дар бемории шикам бимирад ва он ки ғарқ шавад ва он ки зери вайронӣ (*девор ё хонае*) бимирад ва шаҳиде, ки дар роҳи Худо (*ҷиҳод*) ба шаҳодат мерасад.

1354 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Дар миёнатон кадомро шаҳид меҳисобед? Гуфтанд: Ё Расулуллоҳ! Фақат он, ки дар роҳи Худо кушта шавад, шаҳид аст. Фармуд: Агар ин тавр бошад пас шуҳадои умматам кам мебошанд. Гуфтанд. Пас киёнанд ё Расулуллоҳ! Гуфтанд: Он ки дар роҳи Худо кушта шавад шаҳид аст ва он, ки дар роҳи Худо бимирад, шаҳид аст, ва он, ки аз бемории тоъун (вабо) бимирад... ва он ки... шикам бимирад шаҳид аст ва он, ки ғарқ шавад шаҳид аст.

1355 - Аз Абдулло ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки дар баробари дифоъ аз молаш кушта шавад шаҳид аст.

1356 - Аз Абулаъвар Саъид ибни Зайд ибни Амр ибни Нуфайл (р) ва ӯ яке аз даҳ нафарест, ки барояшон ба биҳишт шаҳодат ва башорат дода шудааст ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Он ки дар баробари дифоъ аз молаш кушта шавад, шаҳид аст ва он ки дар баробари дифоъ аз ҷонаш кушта шавад, шаҳид аст ва он ки дар баробари дифоъ аз динаш кушта шавад, шаҳид аст ва он ки дар баробари дифоъ аз хонаводааш кушта шавад, шаҳид аст.

1357 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт. Марде хидмати Расули Худо (с) омаду гуфт: Ё Расулуллоҳ: Агар марде омад ва хост моламро бигирад (чӣ кунам)? Фармуд: Ту шаҳидӣ. Гуфт агар ман ӯро куштам? Фармуд: Ӯ дар дӯзах аст.

## БОБИ 236. Дар фазилати озод кардани бардагон (ғуломон)

Худованд мефармояд: **Пас ба гузаргоҳи сахт дарнаёмад ва чӣ чиз огоҳ намуд, ки гузаргоҳи сахт чист? Раҳо кардани барда.** *(Балад: 11-13)*

1358 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки бандаи мусалмонеро озод кунад, Худованд дар баробари ҳар узве аз ӯ узве аз ӯ (*озодкунанда*)-ро аз дӯзах озод мекунад, то ин ки шармгоҳашро дар баробари шармгоҳаш.

1359 - Аз Абузар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Гуфтам Ё Расулуллоҳ (с) кадом як аз аъмол беҳтар аст. Фармуд: Имон ба Худо ва ҷиҳод дар раҳи Худо. Гуфтам: Кадом барда (ғулом) аз рӯи озод кардан беҳтар аст? Фармуд: Гаронтарин ва арзишмандтарини он дар назди аҳлаш (дар назди муомилагарони он).

## БОБИ 237. Дар фазилати некӣ ва эҳсон бо бардагон

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿وَاعْبُدُوا اللهَ وَلَا تُشْرِكُوا بِهِ شَيْئاً وَبِالْوَالِدَيْنِ إِحْسَاناً، وَبِذِي الْقُرْبَى، وَالْيَتَامَى، وَالْمَسَاكِينِ، وَالْجَارِ ذِي الْقُرْبَى، وَالْجَارِ الْجُنُبِ وَالصَّاحِبِ بِالْجَنْبِ، وَابْنِ السَّبِيلِ، وَمَا مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ﴾(٤) [النساء: ٣٦].

Худованд мефармояд: **Ва Худоро бипарастед ва ба вай чизеро шарик насозед ва ба падар ва модар некӯкорӣ карда ва ба хешон ва ятимон ва гадоён ва ҳамсояи хешованд ва ҳамсояи бегона ва ҳамнишини бар паҳлӯ нишаста ва ба мусофир ва ба он чи шумо молики ӯ шудаед, низ некӯкорӣ кунед.** *(Нисо: 36)*

1360 - Аз Маърур ибни Сувайд (р) ривоят шуда, ки гуфт: Абузарро дидам, дар ҳоле ки ҳулла пӯшида буд ва ғуломаш ҳам ҳуллае мисли ӯ дар бар дошт, аз вай дар ин маврид суол кардам, ӯ ёдовар шуд, ки ӯ дар замони Расули Худо (с) мардеро дашном дода ва ӯро ба модараш таъна зада буд, паёмбар (с) фармуд: Ту шахсе ҳастӣ, ки дар ту хислате аз хислатҳои ҷоҳилият аст. Онҳо бародарони шумо ва хидматгузорони шумо ҳастанд, ки Худованд онҳоро зери дасти шумо қарор дода, пас он ки бародараш зери дасташ бошад, бояд ӯро аз он чи мехӯрад, бихӯронад ва аз он чи мепӯшад, бипӯшонад ва онҳоро ба чизе мукаллаф накунед, ки тавоноии онро надошта бошанд ва агар ононро маъмур кардед, пас бо онон ҳамкорӣ кунед.

1361 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ хидматгори яке аз шумо таъомашро наздаш оварад, агар ӯро бо худ нашинонад, бояд ба ӯ як ё ду луқма диҳад, зеро вай онро дуруст кардааст.

## БОБИ 238. Фазилати бардае, ки ҳаққи Худо ва ҳаққи мавлояшро адо мекунад

1362 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ бардае барои мавлояш хайрандешӣ карда ва

ибодати Худоро ба тарзи некӯ анҷом диҳад барои ӯ ду музд дода мешавад (музди хидмат ба арбобаш ва музди ибодат).

1363 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Барои бардаи некӯкор ду музд аст. Абуҳурайра (р) гуфт: Савганд ба Зоте, ки ҷони Абуҳурайра дар дасти Ӯст агар ҷиҳоди дар роҳи Худо, ҳаҷ ва некӣ ба модарам намебуд дӯст доштам, ки бимирам, дар ҳоле, ки барда бошам.

1364 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Бардае, ки ибодати Парвардигорашро некӯ анҷом диҳад ва дар баробари арбобаш ҳам ҳаққи ӯро, ки бар вай лозим аст адо намуда, аз ӯ фармонбардорӣ ва ба ӯ хайрхоҳӣ кунад, барои ӯ ду музд дода мешавад.

1365 - Ҳамчунин аз Абумӯсо (с) ривоят аст, ки Расули акрам (с) фармуд: Се касанд, ки барояшон ду музд аст: Марде аз аҳли китоб, ки ба паёмбараш ва ба Муҳаммад имон овард ва бардае, ки ҳаққи Худо ва меҳтаронашро адо намуд ва марде, ки канизаке дошт ва онро некӯ адаб намуду некӯ омӯзиш дод, сипас ӯро озод намуда бо вай издивоҷ кард.

## БОБИ 239. Фазилати ибодат дар ҳараҷу мараҷ ва он иборат аст аз фитнаҳо ва дарҳаму барҳам шудани авзоъи замон ва амсоли он

1366 - Аз Маъқил ибни Ясор (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ибодат дар вақти ҳараҷ ва мараҷ монанди ҳиҷрат ба сӯи ман аст.

***Шарҳ:*** *Яъне, он ки дар ҳангоми ҳараҷ ва мараҷ ва паҳншавии фасод ва разилат ба ибодати Худованд машғул мешавад, монанди касест, ки ба сӯям ҳиҷрат намудааст, дуруст ба гунае, ки муҳоҷирини аввалин барои ҳифзи дини хеш ба сӯи он ҳазрат (с) ҳиҷрат намуда ва ба ҳидояти ӯ (с) чанг заданд, ин шахс ҳам барои ибодат аз мардум гӯшагирӣ намуда, барои ҳифзи дини хеш аз шарри мардум фирор намуда ва ба парастиши Парвардигор чанг задааст.*

# БОБИ 240. Фазилати ҷавонмардӣ ва осонгирӣ дар харид ва фурӯш, доду ситад, некӯ адо намудан ва дархост кардан ва сангинтар қарор додани палаи торозу ва ё паймона, дар ҳангоми фурӯхтан ва манъ аз камфурӯшӣ ва фазилати мӯҳлат додани сарватманд ба бенаво ва фақир ва кам кардан аз он чӣ аз ӯ мехоҳад

قَالَ اللهُ تَعَالى : ﴿وَمَا تَفْعَلُوا مِنْ خَيْرٍ فإنَّ اللهَ بِهِ عَلِيمٌ﴾ [البقرة: ٢١٥] وقَالَ تَعَالى: ﴿وَيَا قَوْمِ أَوْفُوا المِكْيَالَ وَالمِيزَانَ بالقِسْطِ (١) وَلَا تَبْخَسُوا النَّاسَ أَشْيَاءَهُمْ﴾ [هود: ٨٥] وقَالَ تَعَالى: ﴿وَيْلٌ (٢) لِلمُطَفِّفِينَ الَّذِينَ إذَا اكتَالُوا عَلى الناسِ يَسْتَوْفُونَ، وَإِذَا كالوهُمْ أَوْ وَزَنُوهُمْ يُخسِرُونَ، ألا يظنُّ أُولئك أَنَّهُمْ مَبْعُوثونَ لِيَوْمٍ عَظِيمٍ، يَومَ يقومُ النَّاسُ لِربِّ العَالمِينَ﴾ [المطففين: ١ - ٦].

Худованд мефармояд: **Ва он чи аз хайр анҷом медиҳед, ҳамоно Худованд ба он доност.** *(Бақара: 215)*

Ва аз Шуъайб алайҳисалом хабар дода, мегӯяд: **Ва эй қавм, тамом диҳед паймона ва тарозуро ба инсоф ва кам марасонед ба мардумон чизҳояшонро.** *(Ҳуд: 85)*

**Вой бар касоне, ки ҳаққи мардумро мекоҳанд, онон ки чун барои худ паймона кунанд, ба камол ва тамом бигиранд ва чун хоҳанд, ки эшонро паймона диҳанд, зиён расонанд, оё ин гурӯҳ намедонанд, ки онҳо барангехта хоҳанд шуд, дар рӯзи бузург, рӯзе, ки мардум истода шаванд, дар пешгоҳи Парвардигори ҷаҳониён.** *(Мутаффифин: 1-6)*

1367. Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки марде хидмати паёмбар (с) омада аз вай қарзашро талаб карда, ба он ҳазрат (с) сухани сахт гуфт. Асҳобаш (р) қасди танбеҳи ӯро намуданд. Расули Худо (с) фармуд: Раҳояш кунед, зеро барои соҳиби ҳақ гуфтугӯест. Сипас фармуд: Барояш ҳамсинни шутураш шутуре диҳад. Гуфтанд: Ё Расулуллоҳ! Ҷуз беҳтар аз шутурашро

намеёбем? Фармуд: Бидиҳедаш! Зеро беҳтари шумо касест, ки беҳтар адо намояд.

***Шарҳ**: Маънои (барои соҳиби ҳақ гуфтугӯест) ин аст, ки соҳиби ҳақ (қарзхоҳ) одатан ба тарзи хосе сухан мегӯяд. Сухане, ки бартарии ӯро бар қарздор нишон диҳад.*

1368 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Худо раҳмат кунад марди ҷавонмардро, ки ҳар гоҳ бифурӯшад ё харидорӣ кунад ва ё талаб намояд, ҷавонмардиро муроъот кунад.

1369 - Аз Абуқатода (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Он ки хушаш ояд ин ки Худованд ӯро аз ранҷҳои рӯзи қиёмат наҷот диҳад, бояд мушкили тангдастеро бикшояд (*ба ин ки талаби ҳаққашро таъхир намояд*) ва ё аз ӯ дар гузарад ва қарзаш ё миқдоре аз онро бибахшад.

1370 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд; Марде буд, ки ба мардум қарз медод ва ба ходимаш мегуфт: чун назди нодоре рафтӣ аз ӯ даргузар, то шояд Худованд аз мо даргузарад, пас бо Худованд мулоқот намуд ва аз ӯ даргузашт.

1371 - Аз Абумасъуди Бадрӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Марде аз ононе ки пеш аз шумо буданд, мавриди муҳосиба қарор гирифт ва барои ӯ аз хайр чизе дида нашуд, ғайр аз ин ки ӯ бо мардум муомила менамуд ва марде осонгир буд ва хидматгорони худро амр мекард, ки аз нотавон даргузаранд, Худои ъазза ва ҷалла фармуд: Мо барои ин кор аз вай сазовортарем, аз ӯ даргузарем.

1372 - Аз Ҳузайфа (р) ривоят шуда, ки гуфт: Бандае назди Худои таъоло оварда шуд, ки Худои таъоло ба ӯ мол дода буд ва ӯро фармуд: дар дунё чӣ амал кардӣ? Гуфт: (аз Худованд чизеро пинҳон намекунанд) Гуфт: Парвардигоро! Ту молатро ба ман додӣ ва ман одати гузаштро доштам ва бо сармоядор ва сарватманд осонгирӣ намуда, нодорро мӯҳлат медодам. Худои таъоло фармуд. Ман ба ин кор аз ту сазовортарам, аз бандаам даргузаред. Сипас Уқба ибни Омир ва Абумасъуди

Ансорӣ (р) гуфтанд. Мо онро аз даҳони Расули Худо (с) шунидаем.

1373 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки фақир ва дармондаеро мӯҳлат дода ва ё аз қарзи ӯ кам кунад, Худои таъоло ӯро дар рӯзи қиёмат дар сояи Арши хеш, дар рӯзе, ки сояе ҷуз сояи ӯ нест, ҷой медиҳад.

1374 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) аз вай шутуре харида ва пулашро вазн намуд ва барояш афзунтар дод.

1375 - Аз Абусафвон Сувайд ибни Қайс (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ман ва Махрамаи Абдӣ порчаҳое аз минтақаи Ҳаҷар овардем ва Паёмбар (с) омад ва аз мо изоре харид ва наздам вазнкунандае буд, ки ба музд пулро вазн мекард. Паёмбар (с) ба ӯ гуфт: Вазн кун ва афзун кун.

# 12. КИТОБИ ИЛМ

## БОБИ 241. Фазилати илм ва ёд гирифтани он ва таълимаш ба хотири Худо

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿وَقُل رَّبِّ زِدْنِي عِلْماً﴾ [طه: ١١٤] وقَالَ تَعَالَى: ﴿قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لا يَعْلَمُونَ﴾ [الزمر: ٩] وقَالَ تَعَالَى: ﴿يَرْفَعِ اللهُ الَّذِينَ آمَنُوا مِنْكُمْ وَالَّذِينَ أُوتُوا الْعِلْمَ دَرَجَاتٍ﴾ [المجادلة: ١١] وقَالَ تَعَالَى: ﴿إِنَّمَا يَخْشَى اللهَ مِنْ عِبَادِهِ الْعُلَمَاءُ﴾ [فاطر: ٢٨].

Худованд мефармояд: **Ва бигӯ Парвардигорам илмамро афзун гардон.** *(Тоҳо: 114)*

**Бигӯ, оё баробаранд онон ки медонанд ва онон ки намедонанд?** *(Зумар: 9)*

**Ва Худованд баланд мекунад мартабаи ононеро, ки аз шумо имон оварданд ва ононе ки аз илм ба эшон дода шудааст.** *(Муҷодала: 11)*

**Ҳамоно аз Худо метарсад аз миёни бандагонаш, донишмандон.** *(Фотир: 28)*

1376 - Аз Муъовия (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки Худованд ба ӯ иродаи хайр кунад дар дин, донишмандаш созад.

1377 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳасад (*гибта*) ҷоиз нест, магар дар ду чиз, марде ки Худованд ба ӯ мол ва сарвате дода ва ӯро ба мусриф кардани он дар роҳи ҳақ чира сохтааст ва марде, ки Худованд ба ӯ илме дода ва ӯ бад-он ҳукм намуда ва онро таълим медиҳад.

1378 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Сифати илм ва ҳидояте, ки Худо маро бад-он фиристода монанди боронест, ки ба замин расид, ки баъзе аз гӯшаҳои он замин хуб буда, обро қабул намуд ва гиёҳу алафи зиёде рӯёнид. Ва баъзе аз он сахт аст, ки обро нигоҳ дошта, Худованд ба василаи он ба мардум нафъ расонд, пас аз он ошомида, обёрӣ кардаву кишт намуданд. Ва бархе аз он замин ҳамвор аст, ки на обро нигоҳ дошта ва на гиёҳ мерӯёнад. Пас ин сифати касе, ки дар дини Худо донишманд шуд ва он чӣ ман бар он мабъус шудаам ба вай нафъ расонд, пас омӯхт ва омӯзонд ва сифати касе, ки бад-он сар боло накард ва ҳидояти Худоеро, ки ман бад-он мабъус шудаам, напазируфт.

1379 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) ба Алӣ (р) фармуд: Пас савганд ба Худо, ки агар Худованд ба василаи ту як мардро ҳидоят кунад, бароят аз шутурҳои сурх беҳтар аст.

1380 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Таблиғ кунед (*ба мардум бирасонед*) аз ман ҳарчанд, ки як оя ҳам бошад ва аз бани Исроил сӯҳбат кунед ва гуноҳе бар шумо нест ва касе ки аз рӯи қасд ва ъамд диниста, бар ман дурӯғ бандад, бояд ҷойгоҳашро аз дӯзах омода кунад.

***Шарҳ:*** *ин изн ва иҷоза аз ахбори бани Исроил маҳмул бар хабарҳоест, ки дар дини мо аз он сукут шуда, ки шариъати мо на тасдиқаш мекунад ва на ҳам такзибаш, пас қасд кардани он барои панд гирифтан, равост. Аммо он чӣ шариъатамон росташ медонад, ниёзе ба ривояти он нест, зеро дар шариъати худи мо он чиз вуҷуд дорад ва он чи шариъати мо ботилаш мешуморад, ривояти он аслан муҷоз нест, магар аз рӯи инкор ва ибтол. Ғараз он аст, ки ҳар гоҳ таблиг ва расонидани оёти Қуръон бо ҳамаи вусъату густариши он ва тазмини Худовандӣ воҷиб бошад, таблиғ ва расонидани аҳодиси он ҳазрат (с) аз боби авло низ воҷиб аст.*

1381 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он ки дар роҳе равад, ки дар он илмеро меҷӯяд, Худованд барои ӯ роҳе ба сӯи биҳишт омода мекунад.

1382 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он, ки ба сӯи ҳидояте даъват кунад, барои ӯ музди касоне, ки аз вай пайравӣ мекунанд, дода мешавад бидуни ин, ки аз муздашон чизе кам шавад.

1383 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун инсон бимирад, савоби амали ӯ қатъ мегардад, ҷуз аз се чиз: садақаи ҷория ё илме, ки аз он суд баранд ва ё фарзанди солиҳе, ки барояш дуъо кунад.

***Шарҳ:*** *садақаи ҷория мисли он, ки шахсе масҷиде бигзорад ё ҷӯйборе дуруст кунад ё биканад ва онро дар хидмати оммаи мардум қарор диҳад.*

1384 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р), ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Дунё малъун аст ва он чи ки дар он аст малъун аст, ба ҷуз ёди Худо, тоъаташ ва олим ё толибилм будан.

1385 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки дар талаби илм бароядд, пас ӯ дар роҳи Худост, то бозгардад.

1386 - Аз Абусаиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: мӯъмин ҳаргиз аз хайр (илм) сер намешавад, то ниҳояташ ба биҳишт анҷомад.

1387 - Аз Абуумома (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Фазилат ва бартариии олим бар обид монанди фазилати ман бар пойинтарини шумост ва сипас фармуд: Ҳамоно Худованд ва фариштагонаш ва аҳли осмонҳо ва замин, ҳатто мӯр дар лонааш ва моҳӣ бар он ки ба мардум дарси хайр медиҳад, дуруд мефиристанд.

1388 - Аз Абудардо (р) рвиоят шуда, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармояд: Он ки дар роҳе равад, ки дар он талаби илм кунад, Худованд барояш роҳеро ба сӯи биҳишт осон мекунад ва ҳамоно фариштагон ба воситаи ризоияте, ки аз кораш доранд болҳои худро барои толибилм мегустуронанд ва ҳамаи касоне, ки дар замин ва осмонанд ҳатто моҳиҳо дар об барои олим омӯрзиш металабанд ва фазилати олим бар обид монанди фазилати моҳи шаби чордаҳ бар дигар ситораҳост ва ин ки уламо меросбари паёмбаронанд

ва паёмбарон дирҳаму диноре ба мерос нагузоштанд, балки илмро ба ирс гузоштанд ва касе, ки онро гирифт, баҳрае вофир (комил) гирифтааст.

1389 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфт аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Шод дорад Худованд шахсеро, ки дар мо чизеро шунида ва онро чунон ки шунида, таблиғ кунад ва чи басо таблиғшудагоне вуҷуд доранд, ки аз шунаванда дарккунандатаранд.

1390 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе ки аз ӯ дар бораи донише, бипурсанд ва ӯ онро бипӯшад (*дар ҳоле ки онро медонад*) дар рӯзи қиёмат ба лагоме аз оташ лагом карда мешавад.

1391 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки илме биёмӯзад, аз он чи бад-он ризои Худованд талаб карда мешавад, ки намеомӯзад, магар барои расидан ба чизе аз дунё, бӯйи биҳиштро дар рӯзи қиёмат намеёбад.

***Шарҳ:*** *таваҷҷӯҳ ва эҳтимом ба ин ҳадис ва мафҳуми волои он барои ҳамаи пӯяндагони роҳи ҳақ ва ҳақиқат ва доъиёни ҳақ ва фазилат аз воҷиботи исломӣ аст. Оре, ҳамон гуна ки ҳеҷ амал бидуни ихлоси ният дар пешгоҳи Худо мақбул нест, лозим аст даъватгарон ва равандагони дар ин масир сахт бикӯшанд, то дар талаби илм ва камол фақат ва фақат ризои Ҳақро манзури назар доранд, варна Худои нахоста мавриди ғазаби ӯ таъоло ва дурӣ аз раҳматаш қарор хоҳанд гирифт.* ***Аъузу биллоҳи мин золик.***

1392 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳамоно Худованд илмро намемиронад (*намегирад*) ба ин ки онро аз миёни мардум бардорад ва лекин илмро бо гирифтан ва мирондани уламо аз миён бармедорад, то олиме намонад ва мардум умарои нодоне гиранд, ки пурсида шаванд ва онон бидуни илм фатво диҳанд, пас худ гумроҳ шуда ва дигаронро ҳам гумроҳ намоянд.

# 13. КИТОБИ ҲАМД ВА САНО ВА ШУКРИ ХУДОВАНДИ БУЗУРГ

## БОБИ 242. Фазилати ҳамд ва шукр

قَالَ الله تَعَالَى : ﴿فَاذْكُرُونِي أَذْكُرْكُمْ، وَاشْكُرُوا لِي وَلا تَكْفُرُونِ﴾ [البقرة: ١٥٢]
وقَالَ تَعَالَى : ﴿لَئِنْ شَكَرْتُمْ لأَزِيدَنَّكُمْ﴾ [إبراهيم: ٧] وقَالَ تَعَالَى : ﴿وَقُلِ الحَمْدُ لِلَّهِ﴾
[الإسراء: ١١١] وقَالَ تَعَالَى : ﴿وَآخِرُ دَعْوَاهُمْ أَنِ الحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ العَالَمِينَ﴾
[يونس: ١٠].

Худованд мефармояд: **Пас маро ёд кунед, то шуморо ёд кунам ва шукри маро кунед ва куфронам манамоед.** *(Бақара: 152)*

**Агар шукр кунед, ҳамоно барои шумо (неъматамро) меафзоям.** *(Иброҳим: 7)*

**Ва бигӯ ҳамд ва сано барои Худои таъоло аст.** *(Исро: 111)*

**Ва ниҳоят дуъояшон ин аст, ки сано бод Худовандеро, ки Парвардигори оламиён аст.** *(Юнус: 10)*

1393 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки шабе, ки паёмбар (с) ба Исро рафт, ду қадаҳ барояш оварданд, шароб ва шир. Он ҳазрат (с) ба он нигарист ва ширро гирифт. Ҷабраил (ъ) фармуд: Сано бод Худовандеро, ки туро ба сӯи фитрат роҳнамоӣ кард, агар шаробро мегирифтӣ умматат гумроҳ мешуд.

1394 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар кори арзишманде, ки дар он ба **Алҳамду лиллоҳ** оғоз нашавад, камбаракат аст.

1395 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун фарзанди банда бимирад, Худованд барои фариштагонаш мефармояд: Рӯҳи фарзанди бандаамро гирифтед, мегӯянд бале, сипас мефармояд: оё меваашро гирифтед, мегӯянд, бале. Боз мефармояд: пас бандаам чи гуфт: мегӯянд **Алҳамду лиллоҳ ва инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъӯн** (Сано бод мар Худовандро ва мо аз они Худоем ва мо ба сӯи ӯ боз гардондагонем). Гуфт: Аллоҳ таъоло мефармояд: Барои бандаамро дар биҳишт хонае сохта ва онро хонаи ҳамд биномед.

1396 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно Худованд аз банда розӣ мешавад, ки луқмае мехӯрад ва Ҳақ таъолоро бар он сано мегӯяд ва пӯшидание мепӯшад ва Ҳақ таъолоро бар он сано мегӯяд.

# 14. КИТОБИ ДУРУД ГУФТАН БА РАСУЛИ ХУДО (С)

## БОБИ 243. Фазилати дуруд гуфтан ба Расули Худо (с)

Худованд мефармояд: **Ҳамоно Худованд ва фариштагонаш бар паёмбар дуруд мефиристанд, пас эй касоне, ки имон овардаед, бар вай дуруд бифиристед, ва салом кунед ба салом гуфтан.** *(Аҳзоб: 56)*

1397 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки ӯ аз Расули Худо (с) шунид, ки мефармуд: Он ки як бор бар ман дуруд фиристад, Худованд бар вай даҳ бор дуруд мефиристад. *Мурод аз дуруд гуфтани Худо фиристодани раҳмат аз ҷониби ӯст.*

1398 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Сазовортарин мардум ба ман дар рӯзи қиёмат «барои шафоъат» касоне ҳастанд, ки аз ҳама бештар бар ман дуруд мефиристанд.

1399 - Аз Авс ибни Авс (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно рӯзи ҷумъа аз беҳтарини рӯзҳои шумост, пас дар он бар ман зиёда дуруд фиристед, зеро дуруди шумо бар ман ъарза мешавад. Гуфтанд: ё Расули Худо чи гуна дуруди мо бар шумо арза мешавад, дар ҳоле ки устунхонҳоят пӯсида шуда? Фармуд: Худованд ҷасадҳои паёмбаронро бар замин ҳаром кардааст (*яъне, ҷасадашон пӯсида намешавад*).

***Шарҳ:*** *Аз ин ҳадис дарёфта мешавад, ки дуруд гуфтан ба Расули Худо (с) дар рӯзи ҷумъа ба воситаи шарофати*

*замони он аз савоби бисёре бархӯрдор аст. Аммо дар мавриди ин ки* “дуруди шумо бар ман арза мешавад” *дар аҳодиси дигаре тафсири он ба ин тартиб шуда, ки ҳар гоҳ назди қабрам бар ман касе дуруд фиристад, онро мешунавам ва агар аз он дур бошад, ба ман расонида мешавад ва ҳам дар ҳадиси дигаре омада, ки Худованд фариштагоне дорад, ки дар замин гардиш менамоянд ва саломи уммати маро ба ман мерасонанд ва ҳам аз ин ҳадис дониста мешавад, ки тан ва ҷасади анбиё алайҳиму-с-салом хок намешавад. Онон дар гӯрҳояшон зиндаанд.*

1400 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: хоколуда шавад бинии марде, ки маро пешаш ёд карданд ва ӯ бар ман дуруд нафиристод.

***Шарҳ:*** *аз ин ҳадис истиҳбоби дуруд гуфтан бар Ҳабиби Худо (с) дар ҳар замоне, ки номашон зикр мегардад ё навишта мешавад, дарёфт мегардад, лекин иддае аз донишмандони исломӣ муътақиданд, ки ин кор воҷиб аст.*

1401 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: қабри маро ид (*тавофгоҳ*) нагардонед ва бар ман дуруд фиристед, зеро ҳар ҷое, ки бошед, дуруди шумо бар ман марасад.

***Шарҳ: Ло таҷъалу қабрӣ ъидан:*** *яъне, зиёрати қабри маро ид масозед, ё қабри маро мазҳари ид масозед ва маънои он наҳй аз иҷтимоъ барои зиёрати он ҳазрат (с), мисле ки мардумро дар ид иҷтимоъ менамоянд. Зеро ид рӯзест, ки дар он лаҳв ва тазйин кардан ҷоиз буда ва дар он барои изҳори фарҳат ва шодӣ мебароянд, ки аҳли китоб ин корро ба рафтани барои зиёрати қубури паёмбаронашон анҷом медоданд, то ин ки Худованд бар дилҳояшон пардаи ғафлатро ниҳод. Чунки онҳо равиши бутпарастонро дар зиёрат кардани шайтонашон пайравӣ намуда, қабрҳои паёмбаронашонро масҷид сохта, ба сӯи он намоз гузориданд. Аз ин рӯ, он ҳазрат (с) фармуд:* ***Аллоҳумма ло таҷъал қабрӣ васанан юъбаду****. Яъне, Парвардигоро, қабри маро буте магардон, ки мавриди парастиш қарор гирад.* Ва инчунин фармуданд: Ҳамоно хашми

Худо фузун шуд бар гурӯҳе, ки қабрҳои паёмбаронашонро масҷид қарор доданд.

1402 - Инчунин аз Абуҳурайра (р)ривоят аст, ки фармуд: Ҳеҷ як нест, ки бар ман салом кунад, магар ин ки Худованд рӯҳамро ба ман бозмегардонад, то ҷавоби саломашро бидиҳам.

1403 - Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Бахил он аст, ки номам пешаш бурда шавад ва бар ман дуруд нафиристад.

1404 - Аз Фазола ибни Убайд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) мардеро шунид, ки дар намозаш дуо мекард, ки на санои Худои таъолоро гуфт ва на бар паёмбар (с) дуруд фиристод. Расули Худо (с) фармуд: Ин нафар шитоб намуд. Баъд ӯро хост ва барои ӯ ё ғайраш фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо намоз гузорад, бояд ба ҳамду санои Парвардигораш шурӯъ карда, сипас бар паёмбар (с) дуруд фиристад ва пас аз он ҳарчи хоҳад дуо кунад.

1405 - Аз Абумуҳаммад Каъб ибни Уҷара (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) бар мо баромад. Гуфтем ё Расули Худо, донистем, ки чи гуна бар шумо салом кунем, пас чи гуна бар шумо дуруд фиристем. Фармуд, бигӯед: ***Аллоҳумма салли ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад камо саллайта ъало Иброҳима, иннака ҳамидун маҷид. Алоҳумма борик ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад, камо боракта ъало Иброҳима иннака ҳамидун маҷид.*** Бор, Худоё, дуруд фирист бар Муҳаммад (с) ва бар оли Муҳаммад (с) чунончи дуруд фиристодӣ бар Иброҳим, ҳамоно ту сутуда ва боъазаматӣ. Бор, Худоё, баракат неҳ бар Муҳаммад (с) ва бар оли Муҳаммад (с), чунончи баракат ниҳодӣ бар Иброҳим, ҳамоно ту сутуда ва боъазаматӣ.

1406 - Аз Абумасъуди Бадрӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) назди мо омада, дар ҳоле, ки мо дар маҷлиси Саъд ибни Убода (р) будем. Башир ибни Саъд ба вай гуфт: Худованд моро амр намуда, ки бар шумо дуруд фиристем пас чи гуна бар шумо дуруд фиристем? Расули Худо (с) сукут фармуд, то ин ки орзу кардем кам аз ӯ напурсида будем. Сипас

фармуд: Бигӯед ***(Аллоҳума салли ъало Муҳаммад ва ъало оли Муҳаммад камо саллайта ъало Иброҳима ва борик ъало Муҳаммад ва ъало оли Муҳаммад камо боракта ъало Иброҳима иннака ҳамидуммаҷид)*** ва саломро чунон, ки донистед бигӯед.

1407 - Аз Абуҳумайди Соъидӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: гуфтанд ё Расули Худо! Чи гуна бар шумо дуруд фиристем? Фармуд: ***Аллоҳумма салли ъало Муҳаммадин (с) ва ъало азвоҷиҳи ва зурриятиҳи камо саллайта ъало Иброҳима ва борик ъало Муҳаммад (с) ва ъало азвоҷиҳи ва зурриятиҳи, камо боракта ъало Иброҳима, иннака ҳамидун маҷид.*** Бор, Худоё дуруд фирист бар Муҳаммад (с) ва ҳамсарон ва фарзандонаш, чунон ки бар авлоди Иброҳим фиристодӣ ва баракат неҳ бар Муҳаммад (с) ва ҳамсарон ва фарзандонаш, чунон ки бар авлоди Иброҳим баракат ниҳодӣ, ҳамоно ту сутуда ва бузургӣ.

# 15. КИТОБИ АЗКОР (ЗИКРҲО)

## БОБИ 244. Фазилати зикр ва ташвиқ бар он

قالَ اللهُ تَعالى: ﴿ وَلَذِكرُ اللهِ أَكْبَرُ(٢) ﴾ [العنكبوت: ٤٥] وقالَ تَعالى:
﴿ فَاذكُروني أَذْكُرْكُمْ ﴾ [البقرة: ١٥٢] وقالَ تَعالى: ﴿ وَاذكُرْ رَبَّكَ في نَفْسِكَ تَضَرُّعاً
وخِيفَةً وَدُونَ الجَهْرِ(٣) مِنَ القَولِ بالغُدُوِّ والآصال، وَلا تَكُنْ مِنَ الغَافِلِينَ ﴾ [الأعراف:
٢٠٥] وقالَ تَعالى: ﴿ وَاذكُروا اللهَ كَثِيراً لَعَلَّكم تُفْلِحونَ ﴾ [الجمعة: ١٠] وقال تَعالى:
﴿ إنَّ المُسْلِمِينَ وَالمُسْلِمَاتِ ﴾ إلى قوله تعالى: ﴿ وَالذَّاكِرِينَ اللهَ كَثِيراً وَالذَّاكِرَاتِ أَعَدَّ
اللهُ لَهُمْ مَغْفِرَةً وَأَجْراً عَظِيماً ﴾ [الأحزاب: ٣٥]. وقالَ تَعالى: ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذينَ آمَنُوا
اذْكُرُوا اللهَ ذِكراً كَثِيراً، وَسَبِّحُوهُ بُكرةً(٤) وَأَصِيلاً ﴾ [الأحزاب: ٤١، ٤٢]

Худованд мефармояд: **Ва ҳамоно зикри Худо бузург аст.** *(Анкабут: 45)*

**Пас маро ёд кунед, шуморо ёд мекунам.** *(Бақара: 152)*

**Ва ёд кун Парвардигоратро дар замират ба зорӣ ва тарс ва ёд кун Парвардигорои худро бо каломи оҳистатар аз баландовозӣ дар бомдод ва шабонгоҳ ва мабош аз ғофилон.** *(Аъроф: 205)*

**Ва Худоро бисёр ёд кунед, то растагор шавед.** *(Ҷумъа: 10)*

**Ҳамоно мардон ва занони мусалмон,** то фармудааш ва **(мардон ва заноне, ки Худоро бисёр ёд мекунанд, Худованд бар эшон омӯрзиш ва музди азимеро муҳайё фамудааст.** *(Аҳзоб: 35)*

**Эй онон ки имон овардаед, Худоро бисёр ёд кунед ва дар субҳ ва шом тасбиҳи вайро гӯед.** *(Аҳзоб: 41-42)*

1408 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ду калима аст, ки бар забон сабук буда (ба осонӣ адо мешавад) ва дар (тарозуи аъмол) гарон ва дар назди Раҳмон *(ҷалла ҷалолуҳу)* маҳбуб аст; ***Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи, субҳоналлоҳи-л-ъазим.*** Покист Худоро ва ба санояш тарзабонам. Покист Худовандеро, ки бузургаст.

1409 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно, ки бигӯем: Поки аст Худоро ва сано мар Худовандрост ва маъбуди барҳаќе ҷуз Аллоҳ нест ва Худо бузургтар аст. Дар наздам маҳбубтар аст аз он чи бар он офтоб тулӯъ намудааст.

1410 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки дар ҳар рӯз сад бор бигӯяд: ***Ло илоҳа иллаллоҳ ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, луҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир.*** Нест маъбуди барҳаќе ҷуз Аллоҳ таъоло, ки ягона аст ва шарике ӯро нест. Подшоҳӣ ва ҳамд ва сано ӯрост ва ӯ бар ҳар чӣ хоҳад қудратманд аст. Барояш баробари озод кардани даҳ барда аст. Ва барояш сад некӣ навишта мешавад ва аз ӯ сад гуноҳ кам мегардад ва барои ӯ дар он рӯз то шом ҳифз ва паноҳе аз шайтон мебошад ва ҳеҷ як беҳтар аз он чи ки вай оварда, намеоварад, магар марде, ки пеш аз ӯ амал намудааст. Ва фармуд: он ки дар рӯзе сад бор ***Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи*** гӯяд, гуноҳонашон маҳв мешавад, ҳарчанд монанди кафи дарё бошад.

1411 - Аз Абуаюби Ансорӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он, ки даҳ бор бигӯяд **(Ло илоҳа иллалоҳу ваҳдаҳу)** монанди шахсест, ки чаҳор тан аз фарзандони Исмоил (ъ)-ро озод карда бошад.

1412 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) ба ман фармуд: Оё хабар надиҳам туро ба маҳбубтарин сухан дар назди Худованд? Ҳамоно маҳбубтарин калом дар назди Худованд **(Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи)** аст.

1413 - аз абумолики ашъарӣ (р) ривоят аст, ки расули худо (с) фармуд: покӣ нисфи имон аст, алҳамдулиллоҳ тарозуро пур месозад ва субҳоналлоҳ ва алҳамдулиллоҳ пур мекунад миёни осмонҳову заминро.

1414 - Аз Саъд ибни Абуваққос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аъробие хидмати Расули Худо (с) омада гуфт: Сухане ба ман биёмӯз, то онро бигӯям. Фармуд: Бигӯ: ***Ло илоҳа иллалоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу Аллоҳу акбару кабиран ва-л-ҳамдулиллоҳи касиран ва субҳоналлоҳи раббилоъоламина ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи-л-ъазизи-л-ҳаким.*** Яъне: *Нест маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ таъоло, ки ягона асту шарике надорад ва Худованд бузургтар аст ба бузургӣ. Ҳамди зиёд мар Худовандро бод ва покист мар Худовандеро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. Гардидане аз маъсият ва қудрате бар анҷоми тоъат бидуни тавфиқи Худованде, ки голибу боҳикмат аст вуҷуд надорад.* Аъробӣ гуфт: Ин барои Парвардигори ман аст, пас барои ман чӣ? Фармуд: Бигӯ: ***Аллоҳуммагфирлӣварҳамнӣ ваҳдинӣ варзуқнӣ.*** Яъне: *Бор Худоё, маро биёмурз, бар ман раҳм кун ва ҳидоятам намо ва рӯзиям ато кун.*

1415 - Аз Савбон (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун Расули Худо (с) намозашро тамом менамуд, се бор ***Астагфируллоҳ*** гуфта ва мефармуд: ***Аллоҳума анта-с-салому ва минка-с-салом табоcommittedакта ё залҷалоли ва-л-икром.*** Бор, Худоё, ту саломӣ ва саломатӣ аз туст, бобаракатӣ эй соҳиби ъазамат ва ғалаба ва қаҳр ва бузургӣ. Барои Авзоъӣ, ки яке аз ровиёни ин ҳадисаст, гуфта шуд, истиғфор чи гуна аст? Гуфт: ***Астагфируллоҳ, Астагфируллоҳ, Астагфируллоҳ.***

1416 - Аз Муғира ибни Шӯъба (р) ривоят аст, ки гуфт: чун Расули Худо (с) аз намозаш фароғат ёфта ва салом медод, мефармуд: ***Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ. Лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир. Аллоҳумма ло мониъа лимо аътайта ва ло муътия лимо манаъта ва ло янфаъу залҷадди минка-л-ҷадду.*** Маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест, шарике ӯро нест ва подшоҳӣ ва сипос

хос аз они ӯст ва ӯ бар ҳама чиз тавоност. Бор, Худоё! Мониъе барои он чи додӣ ва диҳандае барои он чи манъ намудӣ нест ва дорандаи иқбол ва насабро иқбол ва насабаш аз ту нафъ намерасонад.

1417 - Аз Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) дар ақиби ҳар намоз баъд аз салом додан мегуфт: ***Ло илоҳа иллаллоҳ ваҳдаҳу ло шарика лаҳ. Лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир. Ло ҳавла вало қуввата илло биллоҳ. Ло илоҳа иллаллоҳу вало наъбуду илло ийёҳу. Лаҳу-н-ниъмату ва лаҳу-л-фазлу ва лаҳу-с-саноу-л-ҳасану. Ло илоҳа иллаллоҳу мухлисина лаҳу-д-дина ва лав кариҳа-л-кофирун.*** Маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест, шарик ва анбозе ӯро нест ва подшоҳӣ ва сипос хос аз они ӯст ва ӯ бар ҳама чиз тавоност ва ҳавл ва қуввае ҷуз ба тавфиқ ва ёрии Ҳақ таъоло муяссар нест ва намепарастем ҷуз ӯро. Ӯ Худованди неъмат ва фазилат аст ва хос ӯрост санои некӯ. Маъбуди барҳақе ҷуз аллоҳ нест, дар ҳоле ки аъмоламонро холис барои ӯ анҷом медиҳем ҳарчанд кофиронро нохуш ояд. Ибни Зубайр гуфт: Расули Худо (с) пас аз ҳар намози фариза онро мегуфт.

1418 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ҳамоно фуқарои муҳоҷирин хидмати Расули Худо (с) омада гуфтанд: Сарватмандон мартабаҳои баланд ва неъматҳои абадиро ноил шуданд. Мисли мо намоз гузорида, рӯза мегиранд ва барои онҳо фазилате аст бар мо. Аз он амволе, ки доранд ҳаҷ мекунанд ва умра менамоянд ва ҷиҳод намуда, садақа медиҳанд. Фармуд: Оё ба шумо таълим надиҳам чизеро, ки ба он касонеро, ки бад-он касонеро, ки аз шумо пешӣ гирифтаанд, дарёфта ва аз касоне, ки баъд аз шумоянд сабқат кунед ва ҳеҷ кас беҳтар аз шумо набошад магар касе, ки амали шуморо анҷом диҳад? Гуфтанд: Оре ё Расулуллоҳ. Фармуд: Ин ки сиву се бор дар ақиби ҳар намози ***(Субҳоналлоҳ, Алҳамдулиллоҳ, Аллоҳу акбар)*** бигӯяд. Абусолиҳ, ровӣ аз Абуҳурайра гуфт: Чун аз чигунагии зикрашон пурсида шуд: Гуфт: мегӯянд: **Субҳоналлоҳ Алҳамдулиллоҳ ва Аллоҳу акбар,** то ин, ки аз ҳар кадоми он сивусе бор шавад. Муслим дар ривояташ афзуда:

Сипас фуқарои муҳоҷирин хидмати Расули Худо (с) бозгаштанд ва гуфтанд: бародарони сарватманди мо аз корамон бохабардор шуда, мисли онро анҷом додаанд. Расули Худо (с) фармуд ин фазли Худост, ба ҳар касе бихоҳад инро медиҳад.

1419 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки баъд аз ҳар намоз сию се бор ***Субҳоналлоҳ*** ва сию се бор ***Аллоҳу акбар*** гуфта ва барои итмом сад бор бигӯяд: ***Ло илоҳа иллаллоҳ ваҳдаҳу ло шарика лаҳ лаҳу-л-мулк ва лаҳу-л-ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир,*** гуноҳонаш омӯрзида мешавад, ҳарчанд мисли кафи дарё бошад.

1420 - Аз Каъб ибни Уҷра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Тасбиҳоте аст, ки анҷомдиҳанда ё гӯяндаи он дар ақиби ҳар намози фариза маҳрум намегардад. Сиву се бор ***Субҳоналлоҳ*** ва сиву се бор ***Алҳамдулиллоҳ*** ва сиву се бор ***Аллоҳу акбар***.

1421 - Аз Саъд ибни Абиваққос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) дар ақиби ҳар намоз ба ин суханон паноҳ меҷӯст: ***Аллоҳумма инний аъузу бика мина-л-ҷубни ва-л-бухли ва аъузу бика мин ан урадда ило арзали-л-умури ва аъузу бика мин фитнати-д-дунё ва аъузу бика мин фитнати-л-қабри.*** Бор, Худоё, ман аз тарс ва бухл ва аз ин ки ба пасттарини умр бозгардонда шавам ва аз фитнаи дунё ва азоби қабр ба ту паноҳ меҷӯям.

***Шарҳ:*** *пасттарини умр, пирие мебошад, ки инсон хароб шавад ва ақли худро аз даст бидиҳад.*

1422 - Аз Маъоз (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) дасти вайро гирифта ва гуфт: Эй Маъоз, савганд ба Худой (ҷалла ҷалолуҳу), ки туро дӯст медорам ва фармуд: Эй Маъоз, туро суфориш мекунам, то дар ақиби ҳар намоз тарк нанамоӣ, ки бигӯӣ: ***Алоҳумма аъинний ъало зикрика ва шукрика ва ҳусни ъибодатика.*** Бор, Худоё, маро ба ёди хеш ва сипос ва шукр ва некӯии ибодатат ёрӣ фармо!

1423 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо дар ташаҳҳуд бинишинад, бояд

аз чаҳор чиз ба Худованд паноҳ ҷуста ва бигӯяд: ***Аллоҳумма инний аъузу бика мин ъазоби ҷаҳаннама ва мин ъазоби-л-қабри ва мин фитнати-л-маҳё ва-л-мамот ва мин шарри фитнати-л-Масиҳи-д-Даҷҷоли.*** Худоё, ман аз азоби дӯзах ва азоби қабр ва аз фитнаи зиндагӣ ва марг ва аз шарри фитнаи Даҷҷоли Масиҳ ба ту паноҳ меҷӯям.

***Шарҳ****: мурод аз фитнаи зиндагӣ тамоми балиёт ва масоибест, ки ба ҷисм ё дин ё дунёи инсон ё яке аз вобастагон ва азизонаш зиён мерасонад ва дар марг пеш аз ин ки шахс ба ҳолати иҳтизор дарояд, аз ин ки шайтон куфрро парояш зиннат диҳад бо равишҳое, ки дар аҳодис ва ривоёт омада ва пас аз он аз саволи ду фаришта дар қабр гирифта, то азоб ва сахтиҳо ва душвориҳои қабр.*

1424 - Аз Алӣ ибни Абутолиб (р) ривоят аст, ки чун Расули Худо (с) ба намоз меистод, охирин чизе ки дар байни ташаҳҳуд ва салом мегуфт, ин дуъо буд, ки ***Аллоҳуммагфирлӣ мо қаддамту ва мо аххарту ва мо асрарту ва мо аъланту ва мо асрафту ва мо анта аъламу биҳи миний анта-л-муқаддиму ва анта-л-муаххиру, ло илоҳа илло анта.*** Бор, Худоё, биёмурз бароям он чиро ки дар гузашта ва оянда ва пинҳон ва ошкор анҷом додам (ва медиҳам) ва он чи азҳадгузарӣ намудам ва он чи ту аз ман ба он донотарӣ ту сабқатдиҳанда ва ҷилавбаранда ва ҳам ақибандозандаӣ ва маъбуди барҳаққе ҷуз ту вуҷуд надорад.

1425 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) дар рукуъ ва саҷдаи хеш ин дуъоро зиёд мегуфт, ки ***Субҳонакаллоҳумма раббанно ва биҳамдика. Аллоҳуммагфирлӣ.*** Покӣ туроcт, эй Худо, Парвардигорамон сано туро мегӯем, Парвардигоро, бароям омурзиш намо!

1426 - Ҳамчунон аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) дар рукуъ ва саҷдаи хеш мефармуд ***Суббуҳун қуддусу-р-раббу-л-малоикати ва-р-рӯҳ,*** яъне Аллоҳ дар мунтаҳои покӣ ва таҳорат аст ва аз ҳамаи уюб муназзаҳ аст ва Парвардигори фариштагон ва рӯҳ (Ҷабраил) мебошад.

1427 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ва аммо дар рукуъ пас Парвардигорро дар он ба бузургӣ ёд кунед ва аммо дар сацда пас ба дуъо бикӯшед, зеро сазовор аст, ки дуъои шумо дар он мавриди пазириш қарор гирад.

1428 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳолате, ки банда ба Парвардигораш наздиктар аст, ҳолати сацда аст, пас дар он зиёд дуъо кунед.

1429 - Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) дар сацдааш мефармуд: ***Аллоҳуммағфирлӣ занбӣ куллаҳу диққаҳу ва циллаҳу ва аввалаҳу ва ахираҳу ва ъалониятаҳу ва сирраҳу.*** Яъне: *Парвардигор ҳамаи гуноҳони кӯчак, бузург, аввал, охир, ошкоро ва пинҳонамро биёмурз.*

1430 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки шабе паёмбар (с)-ро гум кардам. Пас аз он эшонро цустуцӯ намуда, дидам, ки рукуъ ё суцуд намуда мефармуд: ***Субҳонака ва биҳамдика ло илоҳа илло анта.*** Яъне: *Покист Туро ва ба ҳамду санои Ту машғулам. Маъбуди барҳақе цуз Ту нест.*

Ва дар ривояте омада, ки дастам кафи пояшонро ламс кард, дар ҳоле, ки эшон дар сацда буданд ва поҳояшон истода буд ва мефармуд: ***Аллоҳумма иннӣ аъузу биризока мин сахатика ва бимуъофотика мин ъуқубатика ва аъузу бика минк лоуҳсӣ саноъан ъалайка анта камо аснайта ъало нафсика.*** Яъне: *Бор Худоё ман аз хашмат ба ризои Ту ва аз азобат ба офияту бахшишат ва аз хашми Ту ба худат паноҳ мецӯям ва саноятро чунон, ки худат бар хештан сано гуфтаӣ, шумориш натавонам.*

1431 - Аз Саъд ибни Абуваққос (р) ривоят шунида, ки гуфт: Мо назди Расулуллоҳ будем, фармуд: Оё оциз мешавад яке аз шумо, ки ҳазор некӣ анцом диҳад? Шахсе аз ҳамнишинон пурсиш намуда гуфт: Чи гуна яке аз мо метавонад, ки ҳазор некиро анцом диҳад. Фармуд: Сад бор «***субҳоналлоҳ***» мегӯяд барояш ҳазор некӣ навишта мешавад ё ин, ки аз ӯ ҳазор гуноҳ кам мешавад.

1432 - Аз Абузар (р) ривоят шуда, ки гуфт Расули Худо (с) фармуд: Бар ҳар банд ва мафсали шумо садақа лозим мегардад. Пас ҳар **Субҳоналлоҳ** ва **Алҳамдулиллоҳ** ва ҳар **Ло илоҳа иллалоҳ** ва ҳар **Аллоҳу акбар** садақа аст ва амр ба маъруф ва наҳйи аз мункар садақа аст ва кифоят мекунад аз ҷои онҳо ду ракаъате ки дар чоштгоҳ мегузорад.

1433 - Аз Уммулмӯъминин Ҷувайрия бинти Ҳорис (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) субҳдаме баъд аз адои намози субҳ аз наздаш баромад, дар ҳоле ки вай дар масҷиди хеш буд ва пас аз чошт бозгашт, дар ҳоле ки вай (Ҷувайрия) нишаста буд ва фармуд: Ҳанӯз ба ҳоле ҳастӣ, ки аз ту ҷудо шудам? Гуфтам: Бале. Паёмбар (с) фармуд: Баъд аз ту чаҳор калимаро се бор гуфтам, ки агар вазн шавад, ба он чи ки то ҳанӯз гуфтӣ, бо он баробарӣ мекунад**. *Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи ъадада халқиҳи ва ризоа нафсиҳи ва зината ъаршиҳи ва мидода калимотиҳи.*** Яъне: *Покист Худовандро ба ададӣ махлуқоташ ва покист Худоро ба андозае, ки ризоияти Ӯ ҳосил гардад ва покист Худоро ҳамвазни аршаш ва покист Худоро ба андозаи ранги қалами калимоташ.* Ва дар ривояти дигар аз Муслим омада, ки ***Субҳоналлоҳи ъадада халқиҳи...*** Ва дар ривояти Тирмизӣ омада, ки оё ба ту калимотеро ёд надиҳанд, ки онро бигӯӣ? ***Субҳоналлоҳи ъадада халқиҳи...*** Ва ҳар кадомро се бор такрор фармуд.

1434 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Сифати касе, ки Худоро ёд мекунад, монанди зинда ва он ки ёд намекунад, монанди мурда аст. Ва дар ривояти Муслим омада, ки фармуд: Ва сифати хонае, ки дар он зикри Худо мешавад ва хонае, ки дар он зикри Худо намешавад, монанди зинда ва мурда аст.

1435 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аллоҳ таъоло мефармояд: **Ман дар назди гумони бандаам ба хеш мебошам ва ман бо вай ҳастам, чун маро ёд кунад. Агар маро дар пинҳонӣ ёд кунад, ӯро дар пинҳонӣ ёд кунам ва агар маро дар миёни ҷамъе ёд кунад, ӯро дар миёни гурӯҳе ёд кунам, ки аз он гурӯҳ беҳтар аст.**

1436 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Сабқат гирифтанд муфарридун. Гуфтанд: эй Расули Худо (с) муфарридун киёнанд? Фармуд: Мардон ва заноне, ки Худовандро зиёд ёд мекунанд.

1437 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт, аз Расули Худо (с) шунидам, ки мегуфт: Беҳтарин зикр ***«Ло илоҳа иллаллоҳ»*** аст.

1438 - Аз Абуллоҳ ибни Буср (р) ривоят аст, ки марде гуфт: Ё Расулуллоҳ: Қавонини ислом бар ман зиёд шуда, маро аз чизе хабар деҳ ки бад-он чанг занам. Фармуд: ин, ки ҳамеша ба ёди Худованд тарзабон бошӣ.

1439 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он, ки бигӯяд: ***Субҳоналлоҳ ва биҳамдиҳи*** барои ӯ дарахте аз хурмо дар биҳишт шинонда мешавад.

1440 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Иброҳим (ъ)-ро дар шаби ирос ва меъроҷ мулоқот намудам. Фармуд: Эй Муҳаммад, ба умматат аз ман салом бирасон ва хабарашон деҳ, ки биҳишт дорои хоки накӯ ва оби ширин ва ҷойгоҳи фарохе аст ва донаи он ***Субҳоналлоҳ ва алҳамдулиллоҳ ва ло илоҳа иллаллоҳу ва аллоҳу акбар*** аст.

1441 - Аз Абудардо (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с)фармуд: Оё шуморо аз беҳтарин ва поктарин аъмолатон дар назди подшоҳатон бохабар насозам? Аъмоле, ки аз ҳама бештар сабаби зоидшавии дараҷаҳои шумо гардида ва аз харҷ кардани тиллову нуқра ва аз ин ки бо душманатон рӯ ба рӯ шуда гарданҳояшонро бизанед, ё гарданҳои шуморо бизананд, беҳтар аст? Гуфтанд оре. Фармуд: Ёди Худованди таъоло.

1442 - Аз Саъд ибни Абиваққос (р) ривоят аст, ки вай ҳамроҳ бо Расули Худо (с) назди зане дохил шуд дар ҳоле, ки пеши рӯи ӯ донаҳои хурмо ё сангрезаҳое буд, ки бад-он тасбиҳ мегуфт. Фармуд: Оё бохабарат насозам бад-он чи ки бароят беҳтару осонтар бошад ва фармуд: ***Субҳоналлоҳи ъадада мо халақа фи-с-самои ва субҳоналлоҳи ъадада мо халақа фи-л-арзӣ ва субҳоналлоҳи ъадада мобайназолика ва субҳоналлоҳи ъадада мо ҳува холиқун валлоҳу акбару мислазолика ва-л-ҳамдуллиллоҳи мислайзолика ва ло илоҳа иллаллоҳу ва мисла***

***золика ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ.*** Яъне: *Покист Худоро ба андозаи он чӣ дар осмон офарид, покист Худоро ба андозаи он чӣ дар замин офарид ва покист Худоро ба андозаи он чи миёни он ду офарид ва покист Худоро ба андозаи он чи офаринандааст ва* ***Аллоҳу акбар*** *мисли он ва* ***алҳамдулиллоҳ*** *ҳамчунон ва* ***Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ*** *ҳамчунон ва ба ҳамон андоза.*

1443 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) бароям фармуд: Оё туро ба ганҷе аз ганҷҳои биҳишт роҳнамоӣ накунам? Гуфтам: оре, ё Расули Худо (с). Фармуд: ***Ло ҳавла вало қуввата илло биллоҳ.***

## БОБИ 245. Фазилати зикр ва ёди Худои таъоло дар ҳоли истода, нишаста ва ба паҳлӯ ғалтида ва бе вузӯ ва дар ҳоли ҷанобат ва ҳайз ҷуз Қуръон хондан, ки барои ҷунуб ва ҳоиз ҷоиз нест

Худованд мефармояд: **Ҳамоно дар офариниши осмонҳо ва замин ва ихтилофи шаб ва рӯз далоили рӯшане аст, барои хирадмандон, ононе ки истода ва нишаста ва дар паҳлӯ Худоро ёд мекунанд.** *(Оли Имрон: 190-191)*

1444 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) дар ҳамаи вақтҳо зикри Худоро менамуд.

1445 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо бо ҳамсараш ҳамбистар шавад, бигӯяд: ***Бисмиллоҳи, Аллоҳумма ҷанниби-ш-шайтона ва ҷанниби-ш-шайтона мо разақтано.*** Ба номи Худо, бор, Худоё, моро ва он чиро ки ба мо рӯзӣ додӣ (фарзанд) аз шайтон дур бидор! Зеро ҳар гоҳ дар миёнашон дар ҳамон ҳамбистарӣ ба фарзанде ҳукм шавад, шайтон ба ӯ зиён намерасонад.

## БОБИ 246. Дар мавриди дуъоҳое, ки дар ҳангоми хоб шудан ва бедор шудан гуфта мешавад

1446 - Аз Ҳузайфа ва Абузар (р) ривоят шуда, ки гуфтанд: чун Расули Худо (с) ба бистараш қарор мегирифт, мефармуд: ***Бисмикаллоҳумма аҳё ва амӯту!*** Ба номат мемирам ва зинда мешавам! Ва чун бедор мешуд, мефармуд: ***Алҳамду лиллоҳиллазӣ аҳёно баъда мо амотано ва илайҳи-н-нушур***. Сано бод Худовандеро, ки моро пас аз он ки бимиронд, зинда кард ва бозгашт ба сӯи ӯст.

## БОБИ 247. Дар фазилати ҳалқаҳои зикр ва даъват ба мулозимат ва пайвастагӣ бар он ва манъ аз ҷудо шудан ва дурӣ аз он бидуни узр

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿ وَاصْبِرْ نَفْسَكَ مَعَ الَّذِينَ يَدْعُونَ رَبَّهُم بِالْغَدَاةِ وَالْعَشِيِّ (٦) يُرِيدُونَ وَجْهَهُ، وَلَا تَعْدُ عَيْنَاكَ عَنْهُمْ ﴾ [الكهف: ٢٨].

Худованд мефармояд: **Ва нигоҳ дор худро бо касоне, ки дар субҳ ва шом Парвардигорашонро хонда ва ризои ӯро металабанд ва чашматро аз онон магардон.** *(Каҳф: 27)*

1447 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Барои Худованд фариштагоне ҳаст, ки дар роҳҳо дар пайи аҳли зикр мегарданд ва чун гурӯҳе биёбанд, ки ба зикри Худо машғуланд, ҳамдигарро садо мекунанд ва Парвардигорашон аз онҳо суол мекунад дар ҳоле, ки донотар аст бандагонам чӣ мегӯянд? Фариштагон мегӯянд: Тасбиҳ, такбир ва ҳамди Туро мегӯянд ва Туро ба бузургӣ ёд мекунанд. Мефармояд: Оё маро дидаанд? Гӯянд: На, валлоҳи Туро надидаанд. Мефармояд: Чи гуна аст агар маро бубинанд? Мегӯянд: Агар Туро медиданд бештар бароят ибодат намуда, фузунтар Туро ба бузургӣ ёд намуда ва зиёдтар тасбиҳи Туро мегуфтанд. Боз мефармояд: Чӣ мехоҳанд? Мегӯянд: Аз ту биҳиштро мехоҳанд. Мефармояд: Оё онро дидаанд? Мегӯянд: На, валлоҳи онро надидаанд. Мефармояд: Чӣ гуна аст агар

онро бинанд? Мегӯянд: Агар онро дида буданд бештар бад-он ҳирс варзида, бештар бад-он майл намудаву сахттар дар пайи ба даст овардани он талош мекарданд. Фармуд: Аз чӣ паноҳ меҷустанд? Мегӯянд: Аз дӯзах паноҳ меҷӯянд. Мефармояд: Оё онро дидаанд? Мегӯянд: На, валлоҳи онро надидаанд. Боз мефармояд: Агар онро бинанд чӣ гуна аст? Мегӯянд: Агар онро бинанд аз он тарсида, фирору гурез менамоянд. Пас мефармояд: Ман шуморо шоҳид мегирам, ки барояшон омурзидам. Фариштае аз фариштагон мегӯяд: Дар эшон фалонӣ аст, ки аз онҳо нест ва барои зарурате омада. Фармуд: Онҳо ҳамнишинонеанд, ки ҳамнишинашон ба эшон бадбахт намешавад. Дар ривояте аз Муслим омада аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки пайғамбар (с) фармуд: ҳамоно барои Аллоҳ таъоло фариштагонест, ки дар рӯи замин гардиш намуда, бар фариштаҳои нигаҳбон зоиданд, ки ба дунболи маҷолиси зикр мегарданд, ва ҳар гоҳ маҷлисеро биёбанд, ки дар он зикр аст он ҷо нишаста ва баъзе бархеро бо болҳои худ иҳота мекунанд, то ин, ки байни онҳо ва осмонро пур месозанд ва чун пароканда шаванд баромада ба осмон боло мераванд ва Худои азза ва ҷалла аз онҳо суол мекунад (дар ҳоле, ки донотар аст) аз куҷо омадед? Мегӯянд аз назди бандагонат аз замин, ки тасбиҳ, таҳлилу таҳмидатро анҷом дода аз Ту дархост мекарданд. Мефармояд: Аз ман чӣ металабанд? Мегӯянд аз Ту биҳиштро металабанд. Мефармояд: Оё биҳишти маро дидаанд. Мегӯянд, на, Парвардигоро. Мефармояд: Чӣ гуна аст, агар онро бубинанд?! Мегӯянд ҳамчунон аз Ту амон мехоҳанд. Мефармояд: Аз чӣ амон мехоҳанд. Мегӯянд ё Раб, аз дӯзахат. Мефармояд: Оё дӯзахи маро дидаанд: Мегӯянд, на. Мефармояд Пас чӣ гуна аст, ҳар гоҳ дӯзахамро бубинанд?! Мегӯянд аз Ту омурзиш металабанд. Сипас мефармояд, ҳамоно барояшон омурзидам ва додам барояшон ончиро, ки дархост карданд ва амон додам онҳоро аз ончӣ ки амон хостанд. Фармуд: мегӯянд ё Раб, дар эшон фалонӣ бандаи бисёр хатокор аст, ки мегузашт ва ҳамроҳашон нишаст. Боз мефармояд: барои

ӯ ҳам омурзидам. Онҳо гурӯҳеанд, ки ҳамнишинашон бо эшон бадбахт намешавад.

1448 - Ва низ аз Абуҳурайра ва Абусаъид (р) ривоят аст, ки гуфтанд: Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ гурӯҳе наменишинанд, ки зикри Худоро намоянд, магар ин, ки малоика ононро иҳота намуда ва раҳмат онҳоро мепӯшонад ва барояшон оромишу сукунат фуруд меояд ва Худо онҳоро дар ҷамъи касоне, ки назди Ӯянд ёд мефармояд.

1449 - Аз Абувоқид Ҳорис ибни Авф (р) ривоят аст, дар асное, ки Расули Худо (с) дар масҷид нишаста буданд ва мардум ҳам ҳузур доштанд, се нафар ҷониби он ҳазрат (с) рӯй оварданд, ки ду нафарашон омад ва як нафарашон рафт ва он ду дар назди он ҳазрат (с) истоданд. Яке аз онон кушодагие дар ҳалқа дида, дар он нишаст ва дигаре пушти сарашон нишаст ва аммо саввумӣ пушт гардонда рафт. Чун Расули Худо (с) фориғ гашт, фармуд: Оё шуморо аз се нафар хабар надиҳам? Яке аз онон ба Худо руҷӯъ намуд ва Худованд ӯро ҷой дод ва аммо дигар ҳаё кард ва Аллоҳ таъоло аз вай ҳаё намуд ва аммо саввумӣ рӯй гардонд ва Худованд ҳам аз вай рӯй гардонд.

1450 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Муъовия (р) ба ҳалқаи дари масҷид баромад ва гуфт чӣ чиз сабаби нишастани шумо шуда? Гуфтанд: нишаста зикри Худоро мекунем. Гуфт: шуморо савганд ба Худо, ки ҷуз он чизи дигаре сабаби нишастани шумо нашуда? Гуфтанд: моро ҷуз он чизи дигаре нанишонда. Гуфт: ман шуморо ба воситаи ҳеҷ тӯҳмате савганд надодам ва агар чӣ ҳеҷ кас мисли ман ба Расули Худо (с) наздик набуда, магар ҳеҷ яке камтар аз ман ҳадис ривоят накардааст. Ҳамоно Расули Худо (с) дар ҳалқае аз ёронаш баромада ва фармуд: Чӣ чиз шуморо нишонда? Гуфтанд: нишастем ба воситае, ки Худованди таъоло моро ба ислом ҳидоят намуда ва ба он бар шумо миннат гузошта зикр ва ҳамди ӯро мегӯем. Фармуд: шуморо ба Худо, ки ҷуз ин чизе сабаби нишастани шумо нашуда? Гуфтанд: ба Худо моро ҷуз он чизи дигаре нанишонда. Фармуд: Ман шуморо савганд надодам,

ба воситае ки шуморо муттаҳам медорам, валекин матлаб ин аст, ки Ҷабраил (*ъалайҳи-с-салом*) наздам омада ва хабарам дод, ки Худованди таъоло ба шумо дар баробари фариштагон фахр мекунад.

## БОБИ 248. Азкор ва авроде, ки дар ҳангоми субҳ ва шом хонда мешаванд

Худованд мефармояд: **Ва ёд кун Парвардигоратро дар замират ба зорӣ ва тарс ва ёд кун Парвардигоратро бо каломе оҳистатар аз баландовозӣ дар бомдод ва шабонгоҳ ва мабош аз ғофилон.** *(Аъроф: 205)*

**Ва тасбиҳ гӯй бо ҳамди Парвардигороат пеш аз баромадани офтоб ва пеш аз фурӯ шудани он.** *(Тоҳо: 13)*

**Омӯрзиш талаб барои гуноҳат ва дар субҳ ва шом ситоиш ва санои Парвардигоратро ба ҷой ор.** *(Мӯъмин: 55)*

**Дар хонаҳое, ки Худо дастур дода, то аз лаҳву лағв пок карда ва номи Худо дар он ҷо ёд карда шавад, он ҷо ба покӣ Худоро ёд мекунанд дар субҳу шом мардоне, ки боз надорад эшонро савдогарӣ ва на хариду фурӯш аз ёд кардани Худо.** *(Нур: 36-37)*

**Ҳароина кӯҳҳоро ром сохтем ҳамроҳи ӯ, ки тасбиҳ мегуфтанд ва вақти шом ва субҳ.** *(Сод: 18)*

1451 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд он ки ба ҳангоме ки субҳ намояд ё шом мекунад, сад бор ***Субҳоналлоҳи*** ва ***биҳамдиҳи*** бигӯяд, ҳеҷ кас дар рӯзи қиёмат беҳтар аз он чи вай овардааст, намеоварад, магар ин ки мисли ӯ гуфта ва ё бар он афзуда бошад.

1452 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки марде хидмати паёмбар (с) омад ва гуфт: Чӣ ранҷи бузурге дидам дишаб, ки ақрабе маро газид. Фармуд: Ҳар гоҳ чун шом кардӣ, мегуфтӣ ***Аъузу бикалимотиллоҳи томоти мин шарри мо халақ.*** Паноҳ меҷӯям ба калимоти (каломи) томаи (муназаҳ аз нақс) Худо аз шарри он чӣ офарид, наметавонист газандат расонад.

1453 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) дар ҳангоме ки субҳ мекард, мефармуд ***Аллоҳумма бика асбаҳно ва бика амсайно ва бика наҳё ва бика намуту ва илайка-н-нушӯр.*** Бор, Худоё, ба амри ту субҳ кардем ва шом намудем ва ба амри ту зиндагӣ карда ва мемирем ва бозгашт ба сӯи туст ва чун шом менамуд, мефармуд: ***Аллоҳумма бика амсайно ва бика наҳё ва бика намуту ва илайка-н-нушӯр.*** Бор, Худоё, ба амри ту шом кардем ва зиндагӣ карда ва мемирем ва бозгашт ба сӯи туст.

1454 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра(р) ривоят аст, ки Абубакри Сиддиқ (р) гуфт: ё Расули Худо (с) маро ба калимоте амр кун, ки чун субҳ ва шом мекунам, бигӯям. Фармуд: Бигӯ: ***Аллоҳумма фотира-с-самовоти ва-л-арзи ъолима-л-гайби ва шаҳодати, Рабба кулли шайъин ва маликаҳу ашҳаду алло илоҳа илло анта, аъузу бика мин шарри нафсий ва шарри шайтони ва ширкиҳи.*** Бор, Худоё, офаринандаи осмонҳо ва замини, олим ба пайдо ва ниҳонӣ Парвардигор ва молики ҳама чиз. Гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди барҳақе ҷуз ту нест ва аз шарри нафси худ ва шайтон ва даъвати ӯ ба ширки ба ту паноҳ меҷӯям. Фармуд: Чун субҳ намудӣ ё шом кардӣ ва замоне, ки дар бистарат қарор гирифтӣ, онро бигӯ.

1455 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки чун паёмбар (с) шом мекард, мефармуд: ***Амсайно ва амса-л-мулку лиллоҳи ва-л-ҳамду лиллоҳи ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ.*** Мо ва коинот барои Худо шом кардем ва сано бод Худовандро. Маъбуди барҳақе ҷӯз ӯ нест, ягона аст ва шарике вайро нест. Ровӣ гуфт: гумон мекунам, ки дар он гуфт. ***Лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамду ва ҳува ъало кулли шайъин қадир. Раббӣ асъалука хайра мо фи ҳозиҳи-л-лайлати ва хайра мо баъдаҳо ва аъузу бика мин шарри мо фи ҳозиҳи-л-лайлати ва шарри мо баъдаҳо. Раббӣ аъузу бика мина-л-касали ва суъи-л-кибари. Раббӣ аъузу бика мин ъазобин фи-н-нори ва ъазобин фи-л-қабри.*** Подшоҳию сано ӯрост ва ӯ бар ҳама чиз қодир аст, аз ту хайри он чиро ки дар ин шаб аст ва хайри он чиро ки баъд аз он аст, металабам ва аз шарри (бадии) он чи дар ин

шаб ва баъд аз он аст, ба ту паноҳ меҷӯям. Парвардигоро, ман аз танбалӣ ва зиштии кӯҳансолӣ ва азоби қабр ва низ аз дӯзах ба ту паноҳ меҷӯям. Ва чун субҳ мекард, онро ҳамчунон мегуфт: ***Асбаҳно ва асбаҳа-л-мулку лиллоҳи…..***

***Шарҳ:*** *Яъне, дар субҳ дар ивази калимаи амсайно, асбаҳно… мегуфт.*

1456 - Аз Абдуллоҳ ибни Хубайб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) бароям фармуд: Чун шаб мекунӣ ё субҳ менамоӣ се бор, ***Қулҳуваллоҳу аҳад*** ва муъаввазатайн ***(Қул аъузу бирабби-л-фалақ ва қул аъузу бирабби-н-нос)***-ро бихон, туро аз ҳар чизе кифоят мекунад.

1457 - Аз Усмон ибни Аффон (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ бандае нест, ки дар субҳ ва шом се бор бигӯяд ***Бисмиллоҳи-л-лазӣ ло язурруҳу маъа-с-миҳи шайъун, фи-л-арзи ва ло фи-с-самои ва ҳува самиъу-л-ъалим.*** Ба номи Худованде, ки бо номаш ҳеҷ чизе дар замин ва осмон зарар намерасонад ва ӯ шунаво ва доност, магар ин ки ҳеҷ чизе ба вай зарар намекунад.

## БОБИ 249. Дуоҳое, ки ҳангоми хобидан гуфта мешаванд

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿ إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمٰوَاتِ وَالأَرضِ، وَاخْتِلافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ، لآيَاتٍ لأُولِي الأَلْبَابِ، الَّذِينَ يَذْكُرُونَ اللهَ قِيَاماً وَقُعُوداً، وَعَلَى جُنُوبِهِمْ، وَيَتَفَكَّرُونَ فِي خَلْقِ السَّمٰوَاتِ وَالأَرضِ ﴾ الآيات. [آل عمران: ١٩٠، ١٩١].

Худованд мефармояд: **Ҳамоно дар офариниши осмонҳо ва замин далоили рӯшанест, барои соҳибони хирад, ононе ки истода ва нишаста ва дар паҳлӯ Худоро ёд карда ва дар офариниши осмонҳо ва замин меандешанд...** *(То охири оятҳо. Оли Имрон: 190-191)*

1458 - Аз Ҳузайфа ва Абузар (р) ривоят аст, ки чун Расули Худо (с) ба бистарашон қарор мегирифт, мефармуд:

***Бисмикаллоҳумма аҳё ва амуту.*** Яъне: Ба номи Ту Бор, Худоё зиндагӣ мекунам ва мемирам.

1459 - Аз Алӣ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) ба вай ва Фотима (р) фармуд: Чун ба бистари хеш қарор гирифтед, сию се бор ***Аллоҳу акбар*** ва сию се бор ***Субҳоналлоҳ*** ва сию се бор ***Алҳамду лиллоҳ*** бигӯед ва дар ривояте ***Субҳоналлоҳ*** сию чор бор ва дар ривояте ***Аллоҳу акбар*** сию чор бор омадааст.

1460 - Аз Абуҳурайра (р) марвист, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо ба бистараш ояд, бояд ба гӯшаи эзораш бистарашро бирӯбад, зеро намедонад чи чизе дар ҷояш қарор гирифтааст (чи имкон дорад, ки кадом газанда ва хазанда дар бистараш қарор гирифта бошад) ва баъд бигӯяд: ***Бисмика раббий вазаъту ҷанбий ва бика арфаъуҳу ин амсакта нафсӣ фарҳамҳо ва ин арсалтаҳо иҳфазҳо бимо таҳфазу биҳи ибодака-с-солиҳина.*** Парвардигорам! Ба номи ту паҳлӯямро гузоштам ва ба номи ту онро бар медорам, агар нафсамро нигаҳ доштӣ ва бимиронидиям мавриди раҳмат қарор деҳ ва агар раҳояш кардӣ онро ба василае, ки бандагони солиҳатро ҳифз мекунӣ, ҳифз намо!

1461 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки чун паёмбар (с) дар хобгоҳаш қарор мегирифт, дар дастҳояш дамида ва маъузотро хонда ва ба онҳо бадани хешро масҳ менамуд. Ва дар ривояте аз Бухорӣ ва Муслим омада, ки чун паёмбар (с) ҳар шаб ба бистараш қарор мегирифт, кафҳои дастҳояшро ҷамъ намуда ва баъд дар он медамид ва дар он ***Қул ҳуваллоҳу аҳад ва Қул аъузу бираббил-л-фалақ*** ва ***Қул аъузу бираббил-н-нос***-ро мехонд ва баъд он чи аз баданашро, ки метавонист, масҳ мефармуд ва аз сар ва рӯяш ва пеши рӯи баданаш оғоз намуда ва ин корро се бор анҷом медод.

1462 - Аз Бароъ ибни Озиб (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) бароям фармуд: Чун ба бистарат рафтӣ, монанди вузӯи намоз вузӯ сохта ва ба паҳлӯи рост хобида, бигу: ***Аллоҳумма асламту нафсӣ илайка ва фаввазту амрӣ илайка ва алҷаъту заҳрӣ илайка рағбатан ва раҳбатан илайка ло малҷаъа ва ло манҷо минка илло илайка. Оманту бикитобикаллазӣ анзалта***

***ва бинабиййикаллазӣ арсалта.*** Парвардигоро, нафсамро ба Ту таслим кардам ва корамро ба Ту супурдам ва ба Ту эътимод намудам, аз рӯи тамоюл ба хайр ва тарс аз азобат. Паноҳгоҳе ва наҷотгоҳе аз Ту ҷуз ба сӯят нест. Имон овардам ба китобат, ки онро фиристодӣ ва ба паёмбарат, ки ӯро барангехтӣ. Пас агар мирондӣ, бар фитрат мурдӣ ва онро охири гуфтаат бигардон.

1463 - Аз Анас (р) марвист, ки чун Расули Худо (с) мехост бихобад, мефармуд: ***Алҳамду лиллоҳи-л-лазӣ атъамано ва сақоно ва кафоно ва овоно факам мимман ло кофия лаҳу вало муъвия.*** Сано бод Худовандеро, ки моро таъом дод ва сероб намуд ва кифоят кард ва ҷой дод ва чӣ басо афродест, ки кифояткунанда ва ҷойдиҳандае надоранд.

1464 - Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки чун Расули Худо (с) мехост бихобад, дасти рости худро зери рухсорааш гузошта ва сипас мефармуд: ***Аллоҳумма қиний ъазобака явма табъасу ъибодака.*** Парвардигоро, маро дар рӯзе, ки бандагонатро бармеангезӣ аз азобат нигаҳ дор. Ва Абудовуд онро аз Ҳафса (р) ривоят намуда ва дар он омада, ки ин дуъоро се бор такрор менамуд.

# 16. КИТОБИ ДУЪОҲО

## БОБИ 250. Фазилати дуъо

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿ وَقَالَ رَبُّكُمُ ادْعُونِي أَسْتَجِبْ لَكُمْ ﴾. [غافر: ٦٠]. وَقَالَ تَعَالَى : ﴿ أُدْعُوا رَبَّكُمْ تَضَرُّعاً وَخُفْيَةً إِنَّهُ لا يُحِبُّ الْمُعْتَدِينَ ﴾ [الأعراف: ٥٥]. وَقَالَ تَعَالَى : ﴿ وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ أُجِيبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ إِذَا دَعَانِ ﴾ الآية [البقرة: ١٨٦]. وَقَالَ تَعَالَى : ﴿ أَمَّنْ يُجِيبُ الْمُضْطَرَّ إِذَا دَعَاهُ وَيَكْشِفُ السُّوءَ ﴾ الآية [النمل: ٦٢].

Худованд мефармояд: **Ва гуфт Парвардигори шумо: маро бихонед, то шуморо иҷобат кунам.** *(Мӯъмин: 60)*

**Бихонед Парваридигори хешро ба зорӣ ва тарс ва бо хомӯшӣ, ҳамоно Худованд азҳадгузарандагонро дӯст надорад.** *(Аъроф: 55)*

**Ва чун бандагонам аз ту дар бораи ман бипурсанд, пас ман ба онон наздикам, ки иҷобат мекунам дуъои дуъокунандаро ҳар гоҳ маро бихонад.** *(Бақара: 186)*

**Кист ки чун бечора ӯро бихонад, иҷобат мекунад ва бадиро дур месозад.** *(Намл: 62)*

1465 - Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки аз паёмбар (с) ривоят шуда, ки фармуд: Дуъо ҳамон ибодат аст.

1466 - Ва аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) дуъоҳои ҷомеъро мустаҳаб пиндошта ва ғайри онро тарк менамуд.

1467 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: зиёдтар дуъои паёмбар (с) ин буд, ки ***Алоҳумма отино фи-д-дунё ҳасанатан ва фи-л-охирати ҳасанатан ва қино ъазоба-н-нор.*** Парвардигоро, моро дар дунё ва дар охират ҳасана деҳ ва моро аз азоби дӯзах нигаҳ дор. Муслим дар ривояташ афзуда, ки гуфт: Ва чун Анас (р) мехост дуъое кунад, ин дуъоро мехонд.

1468 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) мефармуд: ***Аллоҳумма инӣ асъалука-л-ҳудо ва-т-туқо ва-л-ъафофа ва-л-гино.*** Парвардигоро, ман аз ту ҳидоят ва тақво ва худдорӣ аз гуноҳ ва бениёзиро дархост мекунам.

1469 - Аз Ториқ ибни Ашям (р) ривоят шуда, ки гуфт: чун марде мусалмон мешуд, паёмбар (с) барояш намозро омӯхта ва сипас амраш менамуд, ки ба ин калимот дуъо кунад. ***Аллоҳуммагфирлӣ варҳамнӣ ваҳдинӣ ва ъофинӣ варзуқнӣ.*** Парвардигоро, ба ман биёмурз ва бар ман раҳм кун ва ҳидоятам намо ва мавриди бахшишам қарор деҳ ва рӯзиям арзонӣ кун. Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки ӯ аз он ҳазрат (с) шунид дар ҳоле, ки марде наздашон омада буд. Гуфт: Ё расулуллоҳ, чӣ гуна бигӯям замоне, ки аз Парвардигорам суол мекунам? Фармуд: Бигӯ: ***Аллоҳумагфирлӣ...*** Зеро ин калимот бароят дунё ва охирататро ҷамъ мекунад.

1470 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: ***Аллоҳумма мусаррифа-л-қулуби сарриф қулубано ъало тоъатика.*** Парвардигоро, эй гардонандаи дилҳо, диламонро ба сӯи тоъати хеш бигардон.

1471 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Паноҳ биҷӯед ба Аллоҳ аз машаққат ва сахтии бало ва озмун ва расидан ба бадбахтӣ ва қазои бад ва шамотати душманон, ки душманон дар ғами шахс шодӣ кунанд. Ва дар ривояте Суфён гуфт: Шак дорам, ки якеро худ афзудаам.

1472 - Ҳамчунон аз Абуҳурарйра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) меармуд: ***Аллоҳумма аслиҳ лӣ динӣ-л-лазӣ ҳува ъисмату амрӣ ва аслиҳ-ли-дуньёи-л-латӣ фиҳо маъошӣ ва аслиҳ ли охиратӣ-л-латӣ фӣҳо маъодӣ ваҷъали-л-ҳайёта зиёдатан лӣ фӣ кулли хайрин ваҷъали-л-мавта роҳатан лӣ мин***

***кулли шаррин.*** Парвардигоро! Бароям динамро, ки дар он нигаҳдошти кори ман аст ва дунёямро, ки дар он зиндагӣ ва маъишати ман аст ва охиратамро, ки бозгаштам бад-он аст, ислоҳ кун ва зиндагиямро бароям сабаби зиёд шудани корҳои нек ва маргро василаи осоишам аз тамоми бадиҳо бигардон.

1473 - Аз Алӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) бароям фармуд: Бигӯ: ***Аллоҳумма иний асъалука-л-ҳудо ва-с-садода.*** Худоё, ҳидоятам кун ва роҳи савобам бинмо. Ва дар ривояте омада, ки ***Аллоҳумма инний асъалука-л-ҳудо ва-с-садода.*** Яъне: *Худоё, ман аз Ту ҳидоят ва истиқоматро металабам.*

1474 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) мефармуд: ***Аллоҳумма инний аъузу бика мина-л-ъаҷзи ва-л-касалӣ ва-л-ҷубни, ва-л-ҳарами ва-л-бухли ва аъузу бика мин ъазоби-л-қабри ва аъузу бика мин фитнати-л-маҳё ва-л-мамоти.*** *Парвардигоро, аз нотавонӣ, танбалӣ, буздилӣ, пирӣ, бухл, азоби қабр ва фитнаи марг ва зиндагӣ ба Ту паноҳ меҷӯям.* Ва дар ривояте омада, ки ***Залаъи-д-дайни ва ғалабати-р-риҷол.*** Яъне: *Аз гаронии бори қарз ва ғалабаи мардон.*

1475 - Аз Абубакри Сиддиқ (р) ривоят аст, ки вай ба Расули Худо (с) гуфт: ба ман дуъое биёмуз, ки бад-он дар намозам дуъо кунам. Фармуд: Бигӯ: ***Аллоҳумма иний заламту нафсий зулман касиран ва ло яғфиру-з-зунуба илло анта. Фағфирлӣ мағфиратан мин ъиндика варҳамнӣ иннака анта-л-ғафуру-р-раҳим.*** Яъне: *Бор, Худоё, ман ба нафси хеш зулми бисёре раво доштаам ва гуноҳонро ҷуз Ту касе намеомурзад, пас бар ман аз назди хеш омурзиш кун ва бар ман раҳмат намо, ки Ту омурзанда ва меҳрабонӣ.* Ва дар ривояте омада ва дар хонаам ва ривоят шуда, ***зулман касиран*** чунончи ривоят шуда, ***кабиран*** ва муносиб аст, ки байни ҳарду ҷамъ шавад ***(зулман касиран кабиран,*** яъне, ситаме зиёд ва бузург).

1476 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) ин дуъоро мехонд: ***Аллоҳуммағфирли хатиатий ва ҷаҳлий ва исрофий фи амрий ва мо анта аъламӯ биҳи миний. Аллоҳуммағфирли ҷиддий ва ҳазлий ва хатоий ва амдий ва куллу золика индий.***

***Аллоҳуммагфирлӣ мо қаддамту ва мо аххарту ва мо асрарту ва мо аъланту ва мо анта аъламу биҳи миний анта-л-муқаддиму ва анта-л-муаххиру ва анта ъало кулли шайъин қадир.*** Парвардигоро, гуноҳ ва нодонӣ ва аз ҳадгузариам дар корҳоям ва он чиро ту бад-он аз ман донотарӣ, ба ман биёмурз. Худоё, қасд ва шӯхӣ ва гуноҳеро, ки аз рӯи қасд ё иштибоҳ муртакиб шудаам, дар ҳоле ки ҳамаи инҳо назди ман аст, бароям омурзиш кун. Худоё, он чиро пеш ва пас ва пинҳон ва ошкоро анҷом додаам ва он чӣ ту аз ман бад-он донотарӣ, ба ман биёмурз, ту пешкунанда ва вопаскунандаӣ ва ту бар ҳама чиз тавоноӣ.

1477 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) дар дуъояш мефармуд: ***Аллоҳумма иний аъузу бика мин шарри мо ъамилту ва мин шарри мо лам аъмал***. Парвардигоро, аз шарр ва зиштии он чи ки муртакиб шудаам ва ё анҷомаш надодаам, ба ту паноҳ меҷӯям.

1478 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт аз дуъои Расули Худо (с) ин буд, ки ***Аллоҳумма иний аъузу бика мин заволи ниъматика ва таҳаввули ъофиятика ва фуҷоъати ниқматика ва ҷамиъи сахатика.*** Бор, Худоё, ман аз зоил шудани неъмат ва баргашти саломатӣ ва ногаҳон омадани азоб ва ҳамаи хашмат ба ту паноҳ меҷӯям.

1479 - Аз Зайд ибни Арқам (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) мефармуд: ***Аллоҳумма иний аъузу бика мина-л-ъаҷзи ва-л-касалӣ ва-л-бухли ва-л-ҳарами ва азоби-л-қабри. Аллоҳумма оти нафсий тақвоҳо ва заккиҳо анта хайру ман заккоҳо анта валиюҳо ва мавлоҳо. Аллоҳумма иний аъузу бика мин илмин ло янфаъу ва мин қалбин ло яхшаъу ва мин нафсин ло ташбаъу ва мин даъватин ло юстаҷобу лаҳо.*** Бор, Худоё, ман аз нотавонӣ ва танбалӣ ва бахилӣ ва пирӣ ва азоби қабр ба ту паноҳ меҷӯям. Парвардигоро! Ба ман тақвои нафс ато кун ва покаш кун, ки ту беҳтарин касе ҳастӣ, ки покаш намудаӣ ту мутасарриф ва мавлояш мебошӣ! Парвардигоро! Ман аз илме, ки нафъ намерасонад ва диле, ки аз ту наметарсад ва

нафсе, ки сер намешавад ва дуъое, ки мақбул намешавад, ба ту паноҳ меҷӯям.

1480 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) мефармуд: ***Аллоҳумма лака асламту ва бика оманту ва ъалайка таваккалту ва илайка анабту ва бика хосамту ва илайка ҳокамту фағфирлӣ мо қаддамту ва мо аххарту ва мо асрарту ва мо аъланту анта-л-муқаддиму ва анта-л-муаххиру, ло илоҳа илло анта.*** Бор, Худоё, ба ту ислом ва имон оварда ва бар ту таваккал ва дар ҳамаи умурам руҷӯъ кардам ва барои ту бо (душман) даъво кардам ва ба дастури ту (китоб ва суннат) ҳукм кардам, пас бар ман он чиро пеш ва пас ва ошкоро ва ниҳон муртакиби он шудаам биёмурз. Ту пеш ва паскунанда ва ақибандозандаӣ. Маъбуди барҳақе ҷуз ту нест. Ва баъзе аз ровиён афзудаанд: ***(Ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ).***

1481 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) ба ин калимот дуъо менамуд: ***Аллоҳумма инний аъузу бика мин фитнати-н-нори ва ъазоби-н-нори ва мин шарри-л-ғино ва-л-фақри.*** Бор, Худоё! Ман аз азоб ва фитнаи дӯзах ва аз шарри сарват ва бениёзӣ ва ҳам аз шарри факр ва нодорӣ ба ту паноҳ меҷӯям.

1482 - Аз Зиёд ибни Илоқа аз амакаш Қутба ибни Молик (р) ривоят шуда, ки гуфт паёмбар (с) мефармуд: ***Аллоҳумма иннйи аъузу бика мин мункароти-л-ахлоқи ва-л-аъмоли ва-л-аҳвои***. Парвардигоро! Ман аз ахлоқ ва корҳо ва орзуҳои зишт ва палид ба ту паноҳ меҷӯям.

***Шарҳ***: *мурод аз ахлоқи зишт сифоти мазлума: монанди хештанбинӣ, кибр, фахрфурӯшӣ, саркашӣ, забондарозӣ бар мардум ҳасад ва нозу карашма кардан аст ва мурод ба корҳои зишт, зино, нӯшидани шароб ва дигар муҳаррамот аст ва мурод аз орзуҳои зишт ва ҳавоҳои нафсонӣ ақоид ва андешаҳои фосид ва ғаразҳои ботил ва нодуруст аст.*

1483 - Аз Шакал ибни Ҳумайд (р) ривоят шуда, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулуллоҳ ба ман дуъое биёмуз. Фармуд: Бигӯ: ***Аллоҳума инни аъузу бика мин шарри самъи ва мин шарри басарӣ ва мин шарри лисони ва мин шарри қалби ва мин шарри***

***маниййи***. Яъне: *Парвардигоро! Ман аз шарру бадии шунавой, биной, забон, дил ва шармгоҳам ба Ту паноҳ меҷӯям.*

1484 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) мефармуд: ***Аллоҳумма инний аъузу бика мина-л-бараси ва-л-ҷунуни ва-л-ҷузоми ва сайъи-л-асқоми.*** Парвардигоро! Ман аз марази песӣ, девонагӣ ва бемории ҷузом (хӯра) ва маразҳои бад ба Ту паноҳ меҷӯям.

1485 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) мефармуд: ***Аллоҳумма инний аъузу бика мина-л-ҷуъи фаиннаҳу биъса-з-заҷиъу ва аъузу бика мина-л-хиёнати фаиннаҳо биъсати-л-битонату.*** Яъне: *Парвардигоро, ман аз гуруснагӣ ба ту паноҳ меҷӯям, зеро он ҳамбистари бадест ва ҳам аз хиёнат ки он ҳамроҳ ва ҳамрикоби бадест.*

1486 - Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки мукотабе (бандае, ки баробари қарордод ба хоҷаи худ қарздор аст ва пас аз пардохти қарзи хеш озод мешавад) назди вай омада гуфт: ман аз пардохти ақсоти қарз нотавон шудаам, пас маро ёрӣ кун. Гуфт: Оё бароят калимотеро, ки Расули Худо (с) онҳоро ба ман омӯхт, таълим надиҳам, ки ҳар гоҳ мисли кӯҳе қарз дошта бошӣ, Аллоҳ таъоло онро аз дӯшат адо ва халос кунад. Бигӯ: ***Аллоҳуммакфинӣ биҳалолика ъан ҳаромика ва агнинӣ бифазлика ъамман сивока.*** Яъне: *Парвардигоро, маро бо ҳалолат аз ҳаромат басанда кун ва маро ба фазли хеш аз мо сивоят бениёз дор.*

1487 - Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) барои падараш Ҳусайн ду калимае омӯхт, ки бад-он дуъо мекард: ***Аллоҳумма алҳимнӣ рушдӣ ва аъизнӣ мин шарри нафсӣ.*** Яъне: *Парвардигоро, ҳидоят ва ба роҳи рост рафтанамро ба ман илҳом кун ва маро аз шарри нафсам дар амон бидор.*

1488 - Аз Абулфазл Аббос ибни Абумуталлиб (р) ривоят шуда, ки гуфтам: Ё Расулуллоҳ: Чизе ба ман биёмуз, ки онро аз Худованд талабам. Фармуд: Аз Худованд офият талабед: Пас чанд рӯзе даранг кардам, боз омадам ва гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Ба ман чизе биёмуз, ки онро аз Худо талабам.

Фармуд: Эй Аббос, эй амаки Расули Худо, аз Худованд офияти дунё ва охиратро суол кунед.

1489 - Аз Шаҳр ибни Ҳавшаб (р) ривоят шуда, ки гуфт: Барои Умми Салама (р) гуфм: Эй Уммулмӯъминин: Кадом дуъоро Расули Худо (с) чун назди ту буд бисёр мехонд? Гуфт: Зиёдтар дуъояш ин буд: ***Аллоҳума ё муқаллиба-л-қулуби саббит қалбӣ ъало диника.*** Яъне: *Худоё эй гардонандаи дилҳо диламро бар динат собиту устувор бидор.*

1490 - Аз Абудардо (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аз дуъои Довуд буд, ки ***Алоҳума инни асъалука ҳуббака ва ҳубба ман юҳиббука валъамаллаази юбаллигуни ҳуббака, Аллоҳуммаҷъа-л-ҳуббака аҳабба илайя мин нафсӣ ва аҳлӣ ва миналмоилборид.*** Яъне: *Парвардигоро, ман аз Ту дӯстият ва дӯсти касеро, ки дӯстат медорад ва дӯстии кореро, ки маро ба дӯстият мерасонад, дархост мекунам. Худоё, муҳаббати хешро аз худ, хонавода ва оби хунук бар ман маҳбубтар бигардон.*

1491 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***Ё Залҷалоли ва-л-икром.*** Яъне: *Эй Худованди бузург ва эҳтиромро зиёд зикр кунед.*

***Шарҳ:*** *Имом Фахриддини Розӣ (р) бо ин ҳадис истидлол намуда, бар ин ки* ***Зулҷалоли ва-л-икром*** *шомили тамоми сифоти мӯътабари Ҳақ мешавад.*

1492 - Аз Абуумома (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) дуои зиёде хонд, ки мо аз он чизи ҳифз накардем. Гуфтам! Ё Расулулоҳ! Дуои зиёде намудӣ, ки мо аз он чизеро ҳифз накардем. Фармуд: Оё шуморо роҳнамоӣ накунам ба чизе, ки ҳамаи онро ҷамъ кунад: Ин ки бигӯӣ: ***Аллоҳумма инни асъалука мин хайри мо саъалака набиййука Муҳаммад (с) ва аъузу бика мин шарри мастаъоза минҳу набиййука Муаммадун ва анта-л-мустаъон ва алайка-л-балогу ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ.*** Яъне: *Парвардигоро, ман аз беҳтарин чизе, ки паёмбарат Муҳаммад (с) аз Ту дархост намуда, аз Ту дархост мекунам ва аз шарри он чӣ Муҳаммад (с) аз он ба Ту паноҳ ҷуста, ба Ту паноҳ меҷӯям. Ёрӣ аз Ту хоста мешавад*

*ва расонидани матлаб ва дархостҳо ба василаи Ту муяссар аст ва гардише аз маъсият ва тавоноӣ бар тоъат, ҷуз ба кӯмаки Ту муяссар нест.*

1493 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфт: Аз дуои Расули Худо (с) буд, ки: ***Аллоҳумма инни асъалука муҷиботи раҳматика ва ъазоима магфиратика ва-с-саломата мин кулли исмин ва-л-ганимата мин кулли биррин ва-л-фавза би-л-ҷаннати ва-н-наҷота мина-н-нори.*** Яъне: *Парвадигоро, Ман мӯҷиботи раҳмат ва омурзишатро ҳамроҳ ба саломатӣ аз ҳар гуноҳ ва баҳрамандӣ аз ҳар тоъат ва растагорӣ ба биҳишт ва наҷот аз дӯзах, аз Ту таманно мекунам.*

## БОБИ 251. Фазилати дуъо дар пушти сар (дар ғоиби ҳамдигар)

Худованд мефармояд: **Ва касоне ки пас аз онон омаданд, гӯянд: Парваридгори мо биёмурз ва бародарони моро, ононе ки пеш аз мо имон оварданд.** *(Ҳашр: 10)*

**Ва барои гуноҳат омурзиш талаб кун ва низ барои мардон ва занони мӯъмин.** *(Муҳаммад: 19)*

**Ва аз Иброҳим ъалайҳи-с-салом хабар дода мефармояд: Парвардигоро, ман ва падар ва модарам ва мӯъминонро дар рӯзе, ки ҳисоб барпо мешавад, биёмурз.** *(Иброҳим: 41)*

1494 - Аз Абудардо (р) ривоят шуда, ки ӯ аз Расули Худо (с) шунид, ки мефармуд: Ҳеҷ бандаи мусалмоне нест, ки барои бародараш дар ғоиби вай дуо мекунад, магар ин, ки фаришта мегӯяд: ва барои ту монанди он бод!

1495 - Ва низ аз Абудардо (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) мефармуд: Дуъои шахси мусалмон барои бародараш ва дар ғиёби вай мустаҷоб аст. Дар болои сараш фаришта муваззаф аст, ки ҳар гоҳ барои бародараш дуъои хайр кунад, фариштаи муваззаф бад-он мегӯяд: омин ва барои ту монанди он бод.

## БОБИ 252. Дар мавриди масоиле аз дуо

1496 - Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки ба вай некӣ шавад ва барои анҷом диҳандаи он бигӯяд: ***Ҷазокаллоҳ хайран,*** (*Худованд барои ту подоши нек арзонӣ намояд*) Ҳароина ниҳояти сипос ва камоли қадрдониро (*дар баробари ӯ*) ба ҷой овардааст.

1497 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: бар нафсҳои худ ва бар авлод ва амволи худ дуъои бад накунад, то мувофиқ нашавад ба соате, ки барои Худованд аст, ки чун аз атое савол шавад, барои шумо иҷобат кунад.

1498 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Наздиктарин ҳолате, ки банда ба Парвардигораш аст, ҳолатест, ки ӯ дар саҷда мебошад. Пас дар он бисёр дуо намоед.

1499 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: иҷобат мешавад барои яке аз шумо то модоме, ки шитоб накунад, ки бигӯяд ба Парвардигорам дуъо кардам, вале дуъоям пазируфта нашуд. Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки ҳамеша барои банда иҷобат мешавад, то ба гуноҳ ва қатъи силаи раҳм дуъо накунад ба шарте, ки шитоб ва аҷала нанамояд. Гуфта шуд ё расули Худо! Шитобхоҳӣ чист? Фармуд: Мегӯяд ҳамоно дуъо кардам ва дуъо кардам ва надидам, ки бароям иҷобат кунад, пас дар ин асно хаста шуда ва дуъоро тарк мекунад.

1500 - Аз Абуумома (р) ривоят аст, ки гуфт барои Расули Худо (с) гуфта шуд, ки кадом дуъо бештар аз ҳама қобили шунидан ва иҷобат аст. Фармуд: Васат ва охири шаб ва ба дунболи намозҳои фариза.

1501 - Аз Убода ибни Сомит (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: бар рӯи замин мусалмоне нест, ки дуъое ба дарбори Худо намояд, магар ин ки Худованд онро ба вай медиҳад ё мисли он бадиро аз вай дуршаванда мегардонад, модоме ки багуноҳ ва қатъи силаи раҳм дуъо накунад. Марде аз он гурӯҳ гуфт: аз ин пас зиёд дуъо мекунанд. Фармуд: Худованд бештар, яъне иҳсони ӯ таъоло аз дархости шумо зиёдтар аст. Ҳоким

дар ривояташ афзуда ё захира кунад барои ӯ мисли подоши ӯро.

1502 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) дар вақти мушкилот мефармуд: ***Ло илоҳа иллаллоҳу-л-ъазиму-л-ҳалим, ло илоҳа иллаллоҳу Раббу-л-Арши-л-азим, ло илоҳа иллаллоҳу Раббу-с-самовоти ва Раббу-л-арзи ва Раббу-л-Арши-л-карим.*** Яъне: *Маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳи бузург бурдбор нест, Маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ, Парвардигори Арши бузург нест, Маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ, Парвардигори осмонҳо ва замин ва Парвардигори Арши бузург нест.*

## БОБИ 253. Дар баёни каромоти авлиёи Худо ва фазилаташон

قَالَ اللهُ تَعَالى : ﴿ أَلا إِنَّ أَوْلِيَاءَ اللهِ لَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ : الَّذِينَ آمَنُوا وَكَانُوا يَتَّقُونَ، لَهُمُ الْبُشْرَى فِي الحَيَاةِ الدُّنيَا وَفِي الآخِرَةِ لَا تَبْدِيلَ لِكَلِمَاتِ اللهِ، ذَلِكَ هُوَ الفَوْزُ العَظِيمُ ﴾ [يونس: ٦٢، ٦٤].

وَقَالَ تَعَالى: ﴿ وَهُزِّي إِلَيْكِ بِجِذْعِ النَّخْلَةِ تُسَاقِطْ عَلَيْكِ رُطَباً جَنِيّاً[١] فَكُلِي وَاشْرَبِي ﴾ [مريم: ٢٥، ٢٦] وقال تعالى: ﴿ كُلَّمَا دَخَلَ عَلَيها زَكَرِيَّا المِحْرَابَ وَجَدَ عِنْدَهَا رِزْقاً قَالَ: يَا مَرْيَمُ أَنَّى لكِ هَذَا؟[٢] قَالَتْ: هُوَ مِنْ عِنْدِ اللهِ، إِنَّ اللهَ يَرْزُقُ مَنْ يَشَاءُ بِغَيْرِ حِسَاب ﴾ [آل عمران: ٣٧]. وقالَ تَعَالى: ﴿ وَإِذِ اعْتَزَلْتُمُوهُمْ[٣] وَمَا يَعْبُدُونَ إِلاَّ اللهَ، فَأْوُوا إِلى الكَهْفِ يَنْشُرْ لَكُمْ رَبُّكُم مِنْ رَحْمتِهِ، وَيُهَيِّـئْ لَكُم مِنْ أَمْرِكُم مِرْفَقاً، وَتَرَى الشَّمسَ إذا طَلَعَتْ تَزَاوَرُ عَنْ كَهْفِهِم ذَاتَ اليَمِينِ، وَإذا غَرَبَت تَقرِضُهُمْ ذَاتَ الشِّمَالِ ﴾ [الكهف: ١٦، ١٧].

Каромот, ҷамъи каромат аст ва он корест, ки бар хилофи одат аз тарафи бандаи мӯъмини итоъаткор ва парҳезгор ба вуқӯъ мепайвандад.

Худованд мефармояд: **Огоҳ бошед, ҳамоно дӯстони Худо на тарс бар онон аст ва на андӯҳгин шаванд. Ононе ки имон оварда ва парҳезгорӣ мекарданд. Барояшон мужда аст дар зиндагии дунё ва охират ва ҳеҷ табдиле мар калимоти Худоро нест ва он аст худ пирӯзии бузург.** *(Юнус: 62-64)*

Ва мефармояд: **Ва ба сӯят шохаи дарахти хурморо такон деҳ, бар ту хурмои тоза меафтад ва аз он бихӯр ва биёшом.** *(Марям: 25-26)*

**Ҳар гоҳ Закариё бар Марям дар масҷид дохил шудӣ, назди ӯ рӯзӣ меёфтӣ. Гуфт: Эй Марям, инро аз куҷо кардӣ? Гуфт: аз назди Худо аст, ҳароина Худо рӯзии бешумор медиҳад ҳар киро, ки мехоҳад.** *(Оли Имрон: 37)*

**Ва чун эй ёрон як сӯ шавед, аз ин кофирон ва аз ончи ба ҷуз Худо мепарастанд, пас ба сӯи ғор ором гиред, то бар шумо Парвардигори шумо фарох кунад, бахшоиши худро ва барои шумо муҳайё созад манфиатро дар коратон ва офтобро мушоҳида мекунед, ки чун тулӯъ кунад, аз ғори онон майл кунад ба ҷониби рост ва ғуруб шавад аз онон таҷовуз мекунад ба ҷониби чап.** *(Кафҳ: 16-17)*

1503 - Аз Абумуҳаммад Абдураҳмон ибни Абубакри Сидиқ (р) ривоят аст, ки асҳоби Суффа мардуми фақир буданд ва паёмбар (с) боре фармуд: Касе, ки дар наздаш таъоми ду нафар аст бояд, ки саввумиро бибарад ва касе, ки наздаш таъоми чор нафар аст бояд панчумӣ ва шашумиро бибарад, ё чуноне фармуд боре Абубакр (р) се нафарро овард ва паёмбар (с) даҳ нафарро равон кард. Абубакр (р) дар назди Паёмбар (с) хӯроки шабро хӯрда сабр намуд то намози хуфтанро гузорид. Баъд бозгашт, вақте омад аз шаб он чӣ, ки Худо хост, гузашта буд. Ҳамсараш гуфт: Чӣ чиз туро аз меҳмонҳоят манъ кард. Гуфт оё ҳанӯз хӯроки шабро нахӯрдаед? Барояшон арза кардем, вале онҳо имтиноъ варзиданд то омадани ту. Абдураҳмон (фарзанди Абубакр) гуфт: ман рафтам ва пинҳон шудам. Абубакр барои фарзандаш гуфт, эй нодон ва бисёр дашном дод. Пас гуфт: Бихӯред, нӯши ҷонатон бод, валлоҳ ҳаргиз аз он намехӯрам. Гуфтанд савганд ба Худо, ки луқмае

намегирифтем, магар ин, ки аз зери он беш аз он зиёда мешуд, то ин ки сер шудем ва таом аз он чи буд бештар шуд. Абубакр ба он нигариста ба ҳамсараш гуфт: Эй хоҳари бани Фирос ин чист? Гуфт: чизе нест. Савганд ба рӯшании чашмам, акнун се баробари миқдорест, ки пештар буд. Сипас Абубакр (р) аз он хӯрд ва гуфт: Ҳамоно ин кори шайтон буд, яъне савганд хӯрдани Абубакр (р). Сипас аз он луқмае хӯрда, онро хидмати Расули Худо (с) бурд ва то субҳ наздашон буд ва миёни мову қавме дигар аҳде буд ва муддати он гузашт. Мо дувоздаҳ нафар аз ҳам ҷудо шудем, ки бо ҳар марде аз онҳо иддае буданд ва Худованд донотар аст, ки бо ҳар нафар чи қадар буданд ва ҳама аз он хӯрданд. Ва дар ривояте омада, ки пас Абубакр (р) савганд хӯрд, ки аз он нахӯрад ва ҳамсараш савганд хӯрд, ки аз он нахӯрад ва меҳмонҳо савганд хӯрданд, ки аз он нахӯранд. Баъд Абубакр (р) гуфт: Ин «савганд» аз шайтон буд, сипас таъомро хоста хӯрд ва хӯрданд ва луқмаеро барнамебардоштанд магар ин, ки беш аз он зери он зиёд мешуд. Боз гуфт: Эй хоҳари бани Фирос ин чист? Ҳамсараш гуфт: савганд ба рӯшании чашмам, ки он акнун пеш аз он, ки бихӯрем зиёдтар аст. Пас хӯрданд. Ва онро хидмати паёмбар (с) фиристод. Зикр шуда, ки он ҳазрат (с) аз он хӯрд. Ва дар ривяоте омада, ки Абубакр (р) барои Абдураҳмон гуфт: Ба меҳмонҳоят расидагӣ кун, ки ман хидмати паёмбар (с) меравам ва пеш аз он, ки биёям аз меҳмондорияшон фориғ шав. Баъд Абдураҳмон рафт ва он чиро, ки наздашон буд оварду гуфт: бихӯред. Гуфтанд: Соҳибхонаи мо куҷост? Гуфт: бихӯред. Гуфтанд: То соҳибхонаи мо наояд намехӯрем. Гуфт: Меҳмонии худро аз мо бипазиред, зеро агар ӯ биёяд ва шумо хӯрок нахӯрда бошед мо ба муқобилаи сахте аз сӯи ӯ рӯ ба рӯ хоҳем шуд. Боз ҳам имтиноъ варзиданд ва донистам, ки ӯ бар ман хашм мекунад чун омад аз ӯ дур шудам. Гуфт: Чи кор кардед? Бохабараш сохтанд. Вай гуфт: Эй Абдураҳмон! Ман сукут кардам, боз гуфт: Эй Абдураҳмон! Ман сукут кардам, боз гуфт: Эй нодон! Туро ба Худо савганд медиҳам, ки агар садоямро мешунавӣ ҳатман биё! Баъд берун омада, гуфтам: Аз меҳмонҳоят бипурс

ва гуфтанд: рост гуфт, таъомро барои мо овард. Вай (Абубакр (р) гуфт: Пас шумо ҳатман интизории маро кашидед. Савганд ба Худо, ки имшаб онро намехӯрам. Онон низ гуфтанд: Қасам ба Худо, ки то худат нахӯрӣ мо аз он намехӯрем. Пас гуфт: вой бар шумо! Шуморо чи шуда, ки меҳмонии худро аз мо намепазиред? Таъоматро биёвар, сипас таъомро оварда, дасти худро дар он гузошта гуфт: Бисмиллоҳ, аввалӣ (савганд ба нахӯрдан) кори шайтон буд пас хӯрд ва хӯрданд (аммо ба сабаби қасамро шикастан) худро гунаҳгор сохт.

1504 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: дар умматҳои пеш аз шумо мардуме буданд, ки барояшон илҳом мешуд ва агар дар умматам як нафар аз онон бошад, он (*Умар (р)* аст (Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят намуда ва Муслим онро аз Оиша (р) ривоят кардааст).

1505 - Аз Ҷобир ибни Самура (р) ривоят шуда, ки гуфт: Мардуми Кӯфа аз Саъд ибни Абуваққос (р) ба ҳазрати Умар (р) шиква карданд. Ҳазрати Умар ӯро азл намуда Аммор (р)-ро барояшон гумошт. Онон аз Саъд (р) шикоят карданд, ки ӯ наметавонӣ некӯ намоз бихонад. Умар касеро назди ӯ фиристода ва гуфт: Эй Абуисҳоқ! Ин мардум гумон мекунанд, ки ту наметавонад некӯ намоз гузорӣ. Саъд (р) гуфт: Аммо валлоҳи, бо онҳо намози Расули Худо (с)-ро мегузоридам ва аз он камтар намекардам. Намози хуфтанро мегузоридам: дар ду ракаъати аввал намозро тӯлонӣ намуда ва ду ракаъати дуввумро сабук мехондам. Гуфт: Эй Абуисҳоқ! Мо дар мавриди ту чунин гумони нек дорем. Пас ҳамроҳи Саъд (р) мард ё мардонеро ба Кӯфа фиристод, то дар мавриди вай аз мардуми Куфа пурсиш намояд. Ва масҷидеро нагузошт магар ин, ки дар мавриди вай савол кард ва ҳама санон хайри ӯро мегуфтанд то ин, ки ба масҷиде аз бани Абс дохил шуд. Марде, ки ба вай Усома ибни Қатода мегуфтанд ва кунияш Абусаъда буд аз миёнашон бархоста гуфт: Аммо чун матлабро аз мо пурсидед ман мегӯям, ки Саъд ҳамроҳи сарияҳо хориҷ намешуд ва баробар тақсим намекард ва дар ҳукуматаш адл наменамуд. Саъд (р) гуфт: Ба Худо савганд, ки ман се дуъо мекунам: Худоё

агар ин бандаат дуруғгӯ бошад ва аз рӯи риёву шӯҳратталабӣ бархоста, умрашро тулонӣ ва тангдастиашро давомдор кун ва ӯро ба фитнаҳо рӯ ба рӯ намо. Ва баъд аз он чун аз он шахсе пурсида мешуд мегуфт, марди кӯҳансолеам, ки ба фитна гирифтор шуда ва дуъои Саъд (р) ба ман расидааст. Абдулмалик ибни Умайри ровӣ аз Ҷобир ибни Самура гуфт: ман ӯро баъд дидам, ки абрӯҳояш бар чашмонаш аз кӯҳансолӣ афтода буд ва ӯ дар роҳо ба духтарон таъарруз намуда ба духтарон чашмак мезад.

1506 - Аз Урва ибни Зубайр (р) ривоят аст, ки ки Арво бинти Авс (р) бар зидди ҳазрати Саъид ибни Зайд ибни Амр ибни Нуфайл (р) назди Марвон ибни Ҳакам даъво бардошт ва идаъо кард, ки ӯ бахше аз заминашро гирифтааст. Саъид (р) гуфт: Оё ман аз заминаш чизеро тасоҳуб мекардам баъд аз ин, ки аз Расули Худо (с) шунидам? Гуфт чӣ шунидӣ? Гуфт: Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки як ваҷаб замине аз мусалмонеро аз рӯи ситам бигирад, то ҳафтумин замин бар гарданаш тавқ гардонида мешавад. Марвон гуфт: Баъд аз ин аз ту шоҳиде наметалабам. Саъид гуфт: Худоё агар ин зан дурӯғгӯ бошад чашмонашро кӯр кун ва ӯро дар заминаш ҳалок соз. Ровӣ гуфт: Он зан намурд то ин, ки чашмонаш кӯр шуд ва дар асное, ки дар заминаш мерафт дар гудоле афтод ва мурд. Ва дар ривояте аз Муслим аз ривояти Муҳаммад ибни Зайд ибни Абдуллоҳ ибни Умар (р) ба маъноящ омадааст: Ин ки ӯ вайро дар ҳоле дид, ки кӯр шуда буд ва ба кӯмаки деворҳо роҳ мерафт ва мегуфт: дуъои Саъид ба ман осеб расонд ва ӯ аз канори чоҳе дар хонае, ки бо вай дар қисмати он даъво карда буд, гузашта ба он афтод ва он чоҳ гӯри вай гардид (Яъне, ҷасадаш дар ҳамон чоҳ боқӣ монда, чоҳи мазкурро пур карданд).

1507 - Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки гуфт чун воқеаи Уҳуд даррасид, падарам дар шаб маро талабид ва гуфт: ман худро ба ҷуз кушта дар миёни аввалин касоне, ки аз асҳоби паёмбар (с) кушта мешаванд, гумон намекунам ва ман баъд аз хеш ба ҷуз вуҷуди Расули Худо (с) аз ту азизтаре аз худ боқӣ намегузорам ва ман дайне (*қарзе*) дорам, онро адо

кун ва дар мавриди хоҳаронат бо меҳрабонӣ ва хайр рафтор кун. Пас субҳ кардем. Ӯ аввалин касе буд, ки кушта шуд ва дигареро бо вай дафн кардам. Баъд дилам ором нагирифт, ки ӯро бо дигаре бигзорам ва пас аз шаш моҳ ӯро аз қабраш кашидам ва дидам, ки ӯ ба монанди рӯзест, ки ӯро гузоштаам, ғайр аз гӯшаш ва ӯро дар қабре ҷудогона гузоштам.

1508 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки ду мард аз ёрони паёмбар (с) дар шаби торик аз наздаш берун омаданд ва ду чароғ дар пеши рӯяшон буд ва чун ҷудо шуданд, ҳамроҳи ҳар яке монд, то ин ки ба хонаи худ омаданд (Ин ҳадисро Бухорӣ аз тариқҳои мухталиф ривоят намуда ва дар баъзе омада, ки он ду нафар Усайд ибни Ҳуҷайр ва Аббод ибни Бишр (р) буданд).

1509 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) даҳ гурӯҳро ба шакли сария фиристода ва Осим ибни Собити Ансори (р)-ро амирашон гардонд. Рафтанд то ин, ки ба минтақаи Ҳада байни Усфон ва Макка расиданд. Ва барои қабилае аз Ҳузайл, ки бани Лиҳён хонда мешуд ёд шуданд. Ва онҳо ҳам наздик ба сад нафар тирандозро гирд оварда ва қадамҳояшонро таъқиб намуданд. Осим ва ёронаш аз ин огоҳ шуданд ба ҷое паноҳ бурданд ва гурӯҳи онҳоро муҳосира карда гуфтанд: Фуруд оед ва дастҳои худро бидиҳед ва аҳду паймони мо бо шумо ин аст, ки ҳеҷ кадоми шуморо накушем. Осим ибни Собит гуфт: Эй қавм, ман ба паймону аҳди кофир фуруд намеоям. Худоё паёмбаратро аз ҳоли мо бохабар соз ва онҳоро ба тир заданд ва Осимро куштанд. Се нафар ба паймони онҳо фуруд омаданд ва чун ба онҳо даст ёфтанд торҳои камони худро гусаста, онҳоро банд карданд. Марди саввум гуфт: Ин оғози найранг аст. Валлоҳи ман бо шумо намегардам. Маро ба ин гурӯҳ ибрат аст ва иродаи шаҳодатро дошт. Ӯро кашиданд, вале имтиноъ варзид ки ҳамроҳашон биравад. Сипас ӯро куштанд ва Хубайб ва Зайд ибни Дасина бурда шуданд то ин, ки он дуро баъд аз ҳодисаи Бадр дар Макка фурӯхтанд. Бани Ҳорис Хубайб (р)-ро хариданд, зеро Хубайб (р) Ҳорисро дар воқиъаи Бадр кушта буд. Ва Хубайб (р) дар назди онҳо асир монд то ин ки онҳо ба куштани ӯ ҳамназар шуданд. Вай аз яке

аз духтарони Ҳорис теғе талабид то мӯйи зери нофро бизанад. Писараке аз он (зан) дар ҳоле, ки ӯ бехабар буд, ба назди ӯ (Хубайб) омад. Ва зан ӯро дар ҷояш бар зонуи Хабиб дид, дар ҳоле ки теғ дар дасташ буд ва тарсид. Хубайб (р) инро фаҳмида гуфт: Оё метарсӣ, ки ӯро бикушам? Ман ин корро намекардам. Он зан гуфт: Валлоҳи, ман асире беҳтар аз Хубайб надидам. Рӯзе ӯро дидам, ки хӯшаи ангуре дар дасташ дошт ва мехӯрд, дар ҳоле ки ӯ ба занҷир кашида шуда буд ва дар Макка мевае ҳам вуҷуд надошт. Он зан мегуфт: Он рӯзие буд, ки Худованд ба ӯ дода буд ва чун ӯро аз Ҳарам хориҷ сохтанд, то ӯро бикушанд. Хубайб (р) гуфт: Маро бигузоред, то ду ракаъат намоз бигузорам. Ӯро гузоштанд, то ду ракаъат намоз гузорид ва гуфт: Савганд ба Худо, ки агар шумо гумон накунед, ки ин коре, ки мекунам аз тарси марг аст бар он намоз меафзудам ва гуфт: Худоё! Ононро бишумор ва ба гунае пароканда ва ҳалок кун, ки якеяшон боқӣ намонад ва гуфт:

- *Бок надорам ҳангоме, ки мусалмон кушта мешавам, ки дар кадом паҳлӯ маргам дар роҳи Худо бошад, зеро ин кор ба Худо марбут мешавад ва агар бихоҳад бар аъзои ҷасади пора-пора баракат мениҳад.*

Хубайб (р) касе буд, ки барои ҳар мусалмоне, ки собирона кушта мешавад намозро суннат намуд. Ва паёмбар (с) дар рӯзе, ки гирифтор шуданд асҳоби хешро аз ҳолашон бохабар сохт. Ва иддае аз Қурайш баъд аз огоҳӣ аз қатли Осим (р) афродеро фиристоданд, ки чизе аз баданашро биёварад, ки бад-он шинохта шавад. Чун вай марде аз бузургонашонро кушта буд. Худованд занбурҳои асалро мисли абр фиристод, ки вайро аз онҳо ҳимоят намуд ва натавонистанд, ки чизе аз ӯро қатъ намоянд.

Ва дар ин боб ҳадисҳои саҳеҳи бисёре аст, ки дар ҷоҳои худ аз ин китоб гузашт, ки аз он ҷумла ҳадиси бачаест, ки назди роҳиб ва соҳиб меомад (ҳадиси шумораи 30). Ва аз ҷумла, ҳадиси Ҷурайҷ аст (ҳадиси шумораи 259). Ва ҳадиси ёрони Ғор аст, ононе ки санг бар дари ғорашон истод (ҳадиси шумораи 12) ва ҳадиси марде аст, ки садоеро дар абр шунид, ки мегӯяд:

Боғчаи фалониро обёрӣ кун (ҳадиси шумораи 562). Ва далелҳо дар ин маврид бисёр зиёд ва машҳуранд.

1510 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки гуфт: ҳаргиз нашунидаам, ки Умар (р) барои чизе гуфта бошад, ки ман онро чунин гумон мекунам, магар ин ки мисли гумони ӯ бувад.

***Шарҳ:*** *Ин ҳадис баёнгари фазилат ва фаросати ҳазрати Умар (р) аст.*

# 17. КИТОБ ДАР БАЁНИ УМУРЕ, КИ ДАР ШАРИЪАТ АЗ ОН МАНЪ БА АМАЛ ОМАДААСТ

## Боби 254. Дар ҳаром будани ғийбат ва амр ба ҳифзи забон

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿ وَلَا يَغْتَبْ بَعْضُكُمْ بَعْضاً(١) أَيُحِبُّ أَحَدُكُمْ أَنْ يَأْكُلَ لَحْمَ أَخِيهِ
مَيْتاً ، فَكَرِهْتُمُوهُ ! وَاتَّقُوا اللهَ إِنَّ اللهَ تَوَّابٌ رَحِيمٌ ﴾ [الحجرات : ١٢]. وَقَالَ تَعَالَى : ﴿ وَلَا
تَقْفُ(٢) مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ ، إِنَّ السَّمْعَ ، وَالبَصَرَ ، وَالفُؤَادَ ، كُلُّ أُولَئِكَ كَانَ عَنْهُ مَسْئُولاً ﴾
[الإسراء : ٣٦]. وقَالَ تَعَالَى : ﴿ مَا يَلْفِظُ مِنْ قَوْلٍ إِلَّا لَدَيْهِ رَقِيبٌ(٣) عَتِيدٌ ﴾ [ق : ١٨].

Худованд мефармояд: **Ва ғайбат накунад баъзеи шумо баъзеро. Оё дӯст медорад касе аз шумо, ки гӯшти бародарашро, ки мурда бошад, бихӯрад, пас мутанаффир шавед аз ӯ ва аз Худо битарсед, ҳамоно Худо тавбапазирандаи меҳрабон аст.** *(Ҳуҷурот: 12)*

**Ва марав дар паси он чи ки илм ба он надорӣ, ҳароина аз ҳар яке аз гӯш ва чашм ва дил пурсида хоҳед шуд.** *(Исро: 36)*

**Ба забон намеорад шахсе суханеро, ҷуз ин ки назди ӯ нигаҳбонест муҳайё.** *(Қоф: 18)*

1511 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, бояд сухани хайр гӯяд, ё хомӯш бошад.

1512 - Аз Абумӯсо (р) ривоят шуда, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Кадом мусалмон беҳтар аст? Фармуд: Он, ки мусалмонон аз дасту забони ӯ эмин бимонанд.

1513 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: он ки миёни риш (*забон*) ва миёни ду пояш (*фарҷ*)-ро бароям замонат кунад, (*яъне, замонат диҳад, ки забон ва шармгоҳашро аз гуноҳ бозмедорад*) ман биҳиштро барои вай замонат мекунам.

1514 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки вай аз паёмбар (с) шунид, ки мефармуд: Ҳароина бандае калимаеро бар забон меоварад, ки дар мавриди он намеандешад ва ба сабаби он ба дӯзах мелағжад, дуртар аз он чи ки дар миёни машриқ ва мағриб аст.

1515 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар ойна банда калимаеро аз ризои Худованд бар забон меоварад, ки ба он иҳтимом намеварзад ва Худованд вайро бад-он калима ба мартабаҳои баланд бар мекашад ва ҳароина банда калимае аз қаҳри Худовандро бар забон меоварад, ки ба он аҳамият намедиҳад ва сабаби он дар дӯзах фурӯ меғалтад.

1516 - Аз Абуабдураҳмон, Билол ибни Ҳориси Музанӣ ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно мард калимае аз ризои Худовандро бар забон меоварад, дар ҳоле ки гумон намекунад ки ба он чи расида, бирасад. Худованд ба сабаби он барояш ризои худро то рӯзе, ки бо вай рӯ ба рӯ шавад, менависад ва ҳамоно мард калимае аз қаҳр Худоро ба забон меронад, дар ҳоле ки гумон намекунад, ки бад-он чи расида бирасад ва ба сабаби он Худованд бар вай қаҳр ва ғазабашро то рӯзе, ки вайро мулоқӣ шавад, менависад.

1517 - Аз Суфён ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Коре ба ман бигӯ ки бад-он чанг занам. Фармуд: Бигӯ: Аллоҳ таъоло Парвардигорам аст ва сипас истиқомат кун. Гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Аз чӣ чиз бештар аз ҳама бар ман метарсӣ? Он ҳазрат (с) забони худро гирифта, гуфт: Аз ин.

1518 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Бидуни зикри Худо сухан нагӯед, зеро бисёр сухан

гуфтан бидуни зикри Худо сабаби сангдилӣ аст ва ҳар оини дуртарин мардум аз Худованд инсони сангдил аст.

1519 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он киро, ки Худованд аз шарри миёни ду фукаш (забон) ва шарри миёни ду пояш (шармгоҳ) ҳифз намуд ба биҳишт дохил мешавад.

1520 - Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки гуфт: гуфтам эй Расули Худо (с), сабаби наҷот чист? Фармуд: Забонатро маҳкам дор ва бояд, ки хонаат бароят биғунҷад (*хонаатро лозим гир ва ба тоъати Ҳақ машғул шав ва аз сӯҳбати агёр парҳез намо*) ва бар гуноҳат гиря кун.

1521 - Аз Абусаиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун фарзанди одам субҳ кунад, ҳамаи аъзо дар баробари забон фурутанӣ намуда мегӯянд: Аз Худованд дар мавриди мо битарс. Зеро мо дар баробари он чи ки ту анҷом медиҳӣ, ҷазо дода мешавем. Агар ту ростӣ намудӣ, мо рост мемонем ва агар ту каҷӣ кардӣ, мо каҷ мешавем.

1522 - Аз Маъоз (р) ривоят шуда, ки гуфт: гуфтам эй Расули Худо (с) аз амале бохабарам кун, ки маро ба биҳишт дохил намуда ва аз дӯзах дурам кунад? Фармуд: Аз чизи бузурге суол кардӣ ва он осонаст бар касе, ки Худованд бар ӯ осон кунад ва он ин ки Худоро парастиш намуда ва ба ӯ чизе шарик наёварӣ ва намоз бигзорӣ ва закот бидиҳӣ ва рӯзаи рамазонро бигирӣ ва ҳаҷи Хонаи Худоро ба ҷо оварӣ, агар тавонистӣ, ки ба он даст ёбӣ. Сипас фармуд: Оё туро ба дарвозаҳои хайр роҳнамоӣ накунам? Рӯза сипар аст ва садақа гуноҳро хомӯш мекунад, чунон ки об оташро хомӯш месозад ва намози шахс дар дили шаб. Сипас тиловат намуд ***татаҷофо ҷунубуҳум ъани-л-мазоҷиъи*** *дур мешавад паҳлӯҳояшон аз хобгоҳҳо* … то ин ки расид ба ***яъламуна.*** Баъд фармуд: Оё туро аз асоси кор ва сутунаш ва баландии қуллаи ӯ бохабар насозам? Гуфтам: Оре, ё Расулаллоҳ (с). Фармуд: Ислом асоси кор аст ва сутунаш намоз ва баландии қуллааш, ҷиҳод мебошад. Боз фармуд: Оё туро ба асос ва зербинои ҳамаи инҳо хабар надиҳам? Гуфтам: оре, ё Расули Худо (с). Он ҳазрат (с) забони худро гирифта ва

фармуд: Инро бар худ нигоҳ дор. Гуфтам: эй Расули Худо (с) ва оё ба он чи сухан мегӯем, муохаза мешавем? Фармуд: Модарат ба сӯги ту бинишинад (*ин дуъоест, ки аз он дуъои ҷиддӣ ирода намешавад*) ва оё мардумро ба ҷуз маҳсули забонҳояшон чизи дигаре дар дӯзах сарнагун месозад?

1523 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Оё медонед, ки ғайбат чист? Гуфтанд: Аллоҳ таъоло ва расулаш донотар аст. Фармуд: Бародаратро ба он чи ки аз он хушаш намеояд, ёдовар шавӣ. Гуфт: Чи тур аст, ҳар гоҳ дар бародарам он чи мегӯям, бошад? Фармуд: Агар он чи мегӯям, дар вай бошад, ғайбаташ кардам ва агар набошад, ба вай бӯҳтон бастам.

1524 - Аз Абубакра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) дар хутбаи рӯзи иди хеш дар Мино, дар Ҳаҷҷату-л-видоъ фармуд: Ҳамоно хунҳои шумо ва молҳои шумо ва обрӯятон бар шумо ҳаром аст, монанди ҳурмати ин рӯзи шумо дар ин моҳ ва дар ин шаҳри шумо. Оё он чиро ки ба таблиғи он маъмур шуда будам, таблиғ кардам?

1525 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: барои паёмбар (с) гуфтам: Аз Сафия (р) бароят ин қадар ва ин қадар кофист. Баъзе аз ровиён гуфтаанд, яъне кӯтоҳ аст. Фармуд: Ҳамоно калимае гуфтӣ, ки агар ба оби дарё халташ кунӣ бо он махлут шавад! Оиша (р) гуфт: ва барои ӯ намунаи инсониро даровардам. Фармуд: Дӯст надорам, ки ҳаракат ва феъли инсониро тамсил кунам ва бароям ин қадар ва ин қадар бошад.

***Шарҳ:*** *яъне, ҳар гоҳ ин сухани зиштро бо оби дарё бо фузунии он якҷо созӣ оби дарёро бадбӯй ва мутаъаффин месозад.*

1526 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун ба Меъроҷ бурда шудам, аз канори гурӯҳе гузаштам, нохунҳои мисин доштанд ва бад-он рӯйҳо ва синаҳояшонро мехарошиданд. Гуфтам: Эй Ҷабраил инҳо киёнанд? Фармуд: инҳо касонеанд, ки гӯштҳои мардумро мехӯранд ва обрӯяшонро мерезанд.

1527 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ҳамаи чизи мусалмон бар мусалмон ҳаром аст, хунаш, обрӯяш ва молаш.

## БОБИ 255. Дар ҳаром будани шунидани ғийбат ва дастур додани он, ки ғийбати ҳароме мешунавад, ки онро рад кунад ва бар гӯяндааш интиқод намояд ва ҳар гоҳ наметавонист ин корро бикунад ва ё аз ӯ напазируфт, дар сурати имкон он маҷлисро тарк гӯяд

Худованд мефармояд: **Ва чун сухани беҳударо шунаванд, аз он эъроз кунанд.** *(Қасас: 55)*

**Ва касоне, ки аз беҳуда эърозкунандагонанд.** *(Мӯъминун: 3)*

**Ҳамоно аз ҳар як аз гӯш ва чашм ва дил аз инҳо пурсида хоҳед шуд.** *(Исро: 36)*

**Ва чун бубинӣононро, ки дар оятҳои мо шурӯъ ба баҳс кунанд, пас рӯй бигардон аз онон, то ки баҳс кунанд дар сухани ғайри вай ва агар фаромӯш гардонад туро шайтон, пас баъд аз панд бо қавми ситамгорон манишин.** *(Анъом: 68)*

1528 - Аз Абудардо (р) ривоят аст, ки гуфт паёмбар (с) фармуд: Он ки аз обрӯи бародараш дифоъ кунад, Худованд дар рӯзи қиёмат оташро аз рӯяш мегардонад.

1529 - Аз Итбон ибни Молик (р) дар ҳадиси дароз ва машҳуре, ки дар боби умед гузашт, ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбар (с) бархоста намоз гузорид ва фармуд: Молик ибни Духшум куҷост? Марде гуфт: Ӯ мунофиқ аст, Худованд ва расулашро дӯст надорад. Паёмбар (с) фармуд: Инро магӯ, оё намебинӣ, ки ӯ ***ло илоҳа иллаллоҳ*** гуфта ва аз ин кор ризои Худоро мехоҳад ва ҳамоно Худованд касеро бигӯяд ***ло илоҳа илаллоҳ*** ва бад-он ризои Худоро талаб кунад, бар оташ ҳаром намудааст.

1530 - Аз Каъб ибни Молик (р) дар ҳадиси дарозаш ки дар қиссаи тавбааш дар боби тавба гузашт ривоят шуда, ки гуфт:

Паёмбар (с) дар ҳоле ки дар Табук дар миёни гуруҳ нишаста буд, фармуд: Каъб Ибни Молик чӣ кард? Марде аз бани Салама гуфт: Ё Расулуллоҳ! Ӯро ду ҷомааш ва нигаристан ба рост ва чапаш аз ҳузури бо шумо боздошт. Маъоз ибни Ҷабал (р) ба ӯ гуфт: Чизи баде гуфтӣ. Савганд ба Худо ё Расулуллоҳ мо бар вай ҷуз хайр чизе надидем ва ӯ (с) сукут намуд.

## БОБИ 256. Ғийбате, ки равост ғийбат равост барои маслиҳати шаръие, ки расидан ба он ба ғайри ғийбат имконпазир набошад ва он шаш сабаб аст:

1. Додхоҳӣ: Барои мазлум равост, ки ба подшоҳ ё қозӣ ва дигар касоне, ки сарпарасти умури давлатанд, ё қудрате бар инсоф ва гирифтани ҳаққи вай аз золиму ситамгарро доранд, додхоҳӣ карда бигӯяд: фалонӣ ба ман чунин ситам намудааст.

2. Кӯмаку ёрӣ бар тағйири кори зишт ва раҳнамунии исёнгар ба роҳи ҳақ, бинобар ин ҷоиз аст, ба касе ки бовар дорад, ки ӯ ба қудрату тавоноияш корҳои зишт ва мункарро дур карда метавонад, бигӯяд: фалонӣ чунин мекунад, ӯро аз он манъ кун ва амсоли ин, ба шарте, ки қасди ғийбаткунанда дур кардани корҳои мункар ва зишт бошад ва чунин қасд надошта бошад, ғийбаташ ҳаром аст.

3. Истифто (талаби фатво) чунончӣ ба муфтӣ мегӯяд, ки падарам ё бародарам ё шавҳарам ё фалонӣ ба ман чунин зулму ситам намудааст, оё ин ҳақро дорад? Ва роҳи халосии ман аз ӯ чӣ гуна аст ва чӣ тавр ҳаққамро аз ӯ гирифта, зулмро аз худ дафъ кунам? Барои ин гуна кор ва амсоли он барои зарурат ғийбат раво аст. Вале беҳтар ва ба эҳтиёт наздиктар он аст, ки бигӯяд: дар мавриди мард ё шахс ё шавҳаре, ки чун кор ва рафтор он аст, ки бигӯяд: дар мавриди мард ё шахсе ё шавҳаре, ки чун кор ва рафтор дошта бошад, чӣ мегӯӣ? Зеро бидуни таъйин кардани ном мақсуд аз он ҳосил мешавад. Бо вуҷуди ин, муайян кардани ном раво аст, чунончи дар ҳадиси Ҳинд, ки дар ҳадисҳои оянда зикр мекунем, хоҳад омад.

4. Бим додани мусалмонон аз шарру бадӣ ва насиҳаташон ва аз ин чанд роҳ мумкин аст: Таҷриҳи маъюбини ровиён ва шоҳидон (яъне, ононе, ки бо далеле шаҳодат ва ривояташон аз сӯи уламо ва қозиҳо рад мегардад). Ва ин ба иттифоқи мусалмонон раво аст, балки аз ҷиҳати ҳоҷат ва ниёзмандӣ воҷиб ҳам ҳаст. Аз ҷумла, машварат бо ҳамдигар дар мавриди хешовандӣ бо касе ё мушорикат бо ӯ ё вадиату амонат гузоштанд, назди ӯ ё муомила бо вай ё ҳамсоягӣ бо вай. Бар мушовир дар ин суратҳо лозим аст, ки ҳақиқатро бигӯяд ва ҳолашро пӯшида нигаҳ надорад, бадиҳоеро, ки дар ӯст ба нияти маслиҳат ёд. Аз ҷумла, ҳар гоҳ донишҷӯеро бубинад, ки назди бидаткор ё фосиқе рафтуомад намуда, аз вай илм меомӯзад ва тарсад, ки донишҷӯ аз ин кор зарар мебинад, бар вай лозим аст, то ӯро насиҳат кунад, ба ин тариқа, ки ҳоли бидаткорро баён кунад, ба шарте, ки қасдаш насиҳат бошад. Ва аз ин ҷумлаи корҳоест, ки дар он хатову иштибоҳ рух медиҳад ва гоҳо ҳасад гӯяндаро бад-он вомедорад ва шайтон мавзӯъро ба вай дигар хел ҷилва медиҳад ва ба хаёлаш меояд, ки он насиҳат аст. Аз ин рӯ, бояд ба ин кор аҳамият дода шавад ва аз ҷумла ин аст, ки шахс вазифае дорад, ки ба таври дуруст бад-он расидагӣ намекунад, ё ин ки салоҳияти онро надорад, ё ин ки фосиқ аст ва кундфаҳм ва амсоли он. Пас воҷиб аст, ки ин мавзӯъ ба касе, ки бар вай вилояту нуфузи пурра дорад, гуфта шавад, то ӯро дур намуда ва касеро муваззаф кунад, ки салоҳияти онро дорад. Ё ин ки ба ин ҷанбаи нақсу камбудии ӯ огоҳ шуда ва бо вай ба муқтазои ҳолаш рафтор карда, фиребашро нахӯрад ва инки бикӯшад, то ӯро ба истиқомат ба вазифааш водорад, ё бикушад, то дигаре ба ҷояш муқаррар гардад.

5. Ин ки аланан ва ошкоро корҳои фисқу фуҷур ва бидъатро анҷом диҳад, монанди касе, ки ба таври ошкор шароб бинӯшад, ё ҳаққи мардумро базӯр бигирад ва молҳои онҳоро бо зулму ситам биситонад ва корҳои ботил ва ҳаромро сарпарастӣ кунад. Бинобар ин, ҷоиз ба чизе, ки ба он зуҳур мекунад, ёд шавад, масалан шаробхор, зинокор, ҳаққхӯр ва ғайра. Вале ба айбҳои

дигар, ки ошкоро онҳоро анҷом надода, ёд карданаш ҷоиз нест, магар вақте сабаби ҷавозаш муҳайё гардад.

6. Барои муаррифӣ кардан: Ҳар гоҳ инсон ба лақабе маъруфу машҳур бошад, монанди Аъмаш (он ки аз чашмаш об мерезад) ва Аъраҷ (ланг) ва Асам (кар) ва Аъмо (кӯр) ва Аҳвал (чашмкаҷ) ва ғайра, ки муаррифиашон бад-он раво аст ва барои таҳқир зикри ин гуна лақабҳо ҷоиз нест. Агар муаррифии он шахсҳо ба ғайри ин лақабҳо мумкин бошад, беҳтар аст.

Ин шаш сабаб аст, ки уламо зикр намудаанд ва аксари он ба иҷмоъ собит аст ва далелҳои он аз аҳодиси саҳеҳ машҳуранд, аз ҷумла:

1531 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки марде аз паёмбар (с) иҷозаи (вуруд) хост. Он ҳазрат (с) фармуд: Ба вай иҷоза диҳед, ки бародари қабилаи одами бадест.

***Шарҳ:*** *аз ин ҳадис дарёфта мешавад. ки ғайбати афроди фосиқ ва фосид ҷоиз аст, то мардум ба зоҳири ҳолашон фиреб нахӯранд.*

1532 - Ҳамчунон аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) фармуд: Гумон намекунам, ки фалонӣ ва фалонӣ аз дини мо чизе бифаҳманд. Лайс ибни Саъд яке аз ровиёни ҳадис гуфт, ки ин ду мард аз ҷумлаи мунофиқин буданд.

1533 - Аз Фотима бинти Қайс (р) ривоят аст, ки гуфт: Назди Паёмбар (с) омада гуфтам: Абулҷаҳм ба Муовия аз ман хостгорӣ кардаанд. Расули Худо (с) фармуд: Муовия фақир аст ва молу сравате надорад, аммо Абулҷаҳл асоро аз гарданаш намегузорад (яъне зиёд сафар мекунад) ва дар ривояте аз Муслим омада, ки ва аммо Абулҷаҳм занонро бисёр мезанад ва он тафсири ривоятест, ки асоро аз шонааш намениҳад. Ва гуфта шуда, ки маънояш ин аст, ки зиёд сафар мекунад.

1534 - Аз Зайд ибни Арқам (р) ривоят шуда, ки гуфт: Мо ба Расули Худо (с) дар сафаре берун омадем, ки мардум дар он ба сахтӣ рӯ ба рӯ шуданд ва Абдуллоҳ ибни Убай гуфт: Бар касоне, ки назди Расули Худо (с) ҳастанд, нафақа надиҳед, то

пароканда шаванд ва гуфт: Агар ба Макка бозгаштем, азизтар, хортарро ҳатман берун хоҳад кард. Ман хидмати Расули Худо (с) омада, ӯро аз он огоҳ сохтам. Он ҳазрат (с) ба дунболи Абдуллоҳ ибни Убай фиристод ва ӯ қасамҳои муаккад хӯрд, ки чунин нагуфтааст ва мардум гуфтаанд: Зайд ба Паёмбари Худо (с) дурӯғ гуфтааст ва ин суханашон ба ман гарон омад, то ин, ки Худованд барои тасдиқам бар паёмбараш фурӯ фиристод **(Изо ҷоака-л-мунофиқун).** Сипас Расули Худо (с) онҳоро хост, то барояшон омӯрзиш талабад, вале онҳо сарҳои худро гардонда эътироз намуданд.

1535 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳинд, ҳамсари Абусуфён барои паёмбар (с) гуфт: Абусуфён мардест бахил ва ба ман он чиро ки барои ман ва фарзандонам кифоят кунад, намедиҳад, магар он ки бидуни огоҳии ӯ бимирам. Фармуд: он чиро, ки барои ту ва фарзандонат кифоят мекунад бо шеваи писандида бигир.

## БОБИ 257. Таҳрими намима ва он иборат аст аз суханчинӣ ва нақли сухани мардум барои эҷоди фасод ва фитна

قَالَ اللهُ تَعَالى : ﴿ هَمَّازٍ(٣) مَشَّاءٍ بِنَمِيمٍ ﴾ [ ن : ١١]. وقَالَ تَعَالى : ﴿ مَا يَلْفِظُ مِنْ قَوْلٍ إلاَّ لَدَيْهِ رَقِيبٌ عَتِيدٌ ﴾ [ ق: ١٨].

**Аайбҷӯст, равона дар пайи суханчинӣ** *(Қалам: 11)*

Худованд мефармояд: **Ба забон намеоварад одамӣ сухане, магар назди ӯ нигаҳбонист муҳайё.** *(Қоф: 18)*

1536 - Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Суханчин ба биҳишт дохил намегардад.

1537 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) аз канори ду қабр гузашта ва фармуд: он ду азоб мешаванд ва дар чизи бузурге азоб намешаванд! Оре он бузург аст, аммо яке аз онҳо суханчинӣ мекард ва дигаре аз бавл (*шоша*) парҳез намекард. Ва ин лафз яке аз ривоёти Бухорӣ аст.

1538 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Оё шуморо хабар надиҳам, ки ***ал-ъазза*** чист? Он суханчинӣ ва зиёда гуфтан ва хусумат андохтан дар миёни мардум аст.

## БОБИ 258. Наҳй аз нақл кардани гуфтаҳои мардум ва сухан гуфтани мардум бо волиёни умур ҳар гоҳ ниёзе бад-он набошад, монанди тарс аз рух додани мафсада ва ғайра

Худованд мефармояд: **Бар гуноҳ ва таҷовуз ёрӣ манамоед.** *(Моида: 2)* Ва дар ин боб ҳадисҳоест, ки дар боби қаблӣ гузашт.

1539 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ яке аз асҳоби ман аз дигаре ба ман чизе нарасонад, зеро ман мехоҳам ба сӯи шумо бароям, дар ҳоле ки дилам солим аст.

## БОБИ 259. Мазаммати зулваҷҳайн (дурӯя)

Худованд мефармояд: **Аз мардум пинҳон мекунанд ва аз Худо пинҳон намекунанд ва ӯ бо эшон аст, он гоҳ ки дар шаб машварат кунанд, дар мавриди он чи Худо намеписандад аз тадбир ва Худо ба он чӣ мекунанд, муҳит ва дарбаргиранда аст.** *(Нисо: 108)*

1540 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: мардумро ҳамчун маъданҳо меёбед. Беҳтарин ва шарофатмандтаринашон дар ҷоҳилият беҳтарин ва шарофатмандтаринашон дар ислом аст, ҳар гоҳ донишманд шаванд ва беҳтаринашон дар ин масъала (*аморат ва хилофат*) касест, ки аз ҳама бештар аз он бад мебарад ва бадтарини мардум зулваҷҳайнро мебинед, ки ба ин гурӯҳ ба чеҳрае меояд ва ба он гурӯҳ ба чеҳраи дигар.

***Шарҳ:*** *Яъне, бо ҳар табақа ва қишр аз мардум худро пайванд медиҳад, бо хуб хуб аст ва бо бад бадхоҳ. Ҳадафаш нифоқ бошад ё истифодаҷӯӣ.*

1541 - Аз Муҳаммад ибни Зайд ривоят аст, ки иддае аз мардум барои падари бузургаш Абдуллоҳ ибни Умар (р) гуфтанд: мо бар подшоҳон ворид мешавем ва ба онҳо чизе мегӯем бар хилофи он чи ки чун аз наздашон бароем, мегуем. Гуфт: Мо дар замони Расули Худо (с) ин чизро нифоқ мешумурдем.

***Шарҳ:*** *мафҳуми ҳадис он аст, ки мусалмон боист дар ҳузур ва ғиёби дигарон ростгӯ бошад, на он ки дар ҳузури касе тавре сӯҳбат кунад ва дар ғиёби ӯ ба шакли дигар.*

## БОБИ 260. Ҳаром будани дурӯғ гуфтан

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿ وَلَا تَقْفُ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ ﴾ [الإسراء: ٣٦]. وقَالَ تَعَالَى : ﴿ مَا يَلْفِظُ مِنْ قَوْلٍ إِلَّا لَدَيْهِ رَقِيبٌ عَتِيدٌ ﴾ [ق: ١٨].

Худованд мефармояд: **Дунболи он чӣ ба он илм надорӣ, марав.** *(Исро: 36)*

**Ба забон намеорад одамӣ суханеро, магар ин ки назди вай нигаҳбонист, муҳайё.** *(Қоф: 18)*

1542 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно ростӣ ба сӯи тоъат раҳнамоӣ мекунад ва тоъат ба сӯи биҳишт ва Ҳароина шахс рост мегӯяд, то ин ки дар назди Худованд сиддиқ (*бисёр ростгӯ*) навишта мешавад ва ҳамоно дурӯғ ба сӯи маъосӣ раҳнамоӣ мекунад ва маъосӣ ба сӯи дӯзах ва Ҳароина шахс дурӯғ мегӯяд, то ин ки дар назди Худованд каззоб (*бисёр дуруггӯ*) навишта мешавад.

1543 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Чаҳор хислат аст, ки ҳар гоҳ дар касе ҷамъ шаванд он шахс мунофиқи холис аст ва касе, ки дар ӯ хислате аз онҳо бошад дар ӯ хислате аз нифоқ аст то ин, ки онро тарк кунад: Чун амин шумурда шавад хиёнат кунад ва

чун сӯҳбат кунад, дурӯғ гӯяд ва чун паймон бандад, фиреббозӣ ва ғадр кунад ва чун даъво кунад, дашном диҳад.

1544 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он ки аз рӯи сохтагӣ (*дурӯғ*) иддаъо кунад, ки хобе дида, дар ҳоле ки надидааст, мувazzаф мегардад, ки ду донаи ҷавро ба ҳам гиреҳ занад ва ҳаргиз ин корро наметавонад бикунад ва он ки ба сухани гурӯҳе гӯш диҳад, дар ҳоле ки онон аз вай бад мебаранд, дар рӯзи қиёмат дар гӯшҳояш миси гудохта рехта мешавад ва касе, ки сурате бикашад (*сурати он чи мавриди парастиш қарор мегирад*) азоб карда мешавад ва мувazzаф мегардад, ки дар он рӯҳро бидамад, дар ҳоле ки қудрати дамиданро ҳам надорад.

1545 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Дурӯғтарини дурӯғҳо ин аст, ки шахс ба чашмонаш дидани чизеро нисбат диҳад, ки онро надидааст.

1546 - Аз Самура ибни Ҷундуб (р) ривоят аст, ки гуфт Расули Худо (с) ба асҳобаш бисёр мефармуд: Кадом як аз шумо хобе дидааст? Ва қисса мекард барояшон он чиро ки Худованд хоста буд, қисса кунад ва он ҳазрат (с) субҳе ба мо гуфт: Шаб ду шахс наздам омаданд ва ба ман гуфтанд: бирав ва ман бо онҳо рафтам ва мо болои сари шахсе омадем, ки хобида буд ва дидем, ки дигаре болои сари ӯ ҳамроҳ бо санге истода ва ногоҳ сангро ба сараш мезанад ва сарашро мешикофад ва санг ба ин ҷо меғалтад ва ӯ ба дунболи санг меравад, то онро бигирад, вале ба вай боз намегардад, то ин ки сараш мисли аввал дуруст шавад ва боз бар вай бозгашта ва мисли аввал бо ӯ рафтор мекунад ба онҳо гуфтам Субҳоналлоҳ! Ин ду чӣ кора ҳастанд? Ҳарду ба ман гуфтанд: Бишитоб ва рафтем, то ин ки бар сари марде омадем, ки бар пушташ афтода буд ва дигаре бо арраи оҳанин болои сараш истода буд ва ногаҳон дидем, ки вай ба яке аз ду тарафи рӯяш мутаваҷҷеҳ шуда ва канораи даҳон ва бинӣ ва чашмашро то пушти сар чок мекунад ва боз ҷониби дигар рӯй оварда ва ҳамон тавр, ки дар ҷониби аввалӣ кард, анҷом медиҳад ва аз он ҷониб фориғ намегардад, магар ин ки ҷониби аввалӣ камокон, (*чи тавре ки буд*) ба ҳоли

аввалияш бармегардад ва сипас ба он бозгашта ва ҳамон тавре ки дар мартабаи аввал намуд, менамояд.

Фармуд: гуфтам: Субҳонаоллоҳ! Ин ду чи кора ҳастанд? Ба ман гуфтанд: Бишитоб, бишитоб. Сипас рафтем, то ин ки ба мисли танӯре расидем. Гумонам, ки фармуд: Ногоҳ дидам, ки дар он суханони номафҳум ва садоҳоест ва ба он сар задем ва дидем, ки дар он мардон ва заноне урёнанд ва дидем, ки аз зерашон шӯълае меомад ва чун меомад ҷеғ ва фарёд мекашиданд. Гуфтам инҳо киёнанд? Ба ман гуфтанд: Бишитоб, бишитоб. Рафтем, то ин ки ба ҷӯе омадем. Гумонам мефармуд, ки мисли хун сурх буд ва дар он шиногаре шино мекард ва бар канораи ҷӯе марде буд, ки сангҳои зиёде наздаш ҷамъ шуда буд ва ногаҳон дидем, ки он шиногар ба андозае, ки мехост шино карда ва боз наздики шахсе, ки сангҳо наздаш гирд омада буд, омада ва даҳонашро боз мекард ва он шахс сангҳоро ҳамчун луқма ба даҳонаш меандохт ва ӯ мерафт ва шино мекард ва дубора ба сӯяш бозмегашт ва ҳар вақте ки ба сӯяш бозмегашт, даҳонашро боз мекард ва ӯ сангҳоро ба даҳонаш меандохт. Ба онҳо гуфтам: Ин ду нафар киёнанд? Ба ман гуфтанд: бишитоб, бишитоб ва рафтем, пас бар сари марди зиштсурат омадем. Фармуд: чун бадтарин ва зишттарин марде, ки мушоҳида кунӣ ва дидем, ки дар пешаш оташе буд, ки онро равшан мекард ва ба атрофаш мегашт.

Ба он ду гуфтам: Ин кист? Ба ман гуфтанд: бишитоб, бишитоб. Пас рафтем ба гулистони анбӯҳе расидем, ки дар он ҳама гуна гулҳои рангоранги баҳорӣ вуҷуд дошт ва дар миёни гулистон марди баландқомате буд, ки намешуд дарозии сарашро дар осмон бубинем ва дар атрофи он мард кӯдакони зиёде буданд, ки ҳаргиз мислашонро надида будам. Гуфтам: Ин кист ва инҳо киёнанд? Ба ман гуфтанд: бишитоб, бишитоб. Пас рафтем ва ба дарахти бисёр бузург расидем, ки бузургтар ва зеботар аз он дарахте надида будам. Ба ман гуфтанд: дар он боло шав ва боло шудем ба шаҳре, ки аз як хишти тилло ва як хишти нуқра бино шуда буд ва ба дарвозаи шаҳр омадем ва дархости боз кардани онро кардем ва он дарвоза боз шуд

ва мо ба он ворид шудем ва мардоне ба мулоқоти мо шитофтанд, ки ниме аз вуҷудашон дар хилқаташон монанди зеботарин чеҳраҳое, ки дидаӣ ва нимаи дигар монанди бадтарин чеҳрае, ки дидаӣ, буд.

Он ду ба онҳо гуфтанд: бираветд ва ба дарё ғуттавар шавед ва ногаҳон дидем, ки он ҷо ҷӯйе паҳну васеъ ҷорист, гӯӣ ки обаш дар сафедӣ шири холис аст ва онҳо рафта дар он ғутта заданд ва сипас ба сӯи мо бозгаштанд, дар ҳоле ки он бадӣ аз эшон дур гашта буд ва ба зеботарин сурат даромада буданд. Фармуд: он ду ба ман гуфтанд: Ин биҳишти ҷовид аст ва ин манзили туст ва чашмонам зиёд ба тарафи боло нигарист ва ногоҳ қасреро дидам, ки мисли абр сафед буд, ба ман гуфтанд: Ин манзили туст. Ба онҳо гуфтам: ***Боракаллоҳу фикумо*** (*Худованд ба шумо баракат диҳад*) маро бигзоред, ки ба он дароям, гуфтанд: аммо акнун на ва ту ба он даромадани ҳастӣ.

Ба онҳо гуфтам: Ман дар ин шаб умуреро дидам, ки аз он ба шигифт мондам, он чи ман дидам, чӣ буд? Ба ман гуфтанд: бохабарат хоҳем сохт. Аммо марди аввале, ки сараш ба санг шикофта мешуд, ӯ касе буд, ки Қуръонро ҳифз карда ва онро тарк мекунад ва аз намозҳои фарз мехобад ва аммо марде, ки болои сараш омадӣ, ки канораи даҳон ва бинӣ ва чашмаш то пушти сараш чок мешуд, ӯ марде буд, ки субҳ аз хонааш баромада ва дурӯғ мегуфт, ки ба офоқ мерасид ва аммо мардон ва занони бараҳна ва лухте, ки дар сохтмоне мисли танӯр қарор доштанд, онон занон ва мардони зинокоранд ва аммо марде, ки бар сараш омадӣ, ки дар ҷӯй шино мекард ва сангҳо ба даҳонаш андохта мешуд, ӯ судхӯр буд ва аммо марди зиштҳайкале, ки дар канори оташ буд ва онро меафрӯхт ва ба давраш мегашт, ӯ молику хозини дӯзах аст, аммо марди баландқомате, ки дар гулистон буд, ӯ Иброҳим **ъалайҳи-с-салом** аст ва кӯдаконе, ки дар атрофи ӯ буданд, ҳар мавлудест, ки бар фитрат мурдааст ва дар ривояти Барқонӣ омада ки: бар фитрат валодат шудааст. Баъзе аз муслимин гуфтанд: ё Расулаллоҳ, фарзандон (*кӯдакон ё атфоли*) мушрикин чӣ тавр? Расули Худо (с) фармуд: Ва фарзандони мушрикин ҳам. Аммо

гурӯҳе, ки нимашон зебо ва нимашон зишт буд, онҳо гурӯҳе буданд, ки амали нек ва бад, ҳар дуро анҷом доданд ва Худованд аз эшон даргузашт.

Ва дар ривояте аз вай омада, ки дишаб (дар хоб) ду мардро дидам, ки наздам омада, маро берун бароварда, ба замини муқаддас бурданд. Сипас онро ёдоварӣ намуд ва фармуд: Сипас рафтем, то ба нақбе монанди танӯр расидем, ки болояш танг ва поёнаш фарох буд ва дар зераш оташе равшан буд ва чун оташ боло мешуд, онҳо боло мешуданд ва чун шӯълааш фурӯ менишаст, ба он бозмештанд ва дар он мардон ва занони луч ва урён буданд.

Дар он ривоят омада: то ин ки ба ҷӯе аз хун расидем ва ровӣ дар он шак накард, ки дар он марде дар миёни ҷӯй истода буд ва дар соҳили дарё марде буд, ки пеши рӯяш сангҳое қарор дошт. Сипас он марде, ки дар ҷӯй буд, меомад ва чун мехост барояд, он мард санге дар даҳанаш меандохт ва ӯ ба ҳолати аввалӣ ва ҷои аввалиаш бозмегашт ва ҳамин тавр, ҳар лаҳзае, ки он мард меомад ва мехост аз ҷӯй барояд, он мард истода, дар даҳонаш санге меандохт ва ӯ ба ҷои аввалаш бозмегашт. Дар он ривоят омада, ки: пас маро ба дарахте боло карданд ва маро ба хонае дохил намуданд, ки ҳаргиз аз он зеботар надида будам, ки дар он мардони пир ва ҷавоне буданд ва дар ривояти мазкун омадааст: он марде, ки дидам, канораи даҳанаш чок карда мешуд, дурӯғгӯе аст, ки дурӯғро қисса мекунад ва ин дурӯғаш аз вай гирифта шуда ва ба офоқ мерасад ва то рӯзи қиёмат ба вай он кор идома меёбад.

Дар ҳамон ривоят низ омада, ки: он марде, ки дидамаш сараш ба санг шикофта мешуд, мардест ки Аллоҳ таъоло Қуръонро ба вай омӯхта, вале ӯ аз шаб аз он хобида ва дар рӯз ба он амал накардааст ва то рӯзи қиёмат он кор бар вай идома хоҳад ёфт. Хонаи аввал, ки дохил шудам, хонаи умумии мӯъминон аст, ва аммо ин хона хонаи шаҳидон аст ва ман Ҷабраилам ва ин Микоил аст, пас саратро боло кун. Сарамро боло намуда, болои сарам чизе шабиҳи абрро дидам. Гуфтанд: он манзили туст. Гуфтам: маро бигзоред ба хона ва манзилам

дохил шавам. Гуфтанд: барои ту умрест, ки ҳанӯз тамомаш накардаӣ ва чун такмилаш кардӣ, ба манзилат меоӣ.

## БОБИ 261. Дар он чи аз дурӯғ равост

Бидон ки агарчи асли дурӯғ ҳаром аст, вале дар баъзе ҳолот ва рӯи шартҳое раво аст, ки дар китобе дигар бо номи (***ал-Азкор***) зикр намудам, ки хулосаи он ин аст, ки сухан василаест барои баёни мақосид ва ҳар мақсади неке, ки расидан ба он бидуни гуфтани дурӯғ мумкин бошад, дурӯғ гуфтан дар он ҳаром аст ва агар расидан ба он бидуни дурӯғ гуфтан мумкин набошад, гуфтани дурӯғ ҷоиз ва равост. Пас агар мақсуди ӯ мубоҳ бошад, дурӯғ гуфтан ҳам мубоҳ аст ва агар воҷиб бошад, дурӯғ гуфтан низ воҷиб аст. Ҳар гоҳ мусалмоне аз золим ва ситамгаре, ки мехоҳад, ӯро бикушад ё молашро бигирад, пинҳон шуд ё молашро пинҳон намуд ва аз шахси дигар дар бораи вай суол шуд, воҷиб аст, ки дурӯғ бигӯяд ва ӯро махфӣ бидорад.

Ҳамон тавр, ҳар гоҳ назди ӯ моле ба вадиъат ниҳода шуда бошад ва золиме бихоҳад, ки онро бигирад воҷиб аст, ки дурӯғ гуфта, онро пинҳон бидорад ва мӯҳтоттар дар ин маворид ин аст, ки таврия кунад, ва маънои таврия ин аст, ки аз ибораташ мақсади саҳиҳеро дар назар дошта бошад, ки нисбат ба он чи ки мухотаб онро мефаҳмад, дуруғгӯ аст ва ҳар гоҳ таврияро гузошта ва иборати дурӯғеро зикр намуд, дар ин ҳол ҳаром намебошад ва уламо барои раво будани дурӯғ гуфтан.

Дар ин ҳол ба ҳадиси умми Кулсум истидлол ҷустаанд, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Каззоб касе нест, ки дар миёни мардум ислоҳ меоварад, пас хабареро мерасонад ё хабареро мегӯяд. Ва имом Муслим дар ривояташ афзуда, ки умми Кулсум гуфт: Ва нашунидам дар чизе аз он чи мардум мегӯянд рухсат дода бошад, магар дар се чиз: манзураш ҷанг ва оштӣ дар миёни мардум ва сухани ҳамсар ба шавҳараш буда, яъне, ҳар гоҳ зан барои розӣ нигаҳ доштани

шавҳар ва шавҳар барои ризои занаш дурӯғи маслиҳатомез бигӯяд, аз назари шариъат ҳаром набуда ва муҷоз аст.

## БОБИ 262. Ташвиқ намудан ба диққат кардан дар он чи ки мегӯяд ва ё ҳикоят мекунад

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿ وَلَا تَقْفُ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ ﴾ [الإسراء: ٣٦]. وقالَ تَعَالَى : ﴿ مَا يَلْفِظُ مِنْ قَوْلٍ إِلَّا لَدَيْهِ رَقِيبٌ عَتِيدٌ ﴾ [ق: ١٨].

Худованд мефармояд: **Ба дунболи он чи илм надорӣ, марав.** *(Исро: 36)*

**Ба забон намеоварад одамӣ суханеро, магар ин ки назди вай нигаҳбонест омода ва муҳайё.** *(Қоф: 18)*

1547 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Дуруғгӯии мард ҳамин бас аст, ки ҳама он чиро, ки мешунавад мегӯяд.

1548 - Аз Самура (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки суханеро аз ман нақл кунад, ки мебинад он дурӯғ аст, пас яке аз дуруғгӯён ба шумор меравад.

1549 - Аз Асмоа (р) ривоятаст, ки зане гуфт: ё Расули Худо (с) шавҳари маро занест. Пас оё бар ман гуноҳ аст, ки худро аз шавҳарам ба ғайр аз он чи ки ба ман медиҳад, сер нишон диҳам? Паёмбар (с) фармуд: Он ки худро ба чизе ки дода нашуда сер бинамоёнад (*нишон диҳад*) монанди касест, ки ду либоси зӯр (*риё ва дурӯғ*) пӯшида аст.

## Боби 263. Дар мавриди душвор будани шаҳодати дурӯғ

Худованд мефармояд: **Аз сухани дурӯғ бипарҳезед.** *(Ҳаҷ: 30)*

**Ба дунболи он чи илм надорӣ, марав.** *(Исро: 36)*

**Ба забон намеоварад одамӣ суханеро, магар ин ки назди вай нигаҳбонест, муҳайё.** *(Қоф: 18)*

**Ҳамоно Парвардигори ту ҳамеша дар муроқибат аст.** *(Фаҷр: 14)*

**Ва ононе ки гӯвоҳии дурӯғ намедиҳанд.** *(Фурқон: 72)*

1550 - Аз Абубакра (р) ривоояти аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Оё шуморо аз бузургтарин гуноҳони кабира хабар надиҳам? Гуфтем: оре ё Расули Худо (с)! Фармуд: Шарик овардан ба Худои мутаъол ва нофармонии падару модар ва дар ҳоле, ки такя карда буд, нишаст ва фармуд: Огоҳ бошед ва сухани дурӯғ ва шаҳодати дурӯғ ва онро пай дар пай мегуфт, то ки гуфтем: кош сукут мефармуд.

## БОБИ 264. Таҳрими лаънат кардани инсони муайян ё чорпои (маркаби) муайян

1551 - Аз Абузайд Собит ибни Заҳҳок (р), ки аз аҳли Байъати Ризвон аст, ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки бар савганде ба миллати ғайр аз ислом аз рӯи қасд ва дурӯғ савганд хӯрад, ӯ чунон аст, ки гуфтааст ва касе, ки худкушӣ кунад, дар рӯзи қиёмат ба он азоб карда мешавад ва бар ҳеҷ марде назре дар он чи молики он нест, намебошад ва лаънат намудани фарди мӯъмин монанди куштани ӯст.

***Шарҳ:*** *ин ҳадис баёнгари матолиби зер аст:*

1) Он ки савганде бихӯрад ба миллати ғайр аз ислом, масалан бигӯяд: ҳар гоҳ ин корро анҷом додам, пас яҳудӣ ё насронӣ бошам, ӯ агар азми пайравӣ аз он динро дошта бошад, ҳар гоҳ он корро анҷом диҳад, мусаламан бо азми хеш ба куфр кофир мегардад, аммо агар ҳадафаш таъкид бар накардани он кор бувад, гунаҳкор мегардад ва бояд аз Худованд омурзиш талабад.

2) Он ки худкушӣ кунад, дар рӯзи қиёмат ба ҳамон шакле, ки худкушӣ намуда шиканҷа ва азоб карда мешавад, зеро ӯ хоста бад-ин тартиб аз қазои Худованд гурез намояд.

3) Ин ки назр дар чизе аст, ки шахс қудрати анҷоми онро дошта бошад, варна назраш дуруст нест ва суханаш лағв

мегардад ва дар баробари адами анҷоми он гунаҳгор намешавад.

4) Ин ки лаънат кардани мусалмон аз зумраи бузургтарин гуноҳон ба шумор меравад, ки мусовӣ бо қатли ӯст, ки мутаассифона бештари афрод ба ин матлаб таваҷҷӯҳ наменамоянд ба вижа занон, ки лаънат кардани афрод пешашон амри бисьёр оддӣ талаққӣ мегардад.

1552 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: барои ҳеҷ сиддиқе намезебад, ки зиёда лаънат фиристад.

1553 - Аз Абударда (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: касоне ки бисёр лаънат мегӯянд, дар рӯзи қиёмат на шафеъ мешаванд ва на шоҳид.

1554 - Аз Самура ибни Ҷундуб (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ яке аз шумо ба лаънати Худо ва ғазабаш ва дӯзах бар дигаре дуъо накунад.

1555 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Мӯъмин бисёр таъназананда ва лаънатгар ва бадгуфтор ва бадкирдор нест.

1556 - Аз Абударда (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ банда чизеро лаънат кунад, лаънат ба сӯи осмон боло меравад ва дарвозаҳои осмон ба рӯи он баста мешавад, сипас ба замин фуруд меояд ва дарвозаҳои замин ба рӯи он баста мешавад, боз ба рост ва чап меравад ва агар роҳе наёфт, ба касе ки лаънат шуда бозмегардад ва агар вай аҳли он бувад хуб, варна ба гӯяндааш бозмегардад.

1557 - Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят шуда, ки гуфт: Дар асное, ки Расули Худо (с) дар сафаре аз сафарҳояш буд ва зане аз ансор бар шутуре буд, ки азият шуда ва он (шутур)-ро лаънат кард. Расули Худо (с) онро шунида фармуд: Бори шутурро гирифта, онро ба ҳоли худ бигзоред, зеро ӯ малъун аст. Имрон (р) гуфт: Гӯӣ ман он занро мебинам, ки дар миёни мардум меравад ва ҳеҷ кас ба ӯ илтифот намекунад.

1558 - Аз Абубарза Назла ибни Убайди Асламӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: дар асное, ки зани ҷавоне бар шутуре савор

буд, ки бар он миқдоре колои қавм буд. Ногоҳ паёмбар (с)-ро дид ва кӯҳ бар эшон (*мардум*) тангӣ кард ва гуфт: ҳа, Худоё лаънаташ кун. Паёмбар (с) фармуд: Ҳамроҳӣ накунад бо мо шутуре, ки бар он лаънат аст.

***Шарҳ:*** *Афсӯс аст, ки лафзи лаънат бар андак чизе бар забони бисёре аз мардумони ҷоҳил ривоҷ дорад, дар ҳоле ки ин гуфтор шаръан ҷоиз нест, магар ин ки аз тарафи Худованд ё расулаш (с) бар ӯ лаънат шуда бошад.*

## БОБИ 265. Раво будани лаънат кардани маъсияткорон ба шакли номуъайян

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿ أَلَا لَعْنَةُ اللهِ عَلَى الظَّالِمِينَ ﴾ [هود: ١٨]. وقَالَ تَعَالَى : ﴿ فَأَذَّنَ مُؤَذِّنٌ بَيْنَهُمْ أَنْ لَعْنَةُ اللهِ عَلَى الظَّالِمِينَ ﴾ [الأعراف: ٤٤].

Худованд мефармояд: **Огоҳ бошед, ки лаънати Худованд бар ситамгорон аст.** *(Ҳуд: 18)*

**Пас дар миёнашон овоздиҳандае овоз дод, ки лаънати Худо бар ситамгорон аст.** *(Аъроф: 44)*

Дар ҳадиси саҳиҳ омадааст, ки Расули Худо (с) занеро, ки мӯи занонро ба мӯйи одамӣ пайванд мекунад ва занеро, ки ин корро мехоҳад, анҷом диҳад, лаънат намуд ва ҳам сӯдхор ва мусаввиронро низ лаънат намуд ва ин ки паёмбар (с) фармуд: Лаънат кунад, Аллоҳ таъоло касеро, ки ҳудуди заминро тағйир медиҳад (замини бегонаро дохили замини худ мекунад) ва ин ки паёмбар (с) фармуд: лаънат кунад Аллоҳтаъоло duздро, ки тухмро дуздӣ мекунад. Ва фармуд: он ҳазрат (с): Лаънат кунад Аллоҳ таъоло он ки падару модарашро лаънат кунад. Ва ин ки фармуд: Расули Худо (с): Лаънат кунад Аллоҳ таъоло касеро, ки ба номе ба ҷуз номи Аллоҳ ҳайвонеро забҳ менамояд.

Ва ин ки паёмбар (с) фармуд: Касе ки дар Мадинаи мунаввара кори зиште кунад ё касеро ки муртакиби кори зиште шуда ҷой диҳад, пас бар ӯ лаънати Худо ва фариштагонаш ва ҳамаи мардум бод. Ва ин ки Расули Худо (с) фармуд: Худоё Риъл ва Заквон ва Усайяро, ки нофармонии Худо ва расулаш

карданд, лаънат кун ва ин ҳарсе аз қабоили Араб буданд. Ва ҳам фармуд: Аллоҳ таъоло Яҳудро лаънат кунад, ки қабрҳои паёмбаронашонро масҷид сохтанд ва ин ки паёмбар (с) мардонеро, ки худро ба занон ва занонеро, ки худро ба мардон ҳаммонанд мекунанд, лаънат намуд ва ҳамаи ин алфоз дар Саҳиҳ аст, ки бархе дар Саҳиҳи Бухорӣ ва Муслим аст ва баъзе дар яке аз он ду.

## БОБИ 266. Таҳрими дашном додани мусалмон бидуни ҳақ

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿ وَالَّذِينَ يُؤْذُونَ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ بِغَيْرِ مَا اكْتَسَبُوا فَقَدِ احْتَمَلُوا بُهْتَاناً وَإِثْماً مُبِيناً ﴾ [الأحزاب : ٥٨].

Худованд мефармояд: **Ва онон ки меранҷонанд мардон ва занони мусалмонро бидуни ин ки гуноҳе карда бошанд, ҳароина бори бӯҳтон ва гуноҳи зоҳиреро бардоштаанд.** *(Аҳзоб: 58)*

1559 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Дашном додани мусалмон фисқ ва ҷанг бо вай куфр аст.

1560 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки ӯ аз Расули Худо (с) шунид, ки мефармуд: Ҳеҷ марде марди дигареро ба фисқ ё куфр муттаҳам намекунад, магар ин ки фисқ ва куфр бар ӯ бозмегардад, ҳар гоҳ он ки ин нисбатҳо ба вай дода шуда ҳамчунон набошад.

***Шарҳ:*** *ин ҳадис баёнгари он аст, ки он ки мусалмонеро бидуни далел ба дурӯғ ба фисқ муттаҳам кунад, худ фосиқ аст ва он ки ӯро кофар бихонад, дар ҳоле ки чунон нест, агар воқеан зоҳири онро ирода дошт ва онро ҳалол шумурд, кофир мешавад ва агар ҳалолаш нашумурд, гуноҳи такфири ӯ ба худаш бозмегардад.*

1561 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ду дашномдиҳанда ҳар чи гуфтанд. Пас гуноҳаш бар оғозкунандаашон аст, то ин, ки мазлум аз ҳад таҷовуз кунад.

1562 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: марде хидмати паёмбар (с) оварда шуд, ки шароб нӯшида буд. Фармуд: Ӯро бизанед. Абуҳурайра (р) гуфт: бархе аз мо ба даст ва бархе ба кафш ва бархе ба ҷомааш вайро мезаданд ва чун бозгашт, бархе гуфтанд: Худо туро хор кунад. Паёмбар (с) фармуд: Ин тавр магӯед ва шайтонро бар ӯ ёрӣ надиҳед.

***Шарҳ:*** *шайтонро бар ӯ ёрӣ надиҳед, зеро шайтон мехоҳад бо ҷилва додани гуноҳон ӯро хор созад ва ҳар гоҳ мусалмонон ҳам дуъо кунанд, ки ӯ хор ва залил шавад, дар ҳақиқат бо дуъояшон бо шайтон ҳамоҳанг шудаанд.*

1563 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармояд: Он, ки бардаашро ба зино мутаҳам кунад дар рӯзи қиёмат бар вай ҳад ҷорӣ шавад ҷуз он, ки чунончи гуфтааст бошад.

## БОБИ 267. Таҳрими дашном додани мурдагон бидуни ҳақ ва маслиҳати шаръӣ

Ва он маслиҳати шаръие, ки мурод ба ҳақ аст, бим додан аст аз пайравӣ кардани вай дар бидъат ва фисқаш ва монанди он. Дар ин маврид ояи муборака ва ҳадисҳоест, ки дар боби пеш гузашт.

1564 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Мурдагонро дашном надиҳед, зеро онон ба он чи пеш фиристоданд, расиданд

***Шарҳ:*** *Яъне, фоидае дар дашном доданашон нест ва дашном додан худ кори зиште ба шумор меравад.*

## БОБИ 268. Манъ аз озор расондан ва азият кардани мардум

Худованд мефармояд: **Ва онон ки meранҷонанд мардон ва занони мусалмонро бидуни ин ки гуноҳе карда бошанд, ҳароина бори бӯҳтон ва гуноҳи зоҳиреро бардоштаанд.** *(Аҳзоб: 58)*

1565 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Мусалмон касест, ки мусалмонон аз дасту забонаш дар амон бимонанд ва муҳоҷири (комил) он аст, ки он чиро Худованд мамнӯъ қарор дода ва аз он манъ намуда, тарк кунад.

1566 - Ва низ аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки дӯст медорад аз дӯзах дур гардонида шуда ва ба биҳишт дохил гардад, бояд маргаш даррасад, дар ҳоле ки ӯ ба Худои таъоло ва рӯзи охират имон дорад ва бояд бо мардум рафтореро анҷом диҳад, ки дӯст медорад аз тарафи мардум бо ӯ анҷом шавад. Ва он бахше аз ҳадиси тӯлониест, ки дар боби итоат ва фармонбардории зимомдорон гузашт (шумораащ 668).

## БОБИ 269. Дар манъ аз душманӣ ва қатъи робита ва пушт гардонидан ба ҳамдигар

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿ إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ ﴾ [الحجرات : ١٠]. وقالَ تعالى : ﴿ أَذِلَّةٍ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ أَعِزَّةٍ عَلَى الْكَافِرِينَ ﴾ [المائدة : ٥٤]. وقالَ تعالى : ﴿ مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللهِ، وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ، رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ ﴾ [الفتح : ٢٩].

Худованд мефармояд: **Ҳароина мусалмонон бародари якдигаранд.** *(Ҳуҷурот: 10)*

**Мутаваззиъанд барои мӯъминон ва дурушхӯянд бар кофирон.** *(Моида: 54)*

**Муҳаммад паёмбари Худо аст ва онон ки бо вайанд, бар куффор сахтгиранд ва дар миёнашон меҳрабон.** *(Фатҳ: 29)*

1567 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: бо ҳамдигар душманӣ ва ҳасад ва қатъи робита нанамуда ва пушт накунед ва эй бандагони Худо бо ҳам бародар бошед ва барои ҳеҷ мусалмоне раво нест, ки беш аз се рӯз бародарашро тарк кунад (*бо ӯ сӯҳбат нанамояд ё бо ӯ қатъи робита кунад*).

1568 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: дарҳои биҳишт рӯзи душанбею панҷшанбе боз мешаванд ва барои ҳар банда, ки ба Худо шарик намеоварад,

омурзиш мешавад, магар марде, ки миёни ӯ ва бародараш душманӣ ва адоват бошад ва гуфта мешавад: ин дуро ба таъхир андозед, то бо ҳам сулҳ ва оштӣ намоянд ва дар ривояти дигар аз Муслим омада, ки аъмол дар ҳар рӯзи душанбею панҷшанбе арза мешавад ва мисли онро зикр намуд.

## БОБИ 270. Таҳрими ҳасад ва он иборат аст аз орзуи завол ва аз миён рафтани неъмат аз соҳиб ва дорандааш хоҳ неъмати дин бошад ё неъмати дунё

Худованд мефармояд: **Оё ҳасад мебаранд бар мардум бар он чи ки Худованд ононро аз фазли хеш додааст.** *(Нисо: 54)*

Ва дар ин маврид ҳадиси Анас (р) аст, ки дар боби пеш гузашт (шумораааш 1567).

1569 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аз ҳасад бипарҳезед, зеро ҳасад некиҳоро мехӯрад, ҳамон тавр ки оташ ҳезум (*ё алаф*)-ро мехӯрад.

## БОБИ 271. Манъ аз ҷосусӣ кардан ва гӯш додан ба сухани касе, ки аз шунидани он бад мебарад

قَالَ اللهُ تَعَالى : ﴿ وَلَا تَجَسَّسُوا ﴾ [الحجرات: ١٢]. وقَالَ تَعَالى : ﴿ وَالَّذِينَ يُؤْذُونَ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ بِغَيرِ مَا اكْتَسَبُوا، فَقَدِ احْتَمَلُوا بُهْتَاناً وَإِثْماً مُبِيناً ﴾ [الأحزاب: ٥٨].

Худованд мефармояд: **Таҷассус ва кунҷковӣ макунед.** *(Ҳуҷурот: 12)*

**Ва онон ки меранҷонанд мардон ва занони мӯъминро бидуни ин ки гуноҳе карда бошанд, Ҳароина бори бӯҳтон ва гуноҳи ошкореро бардоштаанд.** *(Аҳзоб: 58)*

1570 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аз гумон бипарҳезед, зеро гумони (*бад*) дурӯғтарини гуфтаҳост ва ҷосусии ҳамдигарро намуда ва ҳамчашмӣ накунед ва низ бо ҳамдигар ҳасад ва душманӣ наварзида ва

ба якдигар пушт макунед ва эй бандагони Худо, ҳамон тавре ки шуморо Худо амр намуда, бародар бошед. Мусалмон бародари мусалмон аст. Бар ӯ зулм намекунад ва (*дар ҳангоми муқобала бо душман*) тарки ёриаш накарда ва тавҳинаш нанамояд ва дар ҳоле, ки ба синааш ишора менамуд, фармуд: Парҳезгорӣ ин ҷост, парҳезгорӣ ин ҷост. Дар бадии шахс ҳамин бас, ки бародари мусалмонашро хор кунад, ҳамаи мусалмонон бар мусалмон ҳаром аст: хунаш ва обрӯяш ва молаш. Худованд ба танҳо ва пайкараҳои шумо наменигарад, балки ба дилҳо ва аъмоли шумо менигарад. Ва дар ривояте омада, ки бо ҳам душманӣ ва ҳасад накунед ва ҷосусии ҳамдигарро нанамоед ва ҳам қиммати матоъро наяфзоед (бидуни ин, ки қасди харидро дошта бошед). Ва эй бандагони Худо, бо ҳам бародар бошед. Ва дар ривояте омада, ки бо ҳам қатъи робита накарда ва ба ҳамдигар пушт накунед. Ва бо ҳам душманӣ ва ҳасад накунед. Ва эй бандагони Худо, бо ҳам бародар бошед. Ва дар ривояте омада, ки ҳамдигарро тарк накунед ва бархе аз шумо бар фурӯши дигаре нафурӯшад, (*яъне, муъомилаи ду нафарро барҳам назанад)*. Муслим онро ба ҳамаи ин ривоятҳо ривоят карда ва Бухорӣ ҳам зиёдтари онро ривоят намудааст.

1571 - Аз Муъовия (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳар гоҳ ту ба дунболи кашф ва зоҳир сохтани уюби муслимин бошӣ, фосидашон кардаӣ ё наздик аст, ки эшонро фосид кунӣ.

***Шарҳ:*** *Дар ин шакк нест, ки мусалмонон бояд дастгоҳҳо ва идороти иттилоъотӣ барои кашфи дасоиси куффор ва душманони ислом дошта бошанд ва дар дохили кишварҳо иттилоъоташон қавӣ бошад ва ҷилави тавтиаҳо бар алайҳи ҳукумати исломиро машрут бар ин ки мубтанӣ бар усули шаръии сиёсии ислом бошад, бигиранд. Аммо ин ки дар миёни мусалмонон афроде ҷосусӣ кунанд ва ҳар сухани кӯчак ва бузурги афродро мӯ ба мӯ ба дастгоҳҳои пулисӣ ва зимомдорон нақл диҳанд, ин амри шаръӣ нест ва касе ҳам ки ин корро мекунад, аз назари ислом маҳкум аст. Уламо мегӯянд, ки ин ҳадис аз муъҷизоти он ҳазрат (с) ба шумор меравад, чи эшон*

*қарнҳо пеш ба вуҷуд омадани ин шабакаҳои иттилоъотӣ ва ҷосусиро дар миёни муслимин пешбинӣ кардаанд.*

1572 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки марде назди ӯ оварда шуда ва ба ӯ гуфта шуд ин фалонӣ аст, ки аз ришаш шароб мечакад. Ӯ гуфт: мо наҳй шудем аз ин ки ҷосусӣ намоем, валекин агар чизе барои мо ошкор шавад, ба он тамассук меҷӯем.

## БОБИ 272. Наҳй аз гумони бад ба мусалмонон бидуни зарурат

Худованд мефармояд: **Эй мусалмонон, эътироз кунед аз бисёрии гумони (бад), ҳароина баъзе аз гумонҳо гуноҳ аст.** *(Ҳуҷурот: 12)*

1573 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аз гумон бипарҳезед, зеро гумон дурӯғтарин суханҳост.

## БОБИ 273. Ҳаром будани таҳқир ва хор шумурдани мусалмонон

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا يَسْخرْ قَوْمٌ مِنْ قَوْمٍ ، عَسَى أَنْ يَكُونُوا خَيْراً مِنهُمْ وَلَا نِسَاءٌ مِنْ نِسَاءٍ عَسَى أَنْ يَكُنَّ خَيْراً مِنْهُنَّ، وَلَا تَلمِزُوا أَنْفُسَكُمْ(١) وَلَا تَنَابَزُوا بِالأَلقَابِ(٢)، بِئسَ الاسْمُ الفُسُوقُ بَعْدَ الإِيمَانِ، وَمَنْ لم يَتُبْ فَأُولَئِكَ هُمُ الظَّالمونَ ﴾ [الحجرات: ١١]. وقالَ تَعالى: ﴿ وَيْلٌ لِكُلِّ هُمَزَةٍ(٣) لُمَزَةٍ ﴾ [الهمزة: ١].

Худованд мефармояд: **Эй мусалмонон, тамасхур накунад, гурӯҳе гурӯҳи дигарро, шояд, ки он гурӯҳ аз эшон беҳтар бошанд ва занон тамасхур накунанд, занони дигарро, шояд он занон беҳтар аз эшон бошанд ва айбҷӯй накунед дар миёни хеш ва якдигарро ба алқоби бад махонед, бад номест фосиқӣ, баъд аз имон овардан ва он ки тавба накарда, пас эшон ситамгаронанд.** *(Ҳуҷурот: 11)*

**Вой бар ҳар бисёр таъназананда ва айбҷӯикунандае.** *(Ҳумаза: 1)*

1574 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Бадӣ шахсро ҳамин бас, ки бародари мусалмонашро хор шуморад. Ин ҳадисро Муслим ривоят намуда, ки матни комили он гузашт (шуморааш 1570).

1575 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он ки ба андозаи як зарра кибр дар дилаш бошад, ба биҳишт дохил намегардад, марде гуфт: Ҳароина шахс дӯст медорад, ки ҷома ва кафшаш некӯ бошад, фармуд: Худованд зебост ва зебоиро дӯст медорад, кибр, саркашӣ дар баробари ҳақ ва хор шумурдани мардум аст.

1576 - Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: марде гуфт, савганд ба Худо, ки Худованд фалониро намеомурзад. Худованд фармуд: кист ки бар ман савганд мехӯрад, ки фалониро намеомурзам, ҳамоно ман ӯро омурзидам ва амалатро зоеъ намудам.

***Шарҳ:*** *Аз ин ҳадис чунин фаҳмида мешавад, ки вақте он шахсе ки гуфта "Худованд фалониро намеомурзад" бародарашро кӯчак ва хор шумурда ғофил аз ин ки омурзиши Худованд бо бузургиаш ба суроғи ӯ ояд. Худованд ӯро ба ин мусибат (бекор шудани аъмолаш) гирифтор намуда аст. Пас бародар ва хоҳари мусалмон! Аз ин ки мусалмононро хор бишморед, ҳазар кунед, ҳарчанд аз пойинтарин табақоти иҷтимоъ бошад ва ҳарчанд зоҳирашон жӯлида ва шӯрида бошад, зеро мумкин аст онон аз назари амал ба шариъати Худо бар шумо муқаддам бошанд ва ҳам аз ин ҳадис ин матлаб дарёфт мегардад, ки мусалмони омил ва пойбанди шариъат набояд ба амалаш мағрур шавад ва онро сад дар сад сабаби наҷоти хеш тасаввур кунад, чунон ки набояд бе амалии афрод ё гунаҳгор буданашонро сабаби маҳрум шуданашон аз омурзиши Худо бихонад, балки дар ҳарду сурат бояд мусалмон дар миёни бим ва умед зиндагӣ кунад.*

## БОБИ 274. Манъ аз изҳори шодӣ дар ғами бародари мусалмон

قَالَ اللهُ تَعَالى : ﴿ إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ ﴾ [الحجرات : ١٠]. وقَالَ تَعَالى : ﴿ إِنَّ الَّذِينَ يُحِبُّونَ أَن تَشِيعَ(١١) الفَاحِشَةُ فِي الَّذِينَ آمَنُوا لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ فِي الدُّنْيَا وَالآخِرَةِ ﴾ [النور: ١٩].

Худованд мефармояд: **Ҳароина, мусалмонон бародари якдигаранд.** *(Ҳуҷурот: 10)*

**Ҳароина, онон, ки дӯст доранд, то шойеъ шавад тӯҳмати бадкоре дар миёни мусалмонон, эшонрост азобе дарднок дар дунё ва охират.** *(Нур: 19)*

1577 - Аз Восила ибни Асқаъ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Дар баробари ғами бародарат изҳори шодӣ макун, зеро шояд Худованд ӯро мавриди раҳмат қарор дода ва туро ба он мубтало созад. Дар ин боб ҳадиси Абуҳурайра аст, ки дар боби таҷассус гузашт.

## БОБИ 275. Манъ аз таъна задан дар насабҳои собит дар зоҳири шариъат

قَالَ اللهُ تَعَالى : ﴿ وَالَّذِينَ يُؤْذُونَ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ بِغَيْرِ مَا اكْتَسَبُوا فَقَدِ احْتَمَلُوا بُهْتَاناً، وَإِثْماً مُبِيناً ﴾ [الأحزاب: ٥٨].

Худованд мефармояд: **Онон ки мардон ва занони мусалмононро меранҷонанд, бидуни ин ки гуноҳе карда бошанд, ҳароина бори бӯҳтон ва гуноҳи ошкореро бардоштаанд.** *(Аҳзоб: 58)*

1578 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ду хислат аст, ки дар мардум вуҷуд дорад, ки ин ду сифат дар эшон аз аъмоли куфр ва ахлоқи ҷоҳилият аст, таъна задан дар насабҳо ва навҳа ва зорӣ бар сари мурда.

## БОБИ 276. Манъ аз фиребкорӣ ва найрангбозӣ

Худованд мефармояд: **Онон ки мардон ва занони мусалмононро меранҷонанд, бидуни ин ки гуноҳе карда бошанд, ҳароина бори бӯҳтон ва гуноҳи ошкореро бардоштаанд.** *(Аҳзоб: 58)*

1579 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Он ки бар мо силоҳ кашад, аз мо нест ва он ки ба мо хиёнат кунад, аз мо нест. Ва дар ривояте аз ӯ омада, ки Расули Худо (с) аз канори анбори таъоме гузашта, дасташро дар он дохил намуд, ки ба ангуштонаш рутубат расид, фармуд: Эй соҳиби таъом, ин чист? Гуфт: Ё Расулуллоҳ, борон ба он расида. Фармуд: Чаро онро болои таъом нагузоштӣ, то мардум онро бубинанд. Касе ки ба мо хиёнат кунад, аз мо нест.

1580 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Бо якдигар наҷаш накунед (яъне бидуни ин, ки қасди харид дошта бошед, қимматро наафзоед, то дигареро бифиребед).

1581 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) аз байъи Наҷаш наҳй фармуданд: *(байъи Наҷаш, ин ки қимати чизеро мебардорад, дар ҳоле ки онро намехарад, то бад-ин тариқа мардумро бифиребад).*

1582 - Ҳамчунон аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки марде барои Расули Худо (с) гуфт: ки дар муъомалоташ фиреб дода мешавад. Расули Худо (с) фармуд: Бо он, ки хариду фурӯш намудӣ, бигӯ фиребе дар миён набошад.

1583 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: он ки миёни мард ва ҳамсараш ё бардааш фасодгарӣ кунад, аз мо нест.

***Шарҳ:*** *Мафҳуми ин ҳадис он аст, ки зан ё бардаи касеро фосид намояд ва миёни онон ихтилоф эҷод кунад ва ононро ба нофармонӣ дар муқобили шавҳар ё оқояш водорад, бар равиши мо нест, зеро шеваи мо ҳамкорӣ бо ҳамдигар аст, на тафриқаафканӣ.*

## БОБИ 277. Таҳрими паймоншиканӣ

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا أَوْفُوا بِالْعُقُودِ ﴾ [المائدة: ١]. وَقَالَ تَعَالَى :
﴿ وَأَوْفُوا بِالْعَهْدِ إِنَّ الْعَهْدَ كَانَ مَسْئُولاً ﴾ [الإسراء: ٣٤].

Худованд мефармояд: **Эй онон ки имон овардаед, бар акд ва паймонҳо вафо намоед.** *(Моида: 1)*

**Вафо ба аҳд намоед, чун аз аҳд пурсида хоҳад шуд.** *(Исро: 34)*

1584 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: чаҳор хислат аст, ки ҳар гоҳ дар касе мавҷуд бошад, мунофиқи холис аст. Ва он ки дар ӯ хислате аз ин хислатҳо бошад, дар ӯ хислате аз нифоқ аст то онро тарк карда ва бигзорад. Чун амин шумурда шавад, хиёнат кунад ва чун сӯҳбат кунад, дурӯғ гӯяд ва чун паймон бандад, паймоншиканӣ кунад ва чун даъво кунад, дашном диҳад.

1585 - Аз Ибни Масъуд ва Ибни Умар ва Анас (р) ривоят шуда, ки гуфтанд: паёмбар (с) фармуд: Барои ҳар паймоншиканӣ дар рӯзи қиёмат парчаме аст ва гуфта мешавад, ки ин нишонаи паймоншикании фалонӣ аст.

1586 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Барои ҳар паймоншикан дар рӯзи қиёмат парчаме аст, ки дар баробари мақъадаш қарор дорад ва ба андозаи паймоншиканиаш барояш баланд соха мешавад ва бидонед, ки ҳеҷ паймоншикане паймоншикантар аз ҳокимон бо оммаи мардум нест.

1587 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Худованд фармуд: Се тананд, ки ман дар рӯзи қиёмат хасми онҳо мебошам: марде, ки ба номи ман паймон дод ва боз онро шикаст ва марде, ки инсони озодеро фурӯхта ва қиматашро хӯрд ва марде, ки коргареро ба музд гирифт ва кори худро бар ӯ тамом кард, вале муздашро надод.

## БОБИ 278. Манъ аз миннат гузоштан дар бахшиш ва монанди он

Худованд мефармояд: **Эй мӯъминон табоҳ макунед садақоти худро ба миннатгузорӣ ва озурда кардан.** *(Бақара: 264)*

**Он ки амволи худро дар роҳи Худо харҷ мекунанд ва пас аз он инфоқи миннат намениҳанд ва озоре намерасонанд.** *(Бақара: 262)*

1588 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Се касанд, ки Худованд дар рӯзи қиёмат бо онҳо сухан нагуфта ва ба эшон назар накарда ва покашон наменамояд ва барояшон азоби дарднокест. Гуфт: Расули Худо (с) онро се бор хонд. Абузар гуфт: маҳрум ва зиёнкор шуданд, инҳо киёнанд ё Расули Худо! Фармуд: кашонкунандаи либос (*мутаккабир*) ва миннат гузоранда (*бар касе ки эҳсон ва некӣ намуда*) ва касе, ки матоъашро ба савганди дурӯғ тарвиҷ диҳад. Ва дар ривояте аз вай омада, ки ***алмусбилу изораҳу***. Яъне: Касе, ки шалвор ва ҷомаашро аз рӯи кибр аз буҷилак поинтар мекашад.

## БОБИ 279. Манъ аз фахрфурӯшӣ ва саркашӣ ва туғён

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿ فَلَا تُزَكُّوا(١) أَنْفُسَكُمْ هُوَ أَعْلَمُ بِمَنِ اتَّقَى ﴾ [النجم: ٣٢]. وقَالَ تَعَالَى: ﴿ إِنَّما السَّبِيلُ عَلَى الَّذِينَ يَظْلِمُونَ النَّاسَ، وَيَبْغُونَ فِي الأَرْضِ بِغَيْرِ الحَقِّ، أُولَئِكَ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴾ [الشورى: ٤٢].

Худованд мефармояд: **Пас ситоиш макунед хештанро. Худо донотар аст ба он кӣ парҳезгорӣ кард.** *(Наҷм: 32)*

**Ҳароина роҳи (маломат) бар ононе аст, ки бар мардум зулм мекунанд ва дар замин ноҳақ фасод металабанд ва ононрост азобе дарддиҳанда.** *(Шуро: 42)*

1589 - Аз Иёз ибни Ҳимор (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳароина Худованд ба ман ваҳй намуд, ки фурутанӣ кунед, то касе бар касе ситам накунад ва касе бар касе нанозад.

1590 - Аз Абуҳурайра (р) марвист, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ шахс бигӯяд, мардум ҳалок шуданд, дар ҳақиқат ӯ ҳалокашон кардааст.

***Шарҳ:*** *Имом Наввавӣ раҳматуллоҳи алайҳ дар мавриди шарҳи ин ҳадис мегӯяд, ин наҳй барои касест, ки аз рӯи худбинӣ ва баландмартаба нишон додани худ ва таҳқири мардум ин суханро бар забон овард. Ва аммо он ки дар миёни мардум дар амри динашон кӯтоҳӣ ва қусурро мушоҳида кунад ва аз рӯи андӯҳ бар эшон ва бар дин, ин суханро гӯяд, мамониъате аз дидгоҳи шариъат вуҷуд надорад.*

## БОБИ 280. Таҳрими тарки сухан кардан бо муслимин беш аз се рӯз, магар ин ки марди таркшуда бидъаткор бошад ё тазоҳур ба фисқ кунад ва амсоли он

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿ إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ فَأَصْلِحُوا بَيْنَ أَخَوَيْكُمْ ﴾ [الحجرات: ١٠]. وقَالَ تَعَالَى: ﴿ وَلَا تَعَاوَنُوا عَلَى الْإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ ﴾ [المائدة: ٢].

Худованд мефармояд: **Ҳамоно мусалмонон баробари якдигаранд, пас дар миёни бародарони хеш сулҳ намоед.** *(Ҳуҷурот: 10)*

**Ва бар гуноҳ ва таҷовуз таъовун манамоед.** *(Моида: 2)*

1591 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Бо якдигар қатъи робита накарда ва ба ҳамдигар пушт надиҳед ва бо ҳам душманӣ ва ҳасад наварзед ва эй бандагони Худо, бародар.

1592 - Аз Абуаюб (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: барои мусалмон раво нест, ки беш аз се шаб бародарашро тарк кунад, ки бо ҳам рӯ ба рӯ шаванд ва аз ҳамдигар рӯй гардонанд ва беҳтарашон касест, ки ба салом оғоз мекунад.

1593 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Аъмол дар ҳар рӯзи душанбе ва панҷшанбе (ба ҳузури Худованд) тақдим мешавад ва Худованд ҳар шахсеро, ки ба

Худо чизеро шарик намеорад меомурзад. Магар он ки миёни ӯ ва бародараш душманӣ бошад. Пас мефармояд: Ин дуро ба ҳолашон бигзоред, то ба ҳам сулҳ кунанд.

1594 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Шайтон ноумед шуда, ки муслимин дар Ҷазирату-л-Араб ӯро бипарастанд, валекин дар фосид намудан ва дигаргун сохтани дилҳо ва эҷоди тарки муровада миёнашон мекӯшад.

1595 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Барои мусалмон раво нест, ки беш аз се шабонарӯз бародарашро тарк (қаҳрӣ) кунад ва он, ки беш аз се шабонарӯз тарк кунад ва бимирад, ба дӯзах дохил мегардад.

1596 - Аз Абухирош Ҳадрад ибни Абуҳадради Асламӣ ё Суламӣ (р) ривоят аст, ки вай аз паёмбар шунид, ки мефармуд: Он, ки бародарашро як сол тарк кунад, ин кор мисли рехтани хуни ӯ аст.

1597 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Барои мӯъмин раво нест, ки мӯъминеро беш аз се шабонарӯз тарк бигӯяд ва агар се шабонарӯз гузашт, бояд бо ӯ дидор намуда ва бар ӯ салом кунад ва агар ҷавоби саломашро дод, ҳамоно дар музд шарик гаштанд ва агар ҷавоби саломашро дод, ҳамоно дар музд шарик гаштанд ва агар ҷавоби саломашро надод, ба гуноҳ бозгашта ва саломдиҳанда аз масъулият тарки муровада, ки сабаби ҳирмони аҷр аст, берун мешавад. Абудовуд гуфтааст, ки ҳар гоҳ тарки муровада ба воситаи ризои Худо бошад, дар ин манъ ва таҳдид дохил намешавад.

## БОБИ 281. Манъ аз роз гуфтани ду нафар дар ҳузури нафари саввум бидуни иҷозаташ, магар ин ки барои зарурате бошад ва он ин аст, ки тавре бо ҳам пӯшида сӯҳбат намояд, ки суханашонро нашнавад. Ҳамон гуна аст ҳар гоҳ ба забоне сухан гӯяд, ки онро нафаҳмад

Худованд мефармояд: **Роз ва наҷво дар гӯш гуфтан кори шайтон аст.** *(Муҷодалла: 10)*

1598 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ ҳозирини маҷлис се нафар буданд, бояд ду нафар бидуни нафари саввум бо ҳам роз нагӯянд. Абудовуд онро ривоят карда ва афзуд: Абусолеҳ гуфт: барои ибни Умар гуфтам: чаҳор нафар чӣ тавр? Гуфт: монеъӣ вуҷуд надорад. Ва онро Молик (р) дар Муваттаъ аз Абдуллоҳ ибни Динор ривоят намуда, гуфт: Ман ва Ибни Умар (р) дар канори хонаи Холид ибни Уқба (р), ки дар бозор аст, будем. Марде омад ва хост бо ӯ роз гӯяд (яъне гӯшакӣ кунад) ва ҳамроҳи Ибни Умар (р) касе ҷуз ман набуд. Ибни Умар (р) марди дигареро хост, то ки чаҳор нафар шудем ва ба ман ва марди дигаре, ки хост, гуфт: Каме дуртар шавед, зеро ман аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ду нафар дар назди як нафар бо ҳам гӯшакӣ накунанд.

1599 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун се нафар будед, пас ду нафар бидуни дигаре бо ҳам роз нагӯед (дар гӯшӣ накунед), то ин ки бо мардум як ҷо шавед, зеро ин кор ӯро ғамгин ва парешон месозад.

## БОБИ 282. Манъ аз шиканҷа намудани ғулом ва маркаб ва зан ва фарзанд ва бидуни сабаби шаръӣ ё зиёда бар андозаи адаб

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿ وَبِالْوَالِدَيْنِ إِحْسَاناً، وَبِذِي الْقُرْبَى، وَالْيَتَامَى، وَالْمَسَاكِينِ، وَالْجَارِ ذِي الْقُرْبَى، وَالْجَارِ الْجُنُبِ، وَالصَّاحِبِ بِالْجَنْبِ، وَابْنِ السَّبِيلِ، وَمَا مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ؛ إِنَّ اللهَ لاَ يُحِبُّ مَنْ كَانَ مُخْتَالاً(١) فَخُوراً ﴾ [النساء: ٣٦].

Худованд мефармояд: **Ва ба падар ва модар ва хешон ва ятимон ва масокин ва ҳамсояи хешованд ва ҳамсояи аҷнабӣ ва ба ҳамнишини бар паҳлӯ нишаста ва ба мусофир ва бар он ки молики ӯ ҳастед, некӯкорӣ кунед, Ҳароина Худованд дӯст надорад, касеро ки мутакаббир ва худситоянда бошанд.**

*(Нисо: 36)*

1600 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Азоб карда шуд зане дар баробари гурбае, ки онро зиндонӣ намуда ва на таъомаш дод ва на серобаш кард ва нагузошт, ки аз ҳашарот ва хазандагони замин бихӯрад, то ин ки мурд ва дар баробари кайфари он ба дӯзах дохил шуд.

1601 - Ва низ аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки ӯ аз канори ҷавононе аз Қурайш гузашт, ки мурғеро монда, ӯро ба тир мезаданд ва барои соҳиби мурғ аз ҳар кадоме, ки тираш ба хато мерафт аз тирҳояшон саҳме муайян карда буданд ва чун ибни Умар (р)-ро диданд, пароканда шуданд. Ибни Умар (р) гуфт: чи касе ин корро кард? Худо лаънат кунад, касеро ки ин корро кард, ҳамоно Расули Худо (с) лаънат намуд бар он кас, ки ҷондореро нишона ва ҳадаф қарор диҳад.

1602 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт Расули Худо (с) наҳй намуд аз ин ки ҳайвонот барои куштан маҳбус гардонда шаванд (*нишона қарор дода шавад*).

1603 - Аз Абуалӣ Сувайд ибни Муқаррин (р) ривоят аст, ки гуфт: Ба ёд дорам, ки яке аз ҳафтумин нафар аз бани Муқаррин будам ва ҷуз як хидматгор надоштем, ки кӯчактари

мо ӯро чаппот зад ва Расули Худо (с) моро амр намуд, ки ӯро озод кунем ва дар ривояте омада, ки ман бародари ҳафтумин будам.

1604 - Аз Абумасъуди Бадрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: ман бардае доштам ва онро ба тозиёна мезадам ва ногоҳ садое аз пушти сарам шунидам: Бидон Абумасъуд! Ва аз бисёрии ғазаб садоро намефаҳмидам ва чун ба ман наздик шуд ногоҳ дидам, ки ӯ Расули Худо (с) аст ва дидам, ки мегӯяд: Бидон Абумасъуд, ҳамоно Худованд бар ту қудратмандтар аст, аз ту бар ин бача? Гуфтам, ҳаргиз бардаеро баъд аз ӯ намезанам ва дар ривояте омада, ки пас тозиёна аз ҳайбаташ аз дастам афтод ва дар ривояте омада, ки гуфтам ё Расули Худо (с) ӯ барои Худованд озод аст. Он ҳазрат (с) фармуд: Аммо агар ту ин корро намекардӣ, дӯзах туро месӯзонд ё ин ки фармуд: Ҳамоно дӯзах туро ламс мекард.

1605 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Касе ки бардаеро ҳадде зад, ки онро анҷом надода буд ё силлааш зад, каффорааш озод кардани ӯст.

1606 - Аз Ҳишом ибни Ҳаким ибни Ҳизом (р) ривоят шуда, ки вай дар шом аз канори мардуме аз (деҳқонони аҷамӣ) гузашт дар ҳоле, ки ононро дар офтоб нигоҳ дошта буданд ва бар сарҳояшон равғани зайтун рехта шуда буд. Гуфт: Ин чи кор аст? Гуфта шуд, ки аз ҷиҳати хироҷ таъзиб мешаванд ва дар ривояте омада, ки ба сабаби ҷизя (андоз) зиндонӣ шудаанд. Ҳишом гуфт: Шаҳодат медиҳам, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳароина Худованд касонеро, ки мардумро дар дунё шиканҷа ва азоб медиҳанд, азоб мекунад. Сипас назди амир дохил шуда, ҳадисро ба ӯ гуфт ва ӯ амр намуд ва онҳо раҳо шуданд.

1607 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) хареро дид, ки рӯяш доғ карда шуда буд ва аз ин кор бад бурд. Ибни Аббос (р) гуфт: Савганд ба Худо, ки харамро ҷуз дар ҷое, ки нисбат ба ҳама аъзои аз рӯяш дуртар аст аломатгузорӣ намекунам ва амр намуд, то харашро дар

дунбаҳои атрофи мақъадаш доғ кунанд ва ӯ аввалин касе аст, ки канори ронро доғ намуд.

1608 - Ва низ аз Ибни Абос (р) ривоят аст, ки харе аз канори Паёмбар гузашт, ки дар рӯяш нишон (яъне доғ) карда шуда буд ва фармуд: Худо лаънат кунад касеро, ки онро аломатгузорӣ кардааст. Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки Расули Худо (с) аз задан ба сурат ва аломатгузорӣ дар рӯй наҳй фармуд.

## БОБИ 283. Таҳрими шиканҷа намудан ба оташ дар мавриди ҳар ҷондоре, ҳарчанд мӯрча ва амсоли он бошад

1609 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) моро ҳамроҳи лашкаре, ки мефиристод эъзом намуда, фармуд: Агар фалонӣ ва фалонӣ ду мард аз Қурайшро, ки номашонро бурд ёфтед, ононро оташ занед. Сипас ҳангоме, ки қасди берун шуданро намудем Расули акрам (с) фармуд: Ман шуморо амр кардам, ки фалонӣ ва фалониро бисӯзонед ва ҷуз Худованд касе ба оташ азоб намекунад, пас агар он дуро ёфтед ононро бикушед.

1610 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шуда, ки гуфт: мо дар сафаре ҳамроҳи Расули Худо (с) будем ва эшон барои рафъи зарурати хеш рафтанд ва мо ҳуммара (*номи мурғест*) –ро дидем, ки ду чӯҷааш ҳамроҳаш буд ва мо ду чӯҷаашро гирифтем ва ҳуммара омада, дар болои сари мо гашта ва соя меандохт. Паёмбар (с) омада гуфт: Чӣ касе ин паррандаро дар мавриди фарзандаш ба фарёд оварда? Фарзандашро ба ӯ бозгардонед ва лонаи мурғеро дид, ки мо сӯзонда будем ва фармуд: Чӣ касе инро сӯхта? Гуфтем: мо. Фармуд: Ҳамоно намесӯзад, ҷуз Парвардигори оташ, касе ба оташ азоб намояд.

## БОБИ 284. Таҳрими таъхир кардани сарватманд ҳаққеро, ки соҳибаш дархост намудааст

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿ إِنَّ اللهَ يَأْمُرُكُمْ أَنْ تُؤَدُّوا الأَمَانَاتِ إِلَى أَهْلِهَا ﴾ [النساء: ٥٨].
وَقَالَ تَعَالَى: ﴿ فَإِنْ أَمِنَ بَعْضُكُمْ بَعْضاً فَلْيُؤَدِّ الَّذِي اؤْتُمِنَ أَمَانَتَهُ ﴾ [البقرة: ٢٨٣].

Худованд меармояд: **Ҳароина Худованд шуморо амр менамояд, то амонатҳоро ба аҳлаш биспоред.** *(Нисо 58)*

**Ҳар гоҳ амин доранд гурӯҳе аз шумо гурӯҳе дигарро, пас бояд ки адо кунад он кас, ки амин дониста шуда амонати худро.** *(Бақара: 283)*

1611 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Таъхир кардани сарватманд (*ҳақеро, ки дар зимаи ӯст ва тавоноии адои онро дорад*) зулм ва ситам аст. Ва ҳар гоҳ ба яке аз шумо дар ҳолати тавонгарӣ ҳавола дода шавад, бояд ҳаволаро бипазирад.

***Шарҳ:*** *Яъне, ҳар гоҳ касе бо шумо ҳисоби молие дошт ва барои дигаре ҳавола дод, ҳаволаашро бипазиред ва шахси дорандаи ҳаволаро азият накунед.*

## БОБИ 285. Кароҳияти пас гирифтани шахс бахшишеро, ки онро дода ва таслим накарда ва дар он чи ба фарзандаш бахшида ва таслимаш карда ё накарда ва кароҳияти харидани шахс чизеро, ки садақа дода ё ин ки онро аз закот ё каффора ва ё амсоли он берун намудааст ва боке нест, ҳар гоҳ онро аз шахси дигаре, ки моликият ба вай интиқол ёфта, харидорӣ намояд

1612 -Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки дар бахшиши худ руҷӯъ кунад, монанди сагест, ки ба қайи хеш бозмегардад. Ва дар ривояте омада, ки сифати он, ки дар садақааш руҷӯъ мекунад, монанди саг аст, ки қай

мекунад ва сипас ба қайи хеш бозгардида, онро мехӯрад ва дар ривояте омада, ки бозгарданда ба бахшиши худ монанди бозгарданда ба қайи хеш аст.

1613 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки гуфт: асберо дар роҳи Худо садақа додам ва касе, ки асб наздаш буд, ба он эҳтимом накард ва хостам онро харидорӣ кунам ва гумон кардам, ки ӯ онро ба қимати арзонтар медиҳад ва аз паёмбар (с) пурсидам. Фармуд: Онро харидорӣ макун ва ба садақаат руҷӯъ манамо, ҳарчанд онро ба як дирҳам бароят бидиҳад, зеро он ки дар садақааш бозмегардад, монанди касест, ки дар қайи хеш бозмегардад.

## БОБИ 286. Таъкид бар ҳаром будани моли ятим

Худованд меармояд: **Ҳароина касоне, ки мехӯранд амволи ятимонро аз рӯи зулм дарвоқеъ мехӯранд дар шиками хеш оташро ва ба зудӣ дароянд дар оташи дӯзах.** *(Нисо: 10)*

**Ба моли ятим ҷуз ба некӯи тасарруф мадоред.** *(Анъом: 152)*

**Савол мекунанд, туро аз ятимон. Бигӯ: Ба салоҳ овардани кори эшон беҳтар аст ва агар мушоракат кунед бо эшон, пас онон бародарони шумоянд ва Худо медонад муфсидро аз салоҳкор.** *(Бақара: 220)*

1614 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Аз ҳафт чизи муҳлик (*ҳалоккунанда*) битарсед. Гуфтанд: ё Расулаллоҳ (с) онҳо кадоманд? Фармуд: Ширк овардан ба Худованд ва сеҳр ва куштани нафсе, ки Худованд ҳаром намуда, магар ба ҳақ ва хӯрдани суд ва хӯрдани моли ятим ва пушт гардондан дар рӯзи ҷанг ва муттаҳам кардани зани боъиффати мусалмон, ки бехабар аст (*аз анҷоми амали зишт*) ба зино.

## БОБИ 287. Сахт будани ҳурмати судхорӣ

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿ الَّذِينَ يَأْكُلُونَ الرِّبَا لَا يَقُومُونَ⁽³⁾ إِلَّا كَمَا يَقُومُ الَّذِي يَتَخَبَّطُهُ الشَّيْطَانُ مِنَ الْمَسِّ. ذَلِكَ بِأَنَّهُمْ قَالُوا: إِنَّمَا الْبَيْعُ مِثْلُ الرِّبَا، وَأَحَلَّ اللهُ الْبَيْعَ وَحَرَّمَ الرِّبَا، فَمَنْ جَاءَهُ مَوْعِظَةٌ مِنْ رَبِّهِ فَانْتَهَى فَلَهُ مَا سَلَفَ وَأَمْرُهُ إِلَى اللهِ وَمَنْ عَادَ فَأُولَئِكَ أَصْحَابُ النَّارِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ، يَمْحَقُ اللهُ الرِّبَا⁽⁴⁾ وَيُرْبِي الصَّدَقَاتِ ﴾ إِلَى قَوْلِهِ تَعَالَى: ﴿ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللهَ وَذَرُوا مَا بَقِيَ مِنَ الرِّبَا ﴾ [البقرة: ٢٧٥].

Худованд мефармояд: **Онон ки судро мехӯранд, барнахезанд аз гӯр, магар чунон ки бармехезад, касе ки ӯро шайтон девона сохта, ба сабаби осеб расонидан. Ин ба иллати он аст, ки судхорон гуфтанд: ҳамоно байъ монанди суд аст, дар ҳоле ки Худованд ҳалол карда байъро ва ҳаром намуда судро. Пас он ки вайро панде аз сӯи Парвардигораш омад ва бозмонд аз ин кор, пас ӯрост он чӣ гузашт ва кораш ба Худо маҳфуз аст ва он ки бозгашт ба судхорӣ, пас он гурӯҳ бошандагони дӯзаханд, ки дар он ҷовиданд, Худованд нобуд месозад судро ва афзун мегардонад баракати садақотро.** То ин фармудаи Худованд**: Эй мӯъминин, аз Худо ҳазар кунед ва тарк кунед он чи монда аст, аз суд.** *(Бақара: 275)* Аммо аҳодиси ворида дар ин мавзӯъ дар Саҳиҳ зиёд машҳур аст. Аз ҷумла, ҳадиси Абуҳурайра аст, ки дар боби пеш гузашт (шумораааш 1614).

1615 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) хӯранда ва диҳандаи судро лаънат намуд ва Тирмизӣ ва ғайраш афзуда, ки ва ду шоҳидаш ва нависандаашро.

***Шарҳ:*** *Мутаассифона аксари муъомилот дар аксарияти кишварҳои исломӣ ба шумули бонкҳо шеваи судхорӣ ва рибо дорад, ки боист давлатҳои мусалмон дар ҷиҳати ҷойгузин сохтани низоми иқтисоди исломӣ ба ҷойи ин низоми ғарбии саҳюнистии фосид гомҳои амалӣ бардоранд ва умматиисломиро аз ин маҳлака наҷот диҳанд.*

# БОБИ 288. Таҳрими риё ва худнамоӣ

قَالَ اللهُ تَعَالى : ﴿ وَمَا أُمِرُوا إلا لِيَعْبُدُوا اللهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ حُنَفَاءَ[1] ﴾ [البينة : ٥]. وقَالَ تَعَالى : ﴿ لَا تُبْطِلُوا صَدَقَاتِكُمْ بِالمَنِّ وَالأَذَى، كَالَّذِي يُنْفِقُ مَالَهُ رِئَاءَ النَّاسِ ﴾ [البقرة: ٢٦٤]. وقَالَ تَعالى : ﴿ يُرَاؤُونَ النَّاسَ وَلَا يَذْكُرُونَ اللهَ إلَّا قَلِيلاً ﴾ [النساء: ١٤٢].

Худованд мефармояд: **Ва ба эшон дастур дода нашуд, магар ин ки ибодат кунанд, Худоро пок ва холис сохта барои ӯ парастишро мутадайин ба дини Ҳаниф, *(ҳазрати Иброҳим)***. *(Байина: 5)*

**Ва табоҳ макунед садақоти худро ба минат ниҳодан ва озор расондан монанди касе, ки моли худро барои намудан ба мардумон, дар роҳи Худо харҷ мекунад.** *(Бақара: 264)*

**Менамоянд аъмоли худро ба мардумон ва ёд намекунанд Худоро магар андаке.** *(Нисо: 142)*

1616 - Аз Абуҳурайра (р) марвист, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Худованди таъоло мефармояд: **Ман бениёзтарини шурако аз ширк мебошам, он ки амале анҷом диҳад, ки ғайрамро дар он бо ман дар назар дошта бошад, худаш ва ширкашро тарк мекунам,** (*яъне, амалашро ботил месозам ва худашро ҳам аз боргоҳи раҳматам дур мегардонам*)

1617 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Аввалин касе ки дар рӯзи қиёмат бар ӯ ҳукм мешавад, мардест ки шаҳид шуда ва оварда мешавад ва Худованд неъматҳои худро ба ӯ нишон медиҳад ва ӯ ҳам ононро мешиносад (*ба он эътироф менамояд*) ва сипас мефармояд: Дар баробари он чи кардӣ? Мегӯяд: дар роҳи ту ҷангидам, то шаҳид шудам. Мефармояд: Дурӯғ гуфтӣ, валекин ҷангидӣ, то гуфта шавад, ки ӯ боҷуръат аст ва гуфта шуд, пас дар мавриди вай дастур содир шуда ва вай бар рӯяш кашонда шуда ба дӯзах андохта мешавад ва мардест, ки илм омӯхта ва таълимаш дода ва Қуръон хонда ва ӯ оварда

мешавад ва неъматҳояшро ба ӯ нишон медиҳад ва ӯ ҳам мешиносад ва мефармояд: дар баробари он чӣ кардӣ? Мегӯяд: илм омӯхта ва онро таълим додам ва барои ризоят Қуръон хондам.

Мефармояд: Дурӯғ гуфтӣ, лекин илм омӯхтӣ, то гуфта шавад, ки олимӣ ва Қуръон хондӣ, то гуфта шавад қорӣ ҳастӣ ва гуфта шуд, сипас дар мавриди вай дастур дода мешавад ва ӯ бар рӯяш кашонда шуда ва ба дӯзах андохта мешавад ва мардест, ки Худованд ба вай рӯзие фарох дода ва аз анвоъи мол ба вай арзонӣ доштааст ва оварда мешавад ва ӯро ба он мешиносонад ва ӯ ҳам мешиносад, сипас мефармояд дар баробари он чӣ кардӣ? Мегӯяд: ҳеҷ роҳеро, ки дӯст доштӣ дар он харҷ шавад, нагзоштам магар ин ки дар он барои ризоят харҷ кардам. Мефармояд: дурӯғ гуфтӣ, валекин ин корро кардӣ, то гуфта шавад, ки ҷавод ва саховатманд аст ва гуфта шуд, сипас дар мавриди вай дастур дода мешавад ва ӯ бар рӯяш кашонда шуда ба дӯзах андохта мешавад.

1618 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гурӯҳе аз мардум ба ӯ гуфтанд: Мо бар подшоҳонамон ворид мешавем ва чизҳои ба вайҳо мегӯем, ки мухолиф аст бо он чи ки чун аз пешашон берун шавем мегӯем? Ибни Умар (р) гуфт: Мо ин корро дар замони Расули Худо (с) нифоқ мешуморидем.

1619 - Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ ибни Суфён (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: касе ки барои шӯҳратталабӣ амалеро анҷом диҳад, Худованд ӯро дар рӯзи қиёмат расво мекунад ва касе ки аз рӯйи риё амале анҷом диҳад, то мардум бузургаш доранд, Худованд бо изҳор намудани риёкорияш дар баробари мардум дар рӯзи қиёмат шармандааш месозад.

1620 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки илмеро биёмӯзад аз он чи ки мақсуд аст аз он даст ба даст овардани ризои Худованд (ҷ) ва наёмӯзад онро, магар аз ҷиҳати ин ки бад-он ба матоъе аз дунё даст ёбад, бӯи биҳиштро дар рӯзи қиёмат дарнаёбад.

## БОБИ 289. Дар мавриди ончи тасаввур мешавад, риё ҳаст, дар ҳоле, ки риё нест

1621 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки гуфт Ба Расули Худо (с) гуфта шуд, дар мавриди марде, ки амале аз аъмоли хайро анҷом медиҳад ва мардум ӯро барои он сано мегӯянд чӣ мефармоед? Фармуд: Он муждаи оҷили мӯъмин аст.

## БОБИ 290. Таҳрими нигаристан ба сӯи зани бегона ва навҷавони хушсурат бидуни зарурати шаръӣ

Худованд мефармояд: **Бигӯ, ба мардони мусалмон, ки бипӯшанд чашмони худро.** *(Нур: 30)*

**Ҳароина, гӯш ва чашм ва дил аз ҳар яке пурсида мешавад.** *(Исро: 36)*

**Медонад нигоҳҳои пинҳонро ва он чиро дилҳо пинҳон медорад.** *(Мӯъмин: 19)*

**Ҳароина, Парвардигорат ҳамеша дар мурокибат аст.** *(Фаҷр: 14)*

1622 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: бар фарзанди одам баҳрааш аз зино навишта шуда, ки хоҳӣ нахоҳӣ дармеёбад, чашм зинои он нигаристан аст ва ду гӯш, зинои он шунидан аст ва забон, зинои он сухан гуфтан аст ва даст, зинои он ба чанг гирифтан аст ва по, зинои он гом задан аст ва дил, умеду орзу мекунад ва шармгоҳ онро ростгӯ ва ё дурӯғгӯ месозад.

1623 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Аз нишастан дар роҳҳо (*сари роҳҳои убур ва мурури мардум*) бипарҳезед. Гуфтанд: эй расули Худо! Мо чорае аз ин нишастанҳоямон надорем, ки дар он сӯҳбат мекунем. Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ ногузир аз нишастан шудаед, пас ҳақи роҳро бидиҳед. Гуфтанд: ҳақи роҳ чист ё Расулаллоҳ! Фармуд: Пӯшидани чашм (*аз нигаристан ба номаҳрамон*) ва

худдорӣ аз азият ва озори дигарон ва ҷавоб додани салом ва амр ба корҳои писандида ва наҳй аз корҳои бад.

1624 - Аз Абуталҳа Зайд ибни Саҳл (р) ривоят аст, кт гуфт: Мо дар саҳни хонаҳо нишаста будем ва дар он сӯҳбат мекардем. Расули Худо (с) омада, болои сари мо истод ва фармуд чаро дар роҳҳо маҷлис мекунед? Аз маҷолиси роҳҳо парҳез кунед. Гуфтем: Мо барои коре нишастем, ки боке надорад, мо масоили илмиро бо ҳам бозгӯ намуда, сӯҳбат мекунем. Фармуд: вақте ки онро тарк намекунед, пас ҳаққи онро адо кунед, пӯшидани чашм, ҷавоб додани салом ва некӯ сухан кардан.

1625 - Аз Ҷарир (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) дар маврида нигаристани ногаҳонӣ (ба рӯи занҳои бегона) пурсиш намудам. Фармуд: Чашматро бигардон.

1626 - Аз Умми Салама (р) ривоят шуда, ки гуфт: Дар назди Расули Худо (с) будам ва Маймуна (р) ҳам дар наздаш буд. Ибни умми Мактум (р) омад. Ва ин амр пас аз он буд, ки ба ҳиҷоб маъмур шудем. Паёмбар (с) фармуд: Аз вай руй бигиред. Гуфтем: Ё Расулуллоҳ оё ӯ кӯр нест, ки моро намебинад ва на ҳам моро мешиносад? Паёмбар (с) фармуд: оё шумо ҳар ду кӯр ҳастед? Оё шумо ҳарду ӯро намебинед?

1627 - Аз Абусаъид (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: мард ба шармгоҳи мард нанигарад ва на зан ба шармгоҳи зан ва мард бо мард дар як ҷомаи пайваста нахобад ва зан бо зан дар як ҷомаи пайваста нахобад (*зеро дар хобидани зери як лиҳоф ва дар як бистар эҳтимоли фасод меравад).*

## БОБИ 291. Таҳрими хилват ва танҳо шудан бо зани бегона

قال الله تعالى : ﴿ وَإِذَا سَأَلْتُمُوهُنَّ مَتَاعاً فَاسْأَلُوهُنَّ مِنْ وَرَاءِ حِجَابٍ ﴾ [الأحزاب: ٥٣].

Худованд мефармояд: **Ва чун аз занон чизеро талаб кунед, пас ононро аз паси парда биталабед.** *(Аҳзоб: 53)*

1628 - Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аз ворид шудан бар занон бипарҳезед, марде аз ансор гуфт: хабар деҳ аз наздикони шавҳар. Он ҳазрат (с) фармуд: Наздикони шавҳар марг аст.

***Шарҳ:*** *Наздикони шавҳар монанди бародар, бародарзода, писари амак ва ин дар сурати хилват ва танҳоӣ мебошад ё ин ки зан ҳиҷоби шаръӣ надошта бошад ва мафҳуми ибораи (*наздикони шавҳар марг аст*) ин аст, ки тарс аз ӯ бештар аз дигарон аст ва фитна ва шарр аз ноҳияи ӯ бештар тасаввур мешавад, зеро ӯ ба осонӣ ба зан ворид шуда метавонад.*

1629 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ марде бо зане хилват накунад, магар ба ҳузури касе ки маҳрам аст.

1630 - Аз Бурайда (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳурмати занони муҷоҳидин бар нишастагон (хонанишиноне, ки ба узру сабаб бо муҷоҳидин нарафтанд) монанди ҳурмати модаронашон аст. Ҳеҷ марде аз нишастагон нест, ки сарпарастии хонаи марди муҷоҳидеро намуда ва бо вай дар мавридашон хиёнат мекунад, магар ин, ки дар рӯзи қиёмат дар баробари ӯ истода мешавад ва аз некиҳояш ҳар чи хоҳад мегирад, то розӣ шавад. Сипас ба ҷониби мо илтифот намуда ва фармуд: Гумони шумо чист?

## БОБИ 292. Таҳрими шабеҳ сохтани мардон худро ба занон ва шабеҳ сохтани занон худро ба мардон дар либос ва тарзи рафтор ва ғайра

1631 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) мардонеро, ки хештанро шабеҳи занон кунанд ва заноне, ки худро шабеҳи мардон созанд, лаънат фармуд ва дар ривояте омада, ки Расули Худо (с) мардонеро, ки худро ба занон ҳаммонанд месозанд ва занонеро, ки худро ба мардон ҳаммонанд месозанд, лаънат намуд.

1632 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) мардеро, ки либоси зан пӯшад ва зане, ки либоси мард пӯшад, лаънат намуд.

1633 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ду навъ аз аҳли дӯзаханд, ки онҳоро надидаам: гурӯҳе, ки ҳамроҳашон тозиёнаҳое монанди думҳои гов аст, ба василаи он мардумро мезананд ва занонеанд нимабараҳна, ки худ мунҳариф буда ва дигаронро низ мунҳариф месозанд, сарҳояшон монанди кӯҳони шутури бухтӣ (*навъи шутури қавӣ ва дарозгардан*) тамоюл ёфтааст, ки на ба биҳишт дохил мегарданд ва на бӯи онро дармеёбанд, дар ҳоле ки бӯи он аз масири ин қадар ва ин қадар дарк карда мешавад.

***Шарҳ: “Косиётун ъориёт”,*** яъне қисмате аз баданаш бараҳна ва қисмате пӯшида аст, ё либоси нозуке мепӯшад, ки вуҷудашро намоён месозад: “***Моилотун*”**, яъне аз тоъати Худо мунҳарифанд. “***Мумилотун*”**, яъне дигаронро ҳам мисли худ гумроҳ ва мунҳариф месозанд. “***Руъусуҳунна кааснимати-л-бухти*”**, яъне мӯйҳои худро ҷамъ мекунанд, ё дар зери мӯйҳо чизеро қарор медиҳанд, то мӯйҳояшон бузург намоён шавад ва барояшон зебоӣ ва ҷозиба бахшад ва дигаронро мутаваҷҷеҳи эшон гардонад: ин ҳадис яке аз муъҷизоти паёмбар (с) аст, ки чаҳордаҳ қарн (аср) пеш ин ҷараёнро пешгӯӣ кардааст.

## БОБИ 293. Наҳй аз шабеҳ сохтани хеш ба шайтон ва куффор

1634 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ба дасти чап ғизо махӯред, зеро шайтон ба дасти чап мехӯрад ва меошомад.

1635 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ кадоми шумо ба дасти чапи хеш ғизо нахӯрад ва наёшомад, зеро шайтон ба дасти чапи худ мехӯрад ва менӯшад.

1636 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ҳамоно яҳуд ва насоро ранг намекунанд (*мӯйи сафеди сар ва ришро*), пас бо онҳо мухолифат намоед.

## БОБИ 294. Наҳй намудани мардон ва занон аз ранг намудани мӯйҳояшон ба ранги сиёҳ

1637 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт. Абуқуҳофа падари Абубакри Сиддиқ (р) дар рӯзи фатҳи Макка оварда шуд, дар ҳоле, ки сару ришаш аз сафедӣ мисли сағома буд (*сагома наботест, ки гул ва меваащ ҳар ду сафед аст*). Расули Худо (с) фармуд: ин сафедиро ба ранг кардан тағйир дода ва аз ранги сиёҳ бипарҳезед.

***Шарҳ:*** *Мурод аз ин ҳадис ранг кардани мӯи сафеди сар ва риш аст ба ранги зард ё сурх, аммо сиёҳ кардани он ҷавоз надорад, вале ранг кардани мӯи сафед ба сиёҳ фақат барои муҷоҳидон ҷавоз дорад, то душман аз онон биҳаросад.*

## БОБИ 295. Манъ аз қазаъ ва он иборат аст аз тарошидани баъзе аз сар ва тарк намудани бархе дигар ва мубоҳ будани тарошидани ҳамаи сар барои мардон, на барои занон

1638 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт Расули Худо (с) аз қазаъ (*бахше аз мӯйи сарро тарошидан ва бархеро нигаҳ доштан*) манъ фармуд.

1639 - Ҳамчунон аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) бачаеро дид, ки баъзе сараш тарошида ва баъзеаш гузоштааст. Вай (с) ононро аз ин наҳй намуда, фармуд: Ҳамаи сарашро битарошед ва ё ҳамаашро бигзоред.

1640 - Аз Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) бар хонаводаи Ҷаъфар (р) се шабонарӯз мӯҳлат дод ва баъд наздашон омада, фармуд: Пас аз ин рӯз бар бародарам (Ҷаъфар) гиря макунед. Сипас фармуд: Писарони бародарамро

наздам бихонед ва мо оварда шудем, ки чун чӯҷаҳои паррандагон будем ва фармуд: Сартарошеро наздам бихонед ва ӯро амр кард, сарҳои моро тарошид.

1641 - Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) манъ фармуд, аз ин ки зан сарашро битарошад.!

## БОБИ 296. Таҳрими пайванди мӯй ва холкӯбӣ ва кушода кардани миёни дандонаҳо

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿إِنْ يَدْعُونَ مِنْ دُونِهِ إِلاَّ إِنَاثاً وَإِنْ يَدْعُونَ إِلاَّ شَيْطَاناً مَرِيداً (٦) لَعَنَهُ اللهُ وَقَالَ: لَأَتَّخِذَنَّ مِنْ عِبَادِكَ نَصِيباً مَفْرُوضاً، وَلَأُضِلَّنَّهُمْ، وَلَأُمَنِّيَنَّهُمْ، وَلَآمُرَنَّهُمْ فَلَيُبَتِّكُنَّ (١) آذَانَ الأَنْعَامِ، وَلَآمُرَنَّهُمْ فَلَيُغَيِّرُنَّ خَلْقَ اللهِ﴾ الآية [النساء: ١١٧ ـ ١١٩].

Худованд мефармояд: **Мушрикон намепарастанд ба ҷуз Худо, магар бутонеро, ки ба номи духтарон мусаммо кардаанд ва намепарастанд, магар шайтони дуррафта аз ҳадро. Худованд ӯро лаъват кард ва шайтон гуфт: бигирам аз бандагон саҳме, ки дар илми азалӣ муайян шуда ва албатта гумроҳ кунам эшонро ва дар орзуи ботилашон афганам ва ҳароина бифармоям барои эшон, то бишгофанд гӯши чорпоёнро ва амрашон кунам, то тағйир диҳанд офариниши Худоро.** *(Нисо: 117-119)*

1642 - Аз Асмоа (р) ривоят аст, ки зане аз паёмбар (с) савол намуда гуфт: Ё Расулуллоҳ! Духтарам ба маразди сурхча гирифтор шудааст ва мӯйҳояш рехта, ки акнун ӯро ба шавҳар додам. Оё мӯяшро пайванд занам? Фармуд: Худованд пайвандакунанда ва пайвандкардашударо лаъват кардааст.

1643 - Аз Ҳумайд ибни Абдурраҳмон ривоят аст, ки вай аз Муъовия (р) дар соле, ки ҳаҷ намуд, болои минбари Набавӣ шунид, дар ҳоле ки ӯ дастаи мӯеро, ки ба дасти нигаҳбоне буд, гирифта ва гуфт: Эй мардуми Мадина, уламои шумо куҷоянд? Аз паёмбар (с) шунидаам, ки аз мисли ин кор (*пайванди мӯй*) манъ намуда ва мефармуд: ҳамоно бани Исроил ҳалок шуд, замоне, ки занонашон ин корро карданд.

1644 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) зани пайвандкунандаи мӯй ва занеро, ки мӯяш пайванд шавад ва зани сӯзанзананда (*холкӯбикунанда*) ва зани сӯзанзадашударо лаънат намуд.

1645 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Худо лаънат кунад, занони сӯзанзанандаро ва занонеро, ки мехоҳанд сӯзан зада шаванд ва занонеро, ки аз дигаре мехоҳанд абрӯяшонро ислоҳ кунад ва заноне, ки миёни дандонҳояшонро кушод намуда хилқати Худоро тағйир медиҳанд. Зане дар ин маврид эътироз намуд. Ӯ гуфт: чаро касеро ки Расули Худо (с) лаънат карда, лаънат накунам, дар ҳоле ки он дар китоби Худо аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: **Ва мо отокуму-р-расулу фахузуҳу ва мо наҳокум ъанҳу фантаҳу.** Ҳар он чи паёмбар (с) барои шумо бидиҳад, онро бигиред ва он чӣ шуморо аз он наҳӣ кунад, аз он бозистед ва даргузаред.

## БОБИ 297. Наҳй аз кандани тори сафед аз реш ва сар ва ғайри он ва аз кандани писари тозаҷавон ва бериш мӯи ришашро дар аввали сар задани он

1646 - Аз Амр ибни Шуъайб аз падараш аз бобояш (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармуд: Тори сафедро наканед, зеро ки он нури мусалмон дар рӯзи қиёмат аст.

1647 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки амалеро анҷом диҳад, ки корамон ба он мубтанӣ нест (яъне, шариъати мо онро таъйид намекунад) пас он мардуд аст.

## БОБИ 298. Кароҳияти истинҷо ба дасти рост

1648 - Аз Абуқатода (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо бавл намояд, бояд олати худро ба дасти росташ нагирад ва низ ба дасти росташ истинҷо накунад ва бояд дохили зарф (*дар ҳангоми ошомидан*) нафас накашад.

## БОБИ 299. Нописанд будани рафтан ба як линга кафш ё мӯза ва кароҳияти пӯшидани кафш ё мӯза дар ҳолати истода, бидуни узр

1649 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳеҷ як аз шумо ба як кафш роҳ наравад ва бояд ҳардуро боҳам бипӯшад ва ё ҳардуро бо ҳам бикашад ва дар ривояте омада, ки ё бояд ҳардуро бикашад.

1650 - Аз Абуҳурайра(р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳар гоҳ (банди) кафши яке аз шумо қатъ шуд, бояд бо кафши дигар наравад, то ин ки онро ислоҳ кунад.

1651 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) наҳӣ фармуд: аз ин ки шахс кафшро рост истода ба пой кунад.

***Шарҳ:*** *Наҳӣ иршодест, барои он ки нишаста ба по кардан осонтар аст ва кароҳият фақат дар суратест, ки шахс дар пӯшидани кафш маҷбур шавад аз дасти худ кӯмак талабад, ки дар ин сурат ҳолати баде ба худ мегирад ва агар дар пӯшидани он ба кӯмаки даст ниёзе надошт, боке надорад ва низ мумкин аст, ки дар он ҳолат бияфтад ва зиён бинад.*

## БОБИ 300. Манъ аз рӯшан гузоштани оташ дар хона дар ҳангоми хоб ва амсоли он хоҳ дар чароғ бошад ё дар ғайри он

1652 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳангоме, ки мехобед оташро дар хонаҳоятон равшан нагузоред.

1653 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: хонае дар Мадина шаб ҳангом бар сари афродаш оташ гирифт ва чун дар мавридашон ба Расули Худо (с) сӯҳбат шуд, фармуд: Ҳамоно ин оташ душмани шумост ва чун хоб рафтед, онро хомӯш кунед.

1654 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Сари зарфро бипӯшед ва даҳани машки обро бибандед ва

дарвозаҳоро баста кунед ва чароғро хомӯш намоед, зеро шайтон сари машки оберо боз накарда ва дарвозаҳоеро боз нанамуда ва сари зарферо боз намекунад ва агар яке аз шумо наёфт, магар ин ки бар зарфаш чӯбе бигзорад ва исми Худоро ёд кунад, бояд ки ин корро бинамояд, зеро муш бар аҳли хона хонаашонро оташ мезанад.

## БОБИ 301. Манъ аз сохтакорӣ ва такаллуф ва он кор ва сухане аст, ки дар он маслиҳате нест ва бо душворӣ анҷом дода мешавад

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿قُلْ مَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ وَمَا أَنَا مِنَ الْمُتَكَلِّفِينَ﴾ [ص : ٨٦].

Худованд мефармояд: **Бигӯ, ман аз шумо музде бар он (рисолат) намехоҳам ва ман беҳуҷҷат ва бурҳони Илоҳӣ ваҳй ва рисолатро бар худ намебандам.** *(Сод: 86)*

1655 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: мо аз такаллуф манъ гардидем.

1656 - Аз Масруқ (р) ривоят аст, ки гуфт: бар Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ворид шудем ва гуфт: Эй мардум, он ки чизеро медонад, бояд онро бигӯяд ва он ки намедонад, пас бояд бигӯяд Худо донотар аст. Худованд барои паёмбараш (с) фармуд: Бигӯ, ман аз шумо музде барои рисолат намехоҳам ва ман беҳуҷҷат ва бурҳони Илоҳӣ ваҳй ва рисолатро бар худ намебандам.

## БОБИ 302. Таҳрими доду бедод ва фарёд кашидан бар сари мурда ва задан бар рухсораҳо ва чок кардани гиребонҳо ва кандани мӯй ва тарошидани он ва дуъо ба вайл гуфтан ва ҳалокат

1657 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Мурда дар гӯр ба сабаби нолаву шеване, ки мекунанд, шиканҷа карда мешавад. Ва дар ривояте омада: Муддате, ки бар ӯ нолаву зорӣ мешавад.

1658 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки бар рӯяш зада ва гиребон чок намуда ва дуъоҳои ҷоҳилиятро бихонад, аз мо нест.

1659 - Аз Абубурда (р) ривоят аст, ки гуфт: Абумӯсои Ашъарӣ (р) мариз шуд ва беҳӯш гашт, дар ҳоле ки сараш дар домони зане аз хонаводааш буд, он зан шурӯъ ба дод ва фарёд кард ва Абумӯсо натавонист бар вай эътироз кунад ва чун ба ҳӯш омад гуфт: Ман безорам аз он ки Расули Худо (с) аз ӯ безорӣ намудааст. Ҳамоно Расули Худо (с) аз зане, ки ба садои баланд навҳахонӣ мекунад ва зане, ки сарашро метарошад (*барои изҳори андӯҳ*) ва зане, ки ҷомаашро чок мекунад, безорӣ ҷустааст.

1660 - Аз Муғира ибни Шуъба (р) ривоят аст, ки аз Расули Худоро шунидам, ки мефармуд: Он ки бар вай навҳа шавад, ба сабаби навҳаву нолае, ки бар ӯ мешавад, рӯзи қиёмат азоб карда мешавад.

1661 - Аз Умми Атия Нусайба (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) ҳангоми байъат аз мо аҳд гирифт, то навҳа накунем.

1662 - Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, ки гуфт: Абдуллоҳ ибни Равоҳа (р) беҳуш шуд ва хоҳараш шуруъ ба гиря намуда мегуфт: Вой кӯҳи ман, вой чунон, вой чунин ва авсофашро ба тариқи ҷоҳилият бармешумурд. Чун ба ҳуш омад гуфт: Ҳеҷ чизе нагуфтӣ, магар ин ки ба ман гуфта шуд: Оё чунон будӣ?

1663 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Саъд ибни Убода (р) ба беморӣ гирифтор шуд. Расули Худо (с) ҳамроҳи Абдураҳмон ибна Авф ва Саъд ибни Абувақкос ва Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) наздаш омаданд. Вақте бар вай дохил шуд, ӯро беҳуш ёфт ва фармуд: Оё мурдааст? Гуфтанд: На, ё Расулуллоҳ. Паёмбари Худо (с) гирист. Чун мардум гиряи Расули Худо (с)-ро диданд гиристанд. Фармуд оё намешунавед? Ҳамоно Худованди таъоло ба ашки чашм ва андӯҳи дил азоб намекунад, вале ба ин (ба забонаш ишора намуда) азоб мекунад ва ё раҳм менамояд.

1664 - Аз Абумолики Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Агар навҳагар пеш аз маргаш тавба накунад, рӯзи қиёмат истода карда мешавад, дар ҳоле ки бар ӯ пироҳане аз қир ва ҷомае, ки дар оташ зуд шӯълавар мегардад, пӯшонда мешавад.

1665 - Аз Асид ибни Абуасиди Тобиъӣ аз зане аз занҳое, ки бо паёмбар (с) байъат карда буданд, нақл шуда, ки гуфт: Аз ҷумлаи чизҳои писандидае, ки Расули Худо (с) аз мо паймон гирифт, ки дар он нофармонияш накунем ин буд, ки рӯйҳои хешро нахарошида, дуъои ба вайл нанамуда (вовайло ва доду вой накунем) ва гиребон чоку мӯйро пароканда насозем.

1666 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳеҷ мурдае нест, ки бимирад ва гирякунандааш бигӯяд: Вой кӯҳи мо, вой оқои мо ё мисли он, магар ин, ки ду фаришта бар вай муваззаф мешаванд, ки бар синааш зада мегӯянд: Оё ҳамин тавр будӣ?

1667 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ду кор аст, ки дар мардум вуҷуд дорад ва ин ду хислат дар эшон куфр аст: Таъна дар насаб ва наҳва бар мурда.

## БОБИ 303. Манъ аз рафтан назди коҳинон ва ситорашиносон ва фолбинон ва рамл андозон ва онон, ки рег ё донаи ҷав меандозанд ва амсоли он

1668 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: иддае аз мардум аз Расули Худо (с) дар мавриди коҳинон пурсиш намуданд, фармуд: Чизе нестанд? Гуфтанд: ё расулаллоҳ! Онҳо гоҳ, ки бо мо дар бораи чизе сӯҳбат мекунанд, он собит мешавад. Расули Худо (с) фармуд: Он калимаи ҳақро ҷин рабуда ва ба гӯши дӯсташ коҳин илқо мекунад ва онон бо вай сад дурӯғ халт (*омезиш*) месозанд. Ва дар ривояте аз Буҳорӣ аз Оиша (р) омада, ки вай аз Расули Худо (с) шунид, ки мефармуд: Фариштагон дар анон (абр) фуруд меоянд ва кореро, ки дар осмон ба ҳукм шуда, ёд бикунанд ва шайтон истироқи самъ

намуда, онро мешунавад ва ба коҳинон илқо мекунад ва онон низ ҳамроҳи он сад дурӯғро аз пеши худ мегӯянд.

1669 - Аз Сафия бинти Убайд аз баъзе аз занони паёмбар (р) аз паёмбар (с) ривоят шуда, ки фармуд: Он ки ба назди аърофӣ биёяд, (*аърофӣ касест, ки ҷойи гумшуда ва ё моли дуздишударо нишон медиҳад*) ва дар бораи чизе аз вай пурсиш намуда ва онро ростгӯ шуморад, чиҳил рӯз намозаш қабул намешавад.

1670 - Аз Қабиса ибни Мухориқ (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: ъиёфат (*хат*) ва бадсиголӣ ва парвоз додани мурғ ва задани рег аз одоти куффор ба шумор меравад.

***Шарҳ:*** *Баъзе куффор мурғро парвоз медодаанд ва чунон ки ба самти рост мерафта, он корро маймун ва хуб медоштаанд ва агар ба самти чап мерафта, он корро номаймун ва наҳс донista ва бад-он ташоум мекардаанд. Ъиёфатро баъзе ба маънои хат ва бархе ба маънои рондани мурғ тафсир намудаанд ва задани як чиз ба рег, ки занон онро анҷом медодаанд. Ҳадаф он аст, ки тамоми ин корҳо ботил аст ва ба илми ғайб таъаллуқ надоранд ва аз назари шариъат ҳаром мебошанд.*

1671 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе ки аз ситораҳо илмеро дарёфт намояд (*фаро гирад*), ҳамоно шохае аз сиҳрро дарёфт кардааст ва ҳар андоза, ки аз илми ситорашиносӣ биёмӯзад, аз сиҳр анбошта аст.

***Шарҳ:*** *Таҳрим дар мавридест, ки шомили ахбори ба ғайб бошад.*

1672 - Аз Муъовия ибни Ҳакам (р) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Ман ба даврай ҷоҳилият наздикам ва Худованд исломро оварда аст ва аз миёни мо мардумонеанд, ки назди коҳинон мераванд. Фармуд: Назди онҳо марав! Гуфтам: Аз мо касоне ҳастанд, ки бадфолӣ мекунанд. Фармуд: Ин чизе ҳаст, ки дар дилҳои хеш меёбанд, вале набояд онҳоро аз корашон боздорад. Гуфтам: Дар миёни мо мардуме ҳастанд, ки хат мекашанд. Фармуд: Паёмбаре аз паёмбарон хат

мекашид ва касе, ки хаташ ба хати он паёмбар баробар меафтод, пас ҳамон буд.

1673 - Аз Абумасъуди Бадрӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) аз қимати саг ва пули зино ва пуле, ки ба коҳин дода мешавад, манъ фармуд.

## БОБИ 304. Манъ аз бадфолӣ ва бадшугунӣ

1674 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар беморӣ сирояткунанда набуда ва бадфолӣ кори писандидае нест ва аз фол хушам меояд. Гуфтанд: фол чист? Фармуд: Сухани некӯ. *Дар ин маврид аҳодисе аст, ки дар боби пеш гузашт.*

***Шарҳ:*** *Аз ин ҳадис дарёфта мешавад, ки инсон набояд тасаввур кунад, ки ба муҷарради нишастан бо ҳар беморӣ бемории вай ба ӯ сироят мекунад. Чунон ки наҳӣ сурат гирифта, бар ин ки набояд афроди тандуруст бо касоне, ки ба бемориҳои сирояткунанда гирифторанд, нишасту бархост кунанд, ки нақли мараз ба ононро мумкин созад ва истиҳбоби сухани хушоянд гуфтан ва ин ки боист ҳамеша аз суханони яъсовар, ки бадфолӣ ва бадгумонӣ барои афрод падид меоварад, парҳез намоем.*

1675 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд Адво (сирояти беморӣ ба дигаре) ва бадфолӣ нест. Ва ҳар гоҳе (фоли бад) дар чизе бошад, пас дар сарой ва зан ва асп аст.

*Шарҳ: Бадфолии хона дар тангии он ва ҳамсояҳои бади он ва бадфолии зан дар бадахлоқии вай ва нозоидани ӯ ва шумии асп дар саркаш будану ром нашудани он аст.*

1676 - Аз Бурайда (р) ривоят аст, ки гуфт паёмбар бадфолӣ наменамуд.

1677 - Аз Урва ибни Омир (р) ривоят аст, ки гуфт аз бадфолӣ дар назди Расули Худо (с) ёд шуд ва фармуд: некӯтар он фол аст ва мусалмонро (бадфолӣ аз анҷоми амалаш) мутараддид намесозад ва ҳар гоҳ яке аз шумо чизеро бубинад, ки аз он бад

мебарад, бояд бигӯяд: ***Алоҳумма ло яътӣ би-л-ҳасаноти илло анта вало ядфаъу-с-сайиоти илло анта вало ҳавла вало қуввата илло бика.*** Парвардигоро! Некиҳоро ҷуз Ту касе намеоварад ва бадиҳоро ҷуз Ту касе дафъ намекунад ва нест гардидани аз маъсият ва қудрати бар тоъат ҷуз ба тавфиқи Ту.

## БОБИ 305. Таҳрими кашидани акс ва тасвири зиндаҷон бар фарш ё санг ё ҷома ё динор ё болиш ва ғайри он ҳурмат гирифтани акс бар девор ва сақф ва парда ва аммома (лунгӣ) ва ҷома ва амсоли он ва амр ба аз байн бурдани он

1678 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Онҳое, ки ин аксҳо ва суратҳоро месозанд дар рӯзи қиёмат азоб мешаванд ва ба эшон гуфта мешавад ки онҳоро зинда кунед.

1679 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) аз сафаре омаданд дар ҳоле ки долони хонаамро ба пардае пушонда будам, ки дар он аксҳои (ҷондоре) буд. Чун Расули Худо (с) онро дид, чеҳраашон дигаргун шуд ва фармуд: Эй Оиша! Сахтарин мардум аз рӯи азоб ононе ҳастанд, ки ба офариниш ва хилқати Худо шабиҳ месозанд. Гуфт: сипас онро бурида, аз он як ё ду болиш сохтем.

1680 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки аз Расули Худо (с) шунид, ки мефармуд: Ҳар суратгар дар дӯзах аст ва дар баробари ҳар аксе, ки кашида мавҷуде барояш сохта мешавад ва ӯро дар дӯзах шиканҷа ва азоб мекунад. Ибни Аббос (р) гуфт: Агар ҳатман ин корро мекунӣ, пас дарахт ва он чи ки рӯҳ надорад, бисоз.

1681 - Ҳамчунон аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мегуфт: Касе, ки дар дунё сурате дуруст кунад, дар рӯзи қиёмат мукаллаф мешавад, ки дар он рӯҳ бидамад, дар ҳоле, ки тавони онро надорад.

1682 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Сахттарин мардум аз рӯи азоб дар рӯзи қиёмат дар назди Худованд суратгирон ҳастанд.

1683 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд, Худованд фармуд: **Ва кадом кас ситамгортар аст аз он ки рафта, то махлуқе мисли махлуқи ман биёфаринад, пас мӯрча ё донаи гандуме ё донаи ҷаве биёфаринанд.**

1684 - Аз Абуталҳа (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Фариштагон ба хонае, ки дар он саг ва сурат бошад, дохил намешаванд.

1685 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ҷабраил (ъ) ба Расули Худо (с)ваъда намуд, ки наздаш биёяд ва зиёд таъхир намуд. Ин амр ба Расули Худо (с) гарон омад. Берун баромад, Ҷабраил (ъ) бо ӯ мулоқот намуд. Паёмбар (с) ба ӯ шиква намуд ва ӯ гуфт: Мо ба хонае, ки дар он саг ва тасвир бошад, мо ворид намешавем.

1686 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҷабраил (ъ) ба Расули Худо (с) ваъда дод, ки дар соати муаян ба диданаш ояд, вале он лаҳза даррасид ва ӯ наомад. Гуфт: Дар дасташон асое буд, ки онро ба замин андохт, дар ҳоле, ки мефармуд: Худо ва паёмбаронаш ба ваъдаашон хилоф намекунанд ва мутаваҷеҳ шуда диданд, ки сагбачае зери тахташон аст ва фармуд: Ин саг чӣ вақт дохил шуд? Гуфтам: Валлоҳи, аз омаданаш хабар надорам. Дастур дод аз хона берун карда шуд ва баъд Ҷабраил (ъ) хидматашон омад. Расули Худо (с) фармуд ба ман ваъда намудӣ ва нишастам, вале наёмадӣ! Гуфт: Саге, ки дар хонаат буд монеъи вурудам шуд. Ҳамоно мо ба хонае, ки дар он саг ва тасвир бошад дохил намегардем.

1687 - Аз Абулҳайёҷи Ҳайён ибни Ҳусайн ривоят шуда, ки гуфт: Алӣ (р) бароям гуфт: оё нафиристам туро бар он чи Расули Худо (с) маро ба он фиристод? Ин ки ҳеҷ тасвиреро нагзорӣ, магар ин ки маҳваш кунӣ ва қабри баландеро наёбӣ, магар ин ки ҳамвораш гардонӣ.

## БОБИ 306. Ҳаром будани нигаҳдории саг, ҷуз барои шикор, ё гӯсфандон ва зироат (кишоварзӣ)

1688 - Аз Ибни Умар (р) ривоят шуда, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд, он, ки сагеро ҷуз саги шикорӣ ё саги рама нигоҳ дорад, рӯзона ду паймонаи бузург аз муздаш кам мешавад. Ва дар ривояте як паймона омадааст.

1689 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки сагеро нигаҳ дорад, ҳар рӯз аз амалаш як паймонаи бузург кам мешавад, ҷуз саги зироъат ё рама. Ва дар ривояте омада, касе ки сагеро нигаҳ дорад, ки саги шикор ва рама ва замин набошад, ҳар рӯз ду паймонаи бузург аз муздаш кам мешавад.

## БОБИ 307. Нописанд будани овезон кардани занг бар шутур ва ғайра ва кароҳияти ҳамроҳ будани саг ва занг дар сафар

1690 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Фариштагон ҳамроҳӣ намекунанд ҷамоъатеро, ки дар он саг ё занг бошад, (*яъне бидуни зарурат*).

***Шарҳ:*** *Мурод аз он фариштагони раҳмат аст, на малоики нигаҳбон, ки ҳамеша бо инсон сару кор доранд.*

1691 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Занг аз оҳангҳои шайтон аст.

## БОБИ 308. Кароҳияти саворӣ бар ҷалола ва он шутури нар ва ё моддаест, ки наҷосат мехӯрад ва агар баъд аз он алафи поке хӯрад ва гӯшташ хуб шуд, кароҳият дур шавад

1692 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) аз савор шудан бар шутури ҷалола манъ фармуд.

## БОБИ 309. Манъ аз андохтани оби даҳон дар масҷид ва амр ба дуршаванда кардани он аз масҷид ҳар гоҳ дар он дида шуд ва амр ба пок нигаҳ доштани масҷид аз палидиҳо

1693 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Оби даҳон андохтан дар масҷид гуноҳ аст ва каффораи он дафн кардан аст.

1694 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) оби даҳан ё оби бинӣ ё ахлоти сина ва балғамеро дар девори қиблаи масҷид дида ва онро пок намуд.

1695 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно ин масҷид барои чизе аз ин бавл ва палидӣ муносиб нест, балки барои зикри Худо ва хондани Қуръон аст, ё чунон ки Расули Худо (с) фармуд.

## БОБИ 310. Кароҳияти даъво ва баланд кардани садо ва ҷустуҷӯи гумшуда ва харид ва фурӯш ва иҷорат ва муъомилоти дигар дар масҷид

1696 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки ӯ аз Расули Худо (с) шунид, ки мегуфт: Он, ки аз марде шунавад, ки гумшудаеро дар масҷид ҷустуҷӯ мекунанд бояд ба ӯ бигӯяд: Худованд онро ба ту бознагардонад, зеро масоҷид барои ин кор сохта нашудааст.

1697 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ касеро дидед, ки дар масҷид харид ва фурӯш мекунад, ба ӯ бигӯед: Худованд бар тиҷоратат фоидае мураттаб насозад ва ҳар гоҳ касеро гумшуда дидед, ки гумшудаеро дар масҷид ҷустуҷӯ мекунад, ба ӯ бигӯед: Худованд онро ба ту бознагардонад.

1698 - Аз Бурайда (р) ривоят аст, ки марде гумшудаеро дар масҷид ҷустуҷӯ карда гуфт: Кадом кас шутури сурхеро

шиносӣ кард? Расули Худо (с) фармуд: онро наёбӣ, масҷид барои чизе, ки барои он бино гардида сохта шудааст. (яъне барои ибодат)

1699 - Аз Амр ибни Шуъайб аз падараш аз бобояш ривоят аст, ки Расули Худо (с) аз хариду фурӯш дар масҷид наҳй намуд ва ҳам аз ин, ки гумшудае дар он ҷустуҷӯ гашта ё дар он шеъре хонда шавад, (манъ карданд).

1700 - Аз Соиб ибни Язиди Саҳобӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: дар масҷид будам, марде маро ба сангреза зад ва нигариста дидам, ки ӯ Умар ибни Хатоб (р) аст, гуфт: бирав ва ин ду нафарро наздам биёвар, он дуро наздаш овардам ва гуфт: шумо ду нафар аз куҷоед? Гуфтанд: аз мардумони Тоиф. Гуфт: агар шумо аз мардумони ин шаҳр мебудед, шуморо дарднок месохтам (*лату кӯб мекардам, калтак мезадам*). Садоҳоятонро дар масҷиди Расули Худо (с) баланд макунед!

## БОБИ 311. Манъ намудан аз он ки пиёз ё сир ё курос (гандана, тараи фарангӣ) ва ё ҷуз онро бихӯрад, ки бӯи бад дорад аз дохил шудан ба масҷид пеш аз рафтани бӯйи он магар барои зарурате

1701 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он ки аз ин дарахт (сир) бихӯрад бояд, ки ба масҷиди мо наздик нашавад.

1702 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он ки аз ин дарахт бихӯрад, бояд ба мо наздик нашуда ва бо мо намоз нагзорад.

1703 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Касе ки пиёз ё сир бихӯрад, бояд аз мо дурӣ ҷӯяд ё бояд аз масҷиди мо дурӣ ҷӯяд.

1704 - Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки вай дар рӯзи ҷумъа хутба хонда, дар хутбааш гуфт: Шумо, эй мардум, аз ду дарахте мехӯред, ки онро ҷуз хабис намедонам, пиёз ва сир. Ҳамоно Расули Худо (с)-ро дидам, ки чун бӯи онро дар

масҷид аз касе эҳсос мекард, амр менамуд ва ба Бақиъ берун карда мешуд. Пас ҳар ки ҳамин дуро бихӯрад, бояд ки бо пухтанаш бӯяшро гум кунад.

## БОБИ 312. Манъ аз иҳтибоъ (пушт ва соқҳои поро ба ҷома баста нишастан) дар рӯзи ҷумъа, дар ҳоле ки имом хутба мехонад, зеро ин кор хоб оварда, шахсро аз шунидани хутба маҳрум месозад ва тарси шикастани вузӯ ҳам вуҷуд дорад

1705 - Аз Маъоз ибни Анаси Ҷӯҳанӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) аз ҳибва (*бастани соқи по*) дар рӯзи ҷумъа ва дар ҳоле ки имом хутба мехонад, наҳй фармуд.

## БОБИ 313. Манъи он ки даҳаи зулҳиҷҷа бар ӯ дохил шавад ва бихоҳад қурбонӣ кунад, аз гирифтани чизе аз мӯй ё нохунҳояш то ин ки қурбонӣ намояд

1706 - Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки бар вай забҳе бошад, ки онро забҳ менамояд (*яъне, қурбонӣ бар ӯ воҷиб бошад*), бояд бо оғоз шудани моҳи зулҳиҷҷа чизе аз мӯй ва нохунҳояшро нагирад, то ин ки қурбонӣ кунад.

## БОБИ 314. Манъ намудан аз савганд хӯрдан ба махлуқ монанди паёмбар (с) ва Каъба ва фариштагон ва осмон ва падарон ва зиндагӣ ва рӯҳ ва сар ва неъмати подшоҳ ва хоки фалонӣ ва амонат ва ин аз ҳама бештар мамнӯъшуда аст

1707 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Худованд шуморо манъ мекунад аз ин ки ба падаронатон

савганд бихӯред, пас касе, ки савганд ёд мекунад, бояд ба Худованд савганд хӯрад ё хомӯш шавад.

1708 - Аз Абдураҳмон ибни Самура (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ба бутҳо ва падарҳоятон қасам нахӯред. Ва дар ривояти дигар аз тариқи Муслим омада, ки ба тавоғит (тоғутҳо) ва он иборат аз шайтон ва бут аст.

1709 - Аз Бурайда (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки савганд ба амонат хӯрад, аз мо нест.

***Шарҳ:*** *Савганд хӯрдан ба амонат ҷавоз надорад, зеро савганд хӯрдан ба асмо ва сифот ҷавоз дорад ва амонат аз сифоти Худовандӣ намебошад, балки амре аз авомир ва фарзе аз фарзҳои Худост ва наҳй аз он сабаб сурат гирифта, ки таваҳҳуми мусовоти он бо сифоти Худо нашавад.*

1710 - Ҳамчунон аз Бурайда (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Он ки савганд хӯрда ва гуфт ман аз ислом безорам, пас агар дурӯғгӯ бошад, ӯ чунон аст, ки гуфта ва агар ростгӯ бошад, пас ҳаргиз ба ислом саломат бознамегардад.

1711 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки ӯ мардеро шунид, ки мегуфт на ва савганд ба Каъба. Ибни Умар (р) гуфт: Ба ғайри Худо савганд махӯр! Зеро аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Он ки ба ғайри Худо савганд бихӯрад, ҳамоно кофир шуда ё ширк овардааст.

***Шарҳ:*** *Бархе аз уламо сухани он ҳазрат (с) "куфр ва ширк"-ро бар таглиз ва таҳдид ҳамл намудаанд, чунон ки ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Риё ширк аст. Наҳй низ бар сабили таҳрим аст, ҳар гоҳ касе ки бадон савганд хӯрд, иродаи таъзими ӯро дошта бошад, пас агар мақсуд аз таъзими он мисли таъзими Худо бошад, кофир мешавад ва агар бар забонаш савганд омад, ба ҷиҳати идғоми сухан кароҳият дорад ва ҳар гоҳ бидуни қасд бар забонаш омад, кароҳият надорад ва дар ин ҳолат бояд* **Ло илоҳа иллаллоҳ бигӯяд***, зеро дар ин маврид ҳадиси муттафақун алайҳ ворид шудааст.*

## БОБИ 315. Душвор будани ҷазои савганди дурӯғе, ки аз рӯи қасд бошад

1712 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он ки бар моли шахси мусалмон бидуни ҳақ савганд хӯрад, бо Худо рӯ ба рӯ мешавад, дар ҳоле ки бар вай хашмнок аст. Гуфт: сипас Расули Худо (с) мисдоқи онро аз китоби Аллоҳ бар мо хонд: **(Инна-л-лазина яштарӯна биъаҳдиллоҳи ва аймониҳим саманан қалилан).** *"Онон ки аҳди Худо ва савгандҳои хешро ба баҳои андак фурӯшанд..."* то охири ояи 77-и сураи Оли Имрон.

1713 - Аз Абуумома Иёс ибни Саълабаи Ҳорисӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе ки ҳақи шахси мусалмонеро қатъ намояд, ҳамоно Худованд дӯзахро бар ӯ воҷиб сохта ва биҳиштро бар ӯ ҳаром мекунад. Марде барояш гуфт: Ва агар чи чизи каме ҳам бошад ё Расулаллоҳ (с)? Фармуд: Ҳарчанд шохаи ароке ҳам бошад.

***Шарҳ:*** *Арок номи дарахтест, ки аз чӯби он мисвок таҳия мешавад.*

1714 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармуд: Гуноҳони кабира шарик овардан ба Худо, нофармонии падару модар, куштани нафс ва савганди ғаммуз аст. Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят намудааст ва дар ривояте аз вай омада, ки аъробие хидмати паёмбар (с) омада ва гуфт: ё Расули Худо (с) гуноҳони кабира кадоманд? Фармуд: Ширк овардан ба Худо. Гуфт: боз кадом? Он ҳазрат (с) фармуд: Ямину-л-ғамус. Гуфт: Ямину-л-ғамус чист? Фармуд: савганде, ки моли шахси мусалмонеро бигирад (*яъне, ба савганде, ки ӯ дар он дурӯғгӯ аст*).

## БОБИ 316. Истиҳбоби он ки бар чизе савганд бихӯрад ва ғайри онро аз он беҳтар бинад, ин ки хилофи он чиро савганд хӯрда, анҷом диҳад ва сипас ба ҷои савгандаш каффора диҳад

1715 - Аз Абдураҳмон ибни Самура (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) бароям фармуд: Ва ҳар гоҳ бар чизе савганд хурдӣ ва ғайри онро беҳтар аз он дидӣ, онро, ки беҳтар аст анҷом дода ва ба ҷои савгандат каффора деҳ.

1716 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар фармуд: Он, ки бар чизе савганд хӯрд ва ғайри онро беҳтар аз он бинад, бояд барои савгандаш кафорат дода, он коре, ки беҳтар аст анҷом диҳад.

1717 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ман валлоҳи агар Худо бихоҳад бар чизе савганд намехӯрам, ки сипас чизеро бубинам, ки аз он беҳтар аст, магар ин ки аз ҷои савганд каффорат дода ва он чиро ки хайр аст, анҷом медиҳам.

1718 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Агар яке аз шумо бо савгандаш дар миёни хонаводааш пофишорӣ кунад, гуноҳаш дар назди Худо фузунтар аз он аст, ки каффораи онро, ки Худо бар вай фарз гардонида, бидиҳад.

## БОБИ 317. Авф ва гузашт аз савганди лағв (беҳуда) ва ин ки каффорае дар он нест ва он савгандест, ки бидуни қасд бар забон ояд, монанди гуфтааш бар асоси одат: не, валлоҳ ва оре, валлоҳ ва амсоли он

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿لا يُؤَاخِذُكُمُ اللهُ بِاللَّغْوِ فِي أَيْمَانِكُمْ (٤) وَلَكِنْ يُؤَاخِذُكُمْ بِمَا عَقَّدْتُمُ الأَيْمَانَ فَكَفَّارَتُهُ إِطْعَامُ عَشَرَةِ مَسَاكِينَ مِنْ أَوْسَطِ مَا تُطْعِمُونَ أَهْلِيكُمْ، أَوْ كِسْوَتُهُمْ، أَوْ تَحْرِيرُ رَقَبَةٍ (٥) فَمَنْ لَمْ يَجِدْ فَصِيَامُ ثَلاثَةِ أَيَّامٍ، ذَلِكَ كَفَّارَةُ أَيْمَانِكُمْ إِذَا حَلَفْتُمْ وَاحْفَظُوا أَيْمَانَكُمْ﴾ [المائدة: ٨٩].

Худованд мефармояд: **Бозхост намекунад шуморо Худованд ба лағв дар савгандҳоятон, валекин муохаза мекунад шуморо ба сабаби маҳкам кардани савгандҳо ба қасд. Пас каффораи он таъом додани даҳ мискин аст, аз ҷинси миёна аз он чи таъом мекунед аҳлатонро ё либоси онҳост ё озод кардани бардаест, Пас, касе ки наёбад, пас рӯзаи се рӯза аст он каффораи савгандҳои шумост, чун савганд хӯрдед ва нигоҳ доред савгандҳоятонро.** *(Моида: 89)*

1719 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: ин оя ***"Ло яъхузукумуллоҳу биллагви фи аймоникум.*** Яъне: *Худованд шуморо ба савгандҳои лагв ва беҳудаи шуморо муҷозот намекунад" дар сухани марде, ки мегӯяд: на, ба Худо ва бале, ба Худо, нозил шуд.*

## БОБИ 318. Кароҳияти савганд хӯрдан дар муомила ҳарчанд ростгӯ бошад

1720 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Савганд, василаест барои ривоҷ додани матоъ ва василаест барои маҳв кардани (*баракати*) касб.

1721 - Аз Абуқатода (р) ривоят аст, ки ӯ аз Расули Худо (с) шунид, ки мефармуд: Аз зиёд савганд хӯрдан дар фурӯш бипарҳезед, зеро ин кори тиҷоратро ривоҷ медиҳад ва сипас нобуд мекунад.

## БОБИ 319. Макрӯҳ будани ин ки инсон ба рӯи Худо чизе ҷуз биҳиштро талабад ва кароҳияти надодан ба касе, ки ба номи Худо чизеро дархост кунад ва номи Аллоҳ таъолоро шафиъ орад

1722 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст ки Расули Худо (с) фармуд :Ба ваҷҳи Аллоҳ (ба зоти Худо) ҷуз биҳишт ҷизе хоста нашавад.

1723 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Он, ки ба номи Худо ба шумо паноҳ ҷуст, ӯро паноҳ диҳед ва он, ки ба номи Худо чизеро талаб кард, ба вай бидеҳед ва касе ки шуморо даъват кард, ӯро иҷобат кунед ва он ки ба шумо эҳсоне намуд, ӯро мукофот диҳед ва агар чизе наёфтед, ки мукофот диҳед дар ҳаққи вай дуо кунед, то бубинед, ки шумо мукофоташро додаед.

## БОБИ 320. Таҳрими ин ки барои подшоҳ ва ғайри ӯ шоҳаншоҳ гуфта шавад, зеро маъноят подшоҳи подшоҳон аст ва ҷуз Аллоҳ таъоло касе ба ин сифат мавсуф шуда наметавонад

1724 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Пасттарини номҳо назди Худованд мардест, ки худро шоҳи шоҳон биномад. *Суфён ибни Уяйна (р) гуфт:* Малику-л-амлок *мисли (шоҳаншоҳ) аст.*

## БОБИ 321. Манъи мухотаб кардани фосиқ ва бидъаткор ва амсолашон ба оқо ва амсоли он

1725 - Аз Бурайда (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Барои мунофиқ оқо нагӯед, зеро агар вай оқо бошад, Парвардигори худро ба хашм овардед.

***Шарҳ:*** *Яъне, ҳар гоҳ мунофиқ ё фосиқ баландмартабатар аз дигарон бошад, ҳамоно Худоятонро бо бузург шумурдан ва таъзими душманаш ба хашм овардаед.*

## БОБИ 322. Кароҳияти дашном додани таб

1726 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) барои умми Соиб ё умми Мусайяб ворид шуда ва фармуд: Эй умми Соиб (*ё умми Мусайяб*) туро чӣ шуда? Чаро меларзӣ? Гуфт: табам шуда, ки Худо дар он баракат надиҳад. Фармуд: Таброн дашном

мадеҳ, ки таб гуноҳони фарзандони одамро мебарад, ҳамон тавр ки кураи оҳангар чирк ва зангор ва рими оҳанро мебарад.

## БОБИ 323. Манъ аз дашном додани бод ва дуъое, ки дар ҳангоми вазидани он гуфта мешавад

1727 - Аз Абулмунзир Убай ибни Каъб (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Бодро дашном мадиҳед, ҳар гоҳ чизеро дидед, ки аз он кароҳият доред, бигӯед: ***Аллоҳума ино насъалука мин хайри ҳозиҳи риҳи ва хайри мо фиҳо ва хайри мо умират биҳи ва наъузу бика мин шарри ҳозиҳи риҳи ва шарри мо фиҳо ва шарри мо умират биҳи.*** Парвардигоро, аз хайри ин бод ва хайре, ки дар он аст ва хайре, ки ӯро бадон дастур додаӣ паноҳ металабем ва аз шарри ин бод ва шарре, ки дар он аст ва шарре, ки ӯро бадон маъмур сохтаӣ, ба ту паноҳ меҷӯем.

1728 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Бод, раҳмати Худо бар бандагонаш аст, ки раҳмат ва азобро бо худ меоварад, пас ҳар гоҳ онро дидед, дашномаш надиҳед ва аз Худованд хайри онро дархост кунед ва ба Худованд аз бадии он паноҳ ҷӯед.

1729 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Чун бод шиддат меёфт, паёмбар (с) мефармуд: ***Аллоҳумма иннӣ асъалука хайраҳо ва хайра мо фиҳо ва хайра мо урсилат биҳи ва аъузу бика мин шарриҳо ва шарри мо фиҳо ва шарри мо фиҳо ва шарри мо урсилат биҳи.*** Яъне: Парвардигоро! Ман хайр онро ва хайреро, ки дар он аст ва хайреро, ки ба василаи он фиристода шуда аз Ту металабам ва аз шарре, ки дар он ҳаст ва шарре, ки ба василааш фиристода шуда ба Ту паноҳ меҷӯям.

## БОБИ 324. Кароҳияти дашном додани хурӯс

1730 - Аз Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ (р) ривоят аст ки Расули Худо (с) фармуд: Хурӯсро дашном мадиҳед, зеро ӯ шуморо барои намоз бедор мекунад.

## БОБИ 325. Манъ аз ин ки шахс бигӯяд ба воситаи вақти фалон ё ситораи фалон бар мо борон борид

1731 - Аз Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) дар Ҳудайбия дар ақиби бороне, ки аз тарафи шаб борида буд, бар мо намоз гузорид ва чун намозро тамом кард, ба мардум рӯй оварда, фармуд: Оё медонед, ки Парвардигори шумо чӣ фармуд? Гуфтанд: Худо ва расулаш донотар аст. Гуфт: Фармуд: Субҳ намуд аз бандагонам мӯъмини ба ман ва кофири ба ман ва аммо касе ки гуфт: ба фазлу раҳмати Худо бар мо борон нозил шуд, он кас ба ман мӯъмин буда ва ба ситора кофир аст ва аммо касе ки гуфт: ба воситаи ситораи фалон ё толиъи фалон бар мо борон борид, пас ӯ ба ман кофир буда ва ба ситора имон дорад, зеро муассир дар ҳама ашё Худованд асту бас.

***Шарҳ:*** *имом Шофиъӣ дар асари машҳураш* ***“ал-Умм”*** *мегӯяд, он ки мисли мушрикин, ки боронро ба вақти фалон ва фалон нисбат медоданд, бигӯяд “мутирно бинави казо ва казо” ва ҳақиқатан бад-он эътиқод кунад, ин амал куфр ба ҳисоб меравад, зеро навъ вақт аст ва вақт махлуқ буда, барои худ ва дигарон молики чизе нест ва он ки бигӯяд: “мутирно бинавъи казо” ва муродаш ин бошад, ки фалон вақт бар мо борон боридан гирифт. Ин ҷумла куфр шумурда намешавад, вале агар ин суханро нагӯяд, беҳтар аст.*

## БОБИ 326. Дар баёни таҳрими гуфтани шахси мукаллаф барои мусалмон, эй кофир!

1732 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ шахсе ба бародараш бигӯяд: Эй кофир! Ҳамоно калимаи мазкур ба яке аз онҳо бозгашт мекунад. Агар чунон ки гуфта буд ҳамон хел бошад хуб, варна (куфр) ба вай бозмегардад.

1733 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки вай аз Расули Худо (с) шунид, ки мефармуд: Он ки мардеро кофир хонад ё бигӯяд: душмани Худо ва ӯ чунон нест, магар ин ки бар вай бозмегардад.

## БОБИ 327. Манъ аз кирдори бад ва гуфтори бад

1734 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Муъмини зиёд таънакунанда, зиёд лаънаткунанда ва бадкирдору бадгуфтор нест.

1735 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Гуфтор ва кирдори бад дар чизе набувад, магар ин ки зишташ сохт ва ҳаё дар чизе набувад, магар ин ки зинаташ дод.

## БОБИ 328. Кароҳияти изҳори фасоҳат намудан бо такаллуф дар сухан ва истифода кардани калимоти ноошно ва иъробҳои дақиқ дар хитоб бо мардуми аввом ва амсолашон

1736- Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Мутанаттиъун *“аз ҳад гузарандагон”* ҳалок шуданд ва онро се бор такрор намуд.

***Шарҳ:*** *Мутанаттиъун, онҳоеанд, ки бемаврид дар корҳо муболига менамоянд ва аз охири халқи пеш сӯҳбат мекунанд. Дар тавзеҳи маъонӣ ва мафоҳими аҳодиси ворида дар ин боб бояд гуфта шавад, ки ҳар коре, ки аз ҷумлаи даъват ва даъватгарӣ бошад, бояд барои ризои Худованд ва дар меҳвари шариъат анҷом шавад ва ҳеҷ гуна муболигаи бемаврид дар ин қисмат ҷавоз надорад. Аз ин рӯ, ҳар амале, ки баёнгари риёкорӣ ва хештанбинии афрод бошад, аз назари шариъати исломӣ ҳаром аст, ки бидуни шак умуре, ки дар ин аҳодис аз он манъ шуда намоёнгари ин матлабанд ва аз ҳамин рӯ аст, ки аз сӯи шариъат нодуруст ба шумор рафтаанд ва дар*

*мавриди афроде, ки муртакиби чуин хатоҳое мешаванд, таҳдиди шадиде омадааст.*

1737 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно Худованд душман медорад мардони балиғеро, ки забони худро монанди гов (дар даҳонашон) мепечанд.

1738 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аз дӯстдортарин ва наздиктарини шумо ба ман аз рӯи ҳамнишинӣ дар рӯзи қиёмат хушахлоқтарини шумост. Ва ҳамоно бештарини шумо аз рӯи душманӣ ва дуртарини шумо дар рӯзи қиёмат бисёргӯён ва ба кунҷи лаб сухангӯён ва пургӯёни такаббурпешаанд.

## Боби 329. Кароҳияти ин гуфтаи шахс, ки нафсам хабис (палид) шудааст

1739 - Аз Оиша (р) аз паёмбар (с) ривоят шуда, ки фармуд: Ҳаргиз касе аз шумо нагӯяд, ки нафсам хабису палид шуда, балки бигӯяд: Нафсам бад шудааст.

## БОБИ 330. Нодуруст будани номидани дарахти ангур ба карм

1740 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Дарахти ангурро карм (маъдани караму ҷавонмардӣ) наномед, зеро карм мусалмон аст. Ин лафзи Муслим аст. Ва дар ривояти дигар аз Муслим омада ки: Ҳамоно карм дили мусалмон аст. Ва дар ривояте аз Бухорӣ ва Муслим омада, ки мегӯянд: Карм, ҳамоно карм, дили мусалмон аст.

1741 - Аз Воил ибни Ҳаҷар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Барои токи ангур магӯед: «карм» вале инаб ва ҳабала гӯед.

## БОБИ 331. Манъ аз тавсифи зебоиҳои зан барои марде, ки бад-он ниёзе надорад, магар ин ки барои манзури шаръӣ бошад, монанди никоҳ ва амсоли он

1742 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҷоиз нест зане ба сӯи зани дигаре бодиққат бингарад ё ин ки ҷисми ӯро ламс кунад ва сипас онро назди шавҳараш тавсиф кунад, ки гӯё ба сӯяш менигарад.

***Шарҳ:*** *Ҳикмати ин манъ он аст, ки мабодо хуши шавҳар аз тавсифи мазкур биёяд ва ин кор сабаб шавад ҳамсаришро талоқ диҳад ва бо тавсифшуда издивоҷ кунад ё ба фитна ва муҳаббати тавсифшуда гирифтор шавад, аз ин рӯ ин кор мамнӯъ аст, магар ин ки тавсифи он барои сабаби шаръӣ бошад, монанди хостгорӣ ва ғайра.*

## БОБИ 332. Кароҳияти сухани инсон дар дуъое, ки Бор, Худоё! Агар мехоҳӣ ба ман биёмурз! Балки бояд талаб ва дархости ӯ қотиъ бошад

1743 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ гоҳ яке аз шумо нагӯяд Бор, Худоё! Агар мехоҳӣ маро биёмурз. Бор, Худоё! Агар ту мехоҳӣ бар ман раҳм кун, балки бояд ҷиддӣ савол намояд, зеро мукриҳ ва водоркунандае барои ӯ таъоло нест ва дар ривояте аз Муслим омада, ки пас бояд саволро аз рӯи ҷазм ва қатъ (*қотеъият*) намояд ва рағбатро зиёд кунад, зеро барои Худованд муҳим нест, ки чизеро ато намояд.

1744 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо дуъо кард бояд суолро ба таври қотиъ диҳад ва нагӯяд: Бор, Худоё, агар мехоҳӣ бароям бидеҳ, зеро ҳамоно мукриҳе (маҷбуркунандае) барои Ӯ таъоло нест.

## БОБИ 333. Нописандида будани ин гуфта, ки он чи Худо ва фалонӣ бихоҳад

1745 - Аз Ҳузайфа ибни Ямон (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Магӯед он чи Худо ва фалонӣ бихоҳад, балки бигӯед: Он чи Худованд бихоҳад ва сипас фалонӣ бихоҳад.

***Шарҳ:*** *Магӯед* он чи Худо ва фалонӣ бихоҳад, *зеро **"вов"** тақозои мушорикатро мекунад, дар ҳоле ки машият ва иродаи Худо қадим ва азалӣ ва машияти банда ҳодис аст, балки бигӯед,* ки он чи Худо бихоҳад ва боз фалонӣ ирода намояд.

## БОБИ 334. Кароҳияти гуфтугӯ баъд аз намози хуфтан

Мурод сӯҳбатест, ки дар ғайри ин вақт мубоҳ мебошад ва кардану накардани он баробар аст. Вале сухани ҳаром ё макрӯҳ дар ғайри ин вақт, ҳурмату макрӯҳии он дар ин вақт бештар аст. Аммо гуфтугӯи хайр, монанди мубоҳисаи илми дин ва достони солиҳон ва ахлоқи ҳамида ва низ гуфтугӯ бо меҳмон ва ниёзманд ва амсоли он кароҳияте надорад, балки мустаҳабу писандида аст. Ҳамчунин аз ҷиҳати узр ва коре, ки ногаҳ сар мезанад, сӯҳбату гуфтугӯ кардан макрӯҳ нест. Аҳодиси саҳиҳ дар мавриди ҳама он чи ки зикр намудаем, ба тариқи зайл баён мегардад:

1746 - Аз Абубарза (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) хоби пеш аз ъишо (*хуфтан*) ва сӯҳбат ва гуфтугӯ баъд аз онро зишт мешумурданд.

***Шарҳ:*** *Ба далели он ки хоби пеш аз намози хуфтан инсонро зоеъ мекунад ва танбалӣ ба бор меоварад ва сӯҳбати пас аз он низ камхобиро ба бор меоварад ва дар натиҷа эҳтимолӣ қазо шудани намози субҳ низ дар он мутасаввир аст ва шояд ҳам яке аз ҳикматҳои ҳамидаи он ин бошад, ки анҷоми аъмоли рӯз бо намоз поён ёбад ва шахс бо адои намоз ҳамзамон бихобад.*

1747 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) дар охири зиндагии хеш намоз хуфтанро гузорид ва чун салом дод, фармуд: Ба ин шабатон бингаред ва онро ба ёд доред, зеро бар сари сад сол аз касоне, ки имрӯз дар рӯи заминанд яке боқӣ намемонад.

1748 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки онон интизории паёмбар (с) кашиданд ва он ҳазрат (с) наздики нимаҳои шаб омад ва бар онон намози ъишоро хонд ва сипас ба мо хутба хонда ва фармуд: Бохабар бошед, ки мардум намоз гузориданд ва рафтанд ва шумо дар намоз будед, то замоне ки интизори намозро кашидед.

## БОБИ 335. Ҳаром будани худдории зан аз ин ки бо шавҳараш ҳамбистар гардад, ҳар гоҳ вайро талаб кунад ва ӯ низ узри шаръӣ надошта бошад

1749 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки ҳар гоҳ марде занашро ба бистари хеш хост ва ӯ аз омадан мамониъат варзид ва вай бар ӯ хашмнок шабро гузаронид, фариштагон то субҳ ӯро лаънат мекунанд ва дар ривояте омада, ки то ин ки (*ба бистари шавҳараш*) бозгардад.

## БОБИ 336. Ҳурмати гирифтани зан рӯзаи нофиларо дар ҳоле, ки шавҳараш ҳозир аст, магар ба иҷозаи ӯ

1750 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Барои зан раво нест, ки рӯза гирад (*мурод рӯзаи нофила аст)*, дар ҳоле ки шавҳараш ҳозир аст, магар ба иҷозаи вай ва ин ки барои касе иҷозаи вуруд ба хонаашро бидуни иҷозааш диҳад.

## БОБИ 337. Таҳрими боло кардани муқтадӣ сари хешро аз рукӯъ ё саҷда пеш аз имом

1751 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Оё наметарсад яке аз шумо ҳар гоҳ сарашро пеш аз имом боло кунад, аз ин ки Худованд сарашро сари улоғ (*хар*) гардонад ва ё ин ки шакли ӯро шакли улоғ созад, (*ӯро камақл ва нодон гардонад*).

## БОБИ 338. Кароҳияти гузоштани даст бар тиҳигоҳ дар намоз

1752 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) аз гузоштани даст бар тиҳигоҳ дар намоз манъ фармуд.

***Шарҳ:*** *Барои он ки ин кор дур аз адаб дар баробари Маъбуди ягона аст.*

## БОБИ 339. Кароҳияти намоз гузоридан дар ҳангоми ҳозир шудани таъом, дар ҳоле ки ба он иштиёқ ҳам дорад

1753 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд, намозе дар вақти ҳозир шудани таъом нест ва на ҳам замоне ки ахбасон (*бавл ва ғоит*) бар шахс фишор оваранд.

***Шарҳ:*** *зеро дар ин суратҳо хушӯъ фавт мешавад ва дили инсон ба чизи дигаре ғайр аз намоз машғул мегардад.*

## БОБИ 340. Манъ аз нигаристан ба сӯи осмон дар намоз

1754 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чист ҳоли ононе ки дар намозашон чашмҳои худро ба сӯи

осмон боло менамоянд ва суханаш дар ин маврид шадид шуд, то ин ки фармуд: Ҳароина ҳатман аз ин кор худро бозхоҳанд дошт ва ё ин ки ҳатман чашмҳояшон рабуда хоҳад шуд.

***Шарҳ:*** *бояд гуфт, ки нигаристан дар намоз ба сӯи осмон ба иҷмоъи уламо нодуруст аст, зеро ин кор мухолифи адаб ва хушӯъи дар намоз аст.*

## БОБИ 341. Ин тараф ва он тараф нигаристан дар намоз бидуни узр

1755 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) дар мавриди илтифоти дар намоз пурсидам, фармуд: Рабуданест, ки шайтон аз намози банда мерубояд.

1756 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аз илтифот ва нигаристан дар намоз бипарҳезед. Зеро илтифот дар намоз сабаби ҳалокат аст ва агар аз рӯи зарурат буд, пас дар нофила равост, на дар фариза.

## БОБИ 342. Манъ аз адои намоз ба сӯи қабрҳо

1757 - Аз Абумарсад Канноз ибни Ҳусайн (р) ривоят аст, ки гуфт: аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ба сӯи қабрҳо намоз нагузоред ва бар онҳо нанишинед.

***Шарҳ:*** *ҳар гоҳ шахсе дар намоз рӯяшро тарафи қабр бигардонад ва қасди рӯй овардан бад-онро бикунад, ин кор ҳароми қатъӣ аст. Имом Шофиъӣ (р) мегӯяд: ҳаром медонам, ки қабр ҳамвор шуда ва бар он масҷид сохта шавад ё ҳамвор ҳам нашавад ва бар он намоз гузорида шавад аз ин ҷост, ки Расули Худо (с) мефармояд:* ***Аллоҳумма ло таҷъал қабрий васанан юъбаду.*** *Яъне, Парвардигоро қабрамро буте магардон, ки мавриди парастиш қарор гирад.*

## БОБИ 343. Ҳаром будани рад шудан ва гузаштан аз пеши рӯи намозгузор

1758 - Аз Абулҷуҳайм Абдуллоҳ ибни Ҳорис ибни Саммаи Ансорӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Агар мурургкунанда аз пеши рӯйи намозгузор бидонад, ки чи қадар гуноҳ дорад, ҳамоно агар чиҳил биистад, барои ӯ беҳтар аст, аз ин ки аз пеши рӯйи ӯ бигзарад. Ровӣ гуфт, намедонам. Гуфт: чиҳил рӯз ё чиҳил моҳ ё чиҳил сол.

## БОБИ 344. Кароҳияти оғоз намудани муқтадӣ ба намози нофила пас аз он ки муаззин шурӯъ ба иқомат намояд, хоҳ намози нофилаи мазкур суннати он намоз ва ё ғайри он бошад

1759 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст. ки паёмбар (с) фармуд: Чун намози фарз оғоз шуд, пас намозе ҷуз фарз нест.

## БОБИ 345. Кароҳияти хос сохтани рӯзи ҷумъа ба рӯза гирифтан ё шаби ҷумъа барои намози шаб аз миёни шабҳо

1760 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аз миёни шабҳо шаби ҷумъаро ба намоз ва аз байни рӯзҳо рӯзи ҷумъаро ба рӯза ихтисос надиҳед, магар ин ки рӯзае бошад, ки яке аз шумо онро рӯза мегирад.

1761 - Ҳамчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳеҷ кадоми шумо рӯзи ҷумъаро рӯза нагирад, магар ҳамроҳ бо рӯзе, ки пеш аз он аст ё баъд аз он.

1762 - Аз Муҳаммад ибни Аббод (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Ҷобир пурсидам, ки оё паёмбар (с) аз рӯзаи рӯзи ҷумъа манъ фармуд? Гуфт: Бале.

1763 - Аз Уммулмӯъминин Ҷувайрия бинти Ҳорис (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) рӯзи ҷумъа бар вай дохил шуд, дар ҳоле ки рӯза дошт, фармуд: Оё дирӯз рӯза гирифтӣ? Гуфт: на. Гуфт: оё мехоҳӣ, ки фардо рӯза бигирӣ? Гуфт: на. Фармуд: пас рӯзаатро бикшо.

## БОБИ 346. Таҳрими рӯзаи висол (пай дар пай) ва он ин аст, ки шахс ду рӯз ё беш аз он рӯза гирифт ва дар байни он нахӯрд ва наёшомид

1764 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паймбар (с) аз рӯзаи пай дар пай манъ фармуд.

1765 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) аз рӯзаи пай дар пай манъ фармуд. Гуфтанд: Шумо рӯзаи пай дар пай мегиред? Фармуд: Ман мисли шумо нестам, ҳароина ман таъом дода мешавам ва сероб мегардам.

## БОБИ 347. Таҳрими нишастан бар сари қабрҳо

1766 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Агар яке аз шумо болои як пораи оташ биншинад ва ҷомаашро сӯзонида ва ба пӯсташ бирасад, барояш беҳтар аз он аст, ки болои қабре бинишинад.

## БОБИ 348. Манъ аз гаҷ кардани қабрҳо ва бинои сохтмон бар он

1767 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) аз ин ки қабр гаҷкорӣ шавад ва ё бар он нишаста шавад ва ё бар он таъмир (*биное*) сохта шавад, манъ фармуд.

## БОБИ 349. Таъкиди ҳурмати гурехтани барда аз назди оқояш

1768 - Аз Ҷарир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар ғуломе, ки гурехт, ҳамоно аҳд ва амони вай аз байн рафтааст.

1769 - Ҳамчунон аз Ҷарир (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳар гоҳ бандае гурехт, намозе аз ӯ пазируфта намешавад. Ва дар ривояте омада, ки ҳамоно кофир шудааст (яъне, куфрони неъмат кардааст).

## БОБИ 350. Таҳрими шафоъат дар ҳудуд

قَالَ اللهُ تَعَالى : ﴿ الزَّانِيَةُ وَالزَّانِي فَاجْلِدُوا كُلَّ وَاحِدٍ مِنْهُمَا مِائَةَ جَلْدَةٍ وَلا تَأْخُذْكُمْ بِهِمَا رَأْفَةٌ فِي دِينِ اللهِ إِنْ كُنْتُمْ تُؤْمِنُونَ بِاللهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ ﴾ [النور: ٢].

Худованд мефармояд: **Зани зинокунанда ва марди зинокунанда. Пас бизанед ҳар якеро аз эшон сад дурра ва бояд ки дарнагирад шуморо шафқат бар эшон дар ҷорӣ кардани шаръи Худо, агар имон овардаед, ба Худо ва рӯзи охират.** *(Нур: 2)*

1770 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки кори зани махзумие, ки дуздӣ кард, бар Қурайш гарон омад ва гуфтанд. Кадом кас дар мавриди вай бо Расули Худо (с) сӯҳбат мекунад? Ва гуфтанд ҷуз Усома ибни Зайд (р) маҳбуби Расули Худо (с) чи касе метавонад бар вай ҷуръат намояд? (*Яъне, ҷуръат намояд, ки дар ин маврид наздаш шафоъат кунад*) ва Усома (р) бо вай сӯҳбат кард. Расули Худо (с) фармуд: Оё дар ҳадде аз ҳудуди Худо шафоъат мекунӣ? Сипас бархоста ва хутба хонд ва фармуд: Ҳамоно ҳалок сохт касонеро ки пеш аз шумо буданд, ки чун шариф ва баландмартаба дар онҳо дуздӣ намудӣ, таркаш мекарданд ва чун заъиф ва нотавон дар онҳо дӯздӣ мекард, ҳаддро бар ӯ ҷорӣ месохтанд ва савганд ба Худо, ки агар Фотима духтари Муҳаммад (с) дуздӣ мекард, ҳароина

дасташро қатъ мекардам. Ва дар ривояте омада, ки: Чеҳраи Паёмбари Худо (с) дигаргун шуда, фармуд: Оё дар ҳадде аз ҳудуди Худо шафоат мекунӣ? Ва Усома (р) гуфт: Ё Расулуллоҳ, барои ман омурзиш талаб кун. Гуфт: Сипас дар мавриди он зан амр намуд ва дасташ бурида шуд.

## БОБИ 351. Мамониъат аз наҷосат кардан дар роҳи мардум ва сояашон (дар соя ё ки менишинанд) ва наҳрҳои об ва амсоли он

قَالَ اللهُ تَعَالَى : ﴿ وَالَّذِينَ يُؤْذُونَ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ بِغَيْرِ مَا اكْتَسَبُوا فَقَدِ احْتَمَلُوا بُهْتَاناً وَإِثْماً مُبِيناً ﴾ [الأحزاب: ٥٨].

Худованд мефармояд: **Ва онон ки меранҷонанд мардон ва занони мусалмонро ба ғайри гуноҳе, ки карда бошанд, ҳароина бардоштаанд, бори бӯҳтон ва гуноҳи ошкореро.** *(Аҳзоб: 58)*

1771 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аз ду коре, ки сабаби лаънат мешавад, бипарҳезед. Гуфтанд: ва ин ду коре, ки сабаби лаънат мешавад, чист? Фармуд: касе ки дар роҳи мардум ё сояашон наҷосат мекунад.

## БОБИ 352. Мамониъат аз бавл кардан ва амсоли он дар оби истода

1772 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) аз бавл (*идрор*) кардан дар оби истода манъ фармуд.

## БОБИ 353. Кароҳияти бартарӣ додани падар баъзе аз фарзандонашро бар баъзе дигар дар бахшиш

1773 - Аз Нӯъмон ибни Башир (р) ривоят аст, гуфт: падараш ӯро назди Расули Худо (с) оварда ва гуфт: ман ба ин писарам ғуломеро, ки аз ман аст, додаам. Расули Худо (с) фармуд: Оё ба ҳамаи фарзандонат мисли инро додаӣ. Гуфт: на. Расули Худо

(с) фармуд: Пас ман ӯро ба ту бозмегардонам ва дар ривояте омада, ки Расули Худо (с) фармуд: Оё ин корро дар мавриди ҳамаи фарзандонат намудӣ? Гуфт: на. Фармуд: Аз Худованд тарсида ва дар миёни фарзандонатон адолат кунед ва сипас падарам бозгардида ва он садақа ба вай бозгашт ва дар ривояте омада, ки Расули Худо (с) фармуд: Эй Башир, оё фарзанде ғайр аз ин дорӣ? Гуфт: бале. Фармуд: Пас маро шоҳид магир! Зеро ман ба зулм гувоҳӣ намедиҳам ва дар ривояте омада, ки ғайр аз ман касеро бар ин шоҳид гир. Сипас фармуд: Оё хушат меояд, ки дар некӣ намудан ҳама бо ту баробар бошанд? Гуфт: оре. Фармуд: Пас ин корро макун.

## БОБИ 354. Таҳрими азодорӣ ва сӯгвории зан бар мурда беш аз се рӯз ҷуз бар шавҳараш, ки чаҳор моҳ ва даҳ рӯз аст

1174 - Аз Зайнаб бинти Абисалама (р) ривоят шуда, ки гуфт: ман бар умми Ҳабиба (р) ҳамсари паёмбар (с), ҳангоме ки падараш Абусуфён ибни Ҳарб (р) вафот ёфт, ворид шудам. Вай хушбӯиеро талабид, ки дар он зардӣ буд. Халуқ (*моддаи хушбӯ*) ё ғайри он буд ва духтареро аз он чарб намуда ва ба рухсораҳои худ даст кашид ва сипас гуфт: Валлоҳ, ман ба хушбӯие ниёзе надорам. Магар аз Расули Худо (с) шунидам дар ҳоле ки бар минбар буд, мефармуд: Раво нест барои зане, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, ин ки бар мурдае беш аз се рӯз азодорӣ кунад, магар бар шавҳар чаҳор моҳ ва даҳ рӯз. Зайнаб (р) гуфт, сипас бар Зайнаб бинти Ҷаҳш (р) ворид шудам, ҳангоме ки бародараш вафот ёфт, ӯ хушбӯие хоста ва аз он молид ва сипас гуфт: Валлоҳ, ман ба хушбӯие ниёз надорам, ҷуз ин ки Расули Худо (с) дар ҳоле ки бар минбар буд, шунидам, ки мефармуд: Барои зане, ки ба Худо ва рӯзи охират имон дорад, раво нест, ки бар мурда беш аз се рӯз азодорӣ кунад, ҷуз бар шавҳар, ки чаҳор моҳ ва даҳ рӯз азодорӣ менамояд.

## БОБИ 355. Таҳрими фурӯхтани шаҳрӣ барои саҳроӣ ва рафтан пешопеши саворахо ва фурӯхтан бар фурӯхтан ва хостгории бародараш, магар ин ки худ иҷоза диҳад ё дархости ӯ рад гардад

1775 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) аз ин ки шаҳрӣ моли саҳроӣ (*биёбонӣ ва рустоӣ*)-ро бифрӯшад, ҳарчанд ки бародари насабии ӯ бошад, манъ фармуд.

***Шарҳ:*** *Дар мавриди таҳрими фурӯши шаҳрӣ моли атрофеpo ва он ин ки рустоӣ ва матоъеро биёварад, ки мавриди ниёзи мардум аст ва бихоҳад онро ба қимати вақт бифрӯшад, вале шаҳрӣ бигӯяд, онро наздам бигзор, то гаронтар фурӯшам. Ҷумҳур гуфтаанд.*

1776 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ба истиқболи амтиъа наравед, то ин ки ба бозорҳо фуруд ояд.

1777 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ба истиқболи саворҳо наравед ва шаҳрӣ ба бодиянишин нафурӯшад. Товус ба вай гуфт: Чӣ чизро шаҳрӣ ба бодиянишин нафурӯшад? Фармуд: Даллоли ӯ набошад.

1778 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) аз фурӯхтани шаҳрӣ ба бодиянишин манъ карда фармуданд: Қимматафзоӣ накунед ва мард бар фурӯши бародараш нафурӯшад ва бар хостгории бародараш хостгорӣ накунад ва зан талоқи хоҳари диниашро нахоҳад то он, чиро ки дар зарфи ӯст дигаргун созад (Яъне то худ бо талоқи ӯ бо шавҳараш издивоҷ кунад). Ва дар ривояте омада, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз истиқбол кардани (қофилаҳо) ва аз ин ки муҳоҷири (шаҳрӣ) барои бадавӣ бифурӯшад ва ин ки зан талоқи хоҳари динниашро дархост кунад ва инки шахс қасди харидани чизеро кунад, ки бародараш қасди онро намуда ва аз қимматафзоӣ (бидуни қасди харидан) ва тасрия манъ фармуд (Тасрия: тарк

намудани шир дар пистони чорпо аст, то пистонаш пур аз шир маълум шавад ва харидорро фиреб диҳад).

1779 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Баъзе аз шумо бар фурӯши баъзе дигар нафурӯшад (довталабӣ накунад) ва бар хостгории бародараш хостгорӣ накунад магар, ки барояш иҷозат диҳад.

1780 - Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Мӯъмин бародари мӯъмин аст, пас бар фурӯши бародараш бифрӯшад (*даъво талабӣ кунад*) ва ё бар хостгории бародараш хостгорӣ кунад, то ки (*нафари нахуст*) таркаш намояд.

## БОБИ 356. Манъ аз беҳуда харҷ кардан дар роҳҳои номашрӯъ

1781 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд се чизро барои шумо писандида ва се чизро барои шумо зишт доштааст. Барои шумо меписандад, ки ӯро парастида ва ба вай чизеро шарик нагардонед ва ҳама ба ресмони Худо чанг зада ва пароканда нашавед ва барои шумо гуфтугуи бисёр ва зиёд суол намудан ва зоеъ кардани молро зишт медорад.

*Шарҳ: "Гуфтугӯи бисёр", яъне, бигӯ-магӯи бефоида ва суханони бемаврид ва бефоида гуфтан. "зиёд суол намудан", яъне, савол кардани он чи ки барои ниёзманд нест ва бо шеваи лаҷӯҷона. "Зоеъ кардани мол" чун Худованд молро барои қивоми зиндагии инсонҳо офарида, бояд дар масрафи он иқтисод ва миёнаравӣ кунем, зеро бо ин кор ҳам дин салоҳ меёбад ва ҳам дунё.*

1782 - Аз Варод, котиби Муғира ибни Шӯъба ривоят шуда, ки гуфт: Муғира дар навиштаи барои Муъовия (р) бар ман имло намуд, ки паёмбар (с) баъд аз ҳар намози фариза мегуфт: ***Ло илоҳа иллаллоҳ ваҳдаҳу ло шарика лаҳ лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамду ва ҳува ъало кулли шайъин қадир. Аллоҳумма ло мониъа лимо аътайта ва ло муътия лимо манаъта ва ло янфаъу***

***залҷадди минка-л-ҷадду.*** Ҳеҷ маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест, ки яктост ва шарике ӯро нест, ӯрост подшоҳӣ ва сипос, Ӯ бар ҳар чиз тавоност. Парвардигоро! Мониъе барои он чи ки ту додӣ нест ва диҳандае нест барои он чи ки ту манъ кардӣ ва соҳиби кӯшишу бахт ва насабро кӯшишу бахт ва насаби ӯ аз ту нафъ намерасонад (яъне, ин умур наметавонад ба инсон нафъе расонанд, то модоме ки Худованд нахоҳад) ва ба вай навишт, ки вай (с) аз бигӯ-магӯ ва зоеъ сохтани мол зиёд манъ менамуд ва ҳам аз нофармонии модарон ва ба гӯр кардани духтарон ва манъ кардани ҳақ ва талаб кардан бидуни Ҳақ манъ мефармуд.

## БОБИ 357. Мамониъати ишора кардани мусалмон ба сӯи мусалмон бо силоҳ ва амсоли он, хоҳ аз рӯи мазоҳ бошад ва ё ростӣ ва манъ аз даст ба даст кардани шамшери аз ғилоф кашидашуда

1783 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ кадоми шумо бо силоҳ ба сӯи бародараш ишора накунад, зеро вай намедонад шояд шайтон дар дасти ӯ фасод ба вуҷуд оварад ва дар натиҷа дар гудоле аз дӯзах бияфтад. Ва дар ривояте аз Муслим омада, ки он ҳазрат (с) фармуд: Касе, ки ба сӯи бародараш ба корде ишора кунад, ҳароина фариштагон ӯро лаънат мекунанд. Ҳарчанд бародари ъайнияш бошад.

1784 - Аз Ҷобир (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) аз ин ки шамшери кашида аз ғилоф даст ба даст шавад, манъ фармуд.

## БОБИ 358. Манъ аз берун омадан аз масҷид баъд аз азон то намози фаризаро адо намояд, магар ин ки узре дошта бошад

1785 - Аз Абушаъсо ривоят шуда, ки гуфт: Ҳамроҳи Абуҳурайра (р) дар масҷид нишаста будем, пас аз он муаззин

азон дод ва марде аз масҷид бархоста ва шурӯъ ба рафтан кард. Абуҳурайра (р) чашмашро ба вай дӯхт, то ин ки аз масҷид берун шуд. Сипас Абуҳурайра гуфт: аммо ин шахс Абулқосим (с)-ро нофармонӣ намуд.

## БОБИ 359. Кароҳияти рад кардани райҳон (нозбӯ) бидуни узр

1786 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуд, ки Расули Худо (с) фармуд: Ба ҳар касе, ки райҳон диҳанд, набояд ки онро рад кунад, зеро, ки бардоштани он сабук ва бӯи он хуш аст.

1787 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) хушбӯиро рад наменамуд.

## БОБИ 360. Кароҳияти ситоиш дар рӯ ба рӯи шахсе, ки бар ӯ аз фасоди мисли худбинӣ ва ғайра ҳарос шавад ва раво будани он дар мавриди касе, ки аз ин мавзӯъ дар амон бошад

1788 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки гуфт: паёмбар (с) шунид, ки марде мардеро сано намуда ва дар тавсифаш муболиға мекунад. Фармуд: ӯро нобуд сохтед ё фармуд камари мардро шикастед.

***Шарҳ:*** *Мадҳ ва ситоиши афроди солеҳ ва он ҳам ба таври сода ва оддӣ дуруст аст, аммо муболиға дар ситоиши афрод нодуруст аст, зеро ҳар гоҳ он шахс солеҳ бошад, мумкин аст ин мадҳи беҷо сабаби эҷоди ғурур дар ӯ шавад ва аъмоли ӯро табоҳ созад ва агар ӯ фосиқ ва золим бошад, мумкин аст ин мадҳи беҷо сабаби афзоиши фисқу фуҷур ва зулми ӯ шавад. Ин ҳадис ва аҳодиси мушобеҳи он беҳтарин мониъест барои ҳамаи маддоҳон ба вижа шоироне, ки шеъраашонро дар хизмати ҳар касу нокас қарор медиҳанд, то бад-он васила ба мол ва мақоме даст ёбанд, ки Худованд ба карами хеш моро аз он зумра қарор надиҳад.*

1789 - Аз Абубакра (р) ривоят аст, ки марде дар ҳузури паёмбар (с) ёд карда шуд ва марде ба ӯ санои хайр гуфт. Паёмбар фармуд: Ҳар гоҳ яке аз шумо хоҳӣ нахоҳӣ ситоишкунанда аст бояд бигӯяд: Гумон мекунам, ки ӯ чунин ва чунон аст. Агар медид, ки ӯ ҳамчунон аст ва Худованд муҳосабакунандаи ӯст ва ҳеҷ кас бар Худованд тазкия намешавад (Яъне, дар пешгоҳи Худованд касе ба таҳорату покӣ аз айбҳо ҳукм намешавад, зеро Ҳақтаъоло ба ҳама асрору ниҳони бандааш огоҳ аст).

1790 - Аз Ҳаммом ибни Ҳорис аз Миқдод (р) ривоят аст, ки гуфт: Марде оғоз ба ситоиши Усмон (р) кард. Миқдод (р) дузону нишаста ва шурӯъ ба пошидани сангреза ба рӯяш намуд. Усмон (р) ба ӯ гуфт: чӣ кор мекунӣ? Гуфт: Расули Худо (с) фармуд: чун маддоҳон ва ситоишгаронро дидед, ба рӯяшон хок бипошед.

*Ин аҳодиси зикршуда дар бораи манъ намудани мадҳу тавсиф аст, вале пиромуни ҷоиз будани мадҳу ситоиш ҳадисҳои саҳиҳи зиёде омадааст. Уламо мегӯянд: Роҳи ҷамъ кардан байни аҳодис ин аст, ки ҳар гоҳ шахси мадҳшуда дорои камоли имон ва яқину шинохти комил бошад, ба тавре, ки ба фитна наафтода, бад-он мағрур нашавад ва нафсаш бо ӯ бозӣ накунад, пас на ҳаром аст ва на макрӯҳ. Ва агар бар вай аз умури мазкур тарсида шавад, дар рӯ ба рӯяш мадҳу ситоиши ӯ сахт макрӯҳ аст. Аҳодиси гуногуне, ки дар ин маврид омада ҳамин матлабро таъйид менамоянд.*

*Аз ҷумлаи ҳадисҳое, ки мадҳу тавсифро мубоҳ мегардонад, фармудаи он ҳазрат (с) барои Абубакр (р) аст: Умедворам, ки ту аз ҷумлаи бошӣ, яъне аз ҷумлаи касоне, ки аз тамоми дарвозаҳои биҳишт барои даромадани он даъват мешаванд. Ва дар ҳадиси дигар омада, ки: Ту аз онҳо нестӣ, яъне аз ҷумлаи касоне, ки аз рӯи такаббур шалворашонро мекашонанд. Ва низ Расули акрам (с) барои Умар (р) фармуд: Ҳеҷ гоҳ шайтон туро надид, ки ба роҳе равонӣ, магар ин ки ба роҳи дигаре ғайри роҳи ту хоҳад рафт. Аҳодис дар мавриди ҷавози мадҳ зиёд аст, ки гӯшае аз онро дар китоби* ***Ал-Азкор*** *зикр намудем.*

## БОБИ 361. Дар баёни кароҳати берун шудан аз шаҳре, ки дар он вабо омадааст, чунон ки дохил шудан дар он дар ин ҳолат низ кароҳият дорад

قَالَ تَعَالَى: ﴿ أَيْنَمَا تَكُونُوا يُدْرِككُّمُ الْمَوْتُ وَلَوْ كُنْتُمْ فِي بُرُوجٍ مُشَيَّدَةٍ ﴾ [النساء:
٧٨] وقالَ تعالى: ﴿ وَلَا تُلْقُوا بِأَيْدِيكُمْ إِلَى التَّهْلُكَةِ ﴾ [البقرة: ١٩٥].

Худованд мефармояд: **Ҳар ҷо бошед, дарёбад шуморо марг, агарчи бошед дар бурҷ (*маҳал*)-ҳои маҳкам.** *(Нисо: 78)*

**Ва маяндозед худро бо дастҳои хеш ба ҳалокат.** *(Бақара: 195)*

1791 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Умар ибни Хаттоб (р) барои сафари Шом берун омад то ба минтақаи Сарғ расид ва дар он ҷо фармондеҳони лашкарони Шом Абуубайда ибни Ҷарроҳ ва ёронаш бо ӯ мулоқот намуданд ва ба ӯ хабар доданд, ки дар Шом вабо омадаст. Ибни Аббос мегӯяд: Ҳазрати Умар (р) бароям гуфт: Муҳоҷирини аввалинро барои машвара ба ҳузурам бихон. Ман ононро хондам ва ӯ бо онон машвара карда, хабарашон дод, ки дар Шом вабо омадааст. Муҳоҷирин дар ин маврид назари ихтилоф доштанд, бархе мегуфтанд, ки барои кори муҳим сафар намудӣ ва мо бо ин назар нестем, ки аз он бозгардӣ ва бархи дигаре ба ин ақида буданд, ки чун бо шумо мардуми дигар ва ёрони Расули Худо (с) ҳастанд, мо маслиҳат намебинем, ки ононро бо вабо рӯ ба рӯ созӣ. Дар ин вақт Умар (р) гуфт: Аз наздам бархезед ва ба ман гуфт: Ансорро барои машвара наздам бихон. Ман ононро фаро хондам ва баъд аз даъват ва машвараташон онон низ монанди муҳоҷирин буданд ва дар ин мавзӯъ миёнашон ихтилофи назар буд. Сипас Умар (р) гуфт: Он идда аз бузургони Қурайшро, ки баъд аз фатҳи Макка ҳиҷрат намудаанд ва ин ҷо ҳузур доранд, барои машвара бихонд. Пас аз машвара ҷуз ду нафарашон ҳама ба як назар буданд. Ва гуфтанд: Назари мо ин аст, ки мардумро вопас баргардонӣ ва ононро ба ин вабо тела насозӣ.

Умар (р) дар миёни мардум фарёд баровард, ки ман бармегардам, шумо низ омодаи бабозгашт шавед.

Абуубайда (р) гуфт: Оё аз тақдири Худо мегурезед? Умар (р) гуфт: Кош эй Абуубайда каси дигар ҷуз ту ин суханро мегуфт. Умар (р) мухолифати Абуубайда (р)-ро дӯст намедошт. Ва гуфт: Оре, аз тақдири Худо ба сӯи тақдири Худо мегурезем. Оё чӣ тасаввур мекунӣ, ҳаргоҳ шутуре дошта бошӣ ва дар водие фуруд ояд, ки ду тараф дорад, ки дар яке алафи тозаи фаровон вуҷуд дорад ва тарафи дигари он хушк ва камалаф аст. Оё чунин нест, ки ҳар гоҳ вайро ба сӯи алафҳои тоза ва фаровон биронӣ, ба тақдири Худованд рондаӣ ва агар ӯро ба сӯи хушкӣ ва камалафӣ биронӣ, боз ҳам ба тақдири илоҳӣ рондаӣ? Гуфт: сипас Абдураҳмон ибни Авф (р) барои расидагӣ ба порае аз корҳояш дар он ҷо ҳузур надошт, омаду гуфт: Ман дар ин маврид маълумоте дорам. Ман аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Ҳар гоҳ шунидед, ки бемории вабо дар сарзамине вуҷуд дорад ба он ворид нашавед ва агар дар сарзамине қарор доштед, ки бемории вабо ба он дар вуқӯъ пайваст, аз он ба нияти фирор берун нашавед. Пас аз он ҳазрати Умар (р) санои Худоро ба ҷой оварда ва бозгашт.

1792 - Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Вақте роҷеъ ба маразӣ тоъун дар сарзамине иттилоъ ёфтед, дар он дохил нашавед ва ҳар гоҳ дар сарзамине будед, ки дар он тоъун омад, пас аз он ҷо берун нашавед.

## БОБИ 362. Ҳурмати шадиди ҷодугарӣ ва сеҳр

قَالَ اللهُ تَعَالَى ﴿وَمَا كَفَرَ سُلَيْمَانُ وَلَكِنَّ الشَّيَاطِينَ كَفَرُوا يُعَلِّمُونَ النَّاسَ السِّحْرَ﴾ الآية [١٠٢/من البقرة].

Худованд мефармояд: **Ва Сулаймон кофир нашудааст, валекин шаётин кофир шуданд, ки ҷодуро барои мардум таълим медоданд.** *(Бақара: 102)*

1793 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Аз ҳафт чизи ҳалоккунанда бипарҳезед. Суол шуд,

ки инҳо чист? Он ҳазрат (с) фармуд: Ширк ба Аллоҳ, сиҳр ва ҷоду, куштани нафсе, ки Худованд ҷуз ба ҳақ ҳаром сохтааст, хӯрдани суд, хӯрдани моли ятим, фирор аз сафи ҷанг дар рӯзи ҳуҷуми муслимин бар душман ва муттаҳам сохтани занони покдомани ъафифаи мӯъмина ба зино.

## БОБИ 363. Манъ аз мусофират бо Қуръон, ба сӯи шаҳрҳои куффор ҳар гоҳ бими он равад, ки ба дасти душманон афтад

1794 - Аз Ибни Умар (р) марвист, ки гуфт Расули Худо (с) аз мусофират бо Қуръон ба сарзамини душманони ислом манъ доштаанд.

## БОБИ 364. Таҳрими истеъмолӣ зарфҳои тилло ва нуқра дар хӯрдан ва ошомидан ва вузӯ сохтан ва масоили дигар

1795 - Аз Умми Салама (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки дар зарфи нуқра об биошомад дар воқеъ дар шикамаш оташи дӯзахро ҷараён медиҳад. Ва дар ривояте аз Муслим чунин омада: Он ки дар зарфи тилло ва нуқра мехӯрад, ё меошомад.

1796 - Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, ки гуфт: паёмбари ислом моро аз пӯшидани абрешими захим ва нозук ва ошомидан дар зуруфи тилло ва нуқра манъ дошта ва фармуд, Ин чизҳо барои куффор дар дунё ва барои шумо дар охират аст. Ва дар ривояте дар Саҳеҳайн аз Ҳузайфа (р) омада аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Абрешум ва дебоҷро напӯшед ва дар зарфҳои тилло ва нуқра наёшомед ва ҳамин гуна дар он чизе нахӯред.

1797 - Аз Анас ибни Сирин ривоят аст, ки гуфт: Ҳамроҳи Анас ибни Молик (р) назди иддае аз маҷус будем, ки фолудае дар зарфи нуқра оварда шуд. Анас ибни Молик (р) нахӯрд ва

гуфт: Дар зарфи дигаре бирез. Вай онро дар зарфе аз халанҷ (дарахтест, ки аз чӯби он зарфҳо месохтанд) рехта, овард ва ӯ (Анас ибни Молик) аз он хӯрд.

## БОБИ 365. Ҳурмати пӯшидани либосе, ки заъфаронмолӣ шуда бошад

1798 - Аз Анас (р) ривоят шуда, ки гуфт: Паёмбар (с) манъ намуд, аз ин ки мард либосашро бо заъфарон ранг намояд ва ё ин ки либоси заъфаронӣ бипӯшад.

1799 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят шуда, ки гуфт: паёмбар (с) маро дид, дар ҳоле ки либоси муъасфар (ранги заъфаронӣ карда шуда буд) пӯшида будам фармуд: Оё модарат туро ба ин кор амр намуд? Ҷавоб додам, ки шустушӯяш медиҳам. Фармуд: балки онро оташ зан. Ва дар ривояти дигаре омада, ки фармуд: Ин либос аз либосҳои куффор аст, пас онро напӯшед.

## БОБИ 366. Манъ аз сукут дар рӯз то шаб

1800 - Аз Алӣ (р) марвист, ки гуфт: аз Расули Худо (с) ба ёд дорам, ки мефармуд: Ятимон пас аз иҳтилом ва булуғ ятим ба шумор намераванд ва на ҳам муҷоз аст сукути рӯзона то шаб.

***Шарҳ:*** *Хаттобӣ дар тафсири ин ҳадис мегӯяд, дар замони ҷоҳилият аз ҷумлаи маносик яке ҳам сукут буд, ки дар Ислом аз он манъ шудааст ва амр шуда дар ислом ба зикр ва сухани некӯ гуфтан.*

1801 - Аз Қайс ибни Абиҳозим ривоят аст, ки гуфт Абубакри Сиддиқ (р) назди зане аз қабилаи Аҳмас расид, ки исмаш Зайнаб буд ва ворид шуд, дар ҳоле ки сухан намегуфт. Пурсид: чӣ шуда ки сухан намегӯяд? Ҷавоб доданд: қасди сукут намудааст. Абубакри Сиддиқ (р) барояш гуфт: ҳарф бизан, чун

ин кор ҷавоз надорад, ин амалкарди давраи ҷоҳилият аст ва он зан ба сухан даромад.

## БОБИ 367. Таҳрими нисбат додани шахс худро ба ғайри падараш ва валӣ қарор додани ғайри валии худро

1802 - Аз Саъд ибни Абиваққос (р) марвист, ки паёмбар (с) фармуд: Он ки ба ғайри падараш худро нисбат диҳад, бо вуҷуди ин ки медонад, ки вай падараш нест, биҳишт бар вай ҳаром аст.

1803 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Аз падарони хеш рӯ магардонед, чун касе аз падараш рӯй мегардонад дар воқеъ ин кораш куфр ба ҳисоб меравад.

1804 - Аз Язид ибни Шарик ибни Ториқ ривоят шудааст, ки гуфт: Алӣ (р)-ро бар болои минбар дидам, ки хутба мехонд ва мегуфт: На, Валлоҳи, мо китоберо барои хондан ғайр аз китоби Аллоҳ ва он чи ки дар ин саҳифа аст, надорем. Ва онро боз намуд, ки дар он дандонҳои шутур буд ва аҳкоме роҷеъ ба ҷароҳот ва дар он низ буд, ки Расули Худо (с) фармуд: Мадина ҳарамест, дар миёни Айр ва Савр (номи ду кӯҳи кӯчак). Пас касе, ки дар он кори зиштеро асос ниҳад ва ё бидъаткореро паноҳ диҳад, бар ӯ лаънати Худо ва малоика ва ҳамаи мардум бод ва дар рӯзи қиёмат Аллоҳ таъоло аз вай тавба ва фидяро қабул намекунад. Аҳди мусалмонон якест, ки поинтаринаш бар додани он тавоноӣ дорад, пас он, ки мусалмонеро тавҳин намуда паст ҳисобад, лаънати Худо ва малоика ва ҳамаи мардум бар ӯ бод ва Худованд аз вай тавба ва фидяро намепазирад ва он ки худро ба ғайри падараш нисбат диҳад ва ё ба ғайри маволиаш, пас бар вай лаънати Худо ва малоика ва ҳамаи мардум бод ва Худо аз ӯ тавба ва фидяе намепазирад.

1805 - Аз Абузар (р) ривоят аст, ки вай аз Расули Худо (с) шунид, ки мефармуд: Он, ки худро ба ғайри падараш

нисбат диҳад ва (ҳақиқатро) бидонад, кофир шудааст ва он, ки ба номи каси дигаре худро бихонад аз мо нест ва ҷойгоҳашро аз дӯзах биёбад ва он ки шахсеро ба куфр бихонад ва ё ин, ки ӯро душмани Худо бихонад ва вай чунин набошад, ҳарфаш ба худаш бармегардад.

## БОБИ 368. Хавфу бим аз кардани он чи, ки Худо ва расулаш (с) аз он манъ намуданд

Худованди таъоло мефармояд: **«Пас бояд битарсанд, онон ки хилофи ҳукми паёмбар мекунанд, аз он ки ба эшон балое бирасад ва ё ба онҳо бирасад азоби дарднок».** *(Нур: 63)*

Ва низ мефармояд: **«Ва метарсонад шуморо Худо аз худ».** *(Оли Имрон: 30)*

Ва мефармояд: **«Ҳароина гирифти Парвардигорат бисёр сахт аст».** *(Буруҷ: 12)*

Ва мефармояд: **«Ҳамчунин аст гирифтани Парвардигори ту, чун бигирад деҳотро ва онон ситамгар бошанд. Ҳароина гирифти Вай дардиҳанда ва сахт аст».** *(Ҳуд: 102)*

1806 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Худованди таъоло ғайрат мекунад (ғазабнок мешавад) ва ғазаби Худованд дар он вақт аст, ки шахс муҳаррамоти (чизҳои ҳаромкардаи) Худоро анҷом диҳад.

## БОБИ 369. Дар мавриди он ки кори ҳаромеро анҷом диҳад, ки чӣ бигӯяд ва чӣ кунад?

Худованди муттаъол мефармояд: **«Ва ҳар гоҳ аз (васвасаи) шайтон бар ту ранҷу фасоде расад, пас ба Худо паноҳ бибар, ки ӯ ба дуои халқ шунаво ва ба аҳволи ҳама доност».** *(Фусилат: 36)*

Ва низ мефармояд: **«Ҳароина мӯътақиён чун ба эшон васвасае аз шайтон бирасад, Худоро ёд мекунанд. Пас ногаҳон эшон бино мешаванд».** *(Аъроф: 201)*

Ва мефармояд: **«Ва онон ки чун кори зишт кунанд, ё ситам намоянд, ба худ ёд кунанд Худоро, пас омурзиш хоҳанд барои гуноҳони худ ва кист, ки биёмурзад гуноҳонро, магар Худо ва пайваста набошанд бар он чи карданд ва эшон медонанд. Подошгӯйҳо, ҷовидонанд дар он ҷо ва нек аст аҷри итоаткунандагон».** *(Оли Имрон: 135-136)*

Ва мефармояд: **«Ва ҳамаи шумо эй мӯъминон ба Худо тавба ва бозгашт кунед, то ки растагор шавед.** *(Нур: 31)*

1807 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки паёмбар (с) фармуд: Он, ки савганд ёд кунад ва дар савгандаш ба Лот ва Уззо гӯяд, бояд ҳатман **(Ло илоҳа иллаллоҳ)** гӯяд ва он, ки ба дӯсташ бигӯяд биё, то бо ҳам қимор занем бояд ҳатман садақа диҳад.

# 18. КИТОБИ АҲОДИСИ МУТАФАРРИҚА ВА ЛАТОИФ

## БОБИ 370. Аҳодис дар бораи Даҷҷол ва нишонаҳои қиёмат ва ғайра

1808 - Аз Навос ибни Самъон (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) субҳгоҳе Даҷҷолро ёдоварӣ карда фитнаашро бузург шумурд ва сипас корашро беарзиш ҷилва дод, то ин ки гумон кардем шояд дар пеш анбӯҳе аз дарахтони хурмо мавҷуд аст ва чун назди он ҳазрат (с) рафтем, ин матлабро аз мо дарёфта фармуд: Чи кор доред? Гуфтем: Ё Расулуллоҳ: Субҳ аз Даҷҷол ёдоварӣ карда кӯчак, хор ва бузургаш шумурдӣ, то ин ки гумон кардем, ки ӯ дар пеши анбӯҳе аз дарахтони хурмо вуҷуд дорад. Фармуд: Ғайри Даҷҷол (фитнаҳои дигаре) маро бар шумо тарсонидааст, зеро агар барояд ва ман дар миёни шумо бошам, ман бо ӯ ситез мекунам на шумо ва агар барояд, дар ҳоле ки ман дар миёни шумо нестам, пас ҳар шахсе аз ҷои худ бо ӯ ситез мекунад. Худованд таъоло халифаи ман бар ҳар мусалмон аст. Ӯ (Даҷҷол) ҷавонест, ки мӯйи бас печон дорад ва аз як чашмаш кӯр аст. Гӯӣ ман ӯро ба Абдулъузо ибни Қатан ташбиҳ мекунам ва он, ки аз шумо вайро дарёбад, бояд ки бар ӯ оёти нахустин сураи Каҳфро бихонад.

Ӯ дар роҳи миёни Шом ва Ироқ мебарояд ва дар рост ва чап фасод эҷод мекунад. Эй бандагони Худо, собитқадам

бошед. Гуфтем: Ё Расулуллоҳ: Чӣ қадар дар рӯи замин диранг мекунад? Фармуд: Чиҳил рӯз, рӯзе мисли сол ва рӯзе мисли моҳ ва рӯзе мисли ҳафта ва рӯзҳои дигараш мисли рӯзҳои мост. Гуфтем: Ё Расулуллоҳ, пас, он рӯзе, ки мисли сол аст оё намози як рӯзи мо дар он кофӣ аст? Фармуд: На, он рӯзро баробари як сол ҳисоб кунед. Гуфтем: Эй Расули Худо, шитоб ва тезиши ӯ дар рӯи замин чӣ тавр аст? Фармуд: Монанди абре, ки бод дар ақибаш бошад. Пас бар сари гурӯҳе омада ва онҳоро даъват мекунад ва ба ӯ имон меоранд ва даъвати ӯро мепазиранд. Вай осмонро амр мекунад ва меборад ва заминро амр мекунад, меруёнад ва молҳои раҳошудаашон ба онҳо ба гунаи бузургтар ва чоқтар бозмегарданд: Дар ҳоле ки пистонҳои онҳо пуртар буда ва суринҳояшон чоқтар аст. Боз назди гуруҳе омада, онҳоро даъват мекунад ва суханашро рад мекунанд ва аз онҳо рӯй мегардонад ва ба онҳо хушксолӣ расида ва дар наздашон чизе аз молҳояшон намемонад.

Ӯ аз канори вайронае гузашта мегӯяд: Ганҷҳоятро берун кун. Ганҷҳояш ҳамчун занбӯрҳои асал ба дунболи вай меафтад. Сипас мардеро, ки дар айни ҷавонӣ аст мехонад ва ба шамшераш зада ду пора мекунад, мисли ин ки тир ба нишона бихӯрад ва боз ӯро мехонад ва ӯ рӯй меоварад ва рӯяш (Даҷҷол) аз шодӣ равшан шуда механдад. Дар асное, ки ӯ ба ин ҳол қарор дорад, Худованд Исо (а)-ро мефиристад, вай дар канори манораи сафед дар шарқи Димишқ байни ду ҷомаи рангшуда фуруд меояд, дар ҳоле, ки кафҳои ду дасташ бар болҳои ду фаришта ниҳода шудааст. Ва ҳар гоҳе сарашро поин кунад, қатароти об аз он мечакад ва чун сарашро боло кунад, донаҳои нуқрае монанди луълуъ аз он таровиш мекунанд (мақсуд оби зулол ва нуқрамонанд аст). Пас барои ҳеҷ кофире, ки бӯи нафаси Исо (а) дармеёбад, раво нест, ҷуз ин, ки бимирад ва нафасаш мерасад, то ҷое ки диди ӯ мерасад ва ӯ (Исо (ъ) Даҷҷолро ҷустуҷӯ мекунад, то ин, ки ӯро ба боби Луд (шаҳре назди Байталмуқаддас) дарёфта, ӯро мекушад. Боз Исо (ъ) назди

гурӯҳе меояд, ки Худованд онҳоро аз Даҷҷол ҳифз намуда ва рӯяшро даст кашида ва аз маротибашон дар биҳишт бо онҳо сӯҳбат мекунад.

Дар асное, ки вай ба ин кор машғул аст, Худованд таъоло ба Исо (ъ) ваҳй мерасонад, ки ман бандагонеро баровардам, ки касе тоқати мубориза ба онҳоро надорад. Ту бандагонамро ба сӯи кӯҳи Тур бибар ва Худованд Яъҷуҷу Маъҷуҷро бармеангезад, ки аз ҳар гӯша мешитобанд, ки аввалин дастаашон аз канори дарёчаи Табаристон гузашта ва ҳамаи оби онро меошоманд. Ва охирин дастаашон мегузаранд ва мегӯянд, ки рӯзе дар ин дарёча об будааст ва Исо (ъ) ва ёронаш муҳосира мешаванд. То ин ки калаи гове барояшон аз сад диноре, ки барои шумо имрӯз арзиш дорад, беҳтар мебошад. Ва Паёмбари Худо Исо (ъ) ва ёронаш ба Худо рӯ меоранд ва Худованд кирмҳоеро дар гарданҳои онҳо (Яъӯҷуҷу Маъҷуҷ) падид меовард ва чун як тан ҳама ба қатл мерасанд. Боз Паёмбари Худо Исо (ъ) ва ёронаш фуруд меоянд ва як ваҷаб ҷоеро намеёбанд, ки аз бӯи бадашон гандида нашуда бошад ва ӯ ва ёронаш ба Худо рӯй меоваранд ва Худованд ҳам паррандагонеро мисли гарданҳои шутурҳои бухтӣ (як навъ шутури қавии дарозгардан) мефиристад ва ононро бардошта, ба ҷое, ки Худованд бихоҳад меандозанд.

Пас аз он Худованд боронеро мефиристад, ки дар баробари он ҳеҷ хонаи кулухӣ ва пашмӣ намемонад, ки заминро шуста ва лағзанда мемонад. Сипас ба замин гуфта мешавад: Меваатро бирӯён ва баракататро берун кун. Пас дар он ҳангом гурӯҳе аз як анор мехӯранд ва дар сояи пӯсти он қарор мегиранд ва дар шир баракат мениҳад ба гунае, ки шутури ширдеҳ барои як гурӯҳ басандааст ва гови ширдеҳ барои як қабила басандааст ва гӯсфанди ширдеҳ барои як дастае аз мардум басандааст, то Худованд боди хушеро фиристад ва аз зери бағалҳояшон гирифта ва рӯҳи ҳар мӯъмин ва мусалмонро қабз мекунад ва бадтарин

мардум мемонад, ки чун харон бо ҳам алоқаи ҷинсӣ мекунанд ва бар онон қиёмат барпо мешавад.

1809 - Аз Рибъӣ ибни Ҳирош ривоят аст, ки гуфт: ман бо Абумасъуди Ансорӣ назди Ҳузайфа (р) рафтам. Абумасъуд (р) ба вай гуфт: дар бораи он чи ки аз Расули Худо (с) дар бораи Даҷҷол шунидаӣ, ба ман сӯҳбат кун. Гуфт: Даҷҷол бармеояд ва ҳамроҳаш об ва оташ аст ва он чиро ки мардум об мебинанд, оташест, ки месӯзонад ва он чиро ки мардум оташ мебинанд, оби сарди ширинаст. Он ки аз шумо вайро дарёбад, бояд ки худро дар он чи ки онро оташ мебинад, бияндозад, зеро ки он оби ширини покест. Сипас Абумасъуд (р) гуфт: ман ҳам онро шунидаам.

1810 - Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Даҷҷол дар уматам баромада ва чиҳил диранг мекунад. Намедонам, ки чиҳил рӯз аст ё чиҳил моҳ ва ё чиҳил сол. Баъд аз он Худованд Исо ибни Марям (ъ)-ро мефиристад ва онро ҷустуҷӯ карда мекушад. Боз мардум ҳафт сол ба гунае зиндагӣ мекунанд, ки миёни ду кас душманӣ нест. Боз Худованди таъоло насими сардеро аз сӯи Шом мефиристад ва ҳеҷ кас, ки дар дилаш ба андозаи заррае хайр ё имон аст, бар рӯи замин намемонад магар (рӯҳи) ӯро қабз менамояд. Чунончи агар яке аз шумо дар миёни кӯҳе дарояд, ҳатман бар вай дохил шуда онро қабз мекунад ва мардуми бад боқӣ мемонад, ки умури зишт ва қазои шаҳваташонро монанд, парранда, ки ба суръат парвоз мекунад, анҷом медиҳанд. Ҳамчунон, ки монанди ҳайвоноти дарранда дар пайи ҳам меафтанд, ки на кори хуберо мешиносанд ва на кори бадеро.

Боз Шайтон ба сурати шахсе худро даровarda мегӯяд: Чаро иҷобат намекунед? Мегӯянд: Моро ба чӣ амр мекунӣ? Ва ӯ ононро ба ибодати бутҳо амр мекунад ва дар он ҳолат ризқашон омада ва зиндагии хубе доранд. Боз дар Сур дамида мешавад ва ҳеҷ кас онро намешунавад, магар ин ки як тарафи гарданашро боло намуда ва ҷониби дигарро (аз тарсу даҳшат) мениҳад. Ва аввалин, касе, ки онро

мешунавад мардест, ки ҳавзи шутурашро гил мекунад. Вай мемирад ва дигарон ҳам мемиранд. Боз Худованд бороне мефиристад (ё гуфт) бороне нозил мекунад, ки гӯё шабнам аст ё сояе аст ва аз он аҷсоди мардум мерӯянд. Боз бори дигар дар он Сур дамида мешавад, ки ногаҳон эшон (мардум) истода менигаранд. Боз гуфта мешавад: Эй мардум, ба сӯи Парвардигори худ бишитобед ва онҳоро истода кунед, ки онҳо мавриди суол қарор мегиранд. Боз гуфта мешавад касонеро ки ба дӯзах равон мешаванд берун кунед ва гуфта мешавад аз чӣ қадар? Гуфта мешавад аз ҳар ҳазоре нӯҳсаду наваду нӯҳ ва он рӯзест, ки кӯдаконро пир мекунад ва он рӯзест, ки Худованд соқи бе мисли худро намоён мекунад.

1811 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ шаҳре нест, ки Даҷҷол дар он гом (*қадам*) наниҳад, ҷуз Макка ва Мадина ва ҳеҷ нақбе аз нақбҳои он нест, магар ин ки фариштагон бар он саф кашида ва аз он посдорӣ мекунанд ва ӯ ба замини шӯр ва регзоре, ки гиёҳ дар он намерӯяд, фуруд меояд ва Мадина се бор ба ларзиш дармеояд ва мардумонаш бисёр метарсанд ва Худованд аз он (*Мадинаи мунаввара*) ҳар кофир ва мунофиқро берун месозад.

1812 - Ҳамчунон аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ҳафтод ҳазор аз яҳудиҳои Исфаҳон, ки ҷомаи атлас доранд, аз Даҷҷол пайравӣ мекунанд.

***Шарҳ:*** *бояд донист, ки пӯшидани атлас (ҷомаи кушод ва дароз) ҷавоз дорад ва фақат пӯшидани ҷомаи атлас мудаввар ба шакли суфра ва хон ҷавоз надорад, ки шиъори яҳуд аст ва онро мепӯшанд.*

1813 - Аз Умми Шарик (р) ривоят аст, ки вай аз паёмбар (с) шунид, ки мефармуд: Мардум ҳатман аз (*шарри фитнаи*) Даҷҷол ба кӯҳҳо паноҳ хоҳанд бурд.

1814 - Аз Имрон ибни Ҳусайн (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо шунидам, ки мефармуд: Миёни офариниши Одам (ъ) ва барпо шудани қиёмат амре бузургтар аз Даҷҷол нест.

1815 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Даҷҷол берун мешавад ва марде аз мӯъминон ба сӯяш рӯй меоварад: Нигаҳбонони Даҷҷол бо ӯ рӯ ба рӯ мешаванд ва ба ӯ мегӯянд: қасди куҷо дорӣ? Мегӯяд: ба сӯи ин касе ки баромадааст. Ба ӯ мегӯянд: оё ба Худои мо имон надорӣ? Мегӯяд: дар мавриди Парвардигори мо хафое нест (*яъне, мавҷудияти Худои мо, Аллоҳ ҷалла ҷаллолуҳу собит аст ва ҳеҷ гуна хафое дар мавриди ӯ вуҷуд надорад*). Мегӯянд: ӯро бикушед ва баъзе ба баъзе дигар мегӯянд: Оё Парвардигори шумо (*Даҷҷол*) шуморо манъ накард, ки бидуни иҷозааш касеро накӯшед? Ва ӯро назди Даҷҷол мебаранд, чун мӯъмин ӯро мебинад, мегӯяд: Эй мардум! Ин ҳамон Даҷҷолест, ки Расули Худо (с) ёдоварӣ кардааст ва Даҷҷол амр мекунад, ки ӯро ба шикам бихобонед ва мегӯяд: бигиред ва ӯро шақ кунед ва ба пушт ва шикамаш, то ҷон дорад, мезанад ва мегӯяд: Оё ба ман имон надорӣ? Мегӯяд: Ту масеҳӣ каззоб (*дурӯғгӯ*) ҳастӣ!

Ва дар мавриди вай амр мешавад ва аз фарқи сараш ара карда мешавад, то ин ки аз миёни ду пойяш мебарояд ва Даҷҷол дар миёни ҳар ду порааш меравад ва ба ӯ мегӯяд: бархез ва рост меистад. Боз ба ӯ мегӯяд: оё ба ман имон меоварӣ? Мегӯяд: Дар мавриди, ту чизе ҷуз биноиям афзуда нашуда ва сипас мегӯяд: Эй мардум! Ӯ пас аз ман ба касе аз мардум наметавонад коре бикунад (*зиёне бирасонад*). Даҷҷол ӯро мегирад, то ҳалолаш бикунад, вале Худованд миёни гардан ва устухони болои гудии наҳр аз гулӯи ӯ мис қарор медиҳад ва ӯ бар вай чира шуда наметавонад ва баъд дасту пойи ӯро гирифта дур меандозад ва мардум гумон мекунанд, ки ӯро ба оташ андохта ва дар ҳоле ки ба биҳишт андохта шудааст. Сипас Расули Худо (с) фармуд: Ин бузургтарин мардум аз рӯи шаҳодат дар пешгоҳи Раббулъоламин аст.

1816 - Аз Муғира ибни Шуъба (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳеҷ кас бештар аз ман Расули Худо (с)-ро дар мавриди Даҷҷол суол нанамуд ва он ҳазрат (с) ба ман фармуд: Ба ту чи зиёне мерасонад. Гуфтам: Онҳо мегӯянд, ки ҳамроҳи ӯ кӯҳе нон ва ҷӯи обе аст. Фармуд: Даҷҷол дар назди

Худованд хортар аз ин аст, ки ӯро сабаби гумроҳии мӯъминон кунад, балки ӯ ва корҳояш сабаби зиёдати имони мӯъминон мешавад.

1817 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ паёмбаре нест, ки умматашро аз Аъвари (кӯри якчашм) каззоб бим надода бошад. Огоҳ бошед, ки ӯ аст. Ва ҳамоно Парвардигори шумо Аъвар нест ва дар байни чашмҳояш навишта аст, ки (кофара, яъне кофир шудааст).

1818 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Оё ба шумо дар мавриди Даҷҷол сӯҳбате накунам, ки ҳеҷ паёмбаре ба қавмаш сӯҳбат накардааст? Ҳамоно ӯ якчашмаст ва ӯ чизеро монанди биҳишт ва дӯзах меоварад ва он чизро ки мегӯяд, биҳишт аст, дар воқеъ дӯзах аст.

1819 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) дар миёни мардум Даҷҷолро ёдоварӣ намуда ва фармуд: Ҳамоно Худованд як чашм нест. Огоҳ бошед, ки масеҳи Даҷҷол аъвар аст аз чашми рост гӯи ки чашмаш донаи ангур баромада аст.

1820 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: қиёмат барпо намешавад, то ин ки мусалмонҳо бо Яҳуд биразманд, то ҳар гоҳ ки яҳуде ба ақиби санг ё дарах пинҳон шавад, санг ва дарахт мегӯяд: Эй мусалмон! Ин Яҳудист, ки пушти сарам қарор дорад, биё ва ӯро бикуш! Ба ҷуз ғарқад, ки он дарахти Яҳуд аст.

***Шарҳ:*** *Ғарқад номи дарахти хордорӣ машҳурест, ки дар Байтул Муқаддас бисьёр пайдо мешавад.*

1821 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Савганд ба зоте, ки вуҷудам дар ихтиёри ӯст, ки дунё аз миён намеравад, то ки шахс аз канори қабр гузашта ва ҳолаш дигаргун шавад ва бигӯяд: кош ҷойи соҳиби ин қабр мебудам ва ин орзуро ба хотири диндорӣ ва мусалмониаш намекунад, балки ба хотири ранҷҳои дунявие, ки ба он мубтало аст, чунин мегӯяд.

1822 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Қиёмат барпо намешавад, то ки оби Фурот хушк

шуда ва кӯҳе аз тилло дар он намудор гардад, ки бар он куштор сурат гирад, чунонки аз ҳар сад тан наваду нӯҳ тан кушта шаванд ва ҳар яке аз онҳо мегӯяд: шояд ман фақат наҷот ёбам. Ва дар ривояте омада, ки наздик аст Фурот аз рӯи ганҷе аз тилло хушк шавад ва касе, ки ба он саҳна ҳозир шавад, бояд аз он чизе нагирад.

1823 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Мадинаро ба беҳтарин ҳоле, ки буд мегузоранд ва ҷуз паррандагон ва даррандагон касе ба он дохил намегардад ва охирин касе, ки ҳашр мешавад ду шубонанд аз Музайна, ки қасди Мадинаро намуда бар гӯсфандонашон дод мекашанд ва Мадинаро пур аз ҳайвоноти ваҳшӣ меёбанд, то ин ки ба Санияту-л-видоъ мерасанд ва ба рӯйҳояшон меафтанд.

1824 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар охири замон халифае аст, аз хулафои шумо ки молро ба чангҳояш тақсим намуда ва ҳисоб намекунад (Ин киноя аз фаровонии неъмат ва афзоиши сарват аст).

1825 - Аз Абумӯсои Ашъарӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳамоно бар мардум замоне хоҳад омад, ки шахс садақаашро аз тилло гирифта мегардонад ва касеро намеёбад, ки онро бигирад ва як мард дида мешавад, ки аз зиёд шудани занон ва камии мардон, чиҳил зан ба дунболи вай афтода, ба вай паноҳ меоваранд.

1826 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Шахсе аз дигаре заминеро харидорӣ кард. Ва он, ки заминро харида буд дар он кузаи тиллоӣ ёфт ва барои шахсе ки заминро аз ӯ харида буд гуфт: Тилои худро бигир! Ман заминро аз ту харидорӣ кардам, на тиллоро ва он, ки замин аз вай буд гуфт. Замин ва он чиро дар он аст, ба ту фурӯхтам ва ҳар ду барои қазоват ба нади шахсе омаданд ва он ки барои қазоват наздаш рафтанд, гуфт: Оё шумо фарзанд доред? Яке аз он ду гуфт: Ман писаре дорам ва дигаре гуфт: Ман духтаре дорам. Гуфт: Духтарро ба писар никоҳ кунед ва барои он ду харҷ кунед ва он корро карданд.

1827 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки аз Расули Худо (с) шунид, ки мефармуд: Ду зан буданд, ки бачаҳояшонро ҳамроҳ доштанд, гург омад ва бачаи яке аз он ду занро бурд. Ва зане, ки (писарашро гург бурда буд, ба зани ҳамроҳаш гуфт: Бачаи туро бурда буд ва ӯ гуфт: Бачаи туро бурдааст. Он ду барои қазоват назди Довуд (ъ) омаданд ва ӯ ҳукм кард, ки бача аз зани бузург аст. Он гоҳ он ду ба назди Сулаймон (ъ) рафтанд ва ӯро хабар карданд. Сулаймон (ъ) гуфт: Корде бароям биёваред ки онро дар миёнатон ду қисм кунам. Зани кӯчак гуфт: Худо бар ту раҳмат кунад, ин корро макун, ӯ бачаи ӯст. Пас аз он Сулаймон (ъ) ҳукм намуд, ки фарзанд аз зани кӯчактар аст.

1828 - Аз Мирдоси Асламӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд, дар наздикии қиёмат некӯкорон ба дунболи ҳамдигар мераванд ва мардуми носара монанди носараи ҷав ва хурмо мемонад, ки Худованд ба онҳо аҳамияте намедиҳад.

***Шарҳ:*** *Ин ҳадис баёнгари он аст, ки марги солиҳин ва некӯкорон аз нишонаҳои қиёмат аст.*

1829 - Аз Рифоъа ибни Рофиъи Зурақӣ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Ҷибрил (а) хидмати Расули акрам (с) омада гуфт: Аҳли Бадрро дар миёнатон чӣ гуна мешуморед? Фармуд: Аз бартарин мусалмонон (ё калимаи мисли онро гуфт). Фармуд ва ҳамчунонанд фаришатгоне, ки дар Бадр ҳузур доштанд.

1830 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳар гоҳ Худованд бар қавме азобе фиристад, шомили ҳамаи эшон шавад ва боз бар ҳасби аъмоли худ барангехта шаванд.

1831 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт: танаи дарахти хурмое буд, ки паёмбар (с) дар хутба рӯйи он меистод ва чун минбар ниҳода шуд аз танаи дарахти хурмо садое мисли садои ъишор (*модаи шутуре, ки ҳамлаш ба даҳмоҳа расида*) шунидем, то ин ки паёмбар (с) фуруд омада ва дасташро бар он гузошт ва сипас ором гирифт. Ва дар ривояте омадааст, ки чун рӯзи ҷумъа шуд ва Паёмбар (с) бар минбар нишаст, дарахти хурмое,

ки дар канораш хутба мехонд, фарёде зад, ки наздик буд шикофта шавад. Ва дар ривояте омада, ки пас монанди бача нола кашид ва паёмбар (с) фуруд омад, то онро ба оғӯшаш гирифт ва монанди нолаи бачае, ки ором сохта мешавад, ба нола оғоз намуд, то ором гирифт ва фармуд, аз ҷиҳати он чи ки аз зикр мешунид, гирист.

1832 - Абусаълабаи Хушанӣ Ҷурсум ибни Ношир (р) аз Расули Худо (с) нақл карда, ки фармуд: Ҳамоно Худованд аҳкомеро фарз намуда, пас онро зоеъ макунед ва ҳудуде вазъ намуда, пас аз он таҷовуз нанамоед ва чизҳоеро ҳаром сохта, ҳурмати онро поймол накунед ва аз ҷиҳати меҳрабонӣ бар шумо бидуни ин ки фаромӯш карда бошад, аз чизҳое сукут карда, пас аз он ҷустуҷӯ ва савол макунед.

1833 - Аз Абдуллоҳ ибни Абуавфо (р) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамроҳи Расули Худо (с) ҳафт ҷанг намудем, ки дар он малах мехӯрдем. Ва дар ривояте омадааст, ки ҳамроҳи вай малах мехӯрем.

1834 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Мӯъмин аз як сӯрох ду мартаба газида намешавад.

***Шарҳ:*** *Абуобид мегӯяд: Маънои ин ҳадис он аст, ки барои мӯъмин шоиста нест, ки чун дар як роҳ зиёне бинад, боз ду мартаба ба он роҳ равад.*

1835 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) манқул аст, ки гуфт: дар асное, ки паёмбар (с) дар маҷлисе нишаста ва бо мардум сӯҳбат мекард, аъробие наздаш омада, гуфт: қиёмат чӣ вақт аст, эй Расули Худо (с)? Он ҳазрат (с) сӯҳбати худро идома дод. Бархе гуфтанд: гуфтаашро шунид, вале онро зишт шумурд ва бархе дигарро ақида бар ин шуд, ки нашунидаш, то ин ки сӯҳбаташро тамом намуд, фармуд: Куҷост, касе ки аз қиёмат пурсиш намуд. Гуфт: Ман, ҳозирам ё Расулаллоҳ. Фармуд: Чун амонат зоеъ сохта шуд, интизори қиёматро бикаш. Гуфт: зоеъ шудани он чи гуна аст? Фармуд: Чун кор ба ноаҳлон супурда шавад, мунтазири қиёмат бош.

1836 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Байни ду Сур (дамидани Исрофил (ъ) чиҳил аст.

Гуфтанд эй Абуҳурайра чиҳил рӯз? Гуфт: Наметавонам чизе бигӯям ва ҳама инсон пӯсида мешавад, ҷуз бехи думаш, ки дар он махлуқот дубора таркиб мегарданд. Боз Худованд аз осмон обе фуруд меорад ва монанди сабза меруянд. Гуфтанд: Чиҳил сол? Гуфт: Наметавонам чизе бигӯям. Гуфтанд: Чиҳил маҳ?

1837 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Барои шумо намоз мегузоранд (*аимма*) агар ба ҳақ баробар шуданд, пас барои шумо (*аҷр*) аст ва бар онҳо зиён.

***Шарҳ:*** *имом Аҳмад ҳадиси дигареро ривоят карда, ба лафзи* ***"фа ин асобӯ фалакум ва лаҳум"*** *яъне, агар бар ҳақ баробар шуданд, пас барои шумо ва онон аҷр аст.*

1838 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Маҳбубтарини сарзаминҳо назди Худо масоҷид аст ва бадтаринашон бозорҳост.

*Шарҳ:* ***беҳтарини ҷойҳо масоҷид аст, ки дар он зикр ва ёди Худо сурат мегирад ва бадтарини ҷойҳо бозорҳост, ки дар он фиреб ва суд ва савгандҳои дурӯғ ва суханони носазо ва мухолифати ваъда ва эъроз аз ёди Худо сурат мегирад.***

1839 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, дар тафсири қавли Худованд: **Шумо беҳтарин умате будед, ки барои мардум бароварда шудед.** Гуфт: Беҳтарини мардуми (уммати Муҳаммад) барои мардум (кофирон) онҳоро бо қайдҳое, ки дар гарданашон аст меоваранд, то ба инсон ислом дохил гарданд.

1840 - Ва боз аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Худованди азза ва ҷалла бар шигифт меояд аз гуруҳе ки дар занҷирҳо ба биҳишт ворид мешаванд.

1841 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) манқул аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Се кас аст, ки Худованд дар рӯзи қиёмат бо онон сухан нагуфта ва ба эшон нанигариста ва тазкияашон намекунад ва барояшон азоби дарднокест. Марде, ки дар биёбон оби зиёде дорад ва онро аз мусофирон бозмедорад ва марде, ки матоъеро бо касе баъд аз аср муомила намуд ва ба

Худо савганд хӯрд, ки онро ба ин қадар ва ин қадар гирифта ва ӯ ҳам ростгӯяш шумурд, дар ҳоле ки чунон набуд ва марде, ки аз ҷиҳати дунё ба имоме байъат кард, ки ҳар гоҳ аз дунё ба вай диҳад, вафо мекунад ва агар надиҳад, вафо намекунад.

1842 - Аз Салмони Форсӣ (р) нақл шуда, ки гуфт, Агар метавонӣ бикуш аввалин касе, ки ба бозор дохил мешавад набошӣ ва ҳам охирин касе ки берун мешавад, зеро бозор майдони корзори шайтон аст, ки дар он парчами худро меафрозад. Муслим онро чунин ривоят намуда: Ва Барқонӣ дар Саҳиҳаш аз Салмон (р) ривоят намуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Мабош аввалин касе, ки ба бозор дохил мешавад ва на ҳам охирин касе, ки аз он мебарояд, зеро шайтон дар он тухм ниҳода ва чӯҷа кардааст (ин киноя аз он аст, ки бозорҳо ҷои фисқу фуҷур, маъсӣ ва найранг мебошанд, ки шайтон бар ин корҳо амр мекунад ва васвасаи онро дар дилҳо падид меоварад).

1843 - Аз Осим Аҳвал аз Абдуллоҳ ибни Сарҷис (р) ривоят аст, ки гуфт: Барои Расули Худо (с) гуфтам: Ё Расулуллоҳ! Худованд барои шумо омурзидааст? Фармуд: Ва барои ту ҳам. Осим гуфт: ба Абдуллоҳ ибни Сарҷис гуфтам: Оё Расулуллоҳ барои ту истиғфор намуд? Гуфт, Бале ва ин оятро Хонд: **(Ва омурзиш талаб кун барои гуноҳи хеш ва барои мардону занони мӯъмин.**

1844 - Аз Абумасъуди Ансорӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳамоно аз он чи ки мардум аз аввалин каломи нубувват дарёфтанд, ин аст, ки чун ҳаё надорӣ ҳар чӣ мехоҳӣ бикун.

***Шарҳ:*** *Ба ростӣ, ҳаё аз Худо ва бандагони Худо аст, ки инсонро аз иртикоби маноҳӣ бозмедорад ва ҳар гоҳ аз вуҷуди шахсе решакан шавад, ҳар кореро анҷом медиҳад, зеро мониъе барои анҷоми ин корҳо дар вуҷудаш боқӣ намемонад.*

1845 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Аввалин чизе, ки дар рӯзи қиёмат дар миёни мардум бад-он ҳукм мешавад, хунҳо аст.

1846 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Фариштагон аз нур ва ҷинниён аз шӯълаи оташ ва одам аз он чи барои шумо тавсиф шуд (гилу хок) офарида шудааст.

1847 – Ва низ аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки гуфт: Ахлоқи Паёмбари Худо (с) Қуръон буд.

***Шарҳ:*** *Ба ростӣ, ки Расули Худо (с) дар пиндор, гуфтор ва кирдорашон намуна ва улгӯйи амалии аҳкоми Қуръон буданд, ки ояи муборакии* **"Ва иннака лаъало хулуқин ъазим"** *намоёнгари ин ҳақиқат мебошад.*

1848 - Ҳамчунон аз Оиша (р) марвист, ки Расули Худо (с) фармуд: он ки дидори Худоро дӯст бидорад, Худованд дидори ӯро дӯст медорад ва касе ки дидори Худоро написандад, Худованд дидори вайро намеписандад. Гуфтам: ё Расулаллоҳ! Оё написандидан марг аст? Пас, ҳамаи мо маргро намеписандем. Фармуд: ин нест, вале мӯъмин чун ба раҳмат ва ризвон ба биҳишти Худо мужда дода шавад, дидори Худоро намеписандад ва Худои таъоло ҳам дидорашро намеписандад.

1849 - Аз Уммулмӯъминин, Сафия бинти Ҳуяй (р) марвист, ки гуфт: Паёмбар (с) муътакиф буданд ва ман шаб ба дидорашон омадам ва бо эшон сӯҳбат намуда ва баъд бархостам то боз гардам, он ҳазрат (с) бо ман бархост, ки маро бозгардонад ва ду мард аз ансор гузаштанд ва чун паёмбар (с)-ро диданд, шитофтанд. Паёмбар (с) фармуд: Ба ҳоли оддиатон роҳ равед, ин зан Сафия бинти Ҳуяй аст. Гуфтанд: Субҳоналлоҳ, эй Расули Худо (с)! Фармуд: Шайтон аз маҷрои хуни инсон мегузарад ва ман тарсидам, ки дар дили шумо шарреро бияндозад. Ё фармуд: Чизеро.

***Шарҳ:*** *Ин ҳадис делел бар он аст, ки инсон бояд аз мавозиъи тӯҳмат бигрезад ва барои он ки гумони бадро аз худ дафъ кунад, то мардум ба ғайбаташ гирифтор нашаванд лозим аст, ки ташвиш ва васвасаи мардумро дафъ кунад. Ҳамчунин мафҳуми ҳадис он нест, ки он ду саҳобӣ Расули Худо (с) –ро муттаҳам медоштаанд, балки ҳадаф иршод аст,*

*ки эй бандагони Худо! Агар шумо чунин будед, пас ин корро бинамоед, то ба шумо гумони бад нашавад.*

1850 - Аз Абулфазл Аббос ибни Абдулмуталлиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзи Ҳунайн бо Расули Худо (с) ҳузур ёфтам. Ман ва Абусуфён ибни Ҳорис ибни Абдумуталлиб пайваста бо вай будем ва аз ӯ ҷудо нашудем ва Расули акрам (с) бар хари сафеди хеш буд. Чун мусалмонон ва мушрикон бо ҳам рӯ ба рӯ шуданд ва мусалмонон пушт гардониданд, Расули Худо (с) шурӯъ ба давондани устури худ ба суи куффор намуд ва ман лаҷоми устури Расули Худо (с)-ро гирифта талош мекардам, то тез наравад. Дар ҳоле ки Абусуфён рикоби Расули Худо (с)-ро гирифта буд. Он ҳазрат (с) фармуд: Эй Аббос, асҳоби Самура (Байъату-р-ризвон)-ро садо кун. Аббос (р), ки марди баландсадое буд, (бо садои баланд) гуфт: Асҳоби Самура куҷоянд? Пас, Валлоҳи, гӯй ки ман онҳорор баргашт додам ва ҳангоме ки садои маро шуниданд, мисли ин ки гов ба тарафи фарзандҳояш бармегардад баргашта гуфтанд: **Ё лаббайк ё лаббайк.**

Онҳо ва куфор ҷангиданд ва даъватгар дар миёни ансор мегуфт: Эй гурӯҳи ансор! Эй гурӯҳи ансор. Ва баъд фақат даъват бар бани Ҳорис ибни Ҳазраҷ мунҳасир шуд ва Расули Худо (с) дар ҳоле, ки бар устурашон буд, монанди касе, ки гардан фарозад то ҷараёни ҷангро мушоҳида кунад, менигаристанд ва ва фармуд: Ин замонест, ки ҷанг гарм шудааст. Боз Расули Худо (с) чанд дона сангрезаро гирифта, онҳоро ба тарафи куффор андохта фармуд: Ба номи Худои «Муҳаммад» шикаст хӯред! Ман рафтам ва мушоҳида кардам, ки ҷанг ба ҳамон шаклаш буд ва савганд ба Худо ба маҳзи онҳоро бо сангреза зад, пайваста дидам, ки тавонояшон заъиф ва корашон ба шикаст анҷомида аст.

1851 - Аз Абуҳурайра (р) марвист, ки Расули Худо (с) фармуд: Эй мардум! Худованди таъоло покиза аст ва ба ҷуз покизаро намепазирад ва Худованд мӯъминонро монанди фиристодагонаш маъмур сохтааст. Худованди таъоло фармуд:

**“Эй фиристодагон бихӯред аз чизҳои покиза ва кори некӯ анҷом диҳад”.** Ва ҳамчунин фармуд: **“Эй мӯъминон, бихӯред аз чизҳои покизае, ки ба шумо рӯзӣ додем”.** Сипас мардеро ёд намуд, ки сафарашро дароз намуда, ғуборолуда ва жӯлидамӯй аст ва дастҳояшро ба осмон баланд карда мегӯяд: Парвардигорам, Парвардигорам дар ҳоле, ки хӯрданиаш ҳаром ва ошомиданияш ҳаром буда ва ба ҳаром тағзия шудааст, пас чи гуна дуъои чунин шахсе пазируфта мешавад?

***Шарҳ:*** *Ин ҳадис беҳтарин далел аст барои касоне ки дар қабули дуъояшон дучори ташвиш гардида мегӯянд: чаро ин қадар мардум дуъо мекунанд ва Худованд дуъои инҳоро қабул намекунад? Иллаташ ҳамин аст, ки ин мардуме, ки дуъо мекунанд, шурути иҷобат ва қабули дуъо дар вуҷудашон падидор нест. Оре дар сурате, ки тибқи фармудаи Расули акрам (с) хӯрданӣ ва ошомидании шахс ҳаром бошад, гизо гирифта бошад, чи гуна шахси мазкур умедвори иҷобат ва қабули дуъо метавонад бошад. Ба ростӣ, агар муслимини асри ҳозир бихоҳанд саъодатманди дуньё ва охират шаванд, бояд ба Худо бозгарданд ва аз ҳаром ва муҳаррамот иҷтиноб намоянд, то ки Худованд ёру мададгорашон шавад.*

1852 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Се касанд, ки Худованд дар рӯзи қиёмат бо эшон сухан намекунад ва тазкияашон накарда ва ба онҳо наменигарад ва барои онҳо азоби дарднокест. Пири зинокор ва подшоҳе, ки бисёр дурӯғ мегӯяд ва гадои мутакаббир.

1853 - Инчунин аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Сайҳун, Ҷайҳун, Фуроту Нил ҳама аз ҷӯйҳои биҳишт аст.

1854 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) дасти маро гирифта фармуд: Худованд хокро дар рӯзи шанбе офарида ва кӯҳҳоро дар рӯзи якшанбе, дарахтро дар рӯзи душанбе ва он чи ки зиндагӣ кардан ба он зарурат дорад, (мисли фалазоти замин ва ғайра) рӯзи сешанбе ва нурро рӯзи чаҳоршанбе офарид ва низ ҳайвонотро рӯзи панҷшанбе халқ ва пароканда намуд ва

Одам (ъ)-ро баъд аз асри рӯзи ҷумъа дар охири рӯз миёни аср то шаб офарид.

1855 – Аз Абусулаймон Холид ибни Валид (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар рӯзи (ҷанги) Муъта нӯҳ шамшер дар дастам шикаст ва дар дастам ба ҷуз шамшери ямонӣ намонд.

1856 - Аз Амр ибни Ос (р) ривоят аст, ки аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Агар ҳоким ҳукм намуда ва иҷтиҳод кард ва назараш дуруст буд, барояш ду аҷр (*музд*) аст (*музди иҷтиҳод ва музди ба ҳақ расидан*) ва ҳар гоҳ ҳукм намуда ва иҷтиҳод кард ва назараш дуруст набуд, барои вай як музд аст, фақат музди иҷтиҳод.

1857 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: таб аз шарораи оташи дӯзах аст, пас, ба об сардаш кунед.

1858 - Ва низ аз Оиша (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Он, ки бимирад ва бар ӯ рӯзае бошад, валии ӯ бояд аз ҷояш рӯза бигирад.

1859 - Аз Авф ибни Молик ибни Туфайл ривоят аст, ки ба Оиша (р) гуфта шуд, ки Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) дар фурӯш ё бахшиш, ки Оиша (р) онро дода буд савганд хӯрд, ки ё ҳатман Оиша (р) аз ин корро худро бозхоҳад дошт, ё он ки ӯро аз ин кор манъ хоҳад намуд. Оиша (р) гуфт: Оё ӯ ин суханро гуфтааст? Гуфтанд: Бале. Гуфт: Бар ман назр аст, ки ҳаргиз бо Ибни Зубайр ҳарф назанам. Чун муддати дарозе гузашт Ибни Зубайр шафоатхоҳ фиристод ва Оиша (р) гуфт: На, савганд ба Худо ҳаргиз шафоъати касеро дар мавриди вай нахоҳам пазируфт ва худро дар назрам гунаҳгор нахоҳам кард. Чун боз ин муддат ба дарозо кашид. Ибни Зубайр бо Мисвар ибни Махрама ва Абдураҳмон ибни Асвад ибни Абдяғус сӯҳбат намуда, ба онҳо гуфт: Шуморо ба Худо савганд медиҳам, ки ҳатман маро хидмати Оиша (р) дохил кунед, зеро барояш ҷоиз нест, ки ба қатъи робита бо ман назр кунад. Мисвар ва Абдураҳмон вайро бо худ гирифта рафтанд то ин ки аз Оиша (р) иҷоза хостанд ва гуфтанд: Ассалому алайки ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу, оё дохил гардем.

Оиша (р) гуфт: Дохил шавед. Гуфтанд: Ҳамаи мо? Гуфт: Бале ҳамаи шумо дохил шавед ва намедонист, ки Ибни Зубайр ҳамроҳи он ду вуҷуд дорад ва чун дохил шуданд Ибни Зубайр ба ақиби парда дохил шуда бо Оиша (холааш) оғӯш карда, шурӯъ ба гиристан ва савганд додани вай намуд. Мисвар ва Абдураҳмон ҳам вайро савганд дода, аз ӯ мехост, ки ҳатман бо вай ҳарф зада, аз вай бипазирад ва мегуфтанд: Паёмбар (с) аз тарки муровадае, ки кардӣ, наҳй фармудааст ва барои мусалмон раво нест, ки бародарашро беш аз се шаб тарк кунад. Чун ӯро зиёд мавъиза намуданд ва душвории ин амрро ба вай гуфтанд, вай гириста ва шурӯъ ба панд доданашон намуда, мегуфт: Ман назр кардам ва назр кори сахтест. Ва ҳамин тавр ӯро ба розӣ шудан мулзам мекарданд то ин, ки бо Ибни Зубайр ҳарф зад ва дар ҳамин назри худ пиҳил бардаро озод намуд. Пас аз он назри худро ёд карда, тавре мегирист, ки чодараш тар мешуд.

1860 - Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) баъд аз ҳашт сол бар сари куштагони Уҳуд омада ва монанди видоъкунандаи зиндаҳо ва мурдаҳо барояшон дуо намуданд. Баъд ба минбар баромада, фармуданд: Ман дар пешопеш роҳкушои шумоям ва ман барои шумо гувоҳам ва миъодгоҳи шумо Ҳавз аст ва ман аз ин ҷойгоҳам ба сӯи Ҳавз менигарам ва ман бар шумо наметарсам ки ширк меоваред, вале метарсам, ки бар дунё бо ҳам рақобат кунед. Уқба гуфт: Ва ин охирин нигоҳе буд, ки бар паёмбар (с) андохтам. Ва дар ривояте омада, ки вале бар шумо бим дорам, аз ин ки дар дунё мусобиқа кунед ва бо ҳам биҷангед, мисли ақвоми пешин ба ҳалокат расед. Уқба мегӯяд ва ин охирин боре буд, ки Паёмбар (с)-ро бар минбар дидам. Ва дар ривояти дигар чунин омадааст, ки он ҳазрат (с) фармуд: Ман роҳкушои шумоям ва бар шумо гувоҳам ва савганд ба Худо, ба сӯи Ҳавзам ҳамакнун менигарам ва ба ман калидҳои ганҷинаҳои заминӣ, ё калидҳои замин дода шудааст. Савганд ба Худо, ки наметарсам, ки баъд аз ман

мушрик мешавед, аммо метарсам, ки бар сари дунё бо ҳам рақобат кунед.

1861 - Аз Абузайд Амр ибни Ахтаби Ансорӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (с) намози субҳро бо мо гузорида, бар минбар баромад ва то зуҳр бар мо хутба хонд. Сипас фуруд омада, намоз гузорид ва боз бар минбар боло шуда, то аср хутба хонд ва сипас фуруд омада, намоз гузорид ва боз бар минбар баромад, то ғуруби офтоб суханронӣ кард ва моро аз он чи, ки буда ва хоҳад буд, хабар дод. Пас, олимтарини мо, ҳофизтарини мо буд.

1862 - Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфт паёмбар (с) фармуд: Он ки назр кунад, ки итоъати Худоро намояд, пас итоъаташро бикунад ва он ки назр кунад ба он чи маъсияти Худост, пас нофармонии Ҳақ таъолоро нанамояд.

1863 - Аз Умми Шарик (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) вайро ба қатли мор (калпоса) амр намуда, фармуд: Ӯ бар оташи Иброҳим (ъ) пуф менамуд.

1864 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (с) фармуд: Он, ки чалпосаро дар аввалин зарба бикушад барои ӯ чунин ва чунон подош аст ва он, ки дар зарбаи дувумин бикушад, чунин ва чунон подош аст ва агар дар зарбаи саввум бикушад, чунин ва чунон подош аст ва дар ривояте нақл шуда, ки касе дар аввалин зарба чалпосаро бикушад, барои сад ҳасана навишта мешавад ва дар дуввумӣ камтар аз ин ва дар савумин камтар аз ин.

1865 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Марде гуфт: ҳатман садақаҳоеро медиҳам ва бо садақааш берун шуда ва онро дар дасти дузде гузошт ва мардум субҳ ҳарф заданд, ки ба дузде садақа додааст. Ӯ гуфт: Бор Худоё! Туро сипос, боз ҳатман садақаеро медиҳам ва берун шуда онро дар дасти зани зинокоре гузошт ва субҳ сухан гуфтанд, ки дишаб ба зонияе садақа додааст?! Пас гуфт Худоё туро сипос. Ҳатман садақае медиҳам ва берун шуда онро дар дасти сарватманде ниҳод ва субҳ ҳамчунин сухан гуфтанд: ки ба сарватманде садақа дода шудааст? Пас гуфт: Худоё туро

сипос, бар садақае, ки ба дузд ва зинокор ва сарватманде додаам. Пас он шахс эҳзор шуда барояш гуфта шуд: Аммо садақаат бар дузд, шояд ӯро аз дуздиаш боздорад ва бар зинокор, шояд ӯро аз зинояш боздорад ва бар сарватманд, то шояд ӯро ибрате бошад, то аз он чи Худо барояш дода, нафақа кунад.

1866 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: назди Расули Худо (с) дар даъвате будем, ки барояшон почаки пӯхташудае оварданд, ки он ҳазрат (с) онро дӯст медошт ва аз он бо дандонҳояшон канда ва фармуд: Ман дар рӯзи қиёмат сардори мардумам. Оё медонед ин чӣ гуна аст? Худованд дар як замин аввалин ва охиринро ҷамъ месозад, ки бинанда ононро мебинад ва доъӣ ононро мешунавонад ва барояшон офтоб наздик сохта мешавад ва мардумро андӯҳ ва машаққати он чи ки тоқати таҳаммули онро надоранд, фаро мегирад ва мегӯянд: Оё намебинед дар чӣ ҳоле ҳастед ва он чи ба шумо расида, оё ба касе, ки шафоъати шуморо ба Парвардигоратон намояд, рӯ намеоваред?

Бархе мардум барои дигарон, гӯянд: падари шумо Одам (ъ) ва назди вай меоянд ва мегӯянд: Эй Одам, ту падари башарӣ, Худованд туро бо яди (*дасти*) хеш офарид ва дар ту аз рӯҳаш дамид ва малоикаҳоро амр намуд, то бароят саҷда намуданд ва туро ба ҷаннат ҷой дод. Оё назди Парвардигорат шафоъати моро намекунӣ? Оё намебинӣ дар чи ҳолем ва ба чи вазъе расидаем?! Ӯ мегӯяд: Парвардигорам, имрӯз ба гунае хашмгин аст, ки на қабл ва на баъд мисли он хашмгин шудааст ва вай маро аз дарахт боздошт ва ман нофармонӣ кардам, худам, худам, худам, биравед назди дигаре биравед, назди Нӯҳ.

Пас назди Нӯҳ (ъ) меоянд ва барояш мегӯянд: Эй Нӯҳ! Ту аввалин паёмбари рӯи заминӣ ва Худованд туро бандаи шукргузор номидааст. Оё намебинӣ дар чӣ ҳолем?! Оё намебинӣ бар мо чӣ омада. Оё барои мо назди Парвардигорат шафоъат намекунӣ? Нӯҳ (ъ) мегӯяд: Худоям имрӯз ба гунае хашмнок аст, ки на қабл ва на баъд мисли он хашмгин шудааст ва бароям даъвате буд, ки бадон барои ҳалокати қавмам дуъо

кардам, худам, худам, худам, биравед назди дигаре. Биравед назди Иброҳим.

Пас назди Иброҳим омада ва мегӯянд: Эй Иброҳим, ту Паёмбари Худо ва дӯсташ дар замин ҳастӣ. Барои мо назди Парвардигорат шафоъат кун. Оё намебинӣ дар чӣ ҳолем? Иброҳим (ъ) мегӯяд: Парвардигорам, имрӯз ба гунае хашмнок шуда, ки на қабл ва на баъд мисли он хашмгин шудааст ва ман се дурӯғ гуфтаам. Худам, худам, худам назди дигаре биравед! Назди Мӯсо биравед!

Пас назди Мӯсо (ъ) меоянд ва мегӯянд: Эй Мӯсо! Ту Расули Худоӣ, ки туро Худованд ба рисолат ва каломаш бар мардум фазилат дода, моро пеши Парвардигорат шафоъат кун. Оё намебинӣ дар чи ҳолем? Мегӯяд: Парвардигорам имрӯз ба гунае хашмнок аст, ки на қабл ва на баъд мисли он хашмгин шудааст ва ман касеро, ки амр ба қатли он нашудаам, куштаам. Худам, худам худам, назди дигаре биравед! Назди Исо равед!

Пас назди Исо (ъ) мераванд ва мегӯянд: Эй Исо, ту Расули Худо ва калимаи Худоӣ, ки бар Марьям илқо фармуд ва рӯҳе аз ӯ ҳастӣ ва бо мардум дар гаҳвора сухан гуфтӣ. Барои мо назди Парвардигорат шафоъат кун. Намебинӣ дар чӣ ҳолем? Исо (ъ) мегӯяд: Парвардигорам, имрӯз тавре хашмгин аст, ки на қабл ва на баъд мисли он хашмгин шудааст ва гуноҳеро зикр накарда худам, худам, худам. Назди дигаре равед.Назди Муҳаммад (с) равед!

Пас назди Муҳаммад (с) меоянд ва дар ривояте омада, ки пас наздам меоянд ва мегӯянд: Эй Муҳаммад (с), ту Расули Аллоҳ ва хотаму набийин ҳастӣ, ҳаққо, ки Худованд барои ту гуноҳони мутақаддим ва мутаъаххирро омурзидааст, барои мо назди Парвардигорат шафоъат кун. Оё намебинӣ дар чӣ ҳолем? Пас меравам ва зери Арш меоям ва барои Парвардигори худ ба саҷда меафтам ва сипас Худованд забонамро ба чизе аз ситоиш ва ҳусни сано барои хеш боз мекунад, ки барои ҳеҷ кас қабл аз ин боз нанамудааст. Сипас гуфта мешавад: Эй Муҳаммад (с) саратро баланд кун. Савол кун то дода шавӣ ва

шафоъат кун, то шафеъ гардонда шавӣ ва сарамро баланд карда мегӯям: Парвардигоро! Умматам, Парвардигоро умматам ва гуфта мешавад: Эй Муҳаммад! Касоне, ки уммататро, ки бар онҳо ҳисобе нест, аз дарвозаҳои рост, дарвозаҳои биҳишт дохил соз ва ҳамчунин бо мардум дар дарвозаҳои дигари биҳишт ғайр аз ин дарвоза шариканд. Сипас фармуд: савганд ба Зоте, ки ҷонам дар яди (*дасти билокайфи*) ӯст, ки миёни ду паллаи дарвоза аз дарвозаҳои биҳишт чун фосила миёни Макка ва Ҳиҷр (шаҳрест дар Баҳрайн) аст ё ба андозаи фосилаи миёни Макка ва Бусра (*шаҳрест дар Ҳеврон дар ҷануби Димишқ*) аст.

***Шарҳ:*** *Дар бораи гуфтори Иброҳим (ъ), ки ӯ се дурӯғ гуфта буд ва он ин аст, ки Иброҳим (ъ) дар рӯзи ҷашни Намрудиён (мушрикини замони Намруд) гуфт: Ман беморам. Ва ба онон баъд аз шикастани бутҳо гуфт: бузургашон ин корро намуда ва ҳам барои шоҳ дар мавриди ҳамсараш Сора гуфт: ин хоҳари ман аст. Байзовӣ (раҳимаҳуллоҳ) мегӯяд: ин суханон аз ҷумлаи киноя аст, вале сурати ин суханон чун ба сурати дурӯғ буд аз он тарсид, зеро хавфи он ки ба Худо наздиктар аст, бештар аст.*

1867 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Иброҳим (ъ) модари Исмоил (Ҳоҷар) ва фарзандаш Исмоилро дар ҳоле, ки модараш вайро шир медод, овард ва дар канори хонаи «Каъба» дар канори дарахти бузурге, ки болои Замзам буд дар баландии масҷид гузошт ва дар ҳоле, ки он ҳангом дар Макка касе набуд ва об ҳам надошт он дуро дар он ҷо ниҳода ва наздашон кисае аз хурмо ва машки обе гузошт ва сипас Иброҳим (ъ) ба ақиб баргашта рафт. Модари Исмоил ба дунболаш давида фарёд зад! Эй Иброҳим! Куҷо меравӣ ва моро дар ин биёбоне, ки дар он мунис ва чизе нест танҳо мегузорӣ? Чандин бор инро гуфт ва Иброҳим бар вай илтифоте накард. Гуфт: Оё Худо туро бад ин дастур додааст? Фармуд: Бале. Гуфт пас, моро зоиъ намекунад ва бозгашт.

Иброҳим (ъ) рафт то, ки дар канори Сания расид. Ҷое, ки вайро намедиданд, ба хон рӯй оварда дастҳояшро баланд намуда ва ин дуъоҳоро хонд ва гуфт: Парвардигоро! Ман иддае аз фарзандонамро дар ин биёбони беобу алаф дар канори хонаи ҳаромат ҷой додам, то онон намозро адо кунанд. Парвардигоро, қулуби баъзе аз мардумро ба онон вобаста кун ва аз самарот ва меваҳо ба онҳо рӯзӣ деҳ, то ки шукр кунанд.

Модари Исмоил (ъ) вайро шир дода ва аз он об меошомид, то оби машк тамом шуд. Ӯ ва фарзандаш ҳарду ташна шуданд. Вай ба фарзандаш нигариста дид, ки ба худ мепечад. Рафт чун, ки тоби дидани фарзандашро надошт ва Сафоро наздиктарин кӯҳе дид, ки дар канораш қарор дорад. Бар он боло шуда ва ба тарафи нигарист, ки оё касеро мебинад, вале касеро надид. Боз аз Сафо поин омад, то ба маҷрои сели Макка расид ва гӯшаи чодари худро баланд карда, ҳамонанди инсоне, ки ба сахтӣ рӯ ба рӯ шуда талош намуд. То аз водӣ гузашта боз ба Марва расид ва бар он истода дид, ки оё касеро мебинад, вале касеро надид. Ва ин амалро ҳафт бор такрор намуд.

Ибни Аббос (р) гуфт: Паёмбар (с) фармуд: Ин ҳамон ҳафт саъйе аст, ки дар миёни он ду (Сафо ва Марва) анҷом дода мешавад ва чун ба Марва наздик шуд, садоеро шунид, худро мухотаб қарор дода гуфт: Сокит шав ва ӯ хуб гӯш кард ва боз он садоро шунида гуфт: Шунавондӣ, агар метавонӣ кӯмакам кун. Ногаҳон фариштае (Ҷабраил)-ро дид, ки дар канори Замзам аст ва гуфт: Вай (Ҷабраил) ба пошнааш ё болаш ҷустуҷӯ намуд, то ки об ошкор шуд. Модари Исмоил (ъ) онро мисли ҳавз дуруст намуд ва онро ба кафҳояш гирифта, дар машк меандохт ва баъд аз каф заданаш об дубора фаввора менамуд ва дар ривояте омада, ки об ба андозае, ки бармедошт фаввора менамуд.

Ибни Аббос (р) гуфт: Паёмбар (с) фармуд: Худо модари Исмоилро раҳмат кунад, агар Замзамро ба ҳоли худ мегузошт, Замзам чашмаи ҷорӣ мебуд. Фармуд: Пас аз он

ошомида, писарашро шир дод. Фаришта ба вай фармуд: Аз ҳалок наҳаросед, зеро дар ин ҷо хонае аст барои Худованд, ки ин писар ва падараш онро бино мекунанд ва Худованд дӯстони худро зоеъ намекунад ва хонаи «мутабарркка» монанди тепае аз замин баланд буд, ки сел омада, аз ҷониби рост ва чапаш ҷараён дошт ва чунин буд, то ҳамсафаре чанд бо хонаводае аз қабилаи Ҷурҳум аз роҳи Кадо аз Макка гузаштанд ва дар поини Маккаи мукаррама фуруд омада, мурғеро диданд, ки ба атрофи хона мегардад ва аз он дур намешавад. Бо худ гуфтанд: Ин парранда ҳатман бар об мегардад, дар ҳоле ки мо аз замонаҳо ба ин биёбон сару кор дорем ва дар он об вуҷуд надоштааст. Аз ин рӯ, як ё ду нафарро фиристоданд. Он ду ҳамроҳи об вопас омада, онҳоро бохабар карданд. Онҳо омада, модари Исмоил (ъ)-ро дар канори об дида, гуфтанд: Оё ба мо иҷоза медиҳӣ ки дар канорат фуруд оем. Гуфт: Бале, вале дар об шумо ҳаққе надоред. Гуфтанд: Бале.

Ибни Аббос (р) гуфт: Паёмбар (с) фармуд: Модари Исмоил (ъ) ин мавзӯъро дид дар ҳоле, ки унсро дӯст медошт. Онҳо фуруд омада ва барои овардани хонаҳояшон фиристоданд ва хонаводаҳояшон ҳам омада, бо онҳо фуруд омаданд, то ки соҳиби хонаҳое шуданд ва Исмоил ҳам ҷавон шуда забони арабиро аз онҳо омӯхт ва чун ҷавон гардид, сахт ба вай алоқаманд шуданд ва чун болиғ шуд, зане аз онoнро ба ақди никоҳи вай даровcovaрданд. Ва модари Исмоил (ъ) вафот ёфт.

Чун Исмоил (ъ) издивоҷ кард, Иброҳим (ъ) омад, то аз ҳолашон хабар гирад, вале ӯро наёфт ва аз ҳамсараш пурсид. Вай гуфт: Ӯ баромада то барои мо чизе ҷустуҷӯ кунад. Ва дар ривояте омада, ки гуфт: То барои мо ошкор кунед. Боз аз вай дар мавриди зиндагӣ ва ҳолашон пурсид. Гуфт: Мо ба бадҳолӣ гирифторем, мо дар тангӣ ва сахтӣ умр ба сар мебарем ва ба вай шикоят намуд. Фармуд: Чун шавҳарат омад, ба вай салом бирасон ва бигӯ ки паллаи дарвозаашро иваз кунад. Чун Исмоил (ъ) омад, гӯё чизеро

эҳсос намуд ва гуфт: Оё касе назди шумо наомад. Гуфтанд: Бале, пирамарде чунин ва чунон назди мо омада, аз мо дар бораат пурсиш намуд ва ман огоҳаш кардам ва аз ман пурсид, ки зиндагии мо чӣ тавр аст? Огоҳаш сохтам, ки мо дар сахтӣ ва машаққат ба сар мебарем. Фармуд: Оё ба ту чизе тавсия нанамуд. Гуфт: Бале, маро амр намуд, ки бар ту салом расонам ва амр кард, ки паллаи дарвозаатро иваз кунӣ. Фармуд: ӯ падарам буда ва маро амр карда, ки аз ту ҷудо шавам. Пас назди хонаводаат бирав. Ӯро талоқ дода, ба зани дигаре аз онҳо издивоҷ кард.

Иброҳим (ъ) муддате диранг намуда, боз наздашон омад ва Исмоил (ъ)-ро наёфт ва бар ҳамсараш ворид шуда аз вай пурсиш намуд. Вай гуфт: Баромада то барои мо чизе ҷустуҷӯ кунад. Фармуд: Шумо чӣ ҳол доред ва аз зиндагиашон пурсид. Гуфт: Мо дар хайр ва фарохӣ умр ба сар мебарем ва бар Худованд сано гуфт. Фармуд: Хӯроки шумо чист? Гуфт: Гӯшт. Фармуд: Ошомидании шумо чист? Гуфт: Об. Фармуд Худоё, дар гӯшт ва обашон баракат деҳ.

Паёмбар (с) фармуд: ки онҳо дар он рӯзгор донаи (киштшуданӣ) надоштанд ва агар медоштанд, барояшон дар он дуъо менамуд. Фармуд: Агар касе фақат ба хӯрдани гӯшт ва об кифоят кунад, ба шикамдард гирифтор мешавад, магар дар Макка ба баракати дуъои Иброҳим. Ва дар ривояте омада, ки Иброҳим (ъ) омада ва гуфт: Исмоил куҷост? Ҳамсараш гуфт: Барои шикор баромада. Ҳамсараш гуфт: Оё фуруд намеоӣ, то хӯроке хӯрда ва обе биёшомӣ? Фармуд: Хӯрданӣ ва ошомидании шумо чист? Гуфт: Таоми мо гӯшт ва ошомидании мо об аст. Фармуд: Бор, Худоё, дар таъом ва ошомиданиашон баракат деҳ.

Гуфт: Паёмбар (с) фармуд: Баракати дуъои Иброҳим (ъ) аст, ки ин ду чиз дар Макка ба фаровонӣ пайдо мешавад ва фармуд: Чун ҳамсарат омад, ба вай салом гӯй ва ба вай дастур деҳ, ки паллаи дарвозаашро маҳкам дорад. Чун Исмоил (ъ) омад, фармуд: Оё касе назди шумо омад? Гуфт: Бале, марди калонсоли хушҳайкале омад ва ӯро тавсиф

намуд ва аз ман дар бораат суол намуд ва хабараш додам. Боз пурсид, ки зиндагии мо чӣ тавр аст ва огоҳаш сохтам, ки мо дар хайр ба сар мебарем. Фармуд: Оё туро ба чизе тавсия намуд. Гуфт: Бале, бар ту салом гуфта ва амрат намуд, ки паллаи дарвозаатро маҳкам нигоҳ дорӣ. Фармуд: Ӯ падарам буд ва ту паллаи дарвоза ҳастӣ ва ӯ маро амр намуда, ки туро нигоҳ дорам.

Боз муддате, ки Худо медонад Иброҳим (ъ), аз онҳо диранг намуд ва баъд аз он омад, дар ҳоле, ки Исмоил (ъ) тире аз они худро зери дарахти бузурге наздики Замзам дуруст мекард ва чун Иброҳим (ъ)-ро дид барояш бархоста ва чунонки падар дар баробари фарзанд ва фарзанд дар баробари падар анҷом медиҳад, амалӣ сохтанд. Фармуд: Эй Исмоил Худованд маро ба коре амр намудааст. Гуфт: Он чиро, ки Парвардигорат дастур дода анҷом деҳ. Фармуд: Бо ман ҳамкорӣ мекунӣ. Гуфт бо ту ҳамкорӣ мекунам. Фармуд: Худованд маро дастур дода, ки асоси хонаро бигзорам ва ишора кард, ба сӯи теппаи баланде ва сипас дар он ҷо асоси хонаро гузошт.

Исмоил (ъ) ба овардани санг шурӯъ намуд ва Иброҳим (ъ) месохт ва чун сохтмони он баланд шуд, ин сангро оварда барояш гузошт ва Иброҳим (ъ) бар он истода бино мекард ва Исмоил (ъ) сангҳоро ба вай дода, ҳарду мегуфтанд. **(Раббано тақаббал минно иннака анта-с-самиъу-л-ъалим).** Парвардигоро, амали моро бипазир, ки ҳамоно ту шунаво ва доноӣ.

Ва дар ривояте омада, ки Иброҳим (ъ) ҳамроҳи Исмоил (ъ) ва модараш дар ҳоле, ки бо эшон машки обе буд, баромад. Модари Исмоил (ъ) аз он машк меошомид ва шири ӯ барои писараш таровиш мекард, то ин ки ба Макка омад ва онро зери дарахти бузурге гузошт. Сипас Иброҳим (ъ) ба сӯи хонаводааш бозгашт ва модари Исмоил (ъ) ҳам ба дунболи вай омад, то ба Кадо расиданд ва аз ақибаш садо намуд, ки Иброҳим, моро ба кӣ мегузорӣ? Фармуд: Ба Худо. Гуфт: Ба Худо розӣ шудам ва бозгашт ва аз он машк об

меошомид ва шираш барои писараш таровиш мекард, то ин ки об тамом шуд. Бо худ гуфт: Чӣ мешавад, ки биравам ва бингарам, шояд касеро дарёбам ва гуфт: Пас рафта, бар Сафо баромада, нигарист ва нигарист, ки оё касеро меёбад. Чун ба маҷрои оби сел расид, саъю кӯшиш намуд ва ба Марва омад ва чандин бор ин корро такрор намуд. Боз гуфт: Чӣ мешавад, ки биравам ва бубинам, ки кӯдак чӣ кор намудааст.

Рафт ва дид, ки ӯ бар вазъи худ аст, ки гӯӣ барои марг нола мекунад ва дилаш ӯро нагузошт, то ором гирад ва гуфт: Чӣ мешавад агар биравам ва бубинам, оё касеро дармеёбам. Боз рафта ба Сафо баромада нигарист ва нигарист ва касеро наёфт, то ки ҳафтумро тамом намуд. Сипас гуфт: Чӣ мешавад, ки биравам ва бубинам, ки тифл чӣ кард? Ногоҳ садое шунид ва гуфт: Агар аҳли хайрӣ, кӯмак кун. Ногаҳон Ҷабраил (ъ)-ро дид ва ба пошнааш инчунин намуда, бар замин кӯбид ва аз он об ҷуст. Модари Исмоил ҳайрон гардид ва шурӯъ ба пур кардани дастҳои худ аз об намуда, дар машк мерехт ва ҳадисро ба дарозияш зикр намуд. Бухорӣ ин ҳадисро ба ҳамаи ривоятҳояш нақл кардааст.

1868 - Аз Саъид ибни Зайд (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Қорч аз ҷумлаи Ман (як навъи ҳалво) аст ва оби он шифои чашм аст.

# 19. КИТОБИ ИСТИҒФОР

## Боби 371. Омӯрзиш талабидан аз даргоҳи Парвардигори омурзгор

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿وَاسْتَغْفِرْ لِذَنْبِكَ وَلِلْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ﴾ [محمد: ١٩]. وقَالَ تَعَالَى: ﴿وَاسْتَغْفِرِ اللهَ إِنَّ اللهَ كَانَ غَفُوراً رَحِيماً﴾ [النساء: ١٠٦]. وقَالَ تَعَالَى: ﴿فَسَبِّحْ بِحَمْدِ رَبِّكَ وَاسْتَغْفِرْهُ إِنَّهُ كَانَ تَوَّاباً﴾ [النصر: ٣]. وقَالَ تَعَالَى: ﴿لِلَّذِينَ اتَّقَوْا عِنْدَ رَبِّهِمْ جَنَّاتٌ تَجْرِي﴾ إلى قوله عزَّ وجلَّ: ﴿وَالْمُسْتَغْفِرِينَ بِالأَسْحَارِ﴾ [آل عمران: ١٥]. وقال تعالى: ﴿وَمَنْ يَعْمَلْ سُوءاً أَوْ يَظْلِمْ نَفْسَهُ ثُمَّ يَسْتَغْفِرِ اللهَ يَجِدِ اللهَ غَفُوراً رَحِيماً﴾ [النساء: ١١٠]. وقالَ تَعَالَى: ﴿وَمَا كَانَ اللهُ لِيُعَذِّبَهُمْ وَأَنْتَ فِيهِمْ، وَمَا كَانَ اللهُ مُعَذِّبَهُمْ وَهُمْ يَسْتَغْفِرُونَ﴾ [الأنفال: ٣٣]. وقَالَ تَعَالَى: ﴿وَالَّذِينَ إِذَا فَعَلُوا فَاحِشَةً أَوْ ظَلَمُوا أَنْفُسَهُمْ ذَكَرُوا اللهَ فَاسْتَغْفَرُوا لِذُنُوبِهِمْ وَمَنْ يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلاَّ اللهُ وَلَمْ يُصِرُّوا عَلَى مَا فَعَلُوا وَهُمْ يَعْلَمُونَ﴾ [آل عمران: ١٣٥]

Худованд мефармояд: **Барои гуноҳонат ва гуноҳони мардон ва занони мусалмон омӯрзиш бихоҳ.** *(Муҳаммад (с): 19)*

**Омӯрзиш бихоҳ аз Худо ҳамоно Худованд омурзандаи меҳрабон аст.** *(Нисо: 106)*

**Дар он вақт ҳамд ва ситоиши Парвардигори худро кун ва омурзиш биталаб аз вай ҳароина ӯ бисёр пазирандаи тавба аст.** *(Наср: 3)*

**Барои касоне ки тақво намоянд, назди Парвардигорашон бӯстонҳое аст...** то фармудаи Худовандӣ: **Ва истиғфоркунандагони дар саҳаргоҳон.** *(Оли Имрон: 15-17)*

**Он ки амали баде намояд ва ё зулм кунад ба худ ва сипас аз Худо истиғфор биҷӯяд, Худовандро ғафур ва раҳим меёбад.** *(Нисо: 11)*

**Ва нест Худованд, ки азобашон кунад, дар ҳоле ки ту дар миёнашон ҳастӣ ва нест, ки Худованд азобашон намояд, дар ҳоле ки онон истиғфор меҷӯянд.** *(Анфол: 33)*

**Ва онон, ки амале зишт намуданд ва ё бар худ зулм карданд, Худоро ёд намуда ва аз гуноҳонашон истиғфор намуданд ва кист омурзандаи гуноҳон, магар Худо? Ва исрор наварзиданд бар он чӣ карданд, дар ҳоле ки онон медонанд.** *(Оли Имрон: 135)*

1869 - Аз Ағарри Музаннӣ (р) ривоят шуда, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно бар дилам аз зикр футур ва сустӣ пайдо мешавад дар лаҳзаҳои гирифторӣ ва ман рӯзе сад бор астағфируллоҳ мегӯям.

1870 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуд: Савганд ба Худо, ки ман дар рӯз беш аз ҳафтод бор астағфируллоҳа ва атубу илайҳи мегӯям.

1871 - Ҳамчунон аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Савганд ба Зоте, ки ҷонам дар ихтиёри Ӯст, ки агар гуноҳ накунед, ҳатман Худованд шуморо аз миён бурда, гурӯҳеро меорад ки гуноҳ намоянд ва аз Худованд омурзиш талабанд ва барояшон биёмурзад.

1872 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки гуфт: мо мешуморидем, ки Расули Худо (с) дар як нишаст сад бор ***раббигфирлӣ ва туб ъалайя иннака анта-т-таввобу-р-раҳим.*** Парвардигоро, маро биёмурз ва тавбаамро бипазир, ки ту пазирандаи тавба ва меҳрабонӣ, мегуфт.

1873 - Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Касе, ки истиғфорро пеша кунад Худованд барои

ӯ аз ҳар душворӣ халосӣ ва аз ҳар ғаме кушодагӣ падид оварда, ӯро аз ҷое рӯзӣ медиҳад, ки гумон намекунад.

1874 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***Астағфируллоҳа-л-лазӣ ло илоҳа илло ҳува-л-ҳайю-л-қайюм ва атубу илайҳи.*** Яъне: *Омӯрзиш металабам, аз Худованде, ки маъбуде бар ҳақе ҷуз ӯ нест, ӯ зинда ва пойдор аст ва ба сӯяш тавба ва бозгашт мекунам, гуноҳонаш омӯрзида шавад, ҳарчанд аз майдони ҷанг фирор карда бошад.*

1875 - Аз Шаддод ибни Авс (р) ривоят аст, ки паёмбар(с) фармуд: Сайиди истиғфор ин аст, ки бигӯед: ***Аллоҳумма анта раббӣ ло илоҳа илло анта халақтанӣ ва ана ъабдука ва ъало ъаҳдика ва ваъдика мастатаъту. Аъузу бика мин шарри мо санаъту абӯу лака биниъматика ъалайя ва абӯу бизанбӣ фағфирлӣ фаиннаҳу ло яғфиру-з-зунуба илло анта.*** Парвардигоро, ту Худои манӣ маъбуди барҳақе ҷуз ту нест, маро офаридӣ ва ман бандаи туам ва бар аҳд ва паймони ту ба қадри тавон истодаам. Аз шарр ва зиштии он чӣ анҷом додаам, ба ту паноҳ меҷӯям ба неъматат бар хеш ва ҳам бар гуноҳонам эътироф дорам, пас маро биёмурз, зеро гуноҳонро ҷуз ту касе намеомурзад. Он ки дар рӯз онро бигӯяд, дар ҳоле ки ба он яқин дорад ва дар ҳамон рӯз пеш аз он ки шаб кунад, бимирад, аз аҳли биҳишт аст ва он ки дар шаб онро бигӯяд, дар ҳоле ки ба он яқин дорад ва пеш аз он ки субҳ кунад, бимирад, ӯ аз аҳли биҳишт аст.

1876 - Аз Савбон (р) ривоят аст, ки гуфт: вақте ки Расули Худо (с) аз намозаш халос мешуд, се бор астағфируллоҳ гуфта ва мефармуд: ***Аллоҳумма анта-с-салому ва минка-с-салому табоAccording ракта ё залҷалоли ва-л-икром.*** Парвардигоро, ту саломӣ ва саломатӣ аз туст, бобаракатӣ эй Худованди азамат ва бузургӣ. Барои Авзоъӣ, ки яке аз ровиёни он аст, гуфта шуд Истиғфор чи гуна аст? Гуфт: мегӯяд: Астағфируллоҳ, астағфируллоҳ.

1877 - Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо(с) пеш аз марги хеш бисёр мефармуд: ***Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи, астағфируллоҳа ва атӯбу илайҳ.*** Ва покист Худоро

ва сано ӯро мегӯям, аз Худо омурзиш металабам ва ба сӯи ӯ тавба мекунам.

1878 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт аз Расули Худо(с) шунидам, мефармуд: Худованди таъоло мефармояд: Эй фарзанди Одам! Ҳар гоҳ ту маро хондӣ ва аз ман умед намудӣ, туро меомурзам бар ҳар амале, ки бошӣ ва боке надорам. Эй фарзанди Одам! Агар гуноҳонат ба осмон бирасад ва баъдан аз ман омурзиш талабӣ, туро меомурзам ва боке надорам. Эй фарзанди Одам! Агар ба фосила ва вусъати замин аз гуноҳон наздам биёӣ, сипас бо ман рӯ ба рӯ шавӣ, дар ҳоле ки ба ман чизеро шарик наёвардаӣ, ҳамоно ба пурии замин аз омурзиш наздат меоям.

1879 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Эй гурӯҳи занон садақа диҳед ва истиғфори зиёд кунед, зеро ман шуморо аксари аҳли дӯзах дидам. Зане аз онҳо гуфт: Чаро мо аксари аҳли дӯзах бошем? Фармуд: шумо лаънатро зиёд гуфта, куфрони неъмати шавҳарро менамоед. Аз ноқисоти ақл ва дине, ки ғолибтар аз шумо бар як инсони оқил бошад, надидам. Гуфт: Нуқсони ақл ва дини мо чист? Фармуд: Шаҳодати ду зан баробари шаҳодати як мард аст ва рӯзҳои зиёди (ҳайз ва нифос) диранг карда, намоз намегузоред.

## БОБИ 372. Дар мавриди неъматҳое, ки Худованди бузург дар биҳишт барои муттақиён ва парҳезгорон муҳайё намудааст

قَالَ اللهُ تَعَالَى: ﴿إِنَّ الْمُتَّقِينَ فِي جَنَّاتٍ وَعُيُونٍ(٦) * ادْخُلُوهَا بِسَلامٍ آمِنِينَ *
وَنَزَعْنَا مَا فِي صُدُورِهِمْ مِنْ غِلٍّ إِخْوَاناً عَلَى سُرُرٍ مُتَقَابِلِينَ * لا يَمَسُّهُمْ فِيهَا نَصَبٌ(٧) وَمَا
هُمْ مِنْهَا بِمُخْرَجِينَ﴾ [الحجر: ٤٥ - ٤٨].

وَقَالَ تَعَالَى: ﴿يَا عِبَادِ لا خَوْفٌ عَلَيْكُمُ الْيَوْمَ وَلا أَنْتُمْ تَحْزَنُونَ * الَّذِينَ آمَنُوا بِآيَاتِنَا
وَكَانُوا مُسْلِمِينَ * ادْخُلُوا الْجَنَّةَ أَنْتُمْ وَأَزْوَاجُكُمْ تُحْبَرُونَ(٨) * يُطَافُ عَلَيْهِمْ بِصِحَافٍ مِنْ
ذَهَبٍ وَأَكْوَابٍ وَفِيهَا مَا تَشْتَهِيهِ الأَنْفُسُ وَتَلَذُّ الأَعْيُنُ وَأَنْتُمْ فِيهَا خَالِدُونَ * وَتِلْكَ الْجَنَّةُ الَّتِي
أُورِثْتُمُوهَا بِمَا كُنْتُمْ تَعْمَلُونَ * لَكُمْ فِيهَا فَاكِهَةٌ كَثِيرَةٌ مِنْهَا تَأْكُلُونَ﴾ [الزخرف: ٦٨ - ٧٣].

وَقَالَ تَعَالَى: ﴿إِنَّ الْمُتَّقِينَ فِي مَقَامٍ أَمِينٍ(١) * فِي جَنَّاتٍ وَعُيُونٍ * يَلْبَسُونَ مِنْ
سُنْدُسٍ وَإِسْتَبْرَقٍ مُتَقَابِلِينَ * كَذَلِكَ وَزَوَّجْنَاهُمْ بِحُورٍ عِينٍ * يَدْعُونَ فِيهَا بِكُلِّ فَاكِهَةٍ
آمِنِينَ * لا يَذُوقُونَ فِيهَا الْمَوْتَ إِلَّا الْمَوْتَةَ الأُولَى وَوَقَاهُمْ عَذَابَ الْجَحِيمِ * فَضْلاً مِنْ رَبِّكَ
ذَلِكَ هُوَ الْفَوْزُ الْعَظِيمُ﴾ [الدخان: ٥١ - ٥٧].

وَقَالَ تَعَالَى: ﴿إِنَّ الأَبْرَارَ لَفِي نَعِيمٍ * عَلَى الأَرَائِكِ(٢) يَنْظُرُونَ * تَعْرِفُ فِي
وُجُوهِهِمْ نَضْرَةَ النَّعِيمِ(٣) * يُسْقَوْنَ مِنْ رَحِيقٍ مَخْتُومٍ * خِتَامُهُ مِسْكٌ وَفِي ذَلِكَ فَلْيَتَنَافَسِ
الْمُتَنَافِسُونَ * وَمِزَاجُهُ مِنْ تَسْنِيمٍ * عَيْناً يَشْرَبُ بِهَا الْمُقَرَّبُونَ﴾ [المطففين: ٢٢ - ٢٨].

Худованд мефармояд: **Ҳароина парҳезгорон дар бӯстонҳо ва чашмаҳо бошанд, ба эшон гуфта шавад: дароед дар ин ҷо ба саломатӣ эмин шуда ва берун кунем он чи бар синаҳояшон буд, аз кина ва бародари якдигар шуда ва бар тахтҳо рӯ ба рӯи якдигар намуда ва бар эшон дар он ҷо ҳеҷ ранҷе нарасад ба онон, аз он ҷо берун кардашуда нестанд.** *(Ҳаҷр: 45-47)*

**Гуфта шавад, эй бандагонам, ҳеҷ тарсе бар шумо нест имрӯз ва на шумо андӯҳгин шавед ва он бандагони ман, ки имон овардаанд ба оятҳои ман ва мусалмон буданд, гуфта шавад: дароед ба биҳишти мо ва занони шумо хушҳол гардонидашуда, табақҳо ва ҷомҳо аз тилло бар онҳо бигардонад ва дар биҳишт бошанд, он чи хоҳиш кунад, нафас ва лаззат гирад, аз дидани ӯ чашмҳо ва шумо ин ҷо ҷовидона ҳастед ва ин он биҳиштест, ки ато карда шуд шуморо, ба сабаби он чи амал мекардед. Ин ҷо барои шумо ҳаст, меваҳои бисёр, ки аз он мехӯред.** *(Зухруф: 68-73)*

**Ҳароина муттақиён дар ҷойгоҳи боамн бошанд, дар бӯстонҳо ва чашмаҳо, бипӯшанд аз ҳарири нозук ва ҳарири лак рӯ ба рӯи якдигар шуда, инчунин бошад ҳол ва якҷояашон (издивоҷ) созем бо ҳури кушодачашм. Биталабанд он ҷо ҳар меваро эминшуда. Начашанд он ҷо марг, магар марги нахустинро ва ҳифзашон намуд Худованд аз азоби дӯзах аз сабаби бахшоиш ва фазл аз ҷониби Парвардигори ту. Ин пирӯзии бузург аст.** *(Духон: 51-57)*

**Ҳароина некӯкорон дар неъмат бошанд, дар тахтҳо нишаста назар мекунанд ба ҳар ҷониб. Бишносӣ дар рӯйҳояшон тозагии неъмат, нӯшонида шавад, эшонро аз шароби холис сар ба мӯҳр. Мӯҳри ӯ мушк бошад ва бо ҳамин шароби пок бояд рағбат кунад, рағбаткунандагон ва омехтагии он аз оби Тасмим бошад, чашмае, ки аз он муқарраббини Худованд менӯшанд.** *(Мутаффифин: 22-28)*

1880 - Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аҳли биҳишт дар он мехӯранд ва меошоманд ва қазои ҳоҷат нанамуда ва оби бинӣ надошта, бавл наменамоянд. Вале таъомашон монанди таровиши мушк аз баданашон хориҷ мегардад ва ҳамон тавр ки нафас мекашанд, тасбиҳ ва такбир гуфтан барояшон илҳом мешавад.

1881 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Худованд фармуд: Ман барои бандагони некӯкори хеш чизеро муҳайё намудам, ки на чашме дида ва на гӯше

шунида ва на дар дили касе хутур намудааст ва агар мехоҳед, бихонед **(Ҳеҷ кас намедонад, ки чи неъматҳои бениҳоят, ки сабаби рӯшании чашм аст, барояшон захира гардидааст**. *(Саҷда: 17)*

1882 - Ва низ аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Аввалин гурӯҳе ки ба биҳишт ворид мешаванд, ба шакли моҳи шаби чаҳордаҳ ҳастанд. Сипас касоне, ки дар мартаба ба онҳо наздиканд монанди равшантарин ситорае, ки дар осмон партавафканӣ мекунад. Бавл ва наҷосат нанамуда, оби даҳон ва бинӣ надоранд. Шонаҳояшон тилло ва арақашон мушк ва маҷмарҳояшон чӯби уд ва ҳамсаронашон ҳуру-л-айн ҳама ба шакли як мард, бар шакли падарашон Одам (ъ) шаст газ дар осмон мебошанд. Ва дар ривояте аз Бухорӣ ва Муслим омадааст, ки зарфҳояшон дар биҳишт аз тилло ва арақашон мушк аст ва барои ҳар кадомашон ду ҳамсар аст, ки аз зебоӣ мағзи соқи пояшон аз пушти гӯшт дида мешавад ва дар миёнашон ихтилофу душманӣ бо ҳамдигар набуда, дилҳояшон як аст ва дар субҳу шом тасбиҳи Худовандро мегӯянд.

1883 - Аз Муғира ибни Шӯъба (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Мӯсо (ъ) аз Парвардигораш савол намуд, ки пойинмартабатарин аҳли биҳишт кадом аст? Фармуд: Он мардест, ки баъд аз ворид шудани аҳли биҳишт ба биҳишт меояд ва ба вай гуфта мешавад, ки ба биҳишт ворид шав, ӯ мегӯяд: Парвардигорам, чӣ гуна ворид шавам, ки мардум ба ҷойгоҳҳои хеш фуруд омада ва ҷой гирифтаанд? Ва ба ӯ гуфта мешавад: Оё рози мешавӣ, ки монанди дороии подшоҳе аз шоҳони дунё бароят дода шавад? Мегӯяд: Парвардигоро, розӣ шудам. Сипас мефармояд: Барои ту он аст, ва монанди он ва монанди он ва монанди он ва монанди он ва дар панҷум мегӯяд: Парвардигоро, розӣ шудам. Сипас мефармояд: Барои ту он аст ва даҳ баробараш ва барои туст, он чи ки дилат орзу намуда ва ба чашмат лаззатбахш ояд. Мегӯяд: Розӣ шудам. Гуфт: Парвардигорам! Пас боломартабатаринашон чӣ тавр аст? Фармуд: Онҳо касонеанд, ки ниҳоли кароматашонро ба дасти

хеш нишондам ва бар он мӯҳр намудам, пас чашме надида ва гӯше нашунида ва дар дили башаре хутур нанамудааст.

1884 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно ман медонам охирин касеро, ки аз дӯзах берун мешавад ва охирин касе, ки аз аҳли биҳишт, ки ба он дохил мешавад. Ӯ касест, ки аз дӯзах хазида берун мешавад ва Худои ъазза ва ҷалла ба вай мефармояд: Бирав ва ба биҳишт дохил шав. Ба биҳишт меояд ва тасаввур мекунад, ки он пур аст ва бозгашта мегӯяд: Парвадигоро, онро пур ёфтам. Сипас Худованди муттаъол мефармояд: Бирав ва ба биҳишт дохил шав. Ҳамоно барои ту мисли дунё ва даҳ баробари он аст, ё ҳароина барои ту монанди даҳ баробари дунё аст. Ва мегӯяд: Оё маро масхара мекунӣ? Ё мегӯяд: Оё ба ман механдӣ, дар ҳоле, ки подшоҳӣ. Гуфт: Ҳамоно Расули Худо (с)-ро дидам, ки хандид, то ин ки дардонҳои охири ӯ дида шуд ва мефармуд: Ин касе аст, аз аҳли биҳишт, ки мартабаи ӯ аз ҳама поинтар аст.

1885 - Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳамоно барои муъмин дар биҳишт хаймае аст аз як луълуъи миёнтиҳӣ, ки дарозии он дар осмон шаст мил аст ва барои мӯъмин дар миёни он хонаводаҳоест ки муъмин бар онҳо гардиш мекунанд, ки баъзеашон баъзе дигарро намебинанд.

1886 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳамоно дар биҳишт дарахтест, ки дар он шахсе савор бар асби тезрафтор, тарбияшуда, сад сол меравад ва онро тамом намекунад. Ва онро дар Саҳиҳайн ҳамчунон аз ривояти Абуҳурайра (р) ривоят кардаанд, ки гуфт: Шахси савора дар сояи он сад сол меравад ва онро тамом намекунад.

1887 – Ва низ аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки паёмбар (с) фармуд: Ҳамоно аҳли биҳишт мардуми ғурфаҳои *“болохона”*-ро, ки болои сарашон ҳаст, мебинанд, чунон ки шумо ситораи рӯшанеро дар канораи осмон мебинед, чунон ки шумо ситораи рӯшанеро дар осмон чи аз тарафи машриқ ё мағриб бошад, мебинед ва он ба хотири бартариҳоест, ки нисбат ба ҳамдигар доранд. Гуфтанд: ё Расулаллоҳ (с), он

манозили паёмбарон аст, ки дигарон ба он наметавонанд бирасанд? Фармуд: На хайр ва савганд ба зоте, ки ҷонам дар яди (*дасти билокайфи*) ӯст, онон мардонеанд, ки ба Худованд имон оварда ва расулонро бовар доштаанд.

1888 - Аз Абуҳурайра ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно андозаи миёни қабза ва гӯшаи камон дар биҳишт аз он чи ки офтоб бар он тулӯъ ва ғуруб мекунад, (*дунё*) беҳтар аст.

1889 - Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно дар биҳишт маҳали ҷамъшавӣ аст, ки мардум дар ҳар ҷумъа ба он меоянд ва боди шамол вазида, дар рӯйҳо ва ҷомаҳояшон мехӯрад ва ҳусну ҷамолашон афзуда мегардад ва ба хонаводаҳояшон боз мегарданд, дар ҳоле, ки ҳусну зебоӣ ва ҷамолашон афзуда шуда ва хонаводаашон барои онҳо мегӯянд: Савганд ба Худо, ки зебоӣ ва ҷамоли шумо афзун шудааст ва онҳо мегӯянд: Савганд ба Худо, ки зебоӣ ва ҷамоли шумо ҳам афзун гардидааст.

1890 - Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно аҳли биҳишт ғурфаҳоро дар биҳишт мушоҳида мекунанд, чунон ки шумо ситораро дар осмон мебинед.

1891 - Ҳамчунон аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки гуфт: Дар маҷлиси Расули Худо (с) ҳозир шудам, ки дар он биҳиштро тавсиф намуд, то ин ки ба ниҳоят расид. Ва сипас дар охири суханаш фармуд. Дар он чизест, ки на чашме дида, на гӯше шунида ва на дар дили башаре роҳ ёфта. Сипас (ояти зайлро) хонд: **(Дур мешавад паҳлӯҳояшон аз хобгоҳҳо ва Худовандро аз рӯи тарс ва тамаъ дуъо мекунад ва аз он чи, ки ба онҳо ризқ додем, садақа медиҳанд ҳеҷ кас намедонанд, ки чи неъматҳои бениҳоят, ки сабаби равшании чашм аст барояшон захира гардидааст).** *(Саҷда: 17)*.

1892 - Аз Абусаъид ва Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун аҳли биҳишт ба биҳишт дароянд, мунодие эълон мекунад, ки ҳамоно барои шумост, ки зиндагӣ намуда

ва ҳаргиз намиред ва ҳамоно барои шумо аст, ки тандуруст буда ва ҳаргиз бемор нашавед ва барои шумост, ки дар он ҷавон шуда ва ҳаргиз пир нашавед ва барои шумост, ки аз неъматҳо бархурдор шуда ва ҳаргиз маҳрум нашавед.

1893 - Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Ҳамоно поинтарин манозили яке аз шумо дар биҳишт ин аст, ки ба вай гуфта шавад: Орзу кун ва орзу кунад, пас ба ӯ мегӯяд: Оё орзу кардӣ? Мегӯяд: Бале. Сипас барояш мегӯяд: Ҳамоно барои туст, он чи ки орзу кардӣ ва монанди он низ.

1894 - Аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Худои ъазза ва ҷалла барои аҳли биҳишт мефармояд: Эй аҳли биҳишт! Мегӯянд: бале, бале Парвардигоро! Ҳозирем, бифармо ва тамоми хайрҳо дар назди туст. Мефармояд: Оё розӣ шудед? Мегӯянд: Парвардигоро, чаро розӣ нашавем, дар ҳоле ки ба мо додӣ он чи ки ба ҳеҷ як аз махлуқот надодӣ. Пас мефармояд: Оё беҳтар аз ин ба шумо надиҳам? Мегӯянд: ва чӣ чиз беҳтар аз он аст? Пас мефармояд: ҳалол шуда барои шумо ризои ман ва баъд аз он ҳаргиз бар шумо хашм намекунам.

1895 - Аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шуда, ки гуфт: Мо дар назди Расули Худо (с) будем ва сипас ба моҳи шаби чаҳордаҳ назар намуда ва фармуд: Шумо ба зудӣ ошкоро Парвардигоратонро хоҳед дид, чунон ки ин маҳтобро мебинед, ки дар дидани он барои шумо музоҳимате эҷод намешавад.

1896 - Аз Суҳайб (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд: Чун аҳли биҳишт ба биҳишт дароянд, Худои таборак ва таъоло мефармоянд: Оё чизе мехоҳед, ки барои шумо бияфзоям? Мегӯянд: Оё рӯйҳои моро сафед накардӣ? Оё моро ба биҳишт дохил накарда ва аз дӯзах наҷот надодӣ? Ва сипас ҳиҷоб ва парда бардошта мешавад, пас дода нашуданд, чизе ки барояшон дӯстдоштанитар аз дидани Парвардигорашон ъазза ва ҷалла бошад.

Худованд мефармояд: **Ҳамоно онон ки имон оварда ва корҳои шоиста кардаанд, раҳнамоӣ кунад эшонро**

**Парвардигорашон ба сабаби имонашон ба биҳиштҳо, ки меравад, аз зери он ҷӯйҳо дар бӯстонҳои неъмат, дуъояшон дар он ҷо Субҳонакаллоҳумма бошад, яъне покӣ турост, Бор, Худоё ва дуъои хайри эшон ба якдигар салом бувад ва ниҳояти дуъояшон ин аст, ки ҳамду сано Худоерост, ки Парвардигори оламиён аст.** *(Юнус: 9-10).*

Ҳамду сано бод мар Худовандеро, ки моро бад-ин роҳ ҳидоят намуд ва агар Худованд моро ҳидоят наменамуд, ҳидоят намешудем!

Худовандо, бар Муҳаммад (с) ва оли Муҳаммад (с) дуруд фирист. Чунончӣ дуруд фиристодӣ бар Иброҳим ва оли Иброҳим ва баракат неҳ бар Муҳаммад (с) ва Оли Муҳаммад (с) чунончи баракат ниҳодӣ бар Иброҳим ва оли Иброҳим. Ҳамоно Ту сутуда ва боазаматӣ!

Муаллиф раҳматуллоҳ алайҳ гуфт: Дар рӯзи душанбе, чордаҳуми моҳи Рамазон соли 670-и ҳиҷрӣ қамарӣ дар Димашқ аз таълифи он фориғ шудам.

# МУНДАРИҶА


МУҚАДДИМАИ НОШИР ............................................................... 3

ЗИНДАГИНОМАИ МУАЛЛИФ ..................................................... 5

Муқаддимаи муаллиф ............................................................................ 9

Боби 1. Ихлос ва дуруст сохтани ният дар тамоми аъмол ва ақволу аҳволи ниҳон ва ошкоро ..................................................... 12

Боби 2. Тавба ........................................................................................... 16

Боби 3. Сабр ............................................................................................. 29

Боби 4. Сидқу ростӣ ................................................................................ 40

Боби 5. Муроқибат .................................................................................. 42

Боби 6. Тақво ва парҳезгорӣ ................................................................... 46

Боби 7. Яқин ва таваккал ........................................................................ 47

Боби 8. Истиқомат ва пойдорӣ бар сирота-л-мустақим ...................... 52

Боби 9. Тафаккур дар азамати коиноти Худовандӣ ва нопойдории дунё ва тарсҳои рӯзи қиёмат ва дигар умури марбут ба он ва кӯтоҳии нафс ва таҳзиби он ва водор намуданаш бар истиқомат ва пойдорӣ ........................................................ 53

Боби 10. Шитофтан ба аъмоли хайр ва ташвиқ кардан бар таваҷҷуҳ ба хайр ба гунае, ки бидуни тардид ва бо ҷиддият ба он рӯй оварад ............................................................................................ 54

Боби 11. Муҷоҳидат ва талош ............................................................... 56

Боби 12. Ташвиқ ба анҷоми корҳои нек дар охири умр ..................... 62

Боби13. Зиёд будани роҳҳои хайр ....................................................... 64

Боби 14. Миёнаравӣ дар тоъат ва ибодат ............................................. 70

Боби 15. Мувозабат бар корҳои нек ...................................................... 75

Боби 16. Амр ба муҳофизат ва мувозабат бар суннат ва одоби он .... 76

Боби 17. Вуҷуби пайравӣ ва итоъат аз Худо ва сухане, ки бояд шахси даъватшуда бигӯяд ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар .. 80

Боби 18. Дар манъ намудан аз бидъатҳо ва корҳои навпайдо ........... 82
Боби 19. Дар мавриди касе, ки равиши нек ё бадеро асос ниҳад........ 83
Боби 20. Роҳнамоӣ ба хайр ё даъват ба ҳидоят, ё гумроҳӣ ................ 85
Боби 21. Таъовун ва ҳамкорӣ бар некӯкорӣ ва парҳезгорӣ ............... 86
Боби 22. Насиҳат ва хайрандешӣ .................................................... 87
Боби 23. Амр ба маъруф ва корҳои писандида ва наҳй аз мункар ва корҳои зишт .................................................................... 88
Боби 24. Дар мавриди сангин будани азоби он касе, ки амр ба корҳои хуб кунад ва аз корҳои бад манъ намояд, вале суханаш мухолифи амалаш бошад ................................................. 94
Боби 25. Амр ба бозгардондани амонат ............................................ 94
Боби 26. Таҳрими зулм ва амр ба бозпас гардондани ҳуқуқи мазлумон ............................................................................. 99
Боби 27. Эҳтиром ба ҳарими муслимин ва ҳуқуқашон ва лузуми раҳмат ва шафқат бар онон ............................................... 104
Боби 28. Пӯшидани айби мусалмон ва манъ аз ишоъа (ошкор сохтани) он бидуни зарурат ................................................... 108
Боби 29. Баровардани ниёзмандиҳои муслимин ............................... 109
Боби 30. Шафоъат .......................................................................... 110
Боби 31. Ислоҳ овардан дар миёни мардум ..................................... 110
Боби 32. Фазилати бенавоёни мусалмон ва фуқарои гумном .......... 113
Боби 33. Утуфат ва ёрии ятимон ва духтарон ва дигар нотавонон, фуқаро ва бепаноҳон ва эҳсон ва тавозӯъ ба онон ............ 116
Боби 34. Суфориш дар рафтори нек бо занон ................................... 119
Боби 35. Ҳуқуқи шавҳар ба зан ....................................................... 122
Боби 36. Масорифи хонавода .......................................................... 123
Боби 37. Садақа додан аз моли хуб ва он чи бештар мавриди алоқа аст ........................................................................................ 125

Боби 38. Лузуми амри хонавода ва фарзандоне, ки ба ҳадди тамиз расидаанд ва боқии муслимин ба тоъати Худо ва манъашон аз мухолифати дастуроти Илоҳӣ ва таъдибашон ............. 126

Боби 39. Дар мавриди ҳаққи ҳамсоя ва суфориш дар некӣ бо он ..... 127

Боби 40. Некӣ ба падару модар ва пайваста доштани силаи раҳм .. 129

Боби 41. Таҳрими нофармонии падару модар ва буридани пайванди қаробат ва хешовандӣ ...................................................... 136

Боби 42. Фазилати некӣ ва эҳсон ба дӯстон, падару модар ва наздикони ҳамсар ва дигар касоне, ки эҳтиромашон мустаҳаб аст ................................................................. 138

Боби 43. Эҳтиром ба аҳли байт ва хонадони Расули Худо саллаллоҳу алайҳи васаллам ва баёни фазилаташон ........................... 140

Боби 44. Эҳтироми уламо ва бузургон ва аҳли дониш ва муқаддам доштанашон, бар дигарон ва арзиш қоил шудан ба маҷолисашон ва муҳим шумурдани он ва эътироф ба мақом ва мартабаашон .............................................................. 142

Боби 45. Мулоқот бо мардуми хайрманд ва ҳамнишинӣ ва муҳаббат бо онон ва дархости мулоқот ва дуъо аз эшон ва дидор аз ҷойҳои хуб .......................................................................... 144

Боби 46. Фазилати дӯстӣ барои Худо ва ташвиқ бар он ва огоҳ намудани шахс касеро, ки дӯсташ медорад, ин ки вайро дӯст медорад ва он чи мухотаб баъд аз хабар додани ӯ ба вай мегӯяд ......................................................................... 149

Боби 47. Нишонаҳои дӯстии Худованд бандаашро ва ташвиқ бар ороста шудан ба ин нишонаҳо ва талоши ба даст овардани он ...................................................................152

Боби 48. Бим додан аз озори некӯкорон ва бенавоён ва масокин ..... 154

Боби 49. Дар ин ки иҷрои аҳком бар мардум ҳасби зоҳир аст ва асрору ниҳонашон бо Худост ...................................................... 154

Боби 50. Тарс ва бим аз Худованди бузург ...................................... 157

Боби 51. Умед ва раҷо аз Худованди бузург ..................................... 162

Боби 52. Фазилати умед ва раҷо ........................................................ 172

Боби 53. Ҷамъ миёни бим ва умед (хавф ва раҷо) ............................ 173
Боби 54. Фазилати гиристан аз тарси Худо ва иштиёқ ба сӯи ӯ ҷаллат азаматуҳу ........................................................................ 174
Боби 55. Фазилати зуҳд ва порсоӣ дар дунё ва ташвиқ бар камталабӣ аз он ва фазилати фақр ..................................................... 177
Боби 56. Фазилати сабр бар гуруснагӣ кашидан ва зиндагии хашин доштан ва иктифо ба либос, хӯрданӣ ва ошомидании кам ва ғайри он аз баҳраҳои нафсонӣ ва тарки шаҳавот ва орзуҳо ........................................................................ 186
Боби 57. Қаноат ва парҳез аз гадоӣ ва миёнаравӣ дар харҷу сарф ва мазамmати гадоӣ бидуни зарурат ...................................... 197
Боби 58. Раво будани гирифтани чизе бидуни талабидан ва чашмдошт ........................................................................ 201
Боби 59. Тарғиб бар хӯрдан аз дастранҷу меҳнат ва парҳез аз талабидан ва пеш шудан барои гирифтани чизе ............... 202
Боби 60. Фазилати карам ва саховатмандӣ ва сарф намудан дар роҳҳои хайр бар асоси эътимод бар Худованди мутаъол . 202
Боби 61. Мамониат аз бухл ва озмандӣ ........................................... 207
Боби 62. Баҳс дар мавриди гузашт ва ҳамдардӣ бо дигарон ........... 207
Боби 63. Мусобиқа дар умури охират ва зиёдаталабӣ аз он чи ба-дон баракат ҳосил мешавад ................................................... 209
Боби 64. Фазилати сарватманди шокир ва ӯ касест, ки молро аз роҳи дуруст ба даст оварда ва дар роҳи саҳеҳ сарф менамояд . 210
Боби 65. Ёди марг ва кӯтоҳ намудани орзу ...................................... 211
Боби 66. Истиҳбоби зиёрати қубур барои мардон ва дуъое, ки зоир бояд бигӯяд ........................................................................ 215
Боби 67. Нодуруст будан ва кароҳияти орзуи марг аз беморие, ки шахс ба он гирифтор аст ва ҳар гоҳ аз тарси фитна дар дин бошад, боке нест ........................................................................ 216
Боби 68. Дар мавриди парҳезгорӣ ва тарки умури муштабаҳ (шубҳанок) ........................................................................ 217

Боби 69. Истиҳбоби дурӣ гузидан аз мардум, дар вақте ки мардум фосид шаванд ё аз тарси фитна дар дин ва афтодан дар ҳаром ва умури шубҳанок ва амсоли он ........................... 219

Боби 70. Фазилати омезиш бо мардум ва ҳозир шудан дар намозҳо ва гирдиҳамоиҳояшон ва ҳузур дар маҳзаргоҳҳои хайр ва маҷолиси илм ва зикр бо онон ва иёдати бемор ва ҳузур дар ҷанозаҳо ва ёрӣ расондан ба ниёзмандонашон ва роҳнамоии ҷоҳили онон ва масолеҳи дигарашон барои он ки тавоноии амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро дорад, дар ҳоле, ки худро аз озори дигарон боздошта ва дар ранҷ ва озор сабру шикебоӣ кунад ................................................................ 220

Боби 71. Дар мавриди тавозуъ ва фурӯтанӣ бо мӯъминон ................ 221

Боби 72. Таҳрими кибр ва хештанбинӣ ва аз худ розӣ будан ........... 223

Боби 73. Ахлоқи некӯ ва писандида ................................................. 225

Боби 74. Ҳилм ва бурдборӣ ва таъаннӣ кардан ва нармиш намудан 227

Боби 75. Авф ва бахшиш ва дурӣ аз нодонон .................................. 230

Боби 76. Таҳаммул ва бардошти озор ва азият ................................ 231

Боби 77. Дар мавриди хашм ва ғазаб ҳар гоҳ ҳарими шариъат поймол шавад ва барои ёрии дини Худо ....................................... 232

Боби 78. Дастури авлиёи умур ва зимомдорон ба меҳрабонӣ ва нармрафторӣ бо раъоёи хеш ва хайрандешӣ ва шафқат ба эшон ва манъ аз хиёнат ва сахтгирӣ ва фурӯгузошти ҳуқуқ ва масолиҳашон ва бехабарӣ аз онон ва ниёзмандиҳо ва ҳоҷоташон ........................................................................ 233

Боби 79. Дар фазилат ва бартарии зимомдори додгар ва адолат ..... 236

Боби 80. Дар лузуми фармонбардории авлиёи умур (сардорон) дар ғайри маъсияти Худо ва ҳаром будани пайравияшон дар маъсият ва нофармонии Худованд ҷалла ҷалолуҳу .......... 237

Боби 81. Манъ кардан аз дархости иморат ва беҳтар будани тарки зимомдорӣ ва вилояти амр, ҳар гоҳ ӯро муайян насозанд ва ё маслиҳат тақозо накунад ................................................. 239

Боби 82. Тарғиби зимомдор ва қозӣ ва дигар волиёни амр, бар ин ки вазир ва ҳамкори солиҳ баргузинанд ва аз ҳамнишинони бад дурӣ ҷӯянд ........ 241

Боби 83. Наҳй аз тафвизи иморат ва қазо барои он ки талабаш кунад ва ё бар он ҳирс варзад ........ 241

## 1. КИТОБИ ОДОБ

Боби 84. Дар фазилати ҳаё ва ташвиқ бар он ........ 242

Боби 85. Дар аҳамияти ҳифз ва нигаҳдории асрор ва розҳои ниҳонӣ 242

Боби 86. Вафо ба аҳду паймон ва ба ҷой овардани ваъда ........ 244

БОБИ 87. Дар лузуми мудовимат бар кори неке, ки бар он одат кардааст ........ 245

Боби 88. Истиҳбоби сухани некӯ гуфтан ва кушодарӯӣ дар вақти дидор ........ 246

Боби 89. Дар мавриди мустаҳаб будани возиҳ сухан гуфтан ва равшан сохтани он барои мухотаб ва такрор намудани он барои фаҳмидан ҳар гоҳ бидуни такрор онро нафаҳмад ........ 247

Боби 90. Дар мавриди лузуми шунидани ҳамнишин сухани дуруст ва ҳалоли ҳамнишини хешро ва дастур додани олим ва воъиз ҳозирони маҷлиси хешро ба сукут ........ 247

Боби 91. Дар мавриди мавъиза ва панд додан ва миёнаравӣ дар он 247

Боби 92. Дар фазилати сангинӣ ва виқор ........ 249

Боби 93. Дар истиҳбоби рафтан ба намоз ва дарсҳои илм ва дигар ибодот бо сангинӣ ва виқор ........ 249

Боби 94. Дар мавриди эҳтиром ва бузург доштани меҳмон ........ 250

Боби 95. Дар истиҳбоби муж да додан ва муборакбодии ба хайр .... 251

Боби 96. Дар мавриди видоъ бо рафиқ ва дӯст ва суфориши ӯ дар лаҳазоти ҷудоӣ барои сафар ва ғайри он ва дуъо дар ҳақи ӯ ва дархости дуъо аз ӯ ........ 255

Боби 97. Истихора (талаби хайр кардан) ва машварат бо ҳамдигар 257

Боби 98. Истиҳбоби рафтан ба ид ва аёдати мариз ва ҳаҷ ва ҷиҳод ва ҷаноза ва омадан аз роҳи дигар барои зиёд шудани ҷойҳои ибодат ........ 258

Боби 99. Истиҳбоби ибтидо намудан аз рост дар ҳар он чи ки аз боби эҳтиром ва такрим бошад, монанди вузӯ ва ғусл ва таяммум ва пӯшидани либос ва кафш ва мӯза ва эзор ва дохил шудан ба масҷид ва мисвок ва сурма кашидан ва гирифтани нохунҳо ва кӯтоҳ кардани бурут ва кандани мӯи зери бағал ва тарошидани сар ва салом додан дар намоз ва хӯрдан ва нӯшидан ва мусофаҳа кардан ва даст додан ва истиломи Ҳаҷару-л-асвад ва берун шудан аз ҳоҷатхона ва гирифтан ва додан ва ғайри ин аз он чи ки дар маънои он аст. Ва мустаҳаб аст пеш кардани чап дар зидди ин, монанди афкандани оби бинӣ ва даҳон ба тарафи чап ва дохил шудан ба байту-л-хало (ҳоҷатхона) ва баромадан аз масҷид ва кашидани мӯза ва кафш ва эзор ва ҷома ва истинҷо ва дур кардани палидиҳо ва амсоли он ........ 258

## 2. КИТОБИ ОДОБИ ТАЪОМ

Боби 100. Дар мавриди бисмиллоҳ гуфтан, дар оғози таъом ва алҳамдулиллоҳ гуфтан дар охири он ........ 261

Боби 101. Дар мавриди эътироз накардан бар таъом ва мустаҳаб будани ситоиш кардани он ........ 263

Боби 102. Дар мавриди ин ки шахси рӯзадор дар вақти ҳузури таъом, то вақте ки ифтор накардааст, чӣ мегӯяд ........ 263

Боби 103. Он чи ки шахси даъваткунанда, вақте ки шахси дигаре ба вай ҳамроҳ шавад, мегӯяд ........ 263

Боби 104. Дар истиҳбоби хӯрдан аз наздики худ ва панд додани касе, ки дуруст намехӯрад ........ 264

Боби 105. Манъ аз хӯрдани ду донаи хурмои ба ҳам пайваста ва монанди он, ҳар гоҳ бо иддае мехӯрад ҷуз ба иҷозаи эшон ........ 264

Боби 106. Раҳнамоии он кас, ки мехӯрад ва сер намешавад, ин ки чӣ бигӯяд ва ё чӣ анҷом диҳад ........ 264

Боби 107. Дастур ба хӯрдан аз канори коса ва манъ сохтан аз хӯрдан аз миёни он ........................................................................ 265

Боби 108. Кароҳияти ғизо хӯрдан дар ҳолати такякарда .................. 265

Боби 109. Истиҳбоби хӯрдан ба се ангушт ва макидани ангуштон ва кароҳияти пок кардани он қабл аз лесидан ва мустаҳаб будани лесидани коса ва гирифтани луқмае, ки аз назди шахс меафтад ва хӯрдани он ва раво будани масҳ кардани даст баъд аз лесидан ба бозу ва қадам ва ғайри он ........... 265

Боби 110. Зиёд шудани дастҳо дар таъом ........................................ 267

Боби 111. Одоби ошомидан ва истиҳбоби се бор нафас кашидан дар беруни зарф ва кароҳияти нафас кашидан дар дохили зарф ва мустаҳаб будани тақдим ва гардондани зарф бар ҷониби рост ва рост ........................................................................ 267

Боби 112. Кароҳияти нӯшидан аз даҳони машк ва монанди он ва баёни он ки ин кароҳият танзиҳӣ аст, на таҳримӣ ........................ 268

Боби 113. Кароҳият ва нописанд будани дамидан (пуф кардан) дар об ..................................................................................... 268

Боби 114. Раво будани ошомидан истода ва баёни ин, ки комилтар ва беҳтар ошомидан дар ҳолати нишастааст ......................... 269

Боби 115. Мустаҳаб будани ин, ки соқии гурӯҳ бояд аз ҳама охиртар бинӯшад ........................................................................... 269

Боби 116. Раво будани ошомидан аз ҳамаи зуруфи пок, ғайр аз тилло ва нуқра ва ҷоиз будани ошомидан бо даҳон аз ҷӯй ва амсоли он бидуни зарф ва даст ва ҳаром будани истеъмоли зуруфи тилло ва нуқра дар ошомидан ва хӯрдан ва таҳорат ва дигар вуҷӯҳи истеъмол ................................................ 270

## 3. КИТОБИ ЛИБОС

Боби 117. Истиҳбоби пӯшидани либоси сафед ва иҷозаи пӯшидани либоси сурх ва зард ва сиёҳ ва раво будани ин ки либос аз пунба ва катон ва мӯй ва пашм ва ғайри он ба истисноＩ абрешим бошад ............................................................. 272

Боби 118. Дар мустаҳаб будани пироҳан ........................................ 274
Боби 119. Сифати дарозии остини пироҳан ва эзор ва гӯшаи (фаши) амома ва ҳаром будани кашола намудани чизе аз инҳо бар асоси кибр ва макруҳ будани он дар сурати набудани кибр ва худбинӣ ........................................ 274
Боби 120. Истиҳбоби тарк намудани баландпарвозӣ дар либос аз рӯи тавозуъ ва фурӯтанӣ ........................................ 278
Боби 121. Мустаҳаб будани миёнаравӣ кардан дар либос ва мабодо ки бидуни ҳоҷат ва мақсуди шаръӣ либос бипӯшад, ки ӯро ҳақир ва хор нишон диҳад ........................................ 278
Боби 122. Таҳрими пӯшидани либоси абрешимин барои мардон ва ҳаром будани нишастан ва такя кардан бар он ва раво будани пӯшидани он барои занон ........................................ 279
Боби 123. Раво будани пӯшидани абрешим барои он ки бемории хориш дошта бошад ........................................ 279
Боби 124. Манъ аз густурдани пӯстҳои паланг ва савор шудан бар он ........................................ 280
Боби 125. Он чи ҳангоми пӯшидани либоси нав, ё кафши нав ва амсоли он бояд гуфта шавад ........................................ 280
Боби 126. Истиҳбоби оғоз ба рост дар пӯшидани либос ........................................ 280

## 4. КИТОБИ ОДОБИ ХОБ ВА БА ПАҲЛӮ ҒАЛТИДАН ВА НИШАСТАН, МАҶЛИС, ҲАМНИШИН ВА ХОБ ДИДАН

Боби 127. Он чи ки дар вақти хобидан мегӯяд ........................................ 281
Боби 128. Дар раво будани бар пушт афтодан ва ниҳодани як пой бар болои пойи дигар, ҳар гоҳ аз зоҳир шудани аврат тарсе набошад ва раво будани чорзону задан ва чамботма задан ........................................ 282
Боби 129. Дар одоби нишастан дар маҷлис ва ҳамнишин ........................................ 283
Боби 130. Дар мавриди хоб дидан ва масоиле, ки бад-он рабт дорад ........................................ 286

## 5. КИТОБИ САЛОМ ДОДАН

Боби 131. Дар фазилати салом ва амр ба пахши он ........................ 288

Боби 132. Кайфият ва чи гунагии салом додан ................................ 290

Боби 133. Одоби салом додан ......................................................... 291

Боби 134. Истиҳбоби такрор намудани салом бар касе, ки дидораш дар лаҳазоте чанд бор такрор шавад, ба ин ки дохил гардад ва боз берун ояд ё миёнашон дарахт ё чизи дигаре ҳоил гардад ......................................................................... 292

Боби 135. Мустаҳаб будани салом гуфтан ҳангоми вуруд ба манзил ....................................................................................292

Боби 136. Салом гуфтан бар кӯдакон ............................................. 292

Боби 137. Салом кардани мард бар ҳамсар ва зан ва маҳоримаш ва салом бар зан ва занони бегонае, ки аз фитна бар эшон ҳарос намешавад ва салом карданашон бар ин шарт ................ 293

Боби 138. Таҳрими оғоз намудани салом бар кофир ва чи гунагии рад бар эшон ва мустаҳаб будани салом гуфтан бар аҳли маҷлис, ки дар он мусалмонон ва кофирон ҳузур дошта бошанд ......................................................................... 293

Боби 139. Мустаҳаб будани салом намудан, ҳар гоҳ аз маҷлис бархоста ҳамнишин, ё ҳамнишинонашро тарк гӯяд ......... 294

Боби 140. Дар бораи иҷоза хостан ва одоби он ................................ 294

Боби 141. Суннат будани ин, ки ҳар гоҳ барои он ки иҷозат металабад, гуфта шавад кистӣ, ин ки бигӯяд: фалонӣ ҳастам ва худро ба ном, ё кунияе, ки машҳур аст, биномад ва нописанд будани ин ки бигӯяд: (ман) ва монанди он ..................................... 295

Боби 142. Мустаҳаб будани дуъо кардан барои атсазананда ҳар гоҳ “Алҳамду лиллоҳ” гӯяд ва макруҳ будани дуъо бар вай ҳар гоҳ”Алҳамду лиллоҳ” нагӯяд ва баёни одоби дуъо бар вай ва атса задан ва хамёза кашидан ..................................... 296

Боби 143. Истиҳбоби мусофаҳа ва кушодарӯӣ ҳангоми дидор ва бӯсидани марди солеҳ ва бӯсидани фарзанд аз рӯи шафқат ва муъонақа (бағалкашӣ) бо касе, ки аз сафар меояд ва макруҳ будани хаму рост шудан дар баробари дигарон ... 297

## 6. КИТОБИ ИЁДАТ ВА БОЗПУРСӢ АЗ БЕМОР ВА ҲАМРОҲӢ НАМУДАН БО ҶАНОЗА ВА НАМОЗ БАР МУРДА ВА ҲОЗИР ШУДАН ДАР БА ХОКСУПОРИИ ОН ВА ИСТОДАН БАР САРИ ҚАБРАШ, ПАС АЗ БА ГӮР СУПУРДАНАШ

Боби 144. Амр ба иёдати бемор ва ҳамроҳӣ бо мурда ...................... 299

Боби 145. Дар мавриди дуъоҳое, ки бар бемор хонда мешавад ....... 301

Боби 146. Пурсиш аз хонаводаи бемор дар мавриди ҳолаш ............ 303

Боби 147. Он чи ки шахси маъюс аз зиндагиаш мегӯяд ................... 303

Боби 148. Мустаҳабу шоиста будани суфориш намудани хонаводаи бемор ва хидматгораш ба некӣ кардан бо вай ва таҳаммули он чи аз ӯ мушоҳида мекунад ва сабр аз он чи аз кораш сахт менамояд ва инчунин тавсия дар мавриди он ки маргаш ба сабаби ҳад, ё қасос ва амсоли он фаро расида бошад ...... 304

Боби 149. Раво будани гуфтаи мариз, ки ман маризам ё сахт маризам, ё вой сарам ва амсоли он ва баёни ин ки дар он кароҳияте вуҷуд надорад, ҳар гоҳ ба сабили хашм ва бетоқатӣ набошад ........................................................................ 305

Боби 150. Дар мавриди талқини "Ло илоҳа иллаллоҳ" кардан барои касе, ки маргаш фаро мерасад ......................................... 305

Боби 151. Дар баёни он чи ҳангоми пӯшондани чашми мурда гуфта мешавад ........................................................................ 305

Боби 152. Дар он он чи дар канори мурда гуфта мешавад ва он чи касе, ки яке аз вобастагонаш вафот ёфта, бояд бигӯяд ..... 306

Боби 153. Дар раво будани гиристан бар мурда машрут бар он ки дар он навҳасароӣ ва дод ва бедод набошад ........................... 307

Боби 154. Дар савоби он чи аз макруҳи мурда мебинад, вале онро пӯшида медорад ..................................................................... 308

Боби 155. Дар фазилати намози ҷаноза бар мурда ва ҳамроҳӣ намудану ҳозир шудан ҳангоми ба хок супурданаш ва макруҳ будани рафтани занон ба дунболи ҷаноза ............ 309

Боби 156. Дар истиҳбоби гирд омадан ва зиёд шудани мусалмонон дар намози ҷаноза ва гардондани сафҳояшон ба се саф, ё беш аз он ......................................................................................... 310

Боби 157. Дар мавриди он чи дар намози ҷаноза хонда мешавад .... 310

Боби 158. Дар шитофтан дар бурдани ҷаноза ................................. 313

Боби 159. Шитофтан ба адои қарзи мурда ва иқдом намудан ба таҷҳизи ӯ, магар ин ки ногаҳонӣ бимирад ва гузошта шавад, то марги ӯ сабт гардад ..................................................... 313

Боби 160. Дар мавриди мавъиза ва суханронӣ бар сари қабр .......... 314

Боби 161. Дуъо барои мурда баъд аз ба гӯр супурданаш ва нишастан бар сари қабри ӯ ва дуъо бар вай ва омурзиш хостан ва Қуръон хондан ............................................................... 314

Боби 162. Дар мавриди садақа додан аз тарафи мурда ва дуъо намудан барояш ................................................................ 315

Боби 163. Ситоиши мардум аз мурда ............................................. 315

Боби 164. Фазилати он ки кӯдакони хурдсоле аз ӯ мемирад ............ 316

Боби 165. Гиристан ва тарс ҳангоми гузаштан аз канори қабрҳои гунаҳгорон ва ҷойгоҳи ҳалокати онон ва изҳори ниёз ба даргоҳи Худованди меҳрубон ва бим додан аз ғафлат аз он ......................................................................................... 317

## 7. КИТОБИ ОДОБИ САФАР

Боби 166. Мустаҳаб будани сафар дар рӯзи панҷшанбе ва дар аввали ҳар рӯз ................................................................................ 318

Боби 167. Мустаҳаб будани ҷустуҷӯи ҳамроҳ дар сафар ва амир сохтани яке аз худашон, ки аз ӯ фармон баранд ............... 318

Боби 168. Одоби рафтан ва фурӯд омадан ва шаб гузарондан ва хоб дар сафар ва мустаҳаб будани дар шаб рафтан ва тараҳҳум бар чаҳорпоён ва муроъоти маслиҳати он ва дастур додан ба он, ки дар ҳақаш тақсир варзад, то ҳақашро адо намуд ва раво будани пушти сар савор намудан бар маркаб, агар тавони онро дошта бошад ........................................ 319

Боби 169. Дар мавриди ҳамкорӣ ва ҳамёрӣ бо рафиқ ва ҳамроҳ ..... 321

Боби 170. Дар мавриди он чи чун барои рафтани сафар бихоҳад бар маркубаш савор шавад, бояд бигӯяд ................................ 322

Боби 171. Такбир гуфтани мусофир, чун ба теппа ва амсоли он баланд шавад ва тасбиҳ гуфтанаш чун ба водиҳо ва амсоли он фуруд ояд ва манъ аз зиёд баланд кардани садо ............... 324

Боби 172. Дар мустаҳаб будани дуъо кардан дар сафар ................. 325

Боби 173. Дуъое, ки ҳангоми тарс аз дигарон хонда мешавад ......... 325

Боби 174. Дуъое, ки чун мусофир ба манзиле фуруд ояд, онро мегӯяд ........................................................................ 325

Боби 175. Истиҳбоби шитофтани мусофир баъд аз итмоми кораш барои бозгашт ба хона ........................................................ 326

Боби 176. Дар ворид шудани мусофир ба хонаводааш дар рӯз ва кароҳияти ворид шудан дар шаб бидуни зарурат .............. 326

Боби 177. Дар мавриди он чи мусофир баъд аз бозгашт ва дидани шаҳраш мегӯяд ............................................................... 327

Боби 178. Истиҳбоби нахуст рафтани мусофир пас аз бозгашт ба масҷиде, ки наздики хонааш аст ва адои ду ракаъат намоз дар он ............................................................................ 327

Боби 179. Дар ҳаром будани танҳо сафар кардани зан .................... 327

## 8. КИТОБИ ФАЗОИЛ

Боби 180. Фазилати хондани Қуръон ................................................ 328

Боби 181. Амр ба мудовимат ва муҳофизат бар Қуръон ва бим додан аз арза намудани он ба фаромӯшӣ .................................... 330

Боби 182. Истиҳбоби хушсадоӣ ба Қуръон ва дархости тиловат аз шахси хушсадо ва гӯш додан ба он .................................. 330

Боби 183. Ташвиқ бар тиловати сураҳо ва оёти махсус .................. 332

Боби 184. Истиҳбоби гирд омадан бар қироати Қуръон .................. 335

Боби 185. Фазилати вузӯ ............................................................. 335

Боби 186. Фазилати азон ............................................................. 337

Боби 187. Фазилати намозҳо ........................................................ 339

Боби 188. Фазилати намози субҳ ва аср ........................................ 340

Боби 189. Фазилати рафтан ба сӯи масҷидҳо .................................. 342

Боби 190. Фазилати интизор кашидан барои намоз .......................... 343

Боби 191. Фазилати намози ҷамоъат ............................................. 344

Боби 192. Ташвиқ барои ҳузур дар ҷамоъати субҳ ва ъишо (хуфтан) .........................................................................346

Боби 193. Амр ба мувозибат ва ҳамешагӣ бар намозҳои фариза ва манъи шадид аз тарки он .................................................. 346

Боби 194. Дар фазилати сафи аввал ва амр ба такмил намудани сафҳои аввал ва баробар намудани он ва ба ҳам пайваста будан дар он ................................................................... 348

Боби 195. Фазилати адои суннатҳои муаккада ҳамроҳ бо намозҳои фариза ва баёни камтари он ва комилтар ва миёнаи он .... 351

Боби 196. Таъкид бар суннати субҳ ................................................ 352

Боби 197. Сабук гузоридани ду ракаъати субҳ ва он чи дар он хонда мешавад ва вақти он ........................................................ 353

Боби 198. Истиҳбоби истироҳат намудан бар паҳлӯи рост, баъд аз ду ракаъат (суннати) субҳ ва тарғиб бар он хоҳ дар шаб таҳаҷҷуд карда бошад ё хайр ............................................ 354

Боби 199. Суннати намози зуҳр ..................................................... 354

Боби 200. Суннати аср ................................................................. 355

Боби 201. Суннати пеш аз намози шом ва суннати пас аз он ............ 355

Боби 202. Суннати пеш ва пас аз намози ъишо (хуфтан) .................. 356

Боби 203. Дар ин маврид ҳадиси Ибни Умар гузашт, ки вай бо Паёмбар (с) пас аз ҷумъа ду ракаъат намоз гузорид. Суннати ҷумъа ................................................................................ 356

Боби 204. Истиҳбоби адои намозҳои нофилаи ротиба ва ғайри он дар хона ва амр ба дур шудан аз ҷои адои фариза барои адои нофила ва фосила дар миёни он ду ба сухан гуфтан ......... 357

Боби 205. Намози витр. Баёни ин ки он суннати муаккада аст ва вақти он ........................................................................... 358

Боби 206. Фазилати намози зуҳо (чошт) ва баёни каму беши он ва ташвиқ бар мувозибат ва пойдорӣ бар он .......................... 359

Боби 207. Дар он ки гузоридани намози зуҳо (чошт) аз ҳангоми баланд шудани офтоб то заволи он аст ва беҳтар он аст, ки дар ҳангоми хуб баланд шудани офтоб ва сахтии гармӣ ва ҳарорат гузорида шавад .................................................. 360

Боби 208. Ташвиқ бар адои ду ракаъат намози таҳияи масҷид ва кароҳияти нишастан пеш аз он ки ду ракаъатро бигзорад, ҳар лаҳзае, ки вориди масҷид шавад хоҳ ду ракаъатро ба нияти таҳияи масҷид гузорад ё намози фариза ё суннати муаккада ва ё ғайри он ...................................................... 360

Боби 209. Истиҳбоби гузоридани ду ракаъат намоз пас аз вузӯ гирифтан ................................................................................ 361

Боби 210. Фазилати рӯзи ҷумъа ва вуҷуби он ва ғусл кардан ва хушбӯӣ дар он ва рафтан барои адои намоз ва дуъо дар рӯзи ҷумъа ва дуруд фиристодан бар паёмбар (с) ва он ки дар он соат иҷобат ва қабул аст ва истиҳбоби бисёр ёд намудани Худованд (ҷалла ҷалолуҳу) пас аз адои намоз ................. 361

Боби 211. Мустаҳаб будани саҷдаи шукр ҳангоми ба даст омадани неъмати ошкор ё дур шудани балои ошкор ....................... 364

Боби 212. Фазилати қиёми шаб ........................................................ 364

Боби 213. Истиҳбоби қиёми рамазон, ки иборат аз намози таровиҳ аст .................................................................................... 369

Боби 214. Фазилати барпо доштани шаби қадр ва баёни умедворкунандатарини шабҳои он .................................... 369

Боби 215. Фазилати мисвок намудан ва хислатҳои фитрат .............. 370

Боби 216. Таъкид бар вуҷуби закот ва фазилати он ва масоиле, ки ба он иртибот дорад ............................................................... 372

Боби 217. Вуҷуби рӯзаи рамазон, фазилати рӯза ва масоиле, ки ба он марбут мешавад ................................................................ 376

Боби 218. Саховатмандӣ, карам, анҷом додани корҳои хуб ва зиёд намудани он дар моҳи рамазон, бахусус дар даҳаи охир . 378

Боби 219. Манъ аз ин ки пеш аз рамазон ва пас аз нимаи шаъбон рӯза гирифта шавад, магар он ки онро ба пеш аз он пайваста дорад ё ин ки аз рӯи одат баробар афтод, бар ин ки одаташ чунон бувад, ки рӯзҳои душанбе ва панҷшанберо рӯза гирад ва ба он мувофиқ афтад ..................................................... 379

Боби 220. Дар мавриди он чӣ дар ҳангоми дидани моҳи нав гуфта мешавад .......................................................................... 379

Боби 221. Дар фазилати саҳарӣ намудан ва таъхири он, модоме ки аз тулӯъи субҳ биме набошад ................................................ 380

Боби 222. Фазилати шитофтан ба ифтор ва он чи ки пас аз ифтораш бигӯяд ............................................................................ 380

Боби 223. Дастури рӯзадор ба нигоҳдошт ва муҳофизати забон ва аъзои вуҷудаш аз мухолифатҳо ва дашном додани ҳамдигар ва амсоли он ......................................................................... 381

Боби 224. Дар мавриди масоиле аз рӯза .......................................... 382

Боби 225. Дар фазилати рӯзаи муҳаррам ва шаъбон ва моҳҳои ҳаром .............................................................................. 382

Боби 226. Фазилати рӯза ва дигар аъмоли солиҳа дар даҳаи аввали зулҳиҷҷа .......................................................................... 383

Боби 227. Дар фазилати рӯзаи Арафа ва ошуро ва тосуъо (даҳум ва нуҳуми муҳаррам) ............................................................ 384

Боби 228. Дар мустаҳаб будани шаш рӯз рӯза гирифтан аз моҳи шаввол ............................................................................. 384

Боби 229. Дар мустаҳаб будани рӯзаи душанбе ва панҷшанбе ........ 385

Боби 230. Истиҳбоби рӯза гирифтани се рӯзӣ аз ҳар моҳ .................. 385

Боби 231. Дар баёни фазилати он ки рӯзадореро чизе диҳад, ки рӯзаашро ба он бикшояд ва фазилати рӯзадоре, ки дар канораш таъом хӯрда шавад ............................................ 386

## 9. КИТОБИ ИЪТИКОФ

Боби 232. Фазилати иътикоф ........................................................ 387

## 10. КИТОБИ ҲАҶ

Боби 233. Вуҷуби ҳаҷ ..................................................................... 388

## 11. КИТОБИ ҶИҲОД

Боби 234. Вуҷуби ҷиҳод ва фазилати рафтан ба он дар аввали рӯз ва баргаштан дар охири рӯз .................................................. 391

Боби 235. Муаррифии гурӯҳе аз шуҳадо дар савоби охират, ки бар хилофи он, ки дар ҷанг бо куффор кушта шавад, ғусл дода шуда ва бар онҳо намоз гузорида мешавад ....................... 406

Боби 236. Дар фазилати озод кардани бардагон (ғуломон) ............. 407

Боби 237. Дар фазилати некӣ ва эҳсон бо бардагон .......................... 408

БОБИ 238. Фазилати бардае, ки ҳаққи Худо ва ҳаққи мавлояшро адо мекунад ........................................................................... 408

Боби 239. Фазилати ибодат дар ҳараҷу мараҷ ва он иборат аст аз фитнаҳо ва дарҳаму барҳам шудани авзоъи замон ва амсоли он ................................................................................ 409

Боби 240. Фазилати ҷавонмардӣ ва осонгирӣ дар харид ва фурӯш, доду ситад, некӯ адо намудан ва дархост кардан ва сангинтар қарор додани палаи тарозу ва ё паймона, дар ҳангоми фурӯхтан ва манъ аз камфурӯшӣ ва фазилати

мӯҳлат додани сарватманд ба бенаво ва фақир ва кам кардан аз он чӣ аз ӯ мехоҳад ........................................... 410

## 12. КИТОБИ ИЛМ

Боби 241. Фазилати илм ва ёд гирифтани он ва таълимаш ба хотири Худо ........................................................................ 413

## 13. КИТОБИ ҲАМД ВА САНО ВА ШУКРИ ХУДОВАНДИ БУЗУРГ

Боби 242. Фазилати ҳамд ва шукр ................................................. 417

## 14. КИТОБИ ДУРУД ГУФТАН БА РАСУЛИ ХУДО (С)

Боби 243. Фазилати дуруд гуфтан ба Расули Худо (с) ..................... 419

## 15. КИТОБИ АЗКОР (ЗИКРҲО)

Боби 244. Фазилати зикр ва ташвиқ бар он ...................................... 423

Боби 245. Фазилати зикр ва ёди Худои таъоло дар ҳоли истода, нишаста ва ба паҳлӯ ғалтида ва бе вузӯ ва дар ҳоли ҷанобат ва ҳайз ҷуз Қуръон хондан, ки барои ҷунуб ва ҳоиз ҷоиз нест ...................................................................432

Боби 246. Дар мавриди дуъоҳое, ки дар ҳангоми хоб шудан ва бедор шудан гуфта мешавад ...................................................... 433

Боби 247. Дар фазилати ҳалқаҳои зикр ва даъват ба мулозимат ва пайвастагӣ бар он ва манъ аз ҷудо шудан ва дурӣ аз он бидуни узр ....................................................................... 433

Боби 248. Азкор ва авроде, ки дар ҳангоми субҳ ва шом хонда мешаванд ................................................................... 436

Боби 249. Дуоҳое, ки ҳангоми хобидан гуфта мешаванд ................ 438

## 16. КИТОБИ ДУЪОҲО

Боби 250. Фазилати дуъо ........................................................................ 441

Боби 251. Фазилати дуъо дар пушти сар (дар ғоиби ҳамдигар) ........ 448

Боби 252. Дар мавриди масоиле аз дуо ............................................... 449

Боби 253. Дар баёни каромоти авлиёи Худо ва фазилаташон ......... 450

## 17. КИТОБ ДАР БАЁНИ УМУРЕ, КИ ДАР ШАРИЪАТ АЗ ОН МАНЪ БА АМАЛ ОМАДААСТ

Боби 254. Дар ҳаром будани ғийбат ва амр ба ҳифзи забон ............. 458

Боби 255. Дар ҳаром будани шунидани ғийбат ва дастур додани он, ки ғийбати ҳароме мешунавад, ки онро рад кунад ва бар гӯяндааш интиқод намояд ва ҳар гоҳ наметавонист ин корро бикунад ва ё аз ӯ напазируфт, дар сурати имкон он маҷлисро тарк гӯяд ........................................................................ 462

Боби 256. Ғийбате, ки равост ғийбат равост барои маслиҳати шаръие, ки расидан ба он ба ғайри ғийбат имконпазир набошад ва он шаш сабаб аст: ................................................................. 463

Боби 257. Таҳрими намима ва он иборат аст аз суханчинӣ ва нақли сухани мардум барои эҷоди фасод ва фитна ..................... 466

БОБИ 258. Наҳй аз нақл кардани гуфтаҳои мардум ва сухан гуфтани мардум бо волиёни умур ҳар гоҳ ниёзе бад-он набошад, монанди тарс аз рух додани мафсада ва ғайра .................. 467

Боби 259. Мазаммати зулваҷҳайн (дурӯя) ........................................ 467

Боби 260. Ҳаром будани дурӯғ гуфтан ............................................. 468

Боби 261. Дар он чи аз дурӯғ равост ................................................. 473

Боби 262. Ташвиқ намудан ба диққат кардан дар он чи ки мегӯяд ва ё ҳикоят мекунад ............................................................... 474

Боби 263. Дар мавриди душвор будани шаҳодати дурӯғ ................. 474

Боби 264. Таҳрими лаънат кардани инсони муайян ё чорпои (маркаби) муайян ........................................................................ 475

Боби 265. Раво будани лаънат кардани маъсияткорон ба шакли номуъайян ........................................................................ 477

Боби 266. Таҳрими дашном додани мусалмон бидуни ҳақ .............. 478

Боби 267. Таҳрими дашном додани мурдагон бидуни ҳақ ва маслиҳати шаръӣ ........................................................... 479

Боби 268. Манъ аз озор расондан ва азият кардани мардум ........... 479

Боби 269. Дар манъ аз душманӣ ва қатъи робита ............................ 480

Боби 270. Таҳрими ҳасад ва он иборат аст аз орзуи завол ва аз миён рафтани неъмат аз соҳиб ва дорандааш хоҳ неъмати дин бошад ё неъмати дунё .................................................... 481

Боби 271. Манъ аз ҷосусӣ кардан ва гӯш додан ба сухани касе, ки аз шунидани он бад мебарад ................................................ 481

Боби 272. Наҳй аз гумони бад ба мусалмонон бидуни зарурат ........ 483

Боби 273. Ҳаром будани таҳқир ва хор шумурдани мусалмонон .... 483

Боби 274. Манъ аз изҳори шодӣ дар ғами бародари мусалмон ........ 485

Боби 275. Манъ аз таъна задан дар насабҳои собит дар зоҳири шариъат ........................................................................ 485

Боби 276. Манъ аз фиребкорӣ ва найрангбозӣ ................................ 486

Боби 277. Таҳрими паймоншиканӣ .................................................. 487

Боби 278. Манъ аз миннат гузоштан дар бахшиш ва монанди он .... 488

Боби 279. Манъ аз фахрфурӯшӣ ва саркашӣ ва туғён ..................... 488

Боби 280. Таҳрими тарки сухан кардан бо муслимин беш аз се рӯз, магар ин ки марди таркшуда бидъаткор бошад ё тазоҳур ба фисқ кунад ва амсоли он .................................................. 489

Боби 281. Манъ аз роз гуфтани ду нафар дар ҳузури нафари саввум бидуни иҷозаташ, магар ин ки барои зарурате бошад ва он ин аст, ки тавре бо ҳам пӯшида сӯҳбат намоянд, ки суханашонро нашнавад. Ҳамон гуна аст ҳар гоҳ ба забоне сухан гӯяд, ки онро нафаҳмад ........................................... 491

Боби 282. Манъ аз шиканҷа намудани ғулом ва маркаб ва зан ва фарзанд ва бидуни сабаби шаръӣ ё зиёда бар андозаи адаб ........ 492

Боби 283. Таҳрими шиканҷа намудан ба оташ дар мавриди ҳар ҷондоре, ҳарчанд мӯрча ва амсоли он бошад ........ 494

Боби 284. Таҳрими таъхир кардани сарватманд ҳаққеро, ки соҳибаш дархост намудааст ........ 495

Боби 285. Кароҳияти пас гирифтани шахс бахшишеро, ки онро дода ва таслим накарда ва дар он чи ба фарзандаш бахшида ва таслимаш карда ё накарда ва кароҳияти харидани шахс чизеро, ки садақа дода ё ин ки онро аз закот ё каффора ва ё амсоли он берун намудааст ва боке нест, ҳар гоҳ онро аз шахси дигаре, ки моликият ба вай интиқол ёфта, харидорӣ намояд ........ 495

Боби 286. Таъкид бар ҳаром будани моли ятим ........ 496

Боби 287. Сахт будани ҳурмати судхорӣ ........ 497

Боби 288. Таҳрими риё ва худнамоӣ ........ 498

Боби 289. Дар мавриди ончи тасаввур мешавад, риё ҳаст, дар ҳоле, ки риё нест ........ 500

Боби 290. Таҳрими нигаристан ба сӯи зани бегона ва навҷавони хушсурат бидуни зарурати шаръӣ ........ 500

Боби 291. Таҳрими хилват ва танҳо шудан бо зани бегона ........ 501

Боби 292. Таҳрими шабеҳ сохтани мардон худро ба занон ва шабеҳ сохтани занон худро ба мардон дар либос ва тарзи рафтор ва ғайра ........ 502

Боби 293. Наҳй аз шабеҳ сохтани хеш ба шайтон ва куффор ........ 503

Боби 294. Наҳй намудани мардон ва занон аз ранг намудани мӯйҳояшон ба ранги сиёҳ ........ 504

Боби 295. Манъ аз қазаъ ва он иборат аст аз тарошидани баъзе аз сар ва тарк намудани бархе дигар ва мубоҳ будани тарошидани ҳамаи сар барои мардон, на барои занон ........ 504

Боби 296. Таҳрими пайванди мӯй ва холкӯбӣ ва кушода кардани миёни дандонаҳо ............................................................... 505

Боби 297. Наҳй аз кандани тори сафед аз реш ва сар ва ғайри он ва аз кандани писари тозаҷавон ва бериш мӯи ришашро дар аввали сар задани он ........................................................ 506

Боби 298. Кароҳияти истинҷо ба дасти рост ..................................... 506

Боби 299. Нописанд будани рафтан ба як линга кафш ё мӯза ва кароҳияти пӯшидани кафш ё мӯза дар ҳолати истода, бидуни узр ...................................................................................... 507

Боби 300. Манъ аз рӯшан гузоштани оташ дар хона дар ҳангоми хоб ва амсоли он хоҳ дар чароғ бошад ё дар ғайри он ............. 507

Боби 301. Манъ аз сохтакорӣ ва такаллуф ва он кор ва сухане аст, ки дар он маслиҳате нест ва бо душворӣ анҷом дода мешавад ........................................................................... 508

Боби 302. Таҳрими доду бедод ва фарёд кашидан бар сари мурда ва задан бар рухсораҳо ва чок кардани гиребонҳо ва кандани мӯй ва тарошидани он ва дуъо ба вайл гуфтан ва ҳалокат ........................................................................... 508

Боби 303. Манъ аз рафтан назди коҳинон ва ситорашиносон ва фолбинон ва рамл андозон ва онон, ки рег ё донаи ҷав меандозанд ва амсоли он .................................................. 510

Боби 304. Манъ аз бадфолӣ ва бадшугунӣ ........................................ 512

Боби 305. Таҳрими кашидани акс ва тасвири зиндаҷон бар фарш ё санг ё ҷома ё динор ё болиш ва ғайри он ҳурмат гирифтани акс бар девор ва сақф ва парда ва аммома (лунгӣ) ва ҷома ва амсоли он ва амр ба аз байн бурдани он ...................... 513

Боби 306. Ҳаром будани нигаҳдории саг, ҷуз барои шикор, ё гӯсфандон ва зироат (кишоварзӣ) .................................... 515

Боби 307. Нописанд будани овезон кардани занг бар шутур ва ғайра ва кароҳияти ҳамроҳ будани саг ва занг дар сафар .......... 515

Боби 308. Кароҳияти саворӣ бар ҷалола ва он шутури нар ва ё моддаест, ки наҷосат мехӯрад ва агар баъд аз он алафи поке хӯрад ва гӯшташ хуб шуд, кароҳият дур шавад .............. 515

Боби 309. Манъ аз андохтани оби даҳон дар масҷид ва амр ба дуршаванда кардани он аз масҷид ҳар гоҳ дар он дида шуд ва амр ба пок нигаҳ доштани масҷид аз палидиҳо ............ 516

Боби 310. Кароҳияти даъво ва баланд кардани садо ва ҷустуҷӯи гумшуда ва харид ва фурӯш ва иҷорат ва муъомилоти дигар дар масҷид ........................................................................ 516

Боби 311. Манъ намудан аз он ки пиёз ё сир ё курос (гандана, тараи фарангӣ) ва ё ҷуз онро бихӯрад, ки бӯи бад дорад аз дохил шудан ба масҷид пеш аз рафтани бӯйи он магар барои зарурате ........................................................................ 517

Боби 312. Манъ аз иҳтибоъ (пушт ва соққои поро ба ҷома баста нишастан) дар рӯзи ҷумъа, дар ҳоле ки имом хутба мехонад, зеро ин кор хоб оварда, шахсро аз шунидани хутба маҳрум месозад ва тарси шикастани вузӯ ҳам вуҷуд дорад .......... 518

Боби 313. Манъи он ки даҳаи зулҳиҷҷа бар ӯ дохил шавад ва бихоҳад қурбонӣ кунад, аз гирифтани чизе аз мӯй ё нохунҳояш то ин ки қурбонӣ намояд ........................................................ 518

Боби 314. Манъ намудан аз савганд хӯрдан ба махлуқ монанди паёмбар (с) ва Каъба ва фариштагон ва осмон ва падарон ва зиндагӣ ва рӯҳ ва сар ва неъмати подшоҳ ва хоки фалонӣ ва амонат ва ин аз ҳама бештар мамнӯъшуда аст ................ 518

Боби 315. Душвор будани ҷазои савганди дурӯғе, ки аз рӯи қасд бошад ........................................................................ 520

Боби 316. Истиҳбоби он ки бар чизе савганд бихӯрад ва ғайри онро аз он беҳтар бинад, ин ки хилофи он чиро савганд хӯрда, анҷом диҳад ва сипас ба ҷои савгандаш каффора диҳад............ 521

Боби 317. Авф ва гузашт аз савганди лағв (беҳуда) ва ин ки каффорае дар он нест ва он савгандест, ки бидуни қасд бар забон ояд, монанди гуфтааш бар асоси одат: не, валлоҳ ва оре, валлоҳ ва амсоли он ........................................................ 521

Боби 318. Кароҳияти савганд хӯрдан дар муомила ҳарчанд ростгӯ бошад........................................................................ 522

Боби 319. Макрӯҳ будани ин ки инсон ба рӯи Худо чизе ҷуз биҳиштро талабад ва кароҳияти надодан ба касе, ки ба номи Худо чизеро дархост кунад ва номи Аллоҳ таъолоро шафиъ орад ........ 522

Боби 320. Таҳрими ин ки барои подшоҳ ва ғайри ӯ шоҳаншоҳ гуфта шавад, зеро маъноям подшоҳи подшоҳон аст ва ҷуз Аллоҳ таъоло касе ба ин сифат мавсуф шуда наметавонад ......... 523

Боби 321. Манъи мухотаб кардани фосиқ ва бидъаткор ва амсолашон ба оқо ва амсоли он ........ 523

Боби 322. Кароҳияти дашном додани таб ........ 523

Боби 323. Манъ аз дашном додани бод ва дуъое, ки дар ҳангоми вазидани он гуфта мешавад ........ 524

Боби 324. Кароҳияти дашном додани хурӯс ........ 524

Боби 325. Манъ аз ин ки шахс бигӯяд ба воситаи ваќти фалон ё ситораи фалон бар мо борон борид ........ 525

Боби 326. Дар баёни таҳрими гуфтани шахси мукаллаф барои мусалмон, эй кофир! ........ 525

Боби 327. Манъ аз кирдори бад ва гуфтори бад ........ 526

Боби 328. Кароҳияти изҳори фасоҳат намудан бо такаллуф дар сухан ва истифода кардани калимоти ноошно ва иъробҳои дақиқ дар хитоб бо мардуми аввом ва амсолашон ........ 526

Боби 329. Кароҳияти ин гуфтаи шахс, ки нафсам хабис (палид) шудааст ........ 527

Боби 330. Нодуруст будани номидани дарахти ангур ба карм ......... 527

Боби 331. Манъ аз тавсифи зебоиҳои зан барои марде, ки бад-он ниёзе надорад, магар ин ки барои манзури шаръӣ бошад, монанди никоҳ ва амсоли он ........ 528

Боби 332. Кароҳияти сухани инсон дар дуъое, ки Бор, Худоё! Агар мехоҳӣ ба ман биёмурз! Балки бояд талаб ва дархости ӯ қотиъ бошад ........ 528

Боби 333. Нописандида будани ин гуфта, ки он чи Худо ва фалонӣ бихоҳад ........ 529

Боби 334. Кароҳияти гуфтугӯ баъд аз намози хуфтан ..................... 529

Боби 335. Ҳаром будани худдории зан аз ин ки бо шавҳараш ҳамбистар гардад, ҳар гоҳ вайро талаб кунад ва ӯ низ узри шаръӣ надошта бошад ..................................................... 530

Боби 336. Ҳурмати гирифтани зан рӯзаи нофиларо дар ҳоле, ки шавҳараш ҳозир аст, магар ба иҷозаи ӯ ........................... 530

Боби 337. Таҳрими боло кардани муқтадӣ сари хешро аз рукӯъ ё саҷда пеш аз имом ........................................................................ 531

Боби 338. Кароҳияти гузоштани даст бар тиҳигоҳ дар намоз .......... 531

Боби 339. Кароҳияти намоз гузоридан дар ҳангоми ҳозир шудани таъом, дар ҳоле ки ба он иштиёқ ҳам дорад ..................... 531

Боби 340. Манъ аз нигаристан ба сӯи осмон дар намоз ................... 531

Боби 341. Ин тараф ва он тараф нигаристан дар намоз бидуни узр . 532

Боби 342. Манъ аз адои намоз ба сӯи қабрҳо .................................. 532

Боби 343. Ҳаром будани рад шудан ва гузаштан аз пеши рӯи намозгузор ........................................................................... 533

Боби 344. Кароҳияти оғоз намудани муқтадӣ ба намози нофила пас аз он ки муаззин шурӯъ ба иқомат намояд, хоҳ намози нофилаи мазкур суннати он намоз ва ё ғайри он бошад .................. 533

Боби 345. Кароҳияти хос сохтани рӯзи ҷумъа ба рӯза гирифтан ё шаби ҷумъа барои намози шаб аз миёни шабҳо ......................... 533

Боби 346. Таҳрими рӯзаи висол (пай дар пай) ва он ин аст, ки шахс ду рӯз ё беш аз он рӯза гирифт ва дар байни он нахӯрд ва наёшомид ........................................................................... 534

Боби 347. Таҳрими нишастан бар сари қабрҳо ............................... 534

Боби 348. Манъ аз гаҷ кардани қабрҳо ва бинои сохтмон бар он .... 534

Боби 349. Таъкиди ҳурмати гурехтани барда аз назди оқояш .......... 535

Боби 350. Таҳрими шафоъат дар ҳудуд ........................................... 535

Боби 351. Мамониъат аз наҷосат кардан дар роҳи мардум ва сояашон (дар соя ё ки менишинанд) ва наҳрҳои об ва амсоли он .... 536

Боби 352. Мамониъат аз бавл кардан ва амсоли он дар оби истода 536
Боби 353. Кароҳияти бартарӣ додани падар баъзе аз фарзандонашро бар баъзе дигар дар бахшиш ........................................... 536
Боби 354. Таҳрими азодорӣ ва сӯгвории зан бар мурда беш аз се рӯз ҷуз бар шавҳараш, ки чаҳор моҳ ва даҳ рӯз аст ................ 537
Боби 355. Таҳрими фурӯхтани шаҳрӣ барои саҳроӣ ва рафтан пешопеши саворахо ва фурӯхтан бар фурӯхтан ва хостгории бародараш, магар ин ки худ иҷоза диҳад ё дархости ӯ рад гардад ............................................................................ 538
Боби 356. Манъ аз беҳуда харҷ кардан дар роҳҳои номашрӯъ ........ 539
Боби 357. Мамониъати ишора кардани мусалмон ба сӯи мусалмон бо силоҳ ва амсоли он, хоҳ аз рӯи мазоҳ бошад ва ё ростӣ ва манъ аз даст ба даст кардани шамшери аз ғилоф кашидашуда ........................................................................ 540
Боби 358. Манъ аз берун омадан аз масҷид баъд аз азон то намози фаризаро адо намояд, магар ин ки узре дошта бошад ...... 540
Боби 359. Кароҳияти рад кардани райҳон (нозбӯ) бидуни узр ......... 541
Боби 360. Кароҳияти ситоиш дар рӯ ба рӯи шахсе, ки бар ӯ аз фасоди мисли худбинӣ ва ғайра ҳарос шавад ва раво будани он дар мавриди касе, ки аз ин мавзӯъ дар амон бошад ................ 541
Боби 361. Дар баёни кароҳати берун шудан аз шаҳре, ки дар он вабо омадааст, чунон ки дохил шудан дар он дар ин ҳолат низ кароҳият дорад ................................................................... 543
Боби 362. Ҳурмати шадиди ҷодугарӣ ва сеҳр .................................. 544
Боби 363. Манъ аз мусофират бо Қуръон, ба сӯи шаҳрҳои куффор ҳар гоҳ бими он равад, ки ба дасти душманон афтад .............. 545
Боби 364. Таҳрими истеъмолӣ зарфҳои тилло ва нуқра дар хӯрдан ва ошомидан ва вузӯ сохтан ва масоили дигар ...................... 545
Боби 365. Ҳурмати пӯшидани либосе, ки заъфаронмолӣ шуда бошад ..............................................................................546
Боби 366. Манъ аз сукут дар рӯз то шаб ........................................... 546

Боби 367. Таҳрими нисбат додани шахс худро ба ғайри падараш ва валӣ қарор додани ғайри валии худро ................................ 547

Боби 368. Хавфу бим аз кардани он чи, ки Худо ва расулаш (с) аз он манъ намуданд ............................................................ 548

Боби 369. Дар мавриди он ки кори ҳаромеро анҷом диҳад, ки чӣ бигӯяд ва чӣ кунад? ..................................................... 548

## 18. КИТОБИ АҲОДИСИ МУТАФАРРИҚА ВА ЛАТОИФ

Боби 370. Аҳодис дар бораи Даҷҷол ва нишонаҳои қиёмат ва ғайра ........................................................................ 550

## 19. КИТОБИ ИСТИҒФОР

Боби 371. Омӯрзиш талабидан аз даргоҳи Парвардигори омурзгор 576

Боби 372. Дар мавриди неъматҳое, ки Худованди бузург дар биҳишт барои муттақиён ва парҳезгорон муҳайё намудааст ......... 580

МУНДАРИҶА .......................................................................... 587